**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ**
**ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАВОДИ
## Конфронси II илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо»



# МАТЕРИАЛЫ
## II-ой международной научно-практической конференции на тему «Современные финансово-кредитные процессы: проблемы и перспективы»

# MATERIALS
## international scientific and practical conference on the topic «Modern financial and credit processes: problems and prospects»

**ДУШАНБЕ 2024**

**Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо**. Маҷмӯаи маводи конфронси II илмӣ-амалии байналмилалӣ, 7-уми декабри соли 2024. – Душанбе, 2024. – 567 саҳ.

*Ҳайати таҳририя:*
**Асрорзода У.С., Раҳимов М.А., Зоирзода И.С., Исмоилов А.А., Алишоев Х.Ҳ.**

*Ороиши компютерӣ:*
**Рустамов Раҳим**

Маҷмӯаи мазкур натиҷаи пажӯҳиши илмии олимон ва муҳаққиқони ҷумҳурӣ, докторантону унвонҷӯён доир ба масъалаҳои муосири молиявӣ-қарзӣ, мушкилот ва дурнамои онҳо, ҳамчунин баъзе муаммоҳои актуалии иқтисодии ҷомеа мебошад.

*Масъулият барои интихоб ва изҳори далелҳо дар мақолаҳо бар дӯши худи муаллифон ҳавола мешавад. Муассис ва муҳаррирон метавонанд бо муаллифон ҳамақида набошанд.*

© Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2024.

## ПЕШГУФТОР

Дар оғози соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ (аз байн рафтани муносибатҳои молиявӣ, нагузаштани амалиётҳои молиявии байниҳамдигарӣ, набудани асъори милливу захираҳои асъорӣ-тиллоӣ, ба вуҷуд омадани низоъҳои шадиди шаҳрвандӣ ва бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ) рӯбарӯ гардид. Вазъи бамиёномадаи ҳамонвақта талаб менамуд, ки ҳарчӣ зудтар ҷиҳати ба эътидол овардани авзои сиёсию иқтисодӣ ва зина ба зина беҳтар сохтани вазъи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ чораандешӣ карда шавад.

Маҳз тадбиқи чораандешиҳои ҳадафмандонаю созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ҷиҳати гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, ташаккул ва такмил додани низоми муносибатҳои иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам гардида, барои амалӣ намудани нақшаҳои стратегӣ ҷиҳати таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ замина гузошта шуд.

Таҳким бахшидани низом ва муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ба роҳ мондани идоракунии молияи давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва стратегӣ ба шумор рафта, аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳодҳои дахлдори он қарор дорад.

Дар шароити муосир таъмин намудани рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, ки асоситарин ҳадафи олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, аз сатҳу сифати муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ вобастагии зиёд дорад. Барои ноил гардидан ба ҳадафи мазкур зарур аст, ки пеш аз ҳама дар натиҷаи мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудани бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла бахши молиявӣ мушкилоти мавҷудбударо дарёфт намуда, ҷиҳати бартарафсозии онҳо чораандешӣ карда шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ қайд намуданд, ки “Масъалаи таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ, хусусан, қарздиҳӣ бояд ҳамеша дар меҳвари фаъолияти низоми молия ва бонкҳои кишвар қарор дода шавад”.

Тавре маълум аст, ҳар қадаре ки аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ қарзҳои дастрас зиёдтар пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад.

Вобаста ба ин, дар асоси дастури бевоситаи Пешвои миллат Бонки миллӣ якҷо бо сохторҳои молиявию қарзии кишвар вазифадор карда шудаанд, ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст намудани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, махсусан, ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, инчунин, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ, бо дастури Сарвари кишвар аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шудаанд.

Сохторҳои гуногуни молиявӣ-қарзии кишвар дар заминаи қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ ва истифода аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда ба дигаргунсозии онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дода, дар ин замина мӯътадилии молиявиро ҳамчун омили муҳимтарин таъмин намуда истодаанд.

Қобили қайд аст, ки соҳаи бонкдорӣ имрӯзҳо яке аз соҳаҳои бомаром инкишофёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва низоми молиявии он ба ҳисоб меравад ва дар амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ - Саноатикунонии босуръати кишвар нақши ҳалкунанда бозида метавонад. Пешравии бахши воқеии иқтисодиёт, устувории қурби пули миллӣ ва некӯаҳволии мардуми кишвар аз рушду нумӯи ин соҳа вобастагии калон дорад.

Рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ аз низоми бонкӣ вобастагии амиқ дорад, вале то ҳанӯз дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои дастрасу дарозмуддат мушкилоти зиёди ҳалталаб боқӣ мемонад.

Ҳамзамон низоми молиявию бонкии кишварро зарур аст, ки дар сатҳи байналмилалӣ фаъолияти худро тақвият бахшанд, аз технологияҳои муосири бонкию идоракунӣ васеъ истифода баранд, дар бозори байналмилалии захираҳои молиявию қарзӣ мавқеи арзандаи худро дошта бошанд. Дар амалисозии ҳадафҳои зикргашта ва ҳаллии муаммоҳои мавҷуда ҳамбастагии соҳаи молиявӣ-қарзӣ бо соҳаи илму маориф нақши ҳалкунанда бозида метавонад.

Дар солҳои охир диққати бештар зоҳир намудани олимону тадқиқотчиёни мамлакат нисбати соҳаи молия, андоз ва низоми қарзӣ тасдиқи ин гуфтаҳо мебошанд. Дар раванди тадқиқи муаммоҳои соҳа дастрасӣ ба дастовардҳои илмии олимони хориҷи дуру наздик, ба роҳ мондани табодули назар бо доираҳои илмии хориҷӣ сатҳу сифати тадқиқотҳои илмиро ба маротиб боло хоҳад бурд.

Бинобар ин, бо мақсади ошкор сохтани муаммоҳои мавҷуда дар самти молия, андоз, буҷети давлатӣ, хизматрасониҳои бонкии мамлакат ва бо ин ҳадаф пешбурди соҳаи саноат, роҳандозӣ кардани ҳамкориҳои илмӣ бо макотиби олии мамолики дуру наздик, раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ҳамасола бахшида ба Рузи байналмилалии бонкҳо (4 декабр) ва Рӯзи кормандони мақомоти молия (7 декабр) дар заминаи кафедраҳои фаъолияти бонкӣ, молия, манеҷменти молиявӣ ва андоз, таҳлили иқтисодӣ ва омор конфронси илмӣ-амалии байналмилалиро дар мавзуи «Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо» баргузор намояд.

Ҳадаф аз баргузории конфронси мазкур дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ мондани муҳокимаву баррасии мушкилоти рӯзмарраи соҳаи молиявӣ-қарзӣ ва дар ҳамбастагӣ дарёфти роҳу усулҳои баланд бардоштани сифати тадқиқотҳои илмӣ, самаранокии фаъолияти муассисаҳои молиявию қарзӣ мебошад.

Умед дорем, ки маводи конфронси мазкур дар раванди таҳқиқотҳои илмӣ ва дар амалияи хоҷагидорӣ татбиқ намудани натиҷаҳои бадастовардаи олимони соҳа кӯмаки амалии худро хоҳад расонд.

***Асрорзода У.С.*** *– ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

# БАХШИ 1. МУАММОҲОИ МУОСИРИ МОЛИЯВӢ-ҚАРЗӢ ДАР МАМЛАКАТ

## ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР

**Асрорзода У.С. – д.и.и., профессори ДБССТ**
**Исмоилов А.А. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ устувории низоми бонкии ҳар як кишвар асосан бо суботи молиявӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва мавҷудияти инфрасохтори рушдёфтаи бозор муайян карда мешавад. Самаранокии танзими бахши бонкӣ, ки бо иштироки фаъолонаи бонки марказӣ ва бонкҳои тиҷоратии кишвар сурат мегирад, нишондиҳандаи муҳим ва шарти зарурии таъмини суботи низоми бонкӣ мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои рушди низоми бонкӣ тамоми қисматҳои ҷудонашавандаи бозори молиявӣ бояд дар ҳамбастагӣ рушд кунанд. Аз ин лиҳоз, ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди қишрҳои дигари бозори молиявӣ манфиатдор мебошанд, ки ин ба таъмини суботи низоми бонкӣ мусоидат кардааст.

Таҷрибаи ташаккул ва рушди низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки бо рушди иқтисодӣ ва шароити мусоид шумораи субъектҳои хоҷагидор зиёд шуда, мутаносибан талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ меафзояд. Аз дигар тараф, дар шароити буҳронҳои иқтисодиву молиявӣ оқибатҳои манфӣ ба миён омада, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, бахусус пардохтпазирӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ коҳиш меёбанд.

**Ҷадвали 1. Омилҳои таъсиррасонанда ба рушди низоми бонкӣ**

| Омилҳо | Самтҳои таъсирпазири иқтисодиёт |
|---|---|
| Иқтисодӣ | вазъи иқтисодии мамлакат, сатҳи даромади аҳолӣ, истифодаи қарз дар бахши воқеии иқтисодиёт |
| Давлатӣ-ҳуқуқӣ | заминаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ, сиёсати давлатӣ ва бонкӣ, пешгирии вайронкунии қонунгузории бонкӣ, андозбандӣ, шароити рақобат, назорат ва таҳлили фаъолияти бонкҳо ва ғ. |
| Сиёсӣ | иқтисод ва сарҳадҳои кушод барои ҳаракати озоди молу хизматрасониҳо, инкишоф додани муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ бо дигар давлатҳо, иштирок дар равандҳои ҳамгирой ва ғ. |
| Иҷтимой | эътимод ба бонкҳо ва низоми бонкӣ, саводнокии молиявии аҳолӣ, тамоюлҳои иҷтимой-демографӣ |
| Менеҷмент и маркетингӣ | идоракунии самараноки захираҳои қарзӣ, гузаронидани аудити дохилӣ, кам кардани хавфҳои қарзӣ, рушди инфрасохтори бонкӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ |
| Сатҳи капиталидзатсияи бонкҳо | иштироки шахсони ҳуқуқӣ дар сармояи оинномавӣ, арзиши бозории дороиҳои бонкӣ, сурати афзоиши ММД |
| Мавҷудияти базаи захираҳои дохилӣ | мавҷудияти пешниҳоди пул ва қарз дар иқтисодиёт, мавҷудияти захираҳои молиявӣ барои бонкҳо, пасандозҳо, қарзҳои байнибонкӣ |
| Кадрӣ | мавҷудияти кормандони касбӣ дар ташкилоти қарзӣ, сиёсати дурусти кадрии бонкҳо, дониши баланди коркунони техникӣ ва ғайра. |
| Вазъияти бозори байналмилалии қарзҳо | ҷалби маблағ дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ ва қарзӣ, хизматрасонӣ ба содиркунандагон ва воридкунандагон; анҷом додани амалиёти асъорӣ; муомилоти байналмилалӣ |

Тавре аз ҷадв.1 бармеояд, омилҳои асосие, ки ба вазъи фаъолияти иқтисодии кишвар бо иштироки муассисаҳои молиявӣ таъсир мерасонанд, муносибатҳои пулию қарзӣ, мавҷудияти заминаи захираҳои дохилӣ, вобастагии баланди бонкҳо аз вазъи молиявии мизоҷон, мавҷудияти суғурта, низоми андозбандӣ, азнавсозии иқтисодиёт

ва ғайра мебошанд.

Илова бар ин, раванди таҷдиди сохтори бонкҳо ва вазъи бозорҳои қарзии байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ба вазъи бозори қарзи дохилӣ ва низоми бонкӣ, инчунин ҷалб ва ҷобаҷогузории маблағҳо дар бозорҳои қарзии байналхалқӣ ба инкишофи низоми бонкӣ таъсир мерасонад.[1]

Барои таъмини устувории низоми бонкӣ ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда бояд ҳамоҳанг ва пурракунанда бошанд. Дар ин ҳолат мо метавонем натиҷаи синергетикии фаъолияти бонкиро ба даст орем.

Низоми бонкӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ бештар ба хатарҳои гуногуни молиявӣ дучор мешавад ва аз ин рӯ, шакли танзимшавандаи бахши молиявии иқтисодиёт мебошад. Таҷрибаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва илми иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ба низоми бонкӣ сатҳи баланди вобастагии мутақобила хос буда, он ба маблағҳои қарзӣ асос ёфтааст ва на ҳама вақт кушода мебошад.

Таъмини фаъолияти пурсамари низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо бештар аз сиёсати пулию қарзӣ, танзими муассисаҳои молиявӣ ва устувории бонкҳои тиҷоратӣ вобаста аст. Дар байни ҳама унсурҳои фаъолияти бонкӣ сиёсати пулию қарзӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Маҳз ҳамин механизм пешниҳоди пул, қурби асъор ва фоизҳоро ба танзим медарорад, то суботи молиявӣ ва умуман, рушди иқтисодиётро таъмин намояд.

Танзими пулию қарзӣ воситаи муҳими таъсиррасон ба равандҳои макроиқтисодӣ буда, ҳаҷми пул объекти танзими он ба ҳисоб меравад. Фаъолияти самарабахши бозор дар сурате мушоҳида мешавад, ки пешниҳоди пул ба талабот мувофиқ бошад ва баръакс, ҳар гуна ихтилоф барои бозори молиявӣ ва умуман, иқтисоди миллӣ оқибатҳои манфӣ дорад.

Аз ҷадв.2. бармеояд, ки нишондиҳандаҳои муомилоти пул, ғайр аз ҳаҷми қарзҳои додашуда, тамоюли афзоишро нишон медиҳанд. Суръати афзоиши муомилоти пул, дар маҷмуъ дар ҳама ҷо паст шуда, ҳоло самараноктар кор мекунанд.

**Ҷадвали 2. – Динамикаи ҳаҷми пул дар низоми бонкӣ** (млрд. сомонӣ)

| Нишондиҳанда | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми пул бо асъори миллӣ, | 6,72 | 10,03 | 14,09 | 15,17 | 22,15 | 21,88 | 24,03 | 34,26 |
| Агрегати пулӣ М2 | 6,54 | 10,24 | 13,98 | 15,39 | 18,94 | 22,50 | 25,26 | 36,22 |

**Сарчашма:** Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2015-2023.

Дар соли 2019 ҳиссаи пули нақд дар муомилот берун аз низоми бонкӣ дар гардиши пулии кишвар 44%-ро ташкил дод. Бояд қайд кард, ки миқдори пул $M_0$ дар Тоҷикистон дар моҳи августи соли 2023 бетағйир боқӣ монда, 25542 ҳазор сомонӣ (0,002 миллиард доллар) буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2022-2023 нишондиҳандаи ҳаҷми пул 36,729 млн сомонӣ, пули нақди берун аз бонкҳо 25,542 млн. сомонӣ, пешниҳоди (масса) пул бо пули миллӣ 31826 млн. сомонӣ, депозит бо пули миллӣ 4903 млн. сомонӣ ва маблағи захиравӣ 34,527 млн. сомониро ташкил намудаанд.

Ин нишондиҳанда бо сабаби зиёд будани ҳиссаи пули нақд дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ фаъолияти бесамари низоми пулии кишвар маҳсуб меёбад. Бояд қайд кард, ки фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули низоми бонкӣ, нигоҳдории устувори ҳаҷми пул яке аз омилҳои муҳими рушди бозорҳои молиявӣ мебошад.

Таҳлили низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки сабаби афзоиши ҳаҷми пул дар

[1] Федотова А.Н. Факторы, влияющие на развитие банковской системы. [Электронныйресурс]. Режим доступа: https://www.izron.ru/articles/

масъалаи барориши пул ифода мегардад. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани конвергенсия байни афзоиши ММД ва ҳаҷми пул, аз ҷумла $M_3$ эмиссияи пулиро амалӣ намуд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба истиснои соли 2019, мултипликатори пул барои $M_2$ меъёри аз 1 поёнтарро нишон медиҳад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта бозгӯи онанд, ки ҳар қадар иқтисод тараққикарда бошад, арзиши ин нишондиҳанда ҳамон қадар баландтар мешавад. Дар кишварҳои пешрафта он дар ҳудуди аз 5 то 8 ва дар баъзе кишварҳо аз ин ҳам зиёдтар мебошад. Ҳамин тариқ, дар Канада арзиши он 11, дар ИМА – 12, дар Шветсия – 20, дар Австралия – 26 аст. Қиматҳои баланди мултипликаторӣ аксар вақт бо ҳиссаи ками пули нақд дар муомилот ва талаботи ками захиравӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ дар ин мамлакатҳо ифода мегардад.

Барои самаранок нигоҳ доштани ҳаҷми пул омилҳо, усулҳо ва шароитҳои рушд вуҷуд доранд. Яке аз ин нишондиҳандаҳое, ки ҳолати муомилоти пулро муайян мекунад, коэффитсиенти монетизатсия, яъне таносуби $M_2$ нисбат ба ММД мебошад, ки ба туфайли он дараҷаи оптималии пуликунонии (монетизатсия) иқтисодиёт муайян карда мешавад. Тавре ки аз назария ва амалияи бонкдорӣ маълум аст, сатҳи оптималӣ 55-60% ҳисобида мешавад.

Тавре ки аз диаграммаи 1 дида мешавад, сатҳи монетизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 19,62%, дар соли 2016-27,15%, 2020- 31,6% буд. Академик Н.Қ. Қаюмов бар ин назар аст, ки арзиши ҳадди ниҳоии ҳаҷми пул ба таносуби ММД набояд аз 50% камтар бошад. Қобили зикр аст, ки арзиши миёнаи ҷаҳонии монетизатсияи иқтисодиёт тибқи талаботи Бонки Ҷаҳонӣ бояд 124,4% ва барои кишварҳои камдаромад 66,2% ММД-ро ташкил медиҳад.

**Диаграммаи 1. – Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт дар давраҳои 2012-2020**




**Сарчашма:** Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2012-2020.

Бо иртибот ба ин масъала бояд қайд кард, ки дар даҳсолаҳои охир сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон афзоиш ёфтааст. Маълумоте, ки дар пешгӯии солонаи «Россия ва ҷаҳон» нашр шудааст, аз сатҳи баланди афзоиши ин нишондиҳанда дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон барои соли 2017 дарак медиҳад: дар ИМА – 90%, дар минтақаи евро - 112,7%, дар Британияи Кабир – 145%, дар Япония – 240 фоиз, дар Хитой — 206%.

Мутаассифона, аз диагр. 1 дидан мумкин аст, ки монетизатсияи иқтисодиёти кишвар дар сатҳи паст қарор дошта, ҳам аз ҳисоби миёнаи ҷаҳонӣ ва ҳам аз ҳисоби миёнаи кишварҳои камдаромад поёнтар аст. Таҷрибаи фаъолияти хоҷагидорӣ нишон

медиҳад, ки сатҳи нокифояи монетизатсия ба рушди иқтисодии кишвар монеъ шуда, ба рушди иқтисоди хориҷӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо сатҳи монетизатсия дар кишвар бояд на камтар аз 50% бошад.

Сабаби асосии паст будани монетизатсия ва қарздиҳии нокифоя ба бахши воқеии иқтисодиёт сатҳи пасти воридшавии пасандозҳо дар низоми бонкӣ мебошад. Дараҷаи баланди нобоварии аҳолӣ ба бонкҳо нақши миёнаравии молиявии онҳоро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд месозад. Дараҷаи нисбатан пасти монетизатсия нишон медиҳад, ки иқтисодиёт бо пул пурра сер нашудааст ва мутаносибан манбаи андоз кам шуда, ба тавсеаи муносибатҳои ғайриқонунӣ сабаб мешавад.

Аз тарафи дигар, бояд гуфт, ки дараҷаи монетизатсия сол то сол тамоюли баланд шудан дорад. Агар соли 2012 сатҳи монетизатсия 19,62%-ро ташкил дода бошад, пас соли 2019 ин нишондод ба 29,7% расид, ки 10,08% зиёд аст. Бояд гуфт, ки маҳз афзоиши монетизатсия дар кишвар дар солҳои охир ба рушди мусоиди иқтисодии Тоҷикистон таъсири мусбат расонд.

Барои баланд бардоштани дараҷаи монетизатсия ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт аз ҳисоби қарз додан ба бахши воқеии иқтисодиёт зарурат ба миён меояд. Вобаста ба ин, татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ ва тамоюли содироти молу хизматрасонӣ, саноатикунонии иқтисодиёт, татбиқи сиёсати «протексионизми нарм», додани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат бо пули миллӣ, рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок, бозори суғурта ва суғуртаи қарзҳои содиротӣ, рушди соҳаи сайёҳӣ, ҳавасмандгардонии ташкили паркҳои технологӣ, навсозии таҷҳизоти техникӣ ва технологияҳо ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон умуман такони ҷиддӣ мебахшад.[2]

Дар асоси он, ки самаранокии механизми интиқол ва устувории иқтисодӣ аз роҳҳои гуногун вобаста аст ва онҳо ба рушди воқеии иқтисодиёт ва сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъсир мерасонанд, бояд дар бораи афзоиши пул дар иқтисодиёт фикр кард. Аммо то замоне ки дар бозори пули Тоҷикистон номутаносибӣ вуҷуд дорад, таъмини рушди босуръат, муассир ва устувор мушкил хоҳад буд. Дар шароити Тоҷикистон сатҳи меъёри фоиз ҳамоно баланд боқӣ мемонад.[3]

Аз диагр. 2. бармеояд, ки сатҳи меъёри фоизӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишварҳои тараққикарда хеле зиёд буда, барои таъмини босуботи фаъолияти хоҷагидории кишвар ҳоло ҳам мусоидаткунанда нест. Сабаби асосии баланд будани меъёри фоизиро, пеш аз ҳама, барои мубориза бо таваррум маънидод кардан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки барои рушди минбаъдаи кишвар дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани меъёри фоизӣ низ самти муҳими сиёсати молиявӣ ба шумор меравад.

---

[2] Умаров Х.У. Монетарные факторы экономического развития в Республике Таджикистан / Х.У. Умаров, П.О. Шарифов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 29-38.

[3] Обидова, М. Р. Теоретические вопросы реформирования монетарной политики в Республике Таджикистан / М.Р. Обидова, Б.Б. Имомализода // Вестник Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – № 1-2 (110). – С. 243-247.

**Диаграммаи 2. – Сатҳи меъёри фоизӣ дар мамлакатҳои алоҳидаи ҷаҳон дар солҳои 2022-2023**




**Сарчашма:** Обидова М.Р. Теоретические вопросы реформирования монетарной политики в РТ / М.Р. Обидова, Б.Б. Имомализода // Вестник Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – № 1-2 (110). – С. 243-247.

Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ меъёри сиёсатро аз 13,25 дарсади соли 2021 то 13,5 дарсад дар моҳи августи соли 2022 боло бурд. Аммо то охири соли 2022, бо бозгашти сатҳи таваррум ба ҳудуди ҳадаф (6+/-2 фоиз) ва мусоидтар шудани дурнамо, БМТ мавқеъгирии муътадилтареро пеш гирифт. Мутаносибан, БМТ меъёри фоизро дар моҳи ноябр аз 50 банди асосӣ то 13%, дар аввали соли 2023 11 фоиз ва дар моҳи майи соли 2023 минбаъд то 10% коҳиш дод. айни замон бошад, он ба 9% баробар аст.[4]

Аз диагр. 2. маълум мегардад, ки меъёрҳои пасттарини фоизҳо дар кишварҳои ҳавзаи евро, Чин, ИМА дар ҳудуди 3-7% мебошанд. Ва фоизи баланд дар Бразилия, Тоҷикистон, Қирғизистон, Узбекистон - 11-13% аст. Агар мо аз назарияи пул нигарем, пас меъёри фоизӣ ин нархи пул ҳамчун захираи арзиш баромад мекунад. Дар он кишварҳое, ки иқтисодашон пешрафта ва вазъи он устувор аст, меъёри фоиз ба сифр наздик буда, ҳатто дар баъзе маврид манфӣ ҳам мебошад.

Омили дигаре, ки ба рушди низоми бонкӣ мусоидат мекунад, сатҳи фоизи қарзҳо мебошад. Таҷрибаи фаъолияти иқтисодии кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳар қадар сатҳи фоизи қарзҳо паст бошад, иштирокчиёни бозор ҳамон қадар худро беҳтар ҳис мекунанд.

[4] Доклад об экономике Таджикистана. Обзор и перспективы экономического развития. / Международный банк реконструкции и развития. Всемирный банк, 2023. – С. 8.

**Диаграммаи 3. - Меъёри миёнаи фоизи қарзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022**




**Сарчашма:** Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2015-2022.

Аз диагр.3 бармеояд, ки сатҳи миёнаи фоизи қарз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд аст, ки он ба пешравии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат намекунад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки фоизи паст яке аз омилҳои муҳими рушди бозорҳои молиявӣ ва инчунин шарти муҳими рушди иқтисодиёт мебошад. Инчунин бояд дуруст дарк кард, ки рушди иқтисодӣ пули дорои арзиши арзонро талаб мекунад. Маҳз бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ кишварҳо ба татбиқи воситаҳои сиёсати қарзӣ, аз ҷумла паст кардани фоизи қарзҳо шуруъ кардаанд.

Бояд гуфт, ки дар баробари идоракунии самараноки меъёри фоизи қарз, дигар воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ низ мавҷуданд, ки шартҳои муҳимми рушди низоми бонкӣ мебошанд.

Мутобиқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» воситаҳо ва усулҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ инҳоянд: а) меъёри фоизии амалиёти БМТ; б) меъёри захираҳои ҳатмӣ; в) амалиёти бозори кушод; г) қарз додан ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ; д) танзими асъор ва муомилоти асъорӣ; е) муқаррар намудани меъёрҳои афзоиши ҳаҷми пул; ж) маҳдудиятҳои миқдорӣ.

Воситаҳои дар боло зикршуда метавонанд барои танзими самараноки сиёсати пулию қарзӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ба тағйирёбии ҳаҷми пул дар иқтисодиёт таъсир расонанд. Муомилоти пул, ки дар боло дар бораи он сухан рондем, нишондиҳандаи асосии муомилоти пул мебошад. Шиносоӣ бо адабиёти муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки арзиши ҳаҷми пул ба ҳосилнокии меҳнат, муносибатҳои истеҳсолӣ, нархгузорӣ, шуғли аҳолӣ ва ҳаҷми истеҳсолот таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, таҳлили омилҳои ба рушди низоми бонкӣ таъсиркунанда имкон медиҳад, ки вазъи имрӯза баҳо дода шуда, самтҳои ояндадори рушди минбаъдаи низоми бонкии кишвар муайян карда шавад.

Илова бар ин, дар баробари омилҳои иқтисодие, ки ба рушди низоми бонкӣ таъсир мерасонанд, омилҳои молиявие мавҷуданд, ки вазъи бозори молиявӣ, сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил, фоизи қарзҳо, таваррум, қарзи давлатӣ, рушди ширкатҳои суғуртавӣ, захираҳои тиллоию асъорро дар бар мегиранд.

Инчунин, дар шароити маҳдуд будани пасандозҳои дохилӣ дар кишвар ба рушди низоми бонкӣ омилҳои марбут ба сар задани офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои форс-мажорӣ низ таъсири манфӣ расонида метавонанд.

Омилҳои мушаххаси иқтисодии рушди низоми бонкиро метавон ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо кард, ки ҳамдигарро пурра мекунанд ва бо ҳам зич

алоқаманданд. Омилҳои дохилӣ муҳити хурди (микросреда) бонкро ташкил медиҳанд ва дар таъмини фаъолияти самараноки низоми бонкии кишвар нақши муҳим доранд.

Ба омилҳои беруна омилҳое дохил мешаванд, ки бевосита ба фаъолияти худи бонк вобаста нестанд. Бинобар ин, рақобатпазирии бонк бештар аз он вобаста аст, ки шакли рафтори иқтисодии интихобкардаи он ба шароити мушаххасе, ки бонк дар он фаъолият мекунад, чӣ гуна мувофиқат мекунад.

Дар бораи омилҳои рушди низоми бонкӣ сухан ронда, бояд қайд кард, ки бидуни омили инсонӣ идоракунии самараноки фаъолияти бонкӣ дар шароити рушди пешрафти техникӣ имконнопазир аст. Сарфи назар аз рушди технологияҳои рақамӣ ва компютеркунонии ҷомеа омили инсонӣ дар системаи соҳаҳои илмталаб ва дар маҷмуъ иқтисодиёт омили муайянкунанда боқӣ мемонад. Ташаккули хизматрасониҳои муосири бонкӣ ва самаранок гузаронидани амалиёти бонкӣ мутахассисони баландихтисосро тақозо мекунад. Маҳз сармояи инсонӣ шарти муҳими рушди минбаъдаи тамоми бахшҳои иқтисоди миллӣ эътироф гардида, дар „Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030“ мақоми хоссаеро ишғол мекунад. Дар стратегия таъкид гардидааст, ки сармояи инсонӣ омили муҳими рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва пешрафти иқтисодӣ мебошад.

Сармояи инсонӣ дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ дар байни омилҳои дарозмуддати рушди минбаъдаи иқтисодӣ ҷои аввалро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ дар кишвар ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар шароити бuҳронӣ таъсири омилҳои зиёде ба рушди низоми бонкӣ хеле шадид эҳсос мешавад. Идоракунии самаранок ва оқилонаи низоми бонкӣ дар шароити буҳронӣ муносибати оқилонаро тақозо мекунад. Идоракунии ғайрисамаранок ва як тасмими нодуруст метавонад боиси муфлисшавии бонкҳои тиҷоратӣ гардад. Аз ин рӯ, дар аксари мавридҳо олимон ба он омилҳое таваҷҷуҳ мекунанд, ки ба устувории низоми бонкӣ таъсир мерасонанд.

Қайд кардан зарур аст, ки ба ғайр аз омилҳои рушди низоми бонкӣ як қатор мушкилоте мавҷуд аст, ки ба самаранокии соҳаи бонкӣ таъсири манфӣ расонида, сатҳи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро паст мекунанд. Ба ин омилҳо номукаммалии қонунгузорӣ дар соҳаи бонкдорӣ, суст будани назорат ва танзими соҳа, дар сатҳи паст қарор доштани капитализатсия, суръати пасти афзоиши ҳаҷми пул, нобоварӣ ба бонкҳо аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ, паст будани талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ, коҳиш ёфтани бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, ноустуворӣ дар соҳаи бонкӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд.

Чунин мушкилот дар шароити осебпазирии низоми молиявии ҷаҳонӣ тақрибан дар ҳама кишварҳо муваққатӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки пас аз барқарор шудани иқтисодиёти ҷаҳон ин проблемаҳо тадриҷан ҳал мешаванд. Албатта, ҳалли ин масъалаҳо аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати иқтисодии мамлакат вобаста аст.

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ таъмини рушди устувор бештар ба устувории низоми бонкӣ вобаста аст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки пас аз рафъи буҳрони молиявӣ дар иқтисоди кишварҳои алоҳида таъсири он дарозмуддат хоҳад буд. Дар чунин шароит масъалаҳои идоракунии самараноки бахши бонкии кишвар ҳамчун муҳимтарин механизми ташкилии низоми молиявӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Барои муайян кардани вазъи низоми бонкии кишвар ҷиҳатҳои қавӣ ва тарафҳои сусти бонкҳоро ошкор кардан лозим аст, то рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодии кишвар муайян карда шавад. Тарафҳои қавӣ ва суст, инчунин имкониятҳо ва таҳдидҳои низоми бонкӣ дар марҳилаи кунунии рушд дар шакли SWOT-таҳлил

дар ҷадв.3 оварда шудааст.

Аз ҷадвали 3. маълум мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи бонкӣ имкониятҳои калон дорад. Таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва тарафҳои заифи низоми бонкӣ имкон медиҳад, ки дурнамои ояндаи низоми бонкии кишварро муайян намуда, бо дарназардошти пешгирии таҳдидҳои муосир аз имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода барем.

Тавре ки маълум аст, зиёд кардани самараи истифодаи захираҳои молиявӣ дар сурате имконпазир аст, ки мо инкишофи минбаъдаи фаъолияти хоҷагиро пешбинӣ ва пешгӯӣ карда тавонем. Аз ин лиҳоз, истифодаи имкониятҳои мавҷудаи низоми бонкӣ дар шароити кунунӣ барои кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

**Ҷадвали 3. – SWOT-таҳлили бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои суст |
|---|---|
| малака ва таҷриба дар натиҷаи буҳрони молиявӣ ба даст оварда шудааст;<br>истифодаи қарз дар бахши воқеии иқтисодиёт;<br>рушди шабакаи банкоматҳо дар саросари кишвар;<br>имконияти маблағгузории соҳибкории хурду миёна.<br>гуногунии равишҳои хизматрасонӣ ба мизоҷон;<br>рушди хидматрасонии фосилавӣ, (интернет-банкинг ва бонкдории мобилӣ)<br>рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ғ. | паст будани саводнокии молиявии аҳолӣ ва номукаммалии қонунгузорӣ;<br>нобоварӣ ба бонкҳо аз ҷониби аҳолӣ;<br>тамоюли пасти муштариён ва суст инкишоф ёфтани инфрасохтори бонкӣ;<br>суст будани назорати дохилӣ;<br>маблағгузории сусти соҳибкории хурду миёна.<br>идоракунии бесамари захираҳои қарзӣ;<br>сатҳи пасти даромади аҳолӣ;<br>дараҷаи пасти пулгардонии иқтисодиёт ва ғ. |
| **Имкониятҳо** | **Таҳдидҳо** |
| - такмили танзими бонкӣ;<br>- истифодаи самараноки маблағҳои озоди аҳолӣ ва сармоягузорӣ;<br>- рушди қарздиҳии истеъмолӣ;<br>- васеъ намудани доираи хизматрасониҳои бонкӣ;<br>- мавҷудияти қарз ва суръати гирифтани он;<br>- ҷорӣ намудани усули муосири низоми таълими кормандон ва ғайра. | сатҳи баланди долларизатсия ва бекорӣ;<br>қарзҳои бефоида ва интизориҳои таваррумӣ;<br>танзими аз ҳад зиёди низоми бонкӣ;<br>савияи пасти дониши кормандони техникӣ;<br>нарасидани кадрҳои баландихтисос;<br>қафомонӣ аз истифодаи технологияҳои муосир ва ғайра. |

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки таъмини рушди устувори иқтисодӣ, нигоҳ доштани сатҳи қобили қабули таваррум, такмили сиёсати пулию қарзӣ, танзими самарабахши фаъолияти бонкӣ шарти зарурии рушди низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии ҳар як давлат арзёбӣ мегардад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба рушди низоми бонкӣ ҳам омилҳои мусбат ва ҳам манфие, ки ба рушди бахши бонкӣ халал мерасонанд, таъсир мерасонанд. Бояд гуфт, ки давлат ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии ин омилҳо як қатор тадбирҳо андешида, барои ташаккул ва рушди низоми муосири бонкӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Албатта, пас аз таҳдиду хатарҳои муосир дар низоми бонкӣ мушкилоти зиёде боқӣ мондааст, ки ҳалли онҳо маблағгузорӣ ва вақти муайянро тақозо мекунанд. Танҳо тавассути идоракунии самараноки фаъолияти бонкӣ, танзими давлатӣ ва ташаккули низоми пурқуввати муосири бонкӣ рушди устувори иқтисодии кишварро

таъмин кардан мумкин аст.

Адабиётҳо

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722, ш. Душанбе

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19.05. 2009, №524.

3. Азизов, С.А., Шарипов, М.Ш. Банковская система РТ и её значимость в развитии экономики страны. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://mts.tj/ru/1503/news/

4. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 31.12.2022. [Захираи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/berlin/view/. (Санаи муроҷиат: 05.10.2023).

5. Доклад об экономике Таджикистана. Обзор и перспективы экономического развития [Текст]. Международный банк реконструкции и развития; Всемирный банк, 2023.

## ТАШАККУЛЁБИИ НИЗОМИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Раҳимов Мирзоҳид Абдулвоҳидович**

**н.и.и. дотсенти кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии ДБССТ**

Дар барои такмил додани низоми андоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бад аз ба даст овардани истиқлолият кушиш ба харҷ дода истодааст, ки барои рушди иқтисодиёти мамлакат ва дастгири намудани истеҳсолкунандагон солҳои охир низоми андозбандии онҳоро аз бисёр омилҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир расонро бартараф намуда истодааст. [1. с. 23].

Марҳилаи нахустин ташаккулёби ва рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби эҳёи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад, ки маҳз дар ҳамин марҳла санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, ки ба ташаккул додани манбаъҳои даромади буҷети давлатӣ, муайян намудани тартибу қоидаҳои андозбандӣ, ташаккули ва рушди низоми андозбандӣ раваона гардидааст.

Бо мақсади рушди иқтисодиёти мамлакат ва такмил додани низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1990 барои дастгири намудани соҳибкорон, ҷалби сармоягузорон, тараққи додани истеҳсолот ва такмил додани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёри ҳуқуқӣ Раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бад аз ба даст овардани истиқлолият бо мақсади ташуаккулёбии низоми андоз ва ба танзим даровардани қонунгузори дар мамлакат моҳи январи соли 1992 дар заминаи Раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон таъсис дода шуд, ки барои рушди низоми андозбандӣ заминаи хуби қонунугузориро ба роҳ монд.

Марҳилаи дигар дар шароити ба низом даромадани қонунгузориҳо дар мамлакат бо қабқл гардидани нахустин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти андоз» дар моҳи марти соли 1992 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои асосҳои мақомоти андоз» дар моҳи июли соли 1994 қабул карда шуд, ки дар ин давра дар мамлакат 24 номгуй андозҳои ҷумҳуриявӣ, 11 номгуй пардохтҳои ҷумҳуриявӣ ва 12 номгуй андоз ва пардохтҳои маҳаллӣ амал мекарданд, ки дар асоси қонунҳои алоҳида ҷамовари карда мешуданд [5. с. 64].

Барои ташаккул ва рушд низоми андозбандӣ дар мамлакат ва такмил додани сохтори мақомоти андоз, ташкили намудан раёсати андозҳо дар вилоятҳо ва нозироти андоз дар ноҳияҳо бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов аз 4 майи соли 1995 таҳти рақами 221 дар заминаи Сараёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Баъд аз ба даст овардани Ваҳдати миллӣ ва ором гардидани вазъияти сиёсӣ ва иқтисоди дар мамлакат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин Кодекси андози

Ҷумҳурии Тоҷикистонро моҳи ноябри соли 1998 қабул намуд, ки аз 1-уми январи соли 1999 мавриди амал қарор дода шуд, ки он аз 17 ногуйи андоз иборат буда аз онҳо 14 номгуй андозҳои умумидавлатӣ ва 3 номгуй андозҳои маҳалли буданд, ки дар як қонуни ягона низоми андозбандро мутаҳид карда шуд [2. с, 16].

Дар асоси як санади меъёри ҳуқуқӣ Кодекси андоз тамоми фаъолияти низоми андозбандии соҳаҳаои иқтисодиёт дар дораи он ба танзи даровард ва пардохти андозҳо ба воситаи ташкил намудани мақомотҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо назорат ва санҷиш гузаронида мешаванд.

Барои боз ҳам ба низомдарори ва такмил додани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул додани низоми қонунгузори ва дастгири намудани соҳибкорону сармоягузорон дар мамлакат тавассути қабул кардани Кодекси андоз дар таҳрири нав моҳи ноябри соли 2004 қабул карда шуд, ки аз 21 номгуйи андоз иборат буда аз онҳо 17 ногуйи он андозҳои умумидавлатӣ ва 4 номгуйи он андозҳои маҳаллиро ташкил медод. Барои дастгири намудани соҳибкорон ва сармоягузорон дар Кодекси андоз дар таҳрири нав бори дуюм чунин сабукиҳо оварда шудааст [2. с. 13].

- ❖ дар таҳрири нави Кодеки андоз дар соҳаи кишоварзи дар асоси ҷори гардидани андози ягона ба ҷои он низоми содакадашудаи андозбанди барои истеҳсолкунандагони маҳсулоити кишоварди ҷори карда шуд;
- ❖ андоз аз фуруши чакана ҷори карда шуд;
- ❖ дар қонунгузории андоз андози маҳаллии барои нигоҳдории нақлиёти ҷамъиятии мусофиркаш ва андоз аз даромади фавқулода хориҷ карда шуд;
- ❖ ҳамзамони меъёри андоз аз даромад аз рӯи ҷадвали афзояндаи меъёрҳои -10, 15 ва 20 фоиз муқаррар шуда буд, ки дар таҳрири нави Кодеки андоз зиёда аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо то 100 сомонӣ бо меъёри 8% ва зиёда аз 100 сомонӣ аз рӯи меъёри 13% андозбанди карда мешаванд;
- ❖ андоз аз фоида аз рӯи меъёри 30% андозбанди карда мешуд ва дар Кодекси андоз бори дуюм 25% паст карда шуд.

Дар асоси такмил додани қонунгузории андоз дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бобҳо ва фаслҳои нав: «Санҷишҳои андоз ва намудҳои дигари назорат» ва «Муқаррароти махсус доир ба шартномаҳои байналмилалӣ» илова гардид.

Дар шароити имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгири намудани тамоми соҳаҳаои иқтисодиёт ба хусус соҳибкорон ва сармоягузорон ва баланд бардоштани ҳуқуқҳои онҳо бори сеюм Кодекси андозро дар таҳрири нав бо забони соддаю омафаҳм моҳи сентиябри соли 2012 қабул намуда аз 1-январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шуд, ки шумораи онҳо 10 номгӯйро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 8 номгӯи он андозҳои умумидавлати ва 2 номгӯи он андозҳои маҳаллиро дарбар гирифтааст ва ҳархела тавзеҳ гардидани шумораи моддаҳо, бобҳо, фаслҳо истисно кам шудааст, ки ин ба соҳибкорон ва сармоягузорон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои пардохти андозро мусоидат менамояд.

Дигаргуниҳои асоси ва фарқкунанда дар таҳрири нави Кодекси андози бори сеюм аз Кодекси андози пештара чунин аст [3. с. 18].

- ❖ аз Кодекси нави андоз андоз аз фурӯши чакана пурра бе кор карда шуд;
- ❖ андоз аз ҳади ақал аз даромади корхонаҳо пурра бе кор карда шуд;
- ❖ дар таҳрири нави Кодекси андоз низомҳои имтиёзноки андозбанди ҷори карда шуд, ва боқимонда андозҳо ба ҳамдигар мутаҳид карда шуд;
- ❖ дар меъёри андоз аз даромад ба ҷои ҳадди камтарин 100 сомони 140 сомонӣ баланд бардошта шуд;
- ❖ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дарасоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян карда мешавад аз

58 сомонӣ ба 60 сомонӣ баланд бардошта шуд;

❖ меъёри андоз аз фоида бо мақсади ҳавасманд намудани соҳибкорон ва сармоягузорон аз соли 2013 то соли 2017 меъёри андоз аз фоида барои корхонаҳои истеҳсоли аз 15% то 13% ва барои намудҳои дигари фаъолиятҳо аз 25% то 23% паст карда мешаванд;

❖ ҳадди даромади ниҳоии соҳибкорони низоми умумии андозбанди фаъолиткунанда аз 500 ҳазор ба 1 млн сомонӣ бардошта шуд;

❖ шумораи фаслҳо аз 20 то 18, шумораи бобҳо аз 53 то 50 ва шумораи моддаҳои аз 379 то 329 кам карда шуд;

❖ шумораи эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ барои корфармоён дар 1 сол 12 эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолат 1 эъломия ва 12 ҳисобҳои андози даромад бекор карда мешавад;

❖ шумораи эъомияҳо барои андозсупорандагони калон дар 1 сол 1 эъломия ва 12 ҳисоботи андоз аз фоидаро пешпардохти пешбинӣ карда шудаст;

❖ Барои соҳибкорон ҳади ниҳоии даромад барои андозбандии низоми умуми ва барои бақайдгирии супорандагони андоз аз арзиши иловашуда аз ҳади 500 ҳазор сомонӣ ба 1 млн сомонӣ баланд бардошта шуд;

❖ барои ҳавасманд намудани сармоягузорон бори сеюм дар таҳрири нави Кодекси андоз меъёри андоз аз арзиши иловашуда барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ, хизматрасони савдои яклухт, фаъолияти сохтумони ва таҳвили маҳсулоти кишоварз 7% ва барои хизматрасонии таълими 5% муқарар карда шудааст. Ин меъёрҳо то 31 декабри соли 2023 амал мекунад;

Дар шароити имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди истеҳсолот ва дастгири намудани соҳибкорон Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бори чорум соли 2021 қабул гардида аз 1-уми январи соли 2022 мавриди амал қарор дода дар он бисёр сабукиҳо дар низоми андозбандии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеи ва соҳибкорони инфиродӣ оварда шудааст. [4. с. 19].

Дар таҳрири нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди истеҳсолот, дастгири намудани соҳибкорон ва ҷалб намудани сармоягузорон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр сабукиҳо ва имтиёзҳои андози оварда шудааст.

Вобаста ба тағиротҳои Кодекси нави андоз ҳаминор қайд кардани ҳастам, барои пешрафти иқтисодиёт бисёр тағиротҳо дар низоми андозбандӣ оварда шудааст. Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав чунин тағиротҳо ворид карда шудааст:

1) дар таҳрири нав Кодекси андоз шумораи фаслҳо аз 18 ба 25 фасл зиёд кардашуд, бобҳо аз 50 боб ба 57 боб зиёд карда шуд ва моддаҳо аз 329 ба 399 модда зиёд карда шуд;
2) шумораи андозҳо аз 10 номгӯй ба 7 номгуй кам карда шуд ва андозҳои умумидавлати аз 8 номгӯй ба 6 ногӯй ва андозҳои маҳалли аз 2 номгӯй ба 1 номгӯй кам карда шуд;
3) аз номгӯйи андозҳо ду номгӯйи андоз андоз аз фоида ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард бекор кардашуд;
4) низомҳои имтиёзноки андозбандӣ бекор карда шуда ба низомҳои махсус ва соддакардашудаи андозбанди ҳамроҳ кардашуд;
5) меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз 8%, 13% ба 12% паст кардашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ аз 23% ба 13%, 18% ва 20% паст кардашуд;
6) меъёри андоз аз даромади шахсони воқеи аз ҷойи кори иловаги аз 13% ба 15% баланд карда шуд;
7) меъёри андоз аз даромади шахсони воқеи-ғайрирезидент аз 25% ба 20% паст карда шудааст;

8) ҳангоми ҳисоб намудани андоз аз даромади шахсони воқеи аз музди меҳнати онҳо аз як ба ду нишодиҳанда барои ҳисобҳо баланд карда шуд;

9) барои корхонаҳои навтасис барои соли аввали фаъолият метавонад то 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо хароҷоти намояндаги ва рекламави таҳр намоянд;

10) нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз 1-уми январи соли 2022 аз 60 сомонӣ ба 64 сомони дар асоси Қонунуи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ баланд карда шуд;

11) меъёри стандартии андоз аз арзиши иловашуда аз 18% ба 15% паст кардашуд;

12) меъёри посткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда барои кори сохтумонӣ, хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ 7% ва барои фурӯши маҳсулоти кишовардии истеҳсолоти дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии таълимий ва фаъолияти оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда 5% муқаррар карда шудааст;

13) маъёри андози аксизи барои фаъолият дар соҳаи алоқаи барқӣ аз 5% ба 7% баланд карда шуд;

14) ба андоз барои захираҳои табиӣ рентаи содироти ҳамроҳ карда шуд;

15) меъёри андоз барои истихроҷ аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст;

16) меъёри рентаи содироти аз 1-уми январи соли 2023 2%, соли 2025 4% ва соли 2027 6% муқаррар карда шудааст;

17) меъёри андози иҷтимоӣ барои шахсони ҳуқуқие, ки аз ҷониби шаҳрвандон ташкил карда мешаванд аз 25% ба 20% паст кардашуда ва барои шахсони воқеие, ки дар корхонаҳои ғайрибуҷетӣ кор мекунанд меъёри андози иҷтимоӣ аз 1% ба 2% баланд карда шуд;

18) дар меъёри андоз аз фурӯши алюминийи аввалия барои соҳибкоронӣ истифодабарандаи низоми гумрукии “Коркард дар ҳудуди гумрукӣ” истеҳсол шудаанд ба андози 1% муқарар карда шудааст;

19) дар меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқуле, ки ҳамчун бинои истиқоматӣ ва биноҳои ёрирасон то 90$м^2$ бо меъёри 3% ва зиёда аз он 4% буд ва дар Кодекси нави андоз то 90$м^2$ 3% аз 90 то 200$м^2$ 4% ва зиёда аз 200$м^2$ 6% муқаррар кардашудааст;

20) ба манбаи андозбандии биноҳои ёрирасони шахсони воқеи биноҳои нигоҳдории чорво ҳамроҳ карда шуд;

21) дар меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқуле, ки барои фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хуроки умумӣ то 250$м^2$ бо меъёри 12,75% ва зиёда аз он 15% буд ва дар Кодекси нави андоз то 250$м^2$ 12% аз 250 то 500$м^2$ 15% ва зиёда аз 500$м^2$ 18% муқаррар кардашудааст;

22) дар меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқуле, ки барои амали намудани намудҳои дигар фаъолият то 200$м^2$ бо меъёри 9% ва зиёда аз он 12% буд ва дар Кодекси нави андоз то 200$м^2$ 9% аз 200 то 500$м^2$ 12% ва зиёда аз 500$м^2$ 15% муқаррар кардашудааст;

23) меъёри коэффисиентҳои объектҳои ғайриманқулро барои гурӯҳои 6-ум 0,15 ва барои гурӯҳи 7-ум 0,09 буд ва дар таҳрири нави Кодекси андоз барои гурӯҳи 6-ум 0,2 ва барои гурӯҳи 7-ум 0,1 баланд бардошта шудааст;

24) дар имтиёзҳои андоз аз объектҳои ғайриманқули шахсоне, ки падару модар, ҳамсар ва фарзандони то 16-солаи хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ фавтидаанд дар таҳрири нави Кодекси андоз ворид карда шудааст;

25) меъёри андоз аз замин ва тартиби ҳисоб намудани он то 800$м^2$ бо меъёри як карата буд ва дар таҳрири нави Кодекси андоз меъёри андози замин то 0,12гк

заминҳои обӣ ва аз 0,15гк заминҳои обёришаванда (лалмӣ) бо меъёри як карата баланд карда шудааст;

26) меъёри андоз аз замин ва тартиби ҳисоб намудани он аз 800м$^2$ то 2000м$^2$ бо меъёри ду карата ва дар Кодекси нави андоз меъёри андози замин зиёда 0,12гк то 0,20гк заминҳои обӣ ва аз 0,15 то 0,25 заминҳои обёришаванда (лалмӣ) бо меъёри ду карата баланд карда шудааст;

27) меъёри андоз аз замин ва тартиби ҳисоб намудани он аз зиёда аз 2000м$^2$ бо меъёри панҷкарата буд ва дар Кодекси нави андоз меъёри андози замин зиёда 0,20гк заминҳои обӣ ва зиёда аз 0,25гк заминҳои обёришаванда (лалмӣ) бо меъёри секарата паст карда шудааст;

28) меъёри андози замин барои заминҳое, ки соҳибкорон дар фаъолияти савдо машғулан меъёри андози замин зиёда 0,12гк то 0,20гк заминҳои обӣ ва аз 0,15 то 0,25 заминҳои обёришаванда (лалмӣ) бо меъёри панҷ карата баланд карда шудааст;

29) меъёри андози замин барои заминҳое, ки шахсони ҳуқуқӣ истифода мебаранд меъёри андози замин зиёда 0,12гк то 0,20гк заминҳои обӣ ва аз 0,15 то 0,25 заминҳои обёришаванда (лалмӣ) бо меъёри панҷ карата баланд карда шудааст;

30) дар номгуйи воситаҳои нақлиёт чанакҳои муҳарикдор, ҳавопаймоҳо ва чархболҳо ҳамроҳ карда шуд;

31) меъёри андози низоми содакардашудаи андозбанди барои субъектҳои соҳибкории хурд 5% барои соҳаи истеҳсоли ва 6% барои дигар намуди фаъолиятдо буд ва дар Кодекси андози нав барои ҳамаи намуди фаъолиятҳо 6% муқаррар карда шуд.

Мақсади асосии ташаккулёби ва такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза дастгири ва ҳавасманд намудани соҳибкорон ва сармоягузорон мебошад. Барои дастгири намудани соҳийбкорон ва сармоягузорон бад аз ба даст овардан истиқлолият дар мамлакат дар низоми андоз бисёр сабукиҳо ва дастгириҳо ҷори намудаанд, ки раванди истеҳсолот дар мамлакат рушд намуда ва сатҳи зиндагии мардум беҳтар гардида даромади буҷети давлати зиёд шуда истодааст [6. с. 23].

**Адабиёт**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 1998с 400с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004с 340с.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2012с 317с.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2021с 360с.
5. Шомуродов Ф. Одинаев Ф. Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. «ЭР-граф» Душанбе 2012с 279с.
6. Улугходжаева Х. Р. Налоги и налогообложение. «Ирфон» Душанбе 2010г 280с.


## ТАМОЮЛҲОИ МУОСИРИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРӢ БА САРМОЯИ ИНСОНӢ


**Зоирзода И.С.** – н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДБССТ


Раванди дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як навъи ашёи хом ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва иҷтимоӣ нигаронидашуда, зарурати бознигарии нақши инсонро дар ин раванд тақозо менамояд.

Сиёсати Ҳукумати мамлакат то имрӯз ба рушди сифатноки сармояи инсонӣ нигаронида шудааст. Маҳз, чунин ҳадафи мамлакатро дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки ба афзоиши назарраси суръати афзоиши сармояи инсонӣ нигаронида шудааст, дидан мумкин аст.

Дар Стратегияи мазкур таъкид шудааст, ки бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро тақозо менамояд. Ҳолати мазкур боиси баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути афзоиши сифати сармояи инсонӣ маънидод карда мешавад.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки самтҳои афзалиятноки рушди техника ва технологияҳо дар иқтисодиёт вуҷуд доранд, ки онҳоро танҳо сатҳи баланди сармояи инсонӣ инкишоф дода метавонад.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ зарурати амиқтар кардани донишҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба масъалаи маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ба миён меояд.

Дар миёнаи асри XX маълум гардид, ки донишу малакаи бадастоварда, то андозае маҳсули маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ буда, рушди кишварҳои аз ҷиҳати технологӣ пешрафта, маҳз аз ҳисоби рушди сармояи инсонӣ маънидод карда мешавад. Бинобар ин, дарки амиқи таъсири натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии инсон ба сифат ва рушди иқтисодиёт зарур мебошад.

Аз ин рӯ, ҷиҳати таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат бояд қонунҳо ва тамоюлҳои рушди маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ омӯхта шаванд.

Классики менеҷменти муосир Ф. Дракер дар китоби худ «Мушкилоти менеҷмент дар асри XXI» қайд мекунад, ки «Арзишмандтарин сарвати ҳар як ширкат дар асри XX таҷҳизоти истеҳсолии он буд, вале сарвати аз ҳама арзишманди ҳар як созмон дар асри XXI, новобаста аз самти фаъолияти он, кормандони босавод ва маҳсулнокии онҳо хоҳад буд”.

Мафҳуми сармояи инсониро олимони амрикоӣ Теодор Шултс ва Гари Бекер дар нашрияҳои илмӣ муаррифӣ кардаанд. Дар соли 1979 Ҷоизаи Нобел дар бахши иқтисод ба Т.Шултс барои эҷоди асосҳои назарияи сармояи инсонӣ ва соли 1992 ба Г.Беккер барои васеъ кардани доираи таҳлили микроиқтисодӣ ба ҷанбаҳои гуногуни рафтор ва ҳамкории одамон дода шудааст.

Умуман, масъалаи баҳодиҳии саҳми неруи зеҳнии инсон ва умуман ҷомеа дар рушди иқтисодӣ аз замони ташаккули иқтисод ҳамчун илм таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст.

Дар мақолаи мазкур, маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳамчун хароҷотҳое, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар оянда заруранд, инчунин ба баланд шудани тахассус ва қобилиятҳои шахс ва дар маҷмуъ ба афзоиши даромади шахс таъсир мерасонанд, фаҳмида мешавад.

Яке аз шаклҳои муҳими маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ин маблағгузорӣ ба таҳсил аст.

Маблағгузориҳо дар соҳаи маориф метавонанд дар сатҳҳои гуногун амалӣ карда шаванд: дар сатҳи макро - маблағгузории давлатӣ, дар сатҳи мезо - сармоягузории корхонаҳо ва дар сатҳи микро - сармоягузории шахсони воқеӣ.

Дараҷаи инкишофи саҳаҳои маориф ва тандурустӣ ба инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии инсон, тайёрии касбӣ ва вазъи саломатии ӯ таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, таълиму тарбия ба афзудани ҳаҷми сармояи инсонӣ ва нигаҳдории тандурустӣ бошад, ба дароз кардани «муҳлати хизмати» он ёрӣ мерасонад.

Намудҳои зерини маблағгузорӣ ба сармояи инсониро ҷудо кардан мумкин аст:

• хароҷоти нигоҳдории тандурустӣ (хароҷот барои хизматрасонии тиббӣ, пешгирии бемориҳо ва ғайра);

• хароҷот барои таҳсилот (расмӣ/ғайрирасмӣ, умумӣ/махсус, таълими истеҳсолӣ ва ғайра);

• хароҷоти мобилии бозори меҳнат (имконияти муҳоҷират аз ҷойҳои маҳсулнокии паст ба ҷойҳои баландтари маҳсулнокӣ);

• хароҷот барои таваллуд ва тарбияи кудакон.

Илова бар ин, сармояи инсонӣ метавонад ҳам умумӣ ва ҳам мушаххас бошад. Маҳорат ва донишҳои умумӣ новобаста аз он ки дар куҷо ба даст оварда шудаанд, арзишманданд, зеро онҳоро дар ҷойҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Маҳорат ва донишҳои мушаххасро танҳо дар он ҷое, ки онҳо ба даст овардаанд,

татбиқ кардан мумкин аст, бинобар ин ҳангоми иваз кардани кор онҳо арзиши худро гум мекунанд.

Дар баробари ин, аксари дониш ва малакаҳое, ки одамон доранд, наметавонанд танҳо умумӣ ё мушаххас бошанд.

Омӯзиш дар низоми таҳсилоти расмӣ асосан ба истеҳсоли сармояи умумии инсонӣ нигаронида шудааст, дар ҳоле ки омӯзиши ҷойҳои корӣ ба ташаккули сармояи мушаххаси инсонӣ нигаронида шудааст.

Маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ сарчашмаҳои гуногун доранд: давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фондҳои ғайридавлатӣ, ташкилотҳо ва фондҳои байналмилалӣ, фирмаҳо, хонаводаҳо.

Давлат дар ин соҳа хам чораҳои маҷбуркуниро (масалан, таълими ҳатмии ҳама дар доираи мактаби миёна, профилактикаи хатмии тиббӣ) ва ҳам чораҳои ҳавасмандкуниро истифода мебарад.

Маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ дар сатҳи хонаводаҳо хеле муҳим аст, зеро таваллуд ва нигоҳубини кӯдакон ҷузъи такрористеҳсоли сармояи инсонӣ мебошад.

Нақши ширкатҳои инфиродӣ дар бунёди сармояи инсонӣ низ назаррас аст, зеро онҳо дар бораи самтҳои ояндадори сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва омодасозии кадрҳои соҳибихтисос маълумот доранд.

Меъёри хусусии даромади сармояи инсонӣ (даромаднокии муқоисавӣ ва хароҷоти сармоягузорӣ барои шахси мушаххас) ва иҷтимоӣ (даромаднокии муқоисавӣ ва хароҷоти сармоягузорӣ барои тамоми ҷомеа)-ро аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Бо дарназардошти кам будани далелҳои таҷрибавӣ оид ба таъсири берунии таҳсилот, меъёрҳои даромади иҷтимоӣ одатан аз рӯи хароҷоти пулӣ ва манфиатҳои бевоситаи мушоҳидашавандаи таҳсилот ҳисоб карда мешаванд.

Дар навбати худ, хароҷоти давлат аз хароҷоти оилаҳои инфиродӣ хеле зиёд аст, зеро он қисми зиёди хароҷоти таҳсилро маблағгузорӣ мекунад, ки ба он иҷораи биноҳо ва маоши муаллимон низ дохил мешавад.

Бинобар ин, баҳодиҳии меъёри даромади иҷтимоӣ, чун қоида, назар ба ҳисобкунии меъёри даромади хусусӣ пасттар аст. Фарқи байни меъёрҳои даромади хусусӣ ва иҷтимоӣ дараҷаи субсидияи давлатии маорифро инъикос мекунад.

Г.С.Беккер яке аз аввалинхо шуда самаранокии иқтисодии маорифро муайян намудааст. Ӯ барои муайян кардани даромади таҳсилоти олӣ аз даромади тамоми хатмкунандагон даромади тарки мактаби миёнаро тарҳ кардааст. Хароҷоти асосии таҳсил даромади гумшуда - даромаде мебошад, ки донишҷӯён дар давоми таҳсил аз даст медиҳанд. Даромади аз даст рафта арзиши вақти донишҷӯёнро барои бунёди сармояи инсонии худ муайян мекунад.

Исбот шудааст, ки бозгашти маблағгузорӣ ба одамон назар ба маблағгузорӣ ба сармояи ҷисмонӣ зиёдтар аст.

Аз ин рӯ, бисёре аз хонаводаҳо бар ин назаранд, ки дар аввал ба сармояи инсонии кӯдакон аз ҳисоби бозгардонии бештари он дар оянда маблағгузорӣ кардан лозим аст. Инро ба назар гирифта, Г. Беккер чунин мешуморад, ки ҳаҷми оптималии маблағгузорӣ ба сармояи инсонии кудакон аз тарафи оилаҳо ҳолати ба мерос гузоштани дороиро ифода мекунад.

Умуман, ба андешаи асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ, вақте фард барои идомаи таҳсил қарор қабул мекунад, интизориҳои ӯ дар бораи даромади оянда нақши муҳим мебозад.

**Адабиёт**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2023, 2016, С. 20.
2. Друкер П.Ф. Задачи менеджмента в XXI веке / пер. с англ. М.: Изд. дом «Вильямс», 2004. С. 181–182.
3. Петти У. Антология экономической классики: в 2 т. М.: Эконом, 1993. Т. 1. С. 308.

4. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Соцгиз, 1962. С. 490.
5. Маршалл А. Принципы экономической науки. М.: Прогресс, 1993. Т. 2. С. 142. Рикардо Д. Сочинения. М., 1955. Т. 1. С. 192.

## МАРКЕТИНГОВЫЕ АСПЕКТЫ В БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Исмоилов А.А – к.э.н., доцент МУТПТ**

Содержание принципов банковского маркетинга предопределяет его основные задачи по проведению маркетинговых исследований, прогнозированию, конструированию и выпуску новых банковских продуктов, отвечающих повышенным требованиям банков и их контрагентов в доходности.

Банковский маркетинг направлен на полное удовлетворение потребностей участников рынка, а именно на продажу услуг. Это ориентирует на тщательное изучение ожиданий и требований рынка банковских услуг, определение видов предлагаемых банковских продуктов и их цены, выявление сильных и слабых сторон конкурентов.

Банковский маркетинг в силу его специфики представляет собой особую часть маркетинга. Это внешняя и внутренняя идеология, стратегия, тактика и политика деятельности банка, определяемая конкретной общественно-политической и экономической ситуацией. Последние изменения в банковских системах стран с развитой рыночной экономикой, реальная хозяйственная ситуация в Таджикистане привели к жизненной необходимости освоения коммерческими банками самых современных приемов и способов маркетинга. На это ориентируют универсализация банковской деятельности, выход ее за границы традиционных операций, усиление конкуренции между ними, появление у банков конкурентов в лице небанковских учреждений, отток вкладов из банков и т.д.

Содержание принципов банковского маркетинга можно сформулировать как разработку стратегии развития банка и принятие оперативных решений на основе динамики спроса и предложения, а также цен на рынке банковских услуг с целью обеспечения рентабельной работы банка. Цель банковского маркетинга - создание необходимых условий приспособления к требованиям рынка капитала, разработка системы мероприятий по изучению рынка, повышение конкурентоспособности и прибыльности.

Основными элементами системы банковского маркетинга являются: исследование рынка, разработка и реализация на этой основе рыночной стратегии.

Применение банком маркетинга характеризуется наличием в его деятельности следующих черт, являющихся сущностными признаками маркетинга:

- ориентация банка на потребности клиентов;
- применение целой совокупности инструментов рыночной политики;
- планомерная координация всех видов деятельности в сфере сбыта.

Основными задачами банковского маркетинга являются:

- прогнозирование требований покупателей к банковскому продукту;
- изучение спроса на банковский продукт;
- выпуск банковского продукта, соответствующего требованиям покупателей;
- установление конкурентоспособных цен на банковский продукт;
- повышение имиджа банка;
- повышение доли финансового рынка, контролируемого данным банком.

Для реализации этих задач необходимо задействовать определенные функции банковского маркетинга, направленные на сбор информации, проведение маркетинговых исследований, планирование деятельности по выпуску и реализации банковских продуктов, организацию рекламы и практическую реализацию банковских услуг.

Маркетинговые исследования охватывают весь процесс, начиная от поиска новых идей и видов банковских продуктов и заканчивая их использованием конечными потребителями. Поэтому исследования направлены на все виды

деятельности и сферы банковского маркетинга, и конкретно на сами банковские продукты с учетом финансовых рынков, места реализации, рекламы и т.д.

Для банковского маркетинга характерны специфические черты, отличающие его от маркетинга, лежащего в основе управления производственно-сбытовой и торговой деятельностью, а именно:

- нематериальный характер банковского продукта;

- прямой контакт с покупателем услуг, т.е. клиентом, что требует персонализации отношений на рынке банковских услуг, создает трудности в их стандартизации;

- денежный характер услуг.

Основными приемами банковского маркетинга являются способы общения с клиентом, обеспечение преимуществ клиенту при пользовании услугами данного банка по сравнению с конкурирующими кредитными организациями, управление рентабельностью услуги, система оплаты труда, заинтересовывающая работников банка в продаже максимального количества банковских продуктов.

Специфика банковского маркетинга предопределяется особенностями банковского продукта. Банковский продукт (услуга) - разнообразные действия на финансовом рынке, денежные операции, осуществляемые коммерческими банками за определенную плату по поручению и в интересах своих клиентов, а также действия, имеющие целью совершенствование и повышение эффективности банковского предпринимательства (например, совершенствование организационной структуры).

В настоящее время кредитные учреждения в странах с развитой рыночной экономикой осуществляют обслуживание физических и юридических лиц, предоставляя им свыше 300 видов различных услуг.

Важной чертой банковского продукта является его имидж. Имидж - это распространенное и достаточно устойчивое представление об отличительных либо же исключительных характеристиках продукта, придающих последнему особое своеобразие и выделяющих его из ряда аналогичных продуктов. Имидж продукта складывается под воздействием следующих факторов: имидж самого банка; качество продукта; характеристики аналогичного продукта других банков; критерии, нормы и предпочтения клиентов, пользующихся указанным продуктом.

Процесс разработки или совершенствования банковского продукта (услуги) начинается с выдвижения идеи. Объектом инновации могут являться банковский продукт (услуга), технология его реализации, программное обеспечение, а также применение известного ранее банковского продукта (услуги), технологии и программного обеспечения по новому назначению. Конструирование новых банковских продуктов, отвечающих повышенным требованиям банков и их контрагентов в доходности, ликвидности и управлении рисками, представляется на нынешнем этапе доминирующим направлением развития банковского дела с использованием банковского инжиниринга.

Главная цель банковского инжиниринга - извлечение дополнительной прибыли на базе искусного использования «белых пятен» рынка (свободных сегментов и несовершенств) посредством достижения в инновационных банковских продуктах оптимального соотношения между конкурирующими характеристиками (риском, доходностью и ликвидностью).

Банковский инжиниринг, выступая как искусство создания инновационных продуктов, расширяет возможности управления ликвидностью, рискованностью и доходностью банковских операций, обеспечивая: создание инновационных финансовых инструментов, включающих в себя инструменты потребительского типа и корпоративные ценные бумаги; создание инновационных финансовых процессов появление которых вызвано изменениями в законодательстве, либо технологическим развитием; создание инновационных решений корпоративных финансовых вопросов, финансовых стратегий, таких как стратегии отзыва облигаций.

Банковский продукт можно считать инновационным, если ему присущи следующие качественные характеристики: специально создан для управления специфическими денежными потоками и внедрен в структуру рынка впервые; присутствовал ранее на рынке, но хотя бы один из его параметров или элементов (банковский инструмент, банковский бизнес-процесс, банковская стратегия) модифицированы впервые примененным на данном рынке способом; сконструирован пакетный продукт, в котором впервые применено сочетание существовавших ранее на данном рынке банковских продуктов.

Исследования подтверждают, что гарантией результативности банковского инжиниринга служит адаптированная к условиям банковских реалий методология, предусматривающая его рассмотрение как процесса, включающего следующие этапы:

- разработка целевых задач банка, создающего инновационный банковский продукт.
- изучение рыночной ситуации: основных банковских продуктов, тенденций, предпочтений потенциальных банковских партнеров. Генерирование идей и скрининг (просмотр идей).
- разработка и тестирование концепции; оценка уровня риска для банка и контрагентов в результате внедрения инновационного банковского продукта.
- оценка системных качеств инновационного банковского продукта, включающая соответствие внешней и внутренней нормативной базе банка; оценка риска самого инновационного банковского продукта в системе действующих банковских продуктов; оценка положительных последствий от внедрения инновационного банковского продукта;
- соотношение риска, доходности, ликвидности и альтернативных издержек при выборе необходимого банковского инструментария;
- окончательный выбор банковского продукта; формирование предварительной структуры эмиссии инновационного банковского продукта в соответствии с финансовыми интересами банка-эмитента.
- встраивание инновационного банковского продукта в организационно-функциональную структуру банка;
- продажа инновационного банковского продукта контрагентам, подписание юридической документации и стартовое вхождение в жизнь нового банковского продукта;
- сопровождение инновационного банковского продукта, рыночная поддержка.

Все перечисленные этапы выполняют определенные задачи и функции, формируя методологию банковского инжиниринга, в том числе ценообразования.

Основным вопросом разработки маркетингового подхода к ценообразованию должно стать определение ценового уровня, который, по мнению потребителей, оптимально позиционирует продукт в каждом сегменте выбранного рынка. Восприятие потребителем ощущаемой ценности продукта, а также изменение этой ценности от сегмента к сегменту являются ключевым понятием в определении цены.

Развитие процессов в области ценообразования банковских услуг проходит последовательно - от инфляционного до затратного и в последнее время коммерческого ценообразования, в основе которого - учет ценности услуги и затраты банка на ее осуществление. Цена в условиях рынка проявила такие качества, с которыми банки охотно связывают свое благополучие, величину доходов, расходов. Как конъюнктурная категория, цена постоянно испытывает влияние комплекса различных факторов: политических, экономических, социальных, психологических.

Логика определения цены в ориентированной на рынок организации используется для разработки и реализации маркетингового подхода к ценообразованию в банках.

Все банки предлагают покупателю один и тот же продукт с точки зрения его базовой функциональности, причем схожим образом. Соответственно на многих рынках, в том числе банковском, наибольшее влияние начинает оказывать не сама по себе функциональная ценность, а форма ее представления.

Таким образом, помимо базовой функциональной практичности продукт обладает рядом других, «периферийных» выгод. При равных характеристиках конкурирующих продуктов они могут играть решающую роль. Второстепенные выгоды можно разделить на необходимые, связанные с особенностями предоставления основной функциональной ценности, и дополнительные. Именно периферийные услуги, как необходимые, так и дополнительные, обладают свойствами, вызывающими удовлетворение покупателя; они могут варьироваться и потому служить критериями выбора продукта потребителем.

Даже если предложения разных банков в части базовой ценности идентичны, и она не может служить обоснованием ценовой премии, остается возможность отличать себя от конкурентов с помощью других (дополнительных) услуг. Причем такое дифференцирование возможно не только на стадии покупки, но и после нее - во время использования.

Преимущества ведения сделки с конкретным банком могут быть реализованы через предоставление профессиональных услуг, простоту доступа к информации о продукте и т.д.

Преимущества отношений банка и покупателя появляются в результате создания взаимовыгодных отношений (персонализированных услуг).

Детальное исследование потребительской ценности позволяет рассматривать действия потребителя не как покупку продукта, а как решение его проблемы, что соответствует маркетинговому подходу к формированию цен на продукт.

Специфику банковского ценообразования можно проследить на примере такой услуги как кредитование клиента. При предоставлении кредита, клиенту банком могут устанавливаться различные виды тарифов, в зависимости от вида конкретной открытой операции, выраженных либо в процентах от объемов операций или услуги, либо в виде денежного вознаграждения - комиссии банка. Устанавливая цены на открытые операции при кредитовании, рассматривают:

- тариф на выдачу клиенту пакета документов, необходимых, для рассмотрения вопроса о предоставлении кредита (единовременная фиксированная величина);
- комиссию за открытие и ведение ссудного счета (фиксированная величина или процент от суммы основного долга в виде ежемесячных платежей в период пользования кредитом);
- комиссию за выдачу клиенту средств, проставленных в кредит (фиксированная величина или процент от суммы основного долга в виде единовременного платежа);
- процентную ставку за пользование кредитом.

В результате цену такого банковского продукта, как кредитование, можно определить, как в виде единого тарифа, так и в виде процентной цены.

Исследования возможностей применения концепции ценности в маркетинге и ценообразовании приводят к выводу о необходимости обоснованного подхода к формированию цены с ориентацией на ценность продукта. При этом определение цены невозможно без изучения представляющих ценность для потребителя свойств продукта и разработки системы оценок этих свойств потребителем.

**Список литературы**

1. Маренков Н.Л. Банковский маркетинг. М.: Флинта: МПСИ, 2016. 205с.
2. Петросян Т.Г. Банковский маркетинг и роль инновационных банковских продуктов в процессе формирования стратегии банка // Вестник института экономики, № 3, 2020.
3. Уткин Э.А. Банковский маркетинг. М.: ИНФРА, 2022. 251с.

# ХАВФҲО ДАР НИЗОМИ ҚАРЗДИҲИИ ИСТЕЪМОЛӢ ВА ЗАРУРАТИ БАТАНЗИМДАРОРИИ ОН

**Ҷураев Беҳзод Машрафович** – н.и.и., дотсент, сардори шуъбаи таҳлил ва ҷалби маблағгузории ФҚХ “Фонди бозтамвил”

Моҳияти «хавф»-ро ҳамчун эҳтимоли таҳдиди ҳодисаи номатлуб муайян кардан мумкин аст, ки метавонад боиси талафоти гуногуни дар фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ гардад. Хавф ҳамчун ҳодиса дар фаъолияти ҳаррӯзаи мо ҷой дорад, онро пурра нест кардан ғайриимкон аст, аммо пешгирӣ ва ё то андозае паст кардани он имконпазир аст.

Хавфҳо дар фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидорӣ, новобаста аз намуди фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, таҳлил, назорат ва ҷустуҷуи роҳҳои мувофиқи ҳалли худро дар соҳаи идоракунӣ тақозо менамояд.

Раҷабов Р.К. қайд менамоянд, ки «..хавф - ин эҳтимоли пайдо шудани зарар ва ё нагирифтани даромадҳо дар муқоиса бо варианти пешгӯишаванда мебошад» [2].

Мафҳуми «хавф» бо мафҳуми «эҳтимол» робитаи ҷудонашаванда дорад. Чунки хавф хосияти эҳтимолӣ дошта, онро пешакӣ ба таври аниқ муайян кардани фарорасии ин ё он ҳодиса имконнопазир буда, вале эҳтимол наметавонад муайянкунандаи хавф бошад.

Ҳамзамон мафҳуми «хавф» бо мафҳуми «фоида» низ аз ҳам вобастагӣ доранд. Аз ҷумла, ин алоқамандиро асосгузори иқтисодиёти класикӣ Адам Смит дар китоби худ «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» қайд намудааст: «ҳатто ба даст овардани меъёрҳои муқаррарии фоида ҳамеша бо хафви калон ё хурд алоқаманд аст» [1].

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба хавфи андозӣ ва низоми идоракунии хавфҳои андозӣ чунин қайд карда шудааст: “Хавф - эҳтимолияти пурра ё қисман иҷро нагардидани уҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз), ки метавонад боиси ворид нашудани маблағҳо ба буҷети давлатӣ гардад” [4].

Яъне хавф ин ҳодисае мебошад, ки бевосита ба фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир мерасонад ва дарёфти роҳҳои бартараф ва паст намудани он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи хоҷагидор ба ҳисоб меравад.

Хавф вобаста ба шакли фаъолияти соҳибкорӣ ва ташкилию ҳуқуқии субъекти хоҷагидорӣ гуногун буда метавонад. Аз ҷумла, дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ як қатор хавфҳое, мавҷуд ҳастанд, ки пешгирӣ ва идоракунии онҳо бевосита ба худи ташкилоти қарзӣ, ба тамоми қишрҳои ҷомеа ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсир расонида метавонад.

Масъалае, ки дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор мегирад ин хавфи қарзҳои истеъмолӣ мебошад.

Чи тавре ки қайд кардем, дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ хавфҳои гуногун мавҷуд ҳастанд, аз ҷумла:

- ✓ Хавфи пардохтпазирӣ;
- ✓ Хавфи амалиётӣ;
- ✓ Хавфи асъорӣ;
- ✓ Хавфи қарзӣ;
- ✓ Хавфи идоракунии корпоративӣ;

Дар мисоли низоми бонкии ватанӣ, бо назардошти он, ки ҳиссаи қарздиҳӣ дар таркиби амалиёти бонкӣ назаррас мебошад, хавфи асосӣ барои онҳо пеш аз ҳама хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Хавфи қарзӣ – ин эҳтимоли зиён дидани ташкилоти қарзӣ дар натиҷаи аз ҷониби қарзгиранда дар муҳлати тибқи шартномаи қарзӣ муқарраргардида, иҷро нагардидани уҳдадориҳо оид ба  қарзи гирифтааш мебошад.

Чӣ қадаре ки дар таркиби сохтори дороиҳои бонкӣ ҳиссаи маблағгузориҳои хавфнок баланд бошад, ҳамон қадар бозоргирии он пасттар мегардад.

Барои таҳлили сохтори дороиҳои бонкӣ шаклҳои гуногуни гуруҳбандии бандҳои дороиҳои бонкӣ истифода мегарданд. Дар диди умум, аз руйи моҳияти мантиқӣ ва вобаста ба дараҷаи хавф дороиҳои бонкиро чунин гуруҳбандӣ намудан мумкин аст:

1. Хазина, суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон – маблағҳои дар хазина, дар суратҳисобҳои муросилотӣ буда;
2. Маблағҳо дар ташкилотҳои қарзӣ - ҷойгиркуниҳои муҳлатнок, бақияи дар ҳисобҳои Ностро дар бонкҳои корреспондентӣ;
3. Сандуқи қарзӣ – қарзҳои додашуда, овердрафт;
4. Коғазҳои қимматноки маблағгузоришуда;
5. Воситаҳои асосӣ;
6. Дигар дороиҳо.

Дар умум дороиҳои дорои хавфи баланд дошта ин сандуқи қарзӣ, коғазҳои қимматнок ва маблағҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меараванд.

**Ҷадвали 1. Ҳиссаи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар таркиби дороиҳои низом дар маҷмуъ дар солҳои 2018-2023**

| Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои низоми бонкӣ дар солҳои 2018-2023 | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нишондиҳандаҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
| Ҳаҷми дороиҳои бонкӣ (млн.сомонӣ) | 21 201.0 | 21 975.8 | 26 307.4 | 22 414.7 | 30 030.7 | 37 679.5 |
| Суръати афзоиши дороиҳои бонкӣ (бо %) | 5.23% | 3.7% | 19.7% | -14.8% | 33.9% | 25.5% |
| Бақияи сандуқи қарзӣ (млн.сомонӣ) | 8 677.2 | 9 703.2 | 10 882.5 | 11 970.4 | 13 577.6 | 17 844.8 |
| Суръати афзоиши бақияи сандуқи қарзӣ (бо %) | 14,9% | 11.8% | 12.2% | 10.00% | 13.4% | 31.4% |
| Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои бонкӣ (бо %) | 40.93% | 44.15% | 41.37% | 53.40% | 45.21% | 47.36% |

***Сарчашма***: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php -

Маълумотҳои ҷадвал шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳаҷми дороиҳои бонкӣ дар 6 соли охир пайваста тамоюли афзоишро доранд, ба истиснои соли 2021, ки дар натиҷаи таъсири беморӣи COVID -2019 ва аз ҳисоби гаравҳои гирифташуда барои бозфурӯш ва коғазҳои қиматноки бонкҳои мушкилидошта (ҶСК “Агроинвестбонк ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”) коҳиш ёфтаанд. Ба ҳисоби миёна суръати афзоиши дороиҳои низоми бонкӣ дар давраи таҳлилшаванда 12% ташкил дода, дар соли 2023 ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 қариб 78% зиёд шудааст, ки ин нишондиҳандаи хуб мебошад.




Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ низ тамоюли афзоишро дошта, суръати миёнаи афзоиши ин нишондиҳанда дар давраи таҳлилшаванда 15,6% ташкил дода, дар соли 2023 нисбат ба соли 2018 зиёда аз 105% афзоиш ёфтааст (диаграммаи 1.). Бо боварӣ метавон гуфт, ки агар мушкилии пешомадаи бемории COVID-2019 ва бонкҳои мушкилидошта (ҶСК “Агроинвестбонк ва  ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”) ҷой намедоштанд, ин нишондиҳанда боз афзоиш меёфт.

Ҳиссаи бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии низоми бонкӣ дар таркиби дороиҳои низом дар давраи таҳлилшаванда қариб, ки ҳамасола ба таври ҷиддӣ тағйир наёфта, дар доираи 45,4%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз ба таври кофӣ бо қарздиҳӣ машғул набудани ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ин нишондиҳанда дар маҷмуъ дар низом гирифта шудааст ва ба таври алоҳидагӣ ба фаъолияти ҳар як ташкилоти қарзӣ рабт надорад. Чунки дар таҳлилҳои минбаъда мебинем, ки ҳастанд ташкилотҳои қарзие, ки бевосита фаъолона бо қарздиҳӣ машғул ҳастанд ва ҳам ҳастанд ташкилотҳои қарзии молиявие, ки навташкилбуда, дар раванди ба роҳмонии амалиёти қарздиҳӣ ҳастанд ва ё ба дигар амалиёти бонкӣ, аз қабили амалиёти асъорӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ такя мекунанд.

**Ҷадвали 2. Ҳиссаи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар таркиби дороиҳои онҳо дар алоҳидагӣ дар соли 2023**

| | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ | Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн.сомонӣ) | Сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн.сомонӣ) | Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳо (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСП "Бонки Арванд" | 1205.0 | 960.6 | 80% |
| 2 | ТАҚХ "ФИНКА" | 387.3 | 308.3 | 80% |
| 3 | ТАҚХ "Имон интернешнл" | 1894.0 | 1485.6 | 78% |
| 4 | ТАҚХ "Фурӯз" | 145.5 | 103.6 | 71% |
| 5 | ТАҚХ "Ҳумо" | 1622.2 | 1153.7 | 71% |
| 6 | ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 1175.1 | 684.2 | 58% |
| 7 | ТАҚХ "Матин" | 134.5 | 74.2 | 55% |
| 8 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 5678.3 | 3018.5 | 53% |
| 9 | ҶСК "Тавҳидбонк" | 243.6 | 129.4 | 53% |
| 10 | КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 784.8 | 389.7 | 50% |
| 11 | ҶСП "Спитаменбонк" | 1782.1 | 877.5 | 49% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 12 | ҶСП "Коммерсбонки Тоҷикистон | 1834,6 | 839,6 | 46% |
| 13 | ҶСК "Алифбонк" | 1339.8 | 532.2 | 40% |
| 14 | ҶСК "Ориёнбонк" | 5287.3 | 2008.4 | 38% |
| 15 | КВД БДА ҶТ "Амонатбонк" | 7579.3 | 1756.4 | 23% |
| 16 | ҶСП "Бонки Байналмилалии Тоҷикистон" | 2573.3 | 573.6 | 22% |
| 17 | ҶСП "Душанбе сити Бонк" | 1823.9 | 108.9 | 6% |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/

Сабаби дар фаъолияти ташкилоти қарзӣ хавфи асосӣ хавфи қарзӣ ба ҳисоб рафтанаш дар он аст, ки қисми асосии дороиҳои ташкилотҳои қарзиро маҳз сандуқи қарзӣ ташкил медиҳанд. Маълумотҳои ҷадвали 2 ин гуфтаҳоро собит месозанд.

Дар таркиби дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ зиёд будани сандуқи қарзӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳиссаи асосии дороиҳоро дороиҳои даромадоварданда ташкил дода, ташкилоти қарзӣ асосан бо қарздиҳӣ машғул аст. Ба таркиби дороиҳои даромадоваранда дохил мешаванд: қарзҳои бонкӣ, маблағҳои дар суратҳисоббуда, ҷойгиркуниҳои муҳлатнок ва ғайраҳо.

Дар навбати худ зиёд будани сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳо бевосита хавфҳои муайянеро доранд, ки аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ бомаҳорат идоракунии онҳоро тақозо менамояд. Агар сандуқи қарзӣ қолабӣ бошад, хавфе ҷой надорад, аммо дар ҳолати зиёд шудани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ бевосита хавфи барнагаштани қарзҳо зиёд мешаванд ва ташкилкунии ФПТИ боиси хароҷоти иловагӣ ба ташкилоти қарзӣ мегардад.

Нишондиҳандаи ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар тавозуни бонк имкон медиҳад, ки муайян карда шавад, ки то кадом андоза фаъолияти бонк дар самти сафарбаркунии маблағҳо дар шакли қарз ба бозори сармояи қарзӣ равона карда шудааст.

Афзоиши ин ҳисса аз болоравии муҳимияти фаъолияти бонк дар самти қарздиҳӣ ва ҳамзамон аз эҳтимолияти афзоиши хавфи қарзӣ шаҳодат дода, ифодакунандаи то чӣ андоза дороиҳои бонкӣ ба бозори қарзӣ нигаронида ва ё муттамарказонида шудаанд, мебошад. Ин нишондиҳандаро зариби таҷаммуъ (коэфициент концентрации) низ меноманд.

Чи тавре, ки аз таҳлилҳо мебинем зариби таҷаммуъ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ то ба 80% расидааст, ки ин бо паст будани сатҳи даромаднокӣ ва баланд будани сатҳи хавфҳои дигар амалиётҳои фаъол вобаста мебошад. Аммо ин на ба ҳама ташкилотҳои қарзӣ таалуқ дорад, чунки дар як қатор ташкилотҳои қарзӣ гарчанде зариби таҷаммуъ камтар аз 50% бошанд, ҳам аммо, онҳо ҷиҳати ба роҳ мондани хизматрасониҳои фосилавӣ руй ба хизматрасониҳои кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ овардаанд.

Хавфи барнагаштани қарзҳо аз намуд ва шартҳои пешниҳод қарз вобастагии калон дорад. Айни замон дар ҷумҳурӣ ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади ҷалби бештари муштариён шакл ва намудҳои гуногуни қарзҳоро бо шартҳои нисбатан осон ва дастрас пешниҳод намуда истодаанд. Аз ҷумла, шакли аз ҳама маъмули пешниҳоди қарз ин қарзҳои истеъмолӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки қарзҳои истеъмолӣ аз як тараф мушкилоти шахсони воқеиро дар шакли сарфаи вақт, ҳуҷҷатгузории кам, ҷадвали мусоиди баргардонидани қарз ва ғайраҳо ҳал менамоянд, аммо, аз тарафи дигар, ин гуна рафтор боиси фориғболӣ ва бемасъулиятии қарзгирандагон гашта, хавфи барнагаштани қарзҳоро зиёд намуда, боиси хавфи иҷтимоӣ гардида метавонад.




**Расми 1. Манфиати тарафҳо дар қарздиҳии истеъмолӣ**

Қарздиҳии истеъмолӣ барои кишвари мо як падидаи нисбатан нави бомаром рушдёбандаи соҳаи хизматрасонии бонкӣ мебошад. Барои бомаром рушд ёфтани ин намуди қарз дар ҷумҳурии мо ва дар тамоми ҷаҳон ба ҳам пайвастани манфиатҳои се тарафи дар он иштироккунанда сабаб гаштааст. (I) Аз як тараф, он сабагор шуд, ки *ташкилотҳои қарзии молиявӣ* шакли нави маҳсулотро пешниҳод намоянд, то ин ки доираи муштариёни худро васеъ намоянд. (II) Аз тарафи дигар, *ширкатҳои савдо, сохтмон* ва дигар ширкатҳо имконият пайдо менамоянд, ки бо ёрии ин маҳсулоти бонкӣ доираи харидорони эхтимолии худро, ки маблағи кифоя барои пардохти зуд ва якдафъаинаи мол ва хизматрасонӣ надоранд, зиёд намоянд. (III) Ва нихоятан, қарзи истеъмолӣ имкон фароҳам меорад, ки *талаботи аҳолиро* ҷиҳати бетаъхир ба даст овардани моли зарурӣ бе ҷамъ намудани маблағи зарурӣ, қонеъ гардонад. Ба шарофати манфиати мутақобилаи қарздиҳанда, фурӯшанда ва истеъмолкунанда, қарздиҳии истеъмолӣ ба технологияи пешбари маблағгузории харид ва хизматрасонӣ табдил ёфта, иқтидори бозорро ба таври назаррас фаррох менамояд.

Дар даҳсолаи дуюми асри XXI мавҷуд набудани заминаи кофии батанзимдарории ҳуқуқии меъёрӣ инчунин, таҷрибаи ташкилотҳои қарзии ватанӣ дар бозори навташаккулёбандаи қарзи истеъмолӣ ва ҷустуҷӯи фаъолонаи роҳҳои ҳалли масъалаи мазкур ба натиҷаҳои мусбӣ оварда расониданд, аз ҷумла: доираи ҷуғрофӣ ва шаклҳои қарзҳои истеъмолӣ пай дар пай фаррох гардида, фоизи қарзҳо паст ва шартҳои қарздиҳӣ соддагардонида шуданд.

Имрӯз зарурат ба миён омадаст, ки санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи соҳавӣ “Дар бораи қарзи истеъмолӣ” таҳия ва тасдиқ карда шавад, то ин ки тамоми паҳлуҳои нозуки масъалаи мазкурро ба танзим дарорад. Ҳадафҳои ин ҳуҷҷат ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қарзгирандагон ва қарздиҳандагон, таҳкими эътимод ба низоми бонкии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани устувории низоми молиявӣ ва фароҳам овардани шароит барои пешгирии рақобати носолим дар соҳаи қарз додан ба истеъмолкунандагон мебошад. Масъалаи аввалиндараҷа дар ин руйхат аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳимоя намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои қарзӣ, тасдиқи дуҷонибаи ҷавобгарии тарафҳо ҳангоми риоя нагардидани шартҳои шартнома, мукаммалгардонии амалиёти бюрои қарзӣ оид ба ҷамъоварии маълумот оид ба қарзгирандагон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, дар доираи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур бояд ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ меъёри муайяни ҳиссаи қарздиҳии истеъмолӣ дар сандуқи қарзӣ муқаррар карда шавад. Таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар доираи 30-50% нигоҳ дошта мешавад.

Маълумотҳои оморӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳаҷми қарздиҳии истеъмолӣ, алалхусус ба шахсони воқеӣ дар ҷумҳурӣ афзуда истодааст.

**Ҷадвали 3. Ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар солҳои 2019-2023 (млн. сомонӣ)**

| номгуъ | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давра | 7 665 | 8 904 | 11 650 | 14 382 | 18 991 |
| аз ҷумла: | | | | | |
| Бақияи қарзҳои хурди додашуда | 4 810 | 6 251 | 9 26 3 | 10 527 | 13 586 |
| аз ҷумла: | | | | | |
| **Қарзҳои истеъмолӣ** | **1 983** | **2 829** | **4 492** | **5 985** | **8 232** |
| Ҳиссаи қарзхои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бо %) | 25.9% | 31.8% | 38.6% | 41.6% | 43.3% |
| Ҳиссаи қарзхои истеъмолӣ дар таркиби қарзҳои хурди додашудаи низом (бо %) | 41.2% | 45.2% | 48.5% | 56.9% | 60.6% |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Бюлетени омори бонкӣ барои солҳои 2019-2023- https://www.nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php

Маълумотҳои ҷадвали 3 шаҳодат аз он медиҳанд, ки бозори қарздиҳӣ дар ҷумҳурӣ нигоҳ накарда ба чолишҳои сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, омилҳои беруна, бемории COVID, муфлисшавии як қатор бонкҳои ватанӣ ва ғайраҳо дар солҳои охир тамоюли бемайлони рушдро дорост. Танҳо дар соли 2023 ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ зиёда аз 18,9 млрд. сомонӣ қарз додаанд, ки ин нисбат ба соли 2019 қариб 2,5 маротиба зиёд буда, афзоиши миёнасолона дар давраи таҳлилшаванда 23,3% ташкил медиҳад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки афзоиши мунтазами қарздиҳӣ боиси таъмин гардидани иқтисодиёт бо пул гардида, ҳамчун мултипликатор барои рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад [3].

Аммо дар ҷадвали 3 нигаронкунанда он аст, ки дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи қарзҳои хурд, аз ҷумла қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби қарзҳои додашуда пайваста афзуда истодааст. Дар соли 2023 қариб 71,5% қарзҳои додашудаи низоми бонкиро қарзҳои хурд ташкил мекарданд. Танҳо соли 2023 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 13,5 млрд. сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки ин нисбат ба соли 2019 қариб 2,83 маротиба зиёд буда, суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои хурд дар давраи таҳлилшаванда 29,3% ташкил мекунад, ки он нисбат ба суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои додашуда дар маҷмуъ 6,0 банди фоизӣ зиёдтар мебошад.

Дар навбати худ, ҳиссаи асосиро дар таркиби қарзҳои хурд қарзҳои истеъмолӣ ташкил медиҳанд, ки он низ сол то сол тамоюли афзоишро дорад. Агар дар соли 2019 ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 25,9% ва дар таркиби қарзҳои хурди додашуда 41,2% ташкил карда бошад, пас дар соли 2023 ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 43,3% ва дар таркиби қарзҳои хурди додашуда 60,6%-ро ташкил намудааст. Суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои истеъмолӣ дар панҷ соли охир 43,9% ташкил медиҳад. Чунин бо суръат афзоиш ёфтани қарздиҳии истеъмолӣ ҳам паҳлуи мусбӣ ва ҳам паҳлуи манфӣ дорад.

Паҳлуҳои мусбӣ дар он аст, ки:

- ✓ Дастрасии истеъмолкунандагон ба захира ва ё манбаъҳои молиявӣ, ки дар акси ҳол барои аксари онҳо дастнорасанд, муҳайё мегардад;
- ✓ Имконияти истеъмолии аҳолиро зиёд намуда, боиси фаъол гардидани тиҷорат ва ғанӣ гардидани буҷет мегардад;
- ✓ Шартҳои соддаву осон ва фоизҳои нисбатан рақобатпазири қарзи истеъмолӣ ба истеъмолкунандагон имконияти дар доираи зарфиятҳои буҷавии худ интихоб намудани нақша ва давраҳои пардохтии мухталифро фароҳам меоранд;

- ✓ Барои ба роҳ мондани таърихи қарзии мизоҷон низ қарзҳои истеъмолӣ ҳамчун яке аз маҳсулотҳои маъмулӣ низоми бонкӣ мусоидат менамоянд.

Паҳлуҳои манфӣ дар он аст, ки:

- ✓ Пеш аз ҳама қарздиҳии истеъмолии аз ҳад зиёд метавонад ба хавфи иҷтимоӣ дар ҷомеа оварда расонад. Бо назардошти дар сатҳи кофӣ набудани маърифати молиявии аҳолӣ, онҳо бе таҳлили дақиқ ва бе назардошти даромадҳои дар оянда ба дастмеовардаашон, қарзҳои истеъмолиро мегиранд ва ҳангоми сари вақт пардохт карда натавонистани он нисбат ба низоми бонкӣ норозигӣ ба миён меояд;
- ✓ Фоизҳои гарони (баланди) қарз, ки баъзан ба сатҳи даромад ва ё буҷаи истеъмолкунандагон рост намеояд;
- ✓ Хавфи дефолт ва ё муфлисшавӣ, ки ба бад шудани таърихи қарзии истеъмолкунандагон ва ё андешидани чораҳои таъсиррасон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ нисбати истеъмолкунанда оварда мерасонад;
- ✓ Таваррум ва таҷаммуи қарзӣ, ки ба зиёд шудани хавфҳои низоми молиявӣ дар натиҷаи таъсири назарраси омилҳои макроиқтисодӣ ба буҳрон оварда мерасонад;
- ✓ Таъсири манфии пардохтҳои фоизҳои зиёд дар давраи кутоҳмуддат ва таъйини ҷаримаҳои зиёд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми батаъхир афтодани партохти қарзҳои истеъмолӣ, ки ба оқибатҳои ногувори молиявӣ оварда мерасонад.

Табиист, ки сохтори соҳавии таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии кишвар тақрибан сохтори соҳавии иқтисодиёти кишварҳоро бозгу менамояд. Бинобар ин, бо дарназардошти сохтор ва ҳолатҳои фарқкунандаи иқтисодии кишварҳои ҷаҳон, ягон меъёри ягонаи қабулшудаи ҷаҳонӣ вобаста ба қарзҳои истеъмолӣ айни ҳол вуҷуд надорад. Новобаста аз ин, бояд қайд намуд, ки дар бисёре аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон лимитҳо ва ё худ меъёрҳои хавфи таҷаммуъ вобаста ба ҳолати иқтисодӣ, устувории молиявӣ-иқтисодии кишвар ва дараҷаи хавфпазирии танзимгари соҳа (маъмулан бонкҳои марказӣ) ҳудудҳо ва ё худ лимитҳои хавфи таҷаммуъро дар соҳаҳои иқтисодиёт муайян карда, бо ин роҳ сиёсатҳои макропруденсиалии худро ҷиҳати нигоҳдошти суботи молиявӣ пеш мебаранд.

Дар аксар давлатҳои пешрафтаи Аврупо ва Америкаи Шимолӣ меъёрҳо ва ё худ ҳадди ниҳоии қарзҳо вобаста ба даромад ва ё нишондиҳандаи сарбории (гаронии) қарз муқаррар шудаанд, ки шояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имконияти ҷорӣ намудани чунин меъёрҳо фаро расида бошад. Аз ҷумла, дар Федератсияи Русия аллакай чунин меъёрҳои макропруденсиалӣ ҷорӣ буда, дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар раванди амалишавӣ қарор дорад.

Якчанд методҳои муайян намудани сатҳ ва ё меъёри имконпазири қарзҳои истеъмолӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла мустақим ва ғайримустақим тавассути фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ:

- ✓ Тавассути гузаронидани стресс-тестҳо;
- ✓ Дар асоси нишондиҳандаҳои таърихӣ ва дар муқоиса бо давлатҳои минтақа ва ҳаммонанд;
- ✓ Дар асоси нишондиҳандаҳо ва сиёсати макроиқтисодӣ;
- ✓ Дар асоси гузаронидани таҳлилҳои эмпирикӣ-сенариявӣ;
- ✓ Инчунин, дар алоҳидагӣ дар худи ташкилотҳои қарзӣ ба роҳ мондани чунин меъёрҳо мустақиман дар мувофиқа бо танзимгари соҳа.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, танзимгари соҳа Бонки миллии Тоҷикистон шояд, нисбат ба аз ҳад зиёд афзоиш ёфтани қарздиҳии истеъмолӣ нигаронӣ намуда, меъёри муайяни ҳиссаи қарздиҳии истеъмолӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзиро муқаррар намояд.

Ҳамзамон, ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба сиёсати идоракунии хавфҳо ва афзалиятҳои ба даст овардани фоидаи молиявӣ метавонанд, ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт ва тавсияҳои муаллифон ва коршиносони соҳа ба маврид истифода баранд.

**Адабиёт**


1. А. Смит Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Наука. 1993. – саҳ. 572
2. Раджабов Р.К. Финансовый менеджмент. - Душанбе: ТТУ. - 1998. – саҳ. 87
3. Ҷураев Б.М. Фаъолияти бонкӣ (китоби дарсӣ), Душанбе 2014.- саҳ. 456
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021. –саҳ. 93
5. Дастурамали №255 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ" 30 декабри соли 2022
6. https://nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php -сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон


## НАҚШИ МОЛИЯ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН


**Раҳимов М.А. н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти молияви ва андозбандӣ ДБССТ**
**Алишоев Х.Ҳ. н.и.и., дотсенти кафедраи молияи ДБССТ**


Молия ва низоми молиявӣ ҷузъи муҳими иқтисодиёти ҳар як мамлакат ба ҳисоб меравад. Вақте ки сухан дар бораи рушди иқтисодиёти Тоҷикистон меравад, нақши молия дар муайян кардани самтҳои иқтисодӣ, таъмини устуворӣ ва раванди рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон дар тӯли таърихи муосир бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуда, молия ва иқтисодиёти он ба таҳаввулоти асосии назаррас шурӯъ намуда, низоми молиявӣ дар кишвар нақши калидӣ дорад ва дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ саҳмгузор аст.

Молия дар Тоҷикистон, ки бо назардошти сатҳи рушди иқтисодии кишвар ва сабабҳои иҷтимоии он, ҳамзамон бо муқовиматҳо ва мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ таҳаввул кард, имрӯз як ҷузъи муҳим барои таъмини устувории иқтисодӣ ва рушди он ба шумор меравад. Аз замони ба даст овардани истиқлолият, иқтисодиёти Тоҷикистон зарур буд, ки баъди як давраи шадиди бӯҳрон ва ҷанги шаҳрвандӣ таҷдиди назар карда шавад. Инчунин, пас аз раванди муҳоҷират ва тағйироти сершумори геополитикӣ, молия ва сохторҳои молиявии кишвар барномаҳои ислоҳоти ҷиддиро оғоз кард.

Бо оғози солҳои 90-ум, пас аз истиқлолият, Тоҷикистон ба як марҳалаи ислоҳоти иқтисодӣ ва молиявӣ шурӯъ кард. Ҳадафи асосии ин ислоҳот таҳкими сохтори молиявӣ ва рушди бозори молия ва қарзӣ буд.

Пас аз истиқлолият, Тоҷикистон ба лоиҳаҳои ислоҳоти молиявӣ шурӯъ кард. Таҳкими сиёсати андоз, ҷорӣ кардани низоми нави андоз ва таҳияи қонунҳои молиявӣ, ки ба рушди тиҷорат ва ҷалби сармояи хориҷӣ кӯмак мекунад, аҳамияти хос дошт.

Шурӯъ намудани фаъолиятҳои бонкҳои нави хусусӣ ва давлатӣ, таъсиси бонкӣи миллӣ ва назорати молиявӣ, бо мақсади ҳифзи амонатҳои мардум ва пӯшида нигоҳ доштани устувории молиявии кишвар, яке аз иқдомоти асосии ислоҳоти молиявӣ дар солҳои 90-ум буд.

Барои рушди устувори иқтисодиёт, Тоҷикистон кӯшиш намуд, ки сармоягузориҳоро ҷалб кунад. Ҳукумати кишвар тавассути роҳҳои дипломатӣ ва шартномаҳое, ки бо ташкилотҳои байналхалқӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ба имзо расонд, захираҳои молиявии хориҷӣ ва воридоти сармояҳоро барои рушди инфрасохтор, саноат ва дигар соҳаҳо кӯшиш кард.

Молия дар рушд ва таҳкими соҳаҳои асосии иқтисоди кишвар нақши муҳим дорад. Ба хусус, дар соҳаҳои зерини иқтисод, молия ба рушди он мусоидат мекунад:

1.**Кишоварзӣ.** Кишоварзӣ як соҳаи муҳими иқтисодии Тоҷикистон мебошад, ки тақрибан 20% маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад. Молия барои рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла ба таъмин кардани қарзҳои сабук барои аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ташкилотҳои кишоварзӣ, кӯмак мекунад. Ба ҷуз аз он, кӯмакҳои молиявии хориҷӣ ва дастгирии давлат дар маблағгузории лоиҳаҳои истеҳсолии кишоварзӣ муҳим мебошанд.

**2. Саноат.** Соҳаи саноат дар Тоҷикистон, ки дар солҳои охир шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ ва мошинсозиро ба вуҷуд овард, ба як бахши асосии иқтисодии кишвар табдил ёфтааст. Молия ба рушд ва таҷдиди бунёдии корхонаҳои саноатӣ кӯмак мекунад, хусусан дар соҳаи металлургия ва дигар саноатҳое, ки барои рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ заруранд.

**3. Энергетика.** Молия ба рушди энергетика, ки барои Тоҷикистон як масъалаи стратегӣ аст, аҳамияти муҳимро доро мебошад. Аз ҷумла, ҷалби сармоя барои рушди энергетикаи гидроэлектрикӣ, ба хусус иншооти гидроэлектрии бузург, ба Тоҷикистон кӯмак кардааст, ки бо истифода аз захираҳои обии худ истеҳсоли энергияро афзоиш диҳад. Молия ва сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи энергетика муфид барои таъмини истихроҷ ва истеъмоли барқи дохилӣ мебошад.

**4. Нақлиёт ва инфрасохтор.** Барқарор кардани инфрасохтори нақлиёт ва роҳҳо дар Тоҷикистон муҳим аст, чунки он иқтисоди кишварро бо минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мепайвандад. Молия ва сармоягузорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва иншооти марбут ба нақлиёт як қисми муҳими рушди инфрасохтор дар Тоҷикистон мебошад.

Молия ва идораи дуруст ва самараноки буҷет дар Тоҷикистон барои таъмини субот ва амният дар иқтисод аҳамияти калидӣ дорад. Ҳукумати Тоҷикистон барои таъмин кардани молия ва истифодабарии дурусти захираҳо дар соҳаҳои муҳими кишвар, махсусан дар буҷети давлатӣ ва рушди иҷтимоии мардум, эътибори хоса додааст. Таъсири молия дар иҷрои барномаҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва иҷрои қонунҳо ва қарорҳои давлатӣ низ номусоид аст.

Молия ва ислоҳоти молиявӣ дар Тоҷикистон барои таҳкими иқтисод ва рушди соҳаҳои гуногуни кишвар нақши муҳим бозидааст. Молия барои ҷалби сармояи хориҷӣ, барқарор кардани инфрасохтор ва рушди соҳибкорӣ кӯмак кардааст.

Молия дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон нақши хеле муҳим дорад. Барномаҳои молиявӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ, ки бо кӯмак ва ҳамкориҳои байналмилалӣ роҳандозӣ шудаанд, барои рушди иқтисоди кишвар ва таъмини субот мусоидат карданд. Бо вуҷуди мушкилоти ҷиддӣ, нақши молия ва бозори молиявӣ дар Тоҷикистон барои рушди соҳаҳои мухталиф ва таъмини манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ муҳим мебошад. Дар оянда, бо давом ёфтани ислоҳот ва баланд бардоштани самаранокии молия, Тоҷикистон метавонад ба рушди устувори иқтисодӣ ноил шавад.

Барои муайян намудани рушди иқтисодӣ ва вазъи молиявии мамлакат нишондиҳандаҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз соли 2015 то 2023 дар ҷадвали рақами 1 нишон медиҳем.

**Ҷадвали 1. Нишондодҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015-2022)**

| Сол | Рушди ММД ( %) | ММД (млн сомонӣ) | Буҷет (млн сомонӣ) | Даромадҳо (миллион сомонӣ) | Хароҷотҳо (миллион сомонӣ) | Қарзи давлатӣ нисбат ба ММД (%) | Ҳаҷми сармоягузорӣ (миллион сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 6,5 % | 6031,7 | 32863,9 | 16586,5 | 16277,4 | 33.9 | 9749,9 |
| 2016 | 6,03 % | 6336,3 | 36778,1 | 18483,8 | 18294,3 | 35.3 | 11179,7 |
| 2017 | 6,93% | 7291,4 | 45571,5 | 23307,3 | 22264,2 | 50.4 | 11371,6 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2018 | 7,13% | 7870,2 | 48284,6 | 24097,2 | 24187,4 | 47.9 | 13361,0 |
| 2019 | 7,6 % | 8580,1 | 47297 | 23490,4 | 23806,6 | | 12517,8 |
| 2020 | 7,4% | 8922,2 | 49877,5 | 25065,0 | 24812,5 | 47.77 | 11775,5 |
| 2021 | 9,4% | 10312,0 | 59396,5 | 30053,8 | 29342,7 | 53.67 | 15124,9 |
| 2022 | 8% | 11808,0 | 71395,7 | 36056,8 | 35338,9 | 34.6 | 16655,2 |

*Муаллиф бо истифода аз омори солонаи ҶТ. 2023.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвал бароmeянд, ки рушди иқтисодӣ ва вазъи молиявии мамлакат сол аз сол ру ба болоравӣ майл дорад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакат стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 қабул шудаст ва ин нишондиҳанда гувоҳи таъмин ва расидан ба ҳадафҳои миллиро инъикос менмояд. Масалан яке аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки ММД ном дорад аз 6031,7 млн сомонии соли 2015 то 11808,0 млн сомонӣ дар соли 2022 зиёд шудааст.

Ин нишондиҳандаҳоро дар шакли диаграмма чунин тасвир намудан мумкин аст:




Қайд намудан ба маврид аст, ки мавқеи молия дар рушди иқтисодииёт хело бузург буда барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта ва пешгирии мушкилоти он нақши калидӣ дорад.

Иқтисоди бозорӣ бо тамоми навъҳои гуногуни моделҳои худ, ки дар амалияи ҷаҳонӣ маълум аст, аз он иборат аст, ки он хоҷагии ба иҷтимоиёт равона карда шуда буда, бо танзими давлатии иқтисодӣ пурра карда мешавад. Нақши муҳимро ҳам дар худи сохтори муносибатҳои бозорӣ ва ҳам дар механизми танзими он аз тарафи давлат молия иҷро менамояд. Онҳо қисми таркибии муносибатҳои бозорӣ ва дар айни замон воситаи муҳими амалӣ гардондани сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар шароити имрӯза мусаллам аст, ки моҳияти молияро дурустар ва хусусиятҳои фаъолияти онҳоро чуқур дарк намуда роҳҳои пурратар истифода бурдани онҳоро ба манфиати тараққиёти пурсамари истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва нақши он дар ҷомеа аҳамияти махсус дихем.

Роҷеъ ба ин, дар шароити дигаргуниҳои босуръати муносибатҳои иктисодӣ, муносибатҳои нави молиявиро ҳамчун категорияи иқтисодӣ ташаккул додан зарур аст, ки ин имкон медиҳад тавсияҳои амалии ҳавасмандгардонии тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро ба роҳ монад.

Иқтисодиёти ҳар як давлат ба қонунҳои муайян итоат мекунад ва дар асоси онҳо инкишоф меёбад. Дар ҷаҳони муосир ҳар як давлат ба шарофати низоми андози

молиявӣ, иқтисоди миллӣ ва низоми пулию қарзӣ равандҳои иқтисоди бозорӣ назорат мекунад.

Дар раванди тезу тунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҷалби сармояи хориҷӣ, саноатикунонии босуръати иқтисодиёт, таъмини ҳаёти солим ва шоиста, истиқлолияти энергетикӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии одамон ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз мақсадҳои умумии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Яке аз мақсадҳои асосии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, боло бурдани сатҳи зиндагии ахолӣ ва таъмин намудани зиндагии осоишта мебошад. Дар асоси гуфтаҳои боло ҳаминро қайд намуданӣ ҳастам, ки ҳамасола бо дастгирӣ ва сиёсати хирадмандонаи сарвари давлат баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ, яъне соҳаи иҷтимоии ҷомеа ба назар мерасад. Албатта ба инҳо шомил мешаванд, нафақа, идрорпулӣ, музди меҳнати коргарон ва хизматчиёни давлатӣ ва дигар соҳаҳо ба ҳисоб меравад. Яъне аз 20 то 40 фоиз боло рафтани он сатҳи иқтисодии ҷомеаро андаке ҳам бошад боло мебарад. Ҳамаи ин аз таҳким ва дуруст ба роҳ мондани низоми молиявии кишвар вобастагии зиёд дорад. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки дар раванди пешбурди муносибатҳои иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дуруст ба роҳ мондани низоми молиявии кишвар аз тарафи давлат ва ҳукумат мебошад.

## ТАҲДИДҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХАТАРҲОИ МОЛИЯВӢ

**Ҷобиров Д.М. асисстенти кафедраи молия, ДБССТ.**

Бо назардошти вазъи кунунии иқтисодию сиёсӣ яке аз шартҳои муҳимтарини таъмини рушди устувори корхона ва ташаккули натиҷаҳои баландтарини ниҳоии фаъолияти молиявии он мавҷудияти низоми босамари бехатарии молиявӣ буда, мундариҷаи онро тахия ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои молиявӣ аз таҳдидҳои дохилию берунӣ ташкил медиҳад. Таҳдидҳо ба манфиатҳои молиявӣ дар тамоми давраҳои рушди он омили объективӣ ва ба таври доимӣ амалкунанда (таъсиррасонанда) мебошанд. Аз ин рӯ, талаб карда мешавад, ки менеҷер оид ба молия чунин таҳдидҳоро ба ҳисоб гирифта, ба онҳо диққати махсус диҳад. Дар шароити иқтисоди давраи гузариш ва такмилдиҳии муносибатҳои бозорӣ бо назардошти ноустувории баланди омилҳои дохилию берунии муҳити амал намудани субъектҳои хоҷагидорӣ ва татбиқи сиёсати молиявии барқасдона (агрессивӣ) аз ҷониби аксари иштирокчиёни муносибатҳои молиявии он муҳим будани ташкили низоми бехатарии молиявии корхона воқеан афзун гардид.

Хатари молиявии корхона – ин натиҷаи аз ҷониби соҳибмулк ё менеҷерҳо интихоб намудани қарори алтернативии молиявӣ мебошад, ки ҷиҳати ноил гардидан ба натиҷаи дилхоҳи мақсадноки фаъолияти молиявӣ ҳангоми эҳтимолияти дидани зарари иқтисодӣ (талафоти молиявӣ) бо сабаби номуаянии шароити татбиқи он равона мегардад[2].

Хатарҳои молиявиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд, ки онҳоро дар расм дидан мумкин аст.

**Расми 1.**



Аслан дар гурӯҳи хатарҳои молиявӣ мо фаҳмишҳои нодурусро истифода мебарем. Аслан мақолаи мазкур албата аз камбудиҳо холи нест вале мақсади асосии мо дуруст ҷудо намудани гурӯҳи хатарҳо молиявии корхона мебошад.

Хатарҳои корхлона чи тавре, ки дар расми мазкур оварда шудааст ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд.

1. Дохилӣ.
2. Берунӣ.

Хатарҳои дохилии корхона он хатарҳои дохел мешавад, пешгири карданашон вобастааст ба дохили корхона кормандон, вале муҳити беруна ин аслан омилҳое вобастааст, ки аз берун таъсир мерасонад.

Хатари молиявии корхона тавсифи асосии зеринро инъикос мекунад:

*1. Хосияти иқтисодӣ.* Хатари молиявӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодии корхона ба вуҷуд омада, бевосита бо ташаккули даромадҳо алоқаманд аст ва талафоти имконпазири (эҳтимоли) иқтисодии онро дар раванди амалӣ намудани фаъолияти молиявӣ тавсиф мекунад. Бо назардошти шаклҳои иқтисодии зоҳир гардидани худ хатари молиявӣ ҳамчун категорияи иқтисодие тавсиф карда мешавад, ки дар низоми категорияҳои иқтисодӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, бо иҷро гардидани раванди хоҷагидорӣ вобаста мебошад.

*2. Зоҳиргардии объективӣ (воқеӣ).* Хатари молиявӣ дар амал намудани дилхоҳ корхона зуҳурот ё падидаи объективӣ (воқеӣ) мебошад. Он амалан бо тамоми намудҳои амалиётҳои молиявӣ ва ҳамаи самтҳои фаъолияти молиявии корхона якҷоя рӯй медиҳад. Хатар ба ҳар як қарори молиявии бо мунтазиршавии даромадҳо (интизоргардӣ) алоқаманд хос аст, новобаста аз он, ки чунин вазъиятро менеҷери молиявӣ дарк мекунад (бохабар ҳаст) ё не. Ҳатто агар қабули қарори молиявии хатарнок хусусияти субъективӣ дошта бошад ҳам, хосияти иқтисодии пайдоиши хатар бетағйир мемонад. Ин эътироф намудани (дарк кардани) хатарро дар раванди амалӣ гардонидани фаъолияти молиявӣ муайян месозад.

*3. Амал кардан дар шароити интихоб.* Чунин амал дар ҳолати хатарнок ё номуайян будани шароит танҳо ҳангоми мавҷуд будани гунаҳои (вариантҳои) ин интихоб аз ҷониби менеҷери молиявӣ иҷро карда мешавад. Дар чунин шарҳи худ хатар ҳам дар марҳалаи интихоби (қабули) қарор ва ҳам дар марҳалаи татбиқи он зоҳир мегардад. Ҳамчун амал кардан дар шароити интихоб хатари молиявӣ тарзи амалан бартараф сохтани номутобиқатӣ дар рушди вазъияти имконпазири иҷро намудани фаъолияти молиявии минбаъда мебошад. Ба таври дигар, хатари молиявӣ ин на танҳо инъикоси шароити хатарнок (шароити хатар ё номуайянӣ), балки амали мешаххаси субъекти қарорқабулкунанда мебошад, ки дар шароити интихоби ногузир (ҳатмӣ) барои амалан баромадан аз ин вазъият равона мегардад.

*4. Алтернативӣ будани интихоб (интихоби яке аз ду ҳолати имконпазир).* Хатари молиявӣ зарурати интихоби яке аз ду ҳолати имконпазири амали менеҷери молиявиро дар назар дорад. Ҳангоми тамоми намуди шароити хатар ё номуайянӣ ба ҳадди камтарин ду ҳолати имконпазири интихоб вуҷуд дорад: якум, пазируфтани хатари молиявӣ (ба худ қабул намудан) ва дуюм, напазируфтани он (қабул накардан). Дар таҷрибаи воқеӣ чунин алтернатив хеле зиёд аст ва вобаста аз мазмуни муайяни шароити хатар ё номуайянӣ ин алтернативаҳо ҳамчун дараҷаи гуногуни мураккабӣ ва усулҳои интихоб тавсиф карда мешаванд. Дар як маврид амали алтернативӣ дар асоси таҷрибаи гузашта, дар дигар маврид бо тарҳрезии (амсиласозии) вазъияти рушди рӯйдод дар оянда, дар мавриди сеюм танҳо бо фаҳмиши менеҷери молиявии қабулкунандаи қарор (интуиция – дарки бевоситаи ҳақиқат бе мадади таҷрибаи илмӣ ва хулосаи мантиқӣ) амалӣ гардонида мешавад. Дар ҷое, ки алтернативаи интихоб набошад, худи мафҳуми хатари молиявӣ низ вуҷуд надорад.

*5. Амали мақсаднок.* Хатари молиявӣ доимо вобаста ба мақсади мушаххас, ки барои ноилгардӣ равона гардидааст, баҳо дода мешавад. Одатан, чунин мақсад гирифтани маблағи муайяни (ё сатҳи) даромад дар натиҷаи амалӣ гардонидани баъзе амалиёти молиявӣ ё дар маҷмуъ фаъолияти молиявӣ мебошад. Вобаста ба ин муносибат (ақида) хатари молиявӣ имконияти ноил нагардидан ба мақсади ин ё он қарори идоракунӣ дар натиҷаи мавҷудияти объективии номуайянии шароити амалисозии фаъолияти молиявӣ дар оянда баррасӣ карда мешавад. Маҳз имконияти мувофиқ наомадани натиҷаи молиявии бадастоварда бо нишондиҳандаҳои мақсадноки пешбинигардидаи он нишондиҳандаи моҳияти хатари молиявӣ мебошад. Бидуни чунин нишондиҳандаи мақсаднок хатари молиявӣ ҳамчун таъсир мазмун надорад.

*6. Эҳтимолияти ноил гардидан ба мақсад.* Мавҷудияти эҳтимолияти аз мақсад дур шудан хусусияти хатари молиявӣ буда, мундариҷаи онро инъикос мекунад. Аз ин рӯ, дар шароити хатар миқдоран ба ҳам баробар кардани чунин эҳтимолият моҳиятан аз шароити номуайянӣ тафовут дорад. Шароити хатар ҳамчун маҷмӯи гунаҳои (вариантҳои) амалигардонии фаъолияти молиявӣ шарҳ дода мешавад, ки дар он имкони объективии миқдоран баҳо додани эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаи мақсаднок вуҷуд дорад. Дар фарқият аз онҳо, шароити номуайянӣ ҳамчун маҷмӯи гунаҳои имкониятҳои ояндаи иҷрои фаъолияти молиявӣ баҳо дода мешавад, ки дар он эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаи мақсаднокро миқдоран чен кардан номумкин аст. Дар баробари ин, менеҷери молиявӣ ҳамчун қабулкунандаи қарори хатарнок дар шароити номуайянӣ бовар дорад, ки эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаи мақсаднок вуҷуд дорад, вагарна ҳатари молиявӣ ҳамчун амали он мазмуни худро гум мекунад.

*7. Номуайянии оқибатҳо (натиҷаҳо).* Ин тавсифи хатари молиявӣ имконнопазирии натиҷаҳои миқдории молиявиро (дар навбати аввал, сердаромадии амалиётҳои молиявии анҷомдодашаванда) дар раванди қабули қарорҳои молиявӣ муайян (муқаррар) менамояд. Оқибатҳои амали менеҷери молиявӣ, ки бо хатари молиявӣ алоқаманд аст, метавонад нисбат ба натиҷаҳои мақсаднок тамоюли ҳам мусбат ва ҳам манфиро дошта бошанд. Аз ин рӯ, сатҳи натиҷанокии амалиётҳои молиявӣ вобаста аз намуд ва сатҳи хатар дар доираи то ҳадди зарурӣ шояд пасту баланд (нисбат ба аҳамияти мақсадноки он) гарданд. Чунин номуайянии оқибатҳои хатари молиявӣ ҳам дар шароити номуайянӣ ва ҳам дар шароити хатар зоҳир мегардад.

*8. Оқибатҳои интизоршавандаи номувофиқ.* Чи хеле, ки дар боло қайд намудем, оқибатҳои хатари молиявӣ ҳам ба сифати натиҷаҳои мусбат ва ҳам ба сифати натиҷаҳои манфии фаъолияти молиявӣ шарҳ дода мешавад. Чунин зарари иқтисодиро дар раванди татбиқи хатари молиявӣ дар шаклҳои гуногун – талафоти фоида, даромад, як қисм ва ё тамоми маблағи сармояи корхона қабул намудан мумкин аст. Дар амалияи молиявӣ ин зарари иқтисодӣ доимо бо ифодаи пулӣ баҳо дода мешавад.

*9. Серҳаракатии сатҳ.* Сатҳи хатари молиявии ба ин ва дигар амалиёти молиявӣ ва ё намуди муайяни фаъолияти молиявии корхона хосбуда тағйирёбанда мебошад. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки баробари вақт он ба таври қатъӣ, яъне вобаста аз давомнокии иҷроиши амалиёти молиявӣ тағйир меёбад. Омили вақт ба сатҳи хатари молиявии дар интихоби яке аз шаклҳои имконпазири гузоштани сармоя, эҳтимолияти (имконияти) афзоиши суръати таваррум, номуайянии ҳаракати меъёри фоизи қарзӣ дар бозори молиявӣ ва монанди инҳо намоёншаванда таъсири мустақилона мерасонад.

*10. Субъективӣ (махсус ё ғаразнок) будани баҳодиҳӣ.* Навобаста аз табиати объективии хатари молиявӣ ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ баҳодиҳӣ ё арзёбии сатҳи

хатари молиявӣ хусусияти субъективӣ дорад. Чунин субъективӣ будан, яъне нобаробар будани аҳамияти баҳодиҳии объективии зуҳуроти мазкур субъектҳои гуногуни анҷомдиҳандаи ин баҳодиҳӣ сатҳи гуногуни мукаммалӣ (пуррагӣ) ва саҳеҳии манбаи иттилоотӣ, таснифоти менеҷерҳои молиявӣ, таҷрибаи онҳо дар соҳаи идоракунии хатар ва дигар омилҳоро муайян мекунанд[1].




**Расми 2. Шарҳи асосии моҳияти хатари молиявии корхона ҳамчун объекти идоракунӣ**

Хатари молиявии корхона дар шаклҳои гуногун тавсиф карда мешавад. Бо мақсади омода сохтан ва татбиқ намудани қарорҳои самараноки идоракунӣ таснифот ё гурӯҳбандии муайян талаб карда мешавад. Дар таркиби аломатҳои асосии таснифоти хатарҳои молиявии корхона инҳоро ҷудо мекунанд:

1) сарчашмаи пайдоиши хатар;
2) намуди хатари молиявӣ;
3) объекти тавсифшавандаи баҳодиҳии хатар;
4) маҷмӯи воситаҳои тадқиқшаванда;
5) комплексӣ (маҷмӯи ҳодисаҳо) будани хатари молиявӣ;
6) хусусияти имконпазир (табиати эҳтимолӣ)-и оқибатҳои хатар;
7) хусусияти пайдоиши хатар дар вақт;
8) сатҳи эҳтимолияти татбиқи хатар;
9) сатҳи имконпазири талафоти молиявӣ мувофиқи хатар;
10) имконияти пешбинии хатар;
11) имконияти суғуртакунии хатар[8].

Таснифоти хатари молиявии корхона аз нуқтаи назари аломатҳои таснифшавандаи пешниҳодгардида дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

**Ҷадвали 1.**

| **Намудҳои хатарҳои молиявӣ** | |
|---|---|
| **Мунтазам (бозорӣ)** | **Номунтазам (махсус)** |
| • Хатари фоизӣ<br>• Хатари асъорӣ<br>• Хатари нархӣ | • Хатари пастшавии устувории молиявӣ<br>• Хатари пардохтнопазирӣ<br>• Хатари қарзӣ<br>• Хатари сармоягузорӣ<br>• Хатари инноватсионӣ<br>• Хатари амонатӣ (депозитӣ)<br>• Дигар намудҳои хатар |

• ***Хатари фоизӣ*** аз тағйирёбии тасодуфии меъёри фоиз дар бозори молиявӣ (ҳам амонатӣ ва ҳам қарзӣ) иборат аст. Сабабҳои пайдоиши ин намуди хатари молиявӣ инҳоанд: тағйирёбии вазъи бозори молиявӣ таҳти таъсири батанзимдарории давлатӣ; афзоиш ё камшавии пешниҳоди захираҳои пулии озод ва дигар омилҳо. Оқибатҳои манфии молиявии ин намуди хатар дар фаъолияти эмиссионии корхона (ҳангоми интишори ҳам саҳмия ва ҳам вомбарг), инчунин дар сиёсати дивидендии он, дар сармоягузории кӯтоҳмуҳлати молиявӣ ва баъзе дигар амалиётҳои молиявӣ зоҳир мегардад.

• ***Хатари асъорӣ*** ба он корхонаҳое хос аст, ки пешбарандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (воридкунандаи ашёи хом, масолеҳ ва ашёи хоми нимсохт, содиркунандаи маҳсулоти тайёр) мебошанд. Он ҳангоми дар натиҷаи таъсири бевоситаи тағйирёбии қурби мубодилаи асъори хориҷии дар амалиётҳои иқтисодии хориҷӣ истифодашаванда камтар ё ба таври нопурра гирифтани даромадҳои пешбинигардида, инчунин дар селаҳои пулии интизоршаванда аз ин амалиётҳо зоҳир мегардад. Бинобар ин, корхонаи содиркунандаи ашёи хом ва масолеҳ аз афзоиши қурби мубодилаи ба асъори хориҷӣ мувофиқ нисбат ба асъори миллӣ зарар мебинад. Пастшавии ин қурб талафоти молиявии корхонаро ҳангоми содироти маҳсулоти тайёр муайян мекунад.

• ***Хатари нархӣ.*** Ин намуди хатар аз эҳтимолияти дидани талафоти молиявии бо тағйироти номувофиқи намоя (индекс)-ҳои нарх барои дороиҳои даргардишбудаи бозори молиявӣ алоқаманд иборат аст. Ба сифати чунин дороиҳо саҳмияҳо, қоғазҳои қиматнок, тилло ва ғайра баромад карда метавонанд[5].

Раванди идоракунии хатари молиявии корхона дар асоси механизми муайян амалӣ гардонида мешавад. Механизми идоракунии хатари молиявӣ маҷмӯи унсурҳои асосии таъсиррасонӣ ба раванди таҳия ва татбиқи қарорҳои хатарнок дар соҳаи фаъолияти молиявии корхона мебошад.

Хатари молиявии корхона яке аз унсурҳои идоракуни ба шумор рафта дар рафти идоракунии корхона ба танзим дароварда мешаванд. Хатарҳои молиявирол то ҳади имкон метавонад пешгӯи кард метавон пешгири кард, ва метавон раванди хатаро пешгири кунем.

Тамоми ин гуфтаҳо танҳо бо роҳи банақшагирии дурусти корхона ва қабули қарорҳои дурусти менеҷерион он вобаста бошад.

**АДАБИЁТ**

1. Балдин К. В. Управление рисками / К. В. Балдин, С. Н. Воробьев. - М.: Юнити, 2005. - 511 с.
2. Балдин К. В. Риск-менеджмент/ К. В. Балдин. - Москва: Эксмо, 2006.– 364 с.
3. Бланк И.А.,Управление финансовыми рисками.–К:Ника-Центр,2005.–600 с.
4. Воеводина Н.В.,Управление финансовыми рисками, Владивосток, 2001,93 с.
5. Финансовая среда предпринимательства и предпринимательские риски: Учебное пособие. – М.: ИНФРА-М, 2012. – 208 с.
6. Хоминич И.П., Управление финансовыми рисками: учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / под ред. И. П. Хоминич, И. В. Пещанской. – М.: Издательство Юрайт, 2017. – 345 с. – Серия: Бакалавр и магистр. Академический курс.
7. Чекулаев М. В. Риск - менеджмент: Упр. финансовыми рисками на основе анализа волатильности / М.В. Чекулаев. - М.: Альпина Паблишер, 2002 - 343 с.

## НАҚШИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ ВА НАЗОРАТИ МОЛИЯВӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ЭКОЛОГИИ МАМЛАКАТ

**Раҷабзода Ҳ.Ҷ. -унвонҷӯи АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**.

Инкишофу равнақи тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла экологияро бе аудит тасаввур кардан ғайри имкон мебошад. Назорат яке аз қисмҳои муҳими идоракунӣ ба шумор меравад ва ин пай дар пай санҷидани фармонҳои Ҳукумат, қонунҳо ва қарорҳои ташкилотҳои роҳбарикунанда, иҷрои нақшаи ба зимма доштаи шахсони

ҳуқуқӣ мебошад, ки барои пешгирии интизомвайронкуниҳо ва ё ба даст овардани даромади муфт (беасос) дар ҳамаи соҳаҳо гузаронида мешавад. Назорати молиявӣ-ин назорати маблағҳои пулӣ мебошад, ва аз ин рӯ ин намуди назорат нисбати дигар намудҳои назорат дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷой дорад ва дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ гузаронда мешавад [2].

Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки аудити самаранокӣ ва назорати молиявӣ дар раванди фаъолияти субъектони хоҷагидоре, ки дар бахши муҳити зист фаъолият менамоянд, аз манфиат холӣ нест.

Назорати молиявӣ- ин назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи органҳои давлатӣ ва муассисаҳои махсусгардонидашуда мебошад, ки аз болои фаъолияти ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ бо усулҳои махсус гузаронида мешавад. Низоми назорати молиявӣ аз чунин элементҳо иборат мебошад:

- субъекти назоратӣ (мақомоти назоратӣ);
- объекти назоратӣ (субъекти хазинадорие, ки он назорат карда мешавад);
- предмети назорат;
- принсипҳои назорат;
- усулҳои назорат;
- техника ва технологияи назорат;
- ҷараёни назорат;
- ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои ибтидоӣ барои амалӣ гардонидани назорат;
- натиҷаи назорат ва хароҷотҳо барои амалӣ гардонидани назорат;
- қабули қарорҳо оид ба натиҷаҳои назорат[4].

Назорати молиявиро мақомоти ҳокимиятҳо ва идораҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Хазинадории марказӣ ва шӯъбаҳои он, мақомоти молиявии ҳокимиятҳои маҳаллӣ, моликони асосӣ ва моликони дигар мегузаронанд.

Барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда, мақомоти назорати молиявӣ хуқуқ доранд, ки тафтишот ва санҷишҳоро доир ба самарабахш истифода бурдани маблағҳо ва назорати амволи давлатиро дар ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ, инчунин муассисаҳои самти муҳити зист ва экология ташкил намоянд.

Ваколатҳои назорати молиявӣ нисбат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳаллаҳо, шахсони воқеӣ ва хуқуқӣ новобаста ба шакли моликият, агар онҳо маблағҳоро аз буҷети давлатӣ гирифта бошанд, ба воситаи суратҳисобҳо гузаронида бошанд ва ё истифода бурда бошанд, моликияти давлатиро истифода бурда бошанд, назорати молиявӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

Тафтиш на зиёда аз як маротиба дар ду сол ва санҷишҳои мавҷуда мутобиқи нақшаи солонаи тасдиқгардида дар маҳалли ҷойгиршавии объекти тафтишшаванда, дар асоси фармони роҳбарияти мақомоти назорати молиявӣ, дар бораи гузаронидани тафтишот ё санҷиш сар карда ва ба анҷом расонида мешавад [5].

Мавриди зикр аст, ки предмети назоратро фонди музди меҳнат, ҳосилнокии меҳнат, шумораи коргарон, воситаҳои асосӣ, қарзҳо, фондҳои иқтисодии ҳавасмандгардонӣ, фоида ва даромад, ҳиссаҷудокуниҳо аз буҷет ташкил медиҳанд ва назорати молиявии предметҳои мазкур дар асоси принсипҳою қонуниятҳо, ҳаққоният, мустақиллият ва ошкорбаёнӣ ба роҳ монда мешавад. Назорати молиявӣ ба стандартҳои корҳои назоратию тафтишотие, ки дар ташкилоту муассисаҳои байналмилалӣ истифода бурда мешаванд, ташкил ва гузаронда мешаванд.

Усулҳои назорати молиявӣ дар қонунгузориҳои назорати молиявӣ муайян карда шудааст ва ин қонунҳо бояд аз ҷониби субъектҳои назоратӣ риоя карда

шаванд. Роҳбарони объектҳои тафтишшаванда вазифадор мебошанд, ки барои фаъолияти тафтишгарон, ки тафтиш ё санҷиш мегузаронанд, шароити дуруст мусоид фароҳам оваранд ва барои онҳо бино, воситаҳои алоқа, компютер ҷудо кунанд ва иҷрои ин корҳоро вобаста ба қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд. Ҷараёни назорат – ин фаъолияти субъктҳои назоратӣ мебошад, ки барои ноил гаштан ба мақсадҳои самаранок равона карда мешаванд [2].

Ҳамаи мақомотҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, БМТ, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин субъектони хоҷагидоре, ки дар бахши экология фаъолият менамоянд ва дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки вобаста ба дархости мақомоти назорати молиявӣ оид ба тафтишоту санҷишҳои гузаронидаистода иттилооти зарурирo пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки рад намудан ва саркашии шахсони мансабдор ва алоҳидаи мақомотҳои дар боло зикргардида, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз пешниҳоди саривақтии иттилоот ё ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо дархости мақомоти назорат, ҳамчунин дидаю дониста пешниҳод намудани иттилооти бардуруғ, мутобиқи қонунгузориҳои ҷумҳурӣ боиси ба ҷавобгарӣ кашидани роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо мегардад[2].

Тафтишҳои комплексӣ ва санҷишҳои мавзӯӣ мутобиқи нақшаҳои тасдиқгардида, дар мавқеи ҷойгиршавии объекти тафтишшаванда ташкил ва ба анҷом расонда мешаванд. Оид ба натиҷаҳои тафтиш ва санҷишҳои гузаронидашуда санад (акт) таҳия мегардад, ки дар он асос, мақсад, мавзӯъ, объекти тафтишшаванда, номгӯи ҳуҷҷатҳои омӯхташуда, номгӯи ҳуҷҷатҳои дастраснагардида, маълумот оид ба норасоиҳо, зиён ва инчунин тавсияҳо оид ба андешидани тадбирҳо баҳри рафъи камбудиҳои ошкоргардида дарҷ карда мешаванд.

Дар сурати ошкор намудани дуздии маблағҳо ё молу мулки давлатӣ, ҳангоми гузаронидани тафтиш ё санҷиш, инчунин дигар пешниҳодҳои ҷиноятӣ ва суистифода, дар давоми панҷ рӯзи пас аз баррасии онҳо, маводи тафтиш ё санҷиш ҷиҳати баррасии минбаъда ва қабули қарорҳо нисбати онҳо ба мақомоти прокуратура ирсол карда мешаванд. Пешниҳодот ва нишондодҳои хаттии назорати молиявӣ бояд дар мӯҳлатҳои дар он зикргардида ва ё агар ин мӯҳлатҳо зикр нашуда бошанд, он гоҳ дар давоми 20 – рӯз бояд камбудиҳои нишондодашуда ислоҳ карда шаванд. Ташкилот ва муассисаҳое, ки нишондодҳои хаттӣ гирифтаанд, бояд оиди тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати рафъи камбудиҳои дар онҳо зикргардида иттилоот диҳанд [4].

Ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби пешниҳодот ва нишондодҳои назоратӣ дар ин бора мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, барои андешидани чораҳои дахлдор ба мақомоти прокуратура иттилооти лозимӣ фиристода мешаванд.

Мо чунин мешуморем, ки дар ҳолате, назорати молиявӣ чораҳои мазкурро исифода бурда, зарарҳои молиявиро ошкор ва барқарор менамояд, самаранокии он муайян гардида, рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии мамлакат тамоюли мусбӣ касб менамояд [3].

Ҳамин тавр, назорати молиявӣ – ин на танҳо тафтиши дуруст бурдани ҳуҷҷатҳои молиявӣ, риояи қонунгузориҳои хоҷагидории молиявӣ ва муайян намудани қонуншиканиҳои низоми молиявӣ, бонкӣ, балки идораи рафти молиявӣ ва ба воситаи он, баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравад.

Барои амалӣ гардонидани назорати молиявӣ мақомотҳои махсуси назораткунанда тартиб дода мешавад, ки бо мутахассисони баландихтисос пурра таъмин карда шудаанд. Ҳуқуқ, салоҳият, масъулият ва вобастагии онҳо ҷиддӣ ба низом дароварда шудааст, ҳатто бо тартиби қонунгузорӣ.

Назорати молиявӣ ҳамчун қисми асосии назорат, бо алоқамандии истифодабарии мафҳумҳои арзишӣ, дорои соҳаи муайяни қабул ва самти мувофиқи мақсаднок мебошад.

Объекти назорати молиявӣ равандҳои пулӣ, тақсимкунӣ ҳангоми тартибдиҳии истифодабарии захираҳои молиявӣ, алалхусус дар шакли фонди воситаҳои пулӣ, дар тамоми дараҷа(мақом) ва соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад. Чунин нишондиҳандаҳо, ҳамчун предмети назорат баромад мекунанд, даромад, фоида, андоз аз арзиши иловашуда, арзиши аслӣ, даромаднокӣ, хароҷотҳо, ҳиссаҷудокуниҳо ба мақсадҳо ва фондҳои гуногун ва ғайра. Ин нишондиҳандаҳо характери синтетикӣ доранд, аз ин лиҳоз назорат аз болои иҷроиш, ҷараён (динамика) ва тамоюли онҳо тамоми тарафҳои фаълиятҳои истеҳсолӣ, хоҷагӣ ва тиҷоратии муассисаҳо, ташкилотҳо, ҷамъиятҳо ва механизми алоқамандии молию қарзиро пурра дар бар мегирад [2].

Назорат на фақат аз болои ташкилот ва муассисаҳои сустфаъолият, балки аз болои ташкилот ва муассисаҳои фаъолияти миёна ва хуб дошта низ гузаронидан ҷоиз аст.

Аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бармеояд, кт назорати молиявӣ чунин санҷишҳо: риоя кардан ба қонунҳои иқтисодии талаб карда шуда, бартаринокии таносуби тақсим ва аз нав тақсимкунии арзиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ; тартибдиҳӣ ва иҷроиши буҷет (назорати буҷетӣ); вазъияти молиявӣ ва самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, масолеҳӣ ва молиявии ташкилотҳо, муассисаҳо, муассисаҳои буҷетӣ, назорати андозӣ ва дигар самтҳоро дар бар мегирад[2].

Дар назди назорати молиявӣ чунин масъалаҳо гузошта шудаанд: ёрӣ расонидан ба баробаркунонии талабот ба захираҳои молиявӣ ва ҳаҷми даромадҳои пуливу фондҳои хоҷагиҳои халқ; таъмини саривақт ва пурраи иҷроиши ӯҳдадориҳои молиявии дар назди буҷети давлатӣ буда; ошкор кардани захираҳои дохилиистеҳсолии рушди захираҳои молиявӣ, аз ҷумла аз рӯи пасткунии арзиши аслӣ ва баландбардории даромаднокӣ; ёрӣ расонидан ба дуруст ба роҳ мондани хароҷоти нархҳои маҳсулотӣ, захираҳои пулӣ ва баҳисобгирии ҳисобҳои муҳосибӣ дар ташкилотҳо, муассисаҳо ташкилотҳои буҷетӣ; таъмин ва риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла дар соҳаи андозгузории ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилии ҳуқуқӣ; ёрӣ расонидан ба натиҷаи баланди фаъолияти берунииқтисодии ташкилотҳо, аз ҷумла тавассути амалиётҳои асъорӣ ва ғайра [1].

Самаранокии назорати молиявӣ, зарурияти таҳлили чуқури иқтисодии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва коркарди пешниҳодот барои баланд бардоштани сифати кори ташкилотҳои тафтишотӣ аз тарафи мақомотҳои назоратиро шарт медонад.

Назорати молиявии давлатӣ барои амалӣ гардонидани сиёсати молиявии давлат, ба вуҷуд овардани шароит барои устувории молиявӣ пешбинӣ карда шудааст. Ин пеш аз ҳама, коркард, тасдиқ ва иҷроиши буҷети тамоми сатҳҳо ва фондҳои ғайрибуҷетӣ, назорат аз болои мақсаднок ва сарфакорона (оқилона) истифода бурдани воситаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, фаъолияти молиявии муассисаҳои давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ, бонкҳо ва корпоратсияҳои молиявӣ мебошад [1].

Дар хулоса бояд зикр намуд, ки нақши аудити самаранокӣ ва назорати молиявӣ дар рушди уствори иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии кишвар манфиатнок арзёбӣ гардида, метавонад инчунин рушди бемайлони минтақаҳоро таъмин намояд. Дар ин раванд аудити экологӣ низ метавонад саҳмгузор буда, дар асоси принсипҳои қонуният, ҳаққоният, мустақилият ва ошкорбаёнӣ фаъолиятро ба роҳ монад.

**Адабиёт**

1. Бурцев В. В. Организация системы государственного финансового контроля в РФ: Теория и практика М.: Издательско-торговая корпорация "Дашков и К", 2002. - С.390
2. Досиев М. Н., Аудити бахши давлатӣ [Матн] / М. Н.Достиев// Матбааи АИДНПҶТ, Васоити таълимӣ, Душанбе-2022 236 с.

3. Досиев М. Н., Мукаммалгардонии ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши экология [Текст] /М.Н. Досиев, // Паёми ДДТТ 3(32), Душанбе -2020. с. 53-58.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 22 июли соли 2013, № 993. - http://mmk.tj
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 631. -http://mmk.tj

# ФИНАНСОВАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

**Аслонов С.М. – к.э.н., ст. преподаватель кафедры экономической теории МУТПТ**

Одним из важных факторов противостояния финансовых рисков является решение возможных непредвиденных угроз для развития предприятия. От эффективности руководства и менеджеров предвидеть возможных угроз и их избежание зависит показатель высокого уровня финансовой безопасности организации.

В частности, И.А. Бланк считает, что важнейшей первоначальной предпо- сылкой формирования системы финансовой безопасности организации является обоснованное определение рисков и угроз, воздействующих на достижение финансовых интересов организации. Мы согласны с тем, что «от того, насколько точно и полно идентифицирован состав угроз финансовым интересам, оценен уровень интенсивности их проявления и возможного ущерба, зависит эффективность построения всей системы финансовой безопасности предприятия».

В этой связи мы также придерживаемся точки зрения о том, что «угроза финансовым интересам представляет собой форму выражения их противоречий с финансовой средой функционирования предприятия, отражающую реальную или потенциальную возможность проявления деструктивного воздействия различных факторов и условий на их реализацию в процессе финансового развитияи приводящую к прямому или косвенному экономическому ущербу».

Во всех анализируемых нами позиций различных авторов угрозы характеризуются многообразием своих видов. Поэтому, при обосновании и формирова нии системы финансовой безопасности предпринимательства, для наиболее пол ного выявления их соответствия, необходима определенная классификация этих угроз. В экономической литературе можно найти различные признаки классификации видов угроз.

Также можно отметить, что наиболее распространенной и в целом, наиболее общепринятой классификацией угроз финансовой безопасности предпринимательских структур является их классификация по источникам возникно вения, которые подразделяются на внутренние и внешние.

Основные внешние и внутренние угрозы, влияющие на финансовую безопасность предпринимательства, представлены на рисунке 1.

Также Х.К. Мирза-заде внешние факторы, воздействующие на финансо вую безопасность предприятия, классифицирует относительно масштабов непосредственно финансово-хозяйственной деятельности и уровня ведения бизнеса.

При этом очевидно, что внешние угрозы финансовой безопасности предпринимательской деятельности каждой организации практически не управляемы,что обусловлено тем фактором, что внешняя среда организации мало зависит от самой организации. В этой связи, для обеспечения эффективного функционирования предпринимательства и обеспечения его стабильного развития, руковод ству предпринимательских структур необходимо приспосабливаться к часто изменяющимся условиям внешней социально-экономической и общественно-политической ситуации, адекватно реагировать на разработку и принятие стратегически обоснованных и приоритетных решений, в целях профилактики всевозможных рисков и их негативных последствий.

Механизм определения важнейших угроз в комплексе обеспечения финансовой безопасности (в рамках предпринимательской безопасности) организации можно представить в виде представленном на рисунке 2.




Рисунок 1. Внешние и внутренние угрозы финансовой безопасностипредприятия.

Рассмотренный механизм определения доминирующих угроз в системе обеспечения финансовой безопасности предпринимательства позволит обеспечить реализацию системного анализа не только внутренней, но также и внешней среды предпринимательских структур. Этот подход также сможет помочь сфокусироваться на важнейших видах финансовых угроз, что в свою очередь – позволит обеспечить большую устойчивость и эффективность реализуемых управленческих решений в области формирования

10 июля 2023 г. Совет исполнительных директоров Всемирного банка утвердил грантовое финансирование в размере 50 миллионов долларов США от Международной ассоциации развития (МАР) для Проекта развития финансового и частного сектора Таджикистана, направленного на поддержку правительства Таджикистана в укреплении финансового сектора страны, развитии частного сектора. и стимулирование экономического роста.

Цель разработки проекта заключается в усилении системы страхования вкладов, содействии банковскому кредитованию микро-малых и средних предприятий (ММСП) и ускорении их интеграции в производственно-сбытовые цепочки. Благодаря устранению ключевых пробелов в возможностях Фонда страхования сбережений физических лиц (ФССФЛ) - некоммерческой организации, защищающей права и интересы вкладчиков, проект укрепит доверие граждан к банковской системе и повысит доверие вкладчиков. Это, в свою очередь, приведёт к большей мобилизации средств, что позволит банкам предоставлять больше кредитов ММСП, стимулируя предпринимательство и создавая возможности для трудоустройства. В рамках проекта будет внедрен Механизм частичного распределения рисков – платформы, которая будет стимулировать банки предоставлять больше кредитов ММСП.




Рисунок 2. Механизм определения доминирующих угроз в системе обеспечения финансовой безопасности предприятия и обеспечения финансовой безопасности предпринимательской деятельности. [1, с.43]

Благодаря компоненту Программы развития поставщиков и экспорта (ПРПЭ) проект поможет ММСП расширить рыночные связи с крупными местными и транснациональными корпорациями, повысив производительность ММСП и их интеграцию в региональные производственно-сбытовые цепочки.

Несмотря на недавние улучшения, финансовый сектор остается уязвимым. Хотя показатели финансовой устойчивости улучшились после ликвидации нескольких банков в 2021 году, система остается уязвимой из-за относительно низкого качества активов, высокой концентрации кредитов и повышенного уровня долларизации. Кроме того, доступ к финансированию, особенно для ММСП, крайне ограничен и ниже среднего по Европе и Центральной Азии. Проект направлен на укрепление стабильности финансового сектора путем докапитализации фонда страхования вкладов, а также на улучшение финансового посредничества за счет создания системы частичных кредитных гарантий для МСП.

Выполняя задачи по стимулированию развития частного сектора, проект будет нацелен на наращивание потенциала ММСП, содействие интеграции поставщиков и рост, ориентированный на экспорт. Проект также поможет снабдить ММСП необходимыми навыками, что позволит им соответствовать международным стандартам экспорта своей продукции. Он приблизит предприятия к поставщикам, повысив производительность и эффективность. В результате выиграет каждое предприятие, участвующее в проекте - от поставщиков сырья, до продавцов конечного продукта.

В настоящее время Всемирный банк финансирует 26 проектов в Таджикистане на общую сумму 1,6 миллиарда долларов. С 1996 года Всемирный банк предоставил более 2,8 миллиардов долларов США в виде грантов МАР, льготных кредитов и трастовых фондов для Таджикистана. Всемирный банк намерен и впредь оказывать поддержку усилиям страны по улучшению жизни и удовлетворению чаяний её молодого и растущего населения.[2]

**Литература**


1. Аслонов С.М. - Предпринимательская безопасность в Республике Таджикистан: Экономические риски и институциональное обеспечение. Монография, Душанбе - 2024: «Истиклол-2019», 140 - стр.
2. https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/press-release/2023/07/10/tajikistan-to-boost-financial-and-private-sector-development-with-world-bank-support.


## МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ БУҶЕТӢ БА СОҲАИ МАОРИФ


**Қосимов Ҳ.З. – асисстенти кафедраи молия. ДБССТ**


Дар Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ фаъолият карда метавонанд: - томактабӣ; - таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ); - таҳсилоти ибтидоии касбӣ; - таҳсилоти миёнаи касбӣ; - таҳсилоти олии касбӣ; - таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ; - таҳсилоти иловагӣ; - таҳсилоти махсус; - муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд. Ҳар як муассисаи таълимӣ аз тарафи муассис ё муассисон ташкил карда мешавад, ки онҳо фаъолияти ин муассисаҳои таълимиро маблағгузорӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, марҳилаи нави ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятноки харочоти давлатӣ сармоягузориро барои нигоҳдории низоми таъмини зиндагии шоиста дар назар дорад. Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф маҳз чунин сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, зеро рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт бевосита аз сатҳи дониши аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ барои муайян кардани доираи танзими давлатии соҳаи маориф ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ баромад мекунад. Манбаи маблағгузории тамоми фаъолияти таълимию истеҳсолӣ, илмӣ ва хоҷагидорӣ, инкишофи иҷтимоию иқтисодии маорифро маблағи буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағи худи муассис (муассисон) ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташкил медиҳанд [1].

Маблағгузории соҳаи маориф ҳар сол дар буҷети давлатӣ бо сархати алоҳида зикр гардида, он бо назардошти меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории муассисаҳои таълимӣ сурат мегирад. Ин меъёрҳо вобаста ба намуд, шакл, зинаҳои таҳсилот, маҳалли ҷойгиршавӣ ба як таълимгиранда, ба як муассисаи таълимӣ ва ё дар дигар асос муайян кардашуда, бояд барои пурра пӯшонидани хароҷоти ҷории вобаста ба раванди таҳсилот мусоидат намоянд. Тартиби ҳисоб намудани меъёрҳои маблағгузории хизматрасонии таълимӣ, аз ҷумла маблағгузории сарикасӣ, аз ҳисоби буҷети давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад [2, с.37-38].

Таъмини маблағгузории фаъолияти илмию таҳқиқотии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба таври ҷудогона дар шакли кӯмаки молиявӣ (субсидияҳо) барои иҷрои мавзӯъҳои нақшавии таҳқиқотӣ бо супориши муассис (муассисон) дар шакли озмун амалӣ карда мешавад.

Ба муассисаҳои таълимӣ дар ҳудуди маблағи ҷудокардашуда ва аз дигар сарчашмаҳо воридшуда мустақилияти молиявию хоҷагидорӣ дода мешавад. Раванд ва тартиби истифодаи маблағи муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассисаи таълимӣ сурат мегирад.

Фаъолияти хоҷагидории муассисаҳои таълимӣ дар доираи мақсад ва вазифаҳое, ки дар оинномаи онҳо пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла фармоишҳои давлатӣ, муайян карда мешавад.

Тибқи қонунгузорӣ муассисаҳои таълимӣ ӯҳдоранд, ки фармоиши давлатӣ ва фармоишҳоро оид ба фурӯши маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) дар ҳаҷми на бештар аз фармоишҳои дахлдор иҷро намоянд. Муассисаҳои таълимии давлатӣ ҳуқуқ доранд барои қонеъ гардонидани талаботи худ маҳсулот, кор ва хизматрасониро бо тартиби муқаррарнамудаи қонун-гузорӣ оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ харидорӣ намоянд. Муассисаи таълимӣ метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи иловагӣ, аз ҷумла асъориро, бо роҳи хизматрасонии иловагии пулакӣ ва амалигардонии фаъолияти дигар, ки оинномааш пешбинӣ кардааст, инчунин аз ҳисоби эҳсонкорӣ ва пардохтҳои мақсадноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, ҷалб намояд.

Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаҳои таълимӣ инҳо мебошанд:

- даромад аз фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасо-нии муассисаҳои таълимию истеҳсолӣ;

-воридот аз иҷрои кор ва хизматрасониҳое,ки хусусияти илмӣ ва илмию методи доранд;

-тайёркунӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии пулакии мутахасисон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ дар асоси шартнома;

-Фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ дар раванди таълим ва дигар намудани фаъолият,ки қонунгузорииҶумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ба шартеки онҳо бар зарари фаъолияти асосии муассисаи таълимӣ набошад;

- пардохтҳои ихтиёрии эҳсонкорӣ ва дигар маблағе, ки аз ташкилотҳои давлатӣ, ғайридаваатӣ ва шахсони воқеӣ ворид мешаванд;

- грантҳо;

- қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ.

Ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ барои муайян кардани доираи танзими давлатии соҳаи маориф ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ баромад мекунад.

Дар буҷети давлати соли 2021 барои соҳаи маориф 5 млрду 597 миллион сомонӣ пешбинӣ шуда буд.ки нисбати соли 2020- 11,2 фоиз зиёд аст, ки ин қариб 20 дарсади буҷети давлати ва зиёда аз 6 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Ва инчуни тибқи омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 барои хароҷотҳои соҳаи маориф 7 млрд. 210 млону 355 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда буд, ки ин нисбат ба соли 2022 13 фоиз зиёд буда ва он 5,7 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ инчунин 18,9 фоизи буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Ҳаминтавр дар соли 2024 аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориҳо ба соҳаи маориф дар ҳаҷми 8 млрду 231,9 млн сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли гузашта 1 млрд. 21,5 млн сомонӣ ё ин ки 14,2 фоиз зиёд аст, ки тақрибан 18,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет ва 5,7 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Чӣхеле, ки аз нишондиҳандаҳои овардашуда бармеояд, маблағгузории буҷетии сол ба сол тамоюли болоравӣ дорад.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи маориф ва илми Тоҷикистон дар заминаи тадбиққҳои барномаҳову лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дастовардҳои назаррас рӯи кор омадааст. Аз ҷумла солҳои 2007-2023дар соҳаи маориф дар доира 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ бо саҳми Ҳукумати мамлакат ва шарикони рушд зиёда аз 422 миллион долари амрикой ҷалб шуда ва зиёда ба маблағи умумии 212 милион доллари амрикой пура ба анҷом расидааст.

Маблағгузорӣ ва ҳавасмандсозиҳои дигари давлатӣ барои соҳаи илм яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад, ки Ҳукумати мамлакатба он таваҷҷуҳт ҳамешагӣ заҳир менамоядва онро бо дар назардошти имкониятҳои буҷет сол ба сол зиёд карда истодаанд [3].

Ҳамзамон бо назардошти таъсири амиқи неруҳои зеҳнӣ ва сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба ин масъала дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030 ва Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030 таваҷҷуҳи махсус дода шудааст [4].

Таи чанд соли охир «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», бисёр як ислоҳоти навбати бо нақша гирифтаанд, ки маблағгузории соҳаи маориф бар онҳо хело зарур аст [4].

Чун, ки дар ин сурат метавон кадрҳои баландихтисос омода гардида ва ба рушди иқтисодиёти мамлакат таъсири худро расонад. Дар асоси сол то сол зиёд гаштани маблағгузориҳо ба соҳаи маориф ҷиҳати беҳтар намудани фаъолият дар ин самт, инчунин таъминоти моддию техникии он ва амалишавии стратегияву барномаҳои давлатӣ нисбати ин соҳа, тақвият ва истифодаи самароноки сармояи инсонӣ, инчунин омоданамудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботҳои замони муосир мусоидат менамояд.

Ҳамчунин қайд кардан лозимаст, ки барои соҳаи маориф ба ғайр аз маблағҳои буҷети давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалигардонии барномаҳои алоҳидаи давлатии марбути ин соҳа грантҳо, қарзҳои дарозмӯҳлат низ ҷалб карда мешаванд.Чунончӣ, соҳаи маорифи Тоҷикистон бо маблағҳои қарзӣ ва грантҳои созмонҳо ва бонкҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда мешавад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024». Душанбе. 18.11.2023, № 2012.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе. 22.06.2013, № 1004.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе. 14.05.2016, № 1316.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 26.12.2023.

## МУАММОҲОИ БАНАҚШАГИРӢ ВА БАТАНЗИМДАРОРИИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВӢ

**Кенҷаева Р.Ҳ., н.и.и, дотсенти кафедраи молияи ДБССТ**

Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар шароити имрӯза барои дастгирии соҳаҳои реалии иқтисодиёт захираҳои молиявии кофӣ надорад. Новобаста аз рӯи маълумотҳои ҷой дошта дар соли ҷорӣ аз буҷети давлатӣ бароихоҷагиҳои кишоварзӣ тавассути дастгирии системаи бонкӣ зиёда аз 180 млн. сомонӣ, аз ҷумла дар семоҳаи якум 80 млн сомонӣ равона мегардад. Вале ин ба талаботи имрӯзаи иқтисодиёт ҷавобгӯй намебошад.

Аз ин лиҳоз, барои дастгирии молиявии давлатии бахши реалии иқтисодиёт ва диверсификатсия намудани содироти мол ба мақсад мувофиқ аст, ки барои истеҳсолкунандагону содироткунандагони ватанӣ ва соҳибкории хурду миёна (ба истиснои соҳаҳои алоқа, нақлиёт ва савдо), инчунин барои зиёд намудани захираҳои қарзии низоми бонкии ҷумҳурӣ («увеличения ликвидности») тибқи Номгӯи корхонаҳо ва бонкҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, дар қонунгузорӣ оид ба буҷет имтиёзҳои андозӣ, дар шакли паст намудани меъёрҳои баъзе намудҳои андоз, аз фоида, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад, пешбинӣ кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар натиҷаи поён рафтани нарх ва паст гардидани талаботи харидорӣ ба молҳои содиротӣ, инчунин кам ворид шудани асъори хориҷӣ аз фуруши онҳо, дар соли ҷорӣ пастшавии гардиши савдои хориҷӣ мушоҳида шуда истодааст.

Дар баробари ин бо мақсади амалӣ намудани диверсификатсияи истеҳсолот ва содирот барои корхонаҳои саноатӣ ворид намудани тағйиротҳо ба моддаи 226-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисмати баҳисобгирии маблағи андоз аз арзиши иловашудаи молҳои харидашуда пешниҳод карда мешавад.

Бо дар назардошти имтиёзҳои андозии дар боло зикргардида, пастшавии иқтидорҳои истеҳсолию молиявии корхонаҳои азими ҷумҳурӣ ва кам гардидани маблағгузории буҷети давлатӣ воридоти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва воридотҳои ғайриандозӣ ба буҷет дар соли 2022 ба маблағи 326 млн сомонӣ кам шуданаш дар назар буд.

Бинобар ин ҷиҳати пешгирии таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани иқлими мусоиди андозбандӣ барои зиёд гардидани инвеститсияҳои хориҷию ватанӣ, таъмини ҷойҳои нави корӣ, амалӣ намудани диверсификатсияи истеҳсолот ва содирот бо роҳи ворид намудани тағйирот ба қонунгузориҳои андоз доир ба имтиёзҳои андоз ба мақсад мувофиқ мебошад.

Сарфи назар аз қабул ва амалӣ намудани тағйирот ба қонунгузории андоз доир ба имтиёзҳои андоз ворид намудани тағйирот ба нақшаи даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ зарур мебошад.

Вале қайд кардан зарур аст, ки дар ҳаҷми 1,1 млрд. сомонӣ кам намудани хароҷоти буҷет хеле ҳам мураккаб буда, иқтисодиёти ҷумҳуриро ба ҳолати ногувор дучор мегардонад. Аз ин лиҳоз кормандони соҳаи иқтисодӣ чорабиниҳои андозиву буҷетиро ҷавобан ба паст намудани шиддатнокии бӯҳрони молиявӣ омода намуда, онро ба ташкилотҳои молиявии байналмиллалӣ ва давлатҳои донорӣ барои ҷалб намудани захираҳои молиявии бебозгашт ва қарзҳои имтиёзнок барои дастгирии буҷет пешниҳод намуд.

Дар айни ҳол аз рӯи маълумотҳои мавҷуда Созишномаи молиявӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ оиди ҷудо намудани 20 млн. доллари амрикой барои дастгирии буҷет ба имзо расонида шуд. Ҷалб намудани маблағҳои грантӣ дар ҳаҷми 40,0 млн.

доллари амрикой аз ҳисоби Бонки Осиёгии Рушд ва 12,0 млн.доллари амрикой аз ҳисоби Иттиҳоди Аврупо мавриди гуфтушунид қарор доранд.

Чунин гуфтушунидҳо бо дигар ташкилотҳои молиявии байналмиллалӣ ва давлатҳои донорӣ идома дода шуда, ҷиҳати ҷалб намудани захираҳои иловагии молиявӣ барои рушди соҳаи иқтисодиёт, дастгирии буҷет ва системаи бонкӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.

Ҷалб намудани маблағҳои дар боло зикр шуда барои дастгирии буҷет ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки хароҷоти онро ба ҷои 1,2 млрд. сомонӣ дар ҳаҷми 700,0 млн. сомонӣ кам намояд.

Аз ин лиҳоз вазъияти ба амаломада кормандони соҳаи иқтисодиёт, хусусан системаи молияро водор месозад, ки азнавтақсимкунии ҳамаи захираҳои молиявӣ ва моддиро бо назардошти равона намудани онҳо ба соҳаҳои афзалиятнок дида барояд, то ки шиддатнокии таъсири бӯҳрони молиявиро дар ҷумҳурӣ паст ва муътадилии иқтисодиётро таъмин намояд.

Бояд онҳо пеш аз ҳама маблағгузории моддаҳои ҳимояшаванда (музди меҳнат, нафақа, стипендия, кӯмакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва қувваи барқу газ) ва дигар пардохтҳои иҷтимоии аввалиндараҷа таъмин карда шуда истодаанд. Ҳамзамон маблағгузории хароҷотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ дар мадди аввал гузошта мешавад.

Дар баробари ин пешниҳод менамоем, ки аз ҳама маблағгузории сохтмонҳои асосии оғоз нашуда ва дигар иншоотҳои зарурияти аввалиндараҷа надоштаро дар ҳаҷми умумӣ зиёда аз 400,0 млн. сомонӣ ва хароҷоти вазорату идораҳо ва буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби моддаҳои хароҷотӣ, таъмин ва дигар хароҷотҳои ба маблағи зиёда аз 350,0 млн. сомонӣ кам намуда, хароҷотҳо ба мӯҳлатҳои оянда бо дар назардошти мӯътадил гардидани вазъияти молиявӣ гузаронида шаванд.

Бо сабаби дар моҳҳои январ ва феврали соли ҷорӣ паст рафтани қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА барои хароҷотҳои хизматрасонии қарзҳои берунӣ, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар лоиҳаҳои инвеститсионӣ аъзоҳаққӣ дар ташкилотҳои ИДМ ва байналмиллӣ зиёда аз 40,0 млн. сомонӣ маблағҳои иловагӣ зарур аст, чунки дар буҷет маблағгузории ин хароҷотҳо бо қурби 3,56 сомонӣ нисбат ба 1 доллари ИМА пешбинӣ шудааст.

Инчунин дар назар аст, ки сарфа намудани хароҷотҳои хоҷагидорӣ, сафарҳои хизматӣ, хизмати алоқа ва дигар чорабиниҳои коммуналӣ, гузаронидани конференсия ва ҳаргуна баргузориҳои ҷашнӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода кам карда шавад. Бояд қайд намуд, ки дар айни ҳол дар ҷумҳурӣ гурӯҳи корӣ, ки ба он кормандони вазорату идораҳои дахлдор шомиланд, аз рӯи нақшаи чорабиниҳо оид ба паст намудани таъсири бӯҳрони молиявӣ таҳия гардида ва барои дар амал татбиқ намудани он тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Яке аз омилҳои таъмини буҷети давлатӣ ва рӯи воқеияти имрӯзаи иқтисодиёт ин ба буҷет ворид нашудани ҳамаи захираҳои молиявӣ, аз ҷумла қисми воқеӣ бақияпулиҳои андоз мебошад.

Давлат дар ҳама давру замон оид ба бойгарии миллӣ ва аҳолӣ дар он сарзамин умр ба сар баранда вазифаҳои мушахаси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёси (истифода ва ғанигардонии бойгарии миллӣ ва аҳолӣ фаьолияти мақомоти иҷроия ва қонунгузори сиёсати молявӣ ва андозу буҷетӣ , фаъолияти сиёсати берунӣ, тадқиқотҳои асосии илмию техники, мудофиаю ҳифзи ҳуқуқ ва хароҷоти иҷтимоию маданиро бауҳда дорад).

Дар шароити иқтисоди бозорӣ вазифа масъулият ва ҷавобгарии давлат боз ҳам васеьтару зиёдтар меорад. Давлат вазифадор аст,ки таносуби мувофиқи шаклҳои гуногуни моликият ва қойдаву қонунҳои рафтори

субъектҳои молиявиро дар бозор муаян намояд, танзими иқтисодиётро вобаста ба давраҳои силсилаи иқтисодӣ ва кафолати ҳифзи иҷтимоӣ шаҳрвандон вобаста аз доираи шуғл таъмин намояд.Ғайр аз ин вобаста ба масулияти идора ва ҳиссаи моликият давлат ҳамчун соҳибкор рафтор менамояд.Ин амалиёт водор менамояд,ки давлат ба сифати субъекти иқтисод баромад кунанд ва барои амалӣ кардани масрафоти маскур манбаҳои муайни молияви дар ихтиёр дошта бошад.

Муносибатҳои молиявие, ки дар байни давлат корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва аҳолӣ ба вуҷуд меояд ,муносибатҳои буҷетиро ташкил медиҳад.

Муносибатҳои буҷети ифодакунандаи гуногун буда, ҳамчун натиҷаи муносибатҳои тақсимотии байни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ҳавзаҳои фаолияти ҷамъияти, байни ноҳияҳо ва самтҳои гуногуни идора ташкил медиҳад.

Чӣ тавре, ки маълум аст дар муносибатҳои молиявӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои муҳимро буҷети давлати ташкил медиҳад. Нақши асосиро дар системаи молияи давлат ҳамгироии буҷет: буҷети
ҷумҳурӣ, давлатӣ ва маҳалли мебозад. Бо ёрии амалиёти буҷети воситаҳои дар ихтиёри сохтори давлатӣ буда ва қисми асосии даромади миллӣ аз нав тақсим карда мешавад.Буҷети давлатии Ҷумҷурии Тоҷикистон аз буҷети ҷумҳурияви ва буҷети маҳаллӣ ташкил меёбад.Ташаккулёбии қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ (буҷети ҷумҳурияви ва маҳаллӣ) дар асоси қонуни Ҷмҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ва дигар қонунгузориҳои давлатӣ, ба монанди Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқи амалӣ карда меавад.

Дар системаи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети маҳаллҳо ҷои намоёнеро ишғол менамояд. Охирӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи нисбатан васеътари қабули қарорҳоро оид ба муайян намудани пардохтҳои ба буҷет воридшаванда ва истифоаи онҳо дорад.

Давлат бо мақсади ба амал баровардани такрористеҳсоли васеъ дар миқиёси ҷамъият, қонеъ гардонидани иҷтимоию мадании шахрвандон, ҳалли масъалаҳои мудофиа ва пур кардани хароҷоти идораи мамлакат бояд дар ихтиёри худ, як қисми даромади миллиро ҷамъ меорад ин даромади миллӣ ҷамъият дар шакли буҷети давлати, ки он на фақат буҷети ҷумҳуриявиро ва балки буҷети маҳаллиро ташкил намуда барои инкишофи иқтисодию иҷтимоии маҳалҳо истифлода карда мешавад.

Муносибатҳои буҷетӣ узви сохтори таркибии иқтисодиёт буда, сатҳ ва дараҷаи ташкилу таҳаввули онро ифода мекунад.Аз ин ҷиҳат барои ҷуброн кардани хароҷоти ҷамъият ва қоне гардонидани талаботи вай давлат уҳдадор мешавад, ки пойгоҳи модию молиявии худро дошта бошад.

**Адабиёт**


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2022-2023».
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон» (28.06.2011 с. № 723).
3. Акобиров Ҳ.Н., Нуров Ш.С., Молия. (Комплекси таълимӣ-методӣ) Душанбе: Ирфон.2016.
4. Каримова М.Т.,Муминова Ф.М.,Соҳибов Ш.К. Роҳнамои буҷети ҶТ.Душанбе: Эр-граф. 2012.
5. Қодирова М.И. Молияи давлатӣ ва маҳаллӣ: курси лексияҳо.Душанбе, 2010.

# ИДОРАКУНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ СУБЪЕКТҲОИ БОЗОРИ ФУРУШИ БАРҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Бобохонова Ш.Х. -** н.и.и., и.в.дотсенти Кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДБССТ

Субъектҳои бозори фуруши барқ шахсоне мебошанд, ки фаъолиятро дар соҳаи электроэнергетика, аз ҷумла истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, хизматрасониҳо оид ба идоракунии фаврӣ-танзимгарӣ дар электроэнергетика ва ташкили хариду фурӯши нерӯи барқ анҷом медиҳанд.

Муаллифон дар асарҳои илмӣ ба гурӯҳҳои асосии субъектҳои дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ фаъолияткунанда асосан инҳоро мансуб медонанд: ширкатҳое, ки нерӯи барқро дар бозори яклухт таҳвил менамоянд, аз ҷумла «ширактҳои бузурге, ки дар таркиби дороиҳои худ нерӯгоҳҳои барқии намудҳои гуногунро доранд; ширкатҳои бузурги шабакаҳои барқӣ, ки ба онҳо хатҳои интиқоли барқи баландшиддат мансуб мебошанд; корхонаҳои фурӯши барқ ва дигарҳо» [6, с.58]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуна корхонаҳо якҷоя бо корхонаҳои тақсимоти барқ низоми электроэнергетикии мамлакатро ташкил медиҳанд.

Субъектҳои мустақили бозор - ҶСК «Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1» (саҳҳоми назораткунанда – ширкати давлатии Федератсияи Россия - «Росатом») ва НБО Сангтӯда-2 (соҳибмулк – ширкати Сангоби Ҷумҳурии Исломии Эрон) ҳамчун шарикони бозорӣ дар баробари ҶСК «Нерӯгоҳи барқии обии Роғун» (соҳибмулк – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) барқи истеҳсолкардаи худро бевосита ба ШСХК «Барқи Тоҷик» мефурӯшанд.

ШСХК «Барқи Тоҷик» ширкати миллӣ буда, тамоми дороиҳои он моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳадафи асосии он истеҳсол,интиқол, тақсимот ва фурӯши нерӯи барқ ва гармӣ дар бозори дохилии мамлакат буда, дар фаслҳои алоҳидаи сол нерӯи барқро ба бозори берунӣ (Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Афғонистон) низ содирот мекунад. Акнун идоракунии муҳити тиҷоратӣ ва молиявии бозори фуруши барқӣ мамлакатро таҳлил намуда, мушкилоти асосии дар он ҷойдоштаро ҷудо ва таҳқиқ менамоем. Мушкилоти асосӣ, ки имрӯз ба вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таъсири манфӣ мерасонад, - ин напардохтани арзиши нерӯи барқ аз ҷониби истеъмолкунандагон (мавҷудияти қарздории дебитории тиҷоратӣ) мебошад.

Маълумот оид ба қарздории дебитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик» (бе баҳисобгирии захира аз рӯи қарзҳои шубҳанок) дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. – Қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик» (бе баҳисобгирии захира аз рӯи қарзҳои шубҳанок), ҳазор сомонӣ**

| Намуди қарздории дебиторӣ | 01.01.2021 с. | 01.01.2020 с. |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои қабул (арзиши барқи фурӯхташуда) | 2131542 | 1720968 |
| Ҳисобҳо барои қабул (арзиши гармии фурӯхташуда) | 43060 | 29017 |
| Ҳисобҳо барои қабул (арзиши корҳо ва хизматрасониҳо) | 4955 | 5398 |
| Дигар қарздории дебиторӣ | 15 | 196 |
| **Ҳамагӣ қарздории дебиторӣ** | **2179572** | **1755579** |

Сарчашма:дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таҳия шудааст

**Ҷавали 2. – Маълумот оид ба дебиторони муҳимтарини ШСХК «Барқи Тоҷик», ҳазор сомонӣ**

| Дебитор | 01.01.2021 с. |
|---|---|
| ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 390066 |
| Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 287955 |
| ҶСК «НБО Роғун» | 98864 |
| Корхонаи шабакаҳои гармии Душанбе | 39895 |
| Ширкати Da Afganistan Breshna Sherkat | 30631 |
| ҶСК «Тоҷикхимпром» | 30080 |
| Ширкати «Узбекэнерго» | 29332 |
| КВД «Маҷмааи гармхона» | 11124 |
| КВД «Обу корези Душанбе» | 5136 |
| ҶДММ «Кохи Наврӯз» | 4328 |
| ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» | 3610 |
| Низоми Энергетикии Миллии Қирғизистон | 2905 |

Сарчашма:дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таҳия шудааст

Мушкилоти муҳими дигар, ки ба вазъи идоракунии молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таъсири манфӣ мерасонад, ҷой доштани қарздории кредиторӣ мебошад. Дар таркиби қарздории кредитории ширкат қарздории ҳам кӯтоҳмуҳлат (ба ҳолати 1 январи соли 2021 – 5 млрд. 593 млн. 412 ҳазор сомонӣ, 1 январи соли 2020 – 3 млрд. 745 млн. 524 ҳазор сомонӣ) ва ҳам дарозмуҳлат (905 млн. 479 ҳазор сомонӣ) мавҷуд мебошанд. Дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикии мамлакат се субъект вобаста ба самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи электроэнергетика амал мекунанд: ШСХК «Барқи Тоҷик» - истеҳсоли нерӯи барқ, ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» - интиқоли нерӯи барқ ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» - тақсимот ва фурӯши нерӯи барқ.Тавре аз маълумоти ҳисоботии ШСХК «Барқи Тоҷик» ба назар мерасад, дар ҷамъбасти соли 2021 ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» аз ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ»,силсилаи нерӯгоҳҳои Варзоб, нерӯгоҳҳои хурд ва дигар истеҳсолкунандагони барқ бе назардошти содирот ва талафот ба андозаи 16 млрд. 807 млн. кВт-соат нерӯи барқро қабул намуд (дар соли 2020 – 16 млрд. 76 млн. кВт-соат). Ҳаҷми умумии нерӯи барқи ҳисобшуда 12 млрд. 683 млн. кВт-соатро ташкил дод (дар соли 2020 – 11 млрд. 161 млн. кВт-соат). Маблағи ҳисобузамшудаи нерӯи барқ 3 млрд. 322 млн. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1 млрд. 193 млн. сомонӣ) ва маблағи ҷамъоваришуда 3 млрд. 113 млн. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1 млрд. 152 млн. сомонӣ)-ро ташкил додааст. Яъне дар соли 2021 нақшаи ҷамъоварии маблағи нерӯи барқ ба андозаи 93,7% (аз ҳисоби аҳолӣ – 96,5%) иҷро шудааст. Бояд қайд кард, ки маблағи ҷамъоваришудаи нерӯи барқ дар соли 2020 (бе содирот) ҳамагӣ 2 млрд. 815 млн. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1 млрд. 88 млн. сомонӣ)-ро ташкил дода, нақшаи ҷамъоварии маблағ ҳамагӣ 82,5% иҷро шуда буд (маблағи нерӯи барқи фурӯхташуда бе назардошти содирот – 3 млрд 414 млн. сомонӣ) [2,56]. Агар дар ҷамъбасти соли 2020 маблағи умумии қарздории дебиторӣ ба андозаи 693 млн. 700 ҳазор сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 430 млн. 800 ҳазор сомонӣ) зиёд шуда бошад, ҳамин нишондиҳанда дар ҷамъбасти соли 2021 ба маблағи 213 млн. 700 ҳазор сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 41 млн. 400 ҳазор сомонӣ) зиёд шудааст. Зиёдшавии маблағи қарздории дебиторӣ асосан аз ҳисоби напардохтани маблағи нерӯи барқ аз ҷониби корхонаҳои тобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (75 млн. сомонӣ), ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (69 млн. 300 ҳазор сомонӣ) ва корхонаву муассисаҳои буҷетӣ (20 млн. 400 ҳазор сомонӣ) ба миён омадааст.Ба ҳолати 1 январи соли 2022 маблағи умумии қарзи нерӯи барқ бо назардошти қарзҳои солҳои пешин 3 млрд. 316 млн. сомонӣ, аз ҷумла аҳолӣ – 1 млрд. 384 млн. сомонӣ, ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - 459 млн. 400 ҳазор сомонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ – 206 млн. 300 ҳазор сомонӣ, ҶСК «НБО Роғун» - 36 млн. 200 ҳазор сомонӣ, Агентии беҳдошти

замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 373 млн. 100 ҳазор сомонӣ, корхона ва муассисаҳои буҷетӣ - 112 млн. 400 ҳазор сомонӣ, КВД «Обу корези ҷумҳурӣ» - 53 млн. 500 ҳазор сомонӣ, КМ «Тоҷиккимиёсаноат» - 34 млн. 200 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва филиалҳои он ба 2931 муштарии дебитор ба маблағи 316 млн. 900 ҳазор сомонӣ даъво пешниҳод гардид, ки 81 млн. 700 ҳазор сомонии он рӯёнида шуд. Ба маблағи 115 млн. 100 ҳазор сомонӣ ба мақомоти прокуратура мавод супорида шуд ва нисбати рӯёнидани 93 млн. 800 ҳазор сомонӣ аризаҳои даъво ба судҳо пешниҳод шудааст [2,55].Талафот ҳангоми интиқол ва истифодаи барқ – мушкилоти дигар дар фаъолияти ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад, ки имрӯз бояд бартараф карда шавад. Қобили зикр аст, ки ҳоло дар шабакаҳои тақсимоти барқи маҳаллӣ ҳисобкунии масрафи нерӯи барқ, маблағҳои ҳисобузамшуда ва пардохтшуда тавассути барномаҳои биллингӣ ба ҷо оварда мешавад.Дар оғози таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» муҳим буд, ки аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» сатҳи талафоти воқеии барқ аниқ муайян карда шавад. Роҳи асосии ҳисоб ва арзёбӣ кардани нерӯи барқи ҳисобшуда ва талафоти он татбиқи низоми электронии биллингӣ буд. Дар натиҷа ошкор карда шуд, ки талафоти нерӯи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ дар моҳи январи соли 2021 ба 43,5% (690,5 млн. кВт-соат) баробар аст.

Сабабҳои асосии баланд будани сатҳи талафоти барқ чунинанд: пурра ба низоми электронии ҳисобкунӣ фарогир набудани муштариён, дер сабт кардани нишондоди ҳисобкунакҳо, саривақт пешниҳод нашудани ҳисоботҳои дахлдор, интизоми меҳнати пасти нозирони барқ, ба эътибор гирифтани маълумоти берун аз пойгоҳи додаҳои низоми биллингӣ, корбурди нопурраи низоми ҳисобкунии электронӣ, чун талафот эътироф кардани ҳамагуна нишондиҳандаи истифодаи барзиёди барқ. Бо роҳандозӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мазкур дар моҳи декабри соли 2021 сатҳи талафоти барқ ба 29,1% (436,6 млн. кВт-соат) расонида шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҳалли мушкилоти ҷойдошта ният дорад то соли 2030 ислоҳоти соҳаи электроэнергетикаро, ки ба таъмини шароит барои амалкунии механизми бозорӣ ва ташаккули муҳити рақобат дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ нигаронида шудааст, анҷом диҳад. Дар ин бора дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст [4,2].

## Адабиёт


1. Ахророва А.Д., Бобоев Ф.Д. Современные тенденции и стратегические приоритеты развития электроэнергетики Республики Таджикистан / А.Д. Ахророва, Ф.Д. Бобоев // Системное тарифное регулирование в энергетической отрасли: теория, методология, практика. – Москва, 2022. – С. 62-71
2. Беров И.А. Сущность и структура электроэнергетического рынка / И.А. Беров // Экономика устойчивого развития. 2018. - № 1 (33). - С. 55-60
3. Сомонаи расмии ШСХК «Барқи Тоҷик» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://barqitojik.tj/tj/info/news/197627/ (санаи муроҷиат: 28.01.2022)
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] / Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикисон аз 1 декабри соли 2016, № 636. – Душанбе: ҶДММ Контраст, 2016. – 88 с.
5. Федоров Я.П. Финансово-экономические аспекты и проблемы энергосбытового бизнеса России / Я.П. Федоров // Финансы и кредит. – 2018. – Т. 24. - № 11. – С. 2503-252

## ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ НИСБАТИ ОШКОРКУНӢ ВАҲОЛАТҲОИ СОХТАКОРӢ ДАР СТАНДАРТҲОИБАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ

**Юнусов А. Қ.** – устоди калони ДБССТ

Воқеъан таҳрифгариҳо дар ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо ба миён омада, омили фарқкунандаи сохтакорӣ аз хатоӣ дар хусусияти қасдона ва ё беқасди амалҳое, ки ба таҳрифгариҳои ҳисоботи молиявӣ боис гардидааст, ифода меёбад.

Мафҳуми сохтакорӣ мафҳуми васеъи ҳуқуқӣ буда, тибқи стандартҳои байналмилалии аудит аз ҷониби аудитор амали сохтакорие, ки боиси таҳрифгариҳои ҷиддии ҳисоботи молиявӣ гардидааст, баррасӣ мегардад. Ҳамчунин сохтакорӣ-амалҳои барқасдонаи аз ҷониби як ва ё чанд нафар шахсони роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ содиршуда ва ё тарафи сеюм, ки бо мақсади ба даст овардани афзалияти ғайриқонунӣ аломатҳои фиребгариро доро мебошад.

Омили хавфи сохтакорӣ ин ҳолат ва шароитҳои ҷой доштани омилҳои моддӣ ва фишороварӣ далолаткунанда мебошанд, ки ба содир намудани амалҳои сохтакорӣ ва ё фароҳам овардани имконияти содир намудани он водор месозанд.

Аслан аудитор бо намуди таҳрифгариҳои қасдона дар ҳисоботи молиявӣ рӯ ба рӯ мешавад; а) таҳрифгариҳо бо роҳи сохтакорӣ;

б) таҳрифгариҳо бо роҳи азонихудкунии ғайриқонунии дороиҳо.

Бо назардошти гумон бурдани аудитор дар бораи холатҳои сохтакорӣ ва ё ошкор намудани ҳолатҳои зикршуда, содир шудани ҳолати сохтакориро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ муқаррар карда наметавонад.

Масъулияти асосӣ ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани сохтакорӣ ба зиммаи роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дошта вогузор карда шудааст. Ба шахсони зикршуда зарур аст, ки вобаста ба пешгирӣ намудани ҳолатҳои сохтакорӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор мавқеи дурустро интихоб намуда, ин ҳолат метавонад эҳтимолияти руй додани сохтакориҳоро барҳам зада, бинобар эҳтимолияти ошкор шудан ва ҷавобгарӣ кашидани тафаккури кормандон дар ин самт дигаргун мегардад.

Чун қоида, аудитор тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит, санҷишро амалӣ намуда, барои ба даст овардани боварии қатъӣ оид ба ҷой надоштани таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявӣ дар маҷмуъ, ки ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқаманд аст, масъул мебошад.

Тавре дар стандартҳои байналмилалии аудит нишон дода шудааст, оқибатҳои имконпазири маҳдудиятҳои дохилӣ (маҳдудиятҳои ҷудоинопазир) дар ҳолатҳои таҳрифгариҳои бо сохтакорӣ алоқаманд, махсусан муҳим буда, дар ин маврид хавфи ошкор накардани таҳрифгариҳои ҷиддӣ нисбат ба хавфи таҳрифгариҳои ба дигар хатоиҳо алоқаманд баландтар мебошад.

Чунки зимни амалҳои сохтакорӣ нақшаҳои мураккаби тарҳрезӣ шуда, ба монанди барқасдона дар ҳисоботҳо нишон надодани амалиётҳо ва ё барқасдона пешниҳод шудани маълумотҳои таҳрифшуда ба аудитор аз ҷониби роҳбарияти субъект татбиқ карда мешавад.

Қобилияти аз ҷониби аудитор ошкор намудани сохтакориҳо ба омилҳои муайян, ба монанди маҳорати қоидавайронкунандаҳо, такрорёбӣ ва миқёси сохтакориҳо, дараҷаи забоняккунӣ, андозаи нисбии ҳаҷми маблағҳои сохтакоришуда ва даст доштани роҳбарияти субъект дар сохтакориҳо вобастагӣ дорад.

Гарчанде аудитор эҳтимолияти имконпазири сохтакориро мйайян карда тавонад ҳам, муайян намудани ҳолати ҷой доштани ин ё он таҳрифгариҳо дар мулоҳизарониҳо,

ба монанди баҳогузории ҳисобҳо, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ва ё хатоиҳо руй додааст, хело мушкил мебошад.

Талаботҳои стандартҳои байналмилалии аудит бо мақсади мусоидат намудани аудитор дар самти муайян намудан ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакориҳо ба миён омадаанд ва таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати ошкор намудани чунин таҳрифгариҳо таҳия гардидааст.

Тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) ба аудитор зарур аст, ки банақшагирӣ ва гузаронидани аудитро аз мавқеи шубҳаовари касбӣ ба роҳ монда, имконияти ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба ҳолати сохтакорӣ алоқамандро новобаста аз таҷрибаи қаблии аудитор вобаста ба поквиҷдонии роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дошта ба эътибор гирад.

Дар сурати муайян намудани ҳолатҳое, ки аудиторро барои хулоса баровардан ва аслӣ набудани ҳуҷҷатҳо ё тағйир дода шудани маълумотҳои он водор месозад, аудитор санҷишро идома дода, дар ҳолати баръакс бошад, метавонад қайдҳо ва дигар маълумоти ҳуҷҷатҳоро ҳамчун аслӣ эътироф намояд.

Ҳамчунин, аудиторро зарур аст, ки ба роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дошта ҷиҳати муайян намудани хабардорӣ ва ё гумон доштани онҳо дар бораи ҳама гуна ҳолатҳои сохтакории ба субъект алоқаманд дархост ирсол намояд. Аммо дар сурате, ки дар сохтори субъекти иқтисодӣ хадамоти аудити дохилӣ фаъолият менамояд, онгох ба аудитор лозим меояд, ки оид ба муайян намудани ҳолатҳои ҷой доштани ҳолатҳои сохтакорӣ ва нуқтаи назари дахлдор ба хавфи сохтакорӣ ба хадамоти зикргардида пешниҳод ирсол намояд.

Тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) ба аудитор зарур аст, ки хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар лаҳзаҳои ҳисоботи молиявӣ ва қабули қарорҳо оид ба дараҷаи амалиётҳо, бақияи ҳисобҳо ва маълумотҳои молиявӣ муайян ва арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) ба аудитор лозим аст, ки ҳамчун амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ муносибати умумиро муайян намояд. Ҳангоми муайян намудани муносибати умумӣ дар ҷавоби хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ ба аудитор зарур аст, ки амалҳои зеринро роҳандозӣ намояд;

а) бо дарназардошти дониш, малака ва қобилияти кордонӣ ҳайати кормандонро, ки ҷиҳати иҷрои созишнома масъулияти бештар доранд, таъин намуда, фаъолияти онҳоро назорат карда, дар баробари ин, арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқамандро бо созишномаи мазкур таъмин намояд;

б) арзёбии интихоб ва татбиқи принсипҳои мушаххаси сиёсати баҳисобгирӣ аз ҷониби субъект, бо арзёбии субъективӣ ва аҳдҳои мураккаб алоқамандӣ дошта, боиси сохтакории даромадҳо гардидааст;

в) ба инобат гирифтани паҳлуҳои пешгӯинашаванда зимни интихоби хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ.

Хулоса, новобаста аз арзёбии хавфи аз ҷониби роҳбарияти субъект мадди назар намудани воситаҳои назорат, ба аудитор зарур аст, ки чорабиниҳои аудиториро бо мақсадҳои зерин таҳия ва ба иҷро расонад:

а) хусусияти дахлдори китобҳои бақайдгирии ҳисобҳо дар китоби асосӣ ифода ёфта ва дигар тасҳеҳотҳои дар рафти омода намудани ҳисоботи молиявӣ амалӣ гаштаро мавриди санҷиш қарор дода, ҳамчунин ба аудитор зарур аст;

- ба шахсони дар раванди пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ҷалб гардида вобаста ба амалҳои ғайриқонунӣ, ки ба коркарди китобҳои бақадгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо алоқаманд аст, дархост ирсол намояд;

- китобҳои бақайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотро, ки дар анҷоми давраи ҳисоботӣ амалӣ карда шудааст, талаб карда гирад:

- зарурати санҷиши китобҳои бақайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳои дар тамоми тӯли давраи ҳисоботӣ гузаронидаро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

б) нархгузориҳои ҳисоббаробаркуниро ҷиҳати муайян намудани саҳеҳии он ва таъсири онро ба хавфи таҳрифгариҳои муҳими ба сохтакорӣ алоқаманд аз назар гузаронида, инчунин иҷрои амалҳои зеринро таъмин намудан зарур аст:

- арзёбии мулоҳиза ва қарорҳои қабулнамудаи роҳбарияти субъект зимни ташаккули нархгузориҳои ҳисоббарорбаркунӣ ва муайян намудани муносибати ғаразноки роҳбарият, ки метавонад ба хавфи таҳрифгариҳои муҳими ба сохтакорӣ алоқаманд таъсир дошта бошад. Дар чунин ҳолат, ба аудитор зарур аст, ки дар маҷмуъ, ҳисоббаробаркуниҳоро аз нав наргузорӣ намояд:

- аз нуқтаи назари аз нав дида баромадани мулоҳизаҳо ва мадди назаркуниҳои роҳбарияти субъектро вобаста ба нархгузориҳои ҳисоббарорбаркуниҳои нисбатан муҳим, ки дар ҳисоботҳои молиявии соли гузашта ифода ёфтаанд, аз назар гузаронад.

в) вобаста ба амалиётҳои нисбатан муҳим, ки аз доираи фаъолияти муқаррарии хоҷагидорӣ берун мебарояд ва ё бо сабабҳои гуногун ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб мерававнд, бо дарназардошти маълумотҳои ба даст овардаи аудитор оид ба субъект ва муҳити он ба аудитор зарур аст, ки асоснокии амалиётҳоро муайян намуда, эҳтимолияти бо мақсади сохтакорӣ намудани ҳисоботи молиявӣ ва ё рӯйпуш намудани азонихудкунии ғайриқонунии дороиҳо равона гардидани чунин амалиётҳоро муқаррар намояд.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъоляти аудиторӣ” , №993 аз 22.07.2013 сол.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, аз 25.03.2011 сол, №702.
3. Б.Ҳ.Каримов Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, китоби дарсӣ -2014 с.Душанбе “Ирфон”-440 с.
4. П.Х.Бобомуродов Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, дастури таълимӣ -2012 с.Душанбе “Эр-Граф”-215с.
5. Асосҳои аудит ( Дастури таълимӣ) – 2000 с.Менгниев А. Х., Содиқов С.И. Мирзоалиев А.А. Душанбе – 260с.
6. М.Шобеков, С.Дустов – «Теория бухгалтерского учета», ш.Душанбе – 2006 с.
7. Попова С.В. Международные стандарты аудита. Учебное пособие. Изд.- Москва –Экономика-2015- 165 с.
8. Жарилгасова Б.Т. Международные стандарты аудита. Учебное пособие. 4-е Изд.- Москва – КНОРУС, 2008- 400 с.
9. Суглобов А.Е. Международные стандарты аудита в регулировании аудиторской деятельности.. Учебное пособие. Изд.- Москва –Экaномика-2007- 256 с.

# БАЪЗЕ МУШКИЛИҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШДИ НИЗОМИ ПАРДОХТИИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Ализода Ш.Ш. -** н.и.и. докторанти Институти иқтисод ва демографияи АМИТ

Зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва пурра аз байн бурдани пардохтҳои нақдӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ имрӯзҳо яке аз масъалаҳои баррасишавандатарин дар низоми молиявии кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Рӯ овардан ба рушду тақвияти низоми пардохтии ғайринақдӣ муҳимтарин ҳадаф ва афзалияти стратегии кишварҳои рушдкарда ва рушдкардаистода мебошад.

Зеро, рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз омилҳои инкишофи низоми иқтисодию молиявӣ ба ҳисоб рафта, зиёд гардидани ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ барои таъмини шаффофият, муайян намудани манбаъҳои воқеии молиявӣ, кам намудани иқтисодиёти ғайрирасмӣ, рушди иқтисодиёти рақамӣ, бештар шудани захираҳои молиявӣ ва устувории молиявию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Тибқи назарияи иқтисодӣ миқдори пули дар муомилот зарурбуда вобаста ба ҳаҷми истеҳсоли мол, кор ва хизматрасонӣ танзим карда мешавад, дар ин замина танзими ҳаҷми пул ҳангоми рушди ҳамаҷонибаи низоми пардохтии ғайринақдӣ осон гардида, суръатнокии суръати гардиши пул, муътадилии сатҳи таваррум ва коҳишётии нархи пул ба хуби танзим карда мешавад.

Тибқи ақидаи К.Маркс миқдори пули барои муомилот зарур ҳамчун қонуни иқтисодӣ барои ҳамаи давраҳои истехсолоти молӣ (бозорӣ) муҳим буда, чун таносуби ҳаҷми молҳо ба суръати миёнаи гардиши пул сурат мегирад. Назарияи кунунии миқдори пули барои муомилот зарур буда аз ҷониби назариячиёни бо ном «миқдории пул» Ш. Монтеске, Ҷ. Локк, Д. Юм ва назариячиёни неокласикии «миқдории пул» А. Маршалл, И. Фишер ва дигарон таҳлил ва таҳқиқ карда шудааст [3, С. 65].




**Расми 1. Омилҳои муайянкунандаи «Қобилияти харидории пул» тибқи ақидаи И. Фишер**

Аз инҷо бармеояд, ки рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ба қобилияти харидории пул таъсири мусбӣ мерасонад, зеро дар натиҷаи истифодаи васеи пардохтҳои ғайринақдӣ:

- Суръати гардиши пул меафзояд↑;
- Миқдори пули нақд дар муомилот кам мешавад↓;
- Депозитҳои бонкӣ (нигоҳдори дар суратҳисоб) зиёд мешавад↑;
- Суръати гардиши депозиту чекҳо меафзояд↑;
- Раванди пешниҳоди қарзҳои бонкӣ ва дар ин замина истеҳсолот зиёд мегардад↑;

Танзими самараноки ҳаҷми пул дар муомилот таъмин мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он ки низоми пардохтии ғайринақдӣ ба таври зарурӣ рушд накардааст, аз 26 253 млн. сомонии нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул (М4=М3+4) дар соли 2020-ум 18 058 млн. сомонӣ ё 68,7 фоизи онро пули нақди берун аз бонкҳо ташкил медиҳад [5].

Дар Шветсия, ки аввалин шуда дар ҷаҳон соли 1661 пулҳои коғазиро ҷорӣ намуд, саҳми амалиётҳои нақдӣ ҳамагӣ 11 фоизро ташкил медиҳад ва тибқи ҳадафу афзалиятҳои стратегӣ ин кишвар дар солҳои наздик саҳми пардохтҳои нақдиро то ба 0,5 фоиз кам мекунад [2, С. 23].

Вобаста ба пешрафти иқтисодиёт, комёбиҳои илму техника, мунтазам пайдо шудани воситаҳои нави пардохтҳои ғайринақдӣ ҳаҷми пули нақд ҳамчун воситаи муомилот истифодашаванда кам мешавад. Дар мамлакатҳои тараққикарда, ба монанди ИМА, Британиёи Кабир, Фаронса, Олмон ва ғайра ҳаҷми пули нақд дар ҳаҷми умумии гардиши пулии онҳо хело кам аст, зеро дар ин мамлакатҳо воситаҳои муосири пардохтӣ, аз қабили ба суратҳисоби кормандон, нафақахӯрон гузаронидани музди меҳнат, ба таври ғайринақдӣ додани арзиши молу хизматрасониҳо, бо чеку вексел додани пули молҳои гаронарзиш васеъ истифода мешавад [4, С. 109].

Истифода намудани шаклҳои гуногуни ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба манфиати иқтисодиёт буда, барои банақшагирии дурусти сарчашмаҳои буҷету маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт, шаффоф, камхарҷ ва самаранок намудани муносибатҳои молиявии соҳибкорон, пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани тамоми манбаъҳои даромад ва коҳиш додани иқтисодиёти ғайрирасмӣ замина мегузорад.




**Диаграммаи 1. Таносуби истифодаи пардохтҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ аз ҳаҷми умумии пардохтҳо дар кишварҳои ҷаҳон. (Таҳияи муаллиф аз рӯи сарчашмаҳои интернетӣ)**

Тибқи таҳлилҳо дар давлатҳои мутараққӣ ҳамгоми хариду фурӯши молу хизматрасониҳо ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба таври васеъ истифода мегардад, зеро истифодаи онҳо камхарҷ буда, барои назорат ва андозбандии пурраи амалиётҳо мусоидат мекунад.

Дар дигар кишварҳои ҷаҳон бошад, ҳиссаи пулҳои нақд дар ҳаҷми пул ба маротиб кам буда, аз рушд ёфтани бахши бонкӣ дар иқтисодиёти онҳо бо пешниҳоди васеи хизматрасониҳои нави бонкӣ, пурра ҷорӣ гардидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, мавҷуд будани сатҳи баланди эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва татбиқи заминаи асосии иқтисодиёти рақамӣ шаҳодат медиҳад.

Аз ҷумла, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин кишварҳо тайи солҳои охир бо пайваста андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва маҳдуд сохтани истифодаи пули нақд дар муомилот, ҳиссаи пулҳои нақд дар ҳаҷми умумии пули миллӣ раванди коҳишёбӣ дорад. Аз ҷумлаи тадбирҳои андешидаи ин кишварҳо инҳоанд:

- пайваста такмил ва таҳким намудани заминаи ҳуқуқӣ ва методологие, ки истифодаи шаклҳои электронии воситаҳои пардохтро ба танзим медарорад;

- барои шахсони воқеӣ ҳаҷман маҳдуд намудани пардохтҳои нақдӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ (барои мисол: дар Русия 600 ҳаз. Рубл, дар Белгия ва Фаронса 3000 евро, дар Итолиё 1000 евро, Испания 2500 евро барои резидентон ва 15 000 евро барои ғайрирезидентон, Чехия 350000 крон, Булғория 10 ҳаз. лев, Юнон 1500 евро);

- ҳатмӣ гардонидани интиқоли музди меҳнат, нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо танҳо ба кортҳои бонкӣ [1, С. 12].

Истифодаи васеъи амалиётҳои ғайринақдӣ дар кишварҳои болоқайдгардида аз он гӯвоҳи медиҳад, ки хизматрасониҳои инноватсионии бонкӣ ва инфрасохтори зарурӣ рушд кардааст ва аз рӯи таҳқиқотҳо сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмию рушди иқтисодӣ дар онҳо хубтар ба назар мерасад.

Зиёд будани раванди гирифани пули нақд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он гувоҳи медиҳад, ки то ба ҳол дар кишвар шароити зарурӣ барои пардохти ғайринақдӣ ба воситаи картаҳои бонкӣ дар ҳама минтақаҳо ва марказҳои савдо фароҳам оварда нашудааст.

Таносуби амалиётҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар Тоҷикистон бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ дар соли 2020-ум 91,6 фоиз ба 8,4 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 амалиётҳои ғайринақдӣ 1,5 банди фоизӣ зиёд гардиданд.

Мушкилоти асоси дар самти истифодаи бештари суратҳисобҳои бонкӣ ба воситаҳои муосири пардохтӣ, яъне телефонҳои мобилӣ ва барномаи махсусгардонидашуда, рамзҳои коддор, ин сатҳи пасти шумораи воситаҳои пардохтқабулкунандаю пардохтсупоранда мебошад.

Бояд дар тамоми марказҳои савдо ва хизматрасониҳо воситаҳои пардохтқабулкунандаи ғайринақдӣ мавҷуд бошад, аз ҷумла дар марказҳои савдои бузург ва худр дар назди хонаҳои истиқоматӣ, истироҳатгоҳҳо, нақлиётҳо, духтурхонаҳо, ва ғайраҳо. Ин имкон медиҳад, ки пардохтҳои ғайринақдӣ рушд карда, рақамикунонии иқтисодиёт то андозае таъмин гардад.

Бинобар ин, андешидани чораҳои судманд ҷиҳати фароҳам овардани муҳити беҳтари хизматрасониҳои молиявӣ барои аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, ҷалби маблағгузориҳо барои беҳтар намудани заминаи инфрасохтрии низоми пардохтӣ, такмили механизми қонунгузорию андозбандӣ ва ҷоннок кардани фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бештар намудани пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии инноватсионӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Дар маҷмӯъ, дар замони муосир истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо барои соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ афзалияту бартариятҳои зиёд дорад, ки дар расми 2 оварда шудааст.

Ба андешаи мо, ба монеаҳои рушди бештари низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Тоҷикистон дохил мешаванд: пеш аз ҳама сатҳи пасти фаҳмиши молиявии аҳолӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон, заминаи номукаммали техникию технологии ташкилотҳои бахши савдо ва хизматрасонӣ, фаъолияти ғайримунтазами низоми пардохтии ғайринақдӣ, номукаммалӣ ва баланд будани меъёри андозҳои давлатӣ, нокифоя будани маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ҷиҳати амалӣ сохтани барномаҳои махсус барои таъмини фаъолияти мунтазами низоми пардохтии ғайринақдӣ, аз ҷумла зиёд намудани шумораи терминалҳо ва банкоматҳо тибқи таҷрибаи дигар давлатҳои пешрафта, набудани имтиёз барои харидани технология ва таҷҳизоти навтарини сатҳи ҷаҳонӣ, номукаммал будани фаъолияти бонкӣ, мавҷудияти пинҳонкорӣ, сатҳи пасти дастрасии молиявӣ ва технологии аҳолӣ, хабардор набудани аҳолӣ аз равандҳои технологии ҷаҳони муосир, фаҳмиши маҳдуди принсипҳои корчаллонӣ, ки дар худ принсипҳои менеҷменти муосир, таҳлили молиявӣ

ва маркетингиро инъикос менамояд, сатҳи пасти маҳоратнокӣ ва таҷрибаи ночизи соҳибкорон дар соҳаҳои гуногуни тиҷорати имрӯза, нокифоя будани корҳои таблиғу ташвиқотӣ дар ҷодаи манфиати иқтисодию иҷтимоии истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ, дастрас набудани иттилоот оид ба тарзи истифодаи технологияҳои муосир барои пардохтҳои ғайринақдӣ, ҷорӣ нагардидани иқтисодиёти рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ва ғ.




**Расми 2. Афзалияту бартариятҳои истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо барои соҳаҳои иқтисодиёт**

Афзалиятҳои истифодаи низоми пардохтии ғайринақдӣ дар расми 3 пешниҳод шудааст.

Аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда дар самти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки рушди пардохтҳои ғайринақдиро бо роҳҳои зерин таъмин намудан имконпазир аст, аз ҷумла:

- Татбиқи барномаҳои махсус ҷиҳати муҷҷаҳазгардонии пураи нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ новобаста аз шакли моликият бо техника ва технологияи муосири қабули пардохтҳои ғайринақдӣ;
- Таҳия ва қабули барномаи махсус оид ба баланд бардоштани дастрасии молиявии тамоми қишри ҷомеа ва ҳамчунин баланд бардоштани саводнокию маърифати молиявии онҳо;




**Расми 3. Афзалиятҳои истифодаи низоми пардохтии ғайринақдӣ**

- Гузаронидани пурсиши иҷтимоӣ оид ба муайян намудани сатҳи дониш ва малака дар самти истифодаи технологияҳои пардохтӣ, аз ҷумла истифодаи низоми пардохтӣ электронӣ ва мобилӣ;
- Ташкили шароити мусоид, аз ҷумла марҳила ба марҳила ҳатмигардонии истифодаи POC-терминалҳо дар тамоми нуқта ва марказҳои савдою хизматрасонӣ;
- Татбиқи шаклҳои наву замонавии пардохтҳои ғайринақдӣ;
- Такмили заминаи қонунгузорӣ дар самти пурзӯр намудани назорат ва осон намудани воридшавии субъектҳои хизматрасон ба низоми пардохтӣ.

**Адабиёт**

1. Деньги и кредит – 2/2013, “Наличное денежное обращение: современный этап и перспективы развития”, Г.И.Лунтовский, Первый заместитель Председателя Банка России.
2. Ирина Лаврова, Юлия Глуховская- Эволюция платежей: что заставляет людей отказываться от наличных- https://plus.rbc.ru/.
3. Сивульский Н.И. Деньги и законы их развития при социализме. Львов: Вища шк., 1987. 157 с.
4. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз.- ш. Душанбе: «ЭР-граф», 2009, 450с- саҳ-109
5. www.nbt.tj

# ОМИЛҲО, САБАБҲО ВА ОҚИБАТҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ БУҲРОНИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Досиев М.Н.,** н.и.и., дотсент, АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамроҳшавии иқтисодиёт ба муносибатхои бозорӣ, кушодашавии бозори ватанӣ барои молҳои хориҷӣ аксарияти корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳолати ногувори молиявӣ ва иқтисодӣ оварда мерасонад. Дар натиҷа қобилияти пардохтпазирии корхонаҳо паст шуда, ба муфлисшавӣ оварда мерасонад. Дар ҷаҳон ягон корхонае нест, ки дар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории худ ҳолатҳои буҳрониро аз сар нагузаронида бошад. Аз ҳамин сабаб, дар назди роҳбарияти ташкилотҳо, мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ вазифаи пешгирӣ намудани ҳодисаҳои буҳронӣ ва таъмин намудани вазъияти устувори ташкилотҳо меистад, зеро муфлисшавии як ташкилот ба паст шудани ҳолати молиявии дигар ташкилот мегардад [6, с. 264].

Ҳалли масъалаҳои пешгирии ҳолатҳои буҳронӣ ва ё кам кардани таъсири он ба натиҷаҳои фаъолияти ташкилот бо ёрии низоми чораҳо имконпазир аст, ки дар баъзе мамлакатҳо онро «кризис-менеҷмент» ном мебаранд, дар дигар давлатҳо «идоракунии зиддибуҳронӣ».

Дар шароити имрӯза якчанд мафҳумҳои муайянкунии ҳолатҳои буҳронӣ дар корхона таҳия шудааст. Баъзе олимон буҳронро ҳамчун ба самти манфӣ тағир ёфтани

як ва ё якчанд параметрҳои низоми муайян - инсон, гурӯҳи одамон, ташкилот, иқтисодиёт, умуман ҷамъиятро муайян мекунанд.

Дигар олимон буҳронро чунин ҳолати ташкилот мефаҳманд, ки дар шароити он ташкилот фаъолияти ояндаи худро бе тағиротҳои дохилӣ пеш бурда наметавонад.

Ба вуҷуд омадани ҳолати буҳронӣ бо чунин аломатҳо ифода меёбад:

- таҳдид барои баамалбарории мақсадҳои муҳими ташкилот;
- маҳдудияти вақт барои қабули қарор оид ба танзими бӯҳрон.

Дар корҳои илмии олимони иқтисодчӣ нуқтаи назари ягонаи буҳронҳо дар тараққиёти низомҳои гуногун вуҷуд надорад [2].

Як қатор олимон чунин ақида доранд, ки буҳронҳо танҳо ба тарзи истеҳсолоти капиталистӣ хос аст ва дар низоми сотсиалистӣ ба вуҷуд омада наметавонад.

Дигар олимони иқтисодчӣ чунин мешуморанд, ки мафҳуми «буҳрон» танҳо ба сатҳи макроиқтисодӣ қобили истифода аст, ва барои сатҳи микроиқтисодӣ бошад, муаммоҳои на онқадар калон мувофиқат мекунад, ки бо низоми ғайрисамараноки истеҳсолот ва идоракунӣ ба вуҷуд меоянд. Ин муаммоҳо натиҷаи буҳрони тараққиёт нестанд, ва бо тамоюлҳои объективӣ ба вуҷуд намеоянд [7].

Агар тараққиёти фирмаро аз ҳамин нуқтаи назар дида бароем, он гоҳ имкониятҳои ба вуҷуд омадани бӯҳронро ояндабинӣ намудан зарурат надорад. Зеро мафҳуми «буҳрон» бо мафҳуми «хавф» низ алоқамандии зич дорад, ки ба андозае ба ҷараёни идоракунии зиддибуҳронии ҳар як корхона таъсир мерасонад [1].

Ба муаммои буҳрон аз нуқтаи назари назарияи пайдарпаӣ дидан мумкин аст. Барои ҳар як системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хоҳ вай системаи ҷамъиятӣ, ширкат ё корхона бошад, ду омил хос мебошад:

- фаъолият (амалкунӣ);
- тараққиёт.

Фаъолият (амалкунӣ) - ин нигоҳдории фаъолият, нигоҳдории вазифаҳо ба шумор меравад.

Тараққиёт - ин ба даст овардани сифати нав мебошад.

Фаъолият (амалкунӣ) ва тараққиёт баҳам алоқаманд мебошанд. Алоқамандии фаъолият ва тараққиёт муайянӣ ва қонуниятҳои ба вуҷуд омадан ва ба охиррасии буҳронро дар назар дорад.

Фаъолият (амалкунӣ) тараққиётро боз медорад ва базиси он ба ҳисоб меравад, тараққиёт ҳар гуна ҷараёнҳои фаъолиятро манъ мекунад, аммо бароиамалигардонии он дар намуди нав замина фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, тараққиёти даврӣ ба вуҷуд меояд, ки давра ба давра ба вуҷуд омадани буҳронро дар назар дорад [5].

Таҷриба нишон медиҳад, ки буҳрон метавонад дар ҷараёни фаъолият ба вуҷуд ояд. Буҳрон ин ба вуҷуд омадани зиддият байни дараҷаи техникӣ ва ихтисоси ҳайат, байни технология ва шароитҳои истифодаи он. Буҳрон ин зиддият дар ташкилот мебошад, ки ба фаъолияти мӯътадили он таҳдид мекунад.

Аз нуқтаи назари миқёси муаммоҳо, то ҳоло ақидае вучуд дорад, ки буҳрон танҳо барои низоми макроиктисодӣ хос буда, барои низоми микроиктисодӣ, ба монанди корхонаи алоҳида, хос нест. Мафҳуми буҳрон ва идоракунии зиддибуҳронӣ бо идоракунии хавф алокамандии зич дорад. Идоракунии зиддибуҳронӣ ҳамеша баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии хавфи имконпазирро дар назар дорад [3,с.61].

Буҳрон ин ҳолати объективии низоми иҷтимоӣ-иктисодие мебошад, ки дар асосии фаъолият ва тараққиёти он фаъолияти идорашавандаи инсон мехобад. Ҳамин тавр, буҳрон ин вайрон шудани мувозинати низом ва ҳамчунин гузариш ба низоми мувозинати нав мебошад.

Сабабҳои бӯҳрон метавонанд ба объективӣ ва субъективӣ ҷудо шаванд.

Сабабҳои объективии буҳрон бо талаботҳои давра ба давра таҷдиди сохторӣ, азнавсозӣ кардан алоқаманд бошанд.

Сабабҳои субъективии буҳрон бо хатогиҳо дар идоракунӣ, омилҳои табиӣ (иқлим, муҳит) алоқаманд бошад.

Сабабҳои бӯҳрон ба берунӣ ва дохилӣ ҷудо мешаванд.

Сабабҳои берунии буҳрон бо таъсири омилҳои макроиқтисодӣ ва ё берунииқтисодӣ алоқаманд аст [8, с.245].

Сабабҳои дохилии буҳрон бо омилҳои дохилӣ - стратегияи маркетинги таваккалӣ, номукамал будани истеҳсолот ва идоракунӣ, сиёсати маҳдуди инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, ғайрисамаранок идоракунии ҳайат алоқаманд аст. Буҳрон метавонад бо таъсири омилҳои зиёди берунӣ ва дохилӣ ба вуҷуд ояд. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки таҳдиди бӯҳрон ҳамавақт вуҷуд дорад, онро пешбинӣ кардан зарур аст.

Ба вуҷуд омадани буҳронро ба таври зерин пешбини намудан мумкин аст: сабабҳо - аломатҳо - омилҳо.

Барои самаранок идора кардани бӯҳрон на танҳо сабабҳо, балки ҳам оқибатҳои онро таҳқиқ намудан зарур аст. Масалан, дар натиҷаи бӯҳрон навсозии ташкилот ва ё барҳамдиҳии ташкилот, беҳтаршавии вазъият ва ё бад шудани ҳолат имконпазир аст.

Бӯҳрон метавонад чӣ оқибатҳои мусбӣ ва чӣ оқибатҳои манфӣ дошта бошад.

Оқибатҳои бӯҳрон метавонад бо тағиротҳои ҷиддӣ ва ё баромади осон алоқаманд бошад. Инчунин, оқибатҳои пас аз бӯҳронӣ метавонанд дар ширкатҳо дарозмуддат ва ё кӯтоҳмуддат, баргардондашаванда ва баргардонда- нашаванда, миқдорӣ ва сифатӣ бошад. Оқибатҳои бӯҳрон на танҳо бо табиат ва параметрҳои он, балки ҳам самаранокии идоракунии зиддибӯҳронӣ муайян карда мешаванд[4].

Мусаллам аст, ки рушди босуботи иқтисодӣ метавонад вазъи хавфҳои сар задани буҳрони молиявиро пешгирӣ намояд

Рушди иқтисодӣ маънои онро дорад, ки дар ҳар як мӯҳлати муайян ҳалли мушкилоти маҳдудияти захираҳо то андозае осон гардида, таъмини доираи васеи талаботҳои инсон имконпазир мегардад. Ба таври умумӣ инкишофи иқтисодӣ тағйирёбии миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои истеҳсолот ва омилҳои онро (ҳосилнокии онро) ифода менамояд.

Рушди иқтисодӣ яке аз масъалаҳои маркази назарияи муосири иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути тағйироти рушди иқтисодӣ ба сатҳи инкишофи иқтисоди миллӣ ва дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ баҳо медиҳанд.

Дар илми назарияи иқтисод оиди таърифи рушди иқтисодӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, рушди иқтисодӣ дар асоси назарияи миқдорӣ ва назарияи миқдориву сифатӣ шарҳ дода мешавад [6,с. 285].

Мувофиқи назарияи миқдорию сифатӣ рушди иқтисодӣ гуфта, такмилдиҳии миқдориву сифатии истеҳсолот ва афзуншавии ҳаҷми маҳсулоти ҷамъиятиро меноманд, ки дар ҳалли масъалаи маҳдудияти захираҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ кӯмак мекунад [5].

**Хулоса** дар баробари чорабиниҳои асосии болозикр, инчунин нигоҳ доштани сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ барои таъмини хизматрасонии уҳдадориҳои давлат ва муътадилии бозори дохилии асъор, таъмини ҳамоҳангӣ дар татбиқи сиёсати монетарию фискалӣ, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳиссаи пули нақд дар муомилот ба нақша гирифта шуда, бо ин васила ҳолатҳои буҳрони молиявӣ пешгирӣ карда мешаванд.

**Адабиёт**


1. Алимардонов У. Молия. - Душанбе, Ирфон. - 2014. - 358 с.
2. Акобиров Ҳ.А. Молия. - Душанбе, Сумани Қудрат. - 2011. - 284 с.
3. Афанасьев, Р.С. Понятие эффективности бюджетных расходов: теория и законодательство / Р.С. Афанасьев, Н.В. Голованова // Финансовый журнал. - 2021. - №1(29). - С. 61-68.

4. Афанасьев М.П. Бюджет и бюджетная система: учебник / под ред. М.П. Афанасьева, - 2- изд., перераб. и доп. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2019. - 452 с.
5. Каримова М.Т., Мӯминова Ф.М., Соҳибов Ш.К. Роҳнамои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2012. - 188 с.
6. Раҳимов Р.К. Назарияи иқтисодиёт.Конспекти лексияҳо. - Душанбе. Ирфон. - 2011. - 605 с.
7. Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ., Содиқов Р.Ҳ. Молия ва қарз (китоби дарсӣ). - Душанбе: «Ирфон», 2010, - 340 с.
8. Ҳасанов А.Р., Содиқов Р.Ҳ. Буҷети давлатӣ (китоби дарсӣ). - Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - 368 с.

## МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИННОКИИ МОЛИЯВИИ РАВАНДИ САНОАТИКУНОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Бобоев Н.М. н.и.и., номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва андози МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**

Соли 2021 Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки:“Бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудем” [5].

Бунёди корхонаҳои саноатӣ раванди мушкил буда, ҳалли масълаҳои пай дар пайро талаб мекунад. Яке аз масълаҳои муҳимтарин раванди мазкур самтимолиякунонии онҳо ба шумор меравад, яъне барои бунёди корхонаҳои саонатӣ бояд маблағро аз куҷо гирифт?. Дар назарияи иқтисодӣ якчанд сарчашмаҳои маъмулии маблағзуории самти мазкур қарор дорад, ки истифода онҳо ба ҳадафҳои саноатикунони оварда мерасонад. Яке аз сарчашмаҳои муҳим ин ҷалби сармояи инвесторҳо аз бори қоғазҳои қимматнок ба ҳисоб меравад. Баъди бозори қарзию бонкӣ, дар бозори қоғазҳои қимматнок ҳаҷми калони селаҳои молиявӣ ташаккул дода мешаванд, ки дар онҷо ба мақсадҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ тақсим карда мешавад. Роҳҳои ташаккули селаҳои молиявиро дар бозори қоғазҳои қимматнок ба мақсадҳои саноатикунонии кишвар таҳлил менаоем.

Бозори қоғазҳои қимматнок яке аз қисмҳои асосии бахши молиявии иқтисодиёт ба шумор рафта, роҳҳои табдилдиҳии пасандозро ба сармоя таъмин намуда, самтҳои фоиданоки истифодаи сармояро инъкиос менамоед. Аз ин ҷо бармеояд, ки бозори қоғазҳои қимматнок бо инфрасохторҳои таркибиаш саҳми арзанда дар рушди иқтисодиёт доранд, ки маҳз дар ин бозор сарчашмаҳои молиявии дарозмуддати рушди иқтисодӣ ташкил меёбанд, ки баъдан онҳо дар асоси сохти таркибишон ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, ҳамчун сармоя ворид мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти бозори дуюминдараҷаи қоғазҳои қимматнок аз тарафи ду биржаи фондӣ ташкил карда мешаванд, ки онҳо “Биржаи фонди Осиё Марказӣ” ва “ Биржаи фондии Осиё” ба ҳисоб мераванд. Фаъолияти онҳо низ пурра ташкил нашудааст, ки аз онҳо аксари субъектони иқтисодӣ хабар надоранд. Ингуна вазъ метавонад ба раванди ташккулёбии селаҳои молиявии бозори қоғазҳои қимматнок мушкилотҳо эҷод мекунад. Барои ташаккули селаи молиявӣ ба воистаи бозори қоғазҳои қимматнок, зарур мебошад, ки фаъолияти ташкилотҳои молиявиро дар ин самт таҳлил намоем. Дар ҷадвали 1, нишондиҳандаҳои молиявии ширкатҳои молиявӣ нишон оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои ташкилотҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| 1 | Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ, млн. сомонӣ | 21 986 | 24 325,6 | 28 452,5 | 24 647,6 |
| 2 | Қоғазҳои қимматнок ба ғайр аз саҳмияҳо, ҳаз. сомонӣ | 650,0 | 667,8 | 1236,5 | 1697,8 |
| 3. | Саҳмия ва дигар сармояҳо, ҳаз. сомонӣ | 140,2 | 2262,7 | 8345,7 | 5676,6 |

**Сарчашма:** Шарҳи монетарии ташкилотҳои молиявӣ ва Шарҳи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сомонаи Бонки милии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj (санаи истифодабари:10.03.2022).

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 1, нишондиҳандаҳои ташкилотҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳо 2018-2021 нисбати ММД ва дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ таҳлил гардидаанд (ниг. ба диаг.1).

**Диаграмаи 1.**

**Динамикаи нишондиҳандаҳои ширкатҳои молиявӣ нисбати ММД ва дороиҳои умумии бахши низоми молиявӣ**




**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 1

**Диаграммаи 2.**




**Афзоиши солонаи нишондиҳандаҳои ширкатҳо молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Иштироки ширкатҳои молиявии кишвар дар таъсиси ва ё харидории саҳмияи ширкатҳои дигар, яке аз нишондиҳандаҳои марбутаи соҳа ба шумор рафта, дар ташккули селаҳои молиявӣ саҳми арзанда дорад. Дар асоси нишондодҳои дигараммаи 1, дар соли 2018 маблағҳо барои хариди саҳмия ва дигар сармояҳо нисбати дороиҳои умумии бахшиҳои низоми молиявии кишвар 0,63% - ро ташкил кардааст. Дар солҳои 2019-2021, нишондиҳанда нисбати соли 2018 афзоиш ёфтааст. Масалан, дар соли 2021 -23% ва 2020-29,3%-ро ташкил кард, ки дар диграммаи 2, динамикаи он пешниҳод гардидааст.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар асоси нишондодҳои диграмаии 2, чунин натиҷагири карда мешаванд. Дар соли 2019, нисбати соли 2018, нишондиҳандаи номбаршуда 10% афзоиш ёфт. Дар соли 2020-16,9-ро такшил дод, ки нисбат ба соли 2019, 9% афзоиш ёфтааст. Аммо дар соли 2021, ин нишондиҳанда як якбора ба 13,3% коҳиш ёфтааст, ки нигаронкунанда мебошад. Коҳишёбии дороиҳои молиявии кишварро мутахасисони Бонки милии Тоҷикистон ба барҳам додани бонкҳои мушкилотдор дар соли 2021, вобаста мекунанд [3]. Инчунин, ҳодисаҳои ба амаломада дар сатҳи ҷаҳонӣ (ковид-19), тағйиротҳои ва таҷдидҳо дар иқтисодиёти кишварҳои бо мо шарики стратегӣ сабаб шудаанд, ки дороиҳо дар соли 2021 коҳиш ёбанд.

Фаъолияти инвеститсионии ширкатҳои молиявии кишвар дар соли 2018 дар сатҳи зарур ташкил нашудааст, ки дар ин сол нисбати соли 2017, маблағҳое, ки барои хариди қоғазҳои қимматнок дар доира гузаронидани амалиётҳои инвеститсионӣ, 25% кам шудаанд. Дар баробари чунин коҳишёби дар солҳои минбаъда фаъолияти мазкур аз тарафи ширкатҳои марбута фаъол гардонида шуд, ки маблағҳои барои амалиётҳои инвеститсионӣ дар ссоли 2020-85%, ва 2021-37,3%, афзоиш ёфтанд, ки он сарчашмаҳои ташаккули селаҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Соли 2017, ҶСК “Бонки Эсхата” якум бонке аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо гирифтани иҷозатномаи махсус аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоғазҳои қимматноки корпоративии худро бо миёнаравии ширкати брокерии Прайм инвест ба Биржаи фонди Осиё Марказӣ барои фурӯш баровард, ки дар шаклгирии селаҳои молиявӣ саҳми худро гузошт. Дар асоси маълумотҳои Биржаи фонди Осиё Марказӣ, маълум гардид, ки бонки мазкур соли 2021, вомбаргҳои худро ба маблағи 50 млн., сомонӣ бо арзиши номиналии 100 сомонӣ ва бо даромаднокии 14% солона, эълон намудааст, ки сармоягузорон метавонанд харидори намоянд. Инчунин, ҶСК “Бонки Эсхата” моҳи марти соли 2020, вомбаргҳоро барои амалӣ намудани амалиётҳо лизинги ба маблағи 10 млн., сомонӣ бо арзиши 100 сомонӣ эълон карда буд, ки мӯҳлати гардиши онҳо 2 солро барбар гирифта, даромаднокии солона 14%, муқаррар гардида буд. Дар асоси маълумотҳои сомонаи ширкати брокерии Прайм инвест, санаи 9 феврали соли 2021, дар платформаи Биржаи фонди Осиё Марказӣ, ки бозори дуюмидараҷа ба ҳисоб меравад, вомбаргҳои лизингии ҶСК “Бонки Эсхата” ба маблағи 1048 ҳаз. сомонӣ фурӯхта шудаанд [3].

Дар баробари бонки номбаршуда дигар бонкҳои тиҷоратие ҳастанд, ки ба фаъолияти инвеститсионӣ ба қоғазҳои қимматнок машғул мебошанд. Маълумоти оиди амалӣ намудани ингуна амалиётҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар дигараммаи 3 оварда шудааст.

Таҳлилҳои диаграмма нишон доданд, ки дар соли 2016, ҶСП “Спитамен бонк” ба маблағи 60 000 ҳаз. сомонӣ ба қоғазҳои қимматнок инвеститсия намудааст [2]. Чуноне, ки дар диаграммаи 3, омадааст, ки ин нишондиҳанда, нисбати соли 2016, дар соли 2017-28,9% афзоиш ёфт.

Дуюмин бонке, ки фаъолияти онро таҳлил намудем - БДА “Амонатбонк” мебошад, ки натиҷаҳои назаррас дорад. Дар соли 2016, аз тарафи бонк барои инвеститсия ба қоғазҳои қимматнок 405 485 ҳаз., сомонӣ ҷудо гардидааст [6]. Дар соли

2017, ин нишондиҳанда нисбати соли қабли, ба 115% афзоиш ёфтааст. Соли 2018, БДА “Амонатбонк” ҳаҷми пулҳои ҷудонамудаи худро нисбати соли 2017, 98,5% афзоиш додааст. Нишондиҳандаи мазкур дар солҳои 2019-2020, ба 7,8% ва 2,38% коҳиш ёфтааст, ки нишона суст гардидани фаъолияти инвеститсионии бонк ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти инвеститсионии ҶСК “Бонки Эсхата” дар асоси нишондодҳои дигараммаи 3 чунин мебошад. Дар соли 2016, бонкӣ мазкур барои гузаронидани амалиётҳои инвеститсия ба қоғазҳои қимматнок 49 701 ҳаз. сомониро ҷуда намудааст [4]. Таҳлил нишон дод, ки дар солҳои 2017-2018, ин маблағҳо ба 21,5% ва 93% коҳиш ёфтаанд. Дар солҳои 2019-2020, инвеститсияи қоғазҳои қимматнок афзоиш ёфтаанд, ки ин гувоҳи сустгардидани фаъолияти инвеститсионӣ ба қоғазҳои қимматнок мебошад.

**Диаграммаи 3.**

**Динамикаи инвеститсия ба қоғазҳи қимматнок аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Таҳлили мавқеи бозори қоғазҳои қимматнок дар ташаккули селаи молиявӣ, моро водор месозад, ки чунин хулосабардорӣ намоем.

1. Дороиҳои бахши молиявии икшвар нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохили дар ҳолати афзоиш мебошанд. Масалан, дар соли 2020 онҳо ба 34,4%-ро ташкил намуданд, ки ин афзоиш нисбати соли қабли 3,7% ташкил намуд. Аммо, нигаронкунанда он нишондиҳанда мебошад, ки маблағе, ки ташкилотҳои молиявии кишвар, барои харид қоғазҳои қимматнок ҷудо мекунанд, нисбати дороиҳои онҳо хело ҳам фоизи пастро нишон медиаҳд, ки ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест. Масалан, соли 2021 танҳо 6,8%-и дороиҳои худро ташкилотҳои мазкур ба инвеститсияи қоғазҳои қимматнок сарфа кардаанду халос. Ин гувоҳи он ҳаст, ки механизмҳои бозори қогазҳои қимматнок дар ташккули селаҳои молияӣ ҳанӯз ҳам иштироки васеъ надоранд.

2. Натиҷаи диаграмаии 2, нишон дод, ки фаъолияти инвеститсионии ширкатҳои молиявии кишвар, дар соли 2018, ғайриқаонатбахш арзёби карда мешавад, ки маблағҳое, ки барои хариди қоғазҳои қимматнок ба 25% коҳиш ёфтанд. Дар солҳои минбаъди бошад фаъолияти мазкур аз тарафи ин ташкилотҳо фаъол гардид, ки маблағҳои дар соли 2020-85%, ва 2021-37,3%, афзоиш ёфтанд, ки яке аз сарчашмаҳои асосии ташккули селаҳои молиявӣ дар иқтисодиёт гардианд.

3. Фаъолияти се бонки низомсози кишвар, дар самти инвеститсия бо қоғазҳои қимматнок таҳлил карда шуд, ки дар натиҷа БДА “Амонатбонк” мавқеи хосро дорост, ки дар бозори қоғазҳои қимматнок амлиётҳои бештарро амалӣ менамояд. Яъне, нисбат ба дигар бонкҳо, БДА “Амонатбонк” маблағҳои зиёдеро барои инвеститсия ба

қоғазҳои қимматнок ҷудо мекунад, ки ҳамчун механизми ташаккули селаҳои молиявӣ дар иқтисодиёт ҳисобида мешаванд.

4. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки иқтидори молиявии бозори қоғазҳои қимматнок баланд буда, дар ин бозор ҳаҷми селаҳои молиявӣ дар сатҳи зарури ташаккул меёбанд, ки имконияти васеъ вуҷуд дорад, ки ин бозор ба сарчашмаи доими молиякунонии раванди бунёди саноат дар Тоҷикистон гардад.

**Адабиёт**


1. Центрально-Азиатская Фондовая биржа // саҳифаи расмӣ дар сайти иҷтимоии Meta.com (санаи истифодабари: 20.03.2022)

2. Ҳисоботи аудиторҳо мустақил доир ба фаъолияти молиявии ҶСП "Спитамен бонк" барои соли 2016. С.5

3. Ҳисоботи аудиторҳо мустақил доир ба фаъолияти молиявии БДА "Амонат банк" барои соли 2016. С.310. Ҳисоботи молиявии ҶСК "Бонки Эсхата" ба ҳолати 31 декабри соли 2016. С.1-2

4. Ҳисоботи молиявии ҶСК "Бонки Эсхата" ба ҳолати 31 декабри соли 2016. С.1-2

5.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021 12:15, шаҳри Душанбе


## Баҳисобгирии ташкил ва истифодабарии фонд мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо


**Ғуломова З.З. – устоди калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори ДБССТ**


Яке аз самтҳои фаъолияти бонкҳо дар замони муосир, ки метавонад вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратиро беҳ гардонад, ин пешниҳоди қарз ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ мебошад. Имконоти чунин намуди фаъолиятро истифода бурда, бонкҳо метавонанд фаъолнокии кории худро баланд бардошта, ба мизоҷони худ – субъектҳои хоҷагидории ба гирифтани қарзи бонк эҳтиёҷдошта маблағҳои зарурир пешниҳод намоянд.

Ҳангоми ба ҷо овардани амалиѐтҳои қарзӣ дар баҳисобгирии муҳосибии муассисаҳои бонкӣ ва ташкилотҳои карзӣ проблемаҳо ва масъалаҳои ҳалталаби зиѐде ба миѐн меоянд. Аксари чунин проблемаҳо бо он алоқаманд мебошанд, ки бо сабабҳои гуногун баъзе аз қарздорон қарзҳои худро саривақт баргардонида наметавонад. Аз ин хотир бонкҳоро лозим меояд, ки дар чунин вазъият тибқи талаботи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон амал намоянд.

Дар амалияи бонкӣ қарзҳое, ки саривақт баргардонида намешаванд, ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд: – ғайриқолабӣ, ―шубҳанок, ―хатарнок ва ―беэътимод. Нисбати чунин қарзҳо дар бонкҳо тибқи талаботи низоми бонкӣ захира ва фондҳо барои пӯшонидани талафоти имконӣ аз чунин қарзҳо кушода мешавад, ки чунин амал фаъолияти қарздиҳии бонкро устувор гардонида, талафотҳои эҳтимолиро бартараф менамояд [3, с. 260].

Мутобиқи Дастурамали № 177 ―Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) аз рӯи қарзҳо, ки бо Қарори Раѐсати бонки Миллии Тоҷикистон, № 153, ки аз 27.07.2011 тасдиқ гардидааст, бонкҳои қарздеҳ вазифадоранд, ки захираҳоро барои руйпӯш кардани зиѐни имконпазир аз рӯи қарзҳои пешниҳодкардаашон кушоянд.

Захира барои талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо фонди махсусест, ки зарурати ташаккули онҳо бо хавфҳои қарзӣ дар фаъолияти бонкҳо ба миѐн меояд. Захираи мазкур фароҳам овардани шароити нисбатан мӯътадили молиявиро барои бонкҳо таъмин менамояд ва ба пешгирии тағъирѐбии даромаднокии бонкҳо дар робита ба соқит кардани зиѐн аз рӯи қарзҳо мусоидат мекунад [3, с.300].

Захира барои талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо аз ҳисоби маблағҷудокунӣ чун хароҷоти бонкҳо ҳисоб карда мешавад.

Захира барои талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо танҳо барои пӯшонидани қисми қарзи асосии пардохтнашудаи мизоҷ истифода бурда мешавад. Дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ хавфҳои қарзиро аз рӯи ҳамаи намуди қарзҳо баробар бо асъори миллӣ, асъори хориҷӣ ва металлҳои қиматбаҳо баҳогузорӣ мекунанд, аз ҷумла:

- ҳамаи қарзҳои додашуда, аз ҷумла қарзҳои (пасандозҳои) байнибонкӣ;
- васиқаҳои аз ҷониби бонк харидашуда;
- маблағҳои кафолатдодаи бонк, ки барқарор нашудаанд;
- амалиѐте, ки мутобиқи шартномаи маблағгузорӣ ба гузашт кардани талаботи пулӣ (факторинг) анҷом дода мешавад.

Дар сурати тағйирѐбии ҳолати молиявии муштарӣ ва ҷой доштани маълумот оиди хавфҳои он, ташкилоти қарзӣ ӯҳдадор аст қарзҳоро тасниф намояд. Ҳолати молиявии муштарӣ дар асоси таҳлили тавозун, ҳисоботи фоида ва зарар, ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулии он бо назардошти соҳа ва бахши фаъолияти муштарӣ бо услубу нишондодҳое, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ қабул шудаанд, муайян карда мешавад.

Ҳолати молиявии муштарӣ дар сурати мавҷуд будани таҳдидҳои мустақими ҷорӣ ба ҳолати молиявӣ бо назардошти дар фаъолияти муштарӣ ҷой доштани тамоюлҳои манфие, ки аз тарафи муштарӣ барои пешгирии онҳо чора андешида намешавад ва дар оянда метавонанд манбаи бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ гардад, шубҳанок баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳолати молиявии муштарӣ дар мавридҳои зерин ғайриқаноатбахш баҳо дода мешавад: агар муштарӣ қобилияти ноустувори пардохтадокунӣ ва дар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории ӯ тамоюли таҳдидкунанда ба назар расад (фаъолияти зиѐновар, камшавии дороиҳои соф, паст шудани ҳаҷми истеҳсолот, афзоиши ҳаҷми воқеии қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ), ѐ мувофиқи қонунгузорӣ муфлис эълон шуда бошад [3, с. 300].

Таснифи қарзҳо мувофиқи талаботи банди 32-и Дастурамали № 177 ―Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо‖ гузаронида мешавад. Маълумот дар бораи таснифи қарзҳо ва Фонд бояд бо тартиби муқарраркардашуда ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Таснифи қарзҳо аз ҷониби бонк мустақилона ѐ аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ (дар асоси шартнома) дар ҷараѐни таҳлили сифати дороиҳои бонк амалӣ карда мешавад.

Таснифи қарзҳо ва баҳодиҳии хавфи қарзӣ дар асоси маҷмӯи якчанд омилҳо сурат мегирад: вобаста ба вазъи молиявии қарзгир, ки бо истифода аз усулҳои дар амалияи бонкӣ ва байналмилалӣ истифодашаванда ҳисоб карда мешавад, имконияти қарзгир барои пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳо ва комиссияпулиҳои мувофиқашуда бо бонк, инчунин вобаста ба дигар аломтҳо таснифи қарзҳо иҷро карда мешавад [3, с.300].

Қарзҳое, ки маблағи асосӣ ва фоизҳои онҳо саривақт тибқи шартномаи қарзӣ пардохт карда мешаванд, қолабӣ дониста мешаванд.Ташкилоти қарзӣ бояд дурнамои афзоиши андозаи қарзҳои додашударо (қарзҳои қолабиро) барои соли ҷорӣ тартиб диҳад ва дар асоси он аз ҳисоби фоидаи соли гузашта захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳои қолабӣ ташкил кунад, ки дар тавозун дар қисми сармояи асосӣ дар ҳисоби тавозунии №30315 «Захираи умумӣ аз ҳисоби фоида» (барои қарзҳои қолабии бо пули миллӣ на камтар аз 2%, бо асъори хориҷӣ - 3% аз маблағи қарзии дар Нақшаи кории солона пешбинишуда) ба ҳисоб гирифта мешавад [1, банди 22].

Вобаста аз андозаи хавфи қарзӣ, тибқи Дастурамали №177 ―Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи

қарзҳо‖ ҳамаи қарзҳо ба 4 гурӯҳ тақсим мешаванд. Бонкҳо барои ҳар як гурӯҳ аз рӯи меъёрҳои муқарраршуда фонди пӯшонидани зарарҳо аз қарзҳои мушкилситонро мекушоянд, ки он дар ҷадвали зерин нишон дода шудааст.

Агар фоизҳои ҳисобкардашуда тибқи шартҳои шартномаи қарзӣ дар мӯҳлати муқарраршуда аз рӯи қарзҳои қолабӣ пардохт нашаванд, бақияи қарз ҳамчун қарзҳои ғайриқолабӣ тасниф шуда, ҳисобкунии фоизҳо боз 30 рӯзи дигар давом дода мешаванд ва агар онҳо дар ин ҳолат ҳам пардохт нашаванд, ҳисоб кардани фоизҳо дар тавозун қатъ гардида, фоизҳои қаблан ҳисобкардашуда ва давом ёфтани ҳисобкунии фоизҳо ба таври ғайринизомӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ин ҳолат ташкилоти қарзӣ бояд қарзҳоро аз гурӯҳи ғайриқолабӣ ба гурӯҳи шубҳанок гузаронида, вобаста ба фоизҳои ҳисобкардашуда дар ҳисоботи ―Фоида ва зарар‖ амалиёти ислоҳкунӣ мегузаронад ва ё дар ҳолати нагузаронидани амалиёти ислоҳӣ барои фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда ба андозаи 100% фонд ташкил кунад.

| | | Аз рӯи дараҷаи хавфнокӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Гурӯҳи қарз** | Қолабӣ | Гурӯҳи 1 – **Ғайриқолабӣ** | Гурӯҳи 2 – **Шубҳанок** | Гурӯҳи 3– **Хатарнок** | Гурӯҳи 4– **Беэътимод** |
| Меъёри ҳиссаҷудокунӣ барои қарзҳо бо асъори миллӣ, % | 2 | 5 | 30 | 75 | 100 |
| Меъёри ҳиссаҷудокунӣ барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ, % | 3 | 10 | 40 | 85 | 110 |

Қарзҳои таснифшуда танҳо баъди пурра иҷро кардани ӯҳдадориҳои муштарӣ (аз рӯи маблағи асосӣ ва фоизҳои ҳисобшуда) ва дар давоми 6 моҳ бе вайронкунӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ аз рӯи шартнома аз нав тасниф карда шуда ба гурӯҳи хавфи пасттар гузаронида мешаванд ва Фонд мувофиқи онҳо кам карда мешавад. Мувофиқи қарори Раёсати ташкилоти қарзӣ дар асоси хулосаи Кумитаи қарзӣ ва дар мувофиқа бо Шӯрои нозирони он (дар ҳолати мавҷудияти пайнавишти бо тартиби муқарраршуда ба расмият даровардашуда), қарзҳои беэътимод (қарзҳои ба гурӯҳи 4-уми хавф мутобиқи зербанди г)-и банди 32-и Дастурамали №177 гузаронидашуда) метавонад аз ҳисоби Фонд аз тавозун хориҷ карда шаванд [1, банди 39].

Маълумоти муфассал оид ба таснифи карзҳо тартиби кушодани фондҳо барои пӯшонидани талафоти имконӣ ва соқиткунии қарзҳои беэътимод дар бахши 1.3 рисолаи мазкур пешниҳод карда шудааст.

Баҳисобгирии ташкил ва истифодабарии Фонд мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва қоидаҳои ҳисобдорие, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзӣ муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад.

Ташаккули захира аз рӯи ҳар як қарзи додашуда алоҳида гузаронида мешавад (барои ҳар когазҳои қиматнокии қарзии харидашуда). Кушодани фонд барои пӯшонидани талафоти имконӣ дар ҳисобгирии муҳосибӣ бо дебет навиштани ҳисобҳои гурӯҳи 57100 «Хароҷоти ташкили фонди махсус ва захираҳо» ва кредит навиштани ҳисобҳои гурӯҳҳои 107ХХ, 109ХХ, 111ХХ, 113ХХ ва ғ. ки «Фонди махсус барои қарзҳои…» ном доранд, иҷро карда мешавад.Масалан, БДА ҶТ «Амонатбонк» санаи 20 январи соли 2020 ба мизоҷи худ – ҶДММ «Комрон» ба маблағи 100 000 сомонӣ ба муҳлати 1 сол қарз дод. Меъёри фоизи қарз – 24%. Тибқи банди 22 дастурамали 177 дар муҳосиботи бонк санаи 20 январи соли 2020 захира барои пӯшонидани талафоти имконӣ барои чунин намуди қарз – яъне қарзҳои қолабӣ аз ҳисоби фонди захиравие, ки солҳои пешин аз ҳисоби фоидаи бонк ташкил карда шудааст, бо меъёри 2% фонд кушода мешавад:

Дт 30315 Захираи умумӣ аз фоида --------------2000 (100000×2%)

Кт 10901 Қарзҳо ба корхонаҳои тиҷоратӣ - пули миллӣ--2000

Пас аз як моҳ, яъне санаи 20 феврали соли 2020 ҶДММ «Комрон» қисми қарзро ба маблағи 10333 сомонӣ, аз он ҷумла қисми қарзи асосӣ – 8333 сомонӣ ва фоизи қарз – 2000 сомонӣ ба бонк баргардонд.

Бо гузаштани 30 рӯзи дигар яъне пас аз 20 марти соли 2020 аммо қарздор дигар бо сабаби нотавонии вазъи молиявияш қарз ва фоизҳои онро баргардонида натавонист.Дар ин маврид ба маблағи боқимондаи қарз – 91500 сомонӣ ба меъёри 5% фонд кушода шуда чунин навишти муҳосибӣ тартиб дода мешавад:

Дт 57105 Хароҷот барои фонди махсус аз рӯи қарзҳои таҷдидшуда--4583 (91667×5%)

Кт 10981 Фонди махсус аз рӯи қарзҳои корхонаҳои тиҷоратӣ - пули миллӣ 4583 (91667×5%)

Ҳамин тавр бо гузаштани 30 рӯз, 60 рӯз ва 180 рӯзи баъдина, ки ҶДММ «Комрон» аз рӯи ҷадвали пардохт дигар қарзи худро пардохт карда натавонист, дар муҳлатҳои номбаршуда ин қарз аз нав тасниф гардида ба гурӯҳҳои мувофиқан – «шубҳанок», «хатарнок» ва «беэътимод» гузаронида мешаванд ва меъёри мувофиқи аз рӯи он фонди пӯшонидани талафоти имконӣ таъсис дода мешавад.

Қарзҳои таснифшуда танҳо баъди пурра иҷро кардани ӯҳдадориҳои муштарӣ (аз рӯи маблағи асосӣ ва фоизҳои ҳисобшуда) ва дар давоми 6 моҳ бе вайронкунӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ аз рӯи шартнома аз нав тасниф карда шуда ба гурӯҳи хавфи пасттар гузаронида мешаванд ва фонди пӯшонидани талафоти имконӣ аз рӯи қарзҳо мувофиқи онҳо кам карда шуда, чунин мукотиботи ҳисобҳо тартиб дода мешавад (дар мисоли боло):

Дт 10981 Фонди махсус аз рӯи қарзҳои корхонаҳои тиҷоратӣ - пули миллӣ Кт 42204 Даромад аз барқарорсозии арзиши қарзҳо

**Адабиѐт**


1. Дастурамали №177 ―Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо‖, Қарори Раѐсати БМТ, №153 аз 27.07.2011, –http://nbt.tj

2. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии ташкилотҳои қарзӣ Қарори Раѐсати БМТ, №181 аз 30.06. 2010,. – http://nbt.tj

3. Кавмиддинов К.К. Бухгалтерский учет в банках. Учебник. Душанбе: ―Шарқи озод‖. – 2003. – 434 стр.


## ТАДБИРҲОИ ВУСЪАТ БАХШИДАНИ ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ – ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ


**Бобоев А.М.-н.и.и., дотсенти ДБССТ**


Дар шароити муосир ва муносибатҳои зудрушдёбандаи иқтисоди бозорӣ, инчунин марҳила ба марҳила татбиқ гардидани иқтисодиёти рақамиву инкишофи тиҷорати электронӣ масъалаи мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва тавсеаи истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ бисёр муҳим мебошад. Зеро, дар вазъияти зудтағйирёбандаи муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳон хавфҳои эҳтимолии иқтисодию молиявӣ зиёд гардида, ба устувории макроиқтисодӣ ва молиявӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва дар ин замина таъмини рушди бемайлони низоми молиявӣ ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ, кам гардидани вобастагии иқтисодиёт аз низомҳои ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ, ки бо гардиши нақдии асъори миллӣ ва хориҷӣ вобаста мебошанд, мусоидат менамояд.

Вобаста ба пайдо гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ, рушди илму техника ва инноватсия дар давоми даҳсолаи охир тамоюли рушди босуръати пардохтҳои ғайринақдӣ, беҳтар гардидани инфрасохтори пардохтӣ, ба фаъолият оғоз

намудани субъектҳои нав дар самти қабулу коркарди хизматрасониҳои пардохтӣ бо усулҳои замонавӣ оид ба иҷрои кор, мол ва хизматрасониҳо, инчунин марҳила ба марҳила кам гардидани истифодаи пули нақд дар ҷаҳон ва мувофиқан кам шудани хароҷотҳои транзаксионию хавфҳои молиявӣ мушоҳида мешавад.

Дар давоми панҷсолаи охир низоми пардохтии ғайринақдии Тоҷикистон то андозае нисбати солҳои пеш рушд карда истодааст. Ба вусъат ёфтани пардохтҳои ғайринақдӣ татбиқи стратегияҳои сатҳи миллӣ ва соҳавӣ, инчунин қарорҳои қабулгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда истодааст.

Дар доираи амалигардонии стратегияҳои сатҳи миллӣ ва соҳавӣ, инчунин қарорҳои қабулгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти як қатор хизматрасониҳои пулакии давлатӣ, аз ҷумла ҳаққи истифодаи қувваи барқ, об, хизматрасониҳои коммуналӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, тандурустӣ, алоқаи телефони шаҳрӣ, хизматрасониҳои бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва идораҳои нотариалӣ, маблағҳои андоз ва дигар хизматрасониҳои давлатӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ ба таври ғайринақдӣ имконпазир гардиданд.

Яъне, барои рушди пардохтҳои ғайринақдӣ қадамҳои нахустин гузошта шудааст. Дар шароити имрӯза ташкилотҳои қарзӣ, операторони низомҳои пардохтӣ ва агентҳои онҳо, ширкатҳои мобилӣ ва марказҳои бузурги савдою хизматрасонӣ барои мизоҷон ҷиҳати анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои бонкӣ, низоми пардохтҳои фаврӣ ба воситаи телефотҳои мобилӣ ва идоракунии фосилавии суратҳисоби бонкӣ шароит фароҳам овардаанд.

Аммо, ҳоло ҳам чораҳои андешидашудаи Тоҷикистон дар самти рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва вусъат додани истифодаи фарогири он натиҷаи дилхоҳ надода истодааст, зеро то кунун қисми бештари субъектҳои бахши хусусӣ ва шаҳрвандон ба пардохтҳои нақдӣ афзалият дода, дар ин замина ҳиссаи пулҳои нақд берун аз низоми бонкӣ дар сатҳи хеле баланд қарор дорад.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда айни замон 80 фоизи пулҳои нақди миллӣ берун аз низоми бонкӣ қарор доранд. Ин нишондиҳанда дар Шветсия 3 фоиз, Ҷопон 7 фоиз, Қазоқистон 10,6 фоиз, Россия 21,6 фоиз ва Ӯзбекистон 26,6 фоизро ташкил медиҳад[1].

Аз ҷониби мо дар раванди таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур ошкор ва муайян карда шуд, ки ҳиссаи баланди пулҳои нақди берун аз низоми бонкӣ ва кам истифода гардидани пардохтҳои ғайринақдӣ барои кишварҳои ба мисли Тоҷикистон зиёни калони иқтисодӣ дошта, ба афзоиши иқтисодиёти ғайрирасмӣ, ғайришаффоф гардидани амалиётҳо ва рушд наёфтани тиҷорати электронӣ ва иқтисодиёти рақамӣ оварда мерасонад.

Вобаста ба ин ҷалб намудани пулҳои нақд ба низоми бонкӣ ва истифодаи онҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ барои рушди иқтисоди миллӣ ва устувории молиявии Тоҷикистон бисёр муҳим мебошад.

Ҷалб намудани пулҳои нақд ба низоми бонкӣ ва истифодаи онҳо барои рушди иқтисоди миллӣ дар заминаи афзоиши дороиҳои бонкӣ, манбаъҳои андозбандишаванда, кам гардидани иқтисодиёти ғайрирасмӣ танҳо ба воситаи ташкили низоми пардохтии мукаммал ва истифодаи фарогири воситаҳои наву муосири пардохтии ғайринақдӣ имконпазир мегардад.

Тадбирҳо оид ба вусъат бахшидани низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси таҳлили вазъи ҷорӣ, мушкилоти мавҷуда, бо дар назар

---

[1] В Таджикистане для безналичных расчетов активно внедряют малозатратные QR-коды/ Елена БАТЕНКОВА, НИАТ «Ховар» 19-07-2022.

доштани талаботи тарафҳои истифодабаранда ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар муайян карда шаванд. (Расми 1)

Дар расми 1 мо мушкилоти асосии кам истифода гардидани низоми пардохтии ғайринақдиро дар шароити Тоҷикистон ба самтҳо ҷудо намуда, бо тамоми ҷузъиёташ нишон додем.

Тавре маълум мегардад мушкилоти асосӣ вобаста ба кам истифода гардидани низоми пардохтии ғайринақдӣ инҳоянд: сатҳи пасти дастрасии воқеии шаҳрвандон ба хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ, рушди нокифояи инфрасохтори пардохтӣ, интернетӣ ва алоқа, ҳавасманд набудани соҳибкорон ва огоҳии пасти шаҳрвандон, сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ. Аз рӯи таҳлилҳои мо мушкилоти қайдшуда на танҳо ба рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, балки ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсир расонида истодааст.



Расми 1. - Мушкилоти асосӣ вобаста ба кам истифода гардидани низоми пардохтии ғайринақдӣ

Ин нуктаро БОР дар ҳисоботи худ зери унвони «Шарҳи рушди Осиё» барои соли 2022 махсус қайд намудааст. Бахусус, қайд гардидааст, ки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва пардохтҳои рақамӣ ба суръат бахшидани рушди иқтисодии Тоҷикистон, беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои давлатӣ, кам гаштани нобаробарии

иқтисодию иҷтимоӣ ва рушди инноватсия мусоидат менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вусъат додани равандҳои рақамикунонӣ талош варзида истодааст, аммо ҳоло ҳам корҳои зиёд дар ин самт бояд ба сомон расанд. Фарогирии маҳдуди интернет, арзиши баланд, суръати паст, фарогирии нобаробари минтақавӣ ва мушкилоти пайвастшавӣ яке аз мушкилоти асоси дар самти рушди иқтисодиёти рақамӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар кишварҳои минтақа дар самти пайвастшавӣ ба шабакаҳои интернетии мобилӣ қафо мондааст. Ба ҳолати соли 2021 танҳо 44 фоизи хонаводаҳо ба шабакаҳои интернетии мобилӣ пайваст ҳастанд ва ҳамагӣ аз 3/1 қисми аҳолӣ ба интернет дастрасӣ дошта, онро истифода мебаранд[2].

Тибқи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, соли 2020 Тоҷикистон дар самти дастрасии аҳолӣ ба инфрасохтори хизматрасониҳои пардохтӣ нисбат ба кишварҳои минтақа нишондиҳандаҳои нисбатан баландро ба даст овард, аз ҷумла ба ҳар 100 000 нафар аҳолии калонсол 21 адад банкомат, 91 адад терминал, аз ҷумла терминалҳо барои пешниҳоди пули нақд 30 адад ва терминалҳо дар НСХ 61 адад рост омадааст[3].

Ба андешаи мо ин раванд ба он вобаста аст, ки кишварҳои минтақа ба мисли кишварҳои ҷаҳон марҳила ба марҳила кушиш намуда истодаанд, ки истифодаи банкомату терминалҳоро маҳдуд сохта, ба истифодаи шаклҳои наву муосири пардохтӣ, аз қабили пардохтҳои фаврию фосилавӣ ба воситаи QR-рамзҳо ва ҳамиётҳои электронии дар телефонҳои мобилӣ ва дигар воситаҳои ҳамроҳ насбшуда афзалият диҳанд. Тоҷикистон низ дар самти насбу истифодаи QR-рамзҳо ва ҳамиётҳои электронӣ давмои ду соли охир тамоюли ба таври назаррас афзоишёбандаро ба даст овардааст, лекин дар муқоиса ҳоло ҳам хело кам мебошанд.

Дар ин маврид, яъне дар мавриди фарогирии минтақаҳои кишвар ба инфрасохтори пардохтӣ вазъият муташаниҷ боқи мемонад, зеро аксари инфрасохтори пардохтӣ дар шаҳри Душанбе ҷойгир буда, дар минтақаҳои дигар камтар ба назар мерасанд.

Яке аз монеаҳои дигаре, ки садди роҳи истифодаи васеи пардохтҳои ғайринақдӣ мегардад, ин ҳавасманд набудани соҳибкорон барои гузариш ба низоми пардохтии ғайринақдӣ мебошад, зеро ин низом фаъолияти онҳоро шаффоф мегардонад. Тавре дар қисмҳои дигари кор оварда шудааст, тибқи арзёбиҳои Фонди байналмилалии асъор ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ММД-и Тоҷикистон 42,0 фоизро ташкил медиҳад. Ин раванд ба он вобаста аст, ки дар Тоҷикистон соҳибкорон бо мақсади кам намудани сарбории андозӣ, ки дар миқёси минтақа аз ҳама баланд ба ҳисоб меравад, аз пардохтҳои нақдӣ бештар истифода менамоянд, зеро пинҳод намудан ё кам нишон додани даромадҳо бо ин роҳ осон мебошад.

Рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аммо барои рушду тавсеа ва истифодаи фарогири пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ зарур аст, ки монеаҳои болоқайдгардида бартараф карда шуда, тадбирҳо ва механизмҳои муосиру боэътимод таҳия ва роҳандозӣ карда шавад.

Чун, ки дар сурати наандешидани тадбирҳо ва механизмҳои муосиру боэътимод барои бартарафсозии монеаҳои мавҷуда ва истифодаи фарогири пардохтҳои ғайринақдӣ имкониятҳои марҳилаи нави рушдро барои таъмини рушди иқтисодӣ истифода бурда наметавонем.

---

[2] АБР «Обзора развития Азии» - 2022/ https://www.adb.org/ru/news/adb-highlights-digital-economy-support-growth-and-public-service-delivery-tajikistan?

[3] Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314

Тадбирҳо ҷиҳати бартарафсозии монеаҳои мавҷуда ва истифодаи фарогири пардохтҳои ғайринақдӣ бояд дар се самт ва сер марҳилаи асосӣ роҳандозӣ карда шаванд, аз ҷумла дастрасӣ ба хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ (марҳилаи якум), истифодаи васеи хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ (марҳилаи дуюм) ва таъмини сифатнокии хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ (марҳилаи сеюм). (Расми 2.)




**Расми 2. - Самтҳо ва тадбирҳои асосӣ барои вусъат додани низоми пардохтии ғайринақдӣ.**

Кушишҳои мо дар самти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон оид ба истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва кишварҳои минтақа, инчунин вазъи инфрасохторию истифодабарии пардохтҳои ғайринақдӣ собит намуд, ки таъмини истифодаи фарогири пардохтҳои ғайринақдӣ вақт ва тадбирандешиҳои зиёдро талаб менамояд.

Мо самтҳои тадбирандешӣ ва марҳилаҳои онро вобаста ба муҳимият ва дараҷаи масъала муайян намудем.

Дар марҳилаи аввал аз нигоҳи мо бояд дастрасӣ ба хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ таъмин карда шавад (мушкилоти ин самт дар расми 2 нишон дода шудааст).

Дар ин самт андешидани тадбирҳои зерин зарур аст.

✓ Таҳияи барномаи давлатии муҷаҳазгардонии нуқтаҳои савдою хизматрасонии тамоми қаламрави кишвар бо POS терминалҳо ва QR – рамзҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳаи бонкӣ;

✓ Татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ ва хориҷӣ барои беҳтар намудани дастрасӣ ва фарогирии мардум ба алоқаи мобилӣ ва интернетӣ ва баланд бардоштани суръати он;

✓ Зиёд намудани таъминоти барномавии содда ва арзон ба воситаи омода намудани мутахассисони самти барномасозии бахши бонкӣ (ба мисли Алиф Бонк) ва пешниҳоди имтиёзҳои давлатӣ ба ин самт;

✓ Баланд бардоштани огоҳии бахши хусусӣ ва истеъмолкунандагон аз бартариятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ ба воситаи мунтазам амалӣ намудани барномаҳои таълимии кутоҳмуҳлат дар муассисаҳои таъмилӣ ва барномаҳои телевизионӣ (аз рӯи таҷрибаи Россия);

✓ Таҳлили нишондиҳандаҳои истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ собит месозад, ки солҳои охир ҳавасмандии шаҳрвандон ва соҳибкорон дар ин самт чашмрас буда, инфрасохтори ғайринақдию рақамӣ дар самту соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ зери таъсири омилу тамоюлҳои мусбат тадриҷан фарохтар мегардад. Барои боз ҳам бештар истифода гардидани воситаҳои пардохтии ғайринақдӣ зарурияти таҳия ва қабули механизми мушаххасӣ ҳавасмандгардонии андозию технологии доираи соҳибкорон, бахусус тавассути аз андоз озод намудан ё дар сатҳи нисбатан пасттар андозбандӣ гардидани соҳибкорон ё ташкилотҳое, ки пардохтҳоро бештар тавассути низоми пардохтии ғайринақдӣ қабул менамоянд пеш омадааст.

✓ Тавсеаи истифодаи ҳамиёнҳои электронӣ ба воситаи мутаҳидсозии низомҳои мавҷуда дар як низом ё платформаи пардохтӣ (ба мисли WeChat-Хитой, Mir Pay-Россия, Apple Pay, Google Pay и Samsung Pay);

✓ Таъмини рушди хизматрасониҳои фосилавии пардохтӣ, маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки мафкураи муштариёнро иваз карда тавонанд.

✓ Ворид намудани тағйироти дахлдор ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии бахши бонкӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ;

✓ Ҷорӣ намудани технологияҳои биометрӣ барои рушди пардохтҳои ғайринақдӣ; (дар ҷаҳон мунтазам истифодаи технологияи биометрӣ барои индетификатсия ва аутентификатсияи муштариён ва қабули пардохтҳо бештар гардида истодааст. Имрӯзҳо технологияи биоэквайрингро дар бузургтарин нуқтаҳои савдо ва хизматаронӣ ба таври таҷрибавӣ ҷорӣ намуда истодаанд);

✓ Додани имконият барои кушодани суратҳисоби бонкӣ ва гирифтани кортҳои пардохтии бонкӣ новобаста аз синну сол.

Танҳо дар мавриди ҳалли масъалаҳо вобаста ба таъмини дастрасии пурраи мардум ба хизматрасониҳои босуръату арзони интернетӣ ва алоқаи мобилӣ, муҷаҳазгардонии тамоми нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ новобаста аз шакли моликият ба инфрасохтор ва воситаҳои пардохтӣ, инчунин баланд бардоштани саводнокии молиявӣ татбиқи марҳилаи дуюми тадбирандешӣ, яъне таъмини истифодаи васеи хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ то андозае имконпазир мегардад.

Зеро, таҷриба нишон медиҳад, ки сарфи назар аз андешидани тадбирҳо дар давоми чанд соли охир, истифодаи хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум бо сабаби сатҳи пасти саводнокии молиявӣ ва дастрасии қисми бештари мардум ба хизматрасониҳои интернетӣ маҳдуд мебошад.

Дар ин давом ҳалли масъалаи баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва таъмини дастрасии пурра ба алоқаи интернетӣ, аз нигоҳи ташаккули эътимод ба низоми молиявӣ барои рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт аҳаммияти калон дорад.

Дар марҳилаи дуюми тадбирандешӣ роҳандозии тадбирҳои зеринро мо муҳим медонем.

✓ Ба роҳ мондани баҳисобгирии миқдори пулҳои нақде, ки дар муомилот қарор доранд ва ҷорӣ намудани низоми хариди давлатӣ, пардохтҳои давлатӣ, андозҳо, ҷарима ва ҷамъовариҳо танҳо ба воситаи низоми бонкӣ;

✓ ҷорӣ намудани доираи васеи маҳсулот ва хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдии муносиб ва сода таҳияшуда;

✓ Раванди рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин гузариш ба низоми пардохтии ғайринақдӣ бо сабаби маърифат ё саводи молиявию технологии

кофӣ надоштани кормандони марказҳои савдову хизматрасонӣ ва аҳолӣ нисбатан суст мебошад. Дар ин самт мунтазам гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни толибилмони сатҳҳои гуногун вобаста ба зарурияти иқтисодӣ ва тарзи истифодаи техника ва технологияи самти низоми пардохтии ғайринақдӣ ва технологияҳои муосири асри нав, гузаронидани семинар машваратҳои сайёр барои соҳибкорони минтақаҳои дурдаст барои истифодаи мунтазами воситаҳои пардохтии ғайринақдӣ бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад.

- ✓ таъмини истифодаи самаранок ва фаъолонаи хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ аз ҷониби муштариён, бахусус аҳолии деҳот, ҷавонон, занҳо, соҳибкории хурд ва миёна;
- ✓ роҳандозӣ ва амалисозии чораҳои ҳавасмандгардонии истифодаи хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ, тарғиби истифодаи QR-рамзҳо;
- ✓ созмон додани экосистемаи боэътимоди пардохтҳои рақамӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ;
- ✓ ҷорӣ намудани технологияи пардохт бо истифодаи таҷҳизоти ҳамроҳ; (дар кишварҳои пешрафта ба таври фаъол пардохтҳо ба воситаи смарт таҷҳизотҳо, аз қабили дастмонаҳои пардохтӣ, ангуштарини пардохтӣ ва дигар таҷҳизотҳо амалӣ гардида истодааст).
- ✓ Марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо дар самти пардохтҳои нақдӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ барои шахсони воқеӣ (ба таври пилотӣ дар шаҳру ноҳияҳои дорои инфрасохтори пешрафтаи пардохтӣ);
- ✓ Марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо дар самти аз суратҳисоб ва кортҳои бонкӣ гирифтани пули нақд барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- ✓ Ҷорӣ намудани ҷаримаҳои қонунӣ нисбати соҳибкороне, ки ба таври сунъи аз қабули пардохтҳои ғайринақдӣ худдорӣ менамояд;
- ✓ Додани иҷозат барои қабул накардани пули нақд ҳангоми пардохт ба ташкилоту корхонаҳо ва нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ новобаста аз шакли моликият;
- ✓ Ҷорӣ намудани ҷаримаҳои қонунӣ нисбати шахсони воқеие, ки маҳдудиятҳоро риоя намекунад;
- ✓ Танҳо ба тариқи ғайринақдӣ ба роҳ мондани пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, пардохтҳои иҷтимоию коммуналӣ ва намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ;
- ✓ Пурра ҳатмигардонии пардохт барои хариду фурӯши амволҳои ғайриманқул, аз қабили хонаву мошин ва дигар объектҳои гаронарзиш ба воситаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва ҷорӣ намудани ҷаримаҳо барои иҷро накардани ин талабот;

Дар асл дар шароити кунунии рушди технологияҳои рақамӣ – гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ шарти асосии таъмини рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад. Бинобар ин зарур аст, ки раванди дастрасии пурраи кишвар ба хизматрасониҳои баландсуръати рақамӣ таъмин карда шуда, дар ин замина тадбирҳои маҳдудкунии пардохтҳои нақдӣ татбиқ карда шаванд. Таҷрибаи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нишон дода истодааст, ки маҳз ҳамин тадбир барои кам намудани ҳиссаи пулҳои нақд дар муомилот ва афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ мусоидат намуда истодааст.

Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ (дар мисоли ҳатмигардонии истифодаи кортҳои нақлиёти ҷамъиятӣ) нишон медиҳад, маҳз ташкили шароити муносиб ва ҳатмигардонии истифодаи ин ё он шакли пардохт ба рушди соҳа, инчунин баланд гардидани мафкураи мардум то андозае таъсир расонида метавонад.

Танҳо дар мавриди амалишавии марҳилаи якум ва дуюми тадбирандешиҳо татбиқи марҳилаи сеюм, яъне таъмини сифати хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ самаранок мегардад. Дар ҳоли ҳозир шояд аз ҷониби мақоми ваколатдори

соҳа барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ чораҳо андешида шаванд, вале бинобар сабаби хеле кам истифода гардидани пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби бахши хусусӣ ва аҳолӣ ин чорабиниҳо самаранок арзёбӣ намешаванд.

Дар марҳилаи сеюм тадбирандешӣ роҳандозии тадбирҳои зеринро мо муҳим медонем.

✓ Дар қонунгузории соҳа ворид намудани иловаҳо вобаста ба кафолати фаврият, бехатарӣ ва сифатнокии маҳсулот ва хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ;

✓ Дар қонунгузории соҳа ворид намудани иловаҳо вобаста ба таъмини низоми ҳимояи ҳуқуққои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ;

✓ Тақвияти хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ барои соҳибкорон ба воситаи пешниҳоди имтизёҳои давлатию бонкӣ ва соддагардонии раванди хизматрасониҳои пардохтии ғайринақдӣ;

✓ Муосиргардонии мунтазами инфрасохтори зарурӣ дар самти пардохтҳои рақамӣ ва мусоид ба рушди технологиҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.

✓ Пурзӯр намудани назорат аз ҷониби нозиротҳои андоз ва дар қонунгузорӣ ҷорӣ намудани муҷозоти иқтисодӣ барои бе сабабҳои узрнок истифода нагардидани воситаҳои технологии қабули пардохтҳои ғайринақдӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ.

Таҳқиқотҳои сершумор нишон медиҳанд, ки рақамикунонии иқтисодиёт ва афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ барои рушди иқтисодиёт ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Имрӯзҳо вобаста ба паҳншавии бесобиқаи бемории сироятии коронавирус баҳо додан мумкин аст, ки кишварҳои дорои инфрасохтори зарурӣ дар самти пардохтҳои рақамӣ ва заминаи мусоиди технологию коммуникатсионӣ мушкилиҳои бавуҷудомадаро ба осони паси сар намуданд[4].

Рушди ҳамаҷонибаи самти технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва омода намудани кадрҳо дар ин самт ба рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин аз ҷониби кишварҳои аъзои Институти минтақавии ҳамкории иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ (CAREC) бо мақсади тавсеаи рақамикунонии иқтисодиёти кишварҳои минтақа Стратегияи рақамии Институти минтақавии ҳамкории иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ (CAREC) барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст. Дар стратегияи мазкур ба рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионии кишварҳои аъзо ҳамчун асоси татбиқи иқтисодиёти рақамӣ диққати махсус дода шудааст[5].

**Адабиёт**


1. Раджабов Р.К. Проблемы развития банковского обслуживания национальной экономики / Р.К. Раджабов, Х.М. Ятимов. - Душанбе: Ирфон, 2003. – 93 с.
2. Рахимов З. А. Инвестиционная деятельность банковской системы в условиях рынка / З.А. Рахимов. - Душанбе: Ирфон, 2002. – 110 с.
3. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз: китоби дарсӣ / ш. Душанбе: «ЭР-граф» - 2009 – 450 с.
4. Безналичные расчеты: легко, быстро, удобно [Электронный ресурс]: - Режим доступа: https://www. newsarmenia.am/ /25 марта 2020.
5. Смоленская, В. Без купюр. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.odnako.org/magazine/material/bez-kupyur/ (дата обращения: 05.08.2021).
6. Операции с наличными будут ограничены (Армения) [Электронный ресурс]: - Режим доступа: https://www.ilex.am/ / 19 Февраль 2022
7. Четыре способа развития электронной коммерции в Центральной Азии [Электронный ресурс]: - Режим доступа: www.adb.org/ / 25 мая 2022.
8. Всемирный банк: Доклада о мировом развитии «Цифровые дивиденды» [Электронный ресурс]: - Режим доступа: https: //openknowledge. worldbank.org


---

[4] World Bank. 2016. World Development Report 2016: Digital Dividends. Washington, DC..

[5] Цифровая стратегия ЦАРЭС 2030: Ускорение цифровой трансформации для региональной конкурентоспособности и инклюзивного роста/ Учредительный документ www.adb.org/ | февраль 2022 г.

9. Цифровая стратегия ЦАРЭС 2030: Ускорение цифровой трансформации для региональной конкурентоспособности и инклюзивного роста [Электронный ресурс]: - Режим доступа: www.adb.org/ / Учредительный документ | февраль 2022 г.

# НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ СТРАТЕГИИ ИНВЕСТИРОВАНИЯ В ТРАНСПОРТНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

**Ходжаев Парвиз Давронович** *д.э.н., профессор МУТПТ*

Инвестиции в транспортной деятельности не ограничиваются только приобретением ценных бумаг или производных финансовых инструментов. Под термином «инвестиции» понимается всё, что может быть вложено частным лицом или компанией, будь то деньги, материальные средства или нематериальные активы.

Классифицировать инвестиции в транспортной деятельности можно по различным основаниям. Однако, в действующем законодательстве не предусмотрено оснований для классификации инвестиций [1. С. 55]. В связи с этим в основу классификации будем применять доктрину, хотя она тоже не единообразная, так как отсутствует единый системный подход.

По объектам инвестирования различают:

- реальные инвестиции - покупка уже готового бизнеса, что может быть весьма перспективным. Помимо этого, приобретение нематериальных активов, таких как патенты, авторские права и товарные знаки также может быть важным шагом в достижении успеха. Реальные инвестиции предоставляют широкий спектр возможностей для заработка на долгосрочной основе;
- финансовые инвестиции - стратегическое распределение средств в различные финансовые активы с целью получения прибыли. К ним относится покупка ценных бумаг или производных финансовых инструментов;
- спекулятивные инвестиции - в этом случае главной особенностью инвестиции является ставка на доход за счет изменения цены актива. Действует принцип «купить дешевле, продать дороже». Предметом спекулятивных инвестиций могут быть акции, а кроме них - валюта, драгоценные металлы, облигации;
- венчурные инвестиции - инвестирование в стартапы на продолжительное время. Существует значительный шанс утраты всех внесенных средств, однако подобные вложения могут оказаться чрезвычайно прибыльными, что привлекает инвесторов к венчурному капиталу;
- портфельные инвестиции - не просто покупка акций одной выбранной компании, а создание набора, который включает в себя различные ценные бумаги, объединенные в единый инвестиционный портфель;
- интеллектуальные инвестиции - вложения могут включать в себя подготовку специалистов, научные разработки, объекты интеллектуальной собственности и творческий потенциал группы людей.

По срокам инвестирования частные инвестиции делятся на три группы:

1) краткосрочные (до года);
2) среднесрочные (от одного года до трех лет);
3) долгосрочные (от трех лет и дольше).

По степени риска различают:

- пассивные инвестиции - для которых характерны вложения на долгий срок. Такой стиль предполагает, что человек вложил деньги, например, в акции компании и несколько лет держит их, не продавая. Как правило, пассивные инвестиции производятся в крупные сырьевые, технологические, финансовые компании, поскольку у них ниже риск резкого падения котировок, часто такие компании платят дивиденды;
- агрессивные инвестиции - здесь подразумевается, что инвестор вкладывает деньги в более рискованные инструменты. Например, в акции не локомотивов

индустрии, а в акции компаний поменьше - при колебаниях рынков такие бумаги сильнее растут или падают (т.е. обладают высокой волатильностью), но за счет этого же качества позволяют больше заработать.

Такой вид инвестиций требует глубокого понимания рынка и готовности потерять вложенные средства.

Как отмечает А.А. Романов инвестиции можно подразделить на несколько видов: инвестиции как объект гражданских прав, инвестиционные ресурсы; инвестиции как затраты; инвестиции как доходы; инвестиции как инвестиционные операции; инвестиции как долгосрочные вложения; инвестиции как использование сбережений; инвестиции как часть инвестиционной деятельности [2].

Таким образом, классификация инвестиций позволяет правильно учитывать инвестиции, проанализировать уровень результативного использования, получать объективные сведения для разработки и реализации эффективной инвестиционной политики.

Правильный выбор инвестиционного портфеля способен обеспечить стабильный доход и финансовую независимость. С другой стороны, вероятны и риски — стоимость ценных бумаг снизится или прибыль от инвестиций не будет соответствовать ожиданиям. Современные инвестиции требуют от инвесторов высокого уровня информированности и грамотности. Необходимость анализа большого объема данных, понимания экономических тенденций и способности прогнозировать изменения на рынке делают инвестирование сложной задачей.

Чтобы избежать потерь, следует изучить основные принципы успешных инвестиций. Принципы успешного инвестирования транспортной деятельности не изменяются со временем и остаются актуальными независимо от экономических циклов. Эффективное управление капиталом требует стратегического подхода, включая тщательное планирование, постоянное обучение и адаптацию к меняющимся условиям рынка.

Основные принципы успешных инвестиций в транспортной деятельности:

- диверсификация портфеля - одним из ключевых принципов успешного инвестирования является диверсификация, или распределение инвестиций по различным активам и секторам экономики. Это помогает снизить риск потерь, потому что негативное воздействие на один актив может быть компенсировано более стабильной или положительной производительностью других. Инвесторы должны стремиться к созданию сбалансированного портфеля, который включает в себя сочетание акций, облигаций, недвижимости и, возможно, альтернативных инвестиций, таких как хедж-фонды или частный капитал;

- долгосрочное планирование. Успешные инвесторы обычно фокусируются на долгосрочных целях, избегая спекуляций на краткосрочных рыночных колебаниях. Они признают, что рынок проходит через циклы подъемов и спадов, и что терпение и удержание качественных инвестиций в течение длительного времени часто приводят к лучшим результатам.

Долгосрочные инвесторы также получают преимущество сложного процента, что может значительно увеличить их первоначальные вложения при реинвестировании доходов;

- тщательный анализ. Перед тем как совершать инвестиции, важно провести тщательный анализ потенциальных активов. Это включает в себя изучение финансовых отчетов компаний, понимание моделей дохода, оценку качества менеджмента и анализ отраслевых тенденций. Инвесторы должны стремиться покупать активы по цене ниже их внутренней стоимости, чтобы создать запас прочности и повысить потенциальную доходность;

- управление рисками. Цель управления рисками заключается в минимизации потенциальных убытков и обеспечения защиты капитала.

Успешные инвесторы всегда осознают уровень риска, связанного с каждой инвестицией. Они используют различные стратегии для управления риском;

- постоянное обучение. Инвестиционный мир постоянно меняется, и успешные инвесторы прилагают усилия для непрерывного образования. Они следят за экономическими новостями, изменениями в законодательстве и технологическими инновациями, которые могут повлиять на их инвестиции.

Обучение помогает им принимать обоснованные решения и адаптироваться к меняющимся рыночным условиям. Активное участие в семинарах, конференциях и тренингах помогает расширить кругозор и получить ценные знания.

Обозначенные принципы служат фундаментом для разработки эффективной инвестиционной стратегии и могут помочь инвесторам достичь своих финансовых целей со временем.

Следующим шагом следует разобрать стратегии и средства для успешной инвестиции. Реализации своей финансовой цели инвесторы добиваются с помощью определенных традиционных и современных инструментов инвестирования.

Важной составляющей успеха является выбор правильной стратегии, которая соответствует индивидуальным предпочтениям и уровню риска.

Традиционные инструменты инвестирования в транспортной деятельности:

- Акции - покупка акций означает приобретение доли в собственности транспортной компании. Это может принести доход в виде дивидендов и возможного увеличения стоимости акций.
- Облигации - долговые ценные бумаги, выпущенные транспортными корпорациями или правительствами, обеспечивают фиксированный доход в виде процентов и возврат номинала при погашении.
- Взаимные фонды - позволяют инвесторам покупать доли в портфеле акций или облигаций, управляемом профессионалами.
- ETF (биржевые инвестиционные фонды) - аналогичны взаимным фондам, но торгуются на бирже как акции.

Необходимо также затронуть стратегии инвестирования в транспортной деятельности:

1) долгосрочное инвестирование - включает в себя покупку и удержание инвестиционных активов на протяжении многих лет для получения прибыли на основе долгосрочного роста;

2) пассивное инвестирование - стратегия, основанная на индексации и минимальных торговых операциях, цель которой - повторение производительности выбранного индекса рынка;

3) активное инвестирование - включает в себя частые торговые операции и попытки превзойти рыночные показатели за счет выборочных инвестиций и тайминга рынка;

4) сбалансированное инвестирование: комбинация акций, облигаций и других активов в портфеле для управления рисками и оптимизации доходности;

5) целевые фонды - фонды, которые автоматически изменяют свою аллокацию активов с учетом приближения к определенной целевой дате;

6) социально-ответственное инвестирование (SRI) и инвестирование с учетом факторов ESG (экологических, социальных, управленческих) - выбор активов, основанный на этических, экологических и социальных критериях.

Таким образом, ключевыми аспектами современного инвестирования в транспортной деятельности является грамотная диверсификация портфеля, которая помогает уменьшить риски и повысить потенциал доходности. Использование технологий и данных для глубокого анализа рынка также играет важную роль в построении эффективной инвестиционной стратегии в транспортной деятельности.

**Литература**

1. Васильева, О.Н. К вопросу о судебной защите прав и законных интересов предпринимателей / О. Н. Васильева // Современное право. – 2023. – № 6. – С. 54-58.
2. Романов, А.А. Понятие, классификация инвестиций, отличие от инвестиционной деятельности / А.А. Романов // Актуальные вопросы экономических наук. — 2013. — № 29-2. — С. 155-161.

# ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ТРАНСПОРТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Ходжаев Парвиз Давронович** *д.э.н., профессор МУТПТ*

Транспортная отрасль, в силу своих связующих свойств, оказывает существенное влияние на экономику Республики Таджикистан. От эффективности деятельности транспортных предприятий зачастую зависит динамика развития как отдельных регионов, так и страны в целом. Данный факт обусловлен тем, что создаваемая транспортом коммуникация, не просто обеспечивает перемещение пассажиров и грузов на огромные расстояния как внутри страны, так и за ее пределы, а создает условия для территориальной дифференциации производства и способствует мобильности рабочей силы. В конечном счете, вышеупомянутое обеспечивает экономический рост и стимулирует повышение конкурентоспособности экономики, а также содействует повышению качества жизни населения.

Транспортная отрасль несет колоссальную экономическую и социальную нагрузку, а, следовательно, требует пристального внимания со стороны государства и адекватных решений собственников транспортных компаний относительно дальнейшего преимущественно инновационного развития. В пользу данного мнения свидетельствует и перечень проблем, накопившихся в отрасли и касающихся всех видов транспорта [1; 15].

Среди них:

– низкий уровень технической производственной базы;

– недостаточный уровень развития транспортной инфраструктуры;

– удорожание горюче-смазочных материалов;

– низкий уровень безопасности на транспорте;

– негативное воздействие на экологию и др.

Повышение эффективности деятельности предприятий транспорта за счет инновационного развития способны обеспечить инвестиции. Именно поэтому на сегодняшний день инвестиционная деятельность в транспортных предприятий воспринимается как один из наиболее важных аспектов экономического развития.

Необходимость инвестиционных вложений в рамках автотранспортных предприятий (АТП) обуславливается потребностью в обновлении материально-технической базы, увеличением объемов производства услуг, освоением новых маршрутов и видов деятельности, а также совершенствованием бизнес-процессов и улучшением условий труда.

При осуществлении инвестиционной деятельности в АТП значительную роль приобретает предварительный экономический анализ, позволяющий принимать научно обоснованные решения и добиваться максимальной экономической эффективности инвестиционных средств [5; 11].

При этом под эффективностью инвестиционных вложений в АТП, как правило, понимается получение экономического и социального результата на один вложенный сомони.

В отличие от железнодорожного транспорта, где основная масса инвестиционных средств направляется на строительство и реконструкцию инфраструктуры, целевыми направлениями инвестирования средств в АТП являются:

– приобретение нового подвижного состава (например, соответствующего Европейским стандартам дорожного движения);

– модернизация имеющегося парка транспортных средств с учетом сегментации рынка автотранспортных услуг;

– оснащение транспортных средств устройствами навигации и телематики с целью осуществления контроля и повышения дорожной безопасности;

– техническое перевооружение и реконструкция материально-технической базы АТП;

– приобретение экологических устройств и оборудования, а также проведение мероприятий по защите окружающей среды [8; 14].

Стоит отметить, что эффективность инвестиций для конкретной организации будет зависеть от ряда внешних и внутренних факторов, в частности: от общей экономической и политической обстановки в стране; качества основных производственных фондов и уровня загрузки производственных мощностей; конкурентоспособности услуг; общей концепции экономической и инвестиционной политики предприятия; компетентности управляющего персонала и качества реализуемых инвестиционных проектов [2; 10].

Немаловажным фактором коммерческой эффективности инвестиционного проекта является выбор источника финансирования.

В отличие от железнодорожного транспорта привлекательность АТП для инвестиций в последнее время стала довольно высока, вследствие быстрой окупаемости и эффективности даже незначительных инвестиций.

Данный факт подтверждается сведениями о том, что средний период окупаемости автомобиля, как основного средства производства, составляет от 2-х до 5-ти лет, а средняя норма прибыли устанавливается в диапазоне 5–18%. Кроме того, автотранспорт обладает низким уровнем постоянных затрат в общих затратах и достаточной гибкостью для смены направлений деятельности при необходимости [6; 7].

Методы финансирования инвестиций в АТП сводятся к следующему перечню:

– самофинансирование за счет прибыли и амортизационного фонда;

– финансовое кредитование;

– лизинг транспортных средств и других активов;

– совместное финансирование (привлечение собственных и заемных средств);

– выпуск ликвидных ценных бумаг (акций или облигаций);

– бюджетное финансирование;

– смешанное финансирование (ГЧП).

Выбор варианта финансирования должен осуществляться с учетом достоинств и недостатков каждого из методов, а также с учетом условий приобретения того или иного актива и финансового положения предприятий. Если продолжить сравнение предприятий транспорта, то следует отметить, что для АТП существует еще один перспективный современный институт рыночной экономики, функционирующий преимущественно в инфраструктурных проектах – государственно-частное партнерство (ГЧП) [4; 12].

Суть его сводится к объединению ресурсов и опыта государства и бизнеса с целью реализации инвестиционных проектов при наименьших затратах и рисках. Интерес к этому институту в условиях кризисного и посткризисного периода переживает очередной бум.

Наиболее распространенной формой ГЧП является концессионное соглашение – механизм, в большей степени проработанный в отношении строительства автомобильных дорог. Существует мнение, что накопленный положительный опыт может быть реализован и на таких объектах транспортной инфраструктуры, как железные дороги, аэропорты и аэродромы, речные и морские порты [12].

Рассмотренный перечень источников финансирования, их преимуществ и недостатков, а также возможностей использования свидетельствует о том, что далеко не каждый хозяйствующий субъект может обойтись без привлечения капитала со стороны в том или ином виде. Наиболее действенным способом привлечь потенциальных инвесторов и убедить их в доходности и надежности инвестиций является составление бизнес-плана инвестиционного проекта.

В рамках данного исследования необходимо подробно описать условия инвестиционного проекта и этапы его реализации, провести расчеты, являющиеся

финансово-экономическим обоснованием эффективности его реализации. Иными словами, необходимо описать сценарии освоения и возврата инвестируемых средств, а также определить ту возможную прибыль, которую инвесторы получат от реализации данного мероприятия [3; 9].

Как показывает практика, в транспортной сфере в качестве критерия оценки эффективности инвестиционного проекта и целесообразности его реализации выступают показатели чистого дисконтированного дохода (NPV) и внутренней нормы доходности (IRR).

В целом, разработка и реализация эффективных инвестиционных проектов способны решить большинство проблем, накопившихся в транспортной отрасли, прежде всего, потому, что все они связаны с ее фактическим недофинансированием. Рост инвестиционных вложений в предприятия транспорта и транспортной инфраструктуры должен способствовать формированию единого транспортного пространства на территории страны и наладить межгосударственные связи, что в конечном итоге должно привести к качественно новому уровню экономического развития.

**Литература**

1. Безновская, В.В. Конкурентоспособность и развитие российских предприятий в условиях глобальной экономики / В.В. Безновская, В.И. Прусова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2014. – № 5–1. – С. 123–128.

2. Безновская, В.В. Риски транспортной компании в современных рыночных условиях / В.В. Безновская, О.А. Волкова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2016. – №2–3. – С. 20–23.

3. Вершинина, О.В. Основные аспекты страхования предпринимательских рисков / О.В. Вершинина, М.А. Жидкова // Автомобиль. Дорога. Инфраструктура. – 2015. – № 4 (6). – С. 17.

4. Вязова, Г.А. Экономическая оценка источников инвестиций на транспорте / Г.А. Вязова, А.В. Барчуков // Вестник Финансового университета. – 2011. – № 4. – С. 53–57.

5. Жидкова, М.А. Роль финансовой поддержки и ее влияние на развитие малого и среднего предпринимательства в России / М.А. Жидкова, Т.А. Шпилькина // Автомобиль. Дорога. Инфраструктура. – 2016. – № 1 (7). – С. 6.

6. Жидкова, М.А. Выбор источников финансирования инвестиционных программ на таксомоторном транспорте / М.А. Жидкова // Вестник МАДИ. – 2015. – № 2 (41). – С. 62–69.

7. Кирова, И.В. Инновационное развитие и модернизация российской промышленности: проблемы и пути их решения / И.В. Кирова, Т.Л. Попова, А.Ю. Киров // Автомобиль. Дорога. Инфраструктура. – 2016. – № 1 (7). – С. 3.

8. Кирова, И.В. Перспективы модернизации российской экономики в условиях санкционного режима / И.В. Кирова, Т.Л. Попова // Автомобиль. Дорога. Инфраструктура. – 2016. – № 2 (8). – С. 7.

9. Коновалова, Т.В. Экономическая оценка инвестиционной деятельности автотранспортного предприятия / Т.В. Коновалова, С.Л. Надирян // Транспорт. Транспортные сооружения. Экология. – 2013. – № 2. – С. 72–81.

10. Кунцман, М.В. Экономический взгляд на современную оценку инвестиционной привлекательности регионов РФ / М.В. Кунцман, А.А. Султыгова, Д.М. Тайсумова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2015. – № 4–1. – С. 222–227.

## АСОСҲОИ БАҲИСОБГИРИИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА СОХТОРИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ОН

**Бобоев А.М. - н.и.и., дотсенти аудити ДБССТ**
**Тоҳиров В.С. – ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ.**

Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ нақш ва аҳамияти баҳисобгирии муҳосибӣ ба таври назаррас тақвият дода шудааст, зеро бидуни маълумоти саривақтӣ ва боэътимоди иқтисодӣ, ки системаи ба таври возеҳ муқарраршудаи баҳисобгирӣ медиҳад, идора кардани механизми мураккаби иқтисодии субъекти хоҷагидор амалан ғайриимкон аст.[3]

Баҳисобгирии бонкӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти бонкӣ мебошад, зеро бо миқдори зиёди маълумоти оперативӣ ва боэътимод дар бораи захираҳои пулӣ дар давлат, ба сиёсати пулию қарзии давлат, фаъолияти низоми бонкӣ, амали намудани иҷрои вазифаҳои танзимкунанда ва назоратии фаъолияти бонкҳо ва таъмини маълумоти саривақтӣ оиди истифодабарандагони дохилӣ ва хориҷии фаъолияти бонкҳоро мусоидат мекунад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои бонкӣ системаи муназзами ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттилоот дар бораи ташаккули захираҳо ва ҷойгиркунии онҳо, даромади бадастомада, хароҷоти сарфшуда, натиҷаҳои ниҳоӣ, мавҷудияти захираҳо барои талафоти эҳтимолии қарзҳо ва аз руи дигар амалиёти бонкиро муайян мекунад. Дар баҳисобгири низоми бонки мақом ва манзалати сохтор хело назаррас мебошад

Зер сохтор ин маҷмуи муносибатҳоест, ки пуррагӣ ва якрангии объектро таъмин менамояд, яъне хусусиятҳои асосии онро ҳангоми сар задани тағйиротҳои дохилию берунӣ нигоҳ медорад[4].

Фаҳмиши ягона доир ба мутаносибии мафҳуми “низом” ва “сохтор” вуҷуд надорад. Аммо, новобаста ба он тахмин менамоем, ки низом дар умум, пуррагиро инъикос менамояд, ки он аз қисмҳо иборат буда, сохтор бошад, аз худ сохт, тартиб ва ҷойгиршавии ин қисмҳоро ифода менамояд. Ҳам низом ва ҳам сохтор дар муносибат бо объект рағбат доранд. Вале, дар баробари он, сохтор бидуни низом вуҷуд дошта наметавонад, зеро сохти он қисми махсус ва ҷудонопазири низом маҳсуб мeёбад. Дар умум, сохтори институсионалии низоми бонкиро ҳамчун маҷмуи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмии низоми бонкӣ, ки он дар расми 2 таҷассум ёфтааст, ифода намудан мумкин аст. Бо вуҷуди он, ду шакли тағйиротҳои куллиро дар сохтори низоми бонкӣ дидан мумкин аст: рушди институтсионалӣ ва таназули институтсионалӣ.



Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси монографияи Н.Е. Бровкина Қонуниятҳо ва перспективаи бозори қарз дар Русия таҳия карда шудааст: Москва: Кнорус, 2013с.С.47.

Рушди институтсионалии низоми бонкӣ - ин тағйирёбии сохтори институсионалии низоми бонкӣ, ки дар баландбардории самаранокии он мусоидат менамояд, номида мешавад. Аммо, таназули институтсионалӣ бошад, ба коҳишёбии самаранокии он оварда мерасонад.

Тавре, ки қаблан қайд намуда будем, сохтори институтсионалии низоми бонкиро ҳам дар шакли васеъ ва ҳам дар доираи маҳдуд шарҳ додан мумкин аст. Аз ин хотир, муносибати васеъро зимни таҳқиқи моҳияти низоми бонкӣ истифода намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Аммо, барои таҳқиқи аниқ, яке аз тариқаҳои муносибати маҳдудшударо истифода намудан имконпазир мебошад.

Вобаста ба мақсадҳои дар рисола гузошта шуда ва доираи маҳдудиятион, сохтори институтҳо - муассисаҳои низоми бонкӣ ва инчунин тағйиротҳои ба он вориднамуда, ҷиҳати таъмини рушди институтсионалӣ ва роҳ надодан ба таназзулҳои институтсионалӣ, мавриди таҳлил қарордода шудаанд. Дилхоҳ низоми бонкӣ дар худ институтҳои зеринро ҷой додааст: бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, мақомоти ба танзимдарорандаи низоми бонкӣ ва инфрасохтори бонкӣ (сохтори институсионалии низоми бонкӣ дар ҷадвали 1.2. пешкаш карда шудааст).

Ба андешаи мо, омилҳои зерини асосии муайянкунандаи сохтори низоми бонкӣ ва талаботи иқтисодиёт ба бонкҳоро аз ҳам ҷудо намудан мумкин аст:

–**андозаи давлат ва устувории он**. Ҳар қадаре, ки ҳудуди давлат азим бошад, то ҳамон андоза барои вай таъсиси миқдори зиёди ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои он зарур арзёбӣ мегардад. Вале ба андешаи баъе аз муаллифон (масалан, Г.А. Тосунян)[5], низоми бонкӣ бо миқдори зиёди бонкҳои хусусӣ, хоси давлатҳои федеративӣ маҳсубёфта ( масалан, ИМА ва Олмон), миқдори нисбатан ками бонкҳои тиҷоратӣ, аммо дорои миқдори зиёди филиалҳо хоси ҷумҳуриҳои мутаҳид баҳисоб меравад (масалан, Ҷопон);

–**ҳаҷми истеҳсолот ва тақсимоти минтақавии он.** Маълум аст, ки истеҳсолот бояд бо ҷараёнҳои муутобиқи молиявӣ таъмин бошад. Дар ин ҷода, ҳар қадаре, ки сатҳи истеҳсолот афзоиш ёбад, дар умум, то ҳамон андоза талабот ба намудҳои мухталифи хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар ва минтақаҳои гуногуни он зиёд мегардад;

–**сатҳи рушди иқтисодӣ, бозори молиявӣ ва мавҷудияти инструментҳои мураккаби гибридӣ.** Низоми бонкии як зинагӣхоси кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ба таври нокифоя рушдёбанда ба ҳисоб рафта, низоми бонкии ду зинагӣ хоси кишварҳои дар ҳоли рушд қарор дошта маҳсуб меёбад. Ба таври мисол – назарияе вуҷуд дорад, ки тибқи он барои бозорҳои бузург, ки дар он инструментҳои мураккаби молиявӣ ба таври васеъ истифода мегарданд, назорат аз тарафи бонки марказӣ (яъне, мегарегулятор) нисбатан самаранок буда, барои бозорҳои рушд наёфта ва нисбатан хурд, назорат аз тарафи мақомотҳои алоҳидаи батанзимдароранда муфид арзёбӣ мегардад.

–**теъдоди аҳолӣ, ҷойгиршавии минтақавӣ, маърифати молиявӣ ва сатҳи даромадҳо.** Дар ин ҳолат вобастагӣ мустақим буда, ҳар қадаре миқдори аҳолӣ дар кишвар ва ё минтақаҳои алоҳидаи он зиёд бошад, маърифати молиявии аҳолӣ ва сатҳи даромади он афзун бошад, талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ торафт зиёд мегардад.

- **хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва миллӣ.** Маълумаст, ки дараҷаи хусусигардонӣ ва муттамарказонии низоми бонкӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, на танҳо аз таъсири омилҳои объективии иқтисодӣ, балки то андозаи муайян аз омилҳои сиёсӣ ва анъанаҳои касбии ҳар як тамаддун вобастагӣ дорард. Дар кишварҳои аъзои БРИКС, ки дар он миқдори зиёди дороиҳо аз тарафи бонкҳои бо иштироки давлат таъсис дода шуда идора карда мешаванд, то як андозаи муайян ташаккулёбии низоми бонкӣ дар

вобастагӣ бо хусусиятҳои таърихӣ ва сиёсии ин кишварҳо асоснок карда шудааст, аммо дар кишварҳои Аврупои шарқӣ бошад, баръакс дороиҳо асосан аз тарафи бонкҳои босармояи фаромарзӣ таъсис дода шуда, идоракарда мешаванд. Ба сифати маҳаки асосии самаранокии сохтори институтсионалӣ бояд чунин омилҳо, дараҷаи рақобат, устувории низоми бонкӣ ва дараҷаи таъсири низоми бонкӣ дар васеънамоии такрористеҳсолот, дохил карда шаванд.

Ба андешаи мо, устувории низоми бонкӣ, қабл аз ҳама, аз дараҷаи қабули сатҳи хавфҳо (пеш аз ҳама, сатҳи қарзҳои ба таъхирафтода, комилии захираҳои ташаккул дода, мутаносибии сармояи худӣ ва дороиҳо) ва устувории миқдории ташкилотҳои қарзӣ вобастагии зиёд дорад[2].

Ҳамин тавр, қайд намудан ба маврид аст, ки маҳакҳои самаранокии сохтори институсионалии низоми бонкӣ бо ҳам алоқамандии мураккаб дошта, дар баъзе ҳолатҳо байни онҳо ихтилофро мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, болоравии дараҷаи рақобат дар мукаммалгардонии технологияҳои бизнеси бонкӣ ва сифати хизматрасониҳои бонкӣ боис гашта, ба интихоби воқеии бонкҳои нисбатан азим ва бузург оварда мерасонад, ки он дар навбати худ устувории низоми бонкиро таъмин менамояд. Аммо, бояд қайд намуд, ки баъд аз гузашти муҳлати муайян ва нуқтаи муайян, вобастагӣ аз рақобтнокӣ дар бозори байни бонкӣ ба устувории низоми бонкӣ таъсири баръакс мерасонад[6]. Дар баробари ин, вобастагӣ байни устувории низоми бонкӣ ва дараҷаи таъсири он ба такрористеҳсол ҳам маъно намебошанд. Аз як тараф, васеънамоии доираи қарздиҳӣ болоравии суръати рушди иқтисодӣ, вусъатёбии соҳаҳои гуногуни хоҷагидориҳо ва болоравии устувории иқтисодӣ ва аз ҷумла, бонкҳоро дар умум, таъмин менамояд (махсусан, даромадҳои аҳолӣ ва корхонаҳо зиёд мегарданд, яъне ҳисобҳои пасандозии онҳо, инчунин миқдори мизоҷони пардохтпазири бонкҳо сифатан зиёд мегардад). Аз дигар тараф, қарздиҳии аз ҳад зиёд, нокомилӣ зимни арзёбии хавфҳои ба уҳда гирифта шуда, устувории низоми бонкиро аз дарун бар бод дода, тафтиши қарздиҳиро ба миён меорад[1].

Бо назардошти андешаҳои қаблан зикр гардида, зимни мукаммалгардонии сохтори институтсионалии низоми бонкӣ, ба назар гирифтани ҳама маҳакҳои самаранокии он зарур арзёбӣ гардида, онро дар такмил ва аз навкунӣ бояд чунон истифода намуд, ки натиҷаи он ба муратабии рақобати бонкӣ, устувории низоми бонкӣ ва дараҷаи таъсири он ба такрористеҳсоли васеъ мусоидат намояд.

**Адабиёт**


1. Дьяченко Оксана. Россия на распутье:<< банкизация >> или финансовая гангрена>>: интервью с президентом Ассоциации российских банков Гарегином Тосуняном Электронный ресурс // Банковское обозрение. 2006. №4. Апрель. Режим доступа: http//bosfera.ru/bo/2006/04/rossiya-na-raspute-%C2%ABbankizatsiya%C2%BB-ilifinansovaya- gangrene ( дата обращения: 25.11.2011)
2. Ефимова, Л.Г. Понятие и структура банковской системы Российской Федерации / Л.Г. Ефимова // Банковское право. -2007.-№2. –С.37-40
3. Учебное пособоие по основам бухгалтерского учёта для студентов экономических специальностей
4. Филасофский энсиклопедический словарь. Москва: Советская энциклопедия, 1983. Саҳ.610.
5. Финансово-кредитные механизмы реализации стратегий социально-экономического развития регионов Россиской Федерации: итоговые материалы 12-ого Всероссийского банковского форума. Нижний Новогород: 25-26 август 2011 года. С. 11
6. Казимагомедов, А.А. Деньги. Кредит.Банки: учебное пособие / А.А. Казимагомедов, А.А. Гаджиев. – Москва: <<ЭКЗАМЕН>>, 2007.-599с

# УНСУРҲОИ НАЗОРАТИ МОЛИЯВИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ

**Каримиён М.Б. - ассистенти ДБССТ**

Сиёсати пулию қарзӣ, ё ба ибораи дигар - сиёсати монетарӣ - раванди танзим ва идораи пешниҳоди пул дар иқтисодиёт, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуҳлати фоизии бозори байнибонкиро тавассути истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар бар гирифта, пеш аз ҳама ба ноил гардидани суботи нархҳо ва мусоидат кардан ба рушди воқеии иқтисодиёти миллӣ равона мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) дар самти иҷрои вазифаи худ ба хотири ноил гардидан ба ҳадафи ниҳоӣ – суботи нархҳо, таъмини устувории низоми бонкӣ, мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохт дар мамлакат, тавассути корбурди фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ пайваста иҷрои ҳадафи амалиётӣ ва танзими сатҳи пардохтпазирии низоми бонкиро назорат мекунад.

БМТ дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, мустақилан барои таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзии давлат масъул аст. Вобаста ба ин, зикр намудан ба маврид аст, ки бонкҳои марказии аксари мамлакатҳои пешрафта ва рӯ ба рушд чунин ҳадаф, яъне нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳо ё худ суботи нархҳоро пайгирӣ карда, сиёсати худро пеш аз ҳама бо назардошти ноил гардидан ба он роҳандозӣ менамоянд. Ноил гардидани мақсади асосии БМТ барои таъмини устувории низоми бонкии давлат, рушди воқеии дарозмуддати иқтисодиёт ва сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

Ҳоло механизми сиёсати пулию қарзии БМТ ба реҷаи ҳадафгирии монетарӣ асос ёфта, ҳадафи ниҳоӣ – муътадилии сатҳи нархҳо тавассути танзими ҳаҷми пешниҳоди пул ё худ пулҳои захиравӣ, ки ба сифати ҳадафи амалиётӣ баромад менамоянд, таъмин карда мешавад [3].

Дар доираи ин ҳадафи амалиётӣ, БМТ ҷиҳати таъмини муътадилии нишондиҳандаҳои монетарӣ ва сатҳи нархҳо, ҳар сол нақшаи афзоиши нишондиҳандаи миқдорӣ - сатҳи пулҳои захиравиро муқаррар менамояд. Дар баъзе ҳолатҳо, масалан дар ҳолати таъсири таконҳои берунӣ, сатҳи нишондиҳандаи миқдорӣ мавриди тағйир қарор дода мешавад [2].

Бояд қайд кар, ки қарорҳои марбут ба тағйир додани фишангҳои асосии сиёсати пулию қарзии қабул ва эълоншуда тақозо менамоянд, ки амалиёти дахлдор тавассути истифодаи ин фишангҳо бояд ба вазъи бахши молиявӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсирбахш бошанд.

БМТ ба хотири рушди фаъолияти худ, аз ҷумла барои нигоҳдории сатҳи паст ва муътадили нархҳо бо истифода аз таҷрибаи муваффақи ҷаҳонӣ механизмҳои муосири таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзиро тарҳрезӣ ва амалӣ менамояд. Ҳамчунин, вобаста ба ин, БМТ тадриҷан фароҳам овардани фазои мусоид ва заминаҳои устуворро барои марҳила ба марҳила гузаштан аз реҷаи ҳадафгирии пулҳои захиравӣ ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум ба нақша гирифтааст. Дар ин самт, БМТ ба хотири вусъат додани ислоҳоти иститутсионалӣ барои гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум тадбирҳои зарурӣ меандешад, аз ҷумла [3]:

- таҳкими фишангҳо ва зиёд намудани дараҷаи таъсирбахшии онҳо, пеш аз ҳама ба меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуҳлати бозори байнибонкӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ;
- афзун намудани имконияти пешгӯии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва дар ин замина қабул намудани қарорҳо дар самти сиёсати пулию қарзӣ;
- роҳандозии стратегияи мушаххаси иттилоотӣ доир ба таъмини шаффофияти фаъолият ва иттилоотдиҳӣ;

- тақвияти мустақилияти институтсионалӣ, молиявӣ ва амалиётӣ.

Ба ин васила, тавассути амалӣ намудани сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва асъорӣ, БМТ бевосита ба фаъолияти босуботи низоми молиявӣ, нигоҳдории қобилияти харидории пули миллӣ, афзудани эътимод ба он, афзоиши даромадҳои воқеии аҳолӣ ва ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти миллӣ саҳмгузорӣ менамояд.

Таъмини суботи нархҳо ва нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум, ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои появии макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши пасандозҳо ва сармоягузориҳои аҳолӣ, ки дар маҷмуъ дар рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва сатҳи некӯаҳволии мардум инъикос мегардад, заминаи мусоид фароҳам меорад. Бинобар ин, сатҳи муътадили таваррум ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисодиёт барои таъмини суботи иқтисодию иҷтимоии мамлакат аҳамияти хоса дорад.

Аммо, баръакси ин ҳол, сатҳи баланд ва ноустувори таваррум ба рушди устувори иқтисодиёт ва сатҳи даромаднокии аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, барои паст гардидани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти ғайрисамараноки захираҳо ва сармоягузориҳо дар иқтисодиёт, зиёд шудани номуайянӣ ва интизориҳои манфии агентҳои иқтисодӣ ва ниҳоят эҳтимоли пайдо шудани шиддати иҷтимоӣ замина мегузорад.

Пӯшида нест, ки вобаста ба омилҳои появию сохторӣ ҳиссаи асосии даромадҳои аҳолии мамлакат ба хариди молу маҳсулоти истеъмолии талаботи рӯзмарра, бахусус маҳсулоти хӯрокворӣ, ки айни ҳол вазни зиёдтарини сабади истеъмолии аҳолиро ташкил медиҳад, харҷ мешавад. Ҳамзамон, тибқи ҳисобҳо ҳиссаи зиёди номгӯйи маҳсулоти сабади истеъмолиро молҳои воридотӣ ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин, болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ва ё маҳсулоти воридотӣ ба сатҳи таваррум фишор оварда, метавонад ба қобилияти харидории даромадҳои пулӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири манфӣ расонад.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки самаранокии сиёсати пулию қарзӣ дар самти таъмини суботи нархҳо аз дараҷаи таъсири омилҳои ғайримонетарӣ - аз вазъ ва фишорҳои берунӣ низ вобаста аст. Зеро, таконҳои хусусияти ғайримонетарӣ дошта, аз қабили тағйирёбии нархҳои ҷаҳонии ашёи хом, омилҳои берунии марбут ба қурби асъор, нарх ва тарифаҳои хизматрасонӣ ва мавсимӣ, ки берун аз доираи танзими сиёсати пулию қарзӣ мебошанд, метавонанд ба зиёд ё кам шудани сатҳи нархҳо таъсир расонанд.

Тавре назария ва амалия нишон медиҳад, сиёсати пулию қарзӣ дар давраи тӯлонӣ метавонад танҳо ба сатҳи умумии нархҳо таъсир расонад, зеро дар ин давра қобилияти бевосита таъсир расондани он ба рушди нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодӣ, чун ММД-и воқеӣ ва ё сатҳи бекорӣ маҳдуд аст. Яъне, сиёсати пулию қарзӣ наметавонад ба афзоиши давомнок ва фавқулодаи ҳаҷми пул, ки аз талаботи аслии иқтисодиёт зиёдтар аст, роҳ диҳад, дар акси ҳол ин ба болоравии сатҳи нархҳо боис мешавад [1]. Зеро дар давраи тӯлонӣ рушди иқтисодӣ бештар ба омилҳои хусусияти сохторию появӣ дошта, аз ҷумла ба имконияти истеҳсолии дохилӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, захираҳои меҳнатии баландсифат, сатҳи илму технология ва сифати идоракунии иқтисодиёт вобастагии зиёд дорад.

БМТ ба хотири таъмини самаранокии идоракунии сиёсати пулию қарзӣ, танзими ҳадафи амалиётии худ, идоракунии сатҳи пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуҳлати бозори байнибонкӣ, фишангҳои амалиётии зерини сиёсати пулию қарзиро истифода мебарад:

- меъёри бозтамвил;
- амалиёт дар бозори озод;
- воситаҳои доимамалкунандаи шабонарӯзӣ (овернайт);

- меъёри захираҳои ҳатмӣ;

- амалиёт бо асъори хориҷӣ.

Меъёри бозтамвил – ин фоизе мебошад, ки БМТ бо он ба бонкҳои зинаи дуюм (бонкҳои тиҷоратӣ) қарз медиҳад. Бузургии меъёри бозтамвил аз талабот ва пешниҳод дар бозори захираҳои қарзӣ вобаста мебошад, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он бештар вобаста аз сатҳи таваррум тағйир меёбад.

Амалиёт дар бозори озод фишанги фаъол ва самараноки сиёсати пулию қарзӣ ба ҳисоб рафта, ҷалби пардохтпазирӣ (маблағҳои озоди пулӣ дар суратҳисобҳои ташкилоти қарзӣ дар БМТ) ва ё пешниҳоди пардохтпазириро ба низоми бонкӣ тавассути савдои бозори озод, яъне музояда дар бар мегирад. Фишанги мазкур ба БМТ имкон медиҳад, ки дар раванди таъсиррасонӣ ба вазъи пардохтпазирӣ ва фоизҳои кӯтоҳмуҳлати бозор ташаббус дошта бошад.

Воситаҳои доимамалкунандаи шабонарӯзӣ (овернайт) бо мақсади ҷалб ё пешниҳоди пардохтпазирӣ ба муҳлати як шабонарӯз, таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва амалиёти он, вусъатдиҳии бозори пул, батанзимдарории меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуҳлати бозори байнибонкӣ, таъмини дастрасӣ ба пардохтпазирии кӯтоҳмуҳлат аз БМТ, инчунин мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохтҳо равона гаридаанд.

Дар доираи механизми мазкур БМТ ду намуди амалиёти доимамалкунандаи шабонарӯзиро ба ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод менамояд:

- қарзи шабонарӯзии овернайт (ҳамчун воситаи қарзии доимамалкунанда имкон медиҳад, ки ташкилотҳои қарзӣ дар сурати муваққатан норасоии пардохтпазирӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунии пардохтҳо, маблағҳои қарзиро ба муҳлати як шабонарӯз аз БМТ бо пешниҳоди гарави муносиб дастрас намоянд);

- пасандози шабонарӯзии овернайт (ҳамчун воситаи пасандозии доимамалкунанда аз ҷониби БМТ бо мақсади муваққатан ҷалб намудани пардохтпазирии барзиёди низоми бонкӣ ба роҳ монда мешавад; ташкилоти қарзӣ метавонад маблағҳои озоди худро дар БМТ ҳамчун пасандоз ба муҳлати як шабонарӯз нигоҳ дорад).

Амалиёти қарз ва пасандози шабонарӯзӣ (овернайт) дар давоми рӯзҳои амалиётии ҳафтаи корӣ тибқи дархости бонк анҷом дода мешаванд. Меъёрҳои фоизӣ аз рӯи амалиёти мазкур аз ҷониби **Кумитаи сиёсати пулию қарзии БМТ** муқаррар карда мешаванд. Лекин дар доираи фишангҳои мазкур ташаббус дар дасти ташкилотҳои қарзӣ аст, зеро қарор дар бораи бо меъёри муайяншуда гирифтани қарз ё мондани пасандоз аз ҷониби онҳо қабул мешавад.

БМТ метавонад барои танзими вазъи пардохтпазирии умумии низоми бонкӣ фишанги захираҳои ҳатмиро истифода барад. Ба хотири иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ он ташкилотҳои қарзие, ки ба ҷалби пасандоз ва уҳдадориҳои ба он монанд сару кор доранд, бояд ҳаҷми муайяни пасандозҳоро дар суратҳисобҳои муросилотӣ дар БМТ нигоҳ доранд. БМТ аз ҷониби худ меъёри фоизро барои ҳисоби захираҳои ҳатмӣ муқаррар мекунад.

Амалиёти асъорӣ харид ё фурӯши асъори хориҷиро дар бозорҳои асъор дар бар мегирад. Амалиёт дар бозори асъори хориҷӣ дар доираи сиёсати қурбии БМТ ба роҳ монда мешаванд ва дар маҷмуъ ду ҳадафи асосӣ доранд:

- муътадил намудани лаппиши аз эътидол зиёди қурби сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ ва бозори дохилии асъор;

- зиёд намудани захираҳои байналмилалӣ ва расондани ҳаҷми онҳо ба сатҳи бо талаботи меъёрҳои байналмилалии устувории захираҳои байналмилалӣ муқарраршуда.

Амалиёт бо асъори хориҷӣ дар бозори байнибонкии асъор бо роҳи гузаронидани музоядаҳои асъори хориҷӣ, қарордодҳои спот, амалиёти своп/форвардӣ тариқи низоми электронии савдо анҷом дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, БМТ дар доираи вазифаҳои назоратии худ санҷиши ҳолат, бузургӣ ва риоягардии меъёҳои пешбинишудаи фишангҳои сиёсати пулию қарзиро мегузаронад.

**Адабиёт**

1. Зудилин А.П., Ахмедов Ф.Н. Финансовый контроль: Учеб. Пособие / А.П. Зудилин, Ф.Н. Ахмедов. - М.: Изд-во РУДН, 2000. - 124 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://mmk.tj/content/ қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-бонки-миллии-тоҷикистон

3. Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. – Душанбе: БМТ, 2020

## НИЗОМИ ПАРДОХТИИҒАЙРИНАҚДӢ: МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ОН ДАР ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**Ализода Ш.Ш., Валиев Н.Ш.**

Низоми бонкии кишвар дар заминаи шабакаи низоми бонкии давраи шӯравӣ бунёд ёфта, дар давраи начандон тӯлонии истиқлолият марҳила ба марҳила ба яке аз низомҳои инкишофёбанда ва ба рушди иқтисодиёт мусоидаткунанда табдил ёфта истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозӣ, таҷдид, дигаргунсозӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ пас аз ҷанги таҳамилии шаҳрвандӣ хеле дер оғоз ёфт, ки ин ба раванди босуръат ташаккулёбии низоми бонкӣ, бахусус низоми миллии пардохтӣ таъсири калони манфӣ расонид.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ Ҳукумати кишвар ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои васеъ намудани доираи хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, пайвасти низоми бонкӣ бо низомҳои байналмилалии хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохторӣ низоми пардохтии ғайринақдӣ ва дар ин замина татбиқи иқтисодиёти рақамӣ тавассути амалигардонии консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ чораҳои зарурироро роҳандозӣ намуда истодааст.

Оғоз аз солҳои 2005 пас аз ҷорӣ кардани пули миллӣ ва ба танзим даровардани он, ба масъалаи низоми пардохтӣ, бахусус низоми пардохтии ғайринақдӣ таваҷҷуҳ карда шуд.

Марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми пардохтии ғайринақдиро ба мисли марҳилаҳои рушди низоми бонкӣ ба 4 марҳила ҷудо намудан мумкин аст, аз ҷумла марҳилаи якуми солҳои 1991-2000 (давраи бавуҷудоӣ), марҳилаи дуюм солҳои 2001-2005 (ташаккулёбии низоми пардохтӣ), марҳилаи сеюм солҳои 2006-2015 (давраи пайдоиши воситаҳои нави пардохтии ғайринақдӣ) ва марҳилаи чорум солҳои 2016 то инҷониб (давраи рушд ва такомул). (Расми 1).




**Расми 1. - Марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ**

Таҳлили расми 1 нишон медиҳад, ки бунёди низоми бонкӣ, ки низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз ҷузъҳои муҳим ва ҷудонашавандаи он ба ҳисоб меравад дар фазои мураккаби иқтисодиёти кишвар солҳои 1991-2000 (марҳилаи якум) дар шароити низоъҳои сиёсӣ ва номуйяниҳо дар низоми иқтисодӣ оғоз гардид. Дар ин давра, ба ғайр аз мушкилиҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, коста гардидани робитаҳои иқтисодию молиявӣ бо кишварҳои хориҷӣ, мавҷуд набудани қонунгузории бонкӣ, низоми пардохтӣ ва зиёда аз ин пули ягонаи миллӣ ҳамчун воситаи пардохт ба рушди устувори низоми бонкӣ монеа эҷод менамуд.

Бо мақсади ба эътидол овардани вазъи макроиқтисодӣ, таъмини рушди низоми бонкӣ, танзими сиёсати пулию қарзӣ ва амалиётҳои молиявӣ бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 10 майи соли 1995 аввалин пули милӣ – «рубли тоҷикӣ» ва санаи 20 октябри соли 2000 воҳиди нави пули миллӣ «сомонӣ» ба муомилот бароварда шуд, ки ба ташкили сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва инкишофи низоми молиявӣ замина гузошт [1].

Ислоҳоти пулии дар соли 2000 татбиқшуда ҳамчун марҳилаи нави ташаккулёбии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ барои оғози рушди низоми бонкӣ асоси муҳимтарин гардид.

Дар ин давра фишангҳои асъории танзимӣ - мудохила дар бозори асъории нав таъсис ёфта, бозори асъории байнибонкӣ ташкил ва тадриҷан вусъат ёфт, ки дар низоми бонкдории кишвар қадами хеле муҳим буд.

Бо вусъатёбии робитаҳои тиҷоратию иқтисодии хориҷӣ барои нигоҳдории устувории қурби пули миллӣ сиёсати пулию қарзӣ мунтазам мукаммал ёфта, механизмҳои барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ низ ба роҳ монда шуд.

Дар баробари ноил гардидан ба дастовардҳои назаррас дар низоми муолмилоти пулӣ, ҷорӣ гардидани услубҳои муосири бонкдорӣ, бахусус ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва созмон додани инфрасохтори низоми пардохтӣ яке аз афзалиятҳои муҳими Ҳукумати кишвар ба ҳисоб мерафт.

Дар ин самт, аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои пардохтии шакли коғазӣ ва гузаронидани ҳисоббаробаркунӣ тавассути низоми электронӣ ба роҳ монда шуд, ки ин пайваста ба кутоҳ намудани вақти амалиётҳои пардохтӣ мусоидат намуд. Барои самаранок анҷом додани пардохтҳои бурунмарзӣ бошад соли 1998 Бонки миллии Тоҷикистон узви Созмони байналхалқии SWIFT (Society for Worldwide Interbank Financial Telecommunications, аббр.: SWIFT) — низоми байналмилалии байнибонкии интиқоли маълумот ва иҷрои пардохтҳо) гардид. Дар ин давра бо мақсади ривоҷ додани амалиётҳои ғайринақдӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои бонкӣ қадамҳои аввал дар ҷорӣ намудани кортҳои пардохтӣ, насб намудани таҷҳизоти муосир - банкоматҳо ва терминалҳо гузошта шуд.

Дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ, яъне солҳои 1991-2000 маҳз бо ташаббуси созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари бартараф намудани ихтилофҳо ва бесарусомониҳо дар дохили кишвар, заминаи устувор барои рушди минбаъдаи низоми бонкӣ, бахусус низоми пардохтӣ бунёд гардид.

Дар марҳилаи навбатӣ (солҳои 2001-2005) фаъолияти низоми бонкӣ барои афзун намудани нақши ташилотҳои қарзӣ дар рушди иқтисодиёт тавассути вусъат ва таҳкими хизмарасониҳои бонкӣ ва афзун намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт бо усулҳои замонавӣ равона гардид.

Вобаста ба ин, маҷмӯи чорабиниҳо ва барномаҳои муайян барои ҳалли масъалаҳои дар пешгузошта амалӣ гардида, раванди афзоиши теъдоди бонкҳо, ҷорисозии хизматрасониҳои нави бонкӣ, бахусус ташкил ва пардохти ғайринақдӣ, ҷалби пасандозҳо, пешниҳоди қарзҳо ва таъсиси шумораи зиёди ташкилотҳои маблағгузории хурд мушоҳида мегардид.

Дар ин самт, яке аз корҳои муҳими анҷомдодашуда дар соли 2005 бо ҷонибдории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Хазинаи байналмилалии асъор уҳдадориҳои моддаи VIII-и Созишномаҳои Хазинаи байналмилалии асъорро расман қабул намуд, ки ин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ба низоми пардохтҳои ҷории озоди байналмилалӣ ворид гаштанро фароҳам овард [2].

Воридшавӣ ба низоми мазкур дар натиҷаи андешидани маҷмӯи тадбирҳои таъсирбахш дар солҳои 2000-2005, аз қабили танзим ва рушди бозори дохилии асъор ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ, назорати иҷрои меъёрҳои иқтисодӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо бо асъори хориҷӣ ва ба талаботи байналхалқӣ мувофиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳияи омори амалиёти асъорӣ сурат гирифт. Инчунин, дар ин давра ҷорӣ намудани низоми интиқолҳои пулӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ барои тавассути ташкилотҳои қарзӣ ба ҷумҳурӣ бемамоният ва саривақт ворид гардидани интиқолҳои пулӣ ва вуруди маблағҳои хориҷӣ мусоидат намуд.

Дар давоми солҳои 2001-2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасонӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ рӯ ба тараққӣ ниҳода, се бонки бузурги кишвар иштирокчии низомҳои пардохти байналмилалии «Visa International», «Europay International» ва «STB Card» гардиданд. Дар охири соли 2005 аз ҷониби бонкҳо зиёда аз 4000 адад кортҳои пардохтӣ ба муомилот бароварда шуданд.

Бо мақсади тақвият бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» қабул гардид [3].

Ҷиҳати муайян намудани дурнамои рушди низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025» ва Нақшаи чорабиниҳои миёнамуҳлати татбиқи Стратегияи мазкур таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №679 тасдиқ карда шуд. (Расми 2)



Расми 2. - Омилҳои муайянкунандаи рушди низоми пардохтӣ дар Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025».
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси СРНП-2015-2025.

Бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи ҷоизи нишондиҳандаҳои пулӣ, зиёд намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёти мамлакат тайи солҳои 2001-2005 такмилдиҳии низоми пардохт давод дода шуда, ҳамаи ҳисоббаробаркунӣ пурра ба шакли электронӣ гузаронида шуданд. Дар баробари ҷорӣ намудани маҷмааи барномавии муосири «Палатаи ҳисоббаробаркунӣ» муҳлати гузаронидани пардохтҳои байнибонкӣ то 1 рӯз кӯтоҳ гардид.

Бо мақсади такмил ва мубодилаи боэътимоди фаромарзӣ нуқтаи дастёбии дастаҷамъӣ ба шабакаи SWIFT барои ҳамроҳ шудани ташкилотҳои қарзӣ ба он таъсис дода шуд, ки дар охири соли 2005 шаш бонки тиҷоратӣ иштирокчии шабакаи мазкур гардиданд.

Дар марҳилаи навбатӣ (солҳои 2006-2015) мақсади асосии ислоҳоти низоми бонкӣ ба нигоҳдории суботи низоми бонкӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонии бонкҳо, ҷорӣ намудани маҳсулотҳои нави бонкдорӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти бонкҳо ва мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии бонкӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ равона гардид. Бо ташкили шароити мусоиди макроиқтисодӣ ва пешбурди сиёсати самараноки пулию қарзӣ низоми бонкии кишвар бо суръати бемайлон рушду такомул ёфта, нишодиҳандаи молиявии онҳо сол аз сол устувор гардиданд.

Бо назардошти вазъи ҷории низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025» самтҳои зерини рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, аз ҷумла:

- иваз намудани низоми амалкунандаи пардохтии байнибонкии Бонки миллии Тоҷикистон ба Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағ ва таъмини мувофиқати пурраи он ба принсипҳои инфрасохтори бозори молиявӣ;

- ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии раванди бехатару самаранок, пешниҳод намудани номгӯи васеи хизматрасониҳои электронии пардохтии чакана;

- ҳамгироии намудани пардохтҳои давлатӣ бо низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади кам кардани истифодаи пули нақд ва татбиқи воситаҳои пардохти электронии дастрас ва даромаднок;

- такмилдиҳии бозори байнибонкии пул бо роҳи татбиқ намудани низомҳои савдои электронӣ, муқаррар намудани қоидаҳои мураттаб ва ривоҷ додани бахши таъминоти гарав;

- таъмини саривақти пешниҳоди маблағи интиқолҳои байналмилалӣ, ки ба стандартҳои маъмули байналмилалӣ ва таҷрибаи муосир ҷавобгӯ мебошанд;

- рушди ҳамаҷониба ва самараноки сохтори назоратӣ, ки ҳамаи ҷанбаҳои дахлдори низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад [4].

Дар «Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025», ки аз ду замимаи нақшаи чорабиниҳо иборат мебошад, танҳо ба масъалаҳои умумӣ, бахусус таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва пурзур намудани назорат таваҷҷуҳ зоҳир гардида, нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) рақамӣ, инчунин тадбирҳо ҷиҳати расидан ба онҳо пешбинӣ нагардидааст. Ҳамзамон, тибқи таҷриба ва амалия барои татбиқи ҳадафу афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои стратегия, ки муҳлати дарозро дарбар мегирад бояд барномаи миёнамуҳлат таҳия ва татбиқ карда шавад. Дар мавриди Тоҷикистон чунин барнома вуҷуд надорад ва ин ҳолат боиси суст татбиқ гардидани стратегия мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо назардошти ислоҳотҳои татбиқшаванда, сифат ва шакли хизматрасонии бонкҳо мунтазам вусъат ёфтанд. Ташкилотҳои қарзӣ дар баробари намудҳои маъмули бонкӣ, мисли амалиёти кассавӣ, додани қарзҳо, қабули амонатҳо, иҷрои ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳо, амалиётҳои ҳозиразамони бонкиро мисли амалиётҳои сейфӣ, ҳамлу нақл, ҳисоббаробаркунӣ бо кортҳои пардохтии бонкӣ ва пардохти электронӣ мавриди истифода қарор доданд.

Дар самти рушди хизматрасониҳои бонкӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ дар давоми солҳои 2005-2015 низоми бонкии кишвар ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ дар солҳои 2006-2015 зиёда аз 10 маротиба афзуданд. Дар соли 2015 бошад ин нишондод ба 1,6 млн. адад расид, ки афзоиши миёнасолонаи он аз соли 2006 то соли 2015-ум 81,7 фоизро ташкил намуд.

Дар навбати худ, барои таъмини хизматрасонии босифати кортҳои пардохтӣ ба интиҳои соли 2015 шумораи дастгоҳҳо (терминалҳои электронӣ), ки барои пардохт дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасониҳо истифода мешаванд, маҷмӯан ба 2112 адад расонида шуд, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар соли 2006 102 ададро ташкил менамуд. Шумораи терминалҳои насбшуда бошад, аз 56 адад дар соли 2006 ба 706 адад дар соли 2015 расонида шуд.

Инчунин, бо мақсади васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои навӣ хизматрасонӣ ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳои бонкиро тавассути воситаҳои алоқаи мутаҳаррики радиотелефонӣ (мобилӣ) ва шабакаи Интернет ба мизоҷон оғоз намуданд.

Новобаста аз комёбиҳои назарраси бадастомада, татбиқи ислоҳот дар бахши низоми бонкии кишвар ва ҷанбаҳои он, бахусус дар самти такмили заминаҳои меъёрию ҳуқуқии бонкӣ, пешбурди сиёсати пулию қарзӣ ва фишангҳои танзимӣ, масъалаи рушди фарогири низоми пардохтии ғайринақдӣ, васеъ намудани

хизматрасониҳои молиявию пардохтии рақамӣ ва ҷори намудани механизмҳои нави бонкӣ ҳалталаб боқӣ мемонанд.

Дар давраи чорум, яъне солҳои 2016 то ин ҷониб бо мақсади вусъат додани амалиётҳои ғайринақдӣ, рушди инфрасохтори низоми пардохтӣ, бемамоният ва саривақт пешниҳод намудани хизматрасониҳои кортҳои пардохтӣ аз ҷониби низоми бонкӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Қадамҳои устувор дар самти рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ин давра роҳандозӣ гардида, масъалаи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар меҳвари сиёсати иқтисодии Ҳукумати кишвар қарор гирифт.

Муҳим аз ҳама дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобаста ба масъалаи рушди низоми пардохтӣ ва истифодаи ҳарчӣ бештари амалиётҳои ғайринақдӣ мушкилот, ҳадаф ва афзалиятҳои стратегӣ муайян гардидааст. Тибқи ин ҳуҷҷати стратегӣ дар бахши молиявии кишвар яке аз мушкилоти асосӣ ин дараҷаи баланди истифодаи маблағҳои пули нақд ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ дар байни субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт мебошад[5].

Самтҳои асосии рушди низоми пардохтӣ дар Стартегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таври зайл муайян шудааст.

Аз нигоҳи таҳлилии мо низоми пардохтии ғайринақдии амалкунанда дар заминаи мукаммалгардонии низоми қонунгузорӣ ва пайдо гардидани шаклҳои нави пардохтӣ тайи даҳсолаи охир то андозае рушд ёфта истодааст, вале бо чунин тамоюли истифодабарии пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби аҳолӣ ва бахши хусусӣ, зиёд гардидани ҳиссаи пулҳои нақди берун аз бонкҳо дар ҳаҷми умумии пули миллӣ, ки мо мушоҳида кардем расидан ба натиҷаҳои чашмдошти СМР-2030, яъне расонидани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар савдои чакана то ба на кам аз 50 фоиз душвор мебошад.

Барои расидан ба ҳадаф ва натиҷаҳои чашмдошти СМР-2030 роҳандозии як қатор чорабиниҳои ҳавасмандкунандаву маҳдудкунанда дар самти истифодаи пардохтҳои ғайринақдию нақдӣ муҳим арзёбӣ мегардад.




**Расми 3. - Мушкилот, афзалиятҳо ва самтҳои асосии рушди низоми пардохтӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси СМР-2030**

Маҳз бо мақсади рушди иқтисодиёти рақамӣ дар асоси дастури Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» соли 2019 Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар доираи Консепсия иқтисоди рақамӣ вобаста ба рақамикунонии низоми молиявӣ қисмати махсус дарҷ гардидааст, ки дар он омадааст, Консепсия рушди технологияҳои молиявӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва ташаккули ҷомеаи аз нигоҳи молиявӣ фаъолро дар назар дорад, ки дар соҳаи молиявии самаранок амалкунанда ва инфрасохтори рушднамудаи бозори хизматрасониҳои пардохтӣ нақши калидӣ дорад, бахши молия бо истифодаи технологияҳои пешқадам, ба монанди феҳристҳои тақсимгардида, пешниҳоди воситаю маҳсулоти нави молиявӣ, рақамикунонии ҳамаи равандҳои буҷетӣ ва содакунии амалиётҳо аз ҳисоби ҳамгирои бо низомҳои иттилоотии давлатӣ такмил дода мешавад. Ҷомеаи аз нигоҳи молиявӣ фаъол бо дастгирии танзимкунанда татбиқ намудани технологияҳои муосирро амалӣ намуда, дар маҷмуъ ҳамкории мутақобили ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ширкатҳои коммуникатсионӣ ва дигар ширкатҳои соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, ҷиҳати паст кардани хавфҳои амалҳои қаллобӣ дар муҳити онлайн, ҷорӣ намудани маҳсулоти нави хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, беҳтар намудани таҷрибаи муштариён ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои муосир ва баланд бардоштани устувории низоми молиявиро дар назар дорад [6].

Ҷиҳати татбиқи марҳиллаи якуми Консепсия дар асоси супориши Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» соли 2020 лоиҳаи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025 таҳия гардидааст.

Бо назардошти муқаррарот ва ҳадафу афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар дар доираи Консепсия ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодиёти рақамӣ масъалаи рушди ҳамаҷонибаи низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми иқтисодӣ мавқеи хосро ишғол менамояд.

Бо мақсади васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои муосири он ташкилотҳои бонкию молиявӣ хизматрасониҳои бонкиро тавассути воситаҳои алоқаи мутаҳаррики радиотелефонӣ (мобилӣ) ва шабакаи интернет ба мизоҷон пешниҳод намуда истодаанд.

Дар солҳои 2016-2017 бо мақсади рушди инфрасохтори низоми пардохти, ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, афзоиши амалиётҳои ғайринақдӣ, таъмини фаврияти пардохтҳо ва ҷавобгӯ намудани низоми пардохт ба стандартҳои байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи грантии Бонки Ҷаҳонӣ "Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ" татбиқи Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо, Палатаи автоматишудаи клирингӣ, Амонатгоҳи (депозитарияи) марказии коғазҳои қиматнок ва Платформаи пардохтии интиқоли маблағҳо амалӣ шуд.

Инчунин, ҷиҳати вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ насби терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ роҳандозӣ шуда, ҳамзамон тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид, ки тибқи он барои саркашӣ намудан аз насби терминалҳои электронӣ ва рад кардани истифодабарии кортҳои пардохтии бонкӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо нисбат ба муассисаҳои савдою хизматрасонӣ муҷозот муқаррар гардидааст. Муқаррароти Кодекси мазкур аз 1 январи соли 2017 дар тамоми кишвар мавриди амал қарор гирифт.

Ғайр аз ин, бо мақсади ба танзим даровардани хизматрасониҳои пардохтӣ ва фаъолияти низоми пардохтӣ инчунин, мутобиқ намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ба таҷрибаи муосири байналмилалӣ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» таҳия шуда он санаи 26 октябри соли 2016 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Дар доираи Қонуни мазкур зиёда аз 10 санадҳои дохилиидоравии Бонки миллӣ вобаста ба танзими низоми пардохтии ғайринақдӣ таҳия ва қабул гардиданд [7].

Инчунин дар ин давра бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди низоми пардохт ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30 ноябри соли 2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия ва қабул карда шуд.

Тибқи ин қарор вазорату идораҳо, корхонаву муассисаҳои давлатие, ки хизматрасониҳои пулакиро ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд, вазифадор карда шудаанд, ки дар баробари ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ, ҳама намуди хизматрасониҳоро бо истифода аз воситаҳои электронии пардохти ғайринақдӣ низ ба таври ҳатмӣ таъмин намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки татбиқи технологияи интиқоли маблағҳои электронӣ - яке аз тамоюлҳои нав дар низоми бонкии ватанӣ мебошад. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ чунин усули пардохтҳои ғайринақдиро аз соли 2018 ба муштариёни худ фаъолона пешниҳод намуда истодаанд. Инчунин, сар карда аз соли ҷорӣ операторҳои алоқаи мобилӣ низ дар доираи қонунгузории амалкунанда якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ имконияти пардохти молу хизматрасониҳоро ба таври ғайринақдӣ тавассути ҳамёнҳои электронӣ роҳандозӣ намуда истодаанд. Ҳамакнун, муштариён имконият пайдо карданд, ки як қатор хизматрасониҳоро бо истифодаи маблағҳои электронӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт намоянд.

Аз санаи 3 декабри соли 2019 Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо (ММПИМ) бе кушодани суратҳисобҳо дар назди Бонки миллии Тоҷикистон пурра ба фаъолият оғоз намуд. Аз ин пас, тамоми интиқолҳои фаромарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо роҳандозӣ шуда, амалиётҳои мазкур дар навбати аввал тавассути низомҳои пардохтие, ки ба ММПИМ пайваст шудаанд, анҷом дода мешаванд.

Мақсади асосии таъсиси Маркази миллии протсессингӣ аз баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми интиқоли маблағҳо, таъмин намудани шаффофияти амалиётҳо ва коҳиш додани хавфҳои амалиётӣ бо мақсади таъмин намудани устувории низоми бонкию молиявӣ дар кишвар ва баамал овардани заминаи мусоид барои амалиётҳои бехавф иборат мебошад.

Айни замон, як қатор ташкилотҳои қарзии ватанӣ технологияҳои муосири пардохтиро татбиқ намуда, ба муштариёни худ имконияти осону қулай ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро пешниҳод намуда истодаанд. Дар ин самт, ташкилотҳои қарзӣ технологияҳои муосири хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро бомуваффақият татбиқ намуда истодаанд. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пайваста чораҳои ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ва анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ гузаронида шуда истодаанд, аз ҷумла пешниҳоди «Cash back», яъне баргардонидаи маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ татбиқ гардида истодаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯъ чораҳои андешидашуда аз ҷониби Ҳукумати кишвар ва ташкилотҳои қарзӣ барои афзоиш ёфтани истифодаи воситаҳои

электронии пардохтӣ ва зиёдшавии ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ то дараҷае мусоидат намуда истодаанд, вале ҳоло ҳам, бо назардошти ҷорисозии механизмҳои нав дар самти қабули пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби низоми бонкӣ вазъи истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар муқоиса бо давлатҳои минтақа нигароникунанда мебошад.

Зеро, ҳоло ҳам 80 фоизи амалиётҳо ба тариқи нақдӣ гузаронида мешаванд, ки ҳолати мазкур ба шаффофияти пардохтҳо ва ҳисоботҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Дар давоми солҳои 2021-2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ вобаста ба масъалаи мазкур қайд намуданд, ки «Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ барои ба низоми бонкӣ ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ бо роҳандозии технологияҳои молиявию инноватсионӣ васеъ намудани хизматрасониҳои бонкӣ ва дар ин замина якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор пурра ҷорӣ кардани амалиёти ғайринақдӣ, аз ҷумла ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ намоянд» ва «бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шаванд. Вобаста ба ин, аз ҷониби Вазорати молия ва Бонки миллӣ ҷиҳати таъсис додани махзани ягонаи маълумот доир ба суратҳисоби ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ бояд тадбирҳои зарурии фаврӣ ва қатъӣ андешида шаванд».

Дар ҳамин замина, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» 22 июни соли 2023, №586 қабул гардид, ки тибқи он аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ (минбаъд - хизматрасониҳои музднок) тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд.

Иқдоми мазкур саривақтӣ буда, пеш аз ҳама барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам гузошта, барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ талаботи аҳолиро ба пули нақд коҳиш дода, навбатпоиро дар назди банкоматҳо ва хазинаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд аз байн мебарад ва боиси сарфаи вақту хароҷоти иловагии аҳолӣ мегардад.

Ғайринақдӣ гардонидани раванди пардохтҳо аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ дошта, истифодаи воситаҳои пардохти ғайринақдӣ ҳангоми анҷом додани пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ин равандро осон ва қулай мегардонад.

Рушди технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ аз низоми бонкии кишвар амалигардонии марҳилаи нави ислоҳоти рушди низоми пардохтиро дар самти афзалият додан ба пардохтҳои ғайринақдӣ ва кам намудани ҳиссаи пардохтҳои нақдӣ дар муомилоти пулӣ талаб менамояд.

Аз рӯи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ марҳилаи нави ислоҳоти рушди низоми пардохтӣ дар самти афзалият додан ба пардохтҳои ғайринақдӣ ва кам намудани ҳиссаи пардохтҳои нақдӣ дар муомилоти пулӣ бояд ба воситаи ташкили шароити

мусоиди инфрасохтории молиявӣ, пардохтӣ ва рақамӣ, инчунин марҳила ба марҳила ҳатмигардонии истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ, POC-терминалҳо, QR-рамз ва дигар шаклҳои муосири пардохти ғайринақдӣ ҳангоми пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, хариду фурӯши амволи манқул ва ғайриманқул, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин пардохтҳо дар тамоми нуқта ва марказҳои савдою хизматрасонӣ амалӣ карда шавад.

**Адабиёт**


1. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Раҳимзода Ш. -Душанбе: ЭР-граф, 2009. -450 с.
2. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, www.nbt.tj
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» аз 31 декабри соли 2014, №815;
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабули «Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025» ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои миёнамуҳлати татбиқи Стратегияи мазкур аз 31 октябри соли 2014, №679;
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636. – С. 70-73;
6. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз «30» декабри соли 2019, №642. – С. 24;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз 26 октябри соли 2016;
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» аз 26 январи соли 2021;
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» аз 23 декабри соли 2022;


## ИСЛАМСКИЕ БАНКИ: ОСНОВЫ И ПРИНЦИПЫ


**Алишоев Х.Х. н.и.и., дотсент кафедраи молияи ДБССТ**

**Хакимов К.С. устоди калон ДБССТ**


Исламские банки - это финансовые институты, работающие в соответствии с принципами исламского права (шариата). В отличие от традиционных банков, они запрещают:

- Проценты (риба): Запрещено брать или платить проценты за кредиты.
- Спекуляцию (майсир): Запрещено инвестировать в спекулятивные схемы, которые могут приносить прибыль без реальной экономической ценности.
- Ростовщичество (риба): Запрещено брать сверхъестественную прибыль за кредит.

Вместо этого исламские банки применяют принципы:

- Совместное владение (мушарака): Банк и заемщик становятся партнерами в бизнесе, деля прибыль или убытки.
- Финансирование торговли (мудараба): Банк предоставляет средства, а предприниматель управляет бизнесом, деля прибыль по заранее оговоренному соглашению.
- Финансирование на основе участия (мурабаха): Банк покупает товар и продает его клиенту с небольшой надбавкой, избегая процентов.

Основные характеристики исламских банков:

- Прозрачность и справедливость: Все операции должны быть четко и прозрачно описаны в договорах.
- Социальная ответственность: Исламские банки часто инвестируют в проекты, которые приносят пользу обществу.

• Инвестирование в реальные активы: Деньги не должны инвестироваться в спекулятивные схемы, а направляться в производство, торговлю или недвижимость.

Преимущества исламских банков:

• Нравственное инвестирование: Соответствие принципам исламского права.

• Справедливое финансирование: Отсутствие процентов и ростовщичества.

• Инвестирование в реальную экономику: Стимулирование устойчивого развития.

Недостатки исламских банков:

• Ограниченные инвестиционные возможности: Не все виды инвестиций разрешены шариатом.

• Сложность и бюрократия: Договоры могут быть сложными и требовать дополнительных документов.

• Недостаток доступности: Исламские банки не так распространены, как традиционные.

В последние годы исламские банки получили широкое распространение во многих странах мира. Они играют все более важную роль в развитии исламской экономики и предлагают альтернативные финансовые услуги для мусульман и не мусульман. Для потдверждение этого лозунга мы можем представить количественный рост исламских банков во всем миро с 1998 по 2022 года на таблице №1.

**Количество исламских банков во всем мире с 1998 по 2022 год**

Таблица №1.

| **Год** | **Количество банков** |
|---|---|
| 1998 | 145 |
| 2000 | 220 |
| 2002 | 280 |
| 2004 | 330 |
| 2006 | 400 |
| 2008 | 500 |
| 2010 | 600 |
| 2012 | 700 |
| 2014 | 800 |
| 2016 | 900 |
| 2018 | 1000 |
| 2020 | 1100 |
| 2022 | 1200 |

**Источник:** Economics and Research Department, Dinar Standard

Исходя из данных в таблице можно отметит, что ежегодно количество исламских банков растет в сфере мировой экономике, а также интерес народа к использование и обслуживание исламских банков расширяется высоким темпом ростом. Например в 1998 г. в мире существовала всего 145 исламских банков и организации обслуживающих по исламским методам финансирование. Однако как видно на таблице №1 этот показатель в 2022 г. выросла до 1200, который составляет рост исламских банков на82,7 %. Этот показатель показывает интерес народа и население всего мира исламской экономикой и банковской сфере. Эти показатели можно представить в виде графика.




Исламские банки, основанные на принципах шариата, играют всё более значимую роль в глобальной финансовой системе. Они предлагают альтернативные модели финансирования, основанные на справедливости, прозрачности и социальной ответственности.

Основные принципы исламской банковской системы:

- Запрет на ростовщичество: Исламские банки не выдают кредиты под проценты, вместо этого они вкладывают средства в бизнес-проекты, получая долю в прибыли или убытков.
- Запрет на спекуляцию: Исламские банки избегают финансовых операций, связанных с неопределенностью, таких как спекуляция на валютном рынке.
- Социальная ответственность: Исламские банки призваны поддерживать социальное благополучие, инвестируя в проекты, приносящие пользу обществу.

Вызовы для исламских банков в современном мире:

- Конкуренция с традиционными банками: Исламские банки сталкиваются с трудностями в привлечении клиентов из-за более сложной системы финансирования.
- Отсутствие единого стандарта: В мире нет единой регуляторной среды для исламских банков, что затрудняет их работу на международном уровне.
- Сложности с инвестированием в определенные сектора: Исламские банки не могут инвестировать в определенные сектора экономики, например, в азартные игры или производство алкоголя.
- Недостаток финансовых ресурсов: Исламские банки часто сталкиваются с нехваткой финансовых ресурсов для финансирования крупных проектов.

Возможности для исламских банков:

- Растущий спрос на этичные и справедливые финансовые услуги: В современном мире возрастает интерес к этичным инвестициям, что создает благоприятные условия для развития исламской банковской системы.
- Развитие технологий: Технологии, такие как FinTech, могут помочь упростить и оптимизировать операции исламских банков.
- Расширение на международные рынки: Исламские банки имеют потенциал для выхода на новые рынки, особенно в развивающихся странах.
- Рост инвестиций в устойчивое развитие: Исламские банки могут играть важную роль в финансировании проектов в области устойчивого развития, таких как возобновляемые источники энергии и охрана окружающей среды.

Таблица сравнение Исламских банков с традиционными банками

| Характеристика | Исламские банки | Традиционные банки |
|---|---|---|
2. Sean Foley. Sex, drugs, and bitcoin: How much illegal activity is financed through cryptocurrencies? – [Электронный рессурс]. – Режим доступа: URL: ttps: //cashessentials.org/app/uploads/2018/07/foley_karlsen_talis_sex_drugs_and_bitcoin.pdf., открытый. [Секс, наркотики и биткойны: сколько незаконной деятельности финансируется с помощью криптовалют?]

3. Изатуллои Ҳабибзод Ҷумъаев Б.М. Амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: арзёбии ҳолат ва пешниҳоди самтҳои мукаммалгардонии он //[Текст] / И. Хабибзод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022.-№4.-С107-113 .

4. Изатуллои Ҳабибзод Ҷумъаев Б.М. Таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои паст намудани онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. -Душанбе, 2022.-№4 (1) .-С92-102.

5. Изатуллои Ҳабибзод Равишҳои назариявии таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ // Идоракунии давлатӣ. Паёми Академияи *идоракунии давлатии* назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2021.-№4/2 (54).-С338-347.

6. Изатуллои Ҳабибзод Роҳҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон :-Душанбе, 2022.-№4 (2) .-С190-199.

7. Черенкова С.А. Достоинства и потенциальные риски введения цифрового рубля в современной России [Текст] / С.А. Черенкова // Национальная безопасность. – 2023. – № 1. - С. 53-65.

# ЦИФРОВИЗАЦИЯ НА ФИНАНСОВОМ РЫНКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Никитина Т. В.**, д.э.н. Профессор Санкт-Петербургский государственный экономический университет

**Белых А.С.**, магистрант Санкт-Петербургский государственный экономический университет

Цифровизация играет важную роль в трансформации финансовых рынков по всему миру, включая рынок Республики Таджикистан. Она способствует повышению доступности финансовых услуг, улучшению эффективной деятельности финансовых организаций и стимулированию экономического роста. Однако процесс цифровизации требует глубокого понимания специфических условий и факторов, влияющих на его успешность в данной стране.

Как и во многих развивающихся странах, в Таджикистане цифровизация финансового рынка находится на начальной стадии. Основные направления цифровизации включают развитие мобильного банкинга, внедрение электронных платежных систем и создание базовой цифровой инфраструктуры. Банки начинают осваивать цифровые инструменты, такие как мобильные приложения и интернет-банкинг, но уровень проникновения этих услуг остается низким. Основными

направлениями кредитования являются сельское хозяйство, промышленность и торговля. [4]

Ключевые тенденции:

1. Мобильный банкинг: По мере увеличения распространенности смартфонов растет и использование мобильных банкинговых приложений. Это позволяет улучшить доступ к финансовым услугам для значительной части населения, особенно в сельских районах.

2. Электронные платежи: Развитие электронных платёжных систем снижает зависимость от наличных денег и упрощает трансакции. Электронные кошельки и карты приобретают популярность, но еще далеки от полного господства на рынке.

3. Кибербезопасность: С ростом цифровизации возросла необходимость обеспечения безопасности данных. Банки и финансовые учреждения внедряют защитные меры, направленные на защиту клиентов от киберугроз.

В Республике Таджикистан по состоянию на 2024 год функционируют 63 кредитные финансовые организации, в том числе 14 традиционных банков, 1 исламский банк, 1 небанковская кредитная организация, 19 микрокредитных депозитные организации, 3 микрокредитных организации и 25 микрокредитных фондов. Основными игроками на рынке являются государственные банки, такие как «Амонатбанк» и Банк «Эсхата», «Ориёнбанк», а также частные банки, включая Кафолатбанк, Точпромбанк и Международный банк Таджикистана. [3]

По данным Национального банка Таджикистана, за 2024 год (на 30 июня 2024) количество банковских платежных карт составило 7,6 млн единиц, что больше на 28,7%, чем за тот же период в 2023 году. Вместе с этим на 19,7% увеличилось и количество электронных кошельков: на 30.06.24 их число составило 10,4 млн. [3]




Рисунок 1 - Количество и объем операций посредством электронных кошельков [3]

В точках торговли и обслуживания для приема безналичной оплаты за товары и услуги установлено по итогам первого полугодия 2024 года 7 939 POS-терминалов, их количество увеличилось на 71,2%, по сравнению с аналогичным периодом 2023 года. Кроме этого, было установлено 16 472 QR-кода. [3]

За первое полугодие 2024 года соотношение операций по снятию наличных денег и безналичной оплаты товаров и услуг электронными платежными средствами составляет 75% к 25%. [2]




Рисунок 2 - Операции с использованием электронных платежных средств и доля безналичных расчетов [3]

Безналичных операций с использованием электронных средств платежа (банковские платежные карты и электронные кошельки) стало больше в 2,3 раза по объему совершенных платежей, по сравнению с аналогичным периодом 2023 года.

Несмотря на очевидные тенденции к росту, цифровизация в Таджикистане сталкивается с рядом серьезных вызовов:

1. Низкий уровень цифровой грамотности: Значительное число населения не оснащено необходимыми знаниями и навыками для использования цифровых технологий, что существенно замедляет процесс цифровой трансформации.

2. Ограниченная интернет-инфраструктура: Несколько регионов все еще испытывают проблемы с доступом к стабильному интернету, что затрудняет внедрение цифровых финансовых услуг.

3. Регуляторные барьеры: Законодательство не всегда поспевает за технологическими изменениями, что создает препятствия для развития новых продуктов и услуг.

Для успешной цифровизации финансового рынка в Таджикистане необходимо сосредоточиться на следующих направлениях:

1. Развитие цифровой грамотности: Реализация масштабных образовательных программ, направленных на повышение цифровой грамотности среди населения. Стоит отметить, что ряд изменений уже предусмотрен в рамках концепции цифровой экономики в Республики Таджикистан, утвержденной Правительством Республики Таджикистан 30.12.2019 года [1]

2. Улучшение интернет-инфраструктуры: Инвестиции в расширение и улучшение качества интернет-сетей, особенно в сельских регионах.

3. Создание стимулирующего регуляторного окружения: Разработка и внедрение гибких регуляторных подходов, способствующих инновациям и принятию новых технологий.

4. Партнерство с частным сектором: Поощрение сотрудничества между правительством, финансовыми учреждениями и технологическими компаниями для совместного решения задач цифровизации.

Помимо работы на внутреннем финансовом рынке с отечественными представителями, непременно стоит рассмотреть и варианты для подключения ресурсов дружественных стран.

Российские банки имеют хорошие перспективы выхода на рынок Таджикистана, учитывая текущую ситуацию в стране и развитие цифровых технологий.

Во-первых, российский банковский сектор является одним из самых развитых в мире, и российские банки обладают большим опытом работы с различными финансовыми инструментами и технологиями. Это может быть полезным для Таджикистана, где банковская система еще находится на стадии формирования.

Во-вторых, Россия и Таджикистан имеют тесные экономические связи, что создает благоприятные условия для сотрудничества между российскими и таджикскими банками. Многие российские компании уже работают в Таджикистане, и им нужны надежные партнеры для проведения финансовых операций.

Кроме того, Таджикистан активно развивает свою экономику и стремится привлечь больше инвестиций. Российские банки могут стать важными инвесторами в различные проекты в Таджикистане, что поможет стимулировать экономический рост и создать новые рабочие места.

Цифровизация в финансовом секторе Республики Таджикистан представляет собой сложный, но перспективный процесс. Несмотря на существующие вызовы, потенциал для улучшения доступности и качества финансовых услуг посредством цифровых технологий значителен. Эффективная стратегия цифровизации может стать катализатором экономического роста и улучшения качества жизни населения, способствуя инклюзивному развитию страны.

Таким образом, для достижения успешной цифровизации необходимо комплексное решение существующих проблем, активное участие всех заинтересованных сторон и постоянная адаптация к меняющимся условиям.

**Литература**


1. Концепция цифровой экономики Республики Таджикистан: [Электронный ресурс]. – URL: https://policy.asiapacificenergy.org/sites/default/files/Concept%20of%20the%20Digital%20Economy%20in%20the%20Republic%20of%20Tajikistan%20%28RU%29.pdf
2. Национальная Ассоциация малого и среднего бизнеса Республики Таджикистан // National Association of Small and Medium Business of the Republic of Tajikistan: [сайт]. – URL: https://namsb.tj/
3. Национальный банк Таджикистана // National Bank of Tajikistan: [сайт]. – URL: https://nbt.tj/ru/
4. Рейтинговое агентство // Expert: [сайт]. – URL: https://raexpert.ru/researches/banks_tjk_2024/?ysclid=m3u926ru8c432585184


## ТАЪСИРИ БУҲРОНИ МОЛИЯВИИ ҶАҲОНӢ БА РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Асоев Муслиҳиддин Муссоевич – ассистенти ДБССТ**

Таҷрибаи хоҷагидории давлатҳои мутараққӣ исбот менамояд, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ фаъолияти суғуртавӣ соҳаи ояндадор ба шумор рафта, аз самаранок истифодабарии он таъмини бехатарии молиявӣ вобастагӣ дорад. Захираҳои фондҳои суғуртавӣ дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои молиявӣ барои рушд ва тақвияти фаъолияти инвеститсионӣ ва бизнес, аз он ҷумла бар тараф намудани буҳрони молиявӣ хизмат менамоянд.

Иқтисодшиноси ватанӣ таъсири буҳрони молиявиро ба иқтисодиёт чунин шарҳ додаанд: иқтисодшинос Исайнов Ҳ.Р талафи умумии молиявӣ дар натиҷаи пандемия дар ҳаҷми зиёда аз $5 трлн. арзёбӣ мегардад (аз он ҷумла ҳаҷми савдои ҷаҳонӣ ба андозаи ду маротиба коҳиш ёфта, бекорӣ ба 30-50% зиёд гардидааст), ки таҳдиди чунин буҳронро ҳатто яке аз давлатҳои абарқудрати дунё, яъне ИМА низ эътироф намудааст. Ҳатто мувофиқи баъзе аз ояндабиниҳо дар натиҷаи таъсири пандемия тиҷорати байналмилалӣ ба миқдори қариб се баробар кам гардида, талафи умумии молиявӣ ба андозаи $9 трлн. арзёбӣ мегардад. Болои ҳамаи ин, коршиносон низ ба он ақидаанд, ки ба мисли буҳрони молиявии соли 2008, буҳрони глобалии "COVID-19" (коронавирус) метавонад аз бозори ипотекии амрикоӣ сар занад»[4]. Дар шароити кунунӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирӣ ба бахши хусусӣ, алахусус хизматрасонӣ ва савдо, ҳавасмандгардонии

[4] Исайнов Ҳ.Р. Таъсири буҳрони молиявии "COVID-19" (коронавирус) ба иқтисоди ҷаҳонӣ: вазъи ҳозираи Тоҷикистон//Маводи конф. ҷумҳ. илмӣ-назариявӣ ба 75 – солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (қисми 1) – Кӯлоб-2020.-С.388-395.

фаъолияти корхонаҳо дар шароити талабот кам, сиёсати нигоҳдорӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ, ҷорӣ намудани имтиёзҳои андоз ва гумрук ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок сиёсати афзалиятноки сиёсати зиддибуҳронӣ мегардад»[5].

Дар воқеъ, буҳрони молиявие, ки бар асари ҳамагир шудани коронавируси нав ба миён омад, ба устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Тоҷикистон ҳам таъсири бевосита ва ғайримустақими худро расондааст. Рушди иқтисодии Тоҷикистон дар соли 2020 дар сатҳи 7,8 дарсад пешбинӣ шуда буд, аммо дар пайи хуруҷи коронавирус он ба сатҳи 4,7 дарсад поин омад.

Бахши суғурта дар низоми фаъолияти бозори молиявӣ яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Рушди устувори бахши суғурта дар иқтисодиёти миллӣ, ҳимояи суғуртавии манфиатҳои молу мулкии шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҷуброни саривақтии талафотро таъмин менамояд, ки ба фаъолияти мунтазами корхонаҳо, барқарор намудани моликияти хусусӣ, даромад, саломатӣ ва сатҳи зиндагии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Мавриди зикр аст, ки суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимою иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад. Суғурта ба амалишавии принсипи тақсимоти зарарҳои тарафайн байни суғурташаванда ва суғуртакунанда равона карда шуда, ҳамзамон дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва гирифтани фоида ба ҳисоб меравад.

Барои таъмини раванди мунтазами такрористеҳсол тавассути пардохти ҷубронпулиҳои суғуртавӣ ба ҷабрдидагон аз ҳодисаҳои суғуртавӣ дар ҳолати сар задани ҳолатҳои фавқулодда инкишоф додани бозори рушдёфтаи суғурта зарур аст.

Дар муносибатҳои суғуртавӣ ду тараф баромад мекунанд: суғурташаванда дар симои шахсиятҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва суғуртакунанда дар симои ширкати суғуртавӣ. Унсурҳои асосии муносибатҳои суғуртавӣ дар расми 1 оварда шудааст (ниг. ба расми 1).

Аз ин лиҳоз, мо тафсири муаллифии худро изҳор доштем: суғурта – қисмати таркибии муносибатҳои молиявӣ буда, байни суғуртакунанда ва суғурташаванда барои ҳифзи манфиатҳои моликияти суғурташавандагон дар сурати сар задании ҳодисаи муайян дар раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои суғуртавӣ ба вуҷуд меоянд.

Мавҷуд набудани заминаи ягонаи қонунгузории низоми суғурта мушкилии асосӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии бозори суғурта мебошад. Дар баробари ин, пойгоҳи ҳуқуқии фарохи муносибатҳои суғуртавиро дар бозори суғурта шартҳо ва қоидаҳои суғуртаи ширкатҳои суғуртавии мухталиф ташкил медиҳанд. Барои беҳтар гардонидани кори танзими бозори суғурта мумкин аст, ки таҷрибаи Фаронса мавриди истифода қарор гирад, зеро дар он мамлакат танзими ҳуқуқии бозори суғурта тавассути Кодекси суғурта амалӣ мегардад.

Бо истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, пешниҳод дорем, ки ниҳоди мустақили ҳимояи ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон таъсис ёбад. Дар бисёр мамлакатҳо Дафтари суғурта амал мекунад, ки онҳо бо гузаронидани семинару тренингҳо, мадад расонидан ба суғурташавандагон ва суғуртакунандагон, ташкили машварату семинарҳо бо мақсади шиносоӣ пайдо кунонидан бо асосҳои корбарӣ, амалисозии маркетинг ва баланд бардоштани фарҳанги суғуртавӣ машғул мегардад. Ниҳоди мустақил мисли Дафтари суғурта метавонад, ки барои рушди бозори суғуртаи

[5] Саймуродов Л.Ҳ. ва Аминджанов Р.М. Малая открытая экономика Республики Таджикистан в условиях влияния пандемии COVID-19: анализ и прогнозы// Маҷалаи илмии «Иқтисодиёти Тоҷикистон» 3.2020.//-Душабе 2020.-С.25.

ватанӣ нақши бориз бозад ва он метавонад, ки барои баланд бардоштани маърифати суғуртавии аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон мусоидат намояд.

**Расми 1. Унсурҳои асосии муносибатҳои суғуртавӣ.**




Ҳамин тариқ, барои рушди бозори суғурта давлат метавонад, ки шароити мусоид фароҳам оварад.

Бозори суғуртаи хориҷиро таҳлил намуда гуфтан мумкин аст, ки онҳо як қисми бозори суғуртаи байналхалқӣ буда, новобаста аз гуногунии шаклашон ба давлат кӯмак мерасонанд ва ба шароити иҷтимоиву иқтисодии зиндагии мардум мутобиқ мешаванд (нигаред ба расми 2).




Расми 2. Ҳиссаи бозори суғуртаи давлатҳо дар ММД дар соли 2022.

**Манбаъ:** Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бояд қайд кард, ки суғурта дар бозори ҷаҳонӣ хусусиятҳои ба ҳам монанд доранд, аз ин рӯ мафҳуми «изоморфизми бозори суғурта»-ро шакл гиронида, онро ҳамчун ифодакунандаи ҳолати яксон ва якнавъи бозори суғурта бо монандии нисбӣ ва эквивалентнокии маҳсулоти суғурта ба гардиши илмӣ ворид кардем. Маҳсулоти суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, новобаста аз махсусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва ё махсусияти ҷуғрофии амалкунии бозори суғурта, ҳувият ва якнавъии шаклҳои худ, суғуртаи ҳаёт, саломатӣ, моликият ва масъулиятро ҳифз мекунанд.

Ҳиссаи хизматрасониҳои суғуртавӣ дар арзиши умумии хизматрасониҳои пулакии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар бозорҳо хеле кам буда, ҳамагӣ 16%-ро ташкил медиҳад. Нархи хизматрасонии суғурта дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои як нафар 1 сомонию 72 дирамро ташкил медиҳад. Даромади оилаҳо

асосан барои маҳсулоти озуқаворӣ ва пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ сафр мегарданд, аз ин сабаб, оилаҳое, ки хоҳиши истифодабарии хизматрасониҳои суғуртавиро доранд, хеле каманд.

Аҳолӣ ба суғурта мароқ зоҳир намекунад ва танҳо барои ба даст овардани пардохтҳои иҷтимоии давлатӣ майл доранд. Ғайр аз ин, инкор шудани суғурта аз ҷониби соҳибкорон ва сатҳи пасти фарҳанги суғуртавии мардум барои инкишофи бозори суғурта монеа пеш меорад.

Мо чунин меҳисобем, ки барои тараққӣ додани бозори суғурта рушд додани ниҳоди суғуртаи мутақобила зарур аст ва ба ин дар бозор мавҷудияти танҳо як ҷамъияти суғуртаи мутақобила бо ҳаҷми ками мукофоти суғуртавӣ шаҳодат медиҳад.

**Адабиёт**

1. Абдусаттор Ҷабборов. Комилҷон Алимов. Фаъолияти суғуртавӣ дар бозори молиявии ҷаҳон. Комплекси таълимӣ-методӣ. - Душанбе, 2016. - 250 саҳ.

2. Ашуров, Г.Д. Развитие системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистанк/Г.Д.Ашуров. – Душанбе, 2007. - 160с.

3. Саидмуродов, Ш.М. Некоторые проблемы развития страхового рынка в Республике Таджикистан /Ш.М. Саидмуродов //Вестник Таджикского наҳионального университета. Серия соҳиально-экономических и общественных наук. – 2014. – №. 2/5. – С. 39-43.

4. Шаропов, Н. Фаъолияти суғурта: дастури таълимӣ/ Н. Шаропов. – Душанбе, 2009. - 302с.

5. Юсупова, Г.А. Страховой рынок как инструмент развития соҳиально-экономической сферы Таджикистана /Г.А. Юсупова //Управление. - 2020. - № 2. - С. 49-56.

6. https://nbt.tj/tj/sugurta/city.php. Бонки миллии Тоҷикистон. Бахши суғурта. Шарҳи бозори суғурта. Санаи муроҷиат 10.12.2019.

7. http://www.nbt.tj/tj/. Бонки миллии Тоҷикистон. Бахши суғурта.
Иштирокчиёни касбии бозори суғурта. Санаи муроҷиат 24.05.2019.

## АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Беков Фирдавс Шомаҳмадович – н.и.и., ДБССТ**

Дар ҳама давру замон дар ташаккул ва рушди сохти иқтисодии ҳамаи мамлакатҳо накши ҳалкунандаро танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодиии интихобнамудаи давлат амалӣ менамояд ба ҳисоб меравад. Дар амалӣ намудани ин сиёсаити давлат яке аз механизмҳои асосӣ, ки ба давлат имкон медиҳад танзими иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди онро танзим намояд-ин звенаи асосии он буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Тавассути низоми молиявӣ давлат фондҳои пулии марказонидашударо ташаккул дода, ба ҷараёни ташаккули фондҳои пулии ғайримарказонидашуда мусоидат намуда, имконияти иҷрои вазифаҳои ба уҳдаи мақомоти давлатӣ вогузоршударо бо маблағҳои молиявӣ таъмин менамояд.

Ин механизм, яъне буҷети давлатӣ, ки ба давлат имкон медиҳад сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии худро дар амал татбиқ намояд ва ҳаракати фаъолонаи мамлакатҳо бо роҳи иқтисоди бозорӣ, рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, аз бисёр ҷиҳат бо шарофати фаъолияти самараноки системаи буҷетии мамлакат амалӣ менамояд.

Худи мафҳуми буҷет аз калимаи англисии «budget» пайдо шуда, маънои «киса» ё «халта»-ро дошта, ҳангоме, ки палатаи намояндагони Англия дар асрҳои XVI-XVII субсидияро барои шоҳ тасдиқ менамуд, он гоҳ пеш аз анҷоми ҷаласа канслери хазинадорӣ (вазири молия) портфелеро кушод, ки дар он коғазе нигоҳ дошта мешуд ва дар он коғаз лоиҳаи қонун дар бораи буҷети давлат сабт карда шудааст. Ҳамин ҳолат кушодашавии буҷетро ифода карда, баъдтар номи он портфелро буҷет номиданд, ки дар Англия аз охири асри XVII сар карда ҳуҷҷатеро,

ки дар он нақшаи даромадҳо ва хароҷоти давлат сабт мегардид ва аз ҷониби парламент тасдиқ карда мешуд, буҷет меномиданд[6].
Дар натиҷа маълум гардид, ки буҷети давлатӣ механизмест, ки ба ҷараёни ташаккули нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодӣ бевосита таъсир мерасонад. (расми 1)




Сарчашма: Ҳасанов А.Р. Буҷети давлатӣ: Китоби дарсӣ/А.Р. Ҳасанов, Р. Ҳ. Содиқов.-Душанбе: «ЭР-граф», 2018.–С.10.
Расми 1. Таъсири буҷети давлатӣ ба ҷараёни ташаккули нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодӣ

Ҷадвали мазкур исбот менамояд, ки буҷети давлати шакли васеи таъсиррасонӣ дошта ба манбаъҳои даромади зиёд зарурат дорад, ки дар шакли фондҳои гуногун ҷамъоварӣ ва истифода мешавад.

Буҷети давлатиро чунин таъриф додан мумкин аст (расми 2).




**Сарчашма:** Ҳасанов А.Р. Буҷети давлатӣ: Китоби дарсӣ.-Душанбе: «ЭР-граф», 2018.–С.11.

Аз рӯи мазмуни иқтисодӣ даромадҳои буҷети давлатӣ гуфта, муносибатҳои молиявиеро меноманд, ки байни давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва шаҳрвандон дар ҷараёни ташакул ва истифодабарии буҷетҳо ба амал меоянд. Намудҳои гуногуни пардохтҳои андозию ғайриандозӣ аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ва дигар пардохткунандагони маблағҳои низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаъҳои аосии даромади буҷети давлатӣ мебошанд.

Даромадҳои буҷетӣ ин воридоти воситаҳои пулӣ ба буҷет мебошад, ба ғайр аз маблағҳое, ки мувофиқи қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун манбаи маблағгузории касри буҷет эътироф гардидаанд.

---

[6] Ҳасанов А.Р. Буҷети давлатӣ: Китоби дарсӣ/А.Р. Ҳасанов, Р. Ҳ. Содиқов.-Душанбе: «ЭР-граф», 2018.–С.9.

Аз ҷиҳати сохтор даромадҳои буҷетро ба даромадҳои умумӣ, грантҳо ва трансфертҳо (интиқоли пул) тақсим намудан мумкин аст, нигаред ба расми 3.




Мувофиқи моддаи 10-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" даромадҳои буҷети давлатӣ, махсусан буҷети ҷумҳуриявӣ аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, грантҳо, инчунин аз воридоти маблағҳои беподош иборат мебошанд.

Вобаста аз сатҳи низоми буҷети давлатӣ, онҳо ба даромадҳои зерин ҷудо мешаванд:

- даромадҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ;
- даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ.

Ба даромадҳои андозии буҷети ҷумҳуриявӣ инҳо дохил мешаванд:

- андозҳои умумидавлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, ки феҳристу меъёри онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андоз, гумрук ва боҷи давлатӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии

ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд. Таносуби тақсими андозҳо дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ бо қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ муқаррар карда мешавад.

- боҷҳои давлатие, ки мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид мегарданд.

Бояд гуфт, ки дар сохтори даромадҳои буҷети давлатӣ ҷойи намоёнро даромадҳои андозӣ ишғол мекунанд. Ҳиссаи онҳо дар солҳои гуногун аз 60% то 80%-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, даромадҳои андозӣ дар пуркунии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда дорад.

Ба даромадҳои ғайриандозии буҷети ҷумҳуриявӣ инҳо дохил мешаванд:

- даромадҳо аз хизматрасониҳои пулакии мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, инчунин ташкилотҳои буҷетии тобеи мақомоти мазкур, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд;

- фоидаи Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин корхонаҳои давлатӣ тибқи меъёрҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст (фоидаи воқеии Бонки миллии Тоҷикистон фоидае мебошад, ки бо роҳи ба суратҳисоби Бонки миллии Тоҷикистон ворид шудани маблағ ба даст омадааст.

- даромад аз фурӯши захираву пасандозҳои давлатӣ, *фоизҳо* аз депозитҳо ва сармоягузории давлатӣ, дивидендҳо аз дороиҳои молиявӣ;

- иҷорапулӣ барои истифодабарии молу мулки ҷумҳуриявӣ;

- воридоти маблағи бо тартиби ҷазои ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба фоидаи давлат ситонидашаванда;

- воридоти маблағҳо аз дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардаанд, аз ҷумла, ҷарима, пеняҳо ва фоизҳо барои риоя накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, ҷуброни зараре, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ дар натиҷаи вайрон кардани интизоми молиявӣ расонида шудааст.

Ба даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ҳамчунин инҳо тааллуқ доранд:

- грантҳо ва дигар маблағҳои беподош, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҳукуматҳои давлатҳои дигар ворид мешаванд;

- маблағҳое, ки дар натиҷаи ҳисоббаробаркунии байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ворид мешаванд;

- маблағҳое, ки аз истифода ва фурӯши молу мулк ворид мешаванд, инчунин қарзгирии давлатии дохилӣ ва берунӣ, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ берун аз даромад ҳамчун манбаи маблағгузории касри буҷет истифода мешавад.

Даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин ташкил меёбанд:

- андозу пардохтҳои махсуси мақсаднок ва ҳатмӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

- маблағҳои ихтиёран супурдаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- маблағҳои буҷети давлатӣ;

- даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорие, ки фонди дахлдор ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегардонад;

- дигар даромадҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

Даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҷамъоварӣ ва назорати пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

Сатҳи дуюми низоми буҷети давлатиро буҷетҳои маҳаллӣ ташкил медиҳанд, ки даромадҳои онҳо аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, инчунин аз воридоти маблағ аз ҳисоби андозу пардохтҳои танзимшавандаи умумидавлатӣ ва пардохтҳои дигар иборат мебошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Алимардонов У. Васоити таълимӣ Молия. Душанбе - 2014.–291с.
2. Гурӯҳбандии даромад ва хароҷотҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 2005 бо тағйироту иловаҳо соли 2012.
3. Рӯзномаи “Боҷу хироҷ”-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2015-2019.
4. Ҳасанов А.Р. Буҷети давлатӣ: Китоби дарсӣ.-Душанбе: «ЭР-граф», 2018.–С.11.
5. Буриева М. Ч. Буҷет ва низоми буҷет /Зери таҳрири умумии Буриева М. Ч./, Нашриёти «Эр-граф», Душанбе, 2014,– 400 с.
6. Юлдашев Я.Н. Государственный бюджет. Учебное пособие / Юлдашев Я.Н. Душанбе, 2002 г., 292 стр.
7. Юлдашев Я.Н. Бюджетная политика РТ в условиях перехода к рыночной экономике. Уҷебное пособие / Юлдашев Я.Н., Кабилов Б.Т., Душанбе, 2005г., 113 стр.
8. Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то давраи соли 2030.


# ОМИЛҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ДАРОМАДҲОИ АСЛИИ АҲОЛӢ


**Акилҷонов Фурқат Шарифович-** ***н.и.и., дотсенти ДТТ***
**Маликов Фаррухчон Шарофович-** ***муаллими калони ДТТ***


Ташаккулёбӣ ва афзоиши даромадҳои аслии аҳолӣ яке аз самтҳои зарурии сиёсати иқтисодии дохилии давлат ба ҳисоб рафта, бо тараққиёти иқтисодиёти кишвар алоқамандии зич дошта, ҳамзамон бо маҷмӯи чораҳои танзими давлатӣ вобаста аз хусусияти марҳилаи муайяни инкишофи ҷамъият вобастагӣ дорад. Ҳамчун объекти тадқиқот, сиёсати давлатии фароҳамоварии шароити муосид барои ташаккулёбӣ ва истифодабарии даромадҳои аслии аҳолӣ низоми мураккаби алоқамандиҳо ва вобастагиҳоро ифода мекунад, ки маҷмӯи онҳо дар фаъолияти аниқи давлатӣ нисбат ба шаҳрвандони худ амалӣ карда мешавад.

Некуаҳволии аҳолӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар алоқамандии зич бо низоми сиёсӣ ва ҷараёнҳои иҷтимой-иқтисодӣ қарор дорад, ки дар ҷамъият ба миён меоянд. Ҳамзамон сатҳи зиндагонии аҳолӣ аз истифодабарии самараноки захираҳо вобастагӣ дорад, ки дастрасии мақсадҳои гузошташударо таъмин менамояд.

Масъалаҳои ташаккулёбии сиёсати самараноки давлатии афзоиши даромадҳои аҳолӣ дар адабиёти иқтисодии муосир вобаста ба масъалаи ташаккулёбии даромадҳои аслӣ нисбатан кам ифода карда шудааст. Лекин ба масъалаи коркарди самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлатӣ, амалигардонии ислоҳоти иҷтимой-иқтисодӣ ва ғайраҳо диққати зиёд зоҳир карда шудааст.

Аз мавқеъи методологӣ барои ташаккулёбии сиёсати давлатии самараноки афзоиши даромадҳои аҳолӣ ҳалли муаммои самаранокӣ ва мавқеъи он дар байни дигар категорияҳо зарур мебошад.

Таҳлили самаранокӣ дар адабиёти иқтисодӣ аз нуқтаи назари гуногуни методологӣ ва аз мавқеъи гуногуни соҳаҳои илмӣ амалӣ карда шудааст. Дар - адабиёти иқтисодӣ дар солҳои 70-80-уми диққати зиёд ба баҳодиҳии миқдории самаранокӣ зоҳир карда шудааст. Дар адабиёти иқтисодии ғарб диққати махсус ба масалаҳои таҳаввули муносибатҳо ба самаранокӣ дар чорчӯбаи идоракунии давлатӣ зоҳир карда шудааст, ки чунин сатҳои омӯзиши иқтисодиро дар бар мегиранд: макроиқтисод, микроиқтисод ва назарияи ташкилот.

Дар ҷараёни омӯзиши адабиёти иқтисодӣ муайян карда шуд, ки мафҳуми “самаранокӣ” умуман чунин истифода мешавад[7]:

- сарфакорӣ, ки харҷи ҳадди ақали захираҳоро дар назар дорад;
- самаранокии сифатӣ, яъне дастрасии натиҷаҳои оптималӣ, ки барои баҳодиҳии сифатӣ имконпазир мебошанд;
- самаранокии техникӣ, ки ҳамчун таносуби байни натиҷаҳо ва хароҷот муайян карда шуда, барои воҳиди ҳисоб натиҷаи ҳаҷми меҳнати ҷисмонии иҷрошударо истифода мебарад;
- самаранокии иқтисодӣ, ки таносуби байни натиҷаҳо ва хароҷотро ифода карда, барои воҳиди ҳисоб натиҷаи ниҳоии ҳаҷми барориши маҳсулотро истифода мебарад;
- самаранокии иҷтимоӣ, ки ба воситаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосии одамонро бо хароҷоти ҳадди ақал муайян менамояд;
- натиҷагирие, ки ҳамчун нисбияти самара, натиҷа ба хароҷотро муайян менамояд;
- тарзи ноилгардии мақсад, нишон медиҳад, ки кадом боздеҳ барои воҳиди захираи харҷшуда ба даст оварда мешавад[8].

Аз нуқтаи умумиметодологӣ дигар муайянкуниҳои мафҳуми самаранокӣ мавҷуд аст. Дар бисёр соҳаҳои фаъолият, махсусан дар соҳаи иҷтимоӣ, тарзи муайянкунандаи тадқиқот муқоиса намудани натиҷаҳо на танҳо бо хароҷоти захираҳо, балки бо дигар тавсифоти фаъолият ба ҳисоб меравад. Баъзе аз тадқиқотчиён гумон доранд, ки дараҷаи дастраскунии мақсад нишондиҳандаи асосии самаранокии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Ба мафҳуми самаранокӣ дохил намудани чораҳои амалигардонии мақсадҳо онро васеътар гардонида, ба он аҳамияти дигар дода, имконият медиҳад, ки ба он омилҳо дохил карда шаванд, ки табиати иҷтимоии мақсадгузорӣ ва амалигардонии мақсадҳоро кушода диҳанд.

Мавҷудияти муносибатҳои гуногун дар муайянкунии мафҳуми самаранокӣ дарки аниқи онро нисбат ба сиёсати давлатии фарҳамоварии шароитҳои мусоид баҳри ташаккулёбӣ ва истифодабарии даромадҳои аҳолӣ талаб менамояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми “ҳосилнокӣ” ва “самаранокӣ” ниҳоят бисёр истифода мешаванд. Дар таҳлили муаммои ҳосилнокӣ дар бахши давлатӣ қайд карда мешавад, ки масъалаҳои ҳосилнокӣ аз масъалаҳои идоракунии афзалиятноки давлатӣ пеш рафтаанд. Диққати аввалиндараҷа ба масъалаи ҳосилнокӣ бо ҷустуҷӯи имкониятҳои баланд намудани сатҳи идоракунӣ алоқаманд мебошад. Ин ҳолатро ба воситаи шахсони кордор таъмин намудан мумкин аст. Масъалаи самаранокӣ бо мавҷудияти дихотомияи “сиёсат-маъмурикунонӣ” маънидод карда мешавад[9].

Боиси тазаккур аст, ки ҳосилнокӣ яке аз самтҳои афзалиятнокӣ фаъолият дар бахши хусусӣ дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ қарор дорад. Ҳосилнокӣ ва самаранокӣ ҳамавақт объекти баҳс байни сиёсатмадорон, роҳбарони муассисаҳои давлатӣ ва олимон қарор дорад. Дар ибтидои чунин ҳолат сиёсатмадорон меистанд, ки барои истифодабарии самараноки захираҳо баромад меунанд. Нисбат ба дастрасии самаранокии иҷтимоӣ, омили инсонӣ (сармояи инсонӣ) нақши ҳалкунанда дорад, зеро дар шароити муосир инсон унсури асосии истифодабарии самараноки захираҳои ҷамъият ва дастраскунандаи мақсадҳои гузошташуда ба ҳисоб меравад.

---

[7] Эффективность государственного управления. / Общ. Ред. С.А. Батчикова и С.Ю. Глазьева. – М. – АО «Консалтбанкир» 1998. - С.197 – 198, 794.
[8] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби XIII: Рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ. Душанбе 2019. Ирфон. 236 с.
[9] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби XIII: Рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ. Душанбе 2019. Ирфон. 239 с.

Нақши асосӣ дар амалигардонии барномаҳои давлатӣ аз фаъолияти хизматчиёни давлатӣ вобастагӣ дорад. Вобаста ба муайян намудани самаранокии мақомотҳои идоракунии давлатӣ, Г. Бухарт ду ҷиҳати фаъолияти онҳоро мушоҳида менамояд: "якум, сатҳи муассисаҳо (мувофиқан таносуби хароҷот-барориш) таҳлил карда шуда, натиҷаҳои фаъолият бошад дар тарафи пинҳонӣ қарор дода мешаванд. Дуюм, тамоми диққат ба натиҷаи фаъолияти муассисаҳо бе назардошти масъалаи самаранокӣ равона карда мешавад"[10]. Дар муносибатҳои аз тарафи ин муаллиф ҷудо карда шуда, муайян намудани хароҷот, лаҳзаи асосӣ мебошад, ки онро барои муайян намудани самаранокӣ истифода бурдан мумкин аст. Лекин ҳамзамон муайян намудани самаранокӣ, ки танҳо дар ҳисоби сатҳи хароҷот бе дастрас намудани ҳосилнокӣ асос ёфтааст, муносибати наонқадар дуруст мебошад. Бинобар ҳамин, ҳангоми муайян намудани самаранокии фаъолияти мақомотҳои идоракунии давлатӣ ба ғайр аз хароҷот бояд ҳаҷми кори иҷрошуда ва дараҷаи дастрасии мақсади гузошташуда ба инобат гирифта шавад.

Масъалаҳои таҳлили микроиқтисодии меъёрҳои самарнокии сохторҳои давлатӣ дар корҳои Ҷ. Буркс тадқиқ карда шудаанд. Ба фикри ӯ "таъиноти асосии мақомоти идоракунии давлатии маҳаллӣ дар ташкили интихобот, дидабаромадани шакл ва тартиби дастраскунии коғазҳои давлат ва ё аз кор гирифтани сардорони хадамотҳои маҳаллӣ набуда, бадки дар таъминоти сатҳи баланди хизматрасонии тандурустӣ, маориф, бехатарӣ, некуаҳволии аҳолии маҳаллӣ мебошад. Бинобар ҳамин меъёрҳои самранокӣ бояд аз ҷиҳати фаъолияти хадамотҳои маҳаллии таъминкунандагони воситаҳои рӯҳгузаронӣ муайян карда шавад, на балки аз рӯи иҷроиши қонунҳои интихобот ва ҳуҷҷатдиҳӣ"[11]. Ҷ. Буркс мафҳуми самарнокиро ниҳоят васеъ мушоҳида мекунад ва барои муайян намудани он хароҷоти ба миён омада кори иҷроишуда ва барориши маҳсулот ва ё хизматро истифода мебарад, вале ҳамзамон чунин муайянкунӣ дар принсипи "хароҷот-барориш" асос ёфтааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ҳангоми муайян намудани самаранокии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ бояд нишондодҳои дастрасии мақсадҳо истифода бурда шаванд. Дар асоси ин хулоса кардан мумкин аст, ки муайян намудани самаранокии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ бояд чунин амалӣ карда шавад: якум, диққати асосиро ба ҷараёни "хароҷот-барориш" зоҳир кардан зарур аст (усули ба барориш асосёфта) ва дуюм, диққати зиёдтар ба дастрасии мақсадҳо (таъминоти даромадҳои кифоя) бо баррасии муаммои ҳаҷми барориши маҳсулот ва ё хизматҳо аз тарафи ташкилотҳо (корхонаҳо) зоҳир карда шавад. Дар ҷодаи масъалаи тадқиқшавандаи мо, варинати оптималӣ ин ҳамзистии ҳар ду тарз мебошад, яъне дастарсии сатҳи даромади мувофиқ бо назардошти харҷи ҳадди ақали захираҳо.

К. Ридди ва Г. Саймон дар чорчӯбаи муносибати микроиқтисодӣ, ҳангоми муайян намудани самаранокии идоракунӣ, афзалиятро ба натиҷаҳои фаъолияти муассисаҳо медиҳанд, ки таносуби байни натиҷаҳои дастрасшуда ва ҳосилнокии интиҳоӣ, захираҳои истифодашуда зоҳир карда мешавад. Самаранокии идоракуниро онҳо чунин тавсиф медиҳанд: "Самаранокии идоракунӣ бо таносуби байни натиҷаҳо муайян карда мешавад, ки ба воситаи захираҳои мавҷудбуда дар асл ба даст оварда шудаанд ва натиҷаҳои ҳадди аксаре, ки ба воситаи онҳо ба даст овардан мумкин буд"[12]. Дар ин ҷо муаллифон аҳамияти калонро ба фарқияти байни натиҷаҳои мутлақ ва самаранокӣ зоҳир менамоянд. Дар масъалаи таъминоти оптималӣ, нисбат ба некуаҳволии ҷамъият дастрасии самаранокии ҳадди аксар масъалаи беҳад душвор мебошад, лекин ба ин нигоҳ накарда онҳо ба ҳалли ин

---

[10] Бухарт Г. Эффективность государственного управления. – М.: 1998. – С. 63.

[11] Burks J. Efficiency Standardst in Municipal Menegement // National Municipal Review. – 1912. V.1. – N3 – P. 366.

[12] Ridley C., Simon H. Measuring Municipal Activities. ISMA.: Chicago, 1938. – P. 3.

масъалаҳо аз тарафи мақомотҳои идоракунии давлатӣ зоҳир менамоянд. Барои ин, ба фикри мо, алоқамандии мантиқиро коркардан зарур аст, ки он барои ҳалли масъалаи гузоштаи ташаккулёбӣ ва истифодаи даромадҳои аҳолӣ муосидат намояд. Чунин алоқамандӣ метавонад чунин намудро гирад (схемаи 1)




**Схемаи 1. Алоқамандии марҳилаҳои коркард ва амалигардонии сиёсати давлати афзоиши даромадҳои аҳолӣ**

Дар чунин алоқамандӣ унсурҳои асосӣ мақсад ва натиҷаҳо мебошанд, ки аз мавқеъи дастрасгардонии мақсадҳои гузошташуда баҳогузорӣ карда мешаванд, яъне то кадом андоза сиёсати амалигардонидашавандаи давлатӣ ба афзоиши даромадҳои аҳолӣ мусоидат менамояд.

Интихоби нишондодҳои натиҷаҳои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ масъалаи мураккаб буда, истифодабарии нишондодҳои гуногунро дар назар дорад. Масалан, Г. Хейтри ва Д. Фиск гумон мекунанд, ки "ҳангоми баҳодиҳии ҳосилнокӣ инъикор намудани сифати маҳсулот ва ё хизат нодуруст аст, махсусан агар сухан оид ба таъсири чунин маҳсулот ва ё хизмат ба сатҳи зиндагонии шаҳрвандон ва ҷамъият меравад. Бояд чунин нишондиҳандаҳо истифода шаванд, ки фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ба баландшавии сатҳи даромаднокии аҳолӣ мусоидат намояд"[13]. Лаҳзаи зарурӣ дар баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дастрасии афзоиши даромадҳои аҳолӣ мебошад, ки он тавсифоти сифатии молҳо ва хизматҳои пешкашшавандаро ба назар гирад, ки эҳтиёҷоти одамонро ба онҳо қонеъгардонад. Мувофиқан, қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои асосии одамон инчунин метавонад ҳамчун нишондоди самараноки амалигардонии барномаҳои давлатӣ мушоҳида карда шавад.

Аксарияти олимон-иқтисодчиён гумон доранд, ки сабаби асосии самаранокии пасти ташкилотҳои давлатӣ мавқеъи монополии онҳо дар бозори хизматҳо мебошад. Бинобар ҳамин усулҳои ғайрианъанавии идоракунӣ ва рағбатҳои дохилии коргарон талаб карда мешавад, яъне механизми стратегии муайян лозим аст, ки қобилияти бартараф намудани сабаби асосии ғайрисамаранокиро дошта бошад. Ба сифати чунин механизми стратегӣ рақобат баромад мекунад. Айнан рақобат ҳамчун шарти зарурии баланд намудани самаранокии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, барномаҳои давлатӣ ва хадамотҳои маҳаллӣ баромад мекунад. Агар ҷавобан ба рақобат, ташкилот кӯшишҳоро барои баланд намудани самаранокии фаъолияти худ амалӣ намояд, гуфтан мумкин аст,

[13] Hatry H., Fisk D. Improving Productiviti and Productiviti Measurement in Locals Government the Urban Institute: Washington. 1998. – P. 1.

ки мақсад дастрас шудааст. Агар ташкилот ҳолати тобовариро ба рақобати солим надошта бошад, дар ин ҳолат он пурра аз байн меравад ва одамон хизматҳои баландсифатро аз дигар ташкилотҳои рақиб дастрас менамоянд. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки мавҷудияти рақобат ҳангоми амалигардонии барномаҳои иҷтимоии давлатӣ, яъне истифодабарии ваирантҳои гуногуни қонеъгардонии эҳтиёҷоти одамон дар молҳо ва хизматҳои ҷамъиятӣ имконпазир мегардад. Баръакс мавҷуд набудани рақобат ба пастшавии самаранокии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ оварда мерасонад.

Аз рӯи ақидаи П. Селф ҳангоми муайян намудани самаранокии фаъолияти давлат бояд хароҷоти ғайримустақим доир ба амалигардонии барномаҳо ба инобат гирифта шаванд. Ба фикри ӯ: "Дар ҳамагуна консепсияҳои самаранокии идоракунии давлатӣ бояд хароҷоти иҷтимоии ғайриустақим ва даромад аз амалигардонии барномаҳои давлатӣ ба инобат гирифта шаванд. Мушкилӣ дар он зоҳир мегардад, ки чунин оқибатҳои ғайримустақим хеле зиёданд ва ягон асоси мантиқӣ вуҷуд надорад, ки онҳоро ба низоми ҳисоби сохташуда ҳамбастагӣ намояд"[14]. Ҳангоми амалигардонии барномаҳои иҷтимоӣ хароҷоти ғайримустақим инчунин ба самаранокии онҳо таъсир мерасонанд, вале коркарди механизми оптимизатсияи ин хароҷот зарур аст, барои ноилгардиданд ба мақсади гузошташуда бо хароҷоти камтарин.

Пол Д. Эпштейн гумон дорад, ки муайян намудани самаранокии хадамотҳои давлатӣ муаммои зарурии ҷамъияти мусоир буда, ба шахсони мансабдор дар фаъолияти рӯзмараи онҳо кӯмак мерасонад ва инчунин ба ҷамъият имконият медиҳад, ки аз болои фаъолияти хизматчиёни давлатӣ назорат кунад. Пол Д. Эпштейн муайянкунии нисбатан васеъи самаранокиро пешкаш мекунад, ки мутобиқати хадамотҳои давлатиро ба эҳтиёҷот, хоҳиш ва захираҳои ҷамъият дар назар дорад. Ба фикри ӯ барои он, ки мафҳуми ҳосилнокии хадамотҳои давлатиро дар амал истифода бурдан, онро бояд ба ду қисм ҷудо намуд: мутобиқат ба эҳтиёҷоти ҷамъият ва сатҳи хизматрасонӣ, ки дар ҳолати захираҳои додашудаи ташкилоти давлатӣ имконпазир аст. Ин таркиби мафҳуми ҳосилнокии хадамотҳои давлатӣ се қисми ҳисобшавии маълумоти хадамотҳоро дорад: самаранокии иҷтимоӣ, самаранкоии иқтисодӣ и фоиданокӣ, ки имконияти муайян намудани сифати фаъолияти хадамотҳои давлатиро имкон медиҳанд[15].

Вобаста ба муаммои афзоиши даромади аслии аҳолӣ аҳамияти махсусро мушоҳида намудани самаранокии иҷтимоии фаъолияти муассисаҳои давлатӣ дорад, зеро ин чораи дастрасии мақсадҳои зарурии ташкилотҳо ва мутобиқати онҳо ба эҳтиёҷоти ҷамъият мебошад. Бо баробари ин, таъмини эҳтиёҷоти шаҳрвандон лаҳзаи зарурӣ дар сиёсати давлатии ташаккулёбӣ ва истифодабарии даромадҳои аслии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Самаранокии иҷтимоӣ, ки ба эҳтиёҷот ва хоҳиши аъзоёни ҷамъият мутобиқат мекунад, мафҳуми васеъро ифода мекунад, ки низоми мутобиқи баҳодиҳӣ ва тавсифотро ифода мекунад. Дар воқеъияти аслӣ чунин категорияҳои баҳодиҳӣ мавҷуданд:

- баҳодиҳии ҳолати ҷамъият, ки эҳтиёҷоти онҳоро ифода мекунад;
- баҳодиҳи натиҷаҳои дар соҳаи хизматрасонӣ дастрас гардида, ки ҳолати воқеъии ҷамъиятро ифода мекунад;
- баҳодиҳии қонеъгардии аҳолӣ бо хизматрасониҳо ва ақидаи онҳо;
- баҳодиҳи оқибатҳои манфӣ вобаста ба фаъолияти мақомоти давлатӣ.

---

[14] Self P. Administrative Thejries and Pjlitics. – University of Toronto Press: Toronto, 1973. – P. 27.

[15] Эффективность государственного управления. / Общ. Ред. С.А. Батчикова и С.Ю. Глазьева. – М. – АО «Консалтбанкир» 1998. - С.197 – 198, 794.

Чунин тақсимоти нишондиҳандаҳои самаранокии иҷтимоӣ ба фикри мо ба мақомотҳои давлатӣ барои гурӯҳбандии одамони эҳтиёҷманд кӯмак мерасонад ва имконият медиҳад, ки эҳтиёҷот ба мол ва хизматҳои гуногун муайян карда шаванд, ки дар асоси онҳо фаъолияти мӯътадили мақомотҳои мувофиқро бо назардошти эҳтиёҷоти муайяншудаи ҷамъият ташкил намоянд. Ҳамаи ин ба хизматчиёни давлатӣ барои қабули қарори стратегӣ дар масъалаҳои афзоиши даромадҳои аслии аҳолӣ кӯмак мерасонад.

Ба фикри Ҷ. Стиглитс, фаъолияти мақомотҳои давлатӣ бештар самаранок мегардад, агар онҳо барои қонеъгардонии эҳтиёҷот ва манфиатҳои шаҳрвандон кӯшиш намуда, ҳамзамон онҳоро ба сиёсати амалигардонидашудаистода ҷалб намоянд[16].

И. Т. Корогодн гумон дорад, ки "Самаранокии меҳнатро умуман мумкин аст, ҳамчун қобилияти шумораи додашудаи кормандон барои офаридани фоиданокии умумии зиёд маънидод намуд. Баландшавии самаранокии меҳнат танҳо аз ҳисоби баландшавии сифати он. Бинобар ҳамин самаранокии меҳнат дар натиҷа муайянкунандаи шуморавӣ набуда, балки нишондиҳандаи сифатиро тавсиф мекунад"[17]. Дар ин ҷо диққати асосӣ ба тарафи сифатии самаранокӣ зоҳир карда шудааст, ки истифодабарии оқилонаи захираҳо ва қонеъгардонии беҳтарини эҳтиёҷоти ҷамъиятро таъмин менамояд, ки барои афзоиши даромадҳои аслии аҳолӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Масъалаи зарурии муайян намудани самаранокии фаъолияти давлатӣ ин интихоб ва истифодабарии дурусти нишондодҳои баҳодиҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода ақидаи К. Кемерон аҳамияти махсус дорад, ки ба фикри ӯ "модел ва нишондоди самаранокӣ аксар вақт ба тарви тасодуфӣ вобаста аз истифодаи қулай интихоб карда мешаванд; омилҳое, ки самранокиро муайян менамоянд, одатан бо нишондиҳандаҳои самаранокӣ омехта карда мешаванд; нишондодҳои алоҳидаи баҳодиҳии натиҷаҳо метавонанд нишондодҳои зарурӣ ва ҳаҷман калони самаранокиро рӯйпӯш намоянд"[18]. Чунин муносибат ба фикри мо нишон медиҳад, ки барои баҳодиҳии ҳар як амали конкретӣ ва барои ҳар як барнома бояд нишондодҳои объективона истифода шаванд, ки натиҷаҳои оптималии фаъолияти хадамоти давлатиро ифода мекунанд, зеро айнан интихоби дурусти нишондодҳои баҳодиҳӣ имконият медиҳад, ки самаранокии барномаи давлатии интихобгардидаро муайян намоем. Дар акси ҳол барнома метавонад коркард, тасдиқ, амалӣ карда шуда, барои захираҳо хароҷот карда шуда, болоравии аслии даромадҳои аҳолӣ ба миён наояд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо маҷмӯи пешниҳодҳоро манзур медорем, ки коркард, инкишоф ва ҷорӣ намудани чораҳоро доир ба баланд намудани самаранокӣ дар бахши давлатӣ таъмин намуда метавонанд. Ба ин пешниҳодҳо дохил мешаванд:

- бояд кӯшишҳои барои такомули муносибатҳои анъанавӣ доир ба баланд намудани самаранокӣ равона шуда, вусъат дода шаванд;
- дар хизматчиёни давлатӣ қобилияти дарки консепсияҳои гуногун ва мантиқ инкишоф дода шавад;
- ба фарқияти мақсадҳо ва самти гуногун нигоҳ накарда, чораҳо доир ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, инчунин барои беҳтаргардонидани дигар нишондодҳои самаранокӣ муттаҳид карда шаванд;

---

[16] Стиглиц Дж. Многообразные инструменты, шире цели: движение к пост Вашингтонскму консенсусу. // Вопросы экономики. – 1998. №8. С. 30.

[17] Корогодин И.Т. Качество труда: содержание, проблемы роста. – Воронеж: ВГУ, 2000. – С. 160-161.

[18] Cameron K. Effectiveness as Paradox: Consensus and in Conceptions of Organizational Effectiveness // Management Science. – 1986. №37.

- мантиқи нав барои кормандон пойдор карда шавад, ки ба онҳо имконияти танқиди роҳбарият ва мусоидат намудан ба дигаргуниҳо ва пешгирии азхудкунии захираҳои давлатиро фароҳам оварад.

Чунин пешниҳодҳо барои баланд намудани самаранокии фаъолият дар бахши давлатӣ мусоидат хоҳанд кард. Махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сатҳи фаъолияти характери коррупсионӣ дошта хеле баланд буда, ба сатҳи даромадҳои аслии аҳолӣ таъсири манфии худро расонида истодааст. Дар таърихи начандон тӯлонии муосири худ дар Тоҷикистон ҳолатҳои зиёди истифодабарии воситаҳои давлатӣ барои манфиатҳои гурӯҳӣ ва шахсӣ ба назар расидааст. Айнан бартараф намудани норасогиҳо дар ин соҳаҳо метавонад баландшавии минбаъдаи самаранокии мақомоти давлатиро доир ба амалигардонии барномаҳои иҷтимой-иқтиосдӣ таъмин намояд.

Ҳамин тавр, истифодабарии усусли "хароҷот-фоида (барориш)" барои муайян намудани самаранокии барномаҳои давлатӣ афзалиятҳои муайян дорад, ки барои ҷамъият шароитҳои беҳтаринро барои назорат аз болои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ фароҳам меоварад. Инчунин ин усул, имконияти баҳодиҳии барномаҳои гуногунро ба воситаи муқоиса намудани варинатҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо бо назардошти манфиатҳои ҷамъиятӣ фароҳам меоварад. Дар чунин ҳолат на танҳо тахайӯлоти абстрактии хислати субъективӣ дошта, инчунин асосҳои объективии амалигардонии барномаҳо ба инобат гирифта мешаванд. Барои муайян намудани самаранокии сиёсати давлатии афзоиш ва истифодаи самараноки даромадҳои аслии аҳолӣ ба ғайр аз усули "хароҷот-барориш" барои дастрас намудани мақсадҳои гузошташуда нақши заруриро иҷро мекунанд, зеро на ҳама вақт хароҷоти паст ҳангоми истеҳсоли маҳсулот ва хизмат афзоиши даромадҳои аслии аҳолиро таъмин менамоянд.

**Адабиёт**

**1.** Бухарт Г. Эффективность государственного управления. – М.: 1998. – С. 63.
**2.** Burks J. Efficiency Standardst in Municipal Menegement // National Municipal Review. – 1912. V.1. – N3 – P. 366.
**3.** Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби XIII: Рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ. Душанбе 2019. Ирфон. 236-239 с.
**4.** Корогодин И.Т. Качество труда: содержание, проблемы роста. – Воронеж: ВГУ, 2000. – С. 160-161.
**5.** Hatry H., Fisk D. Improving Productiviti and Productiviti Measurement in Locals Government the Urban Institute: Washington. 1998. – P. 1.
**6.** Ridley C., Simon H. Measuring Municipal Activities. ISMA.: Chicago, 1938. – P. 3.
**7.** Self P. Administrative Thejries and Pjlitics. – University of Toronto Press: Toronto, 1973. – P. 27.
**8.** Стиглиц Дж. Многообразные инструменты, шире цели: движение к пост Вашингтонскому консенсусу. // Вопросы экономики. – 1998. №8. С. 30.
**9.** Cameron K. Effectiveness as Paradox: Consensus and in Conceptions of Organizational Effectiveness // Management Science. – 1986. №37.
**10.** Эффективность государственного управления. / Общ. Ред. С.А. Батчикова и С.Ю. Глазьева. – М. – АО «Консалтбанкир» 1998. - С.197 – 198, 794.

# БАҲОДИҲИИ ФАЗОИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Хайрзода Ф.А. омӯзгори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.**

Сармоягузорӣ асоси тараққиёти корхонаҳо, соҳаҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзӣ ва умуман иқтисодиёт мебошад. Фаъолияти иқтисодии корхонаҳо бештар аз рӯйи ҳаҷм ва шаклҳои маблағгузориҳо тавсиф карда мешавад.

Рушди иқтисодиёти кишварро бе соҳаи кишоварзӣ тасаввур намудан ғайриимкон мебошад. Пешвои миллат пайваста дар баромадҳои худ ба соҳаи кишоварзии мамлакат аҳмият дода, таъкид менамояд, ки солҳои охир тағйирёбии иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдил ёфтаст ва Тоҷикистонро низ тахти таъсири манфии худ қарор додааст.

Дар кишвари мо ҳар сол офатҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ, омадани сел, фаромадани тарма ва ярҷ, ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари зиёд мерасонанд. Бинобар ин мардумро лозим аст, ки бо мақсади беҳтар намудани шароити иқтисодии худ аз заминҳо руёндани 2-3 ҳосилро ба нақша гиранд. Деҳқонони мамлакат аз ин имкониятҳо хуб истифода намуда, кӯшиш ба харҷ намуда истодаанд, аз заминҳо рӯёндани якчанд ҳосилро ба роҳ мондаанд, ки ин барои ба маротиб зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва беҳтар шудани шароити иқтисодиёти мардум замина мегузорад.

Президенти мамлакат аз саҳми бузурги кишоварзони мамлакат дар раванди расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ - таъмини амнияти озӯқаворechии кишвар, махсусан, дар шароити ду соли охир пайи ҳам омаданӣ хушксоливу камобӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз намудаанд, ки «Маҳз ба шарофати заҳмати кишоварзони мамлакат фаровонии бозорҳои истеъмолӣ таъмин гардид ва мардуми мо аз ҷиҳати таъминот бо маводи озӯқа танқисӣ намекашанд».

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2023 (28-уми декабр) иброз доштанд, ки Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид.

Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, сохта, ба истифода супориданд.

Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки барои баланд бардоштани шаффофият, боз ҳам беҳтар гардонидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва бартараф кардани монеаҳои маъмуриву сунъӣ дар ин самт тадбирҳои саривақтиро амалӣ созанд ва ташаббусҳои соҳибкоронро ҳаматарафа дастгирӣ намоянд. Тибқи маълумоти оморӣ, дар ҳафт соли охир ба кишвар ба маблағи беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки зиёда аз 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Дар ин давра дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст.

Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Тибқи Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030 ҳаҷми сармояи мустақим то соли 2026 нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонида шуда, солҳои 2022 – 2026, яъне дар панҷ сол, бояд ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шавад.

Зарур аст, ки дар ин раванд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ, сармоягузорон, шарикони рушд ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо воридоти технологияҳои муосири каммасраф ва дар ин замина ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар диққати аввалиндараҷа   дода шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳое мебошад, ки иқтисодиёти он дар давраи гузариш қарор дорад ва дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нақши хосро ишғол мекунад. Хусусияти асосии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди энергетикӣ, захираҳои зеризаминӣ, канданиҳои фоиданок ва шароити мусоид барои инкишофи соҳаҳои истеҳсолӣ дар он вуҷуд дорад. Аз ҳамин сабаб ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст, барои он ки оянда Тоҷикистонро бе содирот ва фаъолияти хориҷӣ тассавур кардан аз имкон берун аст. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир на он қадар дар вазъияти хуб қарор дорад, вале босуръат инкишофёбии сохтмони корхонаҳои кишоварзӣ меҳмонхонаҳову ҷойҳои истироҳатӣ ва корхонаҳои муштарак  ба чашм мерасад. Ин чунин маъно дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ омода бошад, зеро мақсади асосии маблағгузорон ин ба даст овардани фоида ва забт намудани бозори миллӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз бояд маблағҳои хориҷӣ бо мақсадҳои муайян гирифта шавад ва барномаҳоиояндабинии он низ ба самтҳои стратегии ҳимояи соҳибкорони дохилӣ, баромадани онҳо ба бозори ҷаҳонӣ, ба вуҷуд овардани маблағгузориҳои дохилӣ ва монанди инҳо бояд дида шавад.

Ҳамин тариқ, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши муҳимро дар  рушди иқтисодии он мебозад. Дар замони муосир мафҳуми Сармоягузорӣ доираи мафҳуми васеътарро дорост.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ гувоҳи он аст, ки бе дастгирии давлат таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, махсусан рушди низоми заминдориро дар сатҳи минтақавӣ ғайриимкон мебошад. Дар давлатҳои алоҳида ҷанбаҳои гуногуни ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ, шаклҳои моликиятдорӣ ва хоҷагидорӣ ба замин дар минтақаҳои кӯҳӣ тайи солҳои тӯлонӣ аз шароити табиӣ-хоҷагидорӣ, хусусиятҳои хоси минтақа, механизми самаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ, талабот ва таклифот ба маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар сахт вобастагӣ дорад.

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ-саноатӣ буда, соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои афзалиятнки иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравад ви ҳиссаи он дар ММД то 20 фоизро ташкил намуда, зиёда аз 60 ҳиссаи аҳолии фаъолро ба шуғл ва 20 фоизи содироти мамлакатро таъмин менамояд. Дар солҳои сипаригардида бо идома додани таҷдиди субъектҳои кишоварзӣ, ки бо ислоҳоти аграрӣ ва амалӣ намудани раванди хусусигардонӣ вобаста буданд, бахши аграрӣ амалан ба иқтисодиёти бисёршакла табдил дода шуд.

Таҷдиди кулии бахши кишоварзӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ дар маҳалҳо ташкил намудани сохторҳои мақсадноки ташкилиро, ки мақсад ва мазмуни ислоҳотро инъикос менамоянд, тақозо менамояд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ чун шакли бозоргонии хоҷагидорӣ дар маҳалҳо муҳимияти худро нишон дода ба истифодабарии дарозмудати замин ва ҳуқуқи меросӣ асос ёфтаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амалкарди низоми зироаткории лалмӣ ва самаранок

истифодабарии заминҳои лалмии кишоварзӣ вобастагии калон дорад. Татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ аз ҳолат, такрористеҳсол ва истифодаи самараноки заминҳои лалмии кишоварзӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ манша мегирад. Илова бар ин, истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва экологии минтақаҳои кӯҳӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва экологӣ мусоидат менамояд. Ба андешаи иқтисодчиёни машҳури классик А.Смит ва Д.Рикардо "Масъалаи рушди муносибатҳои заминдорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои замин дар истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ нақши созгор дорад ". [2. С-23 ]

Аз ин рӯ, рушди соҳаи кишоварзиро дар минтақаҳои кӯҳӣ бидуни ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Раванди ислоҳоти замин дар низоми заминдории лалмӣ низ тағйироти куллиро ворид намуда, миёни замин истифодабарандагон аз нав тақсим намудани заминҳои кишти кишоварзиро ба вуҷуд меорад. Дар заминаи он шаклҳои гуногуни моликиятдорӣ ва ҳоҷагидорӣ ба замин: корхонаҳои давлатӣ, кооперативӣ, коллективӣ-ҳиссавии моликият ба замин эътироф гардида, пешрафту равнақи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ: коллективӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), кооперативҳо ва ассотсиатсияи онҳо мусоидат карда мешавад.

Рушди зироаткории лалмӣ аз шаклҳои хоҷагидорӣ ба замин ва заминистифодабарӣ, махсусан, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) сахт вобаста буда, ҳиссаи ин шакли хоҷагидорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ хеле назаррас мебошад. [3 , с.2-3].

Яке аз барномаи муҳими стратегии рушди мамлакат ин «Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД)» барои солҳои муайян мебошад. Таҳия ва қабули БСД воситаи муҳимест, ки дар доираи он як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда амалӣ мегарданд ва бештар ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат нигаронида шудаанд ва аз ин рӯ, асосан хусусияти иҷтимоӣ доранд. Сарчашмаҳои маблағгузории сармоягузориҳои давлатӣ аз маблағҳои донорӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар сарчашмаҳо иборат мебошанд. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ пештар ба муддати 3 сол қабул мегардид, аммо сар карда аз соли 2016 ба муддати панҷ сола қабул гардида истодаанд, яъне БСД барои солҳои 2016-2020 ва БСД барои солҳои 2021-2025.

Лозим ба ёдоварист, ки дар тули солҳои амалкардаш Барномаи мазкур ба таври гуногун номгузорӣ карда мешуд: Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ, грантҳо ва кумаки техникӣ, Барномаи давлатии инвеститсионӣ, грантҳо ва кумаки техникӣ, Барномаҳои давлатии сармоягузорӣ ва Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ. Азбаски, маротибаи охирин бо номи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 қабул гардидааст, аз ин рӯ, дар ҳама сол мо онро чунин номгузорӣ намудем.

Бояд қайд намуд, ки Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ мегардад. Дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 15 - БСД қабул гардидааст, ки онҳо 12- БСД ба муддати 3 сола, 1- БСД ба муддати 4 сола ва 2- БСД ба муддати 5 сола қабул гардидаанд.

Дар умум, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи БСД ба се категория гурӯҳбандӣ гардидаанд:

«а) лоиҳаҳое, ки маблағгузориашон тасдиқ шудааст (бо донорҳо шартномаҳо имзо шудаанд);

б) лоиҳаҳое, ки маблағгузории як қисмашон муайян шудааст ё лоиҳаҳое, ки дарёфти манбаъи маблағгузориашон идома дорад (шумораи ками онҳо дар марҳилаи гуфтушунид бо донорҳои муайяншуда қарор доранд);

в) лоиҳаҳои грантӣ ва кумаки техникии амалкунанда ва нав пешниҳодшуда, ки дар хусуси маблағгузории онҳо гуфтушунид нашудааст» .

Аз ҷадвали 1 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки сарчашмаҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 ба маблағгузории берунӣ ва дохилӣ тақсим мешаванд. Ҳар як маблағи муайян дар солҳои алоҳида ҷудо карда шудааст ва дар ниҳояти кор барои як давраи муайян дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ҳисоб карда мешавад.

**Ҷадвали 1. Сарчашмаҳои маблағгузории БСД барои солҳои 2021-2025, ҳаз. долл. ИМА**

| **Соҳаҳо** | **Миқдори лоиҳаҳо** | **Арзиши умумии лоиҳаҳо** | **Маблағгузо-рии дохилӣ** | **Маблағгузо-рии берунӣ** |
|---|---|---|---|---|
| Идоракунии иқтисодиёт | 27 | 252276,7 | 6918,0 | 245358,7 |
| Кишоварзӣ | 51 | 669609,7 | 39828,5 | 629781,2 |
| Объёрӣ ва обтаъминкунӣ | 99 | 2953896,5 | 4784,02 | 2949112,48 |
| Обтаъминкунӣ ва канализатсия | 256 | 1409054,57 | 9463,65 | 1399590,92 |
| Энергетика | 138 | 12221148,82 | 12200,0 | 12208948,8 |
| Нақлиёт | 147 | 18016372,6 | 52003,0 | 17964369,6 |
| Маориф | 120 | 939061,11 | 253466,51 | 685594,6 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист | 87 | 467579,4 | 126540,0 | 341039,4 |
| Мултисектор ва дигар бахшҳо | 124 | 1452068,81 | 279651,9 | 1172416,91 |
| **ҲАМАГӢ** | **1049**<br>% | **38381068,21**<br>**100** | **784855,58**<br>**2,05** | **37596212,61**<br>**97,95** |

Тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 дида мешавад, сохтори маблағгузории БСД аз сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ (грантҳо ва қарзҳо), ҳиссаи саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳиссаи маблағҳои ғайрибуҷетӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва сохторҳо, инчунин маъмурияти минтақаҳо ва ноҳияҳо иборат мебошад. Тавре ки маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, маблағгузории беруна 97,95%-и маблағи умумиро ташкил медиҳад ва танҳо 2,05% ба маблағгузории дохилӣ рост меояд. Маблағгузории қарзӣ, чун қоида, ҳангоми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории зуд ва хеле самаранок истифода мешавад. Грантҳо танҳо дар сурати мавҷуд будани қарзҳои молиявӣ барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дода мешаванд.

Ҳамин тавр, баррасии намуд ва сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишоварзӣ ба самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ имконият медиҳад. Сарчашмаҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ рушди соҳаҳои коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, пешравии базаи моддию техникии селексия ва тухмипарварӣ; кор карда баромадани технологияи сарфаи захираҳо, тараққӣ додани иқтидорҳои бастабандӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Душанбе, 28.12.2023
2. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. /А. Смит.-М.:Изд-во Социально-экономической литературы. "М.:, 1962.-С.23.
3. РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН Юнусов Б.Д . Душанбе 2022 сол
4. Сафоев Абдумаҷид Каримович. Соҳаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025. Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. 2023, шаҳри кӯлоб
5. Астахова Е.А. Эффективность инвестиций в региональной экономике. Ставрополь: СевКавГТУ, 2004.
6. Холов, Т. А. Муайянкунии омилҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои Кишоварзӣ / Т. А. Холов, Ш. М. Саидмуродов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – No 1-4-2(68). – P. 69-74. – EDN PSTWMI.

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

**Холматова Фарида Абдуҷабборовна – сармуаллимаи кафедраи кори бонкӣ, МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Сарчашмаи асоси қарзи ташкилоти қарзӣ пеш аз ҳама маблағҳои пулии худи ташкилоти қарзӣ буда, бо маблағҳои саҳмдорон созмон дода мешавад ва сармояи оинномавии бонкро ташкил дода, ташкилоти қарзӣ фаъолияти худро оғоз менамояд. Яке аз сарчашмаҳои зиёд кардани сармояи ташкилоти қарзӣ интишор ва фурӯши қоғазҳои қиматнок мебошад.

Сарчашмаи дигари захираҳои қарзи ташкилоти қарзӣ ин амонат ва пасандозҳои муштариёни ташкилоти қарзӣ ба шумор меравад. Муштариён дар ташкилоти қарзӣ барои нигоҳ доштани пули миллӣ ва асъори хориҷӣ суратҳисоб мекушоянд ва пулҳои муваққатан озод гузоштаашонро истифода намебаранд. Ташкилотҳои қарзӣ ин пули муваққатан озодро ба муштариёне, ки ба маблағҳои пулии иловагӣ эҳтиёҷ доранд, ба як муддати кӯтоҳ бо шарти бозгардонидани қарз медиҳад. Дар ташкилоти қарзӣ аҳолӣ низ маблағҳои муваққатан озоди худро ба шакли пасандоз мегузорад ва ташкилоти қарзӣ ин пасандозро чун сарчашмаи қарз ҳисоб мекунад.

Бозори қарзии байни бонкӣ низ сарчашмаи захираҳои қарзӣ ба шумор меравад, зеро бонкҳое, ки захираҳои қарзиашон зиёд аст дар ин бозор онҳоро мефурӯшанд ва дигар бонкҳо ин захираҳоро харида талаботи муштариёнро қонеъ мегардонад.

Сарчашмаи дигар ва муҳими захираҳои қарзии бонкҳои саҳҳомию тиҷоратӣ қарзи мутамаркази Бонки миллӣ аст. Агар захираҳои қарзии бонки саҳҳомию тиҷоратӣ барои таъмини эҳтиёҷоти муштариёнаш кифоят накунад, вай метавонад аз Бонки Миллӣ захираи қарзӣ гирифта, талаботи онҳоро қонеъ созад. Дар ҷумҳурии мо бонкҳои тиҷоратӣ аз қарзӣ мутамаркази Бонки миллии Тоҷикистон ба шакли доими истифода мебарад.

Дар ҷумҳурӣ барои дарёфт намудани захираҳои қарзӣ аз мамлакатҳои хориҷӣ тамоми тадбирҳо андешида шудаанд.

Тартиби гузаронидани амалиётҳо бо амонатҳои шахсони воқеъӣ бо мақсади ҷалб намудани воситаҳои озоди пулӣ аз аҳолӣ дар сохтори бонкҳо мустақилона муайян карда мешаванд.

Амалиётҳои амонатӣ – ин амалиётҳои бонкӣ буда, бо ҷалб намудани воситаҳои озоди пулии амонатгузорон ба амонат, ба мӯҳлатҳои муайян ва то дархост дар асоси пардохт ва баъдан ҷобаҷогузории онҳо вобаста аст.

Барои беҳтар намудани вазъи молиявӣ, баргардонидани қарзҳои додашуда, ҷалби маблағҳои озоди аҳоли ба пасандозҳо, гузаронидан ва қабул намудани асъори хориҷӣ аз тамоми гӯшаю канори давлатҳои хориҷӣ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ бо кӯшишу талоши кормандони соҳа корҳои зиёде анҷом шуданд. Махсусан, дар ҷодаи ҷалби маблағи озоди аҳолӣ ва пасандозҳо, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии соҳаи бонкдорӣ мебошад як қатор пешравиҳо ба даст омаданд.

Захираҳои ташкилоти қарзӣ аз воситаҳои хусусӣ ва ҷалбшаванда ташкил меёбанд. Натиҷаи амалиётии пассивии ба вуҷудомадаи бонк, дар тарафи пассивии тавозуни он дарҷ мегарданд. Захираҳои бонк аз инҳо иборатанд:

а) воситаҳои хусусии ташкилоти қарзӣ

б) воситаҳои ҷалбшуда

Дар маҷмӯъ бонк ин захираҳоро ба воситаи амалиёти активии худ истифода намуда, даромад ба даст меоварад. Сарчашмаи асосии бунёди захираҳои бонки тиҷоратӣ пасандози муштариёни ташкилоти қарзӣ ба шумор меравад.

Ташкилотҳои карзӣ муассисаҳое мебошанд, ки аз як тараф маблағҳои муваққатан озодро ба хоҷагии халқ ҷалб намуда, аз тарафи дигар талаботи гуногуни шаҳсони воқеӣ ва воқеиро чи ба пули накд ва чи ба хизматрасониҳои муайян конеъ мегардонанд. Вобаста ба ин, ташкилотҳои қарзӣ дар ихтиёри худ, доимӣ – маблағҳои шахсии худ, муваққатан – маблағҳои ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, давлат ва шаҳрвандон тааллуқдошта доранд.

Манбаи асосии ташаккули захираҳои молиявии ташкилоти тиҷоратӣ даромад аз фурӯши молҳо, корҳо ва хизматрасониҳои марбут ба фаъолияти ин ташкилот мебошад. Афзоиши даромад аз фуруши махсулот яке аз шартҳои асосии афзоиши захирахои молиявии ташкилотхои савдо мебошад. Чунин баландшавиро бо афзоиши истеҳсол ва фуруши мол, кор ва хизмат, инчунин баланд шудани тарифу нархҳо муайян кардан мумкин аст.

Дар шароити тақозо ва рақобати тағйирпазир муносибати ин ду омил мутаносиби баръакс аст, яъне болоравии нарх метавонад боиси коҳиши фурӯш ва ё баръакс шавад. Барои зиёд кардани фоида ташкилоти тиҷоратӣ маҷбур аст таносуби оптималии байни нарх ва ҳаҷми истеҳсолро ҷустуҷӯ кунад. Сохтори даромад аз фурӯш аз рӯи ҳосилнокии меҳнат, шиддатнокии меҳнат ва маблағталабии истеҳсолот, мавҷудияти технологияи муосир, ки барои сарфакорона истифода бурдани навъҳои гуногуни захираҳо имкон медиҳад, муайян карда мешавад.

Фаъолияти ташкилоти тиҷорати бо фуруши амвол алоқаманд аст, ки ҳангоми аз ҷиҳати маънавӣ, баъзан ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ кухнашуда ва дигар молу мулк бо арзиши боқимонда, захираи ашёи хом ва масолеҳ фурӯхта мешавад.

Расми 1. Сарчашмаҳои захираҳои молиявӣ




Маблағҳои буҷет ба ташкилотҳои тиҷоратӣ дар доираи дастгирии давлатии фаъолияти онҳо ворид мешаванд. Дар шароити дигаргунсозии бозор дар Тоҷикистон ҳиссаи маблағҳои буҷетӣ дар манобеъи молии корхонаҳо хеле коҳиш ёфтааст. Аммо ташкилотҳои тиҷоратӣ метавонанд маблағҳои буҷетиро дар шакли субвенция, дотация, сармоягузорӣ ва карзҳои бучети аз сатҳи гуногуни буҷетҳо гиранд.

Таъмини маблағҳои буҷетӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ мақсаднок буда, дар асоси озмун амалӣ карда мешавад. Баъзан аз дигар манбаъҳои захираҳои молиявии ташкилоти тиҷоратӣ ҷудо кардани маблағҳои буҷетӣ душвор аст. Аз ин рӯ, маблағҳои буҷетие, ки дар шакли пардохт барои фармоиши давлатӣ ё минтақавӣ гирифта шудаанд, ҳамчун даромади фурӯш нишон дода мешаванд.

Расми 2. Захираҳои молиявӣ




Дар ҷараёни фаъолияти ташкилоти тиҷорати он метавонад аз муассис, масалан, ҳангоми қабули қарор дар бораи зиёд кардани сармояи оинномави маблағ гирад. Дар ширкатҳо, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ аз нав тақсимкунии маблағҳо аз ширкати асосӣ ба дигар иштирокчиён ва баръакс, инчунин байни иштирокчиён мунтазам ва ибтидоӣ аст.

Соҳаи қарз як қисми муносибатҳои пулиро фаро мегирад, ки бо ҳаракати мустақилонаи пул, ҳангоми «иваз кардани» пул сохиби он мебошад. Мутаносибан соҳаи қарзии муносибатҳои пулӣ бо хусусияти бозории фаъолияти худ фарқ карда мешавад, зеро ҳуқуқи истифодаи муваккатии пул предмети хариду фурӯш мебошад. Барои адои ин гурӯҳи муносибатҳои пулӣ сохторҳои махсуси ташкилию иқтисодӣ, яъне ташкилотҳои қарзие, ки дар бозори пул амалиёт мегузаронанд, ташкил карда мешаванд.

**Адабиёт**


1. Антонов В.А. Международные валютно-кредитные и финансовые отношения. Учебник и практикум. – М.:Юрайт, 2014. – стр.371.
2. Антонов Н.Г., Пессель М.А. Денежное обращение, кредит и банки. М.: Финстатинформ – 1995, стр.-556.
3. Базельские основные принципы эффективного банковского надзора. http://www.wis.org/patl
4. Балабанов И.Г. Валютный рынок и валютные операции в России. – М.: Финансы и статистика. – 1994, стр.-267.
5. Международные и валютно-кредитные и финансовые отношения/Антонов В.А. – М.: Юрайт, 2014. 548с.
6. Моисеев С.Р. Денежно-кредитная политика: теория и практика. Уч.пособие. – М.: МФПА, 2011г. – 784с.


## ОМИЛҲОИ ТАҲКИМИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВИЮ-ҚАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


**Бобоев Н.М. н.и.и., МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**

**Бобоҷонова У.А., докторанти (Phd) «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**


Дар шароити мусоир мудирияти хароҷотҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣ, яке аз масълаҳои муҳими онҳо ба ҳисоб рафта, ҳамеша ҳаракат мекунанд, ки саҳм ва ҳаҷми онҳо минимизатсия карда шаванд. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки хароҷотҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣ, пеш аз ҳама онҳо зимни амалӣ намудани амалиётҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ ба миён меоянд. Амалиётҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ дар навбати худ, яке аз сарчашмаҳои дадомади он буда, доиман бо даромадҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ ҳамбаста мебошанд. Сохтор ва ҳаҷми хароҷотҳо мустақиман дар ташккули даромадҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ таъсиргузор буда, зарурати оптимизатсияии онҳоро талаб менамояд.

Ҷиҳати оптимизатсияи хароҷотҳо дар фаъолияти амалии муассисаҳои молиявию-қарзӣ зарур мебошад, ки онҳоро ба шаклҳои доимӣ ва тағйирёбанда ҷудо намоем. Адабиёти илмии назариявии иқтисодӣ маълум мебошад, ки зимни омӯзиши хароҷотҳо, онҳо ба шаклҳои доимӣ ва тағйирёбанда тақсим карда мешаванд. Яъне, хароҷотҳои доими муассисаҳои молиявию-қарзӣ ба фаъолияти иистҳолию хизматрасонии он вобастагӣ надошта, ҳаҷм ва сохтори онҳои доимӣ мебошанд.

Хароҷотҳои тағйирёбанда, бевосита ба фаъолияти асосии муассисаҳои молиявию-қарзӣ, яъне хизматрасонии онҳо вобата буда, зимни фаъолият ҳаҷм ва сохтори онҳо мунтазам дар марҳилаҳои гуногун тағйир меёбанд.

Ба хароҷотҳои доимии муассисаҳои молиявию-қарзӣҳои тиҷроатӣ инҳо дохил мешаванд: хароҷотҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣ вобаста ба пардохти мӯзди маоши коргарони шататӣ, пардохти иҷорапулиҳо (агар бошанд), пардохтҳои истеҳлокӣ, пардохтҳои хизматрасониҳое, ки бо мудирияти муассисаҳои молиявию-қарзӣ вобаста мебошад, фоизҳои қарзӣ, пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети кишвар.

Ба хароҷотҳои тағйирёбанда муассисаҳои молиявию-қарзӣҳо, хароҷотҳои фоизӣ ва аксари ғайрифоизию амалиётӣ (мӯзди меҳнатӣ шартномавӣ, нархи иттилоотҳои гуногун оид ба сатҳи бозори хизматрасониҳои молиявию муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ, ҳаққи хизматрасониҳои ширкатҳои дигар) дохил мешаванд. Сатҳ ва динамикаи хароҷотҳои тағйирёбанда мустақиман аз сатҳ ва сохтори амалиётҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ ва усулҳои пешниҳоду амалии онҳо вобаста мебошанд. Яъне, хароҷотҳои тағйирёбанда, зимни амалӣ намудани амалиётҳо ва хизматрасониҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ ташаккул меёбанд.

Муфидгардонии хароҷотҳои умумии муассисаҳои молиявию-қарзӣҳои тиҷроатӣ раванди мушкил ва дарозмуддат буда, талаб мекунад, ки фаъолияти амалияи онҳо пурра ва васеъ омӯхта шуда, нақшаи даромади хароҷотҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣ таҳия карда шавад. Дар доираи таҳлили мазкур, дар боло, якчанд равишҳо ва услубҳои муфидгардонии хароҷотҳои умумии муассисаҳои молиявию-қарзӣ зимни ташаккули селаҳои молиявии онҳо васеъ омӯхта шудааст. Ҳамчунин, услуб ва равишҳои муосир ба мақсади муфидгардонии хароҷотҳои умумӣ пешниҳод гардидаанд.

Самтҳои муҳим, зимни афзоиши хизматрасониҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ ва сифати онҳо ин маҳз муфидгардонии хароҷотҳои умумӣ дониста мешавад. Муфидгардонии хароҷотҳои умумии муассисаҳои молиявию-қарзӣ дар низоми муассисаҳои молиявию-қарзӣ дар кишвар, яке аз омилҳои асосии баландбардории рақаботнокии низоми мазкур ба шумор меравад. Таҳлилҳои анҷомдодашуда, нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯ, омилҳои зиёде мебошад, ки на танҳо ба фаъолияти муассисаҳои молиявию-қарзӣ, балки ба фаъолияти дигар корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ таъсиргузор мебошанд. Хусусиятҳои умумӣ оид ба назарияҳо асосӣ ва омилҳои рақобатнокӣ дар ҷадвали навбатӣ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1**

**Мушоҳидаҳои оид ба рақобатнокӣ**

| Намояндаҳои асосӣ | Марҳилаҳои рушди афкори иқтисодӣ | Нишондодҳои муҳмӣ назарияҳое, ки омилҳои муайянкунандаи рақобатнокиро... |
|---|---|---|
| **Ж.Б. Кольбер<br>Т. Ман** | Меркантилизм (асри XVI-XVII) | Нишондоди муҳими рақобатнокӣ "бойигарӣ" баромад мекунад, яъне агар доро бошад, рақобатпазир мебошад. |
| **А. Смит<br>Т. Мальтус<br>Н. Сениор<br>Дж. Ст. Милль** | Синфи иқтисодии классикӣ (охири асри XVII – нимаи аввали асри XIX) | Рақобатнокӣ предмти муҳимеро ифода мекунад, ки он зимни муомилот арзиш дорад. |
| **К. Марк<br>Ф. Энгельс** | Марксизм (нимаи дуюми асри XIX - XX) | Сармояе, ки ба соҳаҳои муҳими истеҳсолии иқтисодиёт гузошта шудааст, ҳамчун бартарии рақобатӣ баромад карда, дар навбати худ меъёри арзиши изофа ҳамчун нишондиҳандаи рақобатпазирӣ хизмат мекунад. |
| **А. Маршал<br>Ф. Хайек<br>М. Фридмен<br>К. Менгер** | Назарияи неоклассикӣ (охири асри XIX – оғози асри XXI) | Дараҷаи рақобатпазирӣ ба дараҷаи қонеъ гардонидани эҳтиёҷот мувофиқ аст. |

| | | |
|---|---|---|
| **Т. Веблен**<br>**Дж. К. Гелбрейт**<br>**Дж. Робинсон** | Институсионализм (асри ХХ – оғози асри XXI) | Рақобатпазирӣ бо мавҷудияти хосиятҳое муайян карда мешавад, ки мавқеи пешбари субъекти хоҷагидорро дар соҳаи фаъолияти он тавсиф мекунанд. |
| **Р. Коуз**<br>**Дж. Бьюкенен**<br>**Р. Познер**<br>**Д. Норт** | Неоинститусионализм (охири асри ХХ ) | Дар баробари мавҷудияти захираҳои кофии моддӣ ва молиявӣ, рақобатпазирӣ аз сатҳи хароҷоти муомилотӣ барои дастгирии ҳама марҳилаҳои пешбурди мол (хизматрасонӣ) ба истеъмолкунанда вобаста аст. |

**Сарчашма:** ҷадвал дар асосии: Винокурова Л. А. Ресурсный потенсиал населения в повышении конкурентоспособности коммерческих банков: дис. ... канд. экон. наук. Ростов-на-Дону, 2016.- 179с., таҳия шудааст.

Чанде аз мушоҳидаҳое, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд таҳлил менамоем.

Дар асоси андеша ва ақидаҳои синфи иқтисодии Меркантилизм "Бойигарӣ" яке аз нишондодҳо ва омилҳои асосие, ки мебошад, ки ба сатҳи рақобатнокии корхонаҳо ва фирмаҳо таъсиргузор мебошад. Вобаста ба ақидаи мазкур, агар ташкилот ё муассисаҳои молиявию-қарзӣ хоҳад, ки доро бошад, зарур мебошад, ки ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои молияви дурустро васеъ намудани ҳаҷми молҳои истеҳсолшуда, тақсимоти тиҷорат, мудирияти хавфҳо, ҳалли муфиднокии меъёрҳои санадҳо ва қонунгузориҳо, мудирият ва оптимизатсияи хароҷотҳои равандҳои гуногун, ба роҳ монад.

Намояндагони синфи иқтисодии Марксизм тасдиқ мекунанд, ки меъёри арзиши иловашуда, яке аз индикаторҳои муҳими рақобатнокии ширкатҳо дониста мешавад. Андешаи мазкурро таълиф намоем, аён мегардад, ки меъёри арзиши иловашуда индикатор ҳисобида мешавад, ки агар муассисаҳои молиявию-қарзӣ сиёсати дурусти нархгузорӣ ва ба хизматрасониҳои худ, нархҳои оптималиро гузорад. Ин маънои онро дорад, ки зимни ташаккули арзиши иловашуда, ҳаматарафа сохтори хароҷотҳо пурра омӯхта шаванд. Ҳамчунин, агар хоҳем, ки арзиши иловашуда катализатори фурӯши молу маҳсулот гардад, омилҳои асосии он пурра омӯхта шаванд.

Неоиститутсионалистҳо пешниҳод доранд, ки дар сатҳи муайян қарор доштани захираҳои молию молиявӣ, рақобатнокӣ асосан аз сатҳи хароҷотҳои тарнзаксионӣ ва раванди фурӯши молу маҳсулоту хизматрасониҳо вобаста мебошад. Аз тарфаи Норт Дуглас сохтори паҳнгардидаи хароҷотҳои тарнзаксионӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки аз инҳо иборат мебошад: иттилоотӣ, коммкникатсионӣ, логистӣ, правоприменталӣ ва оппортунистӣ.

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидашуда, бори дигар тасдиқ менамояд, ки хароҷотҳои дар боло номвар гардида дар раванди гузаронидани амалиётҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои транзаксионӣ ба миён меоянд. Ҷиҳати дастрас намудан маълумотҳои зарурӣ, ба мақсадӣ такмилбахшидани омилҳои рақобатнокӣ дар муассисаҳои молиявию-қарзӣ дар навбати аввал бояд таърихи пайдоиши фаъолияти муассисаҳои молиявию-қарзӣҳои тиҷоратиро каме бошад ҳам, омӯхт.

**Адабиёт**

1. Джуха В.М., Сааков А.С. Уровень конкурентоспособности как интегральный показатель риска банкротства коммерческой организации //Вестник Ростовского государственного экономического университета (РИНХ). 2013. № 3 (43). С. 121-131.
2. Бухонова С.М., Савчук С.С. Система менеджмента качества как основа конкурентоспособности коммерческого банка // Белгородский экономический вестник. 2019. № 2 (94). С. 116-119.
3.Губанова Е.В., Демичева М.А. Информационные технологии как основа конкурентоспособности банков // В сборнике: Тенденции и перспективы развития банковской системы в современных экономических условиях. Материалы международной научно-практической конференции. 2018. С. 145-149.

# БАҲОИ ИҚТИСОДӢ-ОМОРИИ САТҲИ ТАВАРРУМ МУВОФИҚИ МОДЕЛИ МОНЕТАРӢ

**Одинаев А.С.муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори ДДМИТ**
**Эмомов М. муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори ДДМИТ**

Дар шароити муосир, ки ҳолати номувозинатии макроиқтисодӣ ва таъсири омилҳои дохилию берунӣ, аз он ҷумла таҳримҳои иқтисодӣ бештар ба назар мерасанд, масъалаи устувор нигоҳ доштани қобилияти харидории пули миллӣ ва роҳ надодан ба ҳолатҳои ғайриинтизории таваррум муҳим, ҳалталаб ва мубрам боқӣ мемонанд. Дар воқеъ бо ақидаи муаллиф “Тavварум яке аз нишондиҳандаи муҳими иқтисодӣ баҳисоб рафта, сатҳ ва андозаи он ба дигар нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодӣ ё дар маҷмӯъ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад”. [10. с129-140.] Аз нигоҳи олими рус Т.Ю. Матвеева, тavварум истилоҳи итолёвӣ буда, мазмунан ҳамчун категорияи иқтисодӣ устувории суръати баландшавии ҳамаи сатҳи нархҳо дар давраи муаяни вақт мебошад. [5. 126с.] Вобаста ба ин дар доираи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати рушди низоми бонкӣ ва такмили минбаъдаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ барои нигоҳ доштани сатҳи муътадили таваррум масъалаи муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешаванд. Аз ин нуқтаи назар дар соли гузашта нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ хуб арзёбӣ гардида, сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуд. Дар таҷрибаи байналмилалӣ барои омузиши таркиби таваррум усулҳои мухталиф татбиқ мегарданд, ки ҷиҳати шарҳи алоқамандии муомилоти пулӣ ва сектори воқеии иқтисодиёт истифода бурда мешаванд. Бо ақидаи профессор Ҷурабоев Ғ.Ҷ. “...барои баҳогузории ҳамаҷониба ва пурра омӯхтани таъсири ҳаҷми сатҳи тavварум, суръати миёнамоҳонаи тағйирёбии унсурҳои пулиро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст” [6. с20-25.]. Вобаста ба гуфтаҳо яке аз усулҳои маъмул ва бештар истифода шаванда модели монетаристии таваррум ба шумор меравад, ки дар асосӣ таҳлили арзёбии омории нишондиҳандаҳои таркибии таваррум ҳисоб карда мешавад. Дар натиҷаи истифодаи ин модел ҳиссаи омилҳои монетарӣ ва ғайримонетарӣ дар ташаккулёбии таваррум муайян мегардад. Барои татбиқи модели монетарӣ ва арзёбии омории динамикаи таваррум, таҳлили ҷузъӣ гузаронида мешавад, ки нишондиҳандаҳои омори муомилоти пулиро фаро гирифтааст.

Дар ин асос нишондиҳандаи омори макроиқтисодии муомилоти пулӣ ҳисоб карда мешаванд, ки аз баробарии Фишер маншаъ мегирад. Мутобиқи назарияи монетаристии таваррум дар мавриди ба вуҷуд омадани ҳолатҳои буҳронӣ баробарии Фишер халалдор мешавад. Бо ибораи дигар сабаби ба вуҷуд омадани таваррум якбора зиёд гардидани ҳаҷми пулӣ дар муқоиса бо афзоиши ҳаҷми воқеии молӣ буда метавонад. Барои омузиши ин ҳолат якчанд нишондиҳандаҳои монетарӣ ва ғайримонетариро бояд ҳисоб намуд. Бо истифода аз маълумотҳои омори бонкӣ индекси номиналӣ ва индекси суръати гардиши ҳаҷми пул, индекси ҳаҷми воқеии ММД ва сатҳи тavаррумро дар муқоиса бо соли гузашта дида мебароем. Барои таҳқиқи сохтори таваррум таҳлили сохторӣ гузаронида мешавад. Аз маълумотҳои оморӣ бар меояд, ки сатҳи таваррум нисбат ба соли гузашта 4,2 фоизро ташкил намудааст, ки дар зери таъсири омилҳои ҷудогона ба вуҷуд омадааст. Татбиқи усули таҳлили сохторӣ имкон медиҳад, ки сатҳи таварруми ҳосилгардида ва омилҳои ба ин таъсиррасон ошкор карда шаванд. Барои омузиши сохтори таваррум динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи мубодиларо барои солҳои 2018-2022 дида мебароем.

***Динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи мубодила барои иқтисодиёти миллӣ давоми солҳои 2018-2022) (бо % нисбат ба соли гузашта)***

Ҷадвали 1.

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Индекси номиналии ҳаҷми пулӣ $M_2$ ($I_m$) | 110,0 | 123,1 | 118,8 | 112,3 | 143,37 |
| Индекси суръати гардиши ҳаҷми пулӣ ($I_v$) | 102,3 | 57,5 | 89,9 | 106,5 | 77,2 |
| Индекс ҳаҷми воқеъии ММД ($I_Q$) | 102,8 | 105,6 | 97,3 | 126,0 | 108,0 |
| Сатҳа таваррум ($I_{p-1}$) % | 5,4 | 8,0 | 9,4 | 8,0 | 2,4 |

Ҳисоби муаллиф аз руйи маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. с. 2022 (329), с. 2021 (316), с. 2020 (308), с. 2019 (300), с. 2018 (281).

Дар шароити муосири таҳавулоти иқтисодӣ ва таъсири омилҳои гуногун муносибатҳои бозорӣ тағйирёбанда буда, суръати гардиши пул ва ҳаҷми воқеии истеҳсоли мол ва иҷрои хизматрасониҳо муътадил нест ва байни суръати рушди ҳаҷми пулӣ ва нархҳо алоқамандии зич мушоҳида намегардад. Ҳамчунин баробарии мубодилавиро ба сифати модели динамикии таваррум метавон истифода бурд, ки дар асоси дефлятори ММД чен карда мешавад. Дар асоси маълумотҳои расмии омори бонкӣ, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст сохтори таррумро дар солҳои 2021-2022, ва динамикаи тағйиёбии онро мувофиқи модели монетаристӣ таҳлил менамоем.

Яъне $I_{p-1} = I_M * I_v * I_Q$ из инҷо $I^1_Q$ чунин муайян карда мешавад;

$\frac{1}{I_Q} = I^!_Q$; $I_{p-1} = I_M * I_V * I^!_Q$, ки аз инҷо $I^!_Q = \frac{1}{1,08} = 0,93$

1,024=1,43*0,77*0,93 (1,024)

Дар асоси таҳлили сохторӣ қисматҳои асосии ташкилдиҳандаи таваррум, ки 2,4 %-ро дар бар гирифтаанд аз ҳисоби омилҳои монетарӣ буда, боқимонда 1,8% аз ҳисоби омилҳои ғайримонетарӣ мебошад, ки сатҳи таваррум дар ин сол мувофиқи маълумотҳои омори расмӣ ба 4,2% баробар аст. Ин ҳолатро ба асос гирифта, ҳиссаи ҳар як омили монетариро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

а) Дар натиҷаи таъсири тағйирёбии ҳаҷми пулӣ;

$I_M - 1 = 1,43 - 1 = 0,43$ ё 43% тавре аз натиҷаи таҳқиқ бар меояд, тағйирёбии ҳаҷми пулӣ дар муомилот буда ва танзими он омили муҳим ва бештар таъсиррасон ба ҳолати таваррум дар соли 2022 ба шумор рафта, ҳиссаи он 43%-ро ташкил додааст, ки хеле назаррас мебошад.

б) дар натиҷаи тағйир ёфтани суръати гардиши пулӣ;

$I_M(I_v - 1) = 1,43(0,77 - 1) = -0,329$ ё -32,9%

Дигар омили таъсиррасон ба раванди таваррум ин тағйир ёфтани суръати гардиши пулӣ мебошад, ки ҳиссааш дар сохтори таваррум ба 32,9% баробар буда, дар якҷоягӣ таъсири ин ду омил ба 75,9% баробар шудаанд.

в) дар натиҷаи тағйир ёфтани ҳаҷми воқеии ММД;

$I_M * I_V * (I^1_Q - 1) = 1,43 * 0,77(0,93 - 1) = -0,077;$ *ё -7,7%*

Тағйир ёфтани ҳаҷми воқеии ММД, ки нишондиҳандаи асосии макроиқтисодии давлат ба шумор меравад, ҳиссааш ночиз буда ҳамагӣ 7,7%-ро ташкил додааст.

Натиҷаи таъсири се омилро дар якҷоягӣ дида мебароем;

43+(-32,9)+(-7,7)=-2,4% Натиҷаи таъсири се омили монетарӣ дар якҷоягӣ, ки аз натиҷаи таҳлил бар омадааст ба 2,4% баробар гардида, тасдиқи худро ёфтааст.

Аз натиҷаи таҳлил бар меояд, ки омили асосии таваррум дар соли 2022 якбора зиёд гардидани ҳаҷми пул нақдӣ дар муомилот буда ва тағйир ёфтани суръати гардиши пулӣ ба ҳисоб меравад, ки таъсири ин ду омил дар якҷоягӣ 75,9% ташкил додааст.

Ҳамзамон барои арзёбии омории таваррум ва баррасии он ба сектори истеъмолии иқтисодиёт, давоми солҳои 2021-2022 рӯй оварда, таҳлили омилиро мегузаронем. Ба сифати нишондиҳандаи массаи пулӣ унсури пулии M0 истифода гардида, аз руйи маълумотҳои омори расмӣ ва омори бонкӣ бузургии миёнаи ҳаҷми пулиро аз руйи миёнаи хронологӣ меёбем.

$\overline{\overline{X}}_{(2021)} = 19026{,}59$ млн. сом.

$\overline{\overline{X}}_{(2022)}$ =25402,55 млн.сом.

Тавре маълум аст, дар ин давра индекси нархҳои истеъмолӣ ба 100,2% баробар аст. Модели монетарии таваррум аз руйи маълумотҳои ҷадвали 1 чунин мешавад;

$\frac{1{,}34*0{,}85}{1{,}002} = 1{,}136; \quad I_Q^1 = \frac{1}{1{,}002} = 0{,}998;$

Дурустии натиҷаи ҳисобро аз руйи модели монетарӣ санҷида мебароем; 1,136=1,34*0,85*0,998

**Хароҷоти иловагии аҳолӣ ба назардошти таваррум** Ҷадвали 2.

| (млн. сом) | **2021** | **2022** | **Афзоиши мутлақ** | **Суръати афзоиш** | **Коэффитсиенти афзоиш** |
|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши чакаи молӣ | 33259,5 | 39586,2 | 6326,7 | 119,02 | 1,19 |
| Бузургии миёнаи унсури пулии (М0) | 19026,59 | 25402,55 | 6375,96 | 133,51 | 1,34 |
| Суръати гардиши унсури пулии (М0) | 5,2 | 4,4 | -0,8 | 84,61 | 0,85 |

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ. с. 2022 (329), с. 2021 (316), с. 2020 (308), с. 2019 (300), с. 2018 (281).

Хароҷоти иловагии пулии аҳолиро бо назардошти болоравии нарх ва ҳолати таваррум аз руйи омилҳои алоҳида дида мебароем:

а) тағйир ёфтани пулҳои нақдӣ дар муомилот буда:

33259,5*(1,34-1)=11308,23 млн. сом.

б) тағйир ёфтани суръати гардиши пулӣ:

33259,5*1,34(0,85-1)= -6685,2 млн. сом.

в) тағйир ёфтани ҳаҷми ҷисмии фуруш:

33259,5*1,34*0,85(0,998-1)=-75,76 млн. сом.

Натиҷаи таъсири се омил дар якҷоягӣ: 11308,23+(-6685,2)+(-75,76)= 4547,3 млн сом.

Ҳамин тариқ босуръат зиёдшавии даромадҳои аҳолӣ дар муқоиса бо афзоиши нархҳо дар давоми солҳои 2021-2022 имконият дод, ки аҳолӣ 75,76 млн сомони маблағҳои худро сарфа намояд. Афзоиши нархҳо имконият дод, ки талаботҳо зиёд гарданд ва ин ҳолат шароитеро ба вуҷуд овард, ки даромадҳои воқеии аҳолӣ ба маблағи 11308,23 млн. сом. коҳиш ёбанд.

Коҳиш ёфтани суръати гардиши пулҳои нақдӣ дар мумилот буда ба афзоиши пасандозгузории аҳолӣ алоқаманд аст, ки ба сарфа гардидани хароҷотҳои аҳолӣ ба маблағи 6685,2 млн сомонӣ оварда мерасонад.

**Адабиёт**


1. Алиев Б.Х. Денги, кредит, банки. Учебние пасобие / Б.Х. Алиев, С.К. Идрисова, Д.А. Рабаданова.- М.:Вузовский учебник, Инфра-М.,2018.-288с.
2. Баско О.В. Совершенствование методика расчета индексов условий банковс кого кредитования / О.В.Баско, Т.В.Ким/Финансовые иследования.-№3 (44).—с.13-16.
3. Блютени омори бонкӣ 2021/12 (224) ва 2022/12(293).
4 . Илларионов А.Н. Реальный валютный курс и экономический рост/ А.Н. Илларионов//Вапросы экономики.-2022-№2. 236с.
5. Матвеева Т.Ю. Макроэкономика: курс лекции для экономистов./Т.Ю. МатвееваНИУ-ВШЭ, 2001.- 126с.

## АРЗЁБИИ ОМОРИИ СОХТОРИ БОЗОРИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР РУШДИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ.

**Холов Р.Ш. н.и.и., муаллими калони ДДМИТ**

Қобили зикр аст, ки омилҳои беруна ва дохили кишвар аз он ҷумла таҳримҳои иқтисодӣ дар давраи муосир ба бозори қарз ва дар маҷмуъ ба рушди иқтисодиёти ҷумҳури таъсири бевосита мерасонад. Ҳамзамон, бо воситаи низоми нишондиҳандаҳои бозори қарзӣ ба дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ низ таъсиррасон буда, зарурияти омӯзиш ва таҳлили механизми бозори мазкурро тақозо менамояд. Арзёбии омории самараноки бозори қарз ва иқтидори таъминокии қарз дар соҳаҳои иқтисодиёт, тавассути таҳлили омории сохторӣ ба даст оварда мешавад. Бозори қарзи бонкӣ яке аз унсури таркиби ва мустақили бозори молия буда, ҳамчун омили калидии такондиҳандаи иқтисоди муосир ба дигар нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодӣ ё дар маҷмуъ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Ба ақидаи аксари олимони соҳа «бозори қарзи бонкӣ хусусияти объективии низомии иқтисодӣ мебошад ва тавсифи он бо фаъолияти воқеии рушди иқтисодиёт муқоиса карда мешавад”. Бо ин маъно, таҳқиқоти назариявии рушди бозори қарзи бонкӣ аҳамияти бузурги амалӣ дошта, бевосита бо назардошти системаи нишондиҳандаҳое, ки сохтори онҳоро инъикос мекунанд, гузаронида мешавад.

Сохтор аз нигоҳи илми омор ин воҳидҳои бо ҳам алокаманде, ки мачмуъро ташкил медиҳад номида мешавад. Сохтор дар омори бозори қарзи бонкӣ аз руи воҳид андозагири намуда дар шакли маҷмуъ баҳогузори мегардад. Шаклҳои қарз иникоскунандаи сохтори муносибати қарзи буда, сохтори субъектҳо ва тағйирёбии гуногун дар дохил ва берун, инчунин ҳамчун таркиби асосии алоқаманди бозори қарзӣ мебошад. Ҳарчанд ин тағйирёби байни қарздиҳанда ва қарзгир пайдо мегардад,ки дар асоси арзиш ва шакли қарз дар маҷмуъ мафҳуми вай ҳамчун категорияи иқтисоди боқи мемонад.Бо ақидаи олими рус И.И.Елисева “Сохтор ин сохт ё шакли ташкили маҷмӯъ аст, ки аз унсурҳои алоҳида ё воҳид ё инки гуруҳҳои воҳидҳои маҷмӯъ иборат мебошад ”[1]. Вобаста ба ин нукта бояд қайд намоем, ки сохтор танҳо ба воситаи ҳисса ё вазни қиёс андозагири карда мешавад.Дар ҳолати нобаробарии тақсимоти воҳидҳои маҷмӯъ ба гуруҳҳои алоҳида дар таҳлили омори коэфитсентҳои нобаробарии тақсимотии гуногун ва нишондиҳандаҳои мутамарказонидашуда, истифода мегардад. Дар асл аз тарафи олимони соҳа усулҳои гуногуни ҳисобии таҳлили сохтори мавриди таҳқиқотҳо гаштаанд, ки мо низ пайрави намуда якчанди онҳоро қобили истифода дар таҳлили худ қарор хоҳем дод. Масалан коэффитсиенти нобаробарии тақсимоти, ки аз тарафи олими рус С.В.Куришевой пешниҳод гаштааст чунин амал ва хусусиятро дорост:

$$К_{н.б} = \frac{KJ}{K-1}\sum_{i=1}^{к}(d_i - p)^2 ; \qquad (1)$$

Дар инҷо : К-шумораи унсурҳои тақсимгаштаи маҷмӯъ,

$J$ ––шумораи гуруҳҳо ё унсурҳое, ки ҳиссаашон назар ба дигар болотаранд яъне 60 фоиз ё зиёдтар аз воҳиди маҷмӯъ;

$d_i$-ҳисса ё вазни қиёсии унсурҳо дар ҳаҷми умумии маҷмӯъ;

$p$ – вазни қиёсии назарияви дар ҳолати баробарченакаи тақсимотии воҳиди маҷмӯъ ба гуруҳҳо $p = \frac{1}{К}$ .

Коэфитсиенти мазкур дар ҳудуди аз сифр то 1 тағйирёби дорад. Дар ҳолати ба сифр баробар гардад, тақсимоти баробар ва агар чи қадар ба 1 наздик гардад ҳамонқадар нобаробари зиёд мушоҳида мегардад. Дар ҷадвали поин овардашуда мувофиқи формулаи мазкур аз сабабе, ки ба 60% ягон унсури мо баробар ё зиёд нест

[1] И.И.Елисеевой Статистика учебникКНОРУС, 2006 саҳ.45

ба сифр баробар мегардад, ки ин гувоҳи он аст, ки баробари дуруст бароҳ монда шудааст. Аслан мо ҳуқуқи истифодабарии формулаи мазкурро надорем, сабаб мувофиқи меъёри муаянгашта, (60%) тибқи ақидаи Елисеева нишондиҳанда вуҷуд надорад. Дар баробари ин аз тарафи иқтисочи Иматшоев З.Х., ва дигарон дар китоби омор қайд менамояд, ки коэфисиенти тақсимотии мутамарказ аз коифитсенти оварда шуда фаркият надорад;

$$К_{мутамарказ} = \frac{1}{2}\sum_{i=1}^{к}\left|d_i - \frac{1}{к}\right| \quad ; \qquad (2)$$

Бо ақидаи иқтисодчи Солиев Н.Н., дар васоити таълимии “Назарияи умумии омор”кайд менамояд, ки дар таҳлили тағйирёбии сохтори маҷмӯъ дар муҳлати вақт нишондиҳандаҳои умумикардашудаи тағйироти сохтории гуногун истифода менамоянд “коэфитсиент Гатева , коэфитсиенти хаттии тағироти сохтории мутлақ, квадратӣ, индекси фарқият ва ғ. ”[2] Истифода аз идеяи мазкур коэфитсиети интегралии тағироти сохтории К.Гатева-ро мариди таҳқиқ қарор додем:

$$К_{Гатева} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{к}(d_i - d_0)^2}{\sum_{i=1}^{к} {d_i}^2 + \sum_{i=1}^{к} {d_0}^2}}; \; (3)$$

Дар инҷо: $d_i - d_0$-унсурҳо дар давраи базисӣ ва ҳисоботӣ;

Моҳияти формулаи мазкур низ аз 0 то 1 буда, чиқадар ба 1 наздик гардад, ҳамонқадар тағироти қавии сохтори вуҷуд дорад. Коэфитсиенти хаттии тағироти сохторӣ ва тамоили миёнаи квадрати низ моҳиятан ба коэфитсиенти мазкур надики дорад, ки чунин тасвир менамоем:

$$К_{хаттӣ} = \frac{\sum_{i=1}^{к}\left|d_1 - d_0\right|}{К};$$

Дар инҷо: К-миқдори унсурҳои таҳлилшаванда.

Коэфитсенти хаттии тағйироти сохтории мутлақ дар натиҷа нишон медиҳад, ки унсурҳо бо ҳисоби миёна чанд банди фоизи зиёд ё кам гаштааст.

$$К_{квадратӣ} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{к}(d_i - d_0)^2}{К}};$$

Коэфитсиенти овардашуда бошад ба монади коэфитстенӣт хаттӣй тағйироти сохтории мутлақ нишон медиҳад, ки унсурҳо дар давраи таҳлилшаванда чиқадар тамоили дуршавӣ ё наздикшави доранд.

Дар ин асоси формулаҳои мазкур сохтори қарзгузории бонкҳоро бо пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем:

СОХТОРИ ҚАРЗГУЗОРИИ БОНКҲО БО ПУЛИ МИЛЛӢ, млн. сомони

| **нишондиҳандаҳо** | **Ҳиссаи қарзгузорри бонкҳо дар хаҷми умумӣ (вобаста ба соҳаҳо бо %)** | | | | | | $\lvert R_1 - R_0 \rvert$ | $(R_1 - R_0)^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018 ($R_0$)** | **Бо %** | **$(R_0)^2$** | **2022 ($R_1$)** | **Бо %** | **$(R_1)^2$** | | |
| **Ҳамагӣ** | 8741,3 | 100 | -- | 13657,0 | 100 | - | - | - |
| *кӯтоҳмуддат* | *3674,8* | *42,0* | *1764* | 4249,2 | *31,11* | *967,83* | *10,89* | *118,5921* |
| *дарозмуддат* | *5066,5* | *58,0* | *3364* | 9407,8 | *68,89* | *4745,83* | *10,89* | *118,5921* |
| ***аз он ҷумла:*** | | | | | | | | |
| **Корхонаҳои тиҷоратӣ** | 2204,7 | 25,22 | 636,05* | 3171,8 | 23,22 | 539,16* | 2,0 | 4,0 |
| *кӯтоҳмуддат* | *861,9* | *23,45* | *549,90* | 471,0 | *11,08* | *122,76* | *12,37* | *153,0169* |
| *дарозмуддат* | *1342,8* | *26,50* | *702,25* | *2700,81* | *28,71* | *824,26* | *2,21* | *4,8841* |
| | | | | | | | | |

[2] Солиев Н.Н., Холов Р, Бурҳонов Б, назарияи умумии омор Душанбе 2010 саҳ. 32

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Корхонаҳои давлатӣ** | 2168,2 | 24,80 | 615,04* | 2125,2 | 15,56 | 242,11* | 9,24 | 85,3776 |
| *кӯтоҳмуддат* | *64,1* | *1,75* | *3,0625* | *102,2* | *2,40* | *5,76* | *0,65* | *0,4225* |
| *дарозмуддат* | *2104,1* | *41,53* | *1724,74* | *2023,0* | *21,50* | *462,25* | *20,03* | *401,2009* |
| | | | | | | | | |
| **Корхонаҳои кишоварзӣ** | 405,1 | 4,64 | 21,53* | 492,6 | 3,61 | 13,032* | 1,03 | 1,0609 |
| *кӯтоҳмуддат* | *272,9* | *7,43* | *55,20* | *472,3* | *11,12* | *123,65* | *3,69* | *13,6161* |
| *дарозмуддат* | *132,2* | *2,61* | *6,812* | *20,3* | *0,215* | *0,046* | *2,395* | *5,736025* |
| **Шахсони воқей** | 1827,4 | 20,91 | 437,23* | 4886,3 | 35,78 | 1280,20* | 14,87 | 221,1169 |
| *кӯтоҳмуддат* | *1299,7* | *35,37* | *1251,03* | *2055,3* | *48,37* | *2339,,65* | *13* | *169* |
| *дарозмуддат* | *527,7* | *10,41* | *108,37* | *2831,0* | *30,09* | *905,40* | *19,68* | *387,3024* |
| **Лизинг** | 2,8 | 0,03 | 0,0009* | 3,3 | 0,024 | 0,0005* | 0,006 | 0,000036 |
| *кӯтоҳмуддат* | *2,1* | *0,05* | *0,0025* | *0,2* | *0,005* | *0,000025* | *0,045* | *0,002025* |
| *дарозмуддат* | *0,7* | *0,01* | *0,0001* | *3,1* | *0,032* | *0,0010* | *0,022* | *0,000484* |
| **Дигарҳо** | 2133,1 | 24,40 | 595,36* | 2977,8 | 21,80 | 475,24* | 26,0 | 676,0 |
| *кӯтоҳмуддат* | *1174,1* | *31,95* | *1020,80* | *1148,2* | *27,02* | *730,08* | *4,93* | *24,3049* |
| *дарозмуддат* | *959,0* | *18,93* | *358,35* | *1829,6* | *19,45* | *378,30* | *0,52* | *0,2704* |
| | | | *2305,22* | | | *2549,7425* | *53,146* | *987,555436* |
| *Ҷамъ* | 8741,3 | 100 | 259088* | 13657,0 | 100 | *2879,24** | *18,44** | *115,31** |

Сарчашма: дар асоси Маҷмӯаи оморӣ молияи Тоҷикистон: 30 – соли истиқлояти давлатӣ аз тарафи муаллиф тахия ва ҳисоб карда шудааст: сах.437. Эъзоҳ: (*)танҳо нишондтҳандаҳот калидии бозори қарзӣ ($(R_0)^2$) ва ($(R_1)^2$)ба инобат гирифта шудааст.

Дар ин марид истифода аз рақамҳои ҳисобии ҷадвали мазкур бо формқлаҳои дар боло овардашуда натиҷагири менамоем:

$$К_{Гатева} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{к}(d_i - d_0)^2}{\sum_{i=1}^{к} d_i^{\,2} + \sum_{i=1}^{к} d_0^{\,2}}} = \sqrt{\frac{987,555436}{2549,7425 + 2305,22}} = \sqrt{0,2034} = 0,451;$$

Аз натиҷаи (0,451) формулаи мазкур бармеояд, ки тағироти қавии сохтори дар бозори қарзӣ вобаста ба панҷсолаи охир вуҷуд дорад, бо ибораи дигар тағйироти қаввии устувори байни низоми нишондиҳандаҳои бозори қарзӣ вуҷуд дорад.

$$К_{хаттӣ} = \frac{\sum_{i=1}^{к}\left|d_i - d_0\right|}{К} = \frac{53,146}{6} = 8,85;$$

Муаофиқи натиҷаи коэфитсенти хаттии тағйироти сохтории мутлақ бояд қайд намуд, ки дар давоми вақти таҳлилгашта унсурҳо яъне низоми нишондиҳандаҳои бозори қарзӣ бо ҳисоби миёна 8,85 банди фоизи зиёд гаштааст, ки натиҷаи мазкур нишон дод, ки бевосита талабот ба қарзгири дар шаклҳои қрз сол ба сол руй ба афзоиш буда, барои боз ҳам хубтар гаштан аз пешниҳодгар вобаста ба талабот такмили пешниҳоди қарзҳо бо модели муосири мамлакатҳои пешрафта зарур дониста мешавад.

$$К_{квадратӣ} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{к}(d_i - d_0)^2}{К}} = \sqrt{\frac{987,55}{6}} = \sqrt{164,59} = 12,82;$$

Аз натиҷаи усули мазкур ба хулосае омад, ки низоми нишодиҳандаҳои бозори қарз дар давраи таҳлилшаванда давра ба давра руй ба устуворгардӣ, бо ибораи дигар устувор мегардад аз нигоҳи назарияви низоми нишондиҳандаҳо тамоили наздикшавӣ, мутаносиби байни нишодиҳандаҳо дар ҳаҷми 12,82 дар давраи таҳлили таъмин гаштааст.

Аз тарафи дигар бояд кайд намуд, нишондиҳандаҳо аз ҳисоби вазни қиёсӣ ҳаҷми қарзҳои кутоҳмудад (10,89%) кам гашта, ҳаҷми қарзҳои дарозмудат ба миқдори (10,89%) афзоиш ёфтааст, мувозинат дуруст бароҳ монда шудааст. Аз ҳама бештар

ҳиссаи қарз дар шакли шахсони воқеъӣ дида мешавад, ки дар ҳаҷми 37,78% назар ба соли 2018 14,87% зиёд гашааст, ки ин нишондиҳандаи хуб буда дар шакли қарзи мазкур устувории бевосита вуҷуд дорад. Шакли корхонаҳои давлати низ чунин ба назар мерасад, ки соли 2022 назар ба соли 2018 ба миқдори 9,24% коҳиш ёфтааст. Аммо бояд қайд намоем, ки дар ин шакли карзи дарозмуҳлат дар корхонаҳои давлатӣ ба андозаи 20,03% коҳишёбӣ мушоҳида мегардад. Аз ҳама қарзҳои пастарин дар соҳаи кишоварзӣ ва шакли қарзи лизингӣ инчунин дигар намуди қарзҳо баназар мерасад. Дар соли 2018 қарзҳо дар соҳаи кишоварзӣ 4,64% нисбати ҳаҷми умумии қарзҳоро ташкил медод, соли 2022 бошад ба 3,,61% омада расидааст, ки 1,03% нисбати соли 2018 коҳишёфтааст. Қарзҳои кутоҳмудат дар ҳаҷми 3,69% нисбати соли 2018 зиёд ва қарзҳои дарозмудат - 2,4% руй ба коҳишёбӣ ниҳодааст, ки ба рушди иқтисод ва дар маҷмуъ сатҳӣ зиндагӣ ҳамчун омили таъсиррасон , ки қисми зиёди аҳолии кишвар ба чунин фаъолияти кишоварзи алокаманд ва вобастаанд, шуморидан хатто нахоҳем кард. Бояд қайд намуд, ки соҳаи мазкур фаъолияти мавсимӣ буда, ба қарҳои дарзмудат эҳтиёҷ доранд, аммо чи тавре мо мебинем, баракс қарзҳои дарзмуҳлат коҳиш ва кутоҳмуҳлат 3,69 % ҳарчанд наонқадар зиёд бошад ҳам афзоиш ниҳодааст. Қарзи лизингӣ яке аз шакли дастгирии соҳибкорон мутобиқи таҷрибаи дигар кишварҳо ба ҳисоб меравад, аммо то ба ҳол аз чунин намуди қарз дар ҷумҳури кам истифода мегардад. Қарзи мазкур дар умум нисбати соли 2018 0,006% ва қарзҳои кутоҳмудати ин шакли қарз ба миқдори 0,0454% руй ба афзоиш намудааст, аммо карзҳои лизингии дарозмуҳлат ба андозаи 0,022% майли афзоиши дорад.Қарзҳо ба шахсони воқеӣ дар умум 14,87% афзоиш, қарзҳои кутоҳмудат 13% ва дарозмуҳлат 19,68% руй ба афзоиш ниҳодааст. Дигар намуди қарзҳо бошад, дар маҷмуъ 2,6% коҳиш ва қарзи шакли кутоҳмуҳлат 4,93%,коҳиш ва дарозмуҳлат 0,52% руй ба афзоиш ниҳодааст.

Хулоса алоқаманд бо ин гуфтаҳо ба якқатор муаммоҳо ва пешниҳодҳо ақидаҳои худро мутамарказ менамоем, ки аз он ҷумла ба муаммоҳои бозори қарзӣ, динамикаи баҳодиҳии сатҳи нишондиҳандаҳои карзӣ дар соҳаҳоро нишон дода ҳиссаи онҳоро дар маҷмуъ муайян менамоем;

1. Зарурияти интихоби нишондиҳандаҳои муҳими бозори қарзро дар соҳаҳои муҳими Ҷумҳурии Точикистон мувофиқи талаботи онҳо таъмин намоем.
2. Зарурияти интихоб ва мувофиқатии нишондиҳандаи ҳаҷми иқтисодиёт вобаста ба вақт.
3. Мувофиқ ба нишондиҳандаҳои асосии қарзҳои пешниҳодшуда, истифода аз таҳлилҳои намуда, зарурияти танзими он, вобаста ба ҳолати бозорӣ ва бозоргирӣ дар давраи муаян.
4. Банақшагирӣ вобаста ба танзими пулҳои дар муомилот буда, тавассути он метавонанд, самти рушди ояндаи бозори қарзӣ ва устувории иқтисодиёти миллиро муайян намоянд.
5. Таҳияи ташабуссҳои стратегӣ барои ҷалби захираҳои маҳдуд баҳри татбиқи бовари ба хизматрасонии бонкӣ дар соҳаҳои калиди.
6. Ноил гардидан ба ҳадаф ва истифодабарии максималии бартариятҳои қарзҳои бонкӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ.

**Адабиёт**

1. Алиев Б.Х. Денги, кредит, банки. Учебние пасобие / Б.Х. Алиев, С.К. Идрисова, Д.А. Рабаданова.-М.:Вузовский учебник, Инфра-М.,2018.-288с.
2. Баско О.В. Совершенствование методика расчета индексов условий банковс кого кредитования / О.В.Баско, Т.В.Ким/Финансовые иследования.-№3 (44).—с.13-16.
3. Блютени омори бонкӣ 2021/12 (224) ва 2022/12(293).
4 . Илларионов А.Н. Реальный валютный курс и экономический рост/ А.Н. Илларионов//Вапросы экономики.-2022-№2. 236с.
5. И.И.Елисеевой Статистика учебник КНОРУС, 2006 саҳ.45
6. Матвеева Т.Ю. Макроэкономика: курс лекции для экономистов./Т.Ю. МатвееваНИУ-ВШЭ, 2001.-126с.

7. Маҷмӯаи оморӣ молияи Тоҷикистон: 30 – соли истиқлояти давлатӣ : саҳ.437.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022.-429с.
9. Ризокулов Т.Р Проблемы инфляции в экономике Таджикистана./ Т.Р Ризокулов.- Душанбе: Ирфон, 2006.172с.
10. Ризокулов Т.Р. О некоторых монетарных факторах макроэкономической нестабильности в условиях становления рыночной экономики./ Т.Р Ризокулов.// Стратегия и развития Таджикистан 2008. с. 93-97.
11. Солиев Н.Н., Холов Р, Бурҳоноа Б, назарияи умумии омор душанбе 2010 саҳ. 32
12. Холов Р.Ш Таҳлили сохтории таъсири омилҳо ба сатҳ ва динамикаи монетизатсияи иқтисодиёт./Р.Ш. Холов// Паёми молия ва иқтисод (маҷалаи илмӣ-амалӣ) Душанбе-2020.№1(9). – с129-140.

## МАВҚЕИ МУЛТИПЛИКАТОРИ ПУЛ ДАР МЕХАНИЗМИ ИНТИҚОЛИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ.

**Тоиров М.И. - омузгори калони кафедараи молия ДБССТ**

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ ба ғайр аз мафҳуми мултипликатори пулӣ мафҳуми мултипликатори бонкӣ дода шуда, механизми мултипликатори бонкӣ аз ҷиҳати мазмунӣ ва функсионалии пешниҳод карда шудааст. Мултипликатори бонкӣ раванди афзоиши пул дар суратҳисобҳои амонатии бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми аз як бонки тиҷоратӣ ба бонки дигар гузаштан мебошад. Механизми мултипликатори бонкиро на танҳо дар мавриди қарзҳои бонкӣ, балки ҳангоми аз бонкҳои тиҷоратӣ харидани қоғазҳои қиматнок ё асъори Бонки марказӣ низ метавон истифода бурд.

Дар натиҷа захираҳои бонкҳое, ки ба амалиёти фаъол гузошта шудаанд, кам шуда, захираҳои озоди ин бонкҳо, ки барои амалиёти қарзӣ истифода мешаванд, меафзояд, яъне. Механизми аниматсияи бонкӣ фаъол аст. Бонки марказӣ инчунин метавонад ин механизмро ҳангоми кам кардани меъёри саҳмҳои захиравии ҳатмӣ фаъол созад. Дар ин ҳолат, захираи озоди бонкҳои тиҷоратӣ низ афзоиш меёбад, ки боиси афзоиши қарздиҳӣ ва дохил шудани мултипликатори бонкӣ мегардад. Идоракунии механизми мултипликатории бонкӣ ва аз ин рӯ муомилоти пулҳои ғайринақдӣ танҳо аз ҷониби бонки марказӣ, эмиссия бошад, системаи бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, бонки марказӣ вазифаи танзими пулию қарзии худро тавассути васеъ ё маҳдуд кардани имкониятҳои эмиссияи бонкҳои тиҷоратӣ иҷро мекунад. Ҳамин тариқ, аниматсияи бонкӣ раванди чандкаратаи (мултипликативӣ) зиёдшавии (камшавии) пул ҳамчун пасандозҳои доимӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ дар натиҷаи зиёдшавии (камшавии) захираҳои бонкӣ, вақте ки бонкҳои тиҷоратӣ дар доираи фаъолияти бонкӣ амалиёти қарзӣ, амонатӣ ва ҳисоббаробаркуниро анҷом медиҳанд. система. Ҳам васеъшавӣ ва ҳам камшавии пешниҳоди пул метавонад мултипликативӣ бошад. Дар адабиёти иқтисодӣ ба равандҳои зиёдшавии чандкаратаи пул диққати бештар дода мешавад, зеро устувории низоми пулӣ ва сатҳи таваррум бештар аз ин вобаста аст. Аниматсияи бонкӣ маҷмӯи равандҳои тавсеаи амонат ва қарз мебошад. Гузашта аз ин, як раванд наметавонад аз дигараш ҷудо бошад. Онҳо бо хусусияти умумии пулҳои муомилот алоқаманданд: пули бонки марказӣ (пули дар суратҳисоби захиравӣ) ва пули бонкҳои тиҷоратӣ (пул дар суратҳисобҳои амонатии мизоҷон). Пули дар суратҳисоби захиравӣ пассивҳои бонки марказӣ ва дар айни замон дороиҳои бонки тиҷоратӣ мебошад.

Механизмҳои ташаккули ҳаҷми пул: пасандозҳо, захираҳо ва мултипликаторҳои пулӣ дар асоси тахлили тахаввули амалияи бонки ва сиёсати пулию карзи ба хулосае меояд, ки бонкхо барои карздихи захирахо чамъ намекунанд ва динамикаи пули накд ба вазъи иктисодиёт чандон таъсир намерасонад. Аз ин рӯ, динамикаи мултипликаторҳо имрӯз нисбат ба пештара камтар маълумотнок аст. Аммо натичахои ба даст овардашуда ахамияти баходихии талабот ба пул ва захирахои бонкиро барои тахия ва татбики сиёсати пулию карзи зери шубха намегузоранд.

Дар ин мақола механизмҳои ташаккули ҳаҷми пул: амонатҳо, захираҳо ва мултипликаторҳои пулӣ баррасӣ мешаванд. Бо таҳлили таҳаввулоти амалияи бонкӣ ва низомҳои сиёсати пулию қарзӣ ба хулосае меоем, ки имрӯзҳо бонкҳо барои қарздиҳӣ захираҳо ҷамъ намекунанд, дар ҳоле ки динамикаи пули нақд дар муомилот танҳо таъсири макроиктисодӣ дорад. Аз ин рӯ, мултипликаторҳо камтар иттилоотӣ шудаанд. Аммо, ин талабот ба пул ва баҳодиҳии талабот ба захираҳоро барои стратегия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ зери шубҳа намегузорад.

Бонк 1 яке аз равандҳои калидӣ дар бахши молиявӣ мебошад, ки тавассути он бонки марказӣ ба иқтисоди воқеӣ таъсир мерасонад. Аксари равандҳои механизми интиқоли сиёсати пулию қарзӣ бевосита ё бавосита ба фаъолияти қарздиҳии бонкҳо алоқамананд.

Истифодаи карздихии байнибонки барои чалби захирахои камшуда ва чойгиркунии захирахои зиёдати ҳамин тариқ, ҳадди ақалл, бонкҳо метавонанд бо ҷараёнҳои захиравӣ дар дохили бахши бонкӣ бидуни муроҷиат ба ҷамъ овардани захираҳои пешакӣ мубориза баранд. дар системаҳои молиявие, ки тақрибан 100 сол пеш вуҷуд доштанд, чунин схемаҳо амалан гумон буданд. Дар зер мо сабабҳои ин ҳолатро муфассал баррасӣ намуда, инчунин равишҳои консервативии он давраро оид ба идоракунии пардохтпазирии бонкҳо, ки дар механизмҳои зиёдшавии пул инъикос ёфтаанд, таҳлил хоҳем кард. Механизмҳои мултипликатори пул дар адабиёти иқтисодӣ чунон маъмуланд, ки фаъолияти онҳо кайҳо як чизи муқаррарӣ ҳисобида мешавад. Дар асл, чунон ки нишон дода мешавад, онҳо на танҳо ба воқеияти муосири муомилоти пулӣ мувофиқат намекунанд, балки худи идеяи аниматсияро дар системаҳои пулӣ, ки дар охири асри 19 пайдо шудаанд, таҳриф мекунанд. ва нихоят дар асари Ч.Филлипс « Банковский кредит » расми шудааст, мо рушди идеяҳоро дар бораи механизмҳои мултипликатор ва нақши онҳо дар сиёсати пулию қарзӣ пайваста баррасӣ хоҳемкард. Вобаста ба он ки «асос»-и зарбкунӣ чӣ мешавад, мо намудҳои зерини мултипликаторҳоро ҷудо мекунем: амонат, захира ва пул. Дар ҳолати аввал, раванди афзоиш дар натиҷаи воридшавии пасандозҳо ба бонк, дар натиҷа захираҳо оғоз меёбад; Мутобиқан, арзиши мултипликатори пасандозҳо нишон медиҳад, ки дар натиҷаи қарздиҳӣ ба як воҳиди пасандозҳои ҷалбшуда чӣ қадар ҳаҷми пул ташаккул меёбад; Мултипликатори пул ба таносуби ҳаҷми умумии пул дар иқтисодиёт ба базаи пулии тавозуни бонки марказӣ баробар аст. Гумон меравад, ки бонки марказӣ метавонад тавассути амалиёти худ заминаи пулиро мустақиман назорат кунад ва бо донистани арзиши мултипликатори пул ҳаҷми муомилоти пулро дар муомилот барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати пулию қарзӣ тағйир диҳад. Дар баробари ин, самаранокии мултипликатори пул мавҷудияти механизми микроиқтисодиро дар назар дорад, ки барои ҳолатҳои мултипликаторҳои амонатӣ ва захиравӣ муфассал таҳлил карда мешавад.

Дар аввал мафҳуми мултипликатори пасандозҳо иштироки бонки марказиро дар раванди афзоиши пул дар назар надошт. Принсипҳои асосии фаъолияти системаҳои пулии дар боло тавсифшуда эътибори худро нигоҳ медоштанд, захираҳои бонкӣ дар эҷоди пул иштирок намекунанд, аммо бонк ба онҳо барои хидматрасонии пардохтҳои вобаста ба қарз ниёз дорад.

Бояд қайд кард, ки дар ин ҳолат захираҳо дар дороиҳои бонки аввал кам шуда, банди «қарзҳои байнибонкии додашуда» пайдо мешаванд, яъне қарзи байнибонкӣ ҳамчун амалиёт дар як сатҳи низоми пулӣ ба қонунҳои тиҷорат, на кредити бонкӣ.

Дар зер нишон дода мешавад, ки хуруҷ берун аз бахши бонкӣ айни замон аз ҷониби бонкҳои марказӣ комилан қатъ карда мешавад.

Мултипликатори пул воқеан ба фарзияҳои мултипликатори захиравӣ бо назардошти афзалияти қавӣ ба пули нақд дар байни ғайрибонкӣ ва қобилияти бонки марказӣ барои назорат кардани миқдори пули нақд дар иқтисодиёт илова мекунад.

Ин имкони бонкҳоро барои зиёд кардани қарз то андозае коҳиш медиҳад, зеро як қисми қарзҳои додашуда ба пули нақд мегузарад, ки ин ба берун рафтани доимии захираҳо аз бахши бонкӣ баробар аст (ҳанӯз тахмин карда мешавад, ки Бонки марказӣ метавонад ҳаҷми умумии захираҳоро назорат кунад. ). Ҳамин тариқ, тавассути кам ё зиёд кардани ҳаҷми пули нақд ва/ё захираҳо, бонки марказӣ имконияти бонкҳоро барои «бехатар» зиёд кардани қарзҳо васеъ ё танг мекунад.

Ҳамин тариқ, барои истифода бурдани мафҳуми мултипликатори пул дар сиёсати пулию қарзӣ зарур аст, ки дар сатҳи бонкҳои алоҳида, ки ба мултипликаторҳои амонатӣ ва захиравӣ хос амал мекунанд ва худи бонки марказӣ тавонад базаи пулиро самаранок идора кунад. Дар ин ҷо ягон ихтилоф вуҷуд надорад, зеро барои як бонки алоҳида мултипликатор барои ҳар як қарзи додашуда ва барои бахши бонкӣ дар маҷмӯъ ҳамчун таносуби ҳамаи қарзҳои додашуда ба воридшавии аввалияи пасандозҳо ҳисоб карда мешавад. Фарз мекунем, ки бонки якум пасандози ибтидоиро 100 мегирад. Бонк қарздиҳиро 90 адад зиёд мекунад, пасандозҳои нав ба бонки дуюм ворид мешаванд (барои он инҳо пасандозҳои аввалия мебошанд), ба додани қарзҳои нав мусоидат мекунанд ва ғайра.

Дар баробари ин барои бахши бонкӣ пасандозҳои аввалия ҳамеша ба 100 баробар буда, қарздиҳӣ ҳамчун маблағи ҳамаи қарзҳои додашуда ҳисоб карда мешавад.

Мултипликатори захиравӣ назар ба мултипликатори пасандоз бештар пулро «ба вуҷуд овард». Сабаб дар он аст, ки воридшавии конҳои аввалия барои пӯшонидани хатари берун рафтани минбаъдаи онҳо захираҳо эҷод карданро талаб мекард, аммо ворид шудани захираҳои «соф» ин тавр нашуд. Мафҳуми мултипликатори пул одатан заминаи пулиро дар мафҳуми танг баррасӣ мекунад.

Бояд қайд кард, ки ба пули нақд гузаронидани пасандозҳо на боиси тағйир ёфтани ҳаҷми ҳаҷми пул дар маҷмӯъ, балки танҳо ба тағйири сохтори он оварда мерасонад (ҳиссаи пули нақд меафзояд ва ҳиссаи пулҳои ғайринақдӣ кам мешавад). Илова бар ин, афзоиши ҳаҷми пули нақд боиси афзоиши иқтисодӣ ва нархҳо не, балки натиҷаи аст.

**Адабиёт**


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бонки миллии тоҷикистон.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ».

3.Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

3.Сомонаи Бонки Милли Тоҷикистон.

4. Сомонаи интернетӣ.


# ҶАНБАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ИНКИШОФИ СОХТОРИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВӢ ВА ТАКМИЛИ УНСУРҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТАШАКУЛ ВА ИНКИШОФИ РАҚАМИКУНОНИИ ДАР ИҚТИСОДИЁТ


**Муродов И .Р кафедраи Технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисодиёти рақамии ДБССТ**


Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бе шубҳа дар таркиби тамоми муносибатҳои иқтисодӣ тағйиротҳои гуногун сохторию таркибӣ ба амал меояд. Яке аз чунин тағйиротҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ин тағйирёбии сохтори механизми молиявӣ ба ҳисоб меравад. Сохтори механизми молиявӣ хеле мураккаб буда, он аз унсурҳои гуногун вобаста ба амалисозии муносибатҳои молиявӣ иборат мебошад. Ҳангоми амалисозии муносибатҳои молиявӣ, ташкил ва истифодаи захираҳои молиявӣ ва таъмини самаранокии онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муайян намудани сохтори механизми молиявӣ ва унсурҳои таркибии он зарурӣ арзёбӣ мегардад. Зеро сохтор ва унсурҳои механизми молиявӣ вобаста ба шакл ва намудҳои фаъолиятҳои молиявӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт гуногун мешаванд. То ҳол сохтор ва унсурҳои ягонаи механизми молиявӣ аз ҷониби олимон

дастгирӣ наёфтааст. Олимон вобаста ба сатҳ (умумидавлатӣ (маҳаллӣ) ва субъектҳои хоҷагидорӣ), шакл, намуд ва принсипҳои ташкили фаъолияти молиявӣ сохтор ва унсурҳои таркибии механизми молиявиро гуногун шарҳ додаанд.

Ҷадвали 1.

**Сохтор ва унсурҳои таркибии механизми молиявӣ**

| № | Муаллиф | Унсурҳои таркиби |
|---|---|---|
| 1. | А.А. Володина<br>Л.М. Подъяблонской | 1) Механизми идоракунии муносибатҳои молиявӣ: бо дигар корхонаҳо (бо молтаъминкунандагон, бо харидорон, бо пудрачиён ва корхонаҳои хориҷӣ); дохили корхона; бо буҷет; бо воситаҳои ғайрибуҷетӣ; бо бонкҳо; бо ташкилотҳои суғуртавӣ; бо сохторҳои болоии корхона ё ташкилот; бо бозори молиявӣ;<br>2) Механизми идоракунии воситаҳои пулии фондҳо: фонди ойномавӣ (воситаҳои асосӣ ва воситаҳои гардон); фонди захиравӣ; фонди амартизатсионӣ; фонди сармоягузорӣ; фонди асъорӣ; фонди музди меҳнат; фонд барои пардохтҳои буҷетӣ ва дигар фондҳо. |
| 2. | В.В. Ковалева | 1) Низоми идоракунӣ:<br>- сохтори ташкилии идоракунии молиявӣ;<br>- кормандони ҳайати идоракунии молиявӣ;<br>- олотҳои молиявӣ;<br>- таъмини иттилоотии молиявӣ;<br>- воситаҳои техникии идоракунии молиявӣ.<br>2) Объекти идоракунӣ:<br>- муносибатҳои молиявӣ;<br>- захираҳои молиявӣ;<br>- сарчашмаҳои захираҳои молиявӣ. |
| 3. | Балабанов И.Т.<br>Николаева Т.П. | - усулҳои молиявӣ: банақшагирӣ, пешгӯи, сармоягузорӣ, қарздиҳӣ, худмолиякунонӣ, андозбандӣ, суғуртакунонӣ, амалиётҳои амонатӣ, амалиётҳои трансфертӣ, арендадиҳӣ, лизинг, факторинг, фондташкилкунӣ, низоми ҳисоббаробаркуниҳо ва ғ.;<br>- фишангҳои молиявӣ: даромад, фоида, хурдашавӣ (истеҳлок), нарх, пардохти иҷора, дивидент, фоиз, дисконт, амонат, сармоя ва ғ.;<br>- таъминоти ҳуқуқӣ: қонунҳо, фармонҳо, қарорҳо, дастурамалҳо, оиномаҳо;<br>- таъминоти меъёрӣ: дарстурамалҳо меъёрҳо, андозаҳо, нишондиҳандаҳои методӣ ва ғ.;<br>- таъминоти иттилоотӣ: шакл ва намудҳои иттилоот. |
| 4. | Барулин С.В.<br>Кузулгуртова А.Ш. | - банақшагирии молиявӣ;<br>- танзими молиявӣ;<br>- назорати молиявӣ. |
| 5. | Ҳасанов А.Р.<br>Миразизов А.Ҳ<br>Содиқов Р.Ҳ. | - танзимкунии молиявӣ;<br>- ҳавасмандкунии молиявӣ;<br>- фишангҳои молиявӣ;<br>- таъмини меъёрӣ ва ҳуқуқӣ;<br>- таъмини иттилоотӣ. |
| 6. | Новикова М.Д. | - банақшагирии молиявӣ;<br>- таъмини молиявӣ;<br>- танзими молиявӣ;<br>- назорати молиявӣ. |

*Таҳияи муаллиф.*

Аз сохторҳои механизми молиявии пешниҳодгардида маълум мегардад, ки аксарияти онҳо дар сатҳи корхонаҳо ба назар гирифта шуда, унсурҳо ва усулҳои амалисозии онҳо коркард карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки сохторҳои механизми молиявии пешниҳоднамудани олимон гарчанде дар сатҳи корхонаҳо тадбиқ шуда бошанд ҳам, аз нигоҳи мо имконияти дар сатҳи умумидавлатӣ низ истифода бурданро доранд. Зеро воситаҳои пулии фондҳои

давлатӣ дар асоси таҳия ва тадбиқи механизмҳои молиявӣ ташкил ва истифода бурда мешаванд.

Вобаста ба омӯзиш ва таҳлили ақидаю пешниҳодҳои олимону мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодии хориҷию ватанӣ роҷеъ ба сохтори механизми молиявӣ, қайд намудан зарур аст, ки ҳар кадоми онҳо андешаҳои худро бо назардошти замон ва шароити худ бо мақсади такмили сохтори механизми молиявӣ пешниҳод намуда, барои дар як шакли муайян овардан он замина гузоштанд. Аммо бояд қайд намуд, ки то имрӯз сохтори ягонаи механизми молиявӣ шинохта нашудааст. Аз ин лиҳоз, омӯзишу баррасӣ ва таҳқиқи масъалаҳои роҷеъ ба сохтори механизми молиявӣ аз ҷониби донишмандон имконият медиҳад, ки сохтори ягонаи механизми молиявӣ таҳия карда шуда, мавриди амал қарор дода шавад.

Дар асоси таҳлилҳои ҳамаҷониба, хулоса намуда, сохтори механизми молиявиро чунин тавсиф намудан мумкин аст: *Сохтори механизми молиявӣ маҷмӯи унсурҳои молиявие мебошад, ки аз шакл, намуд ва усулҳои амалигардонии вазифаҳои сиёсати молиявӣ дар сатҳи молияи умумидавлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ иборат аст.*

Дар асоси ҷадвали 1 доир ба амалӣ намудани унсурҳои таркибии сохтори механизми молиявӣ аз ҷониби олимону муҳақиқон ақидаҳои гуногун пешниҳод карда шудааст.

Олими рус Ковалева В.В. пешниҳод намудааст, ки сохтори механизми молиявӣ аз унсурҳои зерин иборат мебошад: 1) Низоми идоракунӣ: сохтори ташкилии идоракунии молиявӣ; кормандони ҳайати идоракунии молиявӣ; олотҳои молиявӣ; таъмини иттилоотии молиявӣ ва воситаҳои техникии идоракунии молиявӣ. 2) Объекти идоракунӣ: муносибатҳои молиявӣ; захираҳои молиявӣ ва сарчашмаҳои захираҳои молиявӣ. Ӯ дар назар дорад, ки сохтори механизми молиявӣ аз унсурҳои низоми идоракунанда ва объектҳои идорашаванда иборат мебошад.

Олимони тоҷик Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ. ва Содиқов Р.Ҳ. пешниҳод намудаанд, ки сохтори механизми молиявӣ аз унсурҳои танзимкунии молиявӣ, ҳавасмандгардонӣ, фишангҳои молиявӣ, таъминоти меъёрӣ ва иттилоотӣ иборат мебошад. Онҳо дар назар доранд, ки танзимкунии молиявӣ фаъолияти давлатро оиди истифодаи ҳамаи паҳлӯҳои муносибатҳои молиявӣ, бо мақсади ислоҳ намудани ҳаҷми такрористеҳсол ва фишангҳои молиявӣ бошад, усулҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо молия ба иқтисодиёти давлат ва пеш аз ҳама ба қисми поёнии он молияи корхонаҳо таъсир мерасонад.

Ҳамчунин, онҳо қайд намудаанд, ки ба унсурҳои механизми молиявӣ инҳо дохил мешавад: шаклҳои захираҳои молиявӣ ва усулҳои ташкили онҳо, маҷмӯи қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқие, ки ҳангоми муайян намудани даромадҳо ва хароҷотҳои давлат, ташкили низоми буҷетӣ, молияи корхонаҳо ва бозори қоғазҳои қиматнок истифода мешавад.

Аз ҷониби онҳо пешниҳод гардидааст, ки вобаста ба дараҷаи танзими муносибатҳои молиявӣ аз ҷониби давлат механизми молиявӣ ба ду намуд ҷудо мешавад: директивӣ (дастурӣ, фармонӣ) ва танзимшаванда. [7, с.133].

Механизми молиявӣ тавассути мақомоти махсуси барои идоракунии молия ташкилкардашуда истифода бурда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин мақомот ҳокимияти қонунгузор: Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, мақомоти ҳокимияти иҷроия: Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва ғайра дохил мешаванд [7, с.134].

Сохтори механизми молиявиро тибқи унсурҳои пешниҳоднамудани олимони тоҷик Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ. ва Содиқов Р.Ҳ. метавон дар чунин шакл тасвир кард:




Расми 1. – **Сохтори механизми молиявӣ**

Дар сохтори пешниҳоднамудаи онҳо танзимкунии молиявӣ фаъолияти давлатро оиди истифодаи ҳамаи паҳлӯҳои муносибатҳои молиявӣ, бо мақсади ислоҳ намудани ҳаҷми такрористеҳсол ифода менамояд. Фишангҳои молиявӣ ҳамчун усулҳои таъсиррасони молия ба иқтисодияти кишвар баҳри бешрафти он мебошад.

Дар воқеъ, ҳавасмандкунии молиявӣ яке аз унсурҳои муҳими механизми молиявӣ ба ҳисоб рафта, имконияти баландбардории завқи кормандон ва иҷрои саривақтии масъулиятҳоро таъмин менамояд. Бо пешниҳоди ҳавасмандиҳо дар шаклҳои молию пулӣ ва додани рухсатҳои барқарорсозии саломатӣ ва ғайра, метавон самараи истеҳсолот ва иҷрои кору хизматҳоро баланд бардошт.

Дар сохтори онҳо таъмини меъёрӣ ва ҳуқуқии механизми молиявӣ низ мавқеи муҳим дорад. Қайд карда шудааст, ки таъминоти меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои меърию ҳуқуқии зеринро фаро мегирауд:

1) қонунҳо (Кодекси андоз, Кодекси гумрук, Қонун дар бораи буҷети давлатӣ ва ғ.);
2) фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (оиди андозбандӣ);
3) қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4) фармонҳо ва мактубҳои вазоратҳо ва идораҳо;
5) оинномаи шахсони ҳуқуқӣ.

Сохтори механизми молиявиро тибқи унсурҳои пешниҳоднамудани олимони хориҷӣ Барулин С.В. ва Кузулгуртова А.Ш. метавон дар чунин шакл тасвир кард:




Расми 2. – **Сохтори механизми молиявӣ мутобиқи тадқиқотҳои Барулин С.В.** [2].

Аз сохтори пешниҳодшуда, маълум мегардад, ки механизми молиявӣ тавассути ба банақшагирии молиявӣ, танзими молиявӣ ва назорати молиявӣ амалӣ карда мешавад. Банақшагирии молиявӣ тамоми чараёни таҳия ва тасдиқи нақшаҳои имконпазири истифодаи воситаҳои пулиро фаро гирифта, ба воситаи танзим ва назорати молиявӣ истифодаи самараноки онҳо таъмин карда мешавад.

Аз ҷониби аксарияти олимону муҳақиқон сохтор ва унсурҳои механизми молиявии пешниднамудаи олимони рус Балабанов И.Т. ва Николаева Т.П. қобили қабул гардида, дар корҳои илмӣ ва таҳқиқотии онҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки онро метавон дар чунин сохтор тасвир кард:




Расми 3. – Сохтори механизми молиявии корхона мутобиқи пешниҳоди Балабанов И.Т. ва Николаева Т.П.[1]

Сохтори пешниҳоднамудани Балабанов И.Т. ва Николаева Т.П. дар сатҳи корхонаву ташкилотҳо ба назар гирифта шудааст. Мо ба пешниҳоди онҳо мувофиқ ҳастем, зеро механизми молиявиро бо ҷудо намудани усулҳои молиявӣ, фишангҳои молиявӣ, таъминоти ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва иттилоотӣ таҳлил намудаанд. Дар асоси таҳлилҳои ҳамаҷониба, пешниҳод менамоем, ки унсурҳои мазкур дар пешниҳоди нав имконияти дар сатҳи молияи давлатӣ низ истифодабариро доранд:

Вобаста ба сохтори пешниҳодгардида, яке аз унсурҳои таркибии механизми молиявӣ ин усулҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Усулҳои молиявӣ ин роҳу востаҳои таъсиррасонии мутақобилаи муносибатҳои молиявӣ ба чараёнҳои хоҷагидорӣ, ҷиҳати ташкил ва истифодаи фондҳои пулӣ мебошад, ки дар шаклҳои гуногун дар сатҳи молияи давлатӣ ва молияи корхонаҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ташкил ва идоракунии механизми молиявӣ усулҳои молиявии зерин истифода мешавад: банақшагирии молиявӣ, пешгӯии молиявӣ, танзимкуннии молиявӣ, назорати молиявӣ, таҳлили молиявӣ, ҳисоббаробаркунии молиявӣ, ҳавасмандгардонии молиявӣ, андозбандӣ, нархгузорӣ, буҷетикунонӣ, амонатгузорӣ, молиякунонӣ, қарздиҳӣ, сармоягузорӣ, суғуртакунӣ, хурдашавӣ ва ғ.




Расми 4. – **Сохтори механизми молиявӣ**

*Таҳияи муаллиф.*

Усулҳои молиявӣ бевосита тавассути олот (инструмент) ва фишангҳои молиявӣ амалӣ карда мешаванд. Дар амалигардонии усулҳои молиявӣ чунин олот ва фишанги молиявӣ ҳамчун объекти механизми молиявӣ мавриди истифода қарор мегиранд: фоида, даромад, хароҷот, левериҷ, лизинг, андоз, нарх, дивидент, молия, пул, қарз, сармоя, истеҳлок, фоиз, суғурта, ҷарима ва ғ.

Танзимкунии молиявӣ фаъолияти давлатро оиди истифодаи ҳамаи паҳлӯҳои муносибатҳои молиявӣ, бо мақсади ислоҳ намудани ҳаҷми такрористеҳсол ифода менамояд.

Дар иқтисодиёт зери истилоҳи олотҳои молиявӣ мафҳумҳои иқтисодӣ-молиявӣ, ки дар натиҷаи фаъолиятҳои гуногун ба вуҷуд омада, хусусиятҳои моддӣ доранд, фаҳмида мешаванд. Дар муносибатҳои молиявӣ ҳамчун олоти молиявӣ пул, қоғази қимматнок (саҳмия, облигатсия, вексел, уҳдадориҳои хазинавӣ ва ғ.), ҳуҷҷатҳои молиявӣ (ҳуҷҷатҳое, ки муомилоти пули анҷом дода мешаванд - чек, супоришномаи пулгузаронӣ, дархост), шартномаҳои пулӣ (суғуртавӣ, сармоягузорӣ, фючерӣ, форвардӣ, свопӣ, опсионҳои молиявӣ), шартномаҳои қарзӣ (дебиторӣ, кредиторӣ), сертификатҳои пулӣ истифода мегаранд.

Олотҳои молиявиро ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: аввалиндараҷа (первичные) (қоғази қимматнок: саҳмия, облигатсия, вексел, уҳдадориҳои хазинавӣ, чек, сертификатҳои пулӣ ва ғ.), дуюминдараҷа (вторичные) ва истеҳсолӣ (производные) (хеҷированӣ, шартномаҳои форвардӣ, фючерӣ, своп, опсион, операции РЕПО ва ғ.).

Дар иқтисодиёт зери истилоҳи фишангҳои молиявӣ мафҳумҳои иқтисодӣ-молиявӣ, ки дар натиҷаи фаъолиятҳои гуногун ба вуҷуд омада, хусусиятҳои ғайримоддӣ доранд ва эҷод гардидаанд, фаҳмида мешаванд.

Дар амалигардонии усулҳои молиявӣ чунин фишангҳои молиявӣ - фоида, даромад, хароҷот, левериҷ, андоз, буҷет, нарх, дивидент, молия, қарз, сармоя, истеҳлок, фоиз, суғурта, таваррум, ҷарима, иҷора, дисконт, лизинг ва ғайра истифода мегарданд.

Фишангҳои молиявӣ усулҳоеро дар бар мегиранд, ки тавассути онҳо давлат ва корхонаҳо ба иқтисодиёт таъсир расонида, рушди ин ё он соҳа ва ё фаъолиятро таъмин менамоянд. Амалисозии имкониятҳои дурусти усулҳои банақшагирӣ, пешгӯӣ, танзимкунӣ, назоратӣ, молиякунонӣ ва ғайра дар фаъолиятҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ самараи натиҷаҳоро баланд мегардонад.

Ҳамчунин, яке аз унсурҳои таркибии механизми молиявӣ ин таъминоти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир тамоми фаъолиятҳои иқтисоди молиявӣ тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ба танзим даровarда мешаванд. Ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ қонунҳо, фармонҳо, дастурҳо, қарорҳо, низомномаҳо, ойиномаҳо, супоришҳо, аснодҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ мансуб мебошанд.

Барои таъмини ҳуқуқии механизми молиявӣ дар сатҳи давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд:

- қонунҳо (Кодекси андоз, Кодекси гумрук, Қонун дар бораи буҷети давлатӣ ва ғайра);
- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (оиди андозбандӣ);
- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармонҳо ва мактубҳои вазоратҳо ва идораҳо;
- ойинномаи шахсони ҳуқуқӣ ва ғ.

Механизми молиявӣ тавассути мақомоти махсуси барои идоракунии молия ташкилкардашуда истифода бурда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин мақомот ҳокимияти қонунгузор: Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, мақомоти ҳокимияти иҷроия: Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва ғайра дохил мешаванд.

Механизми молиявӣ он гоҳ сиёсати молиявиро амалӣ сохта метавонад, ки агар аз таъминоти меъёрӣ баҳрабардорӣ намуда бошад. Меъёрҳои молиявӣ бо ёрии дастуруламалҳо, меъёрҳо, нишондодҳои методию дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ба истифодабарӣ пешниҳод мегарданд. Яке аз қисмҳои асосии механизми молиявӣ таъминоти иттилоотии сиёсати молиявӣ мебошад, ки иттилооти зеринро дар бар мегирад: иттилооти иқтисодӣ, оморӣ, молиявӣ ва ғайра. Иттилооте, ки барои тартиб додану муайян намудани сиёсати молиявии соҳибкорӣ заруранд, ба дохилиистеҳсолию беруна ҷудо мешаванд. Менеҷери молиявӣ агар як қисми иттилооти дохилиистеҳсолиро аз шуъбаи маркетингу менеҷерӣ гирад, қисми дигари иттилоотро, ки беруна аст, дар асоси омӯзишу таҳлил ба даст меорад. Иттилооти воқеии дастрасгардида асоси қабули қарори дурусти молиявӣ мебошад. [8, с.26].

Ҳамин тавр, мукаммалгардонии сохтори механизми молиявӣ дар шароити бозор омили пешбаранда ва баландбардории самаранокии нақшаҳои сиёсати молиявӣ дар сохтори идоракунии молияи давлатӣ ва корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Вақти он расидааст, ки усулҳои идоракунӣ ва фишангу олотҳои молиявии амалигардонандаи онҳо мувофиқ ба иқтисодиёти рақамӣ таҳия ва ба роҳ монда шаванд.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт талабот ба усулҳои нави идоракунии молиявӣ, ки аз инкишофи сохтори механизми молиявӣ вобастагии калон дорад, меафзояд.

**Адабиёт**

1. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента. – М.: финансы и статистика 2004.
2. Барулин С.В. Финансы М.: КНОРУС, 2009. – 640 с.
3. Валодин А.А. Управление финансами. Финансы предприятий: учебник/А.А. Володин, Н.Ф. Самсонов, А.А. Тилов; под ред. А.А. Володина. – С. – изд. -М.: Инфра-М., 2014. – 364с.
4. Ковалев В.В. Финансы организаций (предприятий). Учебник. -М.: проспект, 2014. –2014с.
5. Николаева Т.П. Финансы предприятий. Учебно-методический комплекс. -М.: Издательский центр ЕАОИ, 2014. – 311с.
6. Подъяблонская Л.М. Финансы. Учебник под ред. Л.М. Подъяблонской.-М.: Юнити, 2011. – 407с.
7. Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ. ва Содиқов Р.Ҳ. Молия ва қарз. – Душанбе: «Ирфон», 2010, – 340 с.
8. Оймаҳмадов Г.Н. Молия. – Душанбе: Нодир, 2005. – 304с.


# НАҚШИ ВОРИДОТИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Ҳамидова Гулноз Абдуқудусовна устоди калони кафедраи молияи ДБССТ**


Дар давоми солҳои охир нақши сармоягузориҳои хориҷӣ нисбатан боло рафта, дар умум, сармоягузориҳои хусусӣ торафт нақши муҳимро дар иқтисодиёти кишвар иҷро менамоянд. Чунин афзоиш дар худ нуқсонҳо дорад. Тавре қаблан иброз доштем, нақши сармоягузориҳои давлатӣ хусусияти маҳдудшуда доранд ва сармоягузориҳои хусусии дохилӣ бошанд, дар иқтисодиёт нақши намоёнро иҷро наменамоянд. Бо вуҷуди ин, рушди устувор дар тӯли солҳои зиёд мувофиқи мақсад будани чунин модели рушдро гувоҳӣ медиҳад, махсусан дар марҳилаи ташаккулёбии иқтисоди бозорӣ дар кишвар. Афзоиши сармоягузориҳои хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати иқтисодии миллиеро дунболагирӣ менамояд, ки афзоиши сармоягузориҳои хориҷиро таҳрик намуда, бар ин асос рушди тавлидро дар бахши воқеӣ ва аз ҷумла соҳаи саноат таъмин менамояд [8, с 56].

**Диаграмма №1**

**Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007-2021**




Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007 - 2021 асосан ба соҳаҳои энергетика – 598,3 млн. доллари амрикоӣ, алоқа - 527,9 млн. доллари амрикоӣ, сохтмон – 396,6 млн. доллари амрикоӣ, хизматрасонии молиявӣ – 476,8 млн. доллари амрикоӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок – 1657,2 млн. доллари амрикоӣ, саноат – 747,8 млн. доллари амрикоӣ, савдо – 55,3 млн. доллари амрикоӣ, саноати хӯрока – 12,4 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони роҳҳо – 14,3 млн. доллари амрикоӣ, тандурустӣ – 5,1 млн. доллари амрикоӣ, кишоварзӣ – 106,1 млн. доллари амрикоӣ, сайёҳӣ – 39,4 млн. доллари амрикоӣ, маориф – 47,3 млн. доллари амрикоӣ, нақлиёт –

7,6 млн. доллари амрикоӣ, саноати сохтмонӣ – 16,2 млн. доллари амрикоӣ ва дигар соҳаҳо – 132,2 млн. доллари амрикоӣ равона шудааст.

Дигар намуди сармоягузориҳо асосан ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ – 3079,5 млн. доллари амрикоӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок – 65,5 млн. доллари амрикоӣ, сохтмон – 268,1 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони роҳҳо – 305 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони мактабҳои миёна –17,6 млн. доллари амрикоӣ, тандурустӣ – 8,7 млн. доллари амрикоӣ, алоқа – 238,3 млн. доллари амрикоӣ, обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ – 90,1 млн. доллари амрикоӣ, кишоварзӣ – 56,6 млн. доллари амрикоӣ, маориф – 12,9 млн. доллари амрикоӣ, дар самти идоракунии давлатӣ – 18,2 млн. доллари амрикоӣ, энергетика – 566,7 млн. доллари амрикоӣ, саноат – 621,4 млн. доллари амрикоӣ, савдо – 6,9 млн. доллари амрикоӣ, нақлиёти ҳавоӣ – 65,4 млн. доллари амрикоӣ, соҳаи нақлиёт – 2,7 млн. доллари амрикоӣ ва дигар соҳаҳо (таҷҳизоти технологӣ) – 736,3 млн. доллари амрикоӣ равона гаштаанд [11].

**Диаграмма №2**

**Воридоти дигар намуди сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007-2021**




Дар солҳои 2007-2021 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 65 давлати ҷаҳон сармояи хориҷӣ ворид намудаанд, ки бештар онҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой – 3 млд. 252 млн. доллари амрикоӣ ё 29,5% (алоқа, сохтмон хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, монтажи таҷҳизоти технологӣ, саноат, сохтмон ва дигар намуди хизматрасониҳо), Федератсияи Россия- 1 млд. 647,9 млн. доллари амрикоӣ ё 15,0% (сохтмон, алоқа, омӯзиши геологӣ, хизматрасонии молиявӣ, тандурустӣ, саноат сохтмон, савдо энергетика, туризм ва дигар намуди хизматрасонӣ), Иёлоти Мутаҳидаи Амрико – 712,8 млн. доллари амрикоӣ ё 6,5% (алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат), Британия Кабир – 714,6 млн. доллари амрикоӣ ё 6,5% (омӯзиши геологӣистихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, истихроҷи ангишт, саноат ва савдо), Қазоқистон 585,7 млн. доллари амрикоӣ ё 5,3% (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, савдо), Филиппин – 581,7 млн. доллари амрикоӣ ё 5,3% (кишоварзӣ, сохтмони роҳ, хизматрасонӣ, монтажи таҷҳизоти технологӣ, хизматрасонии молиявӣ, идоракунии давлатӣ, тандурустӣ,маориф), Люксембург – 461,8 млн. доллари амрикоӣ ё 4,2% (хизматрасонии молиявӣ), Эрон – 314,4 млн. доллари амрикоӣ ё 2,9% (саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, савдо), Озарбойҷон – 242,0 млн. доллари амрикоӣ ё 2,3% (хизматрасонии молиявӣ), Австрия – 254,8 млн. доллари амрикоӣ ё 2,3% (хизматрасонии молиявӣ, монтажи таҷҳизоти технологӣ), Кипр – 237,8 млн. доллари амрикоӣ ё 2,2% (сохтмон, туризм, савдо), Арабистони Саудӣ - 288 млн. доллари амрикоӣ ё 2,6% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо), Аморати Мутаҳидаи Араб - 204,5 млн. доллари амрикоӣ ё 1,9%

(хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, савдо), Туркия – 221,7 млн. доллари амрикоӣ ё 2% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо), Олмон – 197,2 млн. доллари амрикоӣ ё 1,8% (хизматрасонии молиявӣ), Швейтсария – 204,5 млн. доллари амрикоӣ ё 1,9% (хизматрасонии молиявӣ), Фаронса – 125,8 млн. доллари амрикоӣ ё 1,1% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо) ва дигар давлатҳо – 765,2 млн. доллари амрикоӣ ё 6,9% мебошанд [11].

**Диаграмма №3**




**Диаграмма №4**

**Воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2007-2021 (млн. доллари амрикоӣ)**




Дар солҳои 2008 – 2021 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 7 млрд 384,8 млн. доллари амрикоӣ ё 68%, Вилояти Суғд – 2 млрд. 406,4 млн. доллари амрикоӣ ё 21%, Вилояти Хатлон – 876,1 млн. доллари амрикоӣ ё 8,3%, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 103,7 млн. доллари амрикоӣ ё 1% ва ба ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад – 231,5 млн. доллари амрикоӣ ё 2,2% равона гардидааст[3, с 28]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ сармоягузорӣ нобаробар тақсим гардидаанд. Мақоми аввалро дар ҷалби сармоягузорӣ ш. Душанбе ишғол менамояд, ки дар марҳилаи таҳлилшаванда ба он 7384,8 млн. доллари ИМА маблағ ворид гардидааст. Душанбе аз нигоҳи сармоягузорӣ диққатҷалбкунанда мебошад ва инфрасохтори иқтисодӣ барои ҷалби сармоягузорӣ рушдкардаи ш.

Душанбе имконият медиҳад, ки маблағҳои зиёдтар ба иқтисодиёти шаҳр ворид карда шаванд. Ба вилояти Суғд 2406,4 млн. доллари ИМА сармоягузорӣ карда шудааст. Сармоягузорӣ ба вилояти Хатлон 876,4 млн. доллари ИМА, НТҶ, 231,5 млн. доллари ИМА-ро ва ташкил медиҳанд.

Сармоягузорӣ дар давраи солҳои 2007 - 2021 ба ВМКБ 103,7 млн.доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки нисбати дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ камтар мебошад. ВМКБ дорои захираҳои зиёди табиӣ буда, дар сурати беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва ташкил намудани заминаи моддии ҷалби сармоягузорӣ, ташкили инфрасохтори иқтисодӣ барои ҷалби сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


1. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе. М 1994-46с.
2. Бердиев Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (На материалах Республики Таджикистан): Автореф. дис. док. экон. наук.-Бишкек: КРСУ, 2012. - 42 с.
3. Инвестиции: учебное пособие / Под ред. В.В. Ковалева. — М.: Проспект, 2008. –32с.
4. Инвестиции: Учеб. пособие /Под ред. М.В. Чиненова. – М.: КноРус, 2011. – 368 с.
5. Инвестиции: учебное пособие / Под ред. В.В. Ковалева. — М.: Проспект, 2008. – 360 с.
6. Индекс восприятия коррупции 2017 года [Электронный ресурс]. URL: http://gtmarket.ru/ratings/corruption-perceptions-index/info. (12. 04. 2019).
7. Иванова Л.С., Кондратьева В.И. Методика принятия инвестиционных решений. - Владивосток. Издво «Дальне-восток», 2012. - 48 с.
8. Игонина Л.Л. Инвестиции: Учеб. пособие / Л.Л. Игонина; Под ред. В.А. Слепова. — М.: Юристъ, 2012. — 480 с.
9. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости процентов и денег.// Антология экономической классики./ Кейнс Дж.М. – Т.2.М: Эксо. 2007. – 960 с.
10. Маркс К. Капитал./ К. Маркс – М.: Издательство политическая литература, 1975. – Т. 2. 752 с.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 2016, № 357 қабул гардидааст (ҚҶТ аз 3.08.2018 № 1547).


## ТАМОЮЛИ АФЗОИШИ ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР СОЛҲОИ 2019-2023

**БЕКОВ ФИРДАВС ШОМАҲМАДОВИЧ**

Даромадҳои буҷетӣ – маблағҳои пулии шакли бeподош ва бебозгашт, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ихтиёри мақомоти ҳокимият ва идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идораи фондҳои мақсадноки давлатӣ воридшаванда мебошад.

Даромадҳои буҷет вобаста ба андозсупорандагон, объекти андозбандӣ, усулҳои ҷамъоварӣ ва муҳлати пардохти андозҳо ва ғайра фарқ мекунад. Яке аз мақсадҳои асосии даромадҳои буҷет таъмини қисми даромади буҷетҳои сатҳи гуногуни низоми буҷетии мамлакат ба шумор меравад. Буҷети давлатӣ ва буҷетҳои сатҳи гуногуни низоми буҷетии мамлакат аз ҳисоби сарчашмаҳои мухталифи даромад ташкил карда мешаванд. Тақсимкунии сарчашмаҳои алоҳидаи даромадҳо байни буҷетҳои сатҳи гуногун тавассути танзими андозӣ суръат мегирад. Якчанд усули танзими даромадҳои буҷетҳоро фарқ кардан мумкин аст:

-вобаста кардани намудҳои гуногуни даромадҳо ва андозҳо ба буҷетҳои сатҳи гуногун (даромадҳои вобасташуда);

-муқаррар намудани меъёрҳои ҷудокунии даромадҳо ва андозҳо аз буҷетҳои сатҳи болоӣ ба буҷетҳои сатҳи поёнӣ (даромадҳои танзимшаванда);

-тақсими андозҳо ва даромадҳо байни буҷетҳои сатҳи гуногун дар шакли интиқоли маблағҳо, ба монанди кӯмаки молиявии бeподош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия) (даромадҳои танзимшаванда).

Даромадҳои вобасташуда даромадҳое мебошанд, ки дар асоси қонунгузории амалкунанда ба таври доимӣ пурра ё қисман ба буҷетҳои муайян вобаста карда мешаванд. Танзими даромадҳои буҷетҳои сатҳи гуногун бо мақсади таъмини тавозуннокии буҷетҳо

гузаронида мешавад. Барои иҷрои ин мақсад даромадҳои танзимшаванда аз ҳисоби андозҳо ва даромадҳои буҷетҳои сатҳи болоӣ ба буҷетҳои сатҳи поёнӣ равона карда мешаванд.

Андозҳо ва даромадҳои аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ҷудошаванда даромадҳои танзимшаванда номида мешаванд. Ҳаҷми даромадҳои танзимшаванда барои ҳар сол ҳангоми тасдиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда мешавад.

Даромадҳои буҷет метавонад хусусияти андозӣ ва ғайриандозӣ дошта бошад. Ба ибораи дигар, сарчашмаи асосии ташкили буҷетро даромадҳои андозӣ ва гайриандозӣ ташкил менамояд. Сарчашмаи асосии даромадҳои андозӣ арзиши аз нав ташкилшуда, яъне даромади миллӣ ва даромадҳое, ки дар натиҷаи тақимоти аввалини даромади миллӣ пайдо шудаанд (фоида, музди меҳнат, арзиши иловашуда, фоизи қарзӣ, рента, дивиденд ва ғайра), ба шумор меравад. Даромадҳои ғайриандозии буҷет ё дар натиҷаи фаъолияти иқтисодии давлат ва ё аз ҳисоби аз нав тақсимкунии даромадҳои қаблан гирифташуда, вобаста ба сатҳи низоми буҷетӣ, ташкил карда мешавад.

Даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда шудааст.

Мутобиқи моддаи 10-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз даромадҳои андозӣ, ғайриандозӣ, инчунин аз воридоти маблағҳои беподош иборат мебошанд. Ба даромадҳои андозӣ инҳо дохил мешаванд[7]:

-андозҳои умумидавлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, ки феҳристу меъёри онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андоз, гумрук ва боҷи давлатӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд. Таносуби тақсими андозҳо дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ муқаррар карда мешавад;

-боҷҳои давлатие, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид мегарданд.

Даромадҳои ғайриандозии буҷети ҷумҳуриявӣ аз инҳо иборат аст:

-даромадҳо аз хизматрасониҳои пулакии мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, инчунин ташкилоти буҷетии тобеи мақомоти мазкур, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд;

-фоидаи Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин корхонаҳои давлатӣ тибқи меъёрҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

-даромад аз фурӯши захираву пасандозҳои давлатӣ, фоиз аз депозитҳо ва сармоягузории давлатӣ, дивидендҳо аз дороиҳои молиявӣ;

-иҷорапулӣ барои истифодабарии молу мулки ҷумҳуриявӣ;

-воридоти маблағи бо тартиби ҷазои ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба фоидаи давлат ситонидашаванда;

-воридоти маблағҳо аз дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, аз ҷумла, ҷарима, пеняҳо ва фоизҳо барои риоя накардани уҳдадориҳои шартномавӣ, ҷуброни зараре, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ дар натиҷаи вайрон кардани интизоми молиявӣ расонида шудааст.

Буҷети ҷумҳуриявӣ инчунин аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетии зерин ташкил карда мешавад:

-грантҳо ва дигар маблағҳои беподош, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҳукуматҳои давлатҳои дигар ворид мешаванд;

-маблағҳое, ки дар натиҷаи ҳисоббаробаркунии байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ворид мешаванд;

-маблағҳое, ки аз истифода ва фурӯши молу мулк ворид мешаванд, инчунин қарзгирии давлатии дохилӣ ва берунӣ, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ берун аз даромад ҳамчун манбаи маблағгузории касри буҷет истифода мешавад.

Дар моддаи 11-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин ташкил меёбанд:

-андозу пардохтҳои махсуси мақсаднок ва ҳатмӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

-маблағҳои ихтиёран супурдаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

-маблағҳои буҷети давлатӣ;

-даромадҳо аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорие, ки фонди дахлдор ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегардонад;

-даромадҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Барои боз ҳам пурратар намудани таҳқиқотҳои худ таҳлили даромадҳои буҷети ҷумҳуриявиро барои солҳои 2019-2023 дар шакли ҷадвали зерин пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 1. Сохтори даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2019-2023 (ҳазор сомонӣ)

| № | Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, ҳамагӣ | 10786349 | 10338670 | 11638920 | 12964140 | 14702108 |
| 2. | Андоз аз арзиши иловашуда | 5773448 | 5421875 | 6664226 | 7116721 | 7894915 |
| 3. | Аксизҳо | 440920 | 476522 | 604788 | 724000 | 807000 |
| 4. | Андоз аз фурӯш | 23780 | 11308 | 12112 | 12112 | 45685 |
| 5. | Андоз барои захираҳои табиӣ | 232231 | 160735 | 262233 | 292477 | 388134 |
| 6. | Андоз аз фоида | 208026 | 388897 | 399050 | - | - |
| 7. | Андоз аз даромад | 837016 | 801779 | 752793 | 1885778 | 2390999 |
| 8. | Боҷҳои гумрукӣ | 880583 | 466830 | 831000 | 910000 | 1030000 |
| 9. | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 381950 | 270597 | 510652 | - | - |
| 10. | Даромадҳои дигари ғайриандозӣ | 1708395 | 1110127 | 1302066 | 1358052 | 1558375 |
| 11. | Грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ | 300000 | 1230000 | 300000 | 665000 | 587000 |

Сарчашма: Қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлатӣ” барои солҳои 2019-2023

Чи гунае, ки аз ҷадвали боло маълум аст, ҳаҷми даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2019-2023, ба истиснои соли 2020 тамоюли афзоишӣ дорад. Дар соли 2020 бинобар сабаби ба вуҷудоӣ ва паҳншавии пандемияи коронавируси Ковид-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина кам шудани сарчашмаҳои даромади буҷет, ҳаҷми буҷети ҷумҳуриявӣ нисбат ба соли 2019 ба андозаи 447679 ҳазор сомонӣ ва ё 4,15 фоиз кам шуд. Дар соли 2021 бошад, ҳаҷми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ зиёд гардида, он 11638920 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022 ба андозаи 12964140 ҳазор сомонӣ ва ё 11, фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2022 бошад, ҳаҷми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ зиёд гардида, он 12964140 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 ба андозаи 14702108 ҳазор сомонӣ ва ё 13,5, фоиз зиёд мебошад.

Пас андоз аз арзиши иловашуда ҳиссаи бештар ба даромадҳои дигари ғайриандозӣ, боҷҳои гумрукӣ, андоз аз даромад, аксизҳо, грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ, андоз аз фурӯш ва андоз барои захираҳои табиӣ рост меояд.

АДАБИЁТ

1. Алимардонов У. Васоити таълимӣ Молия Душанбе 2014с
2. Буҷет ва низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Буриев М «Эр-граф», Душанбе 2014
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14.05.2016с №1316.

4. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023»
5. Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то давраи соли 2030 аз 1.12.2016 №636;
6. Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то давраи соли 2030.
7. Ҳасанов А.Р. Буҷети давлатӣ: Китоби дарсӣ/А.Р. Ҳасанов, Р. Ҳ. Содиқов.-Душанбе: «ЭР-граф», 2018.–366с.

# ХИЗМАТРАСОНИИ НАВИ БОНКӢ ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

**Нодирова Саодат Раҳмоновна Омӯзгори ДБССТ**

Ташкили дуруст ва ҷорӣ намудани навоварӣ дар системаи бонкии давлатҳо яке аз шартҳои асосии пешрафти иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб рафта, донистани масъалаҳои марбут ба инноватсияи бонкӣ, тартиби пардохтҳои электронӣ, шаклҳои муфиди ҳисоббаробаркунӣ ва масъалаҳои дигари вобаста ба онҳо, ки бевосита ба самаранокии фаъолияти бонкӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ мусоидат мекунанд ва ба роҳ монда мешаванд, аҳамияти муҳим доранд.

Чунин намуди хизматрасониии инноватсионии бонкӣ аввалин маротиба бо идоракунии ҳисоб аз рӯи телефон бонкҳои хориҷӣ ба муштариёни худ - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз охири солҳои 1970 оғоз фаъолияти худро оғоз намуданд. Хизматрасониҳои бонкӣ, ба шахсони воқеӣ пешниҳоди имконияти идоракунӣ бо ҳисоби худро тавассути маркази хизматрасонии телефонӣ (Call-centre) гардид, ки муштариёни ширкат метавонанд иттилооти гуногуни диққатҷалбкунандаро гирифта, ба хизматрасонӣ ё ки маҳсулоти онҳо фармоиш диҳанд.

Марказҳои хизматрасонии телефонӣ дар кори бонкӣ дар ибтидо аз сабаби ҳалли масъалаҳои авторизатсияи кортҳои пардохтӣ, баъдан ҳам ба сифати системаи иттилоотӣ истифода бурда шуданд ва ин имконият дод, ки маълумоти дар бораи хизматрасонӣ аз ҷониби бонк пешниҳодшударо гиранд ва аз қурби мубодилаи асъор хабардор бошанд. Чунин марказҳо дар давлатҳои истифодашаванда аллакай дар зиёда аз садҳо бонк ба таври автоматӣ вуҷуд доранд [1; С.48].

Барои шаҳрвандони Тоҷикистон ин падидаи нав буда, мисоли маъмултарини имконияти телефон - ин робита ба воситаи телефон аз офиси операторҳои мобилӣ мебошад. Дигар хизматрасониҳои иловагиро ба таври автоматӣ ва фосилавӣ низ гирифтан мумкин аст.

Бонкдории мобилӣ воҳиди кории телефончӣ (алоқачӣ) надорад. Дар вай барои робита бо муштарӣ барномаи компютерӣ насб шудааст, ки транзаксияи нутқии ҳамаи ҳолатҳои қаблан пешбинишуда ва ба дархостҳои муштарӣ ҷавобҳоро доро мебошад. Ҷавоби системаҳо ба захираҳои электронии барномаҳои амалиётӣ ё ки системаи маълумотдиҳӣ асос ёфтааст. Барномаи телебонк ба таври автоматӣ ба барномаи баҳисобгирии бонк ба тариқи дархост сурат мегирад.

Тамоюл ба система ва тасвияи дархостҳо аз ҷониби муштарӣ бо ёрии тугмачаи дастгоҳи телефон ва садодиҳии системаи садо иҷро мегардад. Бо телефони муқаррарӣ ё ки мобилӣ, факс ё ин, ки пейҷер истифода бурда, маълумотро аз ҳар кунҷи ҷаҳон дар ҳар вақти шабонарӯзӣ гирифтан мумкин аст. Нодирии маълумотҳо ва ҳақиқӣ будани ИСЭ бо истифодаи PIN-код, ҷадвали калиди сеансии якмаротибагӣ ё ки бо асбоби махсуси генератсияи калидҳо аз рӯи шакли нархгузории (калкулятор) хурд таъмин карда мешаванд [2 ].

Ин намуди хизматрасонӣ тадриҷан дар Тоҷикистон дар солҳои охир шуруъ гардид. Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ баъд аз чанд соли дигар ин намуди хизматрасонӣ нисбат ба хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ бештар истифода бурда мешавад. Истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ ба воситаи интернет ва телефон аз он ҷиҳат дар мадди назар қарор дорад, ки мушкилоти пешинаро чанд баробар осон гардонид.

Масалан барои пардохти пули барқ ё дигар пардохтҳо ба бонк хозир шудан дигар лозим намегардад, зеро ин амалро метавон ба воситаи телефони ҳамроҳи бисёрфукисионалии дорои стандарт анҷом дод. Анҷом додани амалиёти бонкӣ тавассути телефони ҳамроҳ ё мобилӣ, ки ҳоло онро бонкдории мобилӣ мегӯянд, имкон медиҳад, ки дар дохили хона ё дар таксӣ ё дар ва ё дигар ҷойҳои дастнорас аз бонк амалиёти зарурӣ анҷом дода шавад.

Дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон фаъолияти хар як ширкат ба хотири бартарии иҷрои амалиёт ва афзалиятҳои дутарафа нигаронида шудааст. Бартарӣ дар ҳар як бонк ба мақсади беҳбудии он равона карда мешавад. Дар аксари бонкҳои пешрафта хизматрасонии бонкдории мобилӣ иҷрои амалҳои зеринро осон мекунад:

- дар суратҳисоб тавозун ва бақияи маблағро дидан;

- фаъол намудан ё бастани картаи бонкӣ ва ё суратҳисоби бонкӣ;

- интиқоли маблағ байни суратҳисоби картагӣ ва суратҳисоби амонатии худ;

- интиқоли маблағ аз суратҳисоби кортӣ ба суратҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бонки дилхоҳ;

- интиқоли маблағ ба картаҳои пардохтии намудҳои VISA ва қартаҳои пардохти миллӣ.

Маҷмӯан афзалиятҳои хизматрасонии бонкдории мобилиро аз хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ барои осон анҷом додани амалиёти бонкӣ ба таври зерин шарҳ додан зарур аст:

- идоракунии фосилавии суратҳисоб новобаста аз ҷойгиршавии бонк ва мизоҷ;

- сарфи вақти омадурафт ба бонк;

- набудани пардохт барои истифодаи хизматрасонӣ;

- одӣ ва муваффақии истифодаи интерфейси истифодабаранда;

- набудани комиссия ҳангоми пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, ширкатҳои телефонӣ ва таъминкунандагони интернет;

- ба таври фаврӣ ба низоми бонкӣ пайваст шудан;

- бехатарии идоракунии суратҳисоб.

[3]Дар натиҷаи васеъ намудани доираи хизматрасонӣ дар бозори байнибонкии дохилию хориҷӣ бо мурури замон метавон афзалиятҳои хизматрасонии бонкдории мобилиро афзоиш дод. Дар кишварҳои пешрафта ба воситаи ин хизматрасонӣ метавон аз мағоза моли лозимиро харидорӣ харидорӣ намуд, ё барои мисол бо нишон додани суроғаи лозима ба суратҳисоби тарабхона маблағ фиристода, метавон таом фармоиш дод.

Бонкдории мобилӣ яке аз шаклҳои хизматрасонии дар давлатҳои тараққикарда паҳнгашта мебошад. Бонкдории мобилӣ дар ИМА ва Англия бо барномасозии мушаххас пайдо шуда, ҳоло дар дигар давлатҳои рӯ ба тараққӣ паҳн гаштааст. Муштарии бонк метавонад бо пешниҳоди ариза барои пайвастан ба хизматрасонии бонкдории мобилӣ ба шуъбаи бонке, ки дар он ҷо ба ӯ хизматрасонӣ сурат мегирад, муроҷиат намуда, даст ёбад. Дар кишварҳои хориҷӣ пеш аз пайвастан муштариёнро бо қоидаҳои ин намуди хизматрасонӣ ва механизмҳои асосии сурат гирифтани он бо тамоми нозукиҳояш шинос менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба ба ин намуди хизматрасонӣ ҶСК "Агроинвестбонк", ҶДММ ТАҚХ "Авфар", ҶСП ТАҚХ "Самар" ва ҶСП ТАҚХ "Имон-Интернешнл" ру оварда буданд.

---

[3] 2. Банковские электронные услуги. Учебное пособие для вузов. О. С. Рудакова – М.: Банки и биржи, ЮНИТИ.,-1997

Ҷиҳати пайвастшавии муштарӣ барои истифодаи ин намуди хизматрасонӣ ва даромадан ба ин низом рамз (парол) дода мешавад, ки муштарӣ рамзро ҳангоми анҷом додани амалиёти бонкӣ истифода мебарад.

Барои мизоҷони дар хориҷа қарордошта истифодаи хизматрасонии бонкдории мобилӣ дар сурати телефонҳои ҳамроҳ бо хизматрасонии GPRS-роуминг пайваст будан барои истифода имконпазир мегардад. Муштарӣ метавонад аз хориҷи кишвар тавассути телефони ҳамроҳ дар суратҳисоби худ амалиёт анҷом диҳад [4 ;38].

Ҳамин тариқ ин шакли хизматрасонӣ тавассути телефони мобилии ҳамроҳ дар Тоҷикистон як падидаи нав буда, он дар баъзе бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд мавриди истифода қарор гирифтааст ва тоза ба пешниҳоди хизматрасонӣ оғоз кардаанд. Масалан, хизматрасонии СМС-хабарро барои муштариёнашон пешниҳод кардаанд, ки мувофиқи он ба таври фаврӣ ва автоматӣ ҳангоми ворид шудани маблағ ба суратҳисоб ва хориҷ шудани маблағ аз он ба телефони ҳамроҳ ба мизоҷ дар бораи ҳаҷми маблағи воридшуда ва ё хориҷшуда аз суратҳисобаш ва ҳамин тавр, дар бораи бақияи маблағ дар суратҳисобаш паёмак ворид шуда, муштарӣ оҷилан хабардор мешавад.

Ин танҳо қадамҳои аввали ҷорӣ намудани бонкдории мобилӣ ва гузаштан ба вазифаҳои мушкилтари он дар Тоҷикистон аст. Ин имконият медиҳад, ки дар оянда бонкдории мобилӣ дар Тоҷикистон ҳамзамон ба рушди иқтисод ва низоми бонкӣ пеш равад ва тамоми бонкҳо ин намуди хизматрасониро ба мизоҷони худ пешниҳод намоянд.


**АДАБИЁТ**

**1**. Саидхуҷа Махшулов, Бахтиёр Хоҷаев, «Инноватсия дар бонкҳо» (Васоити таълимӣ), *ҶДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»* Душанбе- 2014

2. Банковские электронные услуги. Учебное пособие для вузов. О. С. Рудакова – М.: Банки и биржи, ЮНИТИ.,- 1997

3. Б. Рубинштейн, О.В. Мирошкина. Развитие банковской системы и инновационные банковские продукты (пластиковые карты).– М.: Гелиос АРВ.,- 2002.

4. http://www.rosswift.ru- Интернет сайт Сообщества Всемирных Межбанковских Финансовых Телекоммуникатций (SWIFT).


## ҚАРЗ БАРОИ ХАРИДИ НАҚЛИЁТ ВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ ҚАРЗӢ


**Умарзода Завқиддин Муҳиддин н.и.и. дотсенти ДБССТ**


Дар шароити кунунии иқтисодиёти бозорӣ шаклҳои гуногуни нави қарз аз ҷониби бонкҳо ба аҳолӣ пешкаш карда мешаванд. Яке аз шаклҳои нави онҳо қарз барои автомашина мебошад. Қарз барои автомашина ин пешниҳод намудани қарз таҳти гарави мошин мебошад. Тавассути ин қарз фавран мошин харидорӣ кардан мумин аст, маблағи пардохти қарз дар давоми якчанд сол қисм ба қисм баргардонида мешавад.

Бозори қарздиҳӣ барои харидории автомашина бо суръат рушд ёфта, мавҷудияти барномаҳои гуногун имконияти харидани онро хеле осон гардониданд. Ҷараёни бозори қарздиҳӣ барои автомашина талаботро нисбат ба муштарӣ кам намуда, муҳлати пардохти қарзро зиёд намуда, озод интихоб намудани автосалонро дар ихтиёри муштарӣ вогузошта, додани пули нақдро ба муштариён фароҳам сохтааст.

Бояд қайд намуд, ки имрӯзҳо аз 1/3 ҳиссаи автомашинаҳои харидашуда аз ҳисоби маблағи қарзи гирифташуда мебошад. Имрӯз кормандоне, ки соҳиби ҷойи кори асосӣ мебошанд бештар барои гирифтани қарз имконият ва бартарӣ доранд. Бинобар сабаби музди меҳнати доимо баландшаванда доштани онҳо бонкҳо нисбати онҳо талаботҳои шартномавиро кам намуда, қобилияти пардохтпазирии онҳоро хууб арзёбӣ менамоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки қарзгирандагон барои харидорӣ намудани автомашинаҳои ҳозиразамон ва пурқимат бештар мароқ зоҳир менамоянд. Дар солҳои охир муроҷиаткунандони қарз барои харидорӣ намудани автомашина сол то сол зиёд шуда истодаанд ва ин аз баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолии кишвар шаҳодат медиҳад.

Дар шароити кунунӣ дар бозори қарз барои харидорӣ намудани автомашина маҳсулотҳои нави қарзӣ бо шартҳои мувофиқ пешниҳод шуда истодаанд, ки барои муштариён интихоби васеъи намудҳои қарзро фароҳам овардаанд.

Шартҳои пешниҳод кардани қарз барои автомашина ба таври зерин муқаррар карда мешавад:

- қарз ба қарзгиранда дар асоси шартнома бо риояи принсипҳои муҳлатнокӣ, музднокӣ, таъминнокӣ ва баргардондан бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ пешниҳод карда мешавад.

-қарз ба шахсони воқеӣ, ки дорои даромади мунтаззам ва собиқаи кории на кам аз 6 моҳ дар фаъолияти худ доранд, дода мешавад.

-дар ҳолати надоштани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи даромади мунтаззам, маблағи қарз бо назардошти даромадҳои нақшаи тиҷоратӣ, пешниҳод карда мешавад.

-ба сифати таъминнокии қарзи пешниҳодшаванда, амволи манқул автомашина, тилло ва пасандоз ваамволи ғайриманқул, ҳамчун гарав барасмият дароварда мешавад;

-арзиши амволи гарави пешниҳодшуда вобаста ба намуди он аз ҷониби комиссияи баҳогузории амвол ва ё мутахассисони қарзӣ, инчунин аз тарафи ҶДММ «Тоҷик Кристалл» (агар ба ҳайси гарави иловагӣ ҷавоҳироти тилловорӣ пешниҳод гардида бошад), муайян карда мешавад.

-**х**ароҷотҳо ҷиҳати ба ҳабс (маҳдудият) гузоштани автомобил ва ё аз ҳабс (маҳдудият) озод намудани он, аз тарафи мизоҷ пардохт карда мешавад.

-барои гирифтани қарз, мизоҷ ба Бонк (вобаста ба ҷойи истиқомат) дархост ва бастаи ҳуҷҷатҳоро тибқи тартиботи муқарраршуда пешниҳод менамояд. Корманди қарзӣ вобаста ба дархост ҳуҷҷатҳои қарзиро омӯхта, ҳамзамон ҳолати пардохтпазирии мизоҷро тибқи талаботи муқарраршуда таҳлил менамояд.

-қарзгиранда бо мақсади харидории автомобил дар Бонк суратҳисоби бонкӣ (20216 ё 20218) кушода, дар ҳаҷми на камтар аз 30% аз арзиши автомобили харидоришаванда, маблағи пешпардохтро дар суратҳисоби мазкур ворид менамояд.

-**а**рзиши автомобили харидоришаванда дар асоси санади баҳодиҳӣ муайян карда мешавад.

-**д**ар ҳолати аз ҷониби қарзгиранда барои таъминнокии қарз молу мулки ғайриманқул пешниҳод гардад, дар ин сурат Бонк метавонад пешпардохти қарзро барои харидории автомобил истисно намояд.

-**м**утахассиси қарзӣ дар сурати эътимод ҳосил кардан ба дурустии маълумотҳои пешниҳодгардида ва қобилияти пардохтпазирии қарзгиранда, парвандаи қарзии мизоҷро омода намуда, бо гузориши дахлдор ба Кумитаи қарзӣ пешниҳод менамояд.

-**д**ар сурати қабули қарори мусбии Кумитаи қарзӣ оид ба пешниҳоди қарз, таҳти гарави автомобили харидоришаванда, амалҳои зерин иҷро карда мешавад:

- мутахассиси қарзӣ ба қарзгиранда (харидор) хабар медиҳад, ки аз ҷониби Бонк ба дархости ӯ, ҷиҳати пешниҳоди қарз розигӣ дода шуд;

- фурӯшанда ва қарзгиранда (харидор) уҳдадор мегарданд, ки ба Бозрасии давлатии автомобилӣ (ноҳиявӣ, шаҳрӣ, минтақавӣ) ташриф оварда, ҳуҷҷатҳои автомобилро ба номи қарзгиранда (харидор) барасмият дароранд;

- баъд аз қайди давлатӣ гузаронидани автомобил, қарзгиранда (харидор) нусхаи шиносномаи техникӣ ва дигар нусхаи ҳуҷҷатҳои автомобилро ба Бонк пешниҳод менамояд.

- баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, бо қарзгиранда шартномаи қарзӣ ва шартномаи гарав баста мешавад;

- бонк дар навбати худ ба Бозрасии давлатии автомобилӣ ҷиҳати ба ҳабс (маҳдудият) гузоштани автомобили мазкур, мактуби расмӣ ирсол менамояд (бо иштироки мутахассиси қарзӣ).

- баъди аз ҷониби Бозрасии давлатии автомобилӣ қабул намудани мактуби расмии Бонк, воситаҳои пулӣ барои харидории автомобил ба суратҳисоби бонкии қарзгиранда (харидор) (20216 20218) гузаронида мешавад;

- маблағи дар суратҳисоби қарзгиранда (харидор) (20216 20218) дар ҳузури мутахассиси қарзӣ ба фурӯшанда дода мешавад ва ё ба суратҳисоби фурӯшанда ба таври ғайринақдӣ (агар дар Бонк суратҳисоб дошта бошад) дар асоси дархости қарзгиранда гузаронида мешавад.

- бозрасии давлатии автомобилӣ дар асоси шартномаи ҳамкории бо Бонк дошта, markaznavbaқайдгирии автомобилро маҳдудият гузошта, оид ба иҷрои амалиёти мазкур ба Бонк тариқи хаттӣ маълумотнома пешниҳод менамояд.

- дар ҳолати аз тарафи қарзгиранда ба пуррагӣ пардохт намудани маблағи қарз, Бонк ба Бозрасии давлатии автомобилӣ (минтақавӣ) дар шакли хаттӣ, (замимаи №2), ҷиҳати аз ҳабс (маҳдудият) озод намудани автомобили дар ҳабс (маҳдудият) қарородошта, мактуб ирсол менамояд.

-дар сурати ба сифати гарав пешниҳод гардидани молу мулки ғайриманқул тибқи талаботҳои муқarrargардида барасмият даровarda мешавад.

Қарз барои харидорӣ намудани автомашина яке аз намудҳои арзонтарини қарзи бонкӣ маҳсуб мешаванд. Дар навбати худ бонкҳо маблағи нисбатан арзони қарзро ба муштариён пешниҳод намуда, боз шартҳои иловагиро ба миён мегузоранд. Мисол, шарти ҳатмии суғуртакуниро дар ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ ва дигар ҳолатҳо ба миён мегузоранд. Дар навбати худ ширкатҳои суғуртакунӣ маблағи суғуртаро ба андозаи 7- 10 %-и арзиши автомашина барои як сол пешниҳод менамоянд. Агар қарз ба муҳлати 2-3 сол гирифта шавад бояд то ба охир расидани муҳлати пардохти қарз ҳар сол маблағи суғурта пардохт гардад ва маблағи фоизи суғурта аз арзиши аввалаи мошин ситонида мешавад, ҳол он ки баъд аз муҳлати муайян истифода намудани автомашина куҳна ва арзиши он паст мегардад. Шарти асосии суғуртакунии автомашина ин аст, ки то ба охир расидани муҳлати пардохти қарз ва фоизи он, истеҳлоки (фарсудашавии) автомашина ба ҳисоб гирифта намешавад, ҳол он ки нархи автомашина ҳаряксол 10-15 % кам мегардад, бояд фоизи суғурта аз бақияи маблағ ҳисобӣ карда шавад. Ба замми ин ҳангоми ба расмият даровардани суғуртаи “қарзӣ” барои ҳамаи муштариён ва ҳамаи намуди воситаҳои нақлиёт тарифи ягона мавриди истфода қарор дода мешавад. Дар натиҷа маблағи зиёд пардохтшаванда ба ҳисоби миёна 10-15 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Роҳи ягонаи раҳоӣ аз ин хароҷот пеш аз муҳлат пардохтани қарз арзёбӣ мегардад. Ба таври истисноӣ ширкатҳои суғуртавӣ пардохти имтиёзноки маблағро бо дермонӣ иҷозат медиҳанд.

Новобаста аз гарон афтодани арзиши қарз ва полиси суғурта соҳиби автомашина дар ҳолати ба садама дучор шудан пурра маблағи қарз ва фоизи онро ба бонк пардохт менамояд. Дар ҳолати суғуртаи муқаррарӣ ҳангоми дар ҳолати мастӣ ба садама дучор шудан, гум кардани ҳуҷҷатҳо ва рабудани автомашина, инчунин пешниҳод накардани ҳамаи калидҳои автомашина, маблағи суғурта пардохт карда намешавад. Дар ҳолати ҷуброн кардан маблағи суғурта на ба соҳиби автомашина, балки ба ташкилоти қарзӣ-бонк баргардонида мешавад.

То ба охир расидани муҳлати қарз ва баргардонидани маблағи қарз ва фоизи он автомашина ҳамчун моликияти бонк ба шумор меравад. Бояд соҳибмулкии автомашина аз лаҳзаи харидорӣ намудан ба муштарӣ дода шавад ва уҳдадории вай дар назди бонк то охири муҳлат ба расмият даровarda шавад. Ҳамин тавр маблағи

суғурта бояд ба дасти соҳиби автомашина дода шавад ва уҳдадории вай то охири баргардонидани қарз дар назди бонк бимонад. Баръакс гирифтани маблағи суғуртавӣ аз ширкати суғурта ба бонк нисбат ба гирифтани маблағ аз соҳиби автомашина сабукиҳои бисёр меорад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар бозори автоқарз қарзи нав барои харидани автомашина ба мисоли экспрес-автоқарз амал мекунад, ки дар санаи ба автосалон муроҷиат кардани муштарӣ автомашина дода мешавад. Дар ин ҳолат аз ҷониби бонк пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои лозимӣ пурра талаб карда намешаванд, зеро муштарӣ барои фаврият маҷбур аст маблағи барзиёдатӣ пардохт намояд. Арзиши ин намуди қарз нисбат ба қарзи муқаррарӣ 7-10% гаронтар мебошад. Инчунин истифодаи барномаи "Қарз бе пардохти ҳиссаи муайяни маблағ" дар вақтҳои охир мавқеи муайянро ишғол намуда истодааст. Ин намуди қарз низ нисбат ба қарзҳои анъанавӣ қиматтар мебошад, зеро ҳаққи хизматрасонии яккарата ва барои кушодани ҳисоби бонкӣ пешакӣ пардохт карда мешавад.

Дар қатори навъҳои гуногуни автоқарзҳои анъанавӣ, ки аз рӯи меъёри фоиз, маблағ ва муҳлати пешниҳоди қарз аз якдигар фарқ мекунанд, нақшаи нави қарз ба монанди Trade-in дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода бурда мешаванд. Ҳангоми истифодаи ин намуди қарз муштарӣ метавонад автомашинаи кӯҳнаи худро ба сифати "пардохти ҳиссаи муайяни аввалаи маблағ" пешниҳод намояд.

Дар вақтҳои охир боз як намуди пешниҳоди қарз барои харидории автомашина "Қарз бо пардохти дермонӣ" ё Buy-Back истифода бурда мешавад, ки пардохти маблағи ҳармоҳаи қарз хеле паст мебошад. Ин намуди қарз асосан дар мамлакатҳои Ғарб ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мавриди истифода қарор дорад. Истифодаи ин намуди барнома имконият медиҳад, ки баъд аз ҳар 2-3 сол муштарӣ бо пардохти 15-50% -и арзиши автомобил онро иваз намояд ва дар давоми муҳлати истифодабарии қарз танҳо як қисми маблағи онро пардохт намояд. Ҳамин тавр маблағи ҳармоҳаи пардохти қарз кам карда мешавад ва мумкин аст қарз барои муҳлати нав таҷдид карда шавад, автомашинаи кӯҳна ба автосалон супорида мешавад ва автомашинаи нав ба даст оварда мешавад. Дар ин ҳолат нархи автомобили кӯҳна бо тарҳи боқимондаи қарз ба автосалон супорида мешавад. Ҳангоми фурӯши автомобил бо истифодаи барномаи Buy-Back дилер ба муштарӣ шарт мегузорад, ки нархи автомобили нав харидоришаванда бояд аз нархи охирони автомобил кам набошад. Истифодабарии ин барнома барои дилер фоидаовар мебошад, зеро муштарӣ ба муҳлати дароз аз барнома вобаста мебошад. Buy-Back - ин намуди нави пешниҳоди қарз мебошад, ки имконияти бо дермонӣ пардохт намудани 55% -и маблағи қарзро то охири муҳлат фароҳам меорад. Барномаи мазкур ба муштарӣ имконият медиҳад, ки дар давоми тамоми муҳлати пардохти қарз, маблағи ҳармоҳаи пардохти қарзро нисбат ба шартҳои анъанавии қарздиҳӣ камтар супорад. Баъд аз ба итмом расидани муҳлати пардохти қарз муштарӣ бояд маблағи боқимондаи онро пурра аз ҳисоби воситаҳои пулии худ пардохт намояд ва ё қарзи нав гирад.

Ба ғайр аз ин муштарӣ метавонад автомобили ба қарз гирифтаашро ба дилер фурӯшад ва маблағи боқимондаи онро ба сифати ҳиссаи пешпардохти маблағи қарзӣ барои харидани автомобили нав истифода намояд.

Кормандони бонк ба ин боваранд, ки дарояндаи наздик автомобилҳои нави тамғаи хориҷӣ тавассути қарз бисёртар фурӯхта мешаванд ва 20-40% -и онҳо аз ҳисоби қарзи бонкӣ харидорӣ карда мешаванд.

Дар хотима пешниҳод менамоем, ки:

- қарз барои харидани автомобил бояд ба муштарӣ бо пули миллӣ пешниҳод карда шавад;
- маблағи пешпардохт паст ё ба сифр баробар карда шавад;
- фоизи пардохти қарз нисбатан кам карда шавад;

- муҳлати пардохти қарз дароз карда шавад;

- барномаҳои нави пешниҳоди қарз ва намудҳои нави маҳсулоти қарзии мамлакатҳои хориҷӣ ба таври васеъ дар низоми қарзии мамлакат ҷорӣ карда шавад;

- автомобилҳои куҳна ба сифати ҳиссаи аввалияи пешпардохти маблағ ҳангоми додани қарз барои харидани намудҳои нави автомобил истифода бурда шаванд.

АДАБИЁТ


1. Байбородина Н. М., Гизазулина И. А. Автокредитование: текущая ситуация и прогнозы развития в условиях пандемии // Банковское дело.
2020. № 7. С. 28–31.
2. Жигас М. Г., Магданов А. М. Тенденции и перспективы развития национального рынка кредитования // Global and Regional Research. 2021. Т. 3, № 1. С. 21–32.
3. Дурнева А. А. Анализ положительных и отрицательных сторон покупки автомобиля в условиях пост пандемии // Социально-гуманитарные науки: современные парадигмы и исследования :
сб. науч. тр. по материалам Междунар. науч.-практич. конф. / под общ. ред. Е. П. Ткачевой.Белгород, 2021. С. 66–68.
4. Кирьянов М. М. Реалии и перспективы автокредитования // Банковское дело. 2019. № 10. С. 72–85.
5. Кулакова Н. Н. О развитии рынка автокредитования и его тенденциях // Калужский экономический вестник. 2020. № 4. С. 8–11.
6. Салихова Р. М., Бурбанаева Л. З. Целевой и потребительский кредит // Проблемы гуманитарных наук и образования в современном мире : сб.
науч. ст. по материалам VII Всерос. науч.практич. конф. / отв. ред. Н. А. Ласынова. Сибай, 2021. С. 194–195.


## ҚАРЗҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ ВА НАҚЛИЁТӢ: АФЗАЛИЯТҲО ВА КАМБУДИҲО

**Умарзода Завқиддин Муҳиддин н.и.и. дотсенти ДБССТ**

Дар шароити кунунӣ яке аз шаклҳои маъмултарини пешниҳоди қарз аз ҷониби бонкҳо ба аҳолӣ ин қарз барои автомашина мебошад. Қарз барои автомашина таҳти гарави худи мошин пешниҳод карда мешавад. Тавассути ин қарз фавран харидорӣ кардани мошин мумкин аст, маблағи пардохти қарз дар давоми якчанд сол қисм ба қисм баргардонида мешавад.

Шартҳои муҳими додани қарз барои харидории автомашина инҳо мебошанд:

- қарз бо мақсадҳои зерин пешниҳод карда мешавад: харидорӣ намудани автомашинаи сабукрав, боркаш ва мусофиркаш;
- меъёри фоизи қарз бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ; мешавад:
- ҳаҷми қарз аз 20 000 то 250 000 сомонӣ пешниҳод карда мешавад;
- фоизи пешпардохт 30% аз арзиши автомашина (дар ҳолати пешниҳоди гарави молу мулки ғайриманқул, пешпардохт истисно карда мешавад);
- муҳлати пешниҳоди қарз то 60 моҳ;
- усули пардохти маблағ ва фоизи қарз ба таври аннуитет (аз оғози моҳи якум то моҳи охирини пардохт маблағи якхела);
- пешниҳоди давраи имтиёзноки пардохти маблағи асосии қарз то як сол;
- ба сифати таъминнокӣ то 150 000 сомонӣ воситаи нақлиёти харидоришаванда ва то 250 000 сомонӣ амволи манқул (тилло, нуқра, пасандоз) ва амволи ғайриманқул (агар маблағи қарз 200 000 сомонӣ бошад, он гоҳ ба маблағи 50 000 сомонӣ иловатан гарав талаб карда мешавад);

Дар шароити имрӯза ташкилотҳои қарзии зерин қарз барои харидории автомашинаро бо шартҳои гуногун ба аҳолӣ ба аҳолӣ пешкаш менамоянд *(ҷадвали 1)*.

**Шартҳои пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзи ба аҳолӣ**

| Номи бонк ва шартҳои пешниҳод | Меъёри фоизи солона, % | | Маблағи қарз | Муҳлати пешниҳоди қарз, моҳ |
|---|---|---|---|---|
| | Бо пули миллӣ | Бо асъори хориҷӣ | | |
| ҶСК “Бонки Эсхата” | 22 | - | То 300 000 | 60 |
| КВД БА ҶТ “Амонатбонк” | 22 | 10 | То 250 000 | 60 |
| ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” | 27 | 16 | То 200 000 | 36 |
| ҶСК “Алиф Бонк” | 23 | 15 | То 300 000 | 60 |
| ҶСП “Спитамен Бонк” | 24 | 14 | То 200 000 | 48 |
| ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” | 20-25 | 13-15 | То 300 000 | 36 |
| ҶСК “Ориёнбонк” | 20 | - | То 500 000 | 60 |
| ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” | 30 | - | То 250 000 | 36 |
| ҶДММ ТАҚХ “МАТИН” | 30 | 22 | То 250 000 | 24 |

Тибқи маълумотҳои мавҷуда ташкилотҳои қарзии зерин қарз барои харидории автомашинаро пешкаш менамоянд: ҶСК “Бонки Эсхата”, КВД БА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”, ҶСП “Спитамен Бонк”, ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”, ҶСК ”Ориёнбонк”, ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл”, ҶДММ ТАҚХ “МАТИН”, ҶСП “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” ва ҶСП Бонки “Арванд”.

Илова бар ташкилотҳои қарзии болозикр маҳсулоти қарзӣ барои харидории автомашина дар бонкҳои ҶСП “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” ва ҶСП Бонки “Арванд” низ мавҷуданд.

Барои гирифтани қарз барои харидани автомашина аз ҷониби бонкҳо дар умум ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:

- ариза барои гирифтани қарз;
- нусхаи шиносномa бо қайди РМА;
- маълумотнома дар бораи даромад;
- расми ¾;
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат (агар дар суроғаи дар шиносномa нишондодашуда истиқомат намояд талаб намудани маълумотнома шарт намебошад);
- нусхаи шиносномаи техникии автомашина;
- нусхаи расиди пардохти андози воситаи нақлиёт бо тасдиқи мухри нозироти андоз;
- нусхаи расиди пардохти маблағҳои қоидавайронкуниҳои автомобил (шаҳри бехатар);
- маълумотнома оид ба надоштани қоидавайронкуниҳои автомобил (шаҳри бехатар);
- маълумотнома, ҷиҳати дар маҳдудият (ҳабс) қарор надоштани автомобили ба гарав пешниҳодшаванда (аз Бозрасии давлатии автомобилӣ);

Чӣ хеле маълум гардид, яке аз шартҳои асосии шартномаи қарзӣ пешпардохти нахустини маблағи қарз мебошад, ки меъёри солонаи пардохти фоизро кам мекунад, аммо ин маблағро то харидорӣ намудани қарз андӯхтан лозим меояд. Теъдоди дигари бонкҳо пешниҳоди қарз барои автомашинаро бе пешпардохти нахустини маблағ бо назардошти нисбатан кам кардани муҳлати баргардонидани қарз ба муштарӣ пешниҳод менамоянд, ки боиси зиёд шудани пардохти маблағи ҳармоҳаи қарз мегардад. Маъмулан маблағи пешпардохти аввалияи қарз аз 20% то 30%-ро ташкил менамояд.

Яке аз намудҳои талаботи дигари шарти шартнома ин хароҷотҳои иловагӣ дар намуди суғуртакунии автомашина, саломатӣ ва сатҳи зиндагии мизоҷ мебошад.

Инчунин ба сифати таъминнокии гарав худи автомашина гузошта мешавад. Бо ин тарз бонк шарти кафолати пурра баргардонидани қарзро таъмин менамояд. Агар аз ҷониби муштарӣ қарз саривақт баргардонида нашавад, бонк метавонад автомашинаро фурӯхта маблағи қарзи додаашро баргардонад.

Масъалаи дигари мубрами ин намуди пешниҳоди қарз ин арзиши қарзе мебошад, ки аз омилҳои зерин вобаста мебошад, ба монанди маркаи мошин, маблағи суғуртакунӣ ва таърихи қарзи муштарӣ.

Бартарият ва камбудиҳои пешниҳоди қарз барои автомашинаро номбар мекунем.

Бартарияти гирифтани маблағи қарз барои автомашина:

- якбора харидани автомашина мебошад, ки аз лаҳзаи соҳибмулкии автомашина шудан, соҳиби ҷойи кор ҳам шуда метавонад.
- дастрасии осон барои гирифтани қарз;
- пеш аз муҳлат баргардонидани маблағи қарз. Агар муштарӣ маблағи зиёдатии пулӣ дошта бошад, метавонад маблағи қарзро пеш аз муҳлат пардохт намояд ва бо ин роҳ аз барзиёд пардохтани фоизи қарз озод мегардад;
- кафолати пурраи мавҷудияти тааъминнокӣ. Бонк автомашинаи навро ба сифати таъминнокии гарав қабул намуда, хавфи барнагаштани қарзро ба сифр баробар мекунад.

Истифодаи қарз барои автомашина барои муштарӣ низ як қатор сабукиҳо ва манфиатҳо фароҳам месозад:

- автомашинаи нав соҳибашро аз як қатор хароҷотҳо озод менамояд: таъмири асосии мошин, ивази равған ва қисмҳои эҳтиётӣ;
- зарурати якчанд сол ҷамъ кардани маблағи пулӣ аз байн меравад ва ба даст овардани даромад аз истфодаи автомашина аз реҷаи кории худи соҳиби мошин вобаста мебошад;
- ҳангоми ҳамарӯза ба даст овардани даромад имконияти пардохт намудани маблағ ва фоизи қарз таъмин мегардад;

Дар баробари бартариятҳо як қатор камбудиҳои гирифтани қарз барои автомашина мавҷуд мебошанд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

- барзиёд пардохтани маблағ нисбат ба нархи ҳақиқии автомашина дар сурати ба муҳлати дурудароз гирифтани қарз;
- маҳдудиятҳо барои истифодабарии автомашина, яъне бинобар сабаби ҳамчун таъминнокии гарави бонк будан, фурӯхтан ва расман ба номи дигар кас гузаронидан қатъиян манъ мебошад;
- вобастагӣ аз пардохти ҳармоҳа. Бояд ба нақша гирифт, ки ҳар моҳ аз ҳисоби буҷаи оила маблағ ва фоизи қарз баргардонида шавад;
- эҳтимолияти хавфи маҳрум шудан аз автомашина. Бонк ҳуқуқ дорад, ки дар ҳолати се моҳ пардохт накардани маблағ ва фоизи қарз автомашинаро аз соҳибаш бозпас гирад.

Тибқи яке аз шартҳои шартнома маблағ ва фоизи қарз ба таври аннуитет пардохт мегардад. Дар ин сурат агар нархи воситаи нақлиёти харидоришаванда 250 000 сомонӣ ва меъёри фоизи солона 22% бошад, пас маблағи умумии қарз бо фоизаш 414 283,80 сомониро ташкилмедиҳад, ки пардохти моҳонаи қарз 6 904,73 сомонӣ ва маҷмуи маблағи фоизи аз ҷониби бонк ситонидашаванда дар муддати 60 моҳ ба маблағи 164 283,80 сомонӣ баробар мегардад.

Бояд қайд намуд, ки қарзи истеъмолӣ ин алтернативаи қарз барои харидории автомашина мебошад. Ҳангоми гирифтани ин намуди қарз ҳамаи маблағ ба мизоҷ якбора ба таври нақдӣ дода мешавад ва ин барои интихоб ва харидани воситаи нақлиёт шароити хуб фароҳам месозад.

Бартарияти гирифтани ин намуди қарз дар он зоҳир мегардад, ки воситаи нақлиёт барои таъминнокии гарав гузошта намешавад. Мизоҷ озодона метавонад воситаи нақлиётро ба фурӯш барорад. Интихоби озод харидорӣ намудани воситаи нақлиёти нав ё дар истифодабуда барои мизоҷ хуб мебошад ва хароҷоти иловагӣ барои суғуртакунӣ аз байн меравад.

Камбудиҳои ин намуди қарз дар баланд будани меъёри фоизи солона, набудани барномаи махсус барои бонус аз ҷониби истеҳсолкунандагони воситаи нақлиёт бо бонк зоҳир мегардад. Хароҷоти ба расмиёт даровардани ҳамаи ҳуҷҷатҳо ба дӯши мизоҷ мебошад.

Ҳамин тавр, қарзи истеъмолӣ ҳангоми харидорӣ намудани воситаи нақлиёти дар истифодабуда нисбатан арзон мебошад. Агар нархи автомашина 150 000 ва меъёри фоизи солона 22% ва муҳлати пешниҳоди қарз 60 моҳро ташкил диҳад, маблағи умумии қарз 248 570,40 сомонӣ ва маблағи ҳармоҳаи пардохти қарз 4 142,84 сомонӣ ва маблағи фоизи аз ҷониби бонк ситонидашаванда 98 570,21 сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҳолати истифода бурдани ин намуди қарз хароҷоти маблағҳои иловагӣ аз қабили суғуртакунӣ аз байн меравад.

Хулоса шартҳои ҳарду намуди қарз аз ҳисоби меъёри фоизи солона ва муҳлати қарз якхела мебошад. Хароҷотҳои иловагии интихоби қарз барои воситаи нақлиёт хароҷоти суғуртакунӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои он ва ба сифати таъминнокии гарав мондани нақлиёт мебошанд. Инчунин барои бонкҳо шарти муҳими қарздиҳӣ бозоргирии нақлиёти нав мебошад ва дар автосалонҳо ёфтани нақлиёти истифодашуда барои мизоҷон мушкилиҳо пеш меорад. Бартарияти қарз барои воситаи нақлиёт имконият медиҳад, ки фавран харидорӣ кардашуда, дар лаҳзаи кутоҳтарин ба расмият дароварда мешавад. Маъмулан меъёри фоизи солонаи он дар бонкҳо нисбат ба қарзи истеъмолӣ пасттар мебошад ва маблағи қарзи пешниҳодшаванда зиёдтар мебошад.

Қарзи истеъмолӣ барои харидорӣ намудани воситаи нақлиёт дар ҳолати надоштани маблағ барои пешпардохт ва набудани хароҷот барои суғуртакунӣ ба мизоҷ хеле муфид мебошад. Маҳдудият барои харидорӣ намудани воситаи нақлиёт дар бозор ва автосалон аз байн меравад ва соҳибмулкии воситаи нақлиёт дар лаҳзаи хариду фурӯш ба амал меояд.

## АДАБИЁТ

1. Байбородина Н. М., Гизазулина И. А. Автокредитование: текущая ситуация и прогнозы развития в условиях пандемии // Банковское дело.
2020. № 7. С. 28–31.

2. Дурнева А. А. Анализ положительных и отрицательных сторон покупки автомобиля в условиях пост пандемии // Социально-гуманитарные науки: современные парадигмы и исследования : сб. науч. тр. по материалам Междунар. науч.-практич. конф. / под общ. ред. Е. П. Ткачевой. Белгород, 2021. С. 66–68.

3.Дворецкая, А. Е. Деньги, кредит, банки: учебник для вузов / А. Е. Дворецкая. — 4-е изд., перераб. и доп. — Москва: Издательство Юрайт, 2024. — 555 с.

4.Деньги, кредит, банки: учебник / под общ. ред. М. С. Марамыгина,. Е. Н. Прокофьевой. – Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2019. – 384 с. ISBN 978-5-7996 388 с.

5.Деньги. Кредит. Банки: Учебник / Н.П. Белотелова, Ж.С. Белотелова. – 6-е изд., перераб. – Москва: «Дашков и Ко» - 2020 – 380 с. 2. Деньги, кредит, банки.112 с.

*6.Деньги, кредит, банки*: *Учебник* для бакалавров / под ред. В.Ю. Катасонова, В.П. Биткова. - М.: Юрайт, 2014. 575 с

7. Жигас М. Г., Магданов А. М. Тенденции и перспективы развития национального рынка кредитования // Global and Regional Research. 2021. Т. 3, № 1. С. 21–32.

8. Кирьянов М. М. Реалии и перспективы автокредитования // Банковское дело. 2019. № 10. С. 72–85.

9. Кулакова Н. Н. О развитии рынка автокредитования и его тенденциях // Калужский экономический вестник. 2020. № 4. С. 8–11.

# НАҚШИ МЕНЕҶМЕНТИ БОНКӢ ДАР ИДОРАКУНИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

ЮСУФЗОДА А.Қ. ОМӮЗГОРИ ДБССТ

Охирҳои асри 20 яъне пош хурдани давлати Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, дар ҳаёти сиёсӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ тағиротҳои назаррасро ба миён овард. Роҳҳои нави тараққиёти иқтисодии хеш муносибатҳои бозориро пеш гирифт. Иқтисоди бозорӣ дар амали хоҷагидорӣ мафҳумҳои нав ба монанди «Менеҷер–бизнес, маркетинг - лизинг» ва ғайраро ворид намуд, ва ҳадафи мо дар ин мавзӯъ низ омӯзишу тадқиқи яке аз ин калимаҳо маҳз ба иқтисоди бозорӣ хос менеҷмент мебошад.

Менеҷмент аз калимаи англисии «management» гирифта маънояш бо забони тоҷикӣ «Мудирият», «Роҳбарият» ва «Идоракунӣ» мебошад. Агар мо ба менеҷмент аз назари таърихи тараққиёти ҷамъияти инсони баҳо диҳем, он гоҳ онро ҳамчун илму амали муҳим ва санъату маҳорати идоракунии хос ба шароити иқтисоди бозори шарҳ додан бо мақсад мувофиқ аст.

Баъзе коршиносон ва олимон менеҷментро барҳақ илми касбӣ мешуморанд, зеро вай воқеан аз дигар илмҳои ҷамъиятӣ бо мафҳум ва категорияҳои ба худ хос принсипу вазифаҳо ва усулҳояш фарқи калон дорад. Солҳои охир дар кишварҳои гуногун тадқиқотҳои зиёде гузаронида шудаанд, ки онҳо илми менеҷментро бештар ғани гардонидаанд ва он натиҷаҳое, ки имӯӯз дар самти идоракунии фаъолияти одамон ба даст оварда шудааст, нишон медиҳанд, ки менеҷмент дар ҳақиқат илми шахшуда набуда дар оянда низ бо назардошти таҷрибаи муфиди хоҷагидорӣ бо ҳам пояҳои назариявиаш қавитар гардида, рушду такомул меёбад.

Ба қатори принсипҳои идоракунӣ инҳоро дохил кардан ба мақсад мувофиқ мебошад:

- Принсипи идоракунии илмӣ. Идоракунии иқтисодиёт бояд талаботи қонунҳои иқтисодӣ, қонунияти умумӣ ва хоси менеҷмент, дастовардҳои нави илмӣ ва таҷрибаи муфиди идоракунии самарабахши хориҷӣ ва миллиро пурра ва ҳамаҷониба ба эътибор гирад ва ба онҳо беш аз пеш такя намояд.
- Принсипи демократии идоракунӣ. Ба раванди иштироки васеъи кормандони зинаҳои поёнӣ дар ҷараёни идоракунӣ заминаи боэътимод мегузаронад.
- Принсипи интизоми идоракунӣ. Ин принсип ба ҳамаи зинаҳои идоракунӣ, хусусан ба идоракунии кормандон бештар аст. Интизоми меҳнат ва иҷрои саривақтии супоришу ӯҳдадориҳо барои ҳар як корманд ва корхонаю соҳибкор шарт ва зарур мебошад.
- Принсипи ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ. Ин принсипҳои муҳимтарини идоракунӣ буда, истифодаи амалии он барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти хоҷагии корхонаҳо таъсири мусбат мерасонад. Хуллас татбиқи амалию якҷояи принсипҳои дар боло зикр шуда ба баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунии иқтисодиёт ва зинаҳои гуногуни он таъсири мусбат мерасонад.

Дар шароитҳои мвҷудияти рақобат дар бозори пул ҳар як бонк қоидаҳои рафтори удро кор карда мебарояд. Вазъияти ҳамеша тағирёбандаи иқтисодӣ саҳеҳкунӣ ва мукамалгардонии усулҳои муайянгаштаи кори бонкиро талаб менамояд. Фаъолияти бонкӣ соҳаи махсуси корчалониест, ки хусусиятҳои тафакур ва ахлоқии коркунони дар он фаъолиятбарандаро муайян мекунад, ки он ҳатман дар таркиби менеҷменти бонкӣ инъикос меёбад.

Менеҷменти бонкӣ – системаи илмии идоракунии кори бонкӣ ва ҳайати коркунони соҳаи бонкӣ мебошад. Вай дар усулҳои илмии идоракуни, ки ба таҷриба бурдани кори бонкӣ саҳеҳ гардидааст, асос ёфтааст. Мазмуни менеҷменти бонкӣ

ифодаи аниқи худро дар кори соҳаи идоракунӣ меёбад. Соҳаи менеҷменти бонкӣ ба ду қисм ҷудо мешавад:

- Менеҷменти молиявӣ;
- Идоракунии ҳайати коркунон;

Менеҷменти молиявӣ – идоракунии ҳаракати воситаҳои пулӣ, ташаккул ва ҷойгиршавии онро мувофиқи мақсад ва вазифаҳои бонкии муайянеро дар бар мегирад. Набудани технологияи ягона дар идоракунии ҷараёнҳои иқтисодӣ ба ташакули қоидаҳои бонкӣ дар ҳудуди системаи ягонаи бонкӣ хусусияти менеҳменти молиявӣ мебошад.

Бонки хуб бонкест, ки дар он мутахасисони лаёқатманд кор мекунанд. Менеҷменти бонкӣ ба масъалаҳои барои коркунони бонк муҳим оиди идоракунии молиявӣ аҳамияти калон додашудааст, аз ҷумла идоракунии сармояи бонкӣ захираҳои вай, идоракунии умумии активу пассивҳо дар системаи менеҷменти молиявӣ таҳлили ҳисоботҳои молиявии бонкӣ аз нуқтаи назари бозоргирӣ, даромаднокӣ ҷои муҳимро ишғол менамояд. Идоракунии мененеҷменти бонки дар ҷадвал чунин оварда шудааст:[4]




Расми1. Рафти менеҷменти бонки.

Мақсад ва вазифаи менеҷменти бонкӣ таҳлил мушкилот ва масъалаҳо, коркарди усулҳои самаранокии бонк мебошад. Ҳамчун истеъмолгарони хадамоти молиявии бонкҳо мо бояд оиди усулҳо, миқдори сифат ва арзиши хизматҳои пешниҳодшаванда маълумот дошта бошем. Инчунин кори мазкур барои фаҳмидани таъсири фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ба ҷараёни амалкуни ва самаранокии иқтисодиёти давлат кӯмак мерасонад. Ҳангоми паст гардидани фаъолияти бонкҳо аз

[4] О.И. Лаврушина. Банковское дело, уч. М. изд. «Финансы и статистика», 2009г- 576стр.

рӯи пешниҳоди қарзҳо ба вуҷуд меоям, хавфи пастшавии сатҳи зиндагии шуғл ва қобилияти корчалонӣ ба миён меояд, то он вақте, ки дигар корхонаҳои молиявӣ касри ба вуҷуд омадаро пура намегардонад, надорад ва ё қарзҳои навро пешниҳод кардан намехоҳад. Чунин ҳолат ба ҳар як фард ва ҳар як муасисаи иқтисод, таъсир мерасонад. Дар муҳити бесарусомонии бозорӣ амал карда, бонки тиҷоратӣ доимо дар фаъолияти худ ба ҳамагуна хавфҳо–амалиётӣ, фоизӣ, қарзӣ, асъорӣ ва ғайраҳо дучор мегардад. Вазифаи муҳими менеҷменти бонкӣ баҳодиҳии хавф ва идоракунӣ мебошад. Менеҷменти бонкӣ системаи илмии идоракунии кори бонк ва коркунони он мебошад, ки дар соҳаи бонкӣ машғуланд. Вай аз усулҳои илмии идоракунӣ, ки дар амалияи бурдани кори бонки аниқ гардидааст асос меёбад.

Менеҷменти бонкӣ бо самаранокии ташкил ва идоракунии бонк дар шароитҳои мунтазам тағйирёбанда тавсиф мешавад. Таркиби менеҷменти бонкӣ чунинанд:

- Банақшагирӣ;
- Таҳлил;
- Танзимнамоӣ;
- Назорат;

Сиёсати бонкӣ ба шумораи нақшаҳои стратегии бонки тиҷоратӣ дохил мешавад. Вай мақсадҳои дарозмуддати роҳҳои инкишофи бонк ва маҷмӯи чораҳои амалӣ гардонидани онҳоро муайян мекунад. Мақсадҳо нуқтаи назари ибтидоиро барои инкишофи бонк муайян мекунад. Ҳамчун корхонаи тиҷоратӣ бонк бояд ба чунин фаъолият такя намояд, ки бо вай фоида орад. Андозаи фоида бошад аз ҳаҷм ва сохтори активҳо ва пассивҳо, ҳаҷми даромад ва хароҷотҳо самаранокии фаъолияти бонк вобаста аст.[5]

Эътимодияти бонк ин тавсифоти чуқури сифатноки фаъолияти вай мебошад, ки дар давоми тамоми давраҳои амалкунии вай пайдо мешавад. Меъёрҳои эътимодияти бонк инҳоянд: ҳаҷми кофигии сармояи худӣ, сифати активҳо, бозоргирӣ, даромаднокӣ, сифати идоракунии бонкӣ.

Дар баробари мақсадҳои иқтисодии тараққиёт сиёсати бонкӣ инчунин ҷои бонки муайянро дар ҳалли масъалаҳои умумии хоҷагӣ муайян мекунад. Фаъолона дар ҷараёнҳои иқтисодӣ иштирок карда бонк метавонад ҳаматарафа вусъат ёбад, ки ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолот ва муомилоти маҳсули ба вуҷуд оварда ва ҳамкори дар мустаҳкамкунии устувории арзи пулиро дар назар дорад.

Мақсадҳои сиёсати бонкӣ бояд ба қонеъгардонии манфиатҳои аъзоёни колективӣ, ки мақсадҳои иқтисодиро дар фаъолияти бонк татбиқ мегардонанд, равона шуда бошанд. Дар байни чунин мақсадҳо хусусияти қонеъгардонии талаботҳои моддӣ пешравии мартабаи шахсии кормандон, қонеъ гардонии талаботҳои фардӣ мавҷуданд. Ҳамаи мақсадҳои дар боло қайд кардашуда барои ҳар як бонк хос аст. Аммо муҳим аст, ки ҳамаи онҳо тамоман бо якдигар мувофиқ оянд.

Сиёсати бонкӣ ин чунин системаи чораҳои амалигардонии масъалаҳои стратегии бонкро дар худ ҷой додаст. Ин қисми сиёсати бонкӣ (тактикаи бонкӣ) имконияти ташкили қоидаҳои ягонаи рафтори коркунони бонкро ҳангоми иҷроши ӯҳдадориҳои худ пеш меорад. Сиёсати бонкӣ инҳоро дар бар мегирад:

✓ **Муайян кардани -** сохтори ташкилёбии бонк, ки масъалаҳои (қарздиҳӣ, ҳисобҳо, маблағгузориҳо, амалиётҳо аз рӯи амонатҳо ва ғ) идоракуниро (банақшагирӣ, таҳлил назорат) ҳал менамояд. Дар ҳуҷҷатҳо бояд номгӯи ҳамон шӯъбаҳои бонк бо қайд кардани вазифаҳои онҳо сабт гардида бошад;[6]

---

[5] Сомонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон WWW.nbt.tj

[6] Обидов Ф.С., Худойназаров Д.А. Пул, қарз, бонк, васоити таълимӣ Вазорати маориф, соли 2017. 146-саҳ.

✓Тайёр кардани - коркардҳои дастурамалӣ ва усулҳое, ки технологияи амали гардонидани амалиётҳои бонкӣ ва гузаронидани кори амалиётро танзим мекунад;

✓Ташаккулдиҳии таркиби - қабули қарорҳо аз ҷумла аз руи амалиётҳои қарзӣ, ки ба пасткунии сатҳи хавф имкон медиҳад;

✓Коркарди талаботҳо - бо ҳуҷҷатҳое, ки мизоҷон ба бонк пешниҳод мекунад ва ҳуҷҷатҳои бонкӣ;

✓Коркарди қоидаҳои - амалӣ гардонидани назорати пешакӣ ва минбаъдаи ҷараёни пешниҳоди хадамоти бонкӣ;

✓Коркарди системаи - пардохти меҳнат ва принсипҳои мукофотдиҳии пулӣ;

✓Баҳодиҳӣ - ба сифати меҳнати кормандони дар доираи мухталифи фаъолияти бонкӣ;

**Адабиёт**

1. Е. Т. Жарковская. Банковское дело, учебник, М. изд. «Омега-Л», 2004г- 459стр.
2. О.И. Лаврушина. Банковское дело, уч. М. изд. «Финансы и статистика», 2009г- 576стр.
3. Банки и банковское дело. Под.ред. И.Р. Балабанова г. Санкт-Петербург изд. «СПБ Питер» - 2001г. – 304стр.
4. Обидов Ф.С., Худойназаров Д.А. Пул, қарз, бонк, васоити таълимӣ Вазорати маориф, соли 2017. 146-саҳ.
5. Сомонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

## ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ВА ТАКМИЛДИҲИИ ОНҲО

**Юсуфзода А.Қ., омӯзгори ДБССТ**

Дар шароити муосири устувории ташкилоти қарзӣ ва рақобатпазирии он, пеш аз ҳама на ба омилҳои нарх, ва хусусиятҳои сифатӣ, балкӣ ба сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ аҳмияти ҷидди медиҳанд. Сифати хуби хизматрасониҳои бонкӣ ба рақобатпазирии бонк таъсир расонда, устувории даромад ва фоида бонкро таъмин мосозад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ барои беҳтаршавӣ сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон ҳамчун рушди босуръат дида мешавад ва ба устувории афзоиши даромади бонк таъсир мерасонад. Аз ин рӯ ҷиҳати устувор нигоҳ доштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ яке аз омилҳои пешрафти ташкилотҳои қарзи дар кишвар мебошад.

Ба назари мо барои баланд шудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ бояд мизоҷ ва корманди бонк хуб бошад. Аз ин рӯ, муайян кардани чораҳои афзалиятнок ва ислоҳи зарурӣ таъсирҳо, инчунин фаъолиятҳои иловагӣ барои беҳтар кардани сифат хизматрасонӣ дар бонк омили муҳимтарин барои муваффақияти он мебошад мавҷудият дар бозор.

Дар сарчашмаҳои илмӣ олимони соҳаи иқтисод мафҳуми хизматрасониҳои бонкиро гуногун таъриф додаанд. Ба ақидаи иқтисодшинос О.И. Лаврушин “хизматрасоиҳои бонкӣ ин якчанд амалиётҳои бонкиро дар назар дошат мешавад,ки ниёзҳои мушахаси муштариёни бонкро амали созанд ва ба онҳо сари вақт хизмати бо сисифат расонанд» [1].

Ҳамзамон олими дигар Ю.В. Головин бар чунин назар аст,ки «хизматрасониҳои бонкӣ ин маҷмӯи амалиётҳои бонкиро дар як сатҳи муайян ва дар асоси чораҳои инситутсионалӣ фаҳмида мешавад »[2].

Иқтисоддонҳо Е. В. Герасимова, А. Н. Иванов ва А. В. Рождов чунин самтҳои асосии гуруҳбандии хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод кардаанд[3]. Онҳо хизматрасониҳои бонкиро ба ду гуруҳ ҷудо намудаанд:

Ба гуруҳи якум дохил мешавад:

1. Хизматрасониҳои мустақим - қонеъ кардани ниёзҳои мавҷудаи (ошкорои) муштариён. Онҳо дар бар мегиранд пардохтҳо, хизматрасониҳои бонкии тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва ғайра;
2. Хизматрасониҳои ғайримустақим ё вобаста ба он қонеъ кардани ниёзҳои ниҳоӣ . Ин хидматҳо хидматрасонии клиринг, идоракунии ҳисоби телефон,хизматрасониҳои машваратӣ, барориши пластикӣкортҳо аз рӯи ҳисоби пасандозӣ, фарогирии шабакаи бонкӣ ва ғайра;
3. Хизматрасониҳои иловагӣ –дар бар мегирад маблағгузорӣ ба бақияи ҳисоби ҷорӣпасандозҳои шабона - якшаба; хадамоти бонкӣ ҳангоми ташкили амалиёт таҳти кафолат; хизматрасонии шарикӣ( боварӣ) ва ғайра.
Ба гуруҳи дуюм дохил мешавад:
1. Хизматрасониҳои оммавии бонкӣ. Онҳо доираи васеи имконпазири муштариёнро фаро мегиранд. Ин асткушодани суратҳисоб, идоракунии пулҳои нақдӣ, хизматрасонии клиринг, интиқоли маблағ, пешниҳоди қарз ва ғайраҳо.
2. Хадамоти махсуси бонкӣ - Дар доираи ин гурӯҳ фарогирии махсуси мизоҷонро дар назар дорад, зеро хизматрасонӣ сатҳи махсуси омодагии кормандони бонкро талаб мекунад. Ба ин хадамот идоракунии дороиҳо,хадамоти сармоягузорӣ, идоракунии хавфҳо,хадамоти ҷамъоварӣ, хидматҳои скорингӣ ва ғайра;

Хизматрасонии махсуси бонкӣ фарогирии баландихтисос муштариёнро тақозо дорад, чункӣ касбияти бонк ва таҷрибаи баланди соҳибтахасусии кормандони бонк ба сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Аз ҳамин нуқтаи назар мо метавонем таъкид кунем, ки хизматрасониҳои бонкӣ ин қадар гуногунанд ва маҳакҳои тафриқаи онҳо то андозае гуногун мебошанд. Зарурати таснифоти онҳо, ки метавонанд ба асос гирифта шаванд хосиятҳои хоси тамоми синфи хизматрасонӣ, инчунин хусусиятҳои хоси танҳо хизматрасониҳои бонкӣ. Номгӯи хизматрасониҳои асосии бонкҳо тақрибан якхела аст, аз ин рӯ, барои ҷалби муштариён аҳамияти калон дорад.

Ҳамчун таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад,ки дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ва адабӣ Дар кишварҳои пешрафта, сарчашмаҳо тақрибан 300 намуди хизматрасониҳои бонкиро пешкаш мекунанд,ки ин нишондиҳанда да системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар пешниҳод шудааст. Дар асоси сарчашмаҳои илмӣ мо таснифи зерини хизматрасониҳои бонкӣро пешниҳод карда метавонем .

**ҶАДВАЛИ 1: ГУРУҲБАНДИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ**

| **Аз рӯи меъёрҳои гурӯҳбандӣ хизматрасониҳои бонкӣ** | **Намуди хизматрасониҳои бонкӣ** |
|---|---|
| Мувофиқаткунии фаъолияти бонкӣ | -хизматрасониҳои асосӣ<br>- хизматрасониҳои иловагӣ |
| Вобаста ба қабул хизматрасониҳо | -хизматрасои ба шахсони ҳуқуқӣ<br>-ба шахсони воқеӣ |
| Мувофиқи талаботҳои муштариён | -мустақим<br>- ғайримустақим |

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, хизматрасониҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ амонатҳо (хидматҳо оид ба ҷалби воситаҳо хизматрасонӣ ба мизоҷон). Ба назари мо, намудҳои иловагии хизматрасониҳои бонкӣ дохил мешаванд хизматрасониҳое, ки бонк пешниҳод карда наметавонад. Яъне: гирифтани он аз ҷониби бонк замонат ва кафолатҳо; хадамоти эътимод (хидмати боварӣ); хадамоти факторинг; хизматрасонии лизинг; хадамоти нигаҳдории бонк; иттилоотӣ - хадамоти истинодӣ.

Хизматрасонӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, доираи онҳо метавонад гуногун бошад дар баъзе бонкҳо якхела бошад, танҳо онҳо метавонанд гуногун бошанд . Хизматрасониҳои асосӣ ба шахсони воқеӣ хидматҳо мебошанд оид ба қарздиҳӣ ва кушодани суратҳисобҳои амонатӣ ва ҳисоббаробаркунӣ. Дар робита ба гуфтаҳои

боло, мо хизматрасониҳои мустақим ва ғайримустақимро таҳлил мекунем. Хизматрасониҳои мустақим, ки хоҳишҳои фаврии мизоҷро қонеъ мекунанд (пардохт, хизматрасониҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ). Бештар кор кардан пешниҳоди қулайи хадамоти мустақим бидуни фармоишгари иловагӣ фоида (идоракунии ҳисобҳои телефонӣ (бонки хона), машварат) хизматрасонӣ ва ғайра).

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ имрӯз маҳз сифати хизматрасони ба муштариён аст, ки муваффақияти рақобатро муайян мекунад. [2,3,5]. Мо боварӣ дорем, ки беҳтарин технологияи иттилоотӣ дар бонк ва сармояи калонтарин пас аз он, ки бонк ба таври хуб хидмат намекунад, маънои кам дорад. [4].

Ҳамин тавр, бо назардошти нуқтаҳои гуногун, мо боварӣ дорем, ки ба сифати хизматрасониҳои бонкӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- ✓ Маъруфияти бонк ва суботи бонкӣ;
- ✓ маблағи сармоявии бонк;
- ✓ Мавҷудияти иҷозатномаи умумӣ ба бонк;
- ✓ Мизоҷи устувор;
- ✓ системаи ҳисоббаробаркунӣ ва доираи хизматрасониҳои бонкӣ;
- ✓ мавҷудияти шабакаи филиалҳо ва дурнамои густариши он;
- ✓ ташфиқу тағриби бонк ва самаранокии онҳо;
- ✓ тахассуси кормандон, менеҷменти босалоҳият ва таҷрибаи онҳо дар идоракунии корпеpативии бонк;

Ба гуфтаи муҳаққиқони амрикой, меъёри муҳимтарин барои муайян кардани сифати хизматрасонии бонкӣ мизоҷ тахассуси онҳо зарур аст. [5].

Дар шароити муосир, ҳангоми тавсифи хизматрасониҳои бонкӣ бояд ба омилҳои таъсиркунадаи он аҳамияти ҷиддӣ дод.

**Ҷадвали 2 :Омилҳои ба хизматрасониҳои бонкӣ таъсрикунанда.**

| **Омилҳои дохилии бонк** | **Омилҳои берунии бонк** |
|---|---|
| Ташкилӣ ва иқтисодии мавқеъи бонк (андозаи бонк, сатҳи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои он, сохтори сармояи технологӣ таҷҳизоти бонкӣ | Иқтисодӣ<br>- сиёсати пулию қарзӣ кишвар;<br>- рақобатнокии бонк;<br>- ихтисосманди кормандони бонк ва мизоҷи бонк |
| Сиёсати маркетинги бонк | Иҷтимоӣ (вазъи иҷтимоӣ) шаҳрвандон) |
| Навъҳои хизматрасониҳои бонкӣ ва сиёсати нархгузории бонк | Технологӣ (иттилоотӣ) технология) |
| Идоракунии бонк (кормандон) бонк ва тахассуси он | Омилҳои сиёсӣ<br>- сиёсати давлатӣ дар бораи муносибат бо бонкҳо;<br>- соҳаи ҳуқуқ |
| Пешгӯиҳои стратегӣ ва тактикӣ метавонад | марзҳои ҷуғрофӣ (минтақавӣ) бозоре, ки дар он ин бонк, дурнамои тавсеъа |

Ҷорисозии хизматрасониҳои нави бонкӣ бо зиёд шудани хавфҳои бонкӣ ҳамроҳ мешавад, ки такмил додани сифати идоракунии дороиҳоро талаб мекунад. Ба ақидаи мо, илова ба ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нави бонкӣ, зарур аст беҳтар кардани сифати хидматҳои мавҷуда.

Бояд қайд кард, ки усули дигари умедбахши мусоидат ба бонкдорӣ дар ҷумҳурӣ ташкили нуқтаҳои хизматрасонии мобилии нақдӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ БМТ ҳамчун воситаи рушди инфрасохтори хизматрасонии бонкӣ дар ноҳияҳо. Ҳамин тариқ васеъ намудани доираи хизматрасониҳои бонкӣ ва баланд

бардоштани сифат хизматрасонӣ ба мизоҷон барои баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо имконият фароҳам меорад.

Хулас агар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд дар хизматрасониҳо худ намудҳои нави хизматрасониҳоро ҷорсозанду сатҳу сифати хизматрасоиро беҳтар созанд, онгоҳ метавон гуфт,ки суботи бонкӣ таъмин карда шавад. Аз ин нуқтари назар бояд хизматрасониҳои бонкиро ба таври илмӣ гуруҳбанди кард ва механизми беҳтарсозии онро таҳқиқ кард.

Ба ақидаи мо, бояд барои баромадан аз ин мушкилотҳо ҳалли масъалаҳои тавассути таҳияи барномаҳо оид ба баланд бардоштани сифат хизматрасониҳои бонкӣ ба аҳолӣ таъмин карад шавад.

**Адабиёт**


6. Обидов Ф.С., Худойназаров Д.А. Пул, қарз, бонк, васоити таълимӣ Вазорати маориф, соли 2017. 146-саҳ.
7. Сомонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj
3. Банковский менеджмент: учебник/под ред. О. И. Лаврушина. М.: КНОРУС. 2009. 560 с.
4. Герасимова Е. Б. Феноменология анализа финансовой устойчивости кредитной организа-ции. М.: Финансы и статистика. 2006. 392 с.
5. Иванов А. Н. Банковские услуги: зарубежный и российский опыт. М.: Финансы и статистика. 2002. 173с.


# МЕХАНИЗМ ФОРМИРОВАНИЯ ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


**Исломова З. С. доцент кафедры финансового менеджмента и налогообложение**


В условиях открытости экономики вопросы механизма формирования доходов населения, их места в системе экономических отношений являются актуальными, а их значимость, с теоретической и практической точек зрения возрастает, так как доходы населения - это важнейший показатель в рыночной экономики, позволяющий оценить возможности населения.

Экономические преобразования и связанные с этим социальные процессы непосредственным образом отразились на уровне жизни каждой таджикской семьи и каждого таджика. Это проявилось, прежде всего, в радикальном преобразовании всего механизма формирования доходов населения, их структуры и стратификации. В связи с этим появились новые виды доходов от владения собственностью или финансовыми активами, в том числе ценными бумагами [19, с. 57]. Значительно возросла роль предпринимательской деятельности и личного подсобного хозяйства (ЛПХ) в структуре доходах населения

При этом переход к рыночной экономике меняет традиционный взгляд на приоритетную роль государства в создании прочной основы для стабильного роста уровня жизни населения. По сравнению с дореформенным периодом коренным образом меняется политика доходов государства, представляющая собой систему регулирования распределения вновь созданного продукта, национального дохода на цели личного потребления населения. Если ранее происходил практически прямой тотальный контроль государства над доходами населения, то сегодня наблюдается либерализация движения большей части доходов [20, с. 57].

Роль и значение доходов сектора домашних хозяйств в отечественной экономической системе постоянно возрастает. Так, в общей величине национального дохода страны доля доходов населения претерпела существенные изменения за последние годы. В течение 2003-2015 гг. доля первичных доходов, распределенных в пользу домохозяйств стабильно росла. В результате структура валового национального дохода стала больше напоминать модель, присущую развитым странам с рыночной экономикой, когда примерно две трети первичных доходов

приходятся на долю домашних хозяйств и только одна треть - на долю других секторов.

Плановая распределительная модель факторных доходов в Республики Таджикистан основывалась на принципе «каждому по труду». В рыночной экономике формирование доходов осуществляется в соответствии с теорией факторов производства. Поэтому наличие источников формирования доходов и возможностей воздействия на них требует разработки факторной модели формирования доходов в Республики Таджикистан [4, с. 62].

В настоящее время, почти четверть доходов населения имеет «теневой» характер [12, с. 76]. Это означает, что они скрыты от налогообложения, на них не начисляются взносы во внебюджетные фонды. Люди, занятые в «теневом» секторе, часто имеют статус безработных, состоят на учете в службе занятости, получая пособия по безработице и увеличивая тем самым нагрузку на государственный и местный бюджет.

Следует отметить, что в механизме формирования доходов населения включаются государственные социальные гарантии, социальное страхование и социальная помощь. Особенностью социального страхования заключается в его финансирование из целевых внебюджетных фондов, формируемых из страховых взносов работодателей и работников, социального налога при поддержке государства. Обязательное социальное страхование является особой разновидностью государственных социальных гарантий, обеспечиваемых через целевые внебюджетные фонды. А добровольное социальное страхование обеспечивает дополнительную страховую защиту граждан от социальных рисков на основе коллективной солидарности работников и работодателей [16. с 230-231].

Таким образом, с уверенности можно сказать, что государство проводит широкомасштабное перераспределение и регулирование доходов за счет бюджета и внебюджетных фондов (пенсионного, социального страхования), при этом используя системы социальных гарантий и социальной защиты. Рационально организованная система социальной защиты малоимущих должна действовать - и именно это предусмотрено законодательством - на всех уровнях: государственном и местного самоуправления (городском, районном), низового производственного трудового коллектива [16, с. 278].

Обострение проблем социального страхования в Республики Таджикистан обусловлено противоречием между растущими социальными потребностями населения в переходный период, ограниченными ресурсами и неустойчивостью доходов государственных внебюджетных фондов в условиях экономического кризиса и гражданской войны 1994-х гг. и нестабильных темпов экономического роста вначале XXI в.

Следует отметить, что в механизме формирования доходов населения важную роль играет личное подсобное хозяйство (ЛПХ). Этот социально-экономический феномен превращает население в мощного экономического агента, чье воздействие на экономику проявляется через специфическое поведение на потребительском рынке, на рынке труда и рынке капиталов. Для значительной доли населения личное подсобное хозяйство является фактором, определяющим текущие доходы и потребление [17, с. 159].

Можно сказать, что домашнее производство продуктов питания уменьшило дисбаланс доходов в Республики Таджикистан между городом и селей, создав более благоприятную ситуацию для семей в сельской местности, но практически не ликвидировало бедность. Небольшие семейные участки имеют огромное значение для экономики в целом, поскольку они обеспечивают доступ семьям к продуктам питания и надежность их материального положения. При современных особенностях национальной экономики и связанных с ними экономических рисках домохозяйств возможные заработки «на стороне» сократят затраты времени на работу на семейных участках лишь незначительно. Личные подсобные хозяйства будут оставаться в

Таджикистане реальностью в течение длительного времени.

В экономической литературе и в и практике часто используется термин «механизм» для характеристики различных экономических явлений и процессов: механизм контроля, механизм цен, механизм действия закона стоимости, механизм спроса и предложения, финансовый механизм и т. п. В каждом конкретном случае он имеет определенную смысловую нагрузку и содержание. Так, например экономический механизм представляет собой совокупность организационных структур и конкретных форм хозяйствования, методов управления и правовых норм, с помощью которых общество использует экономические законы с учетом складывающейся исторической специфики [6, с. 1046].

По этому поводу, «Словарь иностранных слов» дает трактовку механизма как внутреннего устройства, системы чего-либо (например, хозяйственный механизм, государственный механизм) или совокупности состояний и процессов, из которых складывается какое-либо явление (например, механизм мышления, механизм контроля) [18, с. 402].

Практически аналогично трактует это понятие «Большой экономический словарь», в котором механизм представлен как система, устройство, определяющее порядок какого-либо вида деятельности [6, с. 623].

Следовательно, по нашему мнению механизм формирования доходов населения, как и любой механизм, функционирующий в экономике, выполняет определенную цель, которая обусловлена экономическими интересами людей. Он состоит из методов и различных инструментов воздействия на доходы населения и выполняет определенные целевые установки. Как отмечает профессор Осипов Ю.М., «механизм - это не только содержание и форма, не только явление как совокупность явлений, но и сущность, а сущность механизма - это цель плюс достижение цели» [14, с. 24]. Естественно, что достижение цели, т. е получение дохода, является конечным результатом функционирования механизма формирования доходов населения, которой определяет ее сущность, проявляясь в социально-экономических отношениях между субъектами по поводу достижения указанной цели.

Следует отметить, что механизм формирования доходов населения основан на теории факторов производства, в соответствии с которой в процессе взаимодействия основных факторов производства создается новая стоимость как источник доходов населения. Распределение вновь созданной стоимости происходит на основе владения факторами производства. Перераспределение доходов осуществляется через государственный бюджет и наконец, завершает процесс формирования доходов населения.

Развитие малого предпринимательства позволит решить многие актуальные для сельских территорий проблемы. В частности, эффективный бизнес повлияет на уровень доходов населения, увеличит количество рабочих мест, снизит уровень безработицы, отток сельского населения в города, что в целом может способствовать сохранению ареалов проживания сельских жителей.

В целом малый бизнес при определенных условиях может быть эффективным и выгодным направлением деятельности. Естественно, что чем более благоприятны для его развития условия в районе, чем более развиты системы поддержки малого бизнеса, в том числе финансовая, тем больше в нем сторонников предпринимательства. [2]

Очевидно, что в качестве «перспективных», те виды деятельности, которые наиболее доходны, не учитывая того факта, что конкуренция в этих направлениях предпринимательства настолько высока, что дальнейшее распространение таких форм малого и среднего предпринимательства маловероятно.

В то же время переработка сельскохозяйственной продукции занимает одно из последних мест в рейтинге предпочтений сельских жителей, несмотря на ее необходимость именно в местах, приближенных к источникам сырья.

Самые главные проблемы - это отсутствие начального капитала, неразвитость инфраструктуры районов, отсутствие кадровых ресурсов, высокие ставки налоговых платежей, недостаточная поддержка местных органов администрации. В этих условиях роль кредитно-денежной, бюджетно-налоговой и социальной политики государства в диверсификации аграрной экономики, усилении государственной поддержки в целях стимулирования создания малых форм хозяйствования на селе весьма велика.

Наличие или отсутствие финансовых ресурсов – фактор, оказывающий едва ли не решающее влияние на развитие малого бизнеса. Для новых его организаций на первый план выходит проблема начального капитала, а для действующих предпринимателей –наиболее важны механизмы привлечения инвестиционных и кредитных ресурсов для пополнения оборотных средств предприятия. Поэтому финансовая проблема для опрошенных оказалась самой сложно разрешимой и является главной среди сдерживающих развитие малого бизнеса.

Решение финансовой проблемы затрудняется недостаточным количеством банковских и кредитных организаций на территории сельскохозяйственных районов. Там же, где число таких организаций в целом достаточно, отмечается традиционная ориентированность банковских программ на сельское хозяйство. На территории ряда районов действуют даже программы микрофинансирования, которые могут потенциально стать решением финансовой проблемы для малого бизнеса. Однако, они предусматривают в основном кредитование сельскохозяйственных предприятий, а новый бизнес, таким образом, оказывается лишенным возможности получения средств. Кроме того, он не имеет ликвидного залога, гарантирующего возвратность кредита.

Между тем развитие бизнеса за счет привлечения ресурсов кредитных организаций - это мировая практика. Очевидно, что при довольно низком уровне доходов населения рост малого предпринимательства за счет собственных средств сельчан невозможен. [3]

Исследования финансовых ресурсов малого предпринимательства в сельскохозяйственных районах подтверждают некоторую без инициативность самих предпринимателей в поиске средств. Скорее всего, они не знают о возможности решения финансовых проблем такими новыми для них способами, как лизинг оборудования, субсидирование процентной ставки по коммерческим кредитам, получение поручительства территориальных единиц и т. п., или не имеют в этом опыта, используют только проверенные и устоявшиеся формы финансовой поддержки, не стремятся предлагать новые, подходящие для всех сторон, готовых участвовать в развитии малого предприятия.

Одним из основных источников финансирования инвестиций в сельском хозяйстве является банковский кредит. Банковский кредит должен стимулировать сельскохозяйственного товаропроизводителя в соответствии, с чем эффективное и высоко окупаемое конкурентное производство должно претендовать на льготные и дополнительные кредиты под регрессивные проценты. Система кредитования должна быть упрощенной и доступной для различных товаропроизводителей. Следовательно, необходимо выдавать кредиты на льготной основе сроком не менее на полтора года, что обеспечивает стимулирование сельскохозяйственного товаропроизводителя. [4]

По мнению Хакназарова А., который в своей статье пишет: «Допущенные в ходе аграрной реформы ошибки и недостаточная активность их проведения, а также непродуманная политика импорта сельскохозяйственной продукции, сырья и продовольствия при переходе к рынку также обострили финансовое положение сельскохозяйственных предприятий» [5]. Так, отсутствие развитой системы сельскохозяйственного кредита, их дороговизна в значительной мере ограничивает использование сельскохозяйственными товаропроиз- водителями преимуществ как краткосрочных, так и долгосрочных кредитных ресурсов.

Особенности сельского хозяйства как одного из секторов экономики приводят к специфическим формам организации финансов, сельскохозяйственных товаропроизводителей. К особенностям финансов сельскохозяйственного производства можно отнести следующие: естественный процесс выращивания животных и растений определяет особенности кругооборота средств сельскохозяйственных товаропроизводителей: его замедленность, постепенное нарастание затрат и т.д. У сельскохозяйственных производителей образуется сезонный разрыв между сроками осуществления затрат и получением доходов, что обуславливает необходимость наличия значительных сумм оборотных средств; само воспроизводство. Значительная часть полученной продукции не реализуется на сторону, а остается в хозяйстве в качестве молодняка, кормов, поэтому она не входит в состав товарной продукции и не принимает денежную форму, главным средством производства является земля, которая не амортизируется и следовательно, не участвует в формировании себестоимости продукции зависимость аграрной сферы производства от природных явлений вызывает необходимость создания на предприятии натуральных и денежных страховых и резервных фондов на случай стихийных бедствий; поскольку производственный цикл в отрасли длится много месяцев, финансовые результаты деятельности определяются только по итогам года.

Создание системы кредитных институтов в Таджикистане, при условиях рыночным отношениям в отличие от мирового опыта осуществлялось не «снизу», а «сверху», став одним из способов государственной поддержки.

Банковские организации крайне неохотно идут на кредитование сельского хозяйства, из-за чего последние вынуждены использовать средства населения, выдавать займы под ставку 20-28%, что для дехканских хозяйств достаточно сложно и дорого.

Таким образом, в современных экономических условиях при объективной потребности аграрного сектора страны в финансовых ресурсах и нежелании банковских структур кредитовать малый агробизнес в качестве эффективного института кредитования мелких и средних сельскохозяйственных товаропроизводителей может выступать ГУП СБ РТ «Амонатбонк». ГУП СБ РТ «Амонатбонк», как наиболее приближенную к сельской местности, создается возможность кредитовать альтернативные формы малого и среднего бизнеса на селе.

Специфика сельскохозяйственного производства в современных условиях предполагает высокий уровень поддержки сельского хозяйства и формирования на этой основе системы государственной поддержки сельскохозяйственных товаропроизводителей с использованием финансово-кредитного механизма. Такая система, как показали исследования, должна иметь многоуровневый характер и включать многоцелевое управление, в т.ч. и финансово-кредитными отношениями. Ведущая роль в такой системе должна принадлежать ГУП СБ РТ «Амонатбонк», который призван контролировать целевое использование и возвратность государственных средств в сельском хозяйстве и способствовать сокращению посредников на кредитном рынке. ГУП СБ РТ «Амонатбонк» должно стать проводником политики государственной поддержки сельскохозяйственных товаропроизводителей.

**Литература**

1. Константинова Е.С. Проблемы обеспечения финансовой устойчивости сельскохозяйственных предприятий, //Финансы и кредит № 13 (253)-2007., 67с.
2. Региональные аспекты развития агропромышленного комплекса в Южном федеральном округе (опыт, проблемы и перспективы реализации национального проекта). Сборник материалов межд. научно-практической конференции. Выпуск первый. - Ростов н./Д: Изд-во СКАГС, 2007.
3. Усенко Людмила Сельскохозяйственной кредитной кооперации внимание и поддержку, //Экономика сельского хозяйства России №9, 2008г., 27-30с.
4. А.А. Ходжахонов Совершенствование кредитование сельского хозяйства Республики Таджикистан//Оренбургский Государственный аграрный Университет 2009, №4 С-145.
5. Хакназаров А. Макроэкономические проблемы улучшения финансово- экономической ситуации в сельском хозяйстве // Вестник ТНУ (научный журнал), Душанбе, Сино, 2007, №6(38), -С. 158

**НАҚШИ СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ**

**Файзов Н.З., Ибодов Н.С. - омӯзгорони кафедраи "фаъолияти бонкӣ" –и ДБССТ**

Мақсади сиёсати роҳбарияти бонк ва кори ҳамаи идораҳои он ҷалб намудани муштариён, васеъ кардани соҳаи хизматрасонӣ, комёбиҳои бозор ва дар навбати охир зиёд намудани даромади гирифта шуда мебошад. Бинобар ин аҳамияти кори маркетинги бонки аз мундариҷа ва мақсадҳое, ки дар зери таъсири рақобати сахти шадид дар бозори молиявӣ ва муносибатҳои ивазшаванда байни бонкҳо ва муштариён ба таври қатъи тағир меёбанд, бармеояд. Ҳар як менеҷери бонкӣ ба шумо мегӯяд,- менависад. Рақобат дар бозори молиявӣ чунон боло рафта истодааст, ки барои тоб овардан, бонкҳо бояд фурӯхтани номгӯи пурраи маҳсулотҳои бонкиро аз худ намоянд.

Агар сухан дар бораи маркетинг равад, он гоҳ барои бонк коркарди маҳсулотҳои нав бо зебосозии (дизайни) хуб ва расонидани хизматҳои мувофиқ ба истеъмолкунанда нисбатан зарур мебошад. Истифодабарии стратегияи маркетингӣ ва маҳорати фурӯш қисми ҷудонашавандаи сохтори ташкилии бонк гаштааст.

Маркетинг - ин натанҳо амали фурӯхташавии маҳсулот мебошад, балки ин стратегия ва фалсафаи бонк аст, ки тайёрии пешакии ҷиддӣ, мулоҳиҷакуни ва ташхис, кори фаъолонаи аксарияти қисмҳои бонкро талаб мекунад. Стратегияи маркетингӣ ба худ руоварии таъхирнопазири бонкро на ба маҳсулоти худ, балки ба талаботҳои ҳақиқии муштариён пешбинӣ мекунад. Бинобар ин, маркетинг омӯзиши ҷиддии бозор ташкили майлу ҳавасҳо ва имтиёзҳои тағйирёбандаи истеъмолкунан-дагони хизматҳои бонкиро дар назар дорад. Фалсафаи маркетинг сифатан муносибати бонк ва муштариёнро тағйир медиҳад, агар аввал бонк ба амонатгузорон ва қарзгирандагон номгӯи якхелаи маҳсулотҳои бонкиро пешниҳод мекарданд пас имрӯз бошад, вай бояд намудҳои нави хизматҳоро тайёр намояд, ки махсусан ба гурӯҳи муштариёни мушахас – фирмаҳои калони корпоративӣ, корхонаҳои хурд, категорияҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ (донишҷуён, оилаҳои навбунёд, нафақахурон) ва ғайраҳо равона карда шудаанд.

Бинобар ин, дар маркази таваҷҷӯҳи бонк бояд талаботҳои ҳақиқии муштариён бошад. Агар ба маҳсули додашуда арзаи ҳақиқӣ набошад, онро набояд таклиф намуд, хусусан ба истеъмолкунанда бо тариқи зури талқин кардан ғайриимкон ҳаст. Тактикаи "фишори зури" (high pressure selling) метавонад самараи муваққатӣ диҳад ва ба афзоиши гардиши активҳои бонк оварад, аммо дар охир бонк бой медиҳад ва муштариёнашро низ аз даст медиҳад. Фаъолияти бонк дар амалиётҳои такроршаванда асос меёбад. Бинобар ин, кушишҳои он бояд барои нигоҳ доштан ва васеъ кардани муштариён, маркази хизматрасонии молиявии одамон дар солҳои наздик зиёд гаштаанд, равона карда шаванд. Маҳз барои ҳамин бонк бояд барои қонеъ гардонидани талаботҳои ҳақиқӣ, талаботҳои сохта, ба мизоҷ додани он чизе, ки ва дар ҳақиқат мехоҳад ва дар назар дорад таъмин карда тавонад. Танҳо, ҳамин тавр метавонад муштариёнро дар шароити рақобати иқтисодӣ нигоҳ дорад.

Яке аз мақсадҳои маркетинги бонкӣ - ҷалб кардани муштариёни нав мебошад, ки пеш аз ин хизматҳои бонкиро истифода намебурданд. Аммо имрӯз дар мамлакатҳои саноатӣ амалиётҳои бонкӣ дар байни аҳолӣ ниҳоят баланд мебошад,: то 80%-и хоҷагиҳои хонагӣ аллакай муштариёни мебошанд, ҳисобҳои ҷорӣ ва амонатӣ, кордҳои кредитӣ ва ғайра доранд. Бинобар ин, бонкҳо дар стратегияи худ ба тақозои намудхои нави хизматҳо аз тарафи муштариёни аллакай дошта, такя менамоянд. Одамоне, ки ба бонк барои иҷроиши як намуди амалиёт муроҷиат менамоянд, ба хиридорони эҳтимолии намудҳои хизматҳои иловагӣ наздик мебошад. Масалан, агар мизоҷ аз бонк чекҳои сафарӣ харад ё асъори хориҷӣ гирад, ба вай бояд хизматрасонӣ

оиди суғурта аз фалокат дар давоми сафари хориҷӣ пешниҳод карда шавад. Ин усули фурӯши дутарафа(cross selling) дар таҷрибаи маркетинги бонкии муосир истифода мешавад.

Ҳамин тавр, маркетинги бонкиро ҳамчун ҷустуҷӯи бозорҳои маҳсулотҳои бонкии нисбатан муфид бо ҳисоби талаботҳои ҳақиқии муштариён муайян кардан мумкин аст. Ин ҷараён тарзӣ аниқи мақсадҳои бонк, ташакули роҳҳо ва усулҳои дастовардҳои онҳова коркарди ҷорабиниҳоро барои амаликунонии нақшаҳо дар назар дорад. Ҳангоми кор карда баромадани маъракаҳои маркетингӣ тарафи дигари масъала-хароҷотҳое, ки бонк дар натиҷаи коркард ва пешрафти маҳсулотҳои нав мекунад, зарур мебошад.

Ба хизматҳои бонкӣ, ҳамаи намудҳои дигари хизматҳо тавсифҳои махсус хос мебошанд, ки бояд ҳамгоми коркарди хосиятҳои маркетинг ба назар гирифта шаванд:
- ҷудонопазир будани хизматҳо аз сарчашма;
- доимо баланд набудани сифати хизматҳо;
- ҳифз намудани хизматҳои бонкӣ;
- хислати шартномавии хизматрасониҳои бонкӣ;
- робитаи хизматрасонии бонкӣ бо маблағҳо;
- давомнокии хизматрасонӣ дар вакт.

Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, дар навбати худ маҳсулоти бонкиро метавон ба се сатҳ тақсим намуд:
- маҳсулоти асосӣ (хизматҳо):
- маҳсулоти ҳақиқӣ:
- маҳсулоти васеъ паҳн карда шуда:

Сатҳи якум - маҳсули асоси ё навъҳои гуногуни қарздиҳии асосӣ, хизматҳо оиди гузаштани сармоя, хизматҳо аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳо, амалиётҳо бо асъор ва ғайра мебошад.

Сатҳи дуюм - маҳсули ҳақиқӣ ё навъҳои гуногуни ҷории ҳизматҳо. Вай доимо тағйир ва инкишоф меёбад, бе даст расондан ба мақсадҳои асосии фаъолияти бонк. Сатҳи дуюм инҳоро дар бар мегирад: ҳизматрасонии брокерӣ, бурдани реэсторҳои саҳмдорон ва дигар амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок маслиҳатҳо оиди андозбандӣ, машваратҳо оиди инвеститсияҳо ва ғайра.

Сатҳи сеюм - маҳсули бонкии васеъ паҳн кардашуда. Хизматҳои ин сатҳ барои барпо кардани муносибатҳо бо муштариён ва ба он расонидани кӯмакҳои ҳаматарафа равона карда шудааст. Ин сатҳ чунин хизматҳоро дар бар мегирад: Хизматрасонии робитаҳои беруни иқтисодӣ, кумак ва ақидаҳои эҷодӣ дар соҳаи молия, мененҷмент, истифодабарии алоқаҳо ва муносибатҳо, фоидаи молиявӣ, робитаҳои дӯсти, инчунин маслиҳатҳои шахсии соҳиби бонк, муоширати ғайри расмӣ.

Фаъолияти маркетингӣ дар якчанд давраҳо гузаронида мешавад:
- давраи ибтидоӣ- ҷамъкунии ахборот;
- ташхиси бозор;
- вазияти ҷории маркетингӣ - таҳқиқ ва пешгӯии бозор;
- ҷамъбасти маркетингӣ - муайян кунии мақсадҳо ва вазифаҳои бонк (ба нақшагирии стратегӣ ва ҳалкунии тактикӣ).

Маркетинги бонкӣ тарзи аз ҳама наздик бо ҳамаи фаъолияти бонк ва идоракунии он, аз ҷумла идораи амалиётҳо ва идораи ҳайати кормандон алоқаманд аст. Дар ҳақиқат кормандони бонк бевосита бо пешрафти хизматҳои бонкӣ дар бозор машғул шуда, кӯшишҳо ва воситаҳои калон ба реклама ва муошироти шахсӣ бо мизоҷони эҳтимолии бонк метавонад сарф намояд, яъне бо мақсади бовар кунонидани онҳо оиди истифодабари аз хизматҳои он, ки дар натиҷа муштарии эҳтимоли ба бонк меояд. Аммо дар натиҷаи муносибати бепарвоёнаи кормандони бонк нисбати онҳо, номувофиқ будани хизматҳои пешниҳодшавандае, ки онҳо дар асоси паёмҳои

рекламавӣ интизор будан, инчунин дигар сабабҳо ба онҳо таасуроти номусоид дар бораи бонк метавонад пайдо шавад ва онҳо аз ҳамкорӣ бо бонк даст мекашад. Бинобар ин чӣ тавре, ки дар адабиётҳои махсус ва баромадҳо дар матбуоти роҳбарони бонкҳои тиҷоратӣ гуногун қайд карда мешавад, фаъолияти ҳамаи кормандони бонк бояд дар асоси консепсияи маркетинги ба роҳ монда шавад.

Чун қоида, бонк дар асоси ташхиси бозори сармоя, ҳаҷми тағйиротҳо дар он, омӯзиши одатҳои истеъмолӣ, ҳисоби хусусиятҳои объектҳои иҷтимоӣ тафаккур дар қаламрав, барномаро оиди ҷалби воситаҳо ва додани кредитҳо ва қарзҳо ташкил медиҳад. Дар натиҷаи истифодаи маркетинг бонк шумораи муштариёнро ва активҳои бонкро зиёд мекунад. Дар аввал бонк танҳо ба моли худ такя менамуд, дар замони муосир бошад, баъди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ  вай бояд ба эҳтиёҷҳо ва талаботҳои муштариён равона гардад. Асоси муносибатҳои рекламавӣ ва чорабиниҳо аз рӯи робитаҳо бо ҷомеаро “public relations” ташкил медиҳад. Public relations”- низоми чорабиниест, ки барои таъмини якдигарфаҳми, некхоҳии тарафайни бонк ва ҷомеа равона шудааст, ки аллакай дар доираи аксарияти идораҳои қарзӣ амали карда мешавад.

**Реклама (таблиғ)** ин воситаи ахборот дар бораи бонк ё хизматҳои аз тарафи бонк пешниҳод шуда, таблиғоти тиҷоратии хислатҳои истеъмолии хизматҳои пешниҳодшуда барои муштариён ва қисматҳои фаъолияти бонкие, ки муштарии фаъол ва эҳтимолиро бо бонк тайёр менамояд, фаҳмида мешавад. Дар таҷрибаи бонкии давлатҳои ҳориҷа мафҳуми маркетинги бонкӣ чун воситаи дар ҳақиқат ба ҳайёт муббадал гардонидани  таваҷҷӯҳи стратегӣ ба истеъмолкунанда мустаҳкам карда шуда маънидод карда мешавад.

**Сегментатсияи бозор -** ин ҷараёни мушкил ва меҳнат талаб мебошад ва он таҷрибаи калон, дониш ва маҳорати калонро  талаб менамояд. Мақсади сегментатсия - на танҳо ҷудо намудани гӯруҳҳои истеъмолкунандагони муайян дар бозорҳои истеъмоли, балки ҷустуҷӯи истеъмолкунандагон ва истифодабарандагони  нав, ки метавонанд талаботҳои гуногуни қатъиро ба намуди хизматҳои бонкии муайян  изҳор намоянд, мебошанд. Сегментатсия - доимӣ мебошад, чунки муҳит дар бозор доимо тағир меёбад, яъне талаботҳо ва хусусияти истеъмолкунандагон инчунин маҷмӯи хизматрасониҳои бонки ҳам иваз мешаванд.

**Адабиёт**


1. Коробов, Ю.И. Банковский маркетинг / Ю.И. Коробов.- Саратов: Издат. центр Сарат. экон. Академии, 1997. – 412 с.
2. Котлер, Ф. Маркетинг: Гостеприимство и туризм / Ф. Котлер, Д. Боуэн, Д. Мейкенз. - М. Юнити, 1998.-336 с.
3. Котлер, Ф. Основы маркетинга /Ф. Котлер.- М: Прогресс,1998. – 876 с.
4. Миловидов В.Д. Современное банковское дело: опыт США. М., 1992.
5. Уткин Э.А. Банковский маркетинг М. Инфра.- 1995 г.
6. Усоскин В.М. Современный коммерческий банк. Управление и операции. М.,1994.
7. Лаврушин, О.И. Банковское дело / О.И. Лаврушин.- М., 2000. – 524 с.
8. Маркова, В.Д. Маркетинг услуг / В.Д. Маркова. - М: Финансы и статистика, 1999. – 223 с.

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

**Беков Ф.Ш., Нодирова С.Р. – устодони кафедраи фаъолияти бонкии ДБССТ**
**Раҷабова Ҳ.Х. - магистри курси 1-уми ихтисоси молия ва қарзи ДБССТ**

Дар назарияи молиявӣ хароҷоти буҷети давлатӣ гуфта муносибатҳои иқтисодиро мефаҳмонад, ки бо ҷараёни ҷудокунӣ ва истифодабарии захираҳои молиявӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлати» барои соли навбатии молияви дар ҳар як зинаи он ҷамъ оварда шудааст.

Тибқи гурӯҳбандии иқтисодӣ, хароҷотҳои буҷети давлатиро ба хароҷотҳои ҷорӣ ва асосӣ ҷудо мекунанд.

Хароҷотҳои ҷорӣ он қисми хароҷоти буҷет мебошад, ки барои фаъолияти ҷории мақомоти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои буҷети ва фондҳои мақсадноки давлатӣ муқаррар гардида, барои дастгирии сатҳҳои дигари буҷети давлатӣ ба тариқи расонидани кӯмаки молиявии беподошт (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия), ва кӯмаки молиявӣ (субсидия) истифода мешавад.

Хароҷотҳои асосӣ чунин хароҷотҳои буҷетро мефаҳмонанд, ки барои маблағгузории рушди фаъолияти сармоягузорӣ равона карда мешаванд. Ба ин гурӯҳи хароҷотҳо дохил мешаванд:

- хароҷотҳое, ки мувофиқи барномаҳои сармоягузорӣ барои маблағгузории шахсони ҳуқуқии амалкунанда ё навтаъсис таалуқ доранд;
- маблағҳое, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун қарз барои маблағгузории рушд дода мешаванд;
- хароҷотҳои бо таъмири асоси ва хариди фондҳои асоси вобаста;
-хароҷотҳое, ки мутаносибан молу мулки ҷумҳуриявӣ ва коммуналиро афзоиш медиҳанд;
- ҳаргуна хароҷотҳои дигари асосӣ.

Дар шакли ҷори хароҷотҳои буҷети чудо мешаванд ба:

-маблағҷудокуни барои таъмини муассисаҳои буҷетӣ;
- маблағҳо барои пардохти мол;
- интиқоли маблағҳо (трансфертҳо) барои аҳолӣ;
- маблағҷудокуни барои ҷуброни хароҷотҳои иловагӣ;
- қарзи буҷети давлати ба шахсони ҳуқуқӣ;
- мусоидати молияви (субвенсия) ба шахсони ҳуқуқӣ;
- кӯмаки молияви (субсидия) ва қарз ба шахсони воқеӣ;
- қарздиҳи ба давлатҳои дигар;
- ҳаргуна хароҷотҳои дигар.

Дар низоми хароҷотҳои буҷети давлатӣ мақоми асосиро муассисаҳои буҷетӣ ташкил менамоянд. Аз ин нуқтаи назар таҳлили самтҳо ва равандҳои асосии хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои 2020-2022 ва 2023 (мувофиқи нақша) аз аҳамият холи нест (ба ҷадвали 1 нигаред).

Ҷадвали 1

**Нишондиҳандаҳои самтҳои асосӣ ва таркиби хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар солҳои 2020-2022 ва 2023 (нақша млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳан-даҳо | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | нақша | асл | нақша | асл | нақша | асл | нақша |
| Хамагӣ хароҷотҳо | | 26403,4 | 24798,5 | 30454661,0 | 29342724,5 | 37603393,9 | 35338892,0 | 389103705 |
| 1 | Сектори ҳокимияти | | | 2115942,1 | 1947715,6 | 2145668,6 | 1941340,1 | 1661605 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | давлати ва идоракуни | 1395,8 | 1380 | | | | | |
| 2 | Маориф | 5004,6 | 4311,4 | 5763021,0 | 5259873,8 | 6753639,2 | 6240815,2 | 7210355 |
| 3 | Тандурустӣ | 1841,2 | 2583,1 | 2816081,0 | 2850088,8 | 2886426,0 | 2618046,1 | 3343077 |
| 4 | Ҳифзи иҷтимои | 3911,5 | 3865,9 | 4254118,5 | 4193545,2 | 4753593,9 | 4582005,1 | 4898631 |
| 5 | Фарҳанг ва варзиш | 972,6 | 987,1 | 1197887,6 | 1162371,5 | 1193123,0 | 1078132,2 | 1494348 |
| 7 | Секторҳои дигари иқтисодӣ | 69,8 | 224,1 | 59095,2 | 47615,6 | 2268972,1 | 200013,6 | 210016 |

Манбаъ: 1. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 (омори солона) Душанбе 2023с.

Чӣ тавре, ки аз ҷадвали 1 бар меояд, ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар охири соли 2023 нисбат ба соли 2020 – 107%, нисбат ба соли 2021 – 4,1% афзудааст. Дар ҳамин давра ҳаҷми хароҷотҳои буҷети давлатӣ барои иқтисодиёт мутаносибан 819,6 ва 1355,3 млн. сомонӣ зиёд ва барои хароҷотҳои дигар 208,5 ва 362,7 млн сомонӣ камомад рост меояд.

Дар ин давра маблағи хароҷотҳои буҷети давлатӣ барои нигоҳдории сектори иҷтимоӣ мунтазам афзуда дар соли 2023 – 4898846 хазор сомонӣ расидааст, ки он нисбат ба соли 2020 - 2606,9 млн. сомонӣ ё 28,5% нисбат ба соли 2021 – 1152,6 млн. сомонӣ ё 10,8% зиёд мебошад.

Таҳлили рақамҳои дар ҷадвали 1 овардашуда нишон медиҳанд, ки дар умум буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъиноти иҷтимоӣ дошта буда дар он соҳаҳои маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, варзиш ва фарҳанг ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок дар таҳти назорати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Самтҳои асосии хароҷоти буҷети давлатӣ ба мусоидати ҳаматарафаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ дар асоси марҳила ба марҳила баланд бардоштани музди моҳонаи кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия, дастгири оилаҳои камбизоат равона шудааст. Маблағгузории ин соҳа хамасола аз ҳисоби буҷети давлати афзоиш ёфта истодааст.

**Соҳаи маориф.** Ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таҳсилот Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 41) кафолат медихад. Давлат таълими умумии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ амали менамояд. Дар солҳои охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ, нақшаҳои миллӣ ва стратегӣ, лоиҳаҳо дар соҳаи маориф қабул шудаанд, ки татбиқи онҳо дар стратегияи миллии рушди Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 шудааст. Ҳуҷҷати мазкур ба муосирркунонии низоми таҳсилот, беҳтар кардани сифати таҳсилот ва тайёркунии кадрҳо, такмили ҷараёни таълим, ба даст овардани Ҳадафҳои Рушди ҳазорсола, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд.

Воситаҳои буҷети сарчашмаҳои асосии таъмини молиявии хароҷот барои маориф ба ҳисоб меравaнд. Зарурияти молиякунонии буҷетии соҳаи маориф ба хусусиятҳои хизматрасонии таълимӣ ҳамчун моли ҷамъиятӣ, нақши онҳо дар тараққиёти иҷтимои – иқтисодии давлат вобаста аст.

Хароҷоти буҷети давлати барои соҳаи маориф сол аз сол меафзояд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимои - иқтисодии мамлакат мебошад. Барои хулосаҳои илми баровардан оиди ичроиши қисми хароҷотҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳаи маориф иҷроиши хароҷотҳои буҷети давлати дар солҳои 2020 - 2023 истифода карда шуд, ки онро аз Ҷадвали №2 дидан мумкин аст.

Аз маълумотҳои ҷадвалӣ 2 маълум мегардад, ки дар соли 2023 мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлати барои соли 2023» хароҷот барои соҳаи маориф 7210355 млн. сомонӣ пешбини шудааст, ки ин нисбат ба соли 2020 20,1% ва нисбат ба соли 2021 - 19,8% зиёд мебошад.

Дар соли 2020 хароҷоти буҷети соҳаи маориф дар ҳаҷми 5004,8 млн. сомонӣ пешбини шуда буд, ки иҷроиши аслии он 4311,4 млн. сомониро ташкил дод.

**Диаграмаи 1**.

**Динамикаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф дар солҳои 2020 – 2023 (млн. сомонӣ)**




**Соҳаи тандурустӣ.** Хароҷот барои соҳаи тандурустӣ асосан аз 4 гурӯҳи калон иборат мебошанд: муассисаҳои табобатию профилакторӣ, муассисаҳои санаторию профилакторӣ, бюроҳои экспертизаи судӣ ва тандурустӣ, муассисаҳои доруфурӯши (дорухонаҳо).

Ба муассисаҳои табобатию профилактори ҳамаи намудҳои табобатхонаҳои махсусгардонидашуда, диспансерҳо, амбуляторияҳо, паликлиникаҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Дар ҷумҳурии мо ҳифзи саломатии аҳолӣ, таъмини шароит барои ҳаёт ва меҳнати шаҳрвандон вазифаи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб меравад. Барои инкишофи соҳаи тандурустӣ давлат захираҳои калони молияviro сарф менамояд ва аз ҳисоби буҷети давлатӣ молиягузори мешавад. Қисми зиёди хароҷот аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ пардохт мешавад.

Молиягузории хароҷот барои соҳаи тандурустӣ аз рӯи тартиби харҷномаи ягона аниқтараш сметаи хароҷотҳо сурат мегирад. Дар он номгӯи хароҷотҳо ба монанди музди меҳнат, хароҷоти хоҷагӣ, сафари хизматӣ, хӯрока, харидани дорувориҳо ва ғайра нишон дода мешаванд.

Соҳаи тандурустӣ яке аз бахшҳои афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки ба гуногуншаклии моликият асос ёфтааст, моликияти давлати оҳиста – оҳиста ҷои худро ба шаклҳои дигари моликияти ғайридавлатӣ дода дар баробари моликиятҳои дигар ҳамчун як шакли субъекти иқтисодӣ баромад менамояд. Аз ин лиҳоз хароҷоти буҷети давлатӣ бо маблағгузории субъектҳои хоҷагидори иваз шуда бояд он барои молиягузории соҳаҳои иҷтимоӣ, нигоҳдории сектори ҳокимияти давлатӣ ва идоракуни нигоҳдории қувваҳои муссалаҳ ва секторҳои дигари иқтисодӣ боқи мемонад.

Чи тавре, ки маводҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд аз сабаби номукамалии бахши хусусии иқтисодиёт, аз

он ҷумла соҳибкорӣ ва бизнеси хурд, набудани сармоягузории хусусии ватанӣ, давлат маҷбур аст маблағгузории бахши воқеии иқтисодиётро низ бар души худ гирад, чунки бе чунин амал чор ҳадафи асосие, ки давлат пеш гирифтааст иҷро намудан ғайри имконпазир буд.

Бинобар ин ин сатҳи баланди хароҷотҳои буҷети давлатиро барои рушди соҳаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ то имрӯз чунин шарти зарури дониста фикр мекунам, ки дар оянда ин муаммо ҳалли худро меёбад.


Адабиёт

1. Алимардонов Ӯ.А. Молия (воситаи таълимӣ). Душанбе – 2014;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2024.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». шаҳри Душанбе, 28 июни соли 2011 №723.
4. Оймаҳмадов Г.Н., Молия. Душанбе: Нодир-2005.
5. Каримова М.Т., Мӯъминова Ф.М., Соҳибов Ш.К. «Роҳнамои буҷети ҶТ». Душанбе – 2012.
6. Молияи давлатӣ дар 20 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2011.
7. Худоиев М.Н., Наджмиддинов С. М. Бюджетный сектор. – Душанбе: Ирфон, 2010.
8. «Гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон» Душанбе, 2020;


## АРЗЁБИИ ИҚТИСОДИИ ТАҲКИМИ ЗАХИРАҲОИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲИ РАҚОБАТПАЗИРӢ


**Одинаев Б.Ҳ., Шоимардонов М.Ҷ., Муродова М.З. - устодони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори ДБССТ**


Мавриди зикр аст, ки такмили фаъолияти бонкҳо ва муайян намудани самтҳои асосии инкишофи онҳо яке аз масъалаҳои калиди ҷомеаи иқтисодӣ мебошад. Бевосита масъалаи мазкур аз тарз, муҳлат ва ҳаҷми маблағҳои ҷалбшуда, ҳамчунин аз захираҳои худи бонк ва сохтори онҳо натиҷаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла имконияти зиёд намудани маблағгузорӣ ва иқтисоди кишвар ва васеъ каррдани доираи хизматрасониҳо, ки ба муштариёни бонк расонида мешавад, вобастагии калон дорад.

Дар фаъолияти бонкӣ таҳлили раванди ташаккули захираҳои бонк дар асоси далелҳои воқеи зарур мебошад. Илова бар ин, мафхуми «захираҳои бонкӣ» набояд ҳамчун объекти таҳлили инфиродӣ баррасӣ гардад, онҳо бояд дар алоҳидагӣ дида баромада шаванд.

Пассивҳои бонкӣ аз нуқтаи назари ҳаҷм, сохтор, хароҷот ва нархҳое, ки ба портфели бонкӣ алоқаманд ҳастанд, мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ташаккули захираҳои бонки тиҷоратӣ бо роҳи аз ҷониби онҳо анҷом додани амалиёти пассивӣ сурат мегирад.

Моҳияти ин амалиёт дар ҷалби намудҳои гуногуни амонатҳо дар доираи амалиётҳои амонатӣ ва пасандозӣ ва ҳамчунин гирифтани қарзҳо аз дигар бонкҳо, эмиссияи (барориши) қоғазҳои қимматноки гуногун дар дигар амалиёт мебошад, ки дар натиҷаи онҳо маблағҳои пулӣ дар пассив зиёд мешавад.

Яке аз проблемаҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар марҳилаи кунунӣ маҳз раванди ташаккули захираҳо мебошад. Тавре, ки маълум аст, назарияи бонкдорӣ байни маблағҳои худӣ ва сармояи худи бонкӣ фарқ мегузорад. Мафҳуми «маблағҳои худии бонк» умумӣ буда, аз пассивҳои дар ҷараёни фаъолияти бонк – фондҳои оинномавӣ, захиравӣ ва ғайра, тамоми захираҳои аз ҷониби бонк ташкил намуда ва инчунин фоидаҳои тақсим-нашудаи солҳои гузашта ва соли ҷорӣ иборат мебошад.

Зери унвони «сармояи худии бонк» бояд фонду захираҳое, ки ба таври махсус таъсис мeёбанду барои таъмини устувории иқтисодии он, пешгирии талафоти эҳтимолӣ дар давоми ҳамаи фаъолияти он муқаррар шудаанд, фаҳмида шавад.

Нақш ва бузургии сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ хусусияти хоси худро дорад, ки аз корхонаю ташкилотҳое, ки ба намудҳои дигари фаъо-лият машғул ҳастанд, бо он фарқ мекунад, ки бонкҳо аз ҳисоби сармояи худӣ одатан 10-15% талаботи умумии бо маблағҳҳоро мепӯшонад. Дар ҷумҳурӣ дараҷаи кифоягии сармояро барои бонкҳо Бонки Миллии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Маънии захираҳои худии бонк пеш аз ҳама дар он аст, ки устувории онро нигоҳ дорад. Дар давраи ибтидоии фаъолияти бонк, маҳз маблағҳои худӣ хароҷоти дар навбати аввал бударо (замин, бино, таҷҳизот, музди кори кормандон) мепӯшонад, ки бе онҳо бонк чун дигар ташкилоти тиҷоратӣ фаъолияти худро оғоз карда наметавонад.

Дар натиҷа, захираҳои худии бонкҳои тиҷоратӣ манбаи асосии маб-лағгузорӣ ва активҳои дарозмуҳлат мебошанд. Маблағҳои ҷалбшудаи бонкҳо, одатан қисми асосии талабот ба захираҳо барои анҷом додани амалиёти фаъолро мепӯшонад. Нақши онҳо хело бузург аст. Маблағҳои озоди шахсони ҳуқуқи ва воқеиро дар бозори захираҳои қарзӣ муваққатан сафарбар намуда бонкҳои тиҷоратӣ бо ёрии онҳо талаботи игтисодиёти ҷумҳуриро бо маблағҳои гардони иловагӣ қонеъ карда, зиёд шудани сармоя мусоидат мекунанд, талаботи аҳолиро бо қарзҳои истеъмолӣ қонеъ мегардонанд. Ба маблағҳои қарзии бонкҳо пеш аз ҳама амонатҳо таааллуқ доранд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муборизаи рақобатпазир дар бозори захираҳои қарзӣ, бояд ҳамеша ҳам дар хусуси беҳбудии миқдорӣ ва ҳам сифатии амонатҳоро дар ҳисобҳои худ ғамхорӣ намоянд.

Ба манбаъҳои ҷалби захираҳо асосан инҳо таааллуқ доранд: гирифтани қарзҳо дар бозори байнибонкӣ ва гирифтани қарз аз бонки марказӣ дар шакли захираҳои мутамарказ.

Бартарии ӯҳдадориҳои кутоҳмуҳлат (то ба як сол) ва ӯҳдадориҳои дархостӣ дар пойгоҳи захиравӣ зиёд шудани ҳаҷми маблағгузориҳои қарзии дарозмуҳлатро барои бонкҳои Тоҷикистон душвор мегардонад. Минбаъд зиёд шудани онҳо метавонанд танҳо дар баробари рушди пой-гоҳи захиравӣ, ки ба болоравии сармояи бонкҳо мувофиқат менамояд, амалӣ гардад.

Рушди қарздиҳии дарозмуҳлат бидуни зиён барои пардохтпазирии низоми бонкӣ бояд эҷоди шароити макроиқтисодӣ барои паст намудани хавфҳои қарзӣ (кредитӣ) ва инвеститсионии дар баробари ҳам қарор дошта бошанд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳоло зарурияти дигаргуниҳои назарраси тарзҳои идораи сохтори активҳо ва пассивҳо аз ҷониби бонкҳо тиҷоратии Тоҷикистон пайдо шудааст.

Дар марҳилаи кунунии рақобатии зиёд, бонкҳои тиҷоратӣ кушиш ба харҷ медиҳанд, ки захираҳои худро мутобиқи мақсадҳои муайян ҷаъм оварда ҷойгузорӣ намоянд:

1) Истифода аз манбаъҳое кунанд, ки хароҷоти ҷалби маблағҳоро аз ҳадди ақал мерасонад. Ин имкони зиёд намудани даромад аз сармояи бонкҳоро медиҳанд;

2) Таносуби муносиби миёни бузургиҳои амонатҳои маблағҳои қарзӣ ва сармояро, ки дараҷаи дилхоҳи устувори фондҳоро таъмин менамояд, бояд тавре интихоб намуд, то ки бонк тавонад активҳои сердаромад, ки маъмулан инвеститсияро ба муҳлати дарозу дараҷаи баланди хавф талаб мекунанд, нигоҳ дорад.

Хатари бештареро дисбаланси активҳо ва пойгоҳҳои захиравӣ аз рӯи муҳлатҳо (мушкилоти идораи пардохтпазири) доро мебошад. Зиёд гардидани он дар шароити болоравии эҳтимолии ҳаҷми қарздиҳии бахши воқеии иқтисодиёт дар оянда ба устувории бахши бонкӣ дар маҷмӯъ метавонанд хатари ҷидди ба вуҷул оварад. Барои устувории пойдории низоми бонкии Тоҷикистон ҳамкори бо бахши воқеии иқтисодиёт аҳмияти калон дорад.

Рушди устувории иқтисодии кишвар аз бисёр ҷиҳатҳо аз тақдири тамоили низоми бонкии бештар бо бахши воқеи алоқаманд вобаста аст. Яке аз проблемаҳои асоси дар марҳилаи кунуни масалаи муносибгар-донии сохтори манбаъҳои захираҳои бонк бо мақсади таъмини пардохт-пазири ва даромаднокии амалиёти бонкӣ мебошад. Истифодаи оқилонаи захираҳои бонк бо назардошти захираҳои пардохтпазири натиҷаҳои таҳлили сохтори он ва сарчашмаҳои (манбаъҳои) ташаккул аз руи муҳлати ҷалб ба бонкҳо тиҷоратӣ имконияти таъмини гирифтани фоидаи иловагиро фароҳам меорад.

Назорати роҳбарияти бонк аз болои активҳо бояд бо назорати пассивҳо тавре ҳамоханг гардонида шавад то ки идораи активҳою пассивҳо ягона бошад. Ҳамоҳангсозии пурсамар ба уҳдадориҳои барои ба ҳадди аксар расонидани гуногунии (спред) миёни даромадҳои бонк аз рӯи активҳо ва хароҷотҳо кумак менамояд. Бонк кадом стратегияи идораи активҳо ва пассивҳоро ҷонибдори намояд ҳам, роҳбарияти вай ҳар бор вақте, ки маблағҳои нав ба бонк ворид мешаванд ногузир ба ин савол бояд ҷавоб диҳанд:

Маблағҳои навро чӣ тавр бояд тақсим намуд ?

Хатари асоси дар онаст, ки роҳбарияти бонкҳо аксаран ба алоқаҳои байни активҳо ва пассивҳо дар идора намудани портфелибонкии активҳо ва ӯҳдадориҳо бепарвои зоҳир мекунанд. Дар ҳар сурат афзалият бояд ба додани кредитҳои (қарзҳои) фоидаовар дода шавад, ки ба стандартҳои муайян ҷавобгӯй ҳастанд дар навбати худ ҷалби маблағҳо, ки барои хизматрасонии қарзҳо (кредитҳо) зарур бошанд, масъалаи дуввуми муҳим мебошанд. Агар ҳаҷми амонатҳо ба қадри кофӣ набошанд, маблағҳои талабшаванда бояд аз манбаи бештар арзонтар ҷалб гарданд.

Яке аз самтҳои афзалиятдоштаи сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ипотека (замонат) бошад. Вай самти муҳим ва ояндадорӣ фаъолияти бонкӣ буда, фароҳамоварии муҳити мусоидро талаб мекунад. Ба бонкҳо ҳуқуки анҷом додани идоранамоии амволи фондҳои сармоягузорӣ метавонад ба рушди қарздиҳии ипотеки мусоидат намояд.

Равандҳои дар низоми бонкии Тоҷикистон ба вуқуъ оянда аз камбудии воситаҳои (олоти) мутаҳидаи молиявӣ шаҳодат медиҳанд, ки метавонистанд ба ҷойгир намудани маблағҳои озоди пулӣ мусоидат намоянд, ки ин дар навбати худ ба ҷаъмоии маблағҳои пулӣ дар ҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзӣ (пардохтпазирии истифоданашуда) меоварад.

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри беҳтарсозии самаранокии бахши бонкӣ ва таҳкими саҳми он дар рушди иқтисодиёти миллӣ пешниҳодоти зеринро манзур менамоем:

1. Дар шароити камшавии қарзҳои додашуда дарёфти сарчашмаҳои нави маблағгузории дарозмуддат ва механизмҳое заруранд, ки ба бонкҳо кафолати бозгашти воситаҳои маблағгузоришударо ба соҳаҳои мухталифи бахши воқеии иқтисодиёт таъмин намоянд. Аз он ҷумла:

- қонунигардонии таҷрибаи амонатгузории бе ҳуқуқи дархости пеш аз муҳлати он;
- такмили механизмҳои баландкунии масъулияти суғуртаи амонатҳо;
- ворид намудани меъёри имтиёзноки андоз аз фоида ба бонкҳое, ки ба бахши воқеии иқтисодиёт қарз медиҳанд ва ғ.

2. Зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ шаффофияти нархгузории амалиётҳои қарзиро ба аҳолӣ баланд намуда, ба ғайр аз меъёри фоизи қарз гирифтани ҳаргуна комиссияҳо манъ карда шавад.

3. Ба андешае мо, доир ба сабабҳои бавуҷудой ва беҳдошти раванди руёнидани қарзҳои муаммодор тадбирҳои таъхирнопазирро андешидан лозим меояд. Яъне, бояд дар таҷриба низоми бонкиеро роҳандозӣ намуд, ки ҳанӯз дар оғози баррасии шартномаи қарзӣ ба додани қарзҳои калон тариқи забон як кардани қарздиҳандаю қарзгиранда аз рӯи нархҳо ва ҳуҷҷаткунонии руякии амалиётҳо монеа гузорад.

4. Бо мақсади ҳавасмандкунии истифодаи пули миллӣ ва ноил шудан ба сатҳи муътадили нархҳо тадбирҳои зеринро пешниҳод менамоем:

- такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ба рушди инфрасохтори низоми пардохт мусоидаткунанда;
- рушд ва шаффоф гардонидани бозори байнибонкии асъор ва содда намудани дастрасии бонкҳои тиҷоратӣ ба бозорҳои байналмилалии молиявӣ;
-пурра иваз намудани низоми байнибонкии пардохтии амалкунанда ба низоми муосири автоматишудаи байнибонкӣ ва ба ин восита зиёд намудани ҳиссаи пулҳои ғайринақдӣ;

- тақвият бахшидани рукнҳои мухталифи фаъолияти низоми бонкӣ дар самти беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ бо пули миллӣ ва пешниҳоди шарту шароити ҷолиб барои нигоҳ доштани пасандозҳо бо пули миллӣ.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, дар сурати амалисозии самараноки маҷмӯи тадбирҳои пешниҳодгардида суботи низоми бонкиро таъмин карда, ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат намудан мумкин аст.

**Адабиёт**


1. Блютени омори бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон, (255).- Душанбе, 2023.- саҳ.25-29.
2. Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14.12.2016, №174 “Оид ба тасдиқи Стратегияи сиёсати пулию-қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024”.
3. URL: http://www.nbt.tj. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон.


# БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК ВА НАҚШИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


***Абдуллоев А.Х.*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ*
***Аҳмади Зоҳидҷон*** *- ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ*


Аз сабаби он ки дар ҶТ бозори коғазҳои қиматнок ташаккул ва рушд меёбад, пас чунин амалиёт гоҳ – гоҳ во мехӯрад. Амалиёти бо гузоштани векселҳо алоқаманд буда, метавонанд ба бонк даромади боваринок оранд, бинобар ин, доимо бонкҳо ба ин амалиёт диққати махсус медиҳанд. Таъомулан дар бозори молияи хориҷӣ амалиёти кафолат бо кағазҳои қиматнок дар се самт рушд меёбад, ки ин бо истифодаи гузоштани коғазҳои қиматноки бозоргузари мизоҷон барои таъмини қарзҳо ва кафолат инҳо мебошанд:

— коғазҳои қиматноки давлатӣ;
— векселҳо;
— коғаз – саҳмия ва вомбҳои корпоративии сармоягузорӣ.

Мақсади гузаронидани чунин амалиётҳо аз инҳо иборат мебошанд.

а) баланд бардоштани эътимоднокии таъмини қарз ва мустаҳкам намудани кафолати пардохти фоизи онҳо. Чӣ хеле ки мо дар боло қайд карда будем, аз ҳама эътимоднок ва бозоргузар коғазҳои қиматноки давлатӣ мебошанд. Даромади аз онҳо ба даст овардаро метавонанд барои пардохти фоизи қарз равона намоянд. Дараҷаи баланди эътимоднокии таъмини қарз кафолат додан барои гузоштани коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки аз фонди маводӣ бароварда шудаанд, масалан, вомби давлатии амонатгузорӣ.

б) чӣ тавр даромаднокиро баланд бардоштан лозим ? Қарз ба маблағи пурраи кафолати коғази қиматноки гузошташуда дода намешавад. Боз дар ҳолати напардохтани қарз коғазҳои қиматнок ба ихтиёри қарздиҳанда мегузарад.

Дар вақти гузаронидани ин амалиёт ҳам хавф вуҷуд дорад. Дар вақти қарздиҳӣ бо гарави коғазҳои қиматнок имконияти нодуруст баҳодиҳии арзиши кафолат ва ё таъмини он дар таҳти таъсири дигаргуниҳои конъюктураи бозори фондӣ ба миён меоянд.

Аз ин ҷо барои худ хулоса баровардан лозим аст, ки амалиёти гаравӣ бисёр ҳам хавфнок мебошад. Ҳол он ки гузаронидани чунин амалиёт имконият медиҳад, ки дар гардиш захираҳои як тараф (қарзи қарзгиранда – кафолатдиҳанда) ва зарурияти даромади ояндабинии амалиёти тарафи дигар, аммо бояд қайд кард, ки дар ҳолати нодурусти ояндабинӣ динамикаи нишондиҳандаҳои муайянкунандаи ҳолати бозори молия имконияти ба даст овардани даромад ғайриимкон мебошад. Аслан ҳамин андозаи қарзи кӯтоҳмӯҳлат аз рӯи қоида аз ҳаҷми коғази қиматнок кам мебошад. Ба ғайр аз ин хавф дар ҳамон ҳолате паст мешавад, ки агар таъминоти он бо коғази

қиматноки давлатӣ иҷро шаванд. Он гоҳ қарзгиранда натанҳо ба арзиши коғазҳои қиматнок, балки бо ҳамаи амволи худ ҷавобгӯ мебошад.

Самаранокии амалиёт дар ҳолати амалинамоии қарордоди РЕПО боз ҳам баланд мешавад. Чунин қарордодҳо дар асоси созиши иштирокчиёни он дар бораи бозпас харидани коғазҳои қиматнок гузаронида мешаванд. Ин қарордод пешбинӣ менамояд, ки як тараф ба тарафи дигар пакети коғазҳои қиматнокро бо назардошти бозпас бо нархи пешакӣ муайяншуда ва дар мӯҳлати муайян хариду фурӯш менамоянд. Таҷрибаи Русия нишон медиҳад, ки барои бонк аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар истифодаи амалиёти РЕПО дар ҳолати қарздиҳӣ бо кафолати коғазҳои қиматнок мебошад. Ин амалиётро дар бонкҳои Ҷумҳурии мо низ амалӣ кардан лозим меояд. Масалан, иваз кардани шартномаи депозитии классикии бонкҳо бо истифодаи қарордод бо Облигатсияи Қарзи Амонатгузории Давлатӣ (ОҚАД) ва Облигатсияи қарзи асъории дохилии давлатӣ (ОҚАДД) ва дар ин ҳолат фоидаи имтиёзнок мегиранд. Фарз кардем, ки бонкҳои Ҷумҳурии мо ба монанди бонкҳои Русия ОКАД ва ОКАДД – ро дар ҳолати ҷалб намудани воситаҳои пулӣ истифода мебаранд, аммо дар ин вақт онҳо шартномаи депозитиро иваз менамоянд. Дар ин ҳолат фоидаи имтиёзнокро бонк ба даст мегирад. Амалинамоии чунин қарордод дар он ҳолате фоидаовар мебошад, ки агар муассисаи бонк муваққатан талабот ба маблағҳои пулӣ ва ё захираҳои қарзӣ эҳтиёҷ дошта бошанд. Фарқи коғазҳои қиматноки кафолатии бо шартномаи хариду фурӯш, ки асоси ҳуқуқии амалиёти РЕПО – ро ташкил медиҳанд, аз арзишҳои фондии гузошташуда аз он иборат мебошад, ки инҳоро метавонанд барои амалиёт гузарондан бо он истифода шаванд. Дар имрӯз бонкҳои бисёри Русия дар ихтиёри худ амалиётҳои РЕПО – ро доранд ва онро зуд – зуд истифода мебаранд.

**Адабиётҳои истифодашуда**


1. Алексеев М. Ю. Рынок ценных бумаг – финансы и статистика» 1992 – 256 с.
2. Бердникова Т. Б., «Рынок ценных бумаг и биржевое дело. – М.: Инфра – М, 2004.
3. Буденин А. Н. «Рынок ценных бумаг и проиводных финансовых инструментов: Учебное пособие. – 1998г.
4. Буденин А. В. «Финансы и опционные рынки. – М.: Тривола, 1994. – 232с.
5. Галанов В. А., Басов А. И. «др. рынок ценных бумаг: Учебник. – М.: Финансы и статистика, 1996 г.
6. Глущенко В. В «Ценных бумаг и биржевое дело», г. Железнодорожный, Москов. обл.: ТОО НПЦ «Крылья», 1999. – 214с.
7. Глушенко В. В Глушенко И. И. «Финансы, финансовая политика, маркетинг, менеджмент. Финансовый риск – менеджмент. Ценные бумаги Страхование». г. Железнодорожный. Моск. обл.: ТОО НПЦ «Крылья», 1999. – 416с.
8. Жуков Е. Ф. «Ценные бумаги и фондовые рынки: М.:Банки и биржи», ЮНИТИ, 1995. – 225с.

# БАХШИ II. САМТҲОИ КАЛИДИИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

## БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ, БАҲИСОБГИРӢ ВА МОЛИЯИ ЭКОЛОГӢ

**Раҳимов С.Х. н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, ДБССТ**

Дар айни замон, дар ҷаҳони муосир, маҷмӯи мушкилоти экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои пайдоиш ва таҳқиқи самти нави илм – иқтисоди "сабз" гардидааст. Бояд гуфт, ки заминаҳои иқтисодӣ ва экологӣ омили асосии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гардидаанд.

Консепсияи иқтисоди сабз мафҳуми нав набуда, онро соли 1984 Пирс, Маркандя ва Барбье дар китоби худ "Нақшаи иқтисоди сабз" муаррифӣ кардаанд, ки дар он "иқтисоди сабз" ҳамчун: "системаи фаъолияти иқтисодӣ вобаста ба истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли молҳо ва хизматрасониҳо, ки боиси беҳтар шудани некӯаҳволии ҳаёти инсон дар муддати тӯлонӣ, бидуни дучор шудани наслҳои оянда ба хатарҳои назарраси экологӣ ва касри экологӣ мегардад" [5].

Бо дарназардошти зараре, ки корхонаҳои саноатӣ ба муҳити зист мерасонанд, вобаста аз ҳисоби огоҳии экологии ҷомеа, иқтисодиёт ва муҳити зист ба дараҷаи баланди ҳамкории мутақобила ноил мегарданд [6, с. 128].

Аз ин рӯ, мо ҳамарӯза бештар дар бораи ин консепсияи нави иқтисодӣ, ба монанди баҳисобгирии муҳосибии экологӣ ва молияи сабз ҳарф мезанем, ки мақсади умумии онҳ барои ташкили муҳити хуб барои нигаҳдории табиат аст.

Баҳисобгирии сабз, ки аксар вақт "баҳисобгирии экологӣ" номида мешавад, баҳисобгирии захираҳои табиӣ, харобшавӣ ва олудашавии табиатро баррасӣ мекунад. Ҳадафи он тавассути коҳиш додани хароҷот ва амалӣ намудани технологияҳо ва низомҳои нав дар корхонаҳо мебошад, ки ба гирифтани фоидаи максималии корхонаҳо ва барои муайян кардани таъсири экологии онҳо кӯмак мерасонанд ва ба ин васила ҳам барои корхона ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ арзишнок мебошад.

Баҳисобгирии экологӣ як усулест, ки ба истеҳсолот ва ба захираҳои табиӣ алқамандӣ дорад. Он тамоми воҳидҳо ё нишондиҳандаҳои физикиро дар асоси ин воҳидҳои физикӣ ҷамъоварӣ мекунад, ки дар навбати худ ба ҷанбаҳои экологӣ ҳамчун манбаъ ё таъминот алоқаманданд. Гарчанде ки ин ченакҳои физикӣ барои баҳисобгирии экологӣ хеле муҳиманд, аммо якҷоя кардани онҳо ба андозае душвор аст, ки ба ҳолати муҳити зист ва бадшавии ҳолати воситаҳо таъсир мерасонад.

Истифодабарии баҳисобгирии экологӣ дар корхонаҳо манфиатҳои гуногун медиҳад, ки метавонанд ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ бошанд:

Дохилӣ: таъсири молиявие, ки аз сарфаи энергия ва истифодаи захираҳои табиӣ ба даст омадаанд.

Берунӣ: Он таъсири иҷтимоӣ ва муҳити зист дорад, зеро он равандҳои аз ҷиҳати экологӣ беҳтарро тавлид мекунад.

Воқеият ин аст, ки баҳисобгирии экологӣ корхонаҳоро ба самти идоракунии муҳити зист ҳидоят мекунад, аммо тавре Мелер [4, с.1-2] дар китоби "Ҳисобҳои миллӣ ва захираҳои экологӣ" қайд менамояд: яке аз интиқодҳои бунёдӣ дар шароити кунунии ҳисобҳои миллӣ дар баҳодиҳии захираҳои табиӣ дар ҳисобҳо мебошад, ки бояд дар он тағйирот ворид карда шавад. Ин аз он сабаб аст, ки андозаи физикии сарватҳои табиӣ дақиқ маълум нест. Бо вуҷуди ин, муҳосибон наметавонанд аз мушкилоте, ки ба онҳо дучор мешаванд, дур бошанд, аз ин рӯ онҳо бояд роҳҳоеро ҷустуҷӯ намоянд, ки ба ҳалли ин мушкилот мусоидат мекунанд.

Тағйирёбии иқлим ва ҳадафҳои рушди устувор ба бахши молиявӣ низ ворид мешаванд. Экосистемаи молиявӣ дороӣ агентҳои гуногун, аз қабили бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ, суғурта, бозорҳои саҳомӣ, соҳибони дороиҳо ва менеҷерҳо, корхонаҳо ва давлат

мебошад. Ҳамгироии сиёсатҳое, ки ҷанбаҳои устувории рӯзномаи ҳамгироиро баён мекунанд, ба стратегия, равандҳо ва амалиётҳои бахши молиявӣ таъсир мерасонад. Агентҳои гуногун бояд фаҳманд, ки чаро ин тағирот рух дода истодааст, инчунин мушкилот ва имкониятҳои бузурге, ки аз тамоюлҳои нави идоракунии муҳити зист ба вуҷуд меоянд аз мадди назар дур намонанд [7, с. 965].

Ҳар як бахш ба иқтисоди ҷаҳонӣ таъсир мерасонад, ҳар яки он рисолати гуногун дорад ва ба таври худ ба муҳити зист нигаронида шудааст.

Мисол, дар Мексика, дар Биржаи фондии Мексика (BMV) мо дар айни замон як шохиси устувориро пайдо карда метавонем, ки ҳамаи ширкатҳоеро муттаҳид мекунад, ки аҳамияти онҳо ба фаъолияти экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративии онҳо вобаста аст [2]. Инҳо ширкатҳое мебошанд, ки барои таҷрибаҳои устувори худ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф шудаанд, хусусияти дигаре, ки тавассути онҳо муайян карда мешавад, ин аст, ки онҳо ширкатҳои хатари паст доранд, зеро онҳо дар идоракунии нишондиҳандаҳо муваффақ мебошанд.

Мувофиқи Galaz, Yamazaki, Ruiz, Urquiza, S.C., дар дигар қисматҳои ҷаҳон баъзе нишондиҳандаҳои устувор мавҷуданд, ба монанди Индекси устувории Dow Jones, силсилаи FTSE4Good, ки ба устувории тиҷорати биржаи Бразилия муваффақ шудаанд.

Аҳамияти ин нишондиҳандаҳо дар ҳоле пайдо мешавад, ки сармоягузорон дар бораи он бештар нигарон мешаванд: муҳити зист, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, бинобар ин онҳо ширкатҳоеро дастгирӣ мекунанд, ки лоиҳаҳои онҳо ба беҳтар кардани истифодаи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд.

Дар навбати худ, бонкҳо, ширкатҳои молиявӣ ва ҳукуматҳо мехоҳанд лоиҳаҳои нави аз ҷиҳати экологӣ тозаро тавассути маблағгузорӣ дастгирӣ кунанд, ки ба онҳо ғояҳои худро амалӣ мегардонанд ва инчунин ба онҳо маслиҳат медиҳанд, ки чӣ тавр онҳо метавонанд тиҷорати худро фоидаовар гардонанд.

Ҳадафи умумии ин тадқиқот амиқтар кардани робитаи байни соҳаҳо ва нигарониҳои экологӣ мебошад. Пас, мо метавонем устувориро ҳамчун шакли нави даромаднокӣ фикр кунем.

Тағйироти истифодаи сарватҳои табиӣ ва истеъмоли онҳо тавассути тағир додани парадигмаи одамон ба даст оварда мешавад. Акнун мо на танхо дар бораи конеъ гардондани эҳтиёҷоти худ фикр мекунем, балки инчунин барои ба вуҷуд овардани роҳҳои нави безарар истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист кӯшиш мекунем.

Сарфи назар аз тамоми кӯшишҳое, ки ҳамарӯза барои ноил шудан ба мувозинати экологӣ анҷом дода мешаванд, ҳанӯз монеаҳои зиёде мавҷуданд, ки мо ба ин ноил шудан намехоҳем, хусусан вақте ки он ҷанбаи иқтисодӣ дорад. Зеро саноат бояд экологияро воситаи самарабахши мутобиқ шудан ба дигаргуниҳои нав ба инобат гирад.

Дар экология устуворӣ ҳамчун мувозинати намудҳо бо захираҳои муҳити зист муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, он метавонад ба ҳама гуна фаъолияте татбиқ карда шавад, ки шахс бевосита ё бавосита ба муҳити ӯ таъсир мерасонад.

Аз ин сабаб, амалҳои аз ҷониби корхонаҳо андешидашуда бояд консепсияи устувориро дар бар гиранд, то ки амалҳои он бо мурури замон идома ёбад ва корхонаро дар оянда муттаҳид созад. Агар он пас аз чанд вақт ба охир расад ва корхона ивазкунандаи онро ба даст наорад, истифода бурдани маҳсулот ё маводе, ки маҳсулоти ниҳоӣ аз сатҳи ивазшаванда маълум аст, фоидаовар нахоҳад буд. Корхонаҳое, ки ояндаи устуворро пешбинӣ намекунанд, аз байн мераванд. Ин аст, ки, тавре ки мо қаблан зикр кардем, истилоҳоти нав пайдо шуданд, ки ба мо кӯмак мекунанд, ки муносибати байни тиҷорат ва муҳити зистро омӯзем, таҳқиқ ва таҳлил намоем.

Буҳрони иқтисодӣ ва экологӣ як сарчашма доранд ва онҳо ба шарофати модели иқтисодии кунунӣ, ки барои манфиат равона шудааст, якдигарро дар муддати кӯтоҳ, бе назардошти экосистема ҳамчун моли камёб ва бидуни таъсири онҳо барои муҳити зист ва ҷомеа тақвият медиҳанд [3, с.27].

Ин аст, ки ин бухрони экологӣ аз истифодаи бесамари захираҳои табиӣ сарчашма мегирад, ки на танҳо ба тамоми экосистема ва одамон, балки ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, тавре ки дар боло зикр гардид, таъсир мерасонад. Дар солҳои охир, тамоюлҳои бозор ба ҳифзи муҳити зист барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҷорӣ, бидуни осеб расонидан ба ниёзҳои оянда ва манфиатҳои онҳо равона мегардад.

Дар айни замон, ба мафҳумҳои наве, ки дар соҳаҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ ба вуҷуд омадаанд, ба монанди иқтисодиёти сабз, молияи сабз ва баҳисобгирии сабз, ки кӯшиш мекунанд, ки манфиатҳои афзояндаи иқтисодиро, ки бо ҳифзи табиат якҷоя мешаванд, мусоидат кунанд, аҳамияти бештар дода мешавад.

**Адабиёт**


1. Варгас Пинеда, О. И., Трухильо Гонсалес, Х. М. И Торрес Мора, М. К. (2017). Зеленая экономика: необходимое экологическое и социальное изменение в современном мире. 2019, с веб-сайта журнала аграрных и экологических исследований: http://hemeroteca.unad.edu.co/index.php /riaa/article/view/2044/2296.
2. Galaz, Yamazaki, Ruiz, Urquiza, S.C. (2012). Индекс устойчивости Мексиканской фондовой биржи. 2019, с веб-сайта Deloitte: http://www.earthgonomic.org/biblioteca/2012_DELOITTE_Indice_sustentabilidad_BMV.pdf.
3. Круз, П.С. (2016). Природные ресурсы в экономике: возможен ли зеленый рост? Тренинг по управлению арбитражным журналом, 15 (1), 25-50.
4. Мелер К.Г. (1991): Национальные счета и экологические ресурсы, экономика окружающей среды и ресурсов, том 1, номер 1, страницы 1-16.
5. Пирс Д.У., Маркандья А., Барбье Э.Р.: План зеленой экономики. 1989, Лондон: Earthscan Publications Ltd
6. Хайдар, В. И Беррос, В. (2015). Между сумак кавсай и «жизнью в гармонии с природой». Журнал THEOMAI. Критические исследования общества и развития 32, 128 - 150.
7. Чамочин, М. (2017). Связь между финансами, устойчивостью и энергетикой. bie3: Бюллетень IEEE, (6), 965-1004.
8. Эль Серафи, С. (2002). Экологический учет и устойчивость. 2019, с веб-сайта устойчивого развития ICE: https://upaep.blackboard.com/bbcswebdav/pid-9336433-dt-content-rid-29847022_2/courses/01_121_AFB210_01/contabilidad%20verde.pdf.


## СОҲИБКОРИИ ХУРД: МАҚСАД, ПРИНСИПҲО, ФУНКСИЯҲО ВА МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ОН ДАР САВДОИ ЧАКАНА


**Валиев Н.Ш. -** н.и.и., сардори раёсати рушди стратегӣ ва менеҷменти сифати ДБССТ
**Фозилова З.Р.-** унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории ДДТТ
**Раҳимова Р.Ҳ.** унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории ДДТТ


Соҳибкории хурд дар савдои чакана як намуди махсуси фаъолият мебошад, ки ба ташкили раванди фурӯши мол ва хизматрасонӣ ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ асос ёфтааст. Ба андешаи мо, рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана ҳадди ақал риояи ду шарти асосиро талаб мекунад:

1. мавҷудияти тақозои нисбатан мӯътадил ба молҳои фурӯхташуда (аз ин рӯ, маълумот дар бораи бозор доштан зарур аст);

2. бо нархи паст харидани мол аз истеҳсолкунандагон, ки ба соҳибкорони тиҷоратӣ имкон медиҳад то хароҷоти муомилотро пӯшонанд ва фоида ба даст оранд.

Дар фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана мол ва фурӯши он барои соҳибкор омили муайянкунандаи тиҷорат мебошад.

Соҳибкории хурд дар савдо пеш аз ҳама ба он тавсиф карда мешавад, ки нақши ҳалкунандаро дар ин намуди фаъолият амалиёти моливу пулӣ мебозанд. Инҳо мундариҷаи асосии соҳибкории тиҷоратиро ифода менамоянд. Вале бояд қайд кард, ки дар шуури аксари одамони шӯравӣ дар бораи савдо ва тоҷирон ақидаҳои манфӣ низ ташаккул ёфта буд, яъне фаъолияти зидди ҷамъиятӣ, муфт, ғайриқонунӣ ва инчунин баъзан ҳамчун фаъолияти қаллобӣ дониста мешуд. Ин нуқтаи назар решаҳои таърихии ба идеология асосёфта дорад.

Табиист, ки гузариш ба низоми нави хоҷагидорӣ, хусусигардонии савдо ва хӯроки омма, рушди моликияти хусусӣ ба рушди соҳибкории хурд дар савдо ва хӯроки омма мусоидат намуданд.

Нақшаи умумии фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана аз бисёр ҷиҳатҳо ба нақшаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ шабоҳат дорад. Фарқият дар он аст, ки дар соҳибкории хурд дар савдои чакана таъмин намудани захираҳои истеҳсолии марбут ба истеҳсоли маҳсулот вуҷуд надорад, захираҳои моддии соҳибкор аз ҷониби ӯ дар шакли маҳсулоти тайёр харида шуда, сипас ба истеъмолкунанда фурӯхта мешавад. Ҳамин тариқ, воҳиди истеҳсолӣ аз байн бардошта мешавад ва ҷойи онро воҳиди гирифтани мол иваз мекунад.

Нисбати муносибати соҳибкор бо харидор, онҳо ҳам барои фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам тиҷоратӣ хусусияти умумиро нигоҳ медоранд ва дар ҳар сурат, соҳибкор бояд молҳои худро фурӯшад.

Маълум аст, ки дар шароити соҳибкории тиҷоратӣ қувваи корӣ ва воситаҳои истеҳсолии ҷалбнамудаи соҳибкор характери хос доранд, зеро онҳо барои анҷом додани савдо ва амалиёти бевоситаи ба он пешбинишуда равона карда шудаанд.

Фаъолияти тиҷоратӣ шарти муҳими фаъолияти бозори истеъмолӣ ҳамчун соҳаи соҳибкории тиҷоратӣ мебошад, ки дар он пул ба мол иваз карда мешавад ва баръакс.

Фаъолияти тиҷоратӣ равандҳои вобаста ба хариду фурӯши мол, қонеъ кардани талаботи харидорон, кам кардани хароҷот ва ба даст овардани фоидаро дар бар мегирад. Ҳангоми харид ва таҳвили маҳсулот таҳқиқоти бозорӣ гузаронида шуда, алоқаҳои хоҷагидорӣ бо таъминкунандагон барқарор карда мешаванд ва амалиётҳои тиҷоратӣ анҷом дода мешаванд, ки ба қарордодҳои тиҷоратӣ, бастани шартномаҳо ва табодули молу пул нигаронида шудаанд. Ҳама гуна фаъолияти тиҷоратӣ мутобиқи шароити бозор ва муҳити муайяни берунӣ ба амал бароварда шуда, қарорҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои муайяни тиҷоратӣ қонунҳои иқтисодии бозор, сиёсати молиявӣ ва ҳуқуқи тиҷорат ҳамчун асос гирифта мешаванд.




**Расми 1. Принсипҳои асосии фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана**

Мавқеи муҳимро дар иқтисоди муттамадини бозорӣ, соҳибкорӣ дар соҳаи савдои чакана ишғол менамояд. Ин навъи соҳибкорӣ аз нуқтаи назари соҳибкоре, ки дорои маблағи назаррас нест ва ҷалби сармоягузориҳои калонро интизор нест, ҷолибтар мебошад. Сабаби ин дар он аст, ки таъсиси корхонаи тиҷоратӣ нисбат ба дигар корхонаҳои саноатӣ маблағи камтарро талаб мекунад, масалан, таъсиси корхонаи саноатӣ, инчунин далели он, ки дар савдо шумо метавонед зудтар даромад ба даст оред, яъне мӯҳлати баргардонидани маблағҳо дар корхонаи савдо нисбат ба дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ хеле кӯтоҳтар аст.

Асоси фаъолияти савдо ин хариду фурӯши молҳо бо роҳи тағйир ёфтани шакли арзиш мебошад. Хариду фурӯши молҳо аз таъминкунандагон, ки дар асоси тиҷорат сохта мешаванд, тамоми равандҳои тиҷоратро дар бар намегиранд. Сухан дар бораи ҳама ҷабҳаҳои фаъолияти тиҷоратӣ, ки истеҳсол, тарғиб, тақсимот ва фурӯши маҳсулотро дар бар мегирад, меравад.

Таҳқиқоти масъалаҳои илмӣ–нзариявии ташаккул ва инкишофи савдои дохилӣ дар шароити муосири иқтисодӣ нишон дод, ки новобаста аз миқдори зиёди асарҳои

илмии нашркардаи донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ дар доираи ин мавзӯи мубрами иқтисодию иҷтимоӣ айни замон ақидаҳои хело гуногун ва зиддиятнок ҷой доранд. Алалхусус, нисбати чунин истилоҳҳои поягии соҳаи савдои молҳои истеъмолӣ, ба монанди “савдо”, “тиҷорат”, “савдои дохилӣ”, “савдои хориҷӣ”, “савдои чакана”, “хӯроки умумӣ” ва моҳияти дигар вожаҳои иқтисодии ба онҳо наздик то ҳол фикру андешаҳои гуногун ва баҳснок вуҷуд доранд.




**Расми 2. Мақсадҳои фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана**

Барои он, ки моҳияти соҳибкориро дар соҳаи савдо беҳтар дарк намоем, чунин мафҳум, ба монанди фаъолияти тиҷоратиро ба назар гирифтан лозим аст.

Таърифҳои зиёди фаъолияти тиҷоратӣ мавҷуданд, ки онро аз ҷабҳаҳои гуногун тавсиф мекунанд. Дар кори таҳқиқотии худ мо маъмултаринашро пешниҳод мекунем:

Тиҷорат – “савдо, тиҷорат, ҳунарҳои тоҷирон” [4. С. 35]

Бояд тазаккур дод, ки дар Луғати тафсири забони русӣ вожаи “Савдо” ба таври зерин маънидод шудааст: “Фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба муомилоти молӣ, харид ва фурӯши онҳо” [6. С. 12]. Таърифи додашуда ба фикри мо моҳият, мазмун ва вазифаҳои савдоро пурра дар бар намегирад. Зеро, ки савдо гарчанде воситаи муомилоти молӣ ва хариду фурӯши молу маҳсулот маънидод шавад ҳам, аммо моҳият, заминаҳои ташаккул, таҳавулли рушд, шаклу намудҳои хос, нақш ва аҳамияти иқтисодию иҷтимоӣ дорад. Функсияҳои он дар шароити муосир мазмуни сифатан нав пайдо кардаанд.

Дар ин робита бо нуқтаи назари муҳаққиқи ватанӣ Шаропов Ф.Р. ҳамфикр мебошем, ки дар таҳқиқоти худ савдоро аз рӯи мазмун ва таъиноти вазифавии худ ҳамчун соҳаи муҳим ва мустақили иқтисоди бозорӣ, намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ ва шакли муомилоти мол ва меҳнати ҷамъиятӣ баррасӣ намудааст [9. С. 5].

Масалан, оид ба маънои вожаи “савдо” ва “тиҷорат” дар сарчашмаҳои гуногуни адабиёти иқтисодӣ, аз ҷумла қомусномаҳои фарҳангӣ ва қонунҳои амалкунандаи соҳавӣ фикру андешаҳои зерин зикр шудаанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Тавзеҳи истилоҳоти “Савдо” ва “Тиҷорат”**

| № Р/Т | Муаллиф ё таҳрирнамоянда | Шарҳи истиллоҳи савдо ва тиҷорат | Сарчашмаи адабиёт ё манбаъ |
|---|---|---|---|
| 1. | Муҳаммадорифи Ғафсӣ | “Тиҷорат – бозаргонӣ, хариду-фурӯши мол ва хадамот, махсусан ба паймонаи зиёд ба ҳайси як пеша ва ба манзури фоидагирӣ хоҳ миллӣ бошад ё байналмилалӣ”. | Қомуси иқтисодӣ. Муҳаммадорифи Ғафсӣ, Кобул, соли 1974, С. 104 |
| 2. | Муин Муҳаммад | “Савдо ... бидеҳ, биситон, доду ситад ва бозаргонӣ мебошад”. | Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. Комилтарин фарҳанги форсии якҷилдӣ / Муин Муҳаммад. - Теҳрон, 1388 (1910). – 1615 с. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3. | Алиакбари Деҳхудо | “Тиҷорат – доду ситод кардан, хариду фурӯши ҳар навъ коло, савдогарӣ, бозаргонӣ, савдо ва муомилот аст”. | Фарҳанги Деҳхудо. Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон, ба забони форсӣ. – 1373 (1994). - 67265 с. |
| 4. | Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» | “ҳар шахсе ки кори тиҷоратиро ба ӯҳда дорад ё аз аҳли тиҷорат аст, аз номи худ ба фаъолияти тиҷорати шуғл меварзад ва онро чун пешаи ҳамешагӣ қарор медиҳад, тоҷир аст” (тарҷумаи муаллиф). | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маиши” аз 19 марти соли 2013. - ш. Душанбе, - № 943. |
| 5. | Дар зери таҳрири М.Ш. Шакурӣ., В.А. Капранов., А. Маъсумӣ., Р. Ҳошим. | “Савдо - тиҷорат, хариду фурӯш, харидан, фурӯхтан аст”. | Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2, Москва: нашриёти “Советская инциклопедия: 1969.- С. 169. |

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», ки 19 марти соли 2013, таҳти № 943 қабул гардидааст, дар боби 1 моддаи 2 мафҳуми савдо ҳамчун “...фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба муносибатҳои хариду фурӯши молҳои истеҳсолгардида, коркард ё харидшуда, инчунин иҷрои кору хизматрасонии маишӣ вобаста ба фурӯши маҳсулотмуайян шудааст” [3. С. 5].

Дар фарҳанги асосии забони тоҷикӣ, ки соли 1983 аз ҷониби олимону донишмандони маъруфи Тоҷикистон – академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессорон Шакурӣ М., Осимӣ М., Капранов Ю., Масъумӣ Н., Деҳотӣ А. ва дигарон таҳрир гардида, ба нашр расидааст, истилоҳи савдо аз нигоҳи иқтисодӣ чун муродифи калимаи тиҷорат маънидод карда шудааст. Чунин шарҳи категорияи иқтисодӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳарду истилоҳ бо ҳамдигар муродиф буда, истифодаи онҳо нисбати якдигар ягон зиддияте надорад, гарчанде дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар калимаи савдо ва ба таври расмӣ баъзан вожаи тиҷорат ё истифодаи он бо истилоҳи иқтисод, яъне “тиҷоратӣ – иқтисодӣ”, ҳатто аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нутқу суханрониҳояшон дар мавридҳои гуногун ва дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ҳангоми мулоқотҳои дуҷонибаю бисёрҷониба бо роҳбарони давлатҳои дигар, конфронсҳо ва дар маърӯзаҳои шахсони масъули давлатӣ истифода мешаванд.

Ба андешаи А.Виноградов функсияҳои асосии фаъолияти савдо аз омӯзиши талабот ва шароити бозор, ҷустуҷӯ ва интихоби молрасонҳои қобили қабул, ташкили алоқаҳои хоҷагидорӣ, хариди молҳо, таҳияи сиёсати номгуйи молҳо, ташкил ва баргузории ярмаркаҳо, намоишгоҳҳои савдо, фурӯш, назорат аз болои иҷрои шартнома, фурӯши яклухт, пешбурди хариду фурӯши мол, ташкили воридоти мол, манбаи оперативии захираҳои мол, таблиғи молҳо ва хизматҳо, амалиёти воридотӣ ва содиротӣ, хизматрасонӣ ба муштариён иборатанд [1. С. 234].

Фаъолияти соҳибкорӣ дар савдои чакана хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар байни онҳо вазни қиёсии бештари воситаҳои гардон; мавҷудияти доираи васеи номгуйи молҳо, хизматҳо барои фурӯш ба муштариён; парокандашавии калони ҳудудии корхонаҳо; набудани сохторҳои мутамарказ; сатҳи баланди рақобат байни субъектҳои соҳибкорӣ; ҳиссаи зиёди субъектҳои соҳибкории хурд фарқ карда мешаванд.

Ҳама ҷузъҳои фаъолияти тиҷоратӣ: харид, нигоҳдорӣ, тақсимоти молҳо бо унсурҳои хоси онҳо - фаъолияти тиҷоратиро ҳамчун низом ифода мекунанд.




**Расми 3. – Функсияҳои асосии соҳибкории хурд**

Ақидаҳои О.М. Мороз ва Б.А. Рейсберг, ки бо ҳам мувофиқ мебошанд мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир фаъолияти тиҷоратӣ аз доираи тиҷорати мустақим берун рафтааст: “Корхонаи тиҷоратӣ инчунин дорои омезиши функсияҳои истеҳсолӣ ва савдо мебошад. Инро таҷрибаи корхонаҳои калон, ки шабакаи мағозаҳои ширкатии худро доранд, тасдиқ мекунанд. Ин тасодуфӣ нест, зеро низоми маркетингие, ки ба иқтисодиёти бозорӣ хос аст, татбиқи сикли пурраи ҳаёти маҳсулотро аз идеяи пайдоиши он сар карда, то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ, масалан, дар мағозаи махсус таъмин мекунад”.

Соҳибкории хурд дар савдои чакана дар тақвияти равандҳои иқтисодӣ нақши назаррас дорад, аз ҷумла: он ташкили бозори мутавозинро таъмин менамояд, ба ташаккули таносуби оптималии байни истеҳсолот ва бахшҳои ба он алоқаманд мусоидат менамояд, талаботро ба мол муайян мекунад, соҳибкории истеҳсолиро ҳавасманд менамояд, гардиши молии самаранокро таъмин мекунад, эҳтиёҷоти аҳолиро ба мол ва хизматрасонӣ қонеъ мекунад, фаъолияти субъектҳои бозор буда, дар ташаккули даромадҳои давлатӣ ва маҳаллӣ саҳми муносиб мегузорад.

Бо назардошти шароити хоҷагидории бозорӣ ва васеъ шудани моҳияти фаъолияти хоҷагидорӣ ва тиҷоратии субъектҳои хоҷагидорӣ, марҳилаҳои асосии фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана инҳоро дар бар мегиранд.




**Расми 4. Марҳилаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана**

Тавре ки мо мебинем, марҳилаҳои асосии фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана ва вазифаҳои фаъолияти тиҷоратӣ тибқи гуфтаи А.М.Виноградская хеле ба ҳам монананд, ки ин имкон медиҳад хулоса барорем, ки мафҳум ва робитаи наздики мафҳумҳои савдо ва фаъолияти тиҷоратӣ ва фарогирии охирин ба даст оварда шаванд.

Соҳибкории хурд дар савдои чакана дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

• мустақилияти ташкилӣ ва хоҷагидорӣ - мустақилият ва озодии интихоб аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва намудҳои фаъолияти савдо, хусусияти муносибатҳо бо дигар субъектҳои бозор, ихтисос ва номгуйи гуногуни корхонаҳои савдо, усулҳои хизматрасонӣ ба мизоҷон;

• ошкоро - дастрасӣ ба хизматрасониҳои савдо барои ҳамаи категорияҳои истеъмолкунандагон, афзалияти баррасии манфиатҳои онҳо;

• шаффофият - дастрасӣ ба хизматрасониҳои савдо барои ҳамаи категорияҳои истеъмолкунандагон, дар мадди аввал нигоҳ доштани манфиатҳои онҳо;

• тамаддун - сатҳи баланди хизматрасониҳои савдо;

• худтаъминкунӣ - баргардонидани хароҷотҳои субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷараёни фаъолияти савдо, пешгирии муфлисшавӣ ва қобилияти пардохти молиявии корхонаҳо;

• рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ - фаъолияти самаранок дар муҳити рақобат ва мубориза рақобат, ба шарте ки ягон қонунгузории зиддиинҳисорӣ вайрон карда нашавад;

• танзимнамоӣ - вокуниши дахлдори бахши савдо ба таъсири ҳамоҳангсозӣ ва ислоҳи омилҳои беруна тавассути низоми танзими ҳуқуқӣ, илмӣ-техникӣ, сармоягузорӣ ва дигар механизмҳои танзими давлатӣ;

• масъулияти баланди моддӣ ва молиявии шарикон барои иҷрои вазифаҳояшон.

Функсияи асосии соҳибкории хурд дар савдои чакана фурӯши молҳо ба аҳолӣ, тағйир додани шаклҳои арзиши мол тавассути мубодилаи молҳо вобаста ба даромади истеъмолкунандагон дониста мешавад. Дар натиҷаи амалиёти хариду фурӯши молҳо дар савдои чакана, фурӯши ниҳоии молҳои истеҳсолшуда ба аҳолӣ сурат мегирад.

Таҳлилҳои анҷомдодаи мо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мушкилотҳои зерин дар раванди рушди фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана ҷой доранд ва роҳҳои ҳалли онҳо аз тарафи сохторҳои дахлдор ба мақсад мувофиқ мебошад:

• номукаммалии низоми андозбандӣ ва андозситонӣ барои субъектҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ;

• кифоя набудани маблағҳои молиявӣ;

• ноустуворӣ ва номукаммалии қонунҳои амалкунанда ва ҳамоҳанг набудани онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

• болоравии нархи ашёи хом, молҳои истеъмолӣ ва қувваи барқу газ;

• нархи баланди таҷҳизоту техникаи муосир;

• дахолати баъзан беасоси мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва сохторҳои алоҳида ба фаъолияти соҳибкорони соҳаи истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ.

Барои расонидани кӯмак ба соҳибкорон дар ҳалли мушкилоти номбаршуда истифодаи усулҳои зеринро ҳангоми истифодаи механизми дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар савдои чакана ба мақсад мувофиқ мешуморем:

- танзими ҳамкорӣ байни маъмурияти шаҳрдорӣ, ноҳияҳо ва сохторҳое, ки барои амалӣ намудани дастгирии давлатӣ ваколатдоранд;

- такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, татбиқи қонунҳои амалкунанда ва қабули қарорҳои дахлдор дар ин бобат;

- амалӣ гардонидани механизми шарикии давлат ва сектори хусусӣ, рушд ва такмили дастгирии молиявӣ, андоз ва амволии соҳибкорӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаҳо, лоиҳаҳои рушд ва дастгирии соҳибкорӣ.

Ҳамин тариқ, бояд дарҷ намоем, ки дар ҳақиқат субъектҳои соҳибкории хурд дар савдои чакана бо такмили низоми амалкунандаи дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятии соҳибкорӣ бештар ниёз доранд.

**Адабиёт**

1. Виноградов А. Проблемы российской розницы: начнем с форматов [Текст] / А. Виноградов // Конъюнктура товарных рынков. - 2006. - № 4. - С. 748.
2. Қомуси иқтисодӣ. Муҳаммадорифи Ғафсӣ, Кобул, соли 1974, С. 104
3. Қонуни иқтисодӣ. Муҳаммадорифи Ғафсӣ, Кобул, соли 1974, С. 104нков.ынков. Виноградов // Конъюнктура товарных рынко
4. Луғати тафсирии В.И.Дал
5. Толковый словарь русского языка / Под ред. Д.Н. Ушакова. — М.: Гос. ин-т "Сов. энцикл."; ОГИЗ; Гос. изд-во иностр. и нац. слов., 1935-1940. (4 т.)
7. Валиев Н.Ш. Асосҳои назариявию амалии ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории хусусӣ дар замони муосир / Ҳабибов С.С., Валиев Н.Ш // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2020, № 1 (30) -С. 19-27.
8. Фарҳанги Деҳхудо. Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон, ба забони форсӣ. – 1373 (1994). - 67265 с.
9. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: теория, методология, стратегия. Ф.Р. Шаропов. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономичекских наук. – Душанбе. – 2018. – С. 55

## ТАКОМУЛИ МУҶТАМАЪҲОИ САНОАТӢ ВА СОҲАҲОИ САНОАТИ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

***Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна***- доктор PhD сармуаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии МДТ "Донишгоҳи даавлатии Хуҷанд"

Ба низому тартиб даровардан ва дар маҷмуъ рушд додани иқтисодиёт ва дар ин замина рушд додани муҷтамаъҳои саноатӣ дар шароити муосир аз худ тадбирҳоеро талаб менамояд, ки онҳо бояд дорои тавсифоти қонунӣ, назоратӣ ва иҷрошавандагӣ бошанд. Онҳо асосан аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ба низом

даровардани системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мусоидат намудан ба тағйирёбии шароитҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҷода, барои муҳайё гардидани муҳити созгор тадбирҳои бартараф намудани монеъаҳои батанзимдарорӣ аз ҷониби мақомоти давлативу маҳаллӣ ба миён меоянд, ки он талаботи низоми муосири хоҷагидорӣ мебошад. Ҳамзамон бояд дар хотир дошт, ки мутавозинии принсипҳову омилҳои амалисозии афзалиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Аз ин лиҳоз дар сиёсати саноатӣ ҳадафҳои ноил гардидан ба хоҷагидории самараноки тамоми субъектони иқтисодӣ ба назар гирифта шуда, дар ин замина барои муосидат намудан ба рушди техникиву таҷдидсозии истеҳсолот ва баропо намудани рақобати солим, такмили ифрасохтори иҷтимоиву истеҳсолӣ ва баландбардории сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ кӯшиш ба харҷ дода шавад.

Зарурати мукаммалсозии механизмҳои ташаккулёбии сиёсати саноатӣ вобаста аз зуҳуроти макроиқтисодии мавҷудбуда ва ба вуҷудоянда ба миён омада аст. Дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба самтҳои устувор намудан ва рушд додани иқтисодиёт, ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръат қабул карда шуд. Аз ҷумла дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2019 қайд гардида аст, ки «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт». [ 1,с. 21]. Хукумати кишвар аҳамияти хосаи соҳаҳои саноатро ба инобат гирифта, мақсад гузошта аст, ки дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар ҳиссаи саноат дар ММД-ро то соли 2030 ба 22 % расонад. Аз ин лиҳоз «…зарурати ташаккул додани консепсияҳои навини рушди стратегӣ ба ҳайси афзалиятнокии сиёсати саноатии миллӣ бештар аён мегардад. Дар ин раванд талаботи сахт на танҳо ба муайян кардани самтҳои дурусти стратегӣ барои иқтисодиёти кушода вчуд доард, балки барои усулҳои ноил гардидан ба афзалиятҳо низ мавҷуд мебошад. Чи хеле ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад интихоби дурусти стратегияи ғизлати захираҳои миллӣ барои рушди инноватсионӣ ва устувор аҳамияти хоса дорад. Чунин стратегия дар доираи сиёсати саноатӣ муайян мегардад». [ 2, с. 21-23.]

Сиёсати саноатӣ тамоми сатҳҳои давлатӣ ва идоракуниро муттаҳид месозад ва дар ташаккулёбиву амалисозии он ҳам марказҳои идоракунандаи маҳаллӣ ва ҳам бахши хусусиву ҳам бахши давлатӣ ва соҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ иштирок менамоянд. Ҳамзамон татбиқи роҳҳои самаранок гардонидани бахшҳои гуногуни саноат ва дар ин замина такон додан ба рушди иқтисодиёти миллӣ тадбирҳои махсусро талаб мекунад. Ҳоло масъалаҳои мубрами давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳҳои такмил додани системаи саноат ва ташаккули сиёсати саноатӣ ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ дар онҳо, мавриди таҳқиқи мутахассисон ва олимони иктисоддон қарор гирифта, маҷмӯи интишороти илмӣ, ки фарогири масоили мубрами рушди саноат ва рушди инноватсиониву мутобиқгардонии он ба тартиботи технологӣ мебошанд, зиёд шуда истодаанд. Дар ин замина системаи миллии рушди соҳаҳои саноатӣ ташаккул ёфта истодаанд, ки алоқамандиҳои онро метавон чунин инъикос намуд (расми 1)

Дар шароити муосир рушд ёфтани соҳаи саноат, аз ҷумла рушд он дар самти инноватсияҳо ва таҷдиди бахшҳояш яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳо ва алоқамандиҳои корхонаҳои он бояд дар ҳамрадифӣ ба фаъолияти инноватсиониашон ба ноил гардидан ба натиҷаҳои беҳтарин равона гарданд.




Расми 1. Сохтори системаи идоракунии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон
*Таҳияи муаллиф*

Дар баробари ин расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ҳама сатҳҳо ҳамҷоя бо татбиқи потенсиали инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, ба иҷрои масъалаҳои вогузошташуда ва мушаххас гардонидани ҳадафҳо диққати махсус бояд дода шавад. Дар ин замина ҷустуҷӯи роҳҳои дурусти такмили бахши саноат талаботи асосии сиёсати саноатӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои муҳимми ба рушди соҳаҳои саноати кишвар таъсиркунанда ин ташаккули сиёсати воридотивазкунанда мебошад. Вобаста ба ташаккул додани сиёсати воридотивзкунандаи соҳаҳои саноат олимони ватанӣ ва хориҷӣ аҳамияти муҳим доштани онро бо тарзҳои гуногун ифода мекунанд. Аз ҷумла корҳои олимони ватанӣ С.Ҷ. Комилов, Ш.М. Бобошоев, М.М. Ахмедова, А.Ф. Комилов, А.М. Раҳимов, Ф.К. Шамсиев ва дигарон ба тавсияи мукаммалсозии пояи назариявӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, пояи ниҳодӣ ва дар ин замина беҳтар кардани муносибатҳои дуҷониба байни кишварҳои дуру наздик бахшида шудаанд. Масалан Ҷ.А. Алиҷонов қайд мекунад, ки «Барои беҳтар гардонидани самараи мултипликативии ба миён омада зарур аст, ки стратегияи ҳавасмандгардониии истеҳсолкунандагони ватанӣ барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молу масолеҳ коркард карда шавад. Ин ҷо гап дар бораи татбиқи стратегияи воридотивазкунанда меравад. Равишҳои назариявӣ исбот намудаанд, ки стратегияи воридотивазкунанда ба беҳтар гардидани шароитҳои тиҷорати беруни кишвар мусоидат хоҳад кард». [ 3,с. 255]

**Адабиёт**

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2019. – ш. Душанбе, 26.12. 2019.
2. Рамазанова Б.К. Стратегические направления развития промышленности региона // Региональная экономика: теория и практика. – М., 2012 - № 46. – С. 21. (21-23).
3. Алиджонов Дж.А. Импортозамещающий экономический рост в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан) / Дж.А. Алиджонов / Дисс. на соис. уч. степени док-ра экон. наук. 08.00.01. – Худжанд, 2021. –С. 255. (316 с.)

# РУШДИ ТАЪМИНОТИ МЕТОДОЛОГИЯИ АУДИТИ ҚАРЗДОРИҲОИ КРЕДИТОРӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

**Ғуломова З.З. устоди калони кафедраи таҳлил ва омори ДБССТ**

Аудитор дар раванди санҷиши аудитории қарздориҳои кредиторӣ дар соҳаи сайёҳӣ пеш аз ҳама шартномаҳои таҳвили маҳсулот (молҳо) ва дигар шартномаҳо оид ба қабулкунии корҳо ва хизматрасониҳоро меомӯзад. Ин шартномаҳо бояд ба талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошанд. Пуррагӣ ва саривақтии иҷрогардии уҳдадориҳои ҷонибҳо "талаботи муҳим ҳангоми баҷоории аҳдҳои хоҷагидорӣ барои таҳвили маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) мебошанд. Аҳдҳое, ки ҷонибҳо қасдан бе риоя намудани талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории граждани анҷом медиҳанд, беэътибор ҳисобида мешаванд. [2, 495].

Ҳамин тариқ, аудитор бояд мавҷудияти шартномаҳои таҳвил, дурустии пуркунии онҳо, санаи пайдоиш, сабаби бунёдшавӣ ва муҳлати ба анҷомрасии уҳдадориро муқаррар намояд.

Сипас аудитор маълумоти оид ба қарздориҳои кредитории тиҷоратӣ дар сатрҳои 201 ва 202 тавозуни муҳосибӣ овардашударо бо бақияҳо ва гардишҳои ҳисобҳои баҳисобгирии қарздориҳои кредитории тиҷоратӣ дар Китоби асосӣ, варақаи гардишӣ (тавозуни санҷишӣ) ва феҳристҳои баҳисобгирии таҳлилӣ муқоиса менамояд. Дар раванди муқоисакунӣ мувофиқати байниҳамдигарии ҳама маблағҳоро мебояд равшан намуд.

Дар баҳисобгирии муҳосибӣ барои баҳисобгирии қарздориҳои кредитории тиҷоратӣ ҳисобҳои 22010 "Ҳисобҳо барои пардохт" ва 22020 "Васиқаҳои кӯтоҳмуддат барои пардохт" истифода мешаванд [3, 419].

Аудитор амалиёти ҳисобикуниро бо ҳар як таҳвилгар (ё интихобан) аз рӯи маълумоти феҳристҳо (журнал-ордерҳо, варақаҳо, машинограммаҳо)-и баҳисобгирии қарздориҳои кредитории тиҷоратӣ тафтиш мекунад. Дар ин маврид санаи гузаронидан ва хосияти амалиёт, дурустии истифодабарии нархҳо, болонархҳо ва тахфифҳо барои сарватҳои воридшуда, пуррагии ба баҳисобгирӣ қабулкунии онҳо, асоснокии дар ҳисобнома-фактура ҷудокунии андоз аз арзиши иловашуда муайян карда мешавад.

Аудитор ба амалиёти тиҷоратӣ бо истифодабарии васиқаҳо бояд диққати муҳим диҳад, чунки дар баҳисобгирии онҳо аксаран аз ҷониби муҳосибон хатоиҳо содир мешаванд. Аудитор бояд ба эътибор гирад, ки васиқаҳои худии ба таҳвилгарон додашудаи корхона дар ҳисоби алоҳидаи 22020 "Васиқаҳои кӯтоҳмуддат барои пардохт" ба ҳисоб гирифта мешаванд, фоизҳои васиқаҳо ба арзиши аслии сарватҳои моддии харидашуда зам карда шуда, андоз аз арзиши иловашуда дар ин маврид фақат пас аз пардохт кардани маблағи васиқа аз буҷет ҷуброн карда мешавад.

Фоизҳои васиқаҳо барои пардохт дар ҳисоби 22260 "Фоизҳо барои пардохт" ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар санаи пӯшонидани васиқа ҳисоби 22020 "Васиқаҳо барои пардохт" дар мукотибот бо кредити ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ё дигар дороиҳо дебетонӣ карда мешавад.

Васиқаҳои фоиздор дар баҳисобгирии муҳосибӣ бо арзиши исмӣ (арзиши пардохт) эътироф карда мешаванд. Ҳисобузамкунии фоизҳо бо дебети ҳисоби 66110 "Хароҷот дар намуди фоиз" ва кредити ҳисоби 22260 "Фоизҳо барои пардохт" инъикос карда шуда, ба арзиши қарздории кредитории кӯтоҳмуҳлат (арзиши васиқа) дахл намекунад.

Аудитор дурустии дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани андоз аз арзиши иловашуда ва асоснокии аз буҷети давлатӣ ҷубронкунии онро ба таври интихобӣ тафтиш менамояд. Андоз аз арзиши иловашуда дар тамоми ҳуҷҷатҳои пардохтӣ

(ҳисобнома-фактураҳо, борхатҳо, санадҳои муқоисакунии ҳисобикуниҳо ва ғ.) бояд ҳатман аз арзиши ашё, корҳо ва хизматрасониҳо ҷудо карда нишон дода шавад, ҷубронкунии вай фақат барои сарватҳои моддии пардохткардашуда ва истифодабарии онҳо бо мақсадҳои истеҳсолӣ иҷозат дода мешавад.

Дар раванди санҷиши аудитории қарздориҳои кредитории тиҷоратӣ аудитор бояд дурустии нигоштан ва дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос намудани пешпардохтҳои гирифташударо таҳлил намояд.

Дар мавриди гирифтани маблағи пешпардохт дар паёмади амалиёти додугирифтии тиҷоратӣ чунин гузарониш карда мешавад:

| | | |
|---|---|---|
| Дт | 10210 | "Ҳисобҳо бо асъори миллӣ" ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои пулӣ |
| Кт | 22030 | Пешпардохтҳои гирифташуда |
| | 22320 | ААИ барои пардохт |

Уҳдадориҳо оид ба пешпардохтҳои гирифташудаи муҳлаташон аз як сол зиёд дар ҳисоби 22670 "Дигар уҳдадориҳои дарозмуддат" ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Пешпардохтҳои гирифташуда дар лаҳзаи бор карда ба харидор равон кардани сарватҳои моливу моддӣ ё иҷрои хизматрасониҳо чун даромад эътироф карда мешаванд.

Корхона қарздории кредитории дар натиҷаи гирифтани пешпардохтҳо бамиёномадаро ҳангоми ба харидор таҳвил кардани сарватҳои моливу моддӣ (иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо) соқит менамояд:

| | | |
|---|---|---|
| Дт | 22030 | Пешпардохтҳои гирифташуда |
| Кт | 10410 | Ҳисобҳо барои қабул |

Аудитор бо омӯзиши ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ асоснокии пешпардохтҳои гирифташуда, дурустии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии таркибӣ ва таҳлилии онҳо, саривақтӣ ва аниқии ҷудокунии андоз аз арзиши иловашуда аз маблағҳои пешпардохтҳои гирифташударо муайян менамояд.

Банақшагирии санҷиши аудиторӣ одатан чуноне ба ҷо оварда мешавад, ки зарурати азтестгузаронии ҷузъҳои алоҳидаи бақия чун амали нисбатан меҳнатталаб ва гаронарзиш паст карда шавад. А. Аренс ва Ҷ. Лоббек таҳлили вобастагии арзиши аудит аз самаранокии низоми назорати дохилихоҷагиро гузаронида, дар ин маврид қайд менамоянд, ки ҳар чӣ қадаре ки низоми мазкури мизоҷ босамара бошад, ҳамон қадар масрафҳои гирифтани шаҳодатҳои аудитории басанда камтар мебошанд. Аудитор "санҷишии тестии васеи лаҳзаҳои назоратиро мегузаронад ва барои паст кардани ҳаҷми санҷишҳо аз рӯи моҳият бештар ба низоми назорати дохилихоҷагии мизоҷ такя менамояд" [3, с. 311-313].

Дар ҳолати дигар, вақте ки аудитор наметавонад ба низоми назорати дохилии мизоҷ такя намояд, вай миқдори зиёди тестҳои амалиёт аз рӯи моҳият ва ҷузъҳои бақияҳои ҳисобҳоро ба кор мебарад, ки ин арзиши аудитро ба таври назаррас зиёд мекунад. Вале аудитор ба низоми назорати дохилии мизоҷ бо мақсади истифодаи имкони паст кардани масрафҳо барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ва мувофиқан ба паст кардани арзиши аслии аудит таъсир расонида наметавонад.

Барои баҳо додан ба самаранокии хизматрасонии аудиторӣ М.А. Азарская низ корбурди тарзҳои анъанавиро бо истифодаи нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва фоиданокии хизматрасонӣ ва нигоҳ доштани муносибатҳо бо мизоҷ дар муҳлатҳои тӯлониро тавсия медиҳад [2, с. 180]. Метавон розӣ шуд, ки агар натиҷаҳои аудит барои мизоҷе, ки ба ошкоркунӣ ва ислоҳкунии хатоҳо ҳавасманд аст ва дар натиҷа шартномаи аудитро ба давраҳои минбаъда тамдид додааст, дар ҳақиқат нафъовар шуда бошанд,

пас ин гуна аудит барои ташкилоти аудиторӣ самаранок ҳисобида мешавад. Дар шароити рақобати баланд нигоҳ доштани муносибатҳо бо мизоҷ барои ташкилоти аудиторӣ самари мусбати иловагӣ аз хизматрасониҳо пешниҳодгардида мебошад, вале дар ин маврид худи далели тамдид накардани шартномаи аудит барои соли оянда наметавонад чун самари манфӣ ҳисобида шавад (масалан, дар ҳолати ба таври тендерӣ иҷро намудани фармоиши давлатӣ).

Ба пиндори мо, ҳангоми баҳодиҳии самаранокии санҷиши аудиторӣ корбурди усулҳои стандартии дар таҳлили иқтисодӣ истифодашаванда мақбул мебошад. Равиши маҷмӯӣ ба таҳлили фаъолияти корхона, ки Ж. Ришар таҳия намудааст, метавонад дар ҳолати мазкур ба таври муносиб ба кор бурда шавад. "Корхона бояд босамара фаъолият намояд: даромаднок бошад, ҳосилнокиро баланд бардорад, даромаднокӣ ва фоидаро зиёд намояд" [6, с. 19].

Даромаднокии санҷиши аудиториро метавон чун нишондиҳандаи асосии самаранокӣ эътироф намуд, ки вай таносуби натиҷаи молиявӣ (фарқи байни даромад ва хароҷот аз рӯи шартнома)-ро бар маблағи фурӯш аз шартнома ифода менамояд. Ба ҷо овардани ҳисобкунии масрафҳоро бо баҳисобгирии на танҳо хароҷоти мустақим, балки чун ҳиссаи масрафҳои умумихоҷагии ба лоиҳа (санҷиши аудиторӣ)и мазкур ростоянда ва мутаносибан ба музди кори кормандони истеҳсолии асосӣ (аудиторҳо) тақсимшуда мақбул аст.

Нишондиҳандаҳои муҳим ҳосилнокии меҳнат ва меҳнатғунҷоиш мебошанд. Меҳнатғунҷоиш чун таносуби маблағи фурӯш аз рӯи шартнома бар масрафҳои пардохти меҳнати кормандони истеҳсолӣ (аудиторҳо)-и дар санҷиши аудиторӣ машғул аз рӯи шартнома ҳисоб карда мешавад. Тавре Ж. Ришар қайд кардааст, "душвории асосӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои мазкур аз ҳисоби тахассуснокии қувваи корӣ ба миён меояд", чунки "дар амалия вақти корӣ вобаста аз ҷадвали музди кори дар корхона мавҷудбуда чен карда мешавад", ва "ин тарз аксаран аз сабаби тафовутҳо дар намудҳои гуногуни подошҳо зери танқид гирифта мешавад" [6, с. 251].

Омили ба самаранокии аудит таъсиррасонандаро, ки банақшагирии муносиби муҳлатҳо ва ҳаҷмҳои санҷиш, донистан ва корбурди дурусти стандартҳои аудит, таъмини гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣи муносиби басанда бо масрафҳои камтарин аз он вобаста мебошанд, мо чун омили инсонӣ муайян намудем.

Тавре А. Аренс қайд менамояд, барои таъмин намудани сифат ва самаранокии аудит "хостагирӣ намудани кормандон барои иҷрои уҳдадориҳои аудиторӣ ниҳоят муҳим мебошад" [3, с.195]. Ҳамин тариқа, муҳимии варосат ва донистани тиҷорати мизоҷ қайд карда мешавад.

Омили дигари ба самаранокии санҷиши аудиторӣ таъсиррасонанда омили ташкилӣ-идоракунӣ мебошад, ки бо банақшагирии сарбории корӣ ба кормандон, таъмини саривақтии бутункунии ҳайати кормандон, мавҷудияти сарватҳои техникӣ, барномавӣ, ахборӣ ва дигарҳо алоқаманд аст. Омили ташкилӣ-идоракунӣ, ба ақидаи М.А. Азарская инҳоро дар бар мегирад [2, с. 180]:

- таъминоти методологӣ (стандартҳои дохилӣ, методикаҳо, қолибҳо);
- сиёсати кормандон (таъминнокӣ бо кормандони баландихтисос);
- мувофиқакунии шартҳои шартнома оид ба арзиш, ҳаҷм ва муҳлатҳои санҷиши аудиторӣ;
- муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо намояндагони хадамоти муҳосибии мизоҷ.

Ҳамҷоякунӣ (ҳамкорӣ) ҳамчунин метавонад чун омиле эътироф карда шавад, ки ба баландбардории самаранокии аудит аз ҳисоби истисно кардани амалҳои такрорӣ дар кори аудиторҳо мусоидат намояд, чунки махсусгардонӣ босамар аст, то он гаҳе ки такроршавии вазифаҳо ба миён наояд.

Барои таҳия намудани методикаи ҳисобкунии самаранокии иқтисодии хизматрасониҳои аудиторӣ мо низоми таъмини сифати аудитро чун механизме баррасӣ менамоем, ки имкон медиҳад то ахбор қабул карда ва дигар карда шавад ва бо ин ба ташкилоти аудиторӣ имкон диҳад, ки воқеияти корҳоро инъикос намояд, дар муҳити атроф роҳёб бошад, ба натиҷаҳои беҳтарини фаъолият ва сатҳи баланди сифат ноил гардад. Мафҳуми мазкур имкон медиҳад, ки самаранокии низом аз диди нишондиҳандаҳои сифатии васфкунандаи иқтидори низом барои ба таври чандирӣ мутаассир шудан ба ҳамагуна дигаргуниҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мусоидат намудан ба ҷоришавии босамараи равандҳои дохилӣ баҳо дода шавад.

Ҷиҳати муҳим дар методикаи ҳисобкунии самаранокии иқтисодии хизматрасониҳои аудиторӣ, ба пиндори мо муайян намудани арзиши аслии санҷиши аудиторӣ мебошад.

Зарурати таҳия намудани методикаи муайян кардани арзиши аслии санҷиши аудиторӣ, ки аксари ташкилотҳои аудиторӣ дар фаъолияти худ метавонанд онро татбиқ намоянд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кайҳо ба миён омадааст. Аз як ҷониб, таҳия шудани методикаи ягона ба мукаммалгардии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ мусоидат менамояд, аз ҷониби дигар, ин методика метавонад чун тадбири самарабахш барои муқовимат бар демпинг (демпинг “ ба таври сунъӣ паст кардани нарх бо мақсадҳои ғаразнок), ки дар бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ба таври васеъ паҳн гардидааст ва ҷомеаи аудиторӣ ба он кароҳат дорад, баромад намояд [10, с. 45]. Арзиши аслии санҷиши аудиторӣ, ки бо ёрии методикаи мазкур муайян карда мешавад, ба ташкилотҳои аудиторӣ имкон медиҳад, ки қимати камтарини арзиши ин гуна санҷишро ҳисоб кунанд, ки дар рафти баргузор намудани муколамаҳо бо мизоҷони имконӣ лаҳзаи муҳим ҳисобида мешавад.

Пеш аз он ки ба таҳия намудани методикаи ҳисобкунии арзиши аслии санҷиши аудиторӣ шуруъ намоем, бояд муайян кунем, ки ҳадафи таҳия намудани ин гуна методика чист, соҳаи корбурди он чӣ ба ҳисоб меравад, кадоме аз иштирокчиёни бозори хизматраосниҳои аудиторӣ методикаи мазкурро ба кор мебаранд, дар асоси кадом санадҳои меъёрӣ вай таҳия карда мешавад. Ҷаҳд менамоем, ки ба ин саволҳо посух диҳем.

Ҳангоми таҳия намудани методикаи номбаршуда, муносибат бевосита ба аудитро ба инобат гирифта, бояд муқаррарот ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, Кодекси одоби касбии аудиторҳо, стандартҳои миллӣ ва байналмилалии фаъолияти аудиторӣ ва дигар санадҳо баҳисоб гирифта шаванд. Инчунин, ҳангоми таҳияи методикаи мазкур бояд сохтори иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои аудиторӣ баҳисоб гирифта шавад.

Мақсади таҳияи методикаи муайянкунии арзиши аслии санҷиши аудиторӣ ин муқаррар намудани тартиби муайян кардани арзиши аслии хизматрасониҳои аудиторӣ мебошад, соҳаи корбурди методикаи мазкур бошад, - муайян кардани арзиши аслии аудити ҳатмӣ ва ташаббусии ҳисоботи молиявии шахсони санҷидашаванда мебошад. Истифодабарандагони методика ҳам ташкилотҳои аудиторӣ, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва ҳам аудиторҳои инфиродӣ баҳисоб рафта метавонанд.

Ба хотири он ки худи методика ва раванди таҳия намудани он мураккаб нагардад, бояд як қатор маҳдудиятҳо ва раводидҳо қабул карда шаванд. Ин методика, масалан, хусусиятҳои гузаронидани аудити ҳисоботи молиявии муттаҳидгардида, инчунин ҳисоботи ташкилотҳои қарзӣ, иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок, ташкилотҳои суғуртавӣ, биржаҳои молӣ ва фондӣ, ташкилотҳои саҳомии сармоягузориро баҳисоб намегирад.

Ҳангоми таҳия намудани методика дар назар дошта мешавад, ки ташкилоти аудитшаванда: а) баҳисобгирии муҳосибиро бо қувваи худӣ ба ҷо меорад; б) филиалҳо ва бахшҳои алоҳида надорад; в) хадамоти назорати дохилиро ташкил намекунад; г)

ҳисоботи молиявиро тибқи қоидаҳои муқарраргӣ (стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ) ва риоя гардидани қонунгузорӣ тартиб медиҳад; д) ҳисоботи молиявии худро ба пуррагӣ барои санҷиш пешкаш менамояд. Инчунин дар назар дошта мешавад, ки ташкилоти аудиторӣ нисбат ба шахси аудитшаванда аудити аввалӣ мегузаронад ва дар рафти аудит дигар ташкилоти аудиторӣ ва (ё) коршиносро ҷалб намекунад.

Дар методикаи таҳияшаванда чунин тартиби муайян кардани арзиши аслии санҷиши аудиторӣ дар назар дошта мешавад. Тибқи Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии (НБМ) 7/2001 "Хароҷоти корхона", хароҷоти намудҳои муқаррарии фаъолият хароҷоте мебошанд, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, харид кардан ва фурӯхтани молҳо алоқаманд мебошанд ва бо чунин аломатҳо гурӯҳбандӣ карда мешаванд [1]: масрафҳои моддӣ, марафҳои пардохти меҳнат, суғуртаи иҷтимоӣ, истеҳлок, дигар масрафҳо. Хароҷоти ташкилоти аудиторӣ барои гузаронидани аудит низ бояд ҳамчунин гурӯҳбандӣ карда шаванд. Дар ин маврид аҳамияти муҳимтарро ҳангоми бунёдгардии арзиши аслии санҷиши аудиторӣ масрафҳои пардохти меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳои суғуртаи иҷтимоии давлатӣ доранд, чунки маҳз хароҷоти пардохти меҳнат асоси арзиши аслии санҷиши аудиториро муайян менамоянд.

Хароҷоти пардохти меҳнат ҷиҳати санҷиши аудитории мушаххас дар навбати худ аз масрафҳои меҳнатии барои гузаронидани вай зарурбуда вобаста мебошанд. Қимати дарёфтшавандаи масрафҳои меҳнатӣ аз меҳнатғунҷоиши ҳама намудҳои корҳои ба санҷиши мушаххас хосбуда бунёд мегардад. Зимнан, вай на танҳо аз намудҳои асосии корҳои бевосита бо гузаронидани санҷиши аудиторӣ алоқаманд, инчунин аз намудҳои корҳои назоратӣ, ки иҷроиши онҳо аз таъмини сифати муносиби аудит боис мешавад, таркиб меёбад. Муайян намудани ҳама намудҳои корҳо дар асоси дарк кардани фаъолияти шахси аудитшаванда, омӯзиши феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили ҳисоботи молиявӣ, баҳоории амалҳои аудитории дигар имкон дорад. Меҳнатталабии ҳар як намуди корҳо бошад, метавонад вобаста аз ҳаҷми воқеии намуди мазкури корҳо ва қимати муқарраргардидаи меъёри вақт барои иҷрои он муайян гардад.

Ин ҷо бояд шарҳ дод, ки ҳаҷми намудҳои корҳои аудиторӣ гуфта чӣ фаҳмида мешавад. Дар санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми "ҳаҷми намудҳои корҳо" баррасӣ нашудааст. Вале дар стандартҳои байналмилалии фаъолияти аудиторӣ мафҳуми "ҳаҷми санҷиши аудиторӣ" шарҳ дода шудааст. Дар ин маврид чун мафҳуми асосӣ барои дарк намудани ҳаҷми аудит амали санҷишии аудиторӣ ба кор бурда мешавад. Маҳз амалҳои санҷишии аудиторӣ, миқдори онҳо, ҳайат ва амиқии гузаронидани санҷиши аудиторӣ меҳнатғунҷоиши санҷиши аудиториро муайян менамоянд. Амалҳои санҷишии аудиторӣ - корҳои таъсиррасонӣ ба субъектҳо ва объектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд, ки аудиторҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ба ҷо меоранд. Ба сифати субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ соҳибкорон (шахсони ҳуқуқӣ " корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва шахсони воқеӣ " соҳибкорони инфиродӣ) ва кормандони онҳо баромад менамоянд, объекти хоҷагидорӣ - чизҳо (зуҳурот, равандҳо)-е мебошанд, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ба онҳо равона шудааст. Фаъолияти хоҷагидориро субъектҳои хоҷагидорӣ мутобиқи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии аз ҷониби давлат муқарраргардида мебаранд ва роҳбарӣ мекунанд [Тоҳирова 120, с. 147].

Амалҳои аудиторӣ сершумор ва гуногуншакл мебошанд, техникаи иҷроиши онҳо ва усулҳои истифодашавандаи гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ низ гуногун мебошанд. Ҳар як амали аудитории алоҳида мавҷудияти объектҳои таҳқиқотро дар назар дорад, ки миқдори онҳо дар ниҳоят меҳнатғунҷоиши амали аудитории мазкур ва меҳнатғунҷоиши намуди дахлдори корро муайян менамояд.

Ҳамин тариқа, метавон хулоса баровард, ки ҳаҷми ин ѐ он намуди корҳо миқдори объектҳои ҷисмонӣ мебошад, ки аудитор онҳоро бояд таҳқиқ кунад, нисбат ба онҳо амалҳои муайянро бо мақсади гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ба ҷо орад.

**Адабиёт**


1. Низомномаи баҳисобгири муҳосибии 7/2001 "Хароҷоти корхона". Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2001, № 118.
[Сарчашмаи электронӣ]. URL: http://minfin.tj/ (санаи муроҷиат: 10.02.2020)
2. Азарская М.А. Теория и методология обеспечения качества аудита: дис. … д-ра. экон. наук / Азарская Майя Анатольевна. М., 2009. 452 с.
3. Аренс А., Лоббек Ҷ. Аудит: Пер. с англ.- М.: Финансы и статистика, 2003. 560 с.
4. Астраханцев Н.В. Повышение эффективности и качества аудиторских услуг в России: дисс. ... канд.экон.наук. / Астраханцев Николай Викторович. М., 2007. 167 с.
5. Бровкина Н.Д. Основы финансового контроля: учеб. пособие / под ред. М.В. Мельник. М.: Магистр, 2011. 384 с.
6. Ришар Ж. Аудит и анализ хозяйственной деятельности предприятия / пер. с франц. Под ред. Л.П. Белых. М.: Аудит, ЮНИТИ, 1997. 375 с.
7. Сухарев О.С. Теория эффективности экономики. М.: Финансы и статистика, 2009. 368 с.
8. Тоҳирова Р.С. Аудит. Душанбе: Ирфон, 2018. 582 с.
9. Черненко А.Ф., Сумкин А.С. Анализ современных методик определения стоимости аудита // Международный бухгалтерский учет. 2012. № 33. С. 45-60.


## САМТҲОИ АСОСИИ СОҲАҲОИ САНОАТИКУНОНИИ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Ҳасанзода Ф.Ш. -** н.и.и., муалими калони ДБССТ

Ба низому тартиб даровардан дар иқтисодиёт ва дар ин замина рушд додани саноатӣ дар шароити муосир аз худ тадбирҳоеро талаб менамояд, ки онҳо бояд дорои тавсифоти қонунӣ, назоратӣ ва иҷрошавандагӣ бошанд.

Онҳо асосан аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ба низом даровардани системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мусоидат намудан ба тағйирёбии шароитҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҷода, барои муҳайё гардидани муҳити созгор тадбирҳои баратараф намудани монеъаҳои батанзимдарорӣ аз ҷониби мақомоти давлативу маҳаллӣ ба миён меояд, ки он талаботи низоми муосири хоҷагидорӣ мебошад.

Ҳамзамон бояд дар хотир дошт, ки мутавозинии принсипҳову омилҳои амалисозии афзалиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Аз ин лиҳоз дар сиёсати саноатӣ ҳадафҳои ноил гардидан ба хоҷагидории самараноки тамоми субъектони иқтисодӣ ба назар гирифта шуда, дар ин замина барои муосидат намудан ба рушди теникиву таҷдидсозии истеҳсолот ва баропо намудани рақобати солим, такмили ифрасохтори иҷтимоиву истеҳсолӣ ва баландбардории сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ кӯшиш ба харҷ дода шавад.

Зарурати мукаммалсозии механизмҳои ташаккулёбии сиёсати саноатӣ вобаста аз зуҳуроти макроиқтисодии мавҷудбуда ва ба вуҷудоянда ба миён омада аст. Дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба самтҳои устувор намудан ва рушд додани иқтисодиёт, ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръат қабул карда шуд. Аз ҷумла дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2019 қайд гардида аст, ки «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ

интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодаем.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт»[1,с.21].

Ҳукумати кишвар аҳаммияти хосаи соҳаҳои саноатро ба инобат гирифта, мақсад гузошта аст, ки дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар ҳиссаи саноат дар ММД-ро то соли 2030 ба 22 % расонад.

Аз ин лиҳоз «…зарурати ташаккул додани консепсияҳои навини рушди стратегӣ ба ҳайси афзалиятнокии сиёсати саноатии миллӣ бештар аён мегардад. Дар ин раванд талаботи сахт на танҳо ба муайян кардани самтҳои дурусти стратегӣ барои иқтисодиёти кушода вҷуд доард, балки барои усулҳои ноил гардидан ба афзалиятҳо низ мавҷуд мебошад. Чи хеле ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад интихоби дурусти стратегияи ғизлати захираҳои миллӣ барои рушди инноватсионӣ ва устувор аҳамияти хоса дорад. Чунин стратегия дар доираи сиёсати саноатӣ муайян мегардад» [ 2, с. 21-23].

Сиёсати саноатӣ тамоми сатҳҳои давлатӣ ва идоракуниро муттаҳид месозад ва дар ташаккулёбиву амалисозии он ҳам марказҳои идоракунандаи маҳаллӣ ва ҳам бахши хусусиву ҳам бахши давлатӣ ва соҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ иштирок менамоянд. Ҳамзамон татбиқи роҳҳои самаранок гардонидани бахшҳои гуногуни саноат ва дар ин замина такон додан ба рушди иқтисодиёти миллӣ тадбирҳои махсусро талаб мекунад.

Ҳоло масъалаҳои мубрами давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳҳои такмил додани системаи саноат ва ташаккули сиёсати саноатӣ ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ дар онҳо, мавриди таҳқиқи мутахассисон ва олимони иктисоддон қарор гирифта, маҷмӯи интишороти илмӣ, ки фарогири масоили мубрами рушди саноат ва рушди инноватсиониву мутобиқгардонии он ба тартиботи технологӣ мебошанд, зиёд шуда истодаанд. Дар ин замина системаи миллии рушди соҳаҳои саноатӣ ташаккул ёфта истодаанд, ки алоқамандиҳои онро метавон чунин инъикос намуд ( ниг ба расми 1).

Дар шароити муосир рушд ёфтани соҳаи саноат, аз ҷумла рушд он дар самти инноватсияҳо ва таҷдиди бахшҳояш яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳо ва алоқамандиҳои корхонаҳои он бояд дар ҳамрадифӣ ба фаъолияти инноватсиониашон ба ноил гардидан ба натиҷаҳои беҳтарин равона гарданд.

Дар баробари ин расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ҳама сатҳҳо ҳамҷоя бо татбиқи потенсиали инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, ба иҷрои масъалаҳои вогузошташуда ва мушаххас гардонидани ҳадафҳо диққати махсус бояд дода шавад.

Дар ин замина ҷустуҷӯи роҳҳои дурусти такмили бахши саноат талаботи асосии сиёсати саноатӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои муҳимми ба рушди соҳаҳои саноати кишвар таъсиркунанда ин ташаккули сиёсати воридотивазкунанда мебошад. Вобаста ба ташаккул додани сиёсати воридотивзкунандаи соҳаҳои саноат олимони ватанӣ ва хориҷӣ аҳамияти муҳим доштани онро бо тарзҳои гуногун ифода мекунанд.

Аз ҷумла корҳои олимони ватанӣ С.Ҷ. Комилов, Ш.М. Бобошоев, М.М. Ахмедова, А.Ф. Комилов, А.М. Раҳимов, Ф.К. Шамсиев ва дигарон ба тавсияи мукаммалсозии пояи назариявӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, пояи ниҳодӣ ва дар ин замина беҳтар кардани муносибатҳои дуҷониба байни кишварҳои дуру наздик бахшида шудаанд.




Расми 1. Сохтори системаи идоракунии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масалан Ҷ.А. Алиҷонов қайд мекунад, ки «Барои беҳтар гардонидани самараи мултипликативии ба миён омада зарур аст, ки стратегияи ҳавасмандгардониии истеҳсолкунандагони ватанӣ барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молу масолеҳ коркард карда шавад. Ин ҷо гап дар бораи татбиқи стратегияи воридотивазкунанда меравад. Равишҳои назариявӣ исбот намудаанд, ки стратегияи воридотивазкунанда ба беҳтар гардидани шароитҳои тиҷорати берунаи кишвар мусоидат хоҳад кард»[3, с.255].

**Адабиёт**


4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2019. – ш. Душанбе, 26.12. 2019.
5. Рамазанова Б.К. Стратегические направления развития промышленности региона // Региональная экономика: теория и практика. – М., 2012 - № 46. – С. 21. (21-23).
6. Алиджонов Дж.А. Импортозамещающий экономический рост в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан) / Дж.А. Алиджонов / Дисс. на соис. уч. степени док-ра экон. наук. 08.00.01. – Худжанд, 2021. –С. 255. (316 с.)


# ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАСИОНӢ (ТИК) ВА МАВҚЕИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ЭТИКА ВА ЭСТЕТИКА

**Ҳайдаров А.А.-** н.и.п., дотсент, мудири кафедраи таърих ва фалсафаи ДБССТ

Рушди босуръати тамаддунҳои муосир ва ҳамсафари маснуи онҳо- ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳангу маорифи тамоми кишварҳои олам, хусусан мамолики дорои рушди миёна ва суст ва ақшори мухталифи ҷомеаи онҳо таъсири

амиқ, бебозгашт ва боризи худро гузошта истодааст. Ин раванд ҳам аз ҷанбаҳои мусбат ва ҳам аз ҷанбаҳои манфӣ бархурдор мебошад.

Истифодаи бамавқеъ аз он, ба он оварда мерасонад, ки фарҳангҳои алоҳидаи мардуми олам ба тамаддуни умумибашарӣ равобите бештаре касб намуда, ба он пайваст шаванд. Истифодаи стихиявӣ ва содалавҳона боиси он мегардад, ки мардуми мамолики дорои иқтисодиёти сусттараққикарда аз унсурҳои асосии фарҳангии хеш дер ё зуд маҳрум хоҳанд гашт. Дур мондан ва напазируфтани пешрафти муосир низ, битамом имконнопазир аст.

То солҳои наздик ва ҳоло ҳам аксари омӯзгорони насли калонсол муқобили истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанни этика ва эстетика мебошанд. Онҳо истинод бар он мебананд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) рақамикунонӣ боиси бесаводтар гардидани шогирдон хоҳад шуд. Ба андешаи онҳо, чун заминаи дониши шогирдон аз макотиби мутавасита суст мебошад, барои онҳо танҳо истифодаи усулҳои таълими суннатӣ созгор асту бас. Агар тибқи андешаҳои онҳо амал кунем, то садсолаҳои наздик аз ихтирои чархи ароба болотар иқтидор нахоҳем дошт.

Вале рушди имрузаи ҷомеа тақозоҳои қатъии хешро дорад, риоя ва аз бар кардани онҳо ҳам аз ҷониби насли ҷавон, ҳам миёнсол ва ҳам калонсол зарури хоҳад буд.

Мусаллам аст, ки насли калонсоли ҷомеа дар тамоми тули мадиди таърих пайваста ҷонибдори тамоюли консервативӣ буд ва дигаргуниҳои ҳам муфид ва ҳам музирро намепазируфт ва ё ин ки дертар қоил мегардид.

Вале насли миёнсол тарроҳи ин ҳама дигаргуниҳо ва насли ҷавон иҷрогар ва амалисозандаи ин нақшаҳо буданд ва мебошанд.

Пешрафти ҷомеаи имрӯза ва маорифи имрӯза бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсиони ва рақамикунонӣ сахт марбут мебошад:

"Техникаи кайҳонӣ, энергетикаи атомӣ, лоиҳаи объектҳои мукаммалтарини базаи информатсия ва донишро беистифодабарии компютер тасаввур кардан маҳол акст"[1с31].

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистолн , яке аз нахустин ташаббускорони гузаштан ба низоми кредитии таҳсил буда,базаи мустаҳками васоити техникии таълим ва иқтидори кофии потенсиали мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи мазкур мебошад. Ҳануз дар соли 2008-2009 тамоми омӯзгорони синну соли мухталиф курси мазкурро хатм намуда, соҳиби сертификат гардидаанд. Баъдан курсҳо оид ба истифодабарии тахтаи электронӣ низ борҳо баргузор гардид. Пас бо итминон метавон гуфт, ки аксарияти омӯзгорон метавонанд, ки бемалол аз ВТТ ва тахтаи электронӣ истифода бурда, дарсҳои хешро муассиртару шавқовартар гузаронанд.

Яке аз тамоюлҳои муҳими улуми замони муосир ин баҳамназдикшавии илмҳо ва фанҳои таълимӣ мебошад. Инчунин, бояд зикр намуд, ки ҳатто истилоҳоти махсуси соҳаҳои гуногун метавонанд, ки мавриди истифодаи фунуни дигар бигиранд.

Дар силки ин фунун метавон этика ва эстетикаро ҳамчун илм ва фанни таълими шомил сохт. Этика ва эстетика аз илмҳои гуманитарӣ – фалсафа, психология, таърихро ва аз улуми табиӣ – анатомия, қавонин ва баъзе истилоҳоти соҳаи физикаро фарогир мебошад. Технологияҳои иттилоотии муосир низ аз доира намемонад. Зеро яке аз вазифаҳои асосии фарҳангшиносии муосир вазифаи вазифаи иттилоотӣ ва ахбордиҳии ҷомеа мебошад.Дар гузашта ин вазифа дар натиҷаи равобити байни давлатҳо, рафтуои одамон ва матбуот дар муддатҳои дароз амалӣ мегардид.Имрузҳо ин вазифаи Этика ва эстетика бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир дар кӯтоҳтарин лаҳзае амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, фарҳанги асри XXI-ро фарҳанги иттилоотӣ низ мегӯянд [1с.63].Технологияҳои иттилоотӣ, яке аз феноменҳои фаҳанги

иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд, аз ин хотир, хусусиятҳои хоси фарҳанги иттилоотӣ мавриди омӯзиши бевоситаи илми Этика ва эстетика қарор гирифтааст.

Дастовардҳои илмҳои муосир омӯзгори фанни этика ва эстетикаро вазифадор менамомояд, ки ба ин масъала жарфтар ва амиқтар нигарад ва дар истифодаи онҳо зимни тадсири ин фан саҳмгузор бошад. Танҳо омӯзгоре, ки аз истифодаи ин усул баҳраманд аст, худро муваффақ ҳисобида метавонад.

Дар ҳақиқат, дар солҳои охир кредити фанни Этика ва эстетика , аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷае кам карда шудааст, ки он боиси таассуф аст. Кредити фанни Этика ва эстетика ба 2 кредит, яъне ба 48 соат бо иштироки омӯзгор фароварда шудааст ва ин 2 фанро бо ҳам омехтаанд, ки он дар якҷоягӣ 2 кредит бо иштироки омӯзгорро ташкил медиҳад.

Лекин ба ин мушкилӣ нигоҳ накарда, омӯзгорони фанни Этика ва эстетика аз истифодаи ВТТ ва усулҳои фаъоли таълим бояд истифода баранд.

Фанни Этика ва эстетика ҳамагӣ 48 таълим дода мешавад ва он 16 соат лексия, 16 соат дарси амалӣ ва 16 соат КМРО- ҳовӣ мебошад.

Дар дарсҳои лексионӣ омӯзгор метавонад, ки мавзуъҳои муҳимро:
Бо презентатсия гузарад. Зимни гузаштани дарси "Этикаи бостонии Шарқ" омӯзгор, худ беҳтар аст дар бораи ахлоқ дар Эрони қадим презентатсия нишон диҳад. Вале дар дарси КМРО-и ҳамин мавзуъ (мавзуи "Этикаи Ҳинду Чин, Эрони бостон") омӯзгор бояд ба донишҷӯён супориш диҳад, то ки онҳо дар бораи ин мавзуъҳо презентатсия тайёр намоянд. Ин иқдом аз як тараф сарфаи вақт хошад буд ва аз тарафи дигар шавқи мустақилона омухтанро дар вуҷуди донишҷӯёни бедор менамояд. Таҷрибаи солҳои гузашта нишон дод, ки омода намудани презентатсия барои дарсҳои КМРО, на танҳо донишҷӯёни фаъолу хубхонро, балки донишҷӯёни сустхонро низ ба таҳрик ва шавқ меорад. Зимни таҳияи намоиш (презентатсия), донишҷӯ оид ба мавзуи додашуда маълумоти зиёде дастрас менамояд ва дар давоми дарси КМРО мекӯшад, ки дониши худро нишон диҳад, чизи аз дигарон бештар пайдокардаи хешро нишон диҳад.

Инчунин, омӯзгор мавзуи "Этикаи атиқаи Юнон ва Рими қадим"—ро низ метавонад, ки чун супориш барои машғулияти амалӣ пешниҳод намояд. Бигузор шогирдон мавзуъҳои кори мустақилонаи донишҷӯро низ ба тариқи презентатсия тайёр намоянд. Соли таҳсили гузашта мавзуҳои КМД: "Чехраҳои мондагор"- Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти он дар тарбияи ахлоқии насли ҷавони имрӯза", "Нақши Паёми Президент ҶТ Эмомалӣ ба Маҷлиси Олии ҶТ дар пешрафти фарҳанги миллӣ" барои донишҷӯён чун мавзуъҳои интихобӣ пешниҳод гардида буданд. Бархе КМД-ро шакли реферат ва қисми каме дар шакли презетатсия пешниҳод намуданд. Баъди нишон додани намоиш (презентатсия), шогирдоне, ки КМД-ро пешниҳод намуда буданд аз дидани бартарии намоиш ба ваҷд омада, хоҳиш карданд, ки онҳо ҳам метавонанд, чунин намоишро таҳия кунанд, агар омӯзгор қабул намояд.

Чи қадаре, ки маводи таълимӣ тавассути васоити техникии таълим ба донишҷӯён пешниҳод карда шавад ва присипи аёният истифода бурда шавад, дониши онҳо ҳамон қадар амиқу устувортар мегардад.

Асосгузори принсипи аёният Ян Амос Коменский мебошад. "Қоидаи тиллоии дидактика"- маҳсули кори ӯст. Ин присипро педагогони машҳури дигари олам И.Г.Песталотси ва К.Д.Ушинский тақвият ва такомул бахшидаанд[4,с. 412].

Роҷеъ ба масъалаи омӯзиши забонҳо тавассути компютер низ метавон қайд намуд, ки ин равиш дар мамолики хориҷа даҳсолаҳо қабл ба роҳ монда шуда,натиҷаҳои дилхоҳ ба бор оварда буд. Дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба андешаи мо нақшеро, ки ИНТЕРНЕТ бозида метавонад, на ҳар омӯзгор бар он қодир буда метавонад, зеро дар он тамоми намуди китобҳои дарсӣ, фарҳангномаҳои дузабона ва баръакс, муҳоварҳо, текстҳо, топикҳо ва дарсҳо оиди талаффуз ва имлои калимаҳои забони омӯхташуда мавҷуд ва дастраси донишҷӯён мебошад

Барои омӯзгорон низ ин мавод, бемузду миннат устоде, раҳнамое буда метавонад. Бинобар ин, омӯзгор даставвал худ бояд, инро биёмӯзад.

Чи тавре ки маълум аст, барномаи дурустнависӣ ва талаффузи дурусти калимаҳои забонҳои ҷудогона солҳост, ки мавриди истифодаи забономӯзон қарор дорад.Чунин барномаҳои саҳеҳи дурустнависӣ ва талаффузи дурусти калимаҳои забони тоҷикӣ алҳол датраси ҳамагон нагардидааст. Кредити соатҳои таълимии фанни забони тоҷикӣ низ хеле кам шудааст.

Вале истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ, ВТТ ва усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ, бартарияти зиёдеро нисбат ба усулҳои суннатии таълим дар худ доранд.

Омӯзгорон бар он андешаанд, ки соатҳои муқараргардида ҳатто барои омӯзондани имло кофи нест, чӣ сазад, ки боз ба тахтаи электронӣ ва дигар усулҳо руҷӯъ намуд.Ба ҳар ҳол, омӯзгор мусаллам аст, ки даставвал силлабуси таҳиякардаи хеш, матни лексияҳои таҳияшудаи электронии фанро дастраси донишҷӯён мегардонад. Китобҳои электронии марбутаи фанни таълимӣ- забони тоҷикӣ ва тестҳои рейтинги аввал низ дастраси донишҷӯён бо ин роҳ донишҷӯён ба ҷустуҷӯ ва омӯзиши мустақилона шавқу завқ пайдо нахоҳанд кард.

Хулоса, мавриди истифодаи бамавқеъ қарор додани технологияҳои иттилоотӣ, дар ҳақиқат, боиси пешравист. Вале дар хотир бояд дошт, ки ноуҳдабароёна ва бедиққат истифода бурдани онҳо ва аз ҳад зиёд низ эътибор додан ба онҳо донишҷӯро аз фаҳмиши умумии фанни тадрисшаванда дур месозад: “Аз ҳад зиёд ба аёният эътибор додан барои чуқур аз худ намудани дониш халал мерасонад, пеши роҳи фикри абстрактӣ ва дарк намудани моҳияти қонуниятҳои умумӣ ва ҷамъи онҳоро мегирад”[4,с.414]

**Адабиёт**

1.Капранова, М.Н. Роль иформации в современном обществе/ Сборник молодых Учёных МГУКИ.М.,2006.
2.Каптерев, А.И.Мультимедиа как социокультурный феномен / . М.,2002.
3.Комилов Ф. С. Информатикаи татбиқӣ.-Душанбе, 2009.
4.Раҳимов Х., Нуров А.Педагогика.-Душанбе, 2011

## РУШДИ СОҲАИ СОҲИБКОРӢ - ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**Хоҷазода З.С. - устоди калони кафедраи молия ва андозбандии ДБССТ.**

Замони муосир ва рушди ҳаёти инсонӣ, зина ба зина талаботи ба худ хосро пайдо кардааст. Бо гузашти вақт башарият тавонист омилҳои беҳтареро барои таъмини ҳаёти шоистаи худ ва дар сатҳи арзанда идома бахшидани зиндагӣ, ба роҳ гузорад. Таърих гувоҳ аст, ки кишварҳои мутараққии олам чӣ гуна бо муборизаҳои шадид ва тағйир додани тафаккуру андешаҳо, маданияту фарҳанг ва тарзи ҷадиди зиндагӣ, саъю талош кардаанд, то барои кишвару миллати худ фазои созгорро фароҳам оранд. Тоҷикистон низ чун як узви ҷомеаи ҷаҳони пешрафта, марҳилаҳои гуногунро паси сар кардааст.

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аз ҷумлаи се вазифаи асосии татбиқи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аз рақобатпазирии соҳаҳои асосии он вобаста буда, дар ин замина ташаккул ва рушди устувори саноати рақобатпазир самти муҳимми тақвияти бартариятҳои рақобатии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин тамоюл ва равандҳои мураккаби бозори ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки саноати рақобатпазир омили калидии ташаккули иқтидори давлат ва пояи асосии рушди бемайлони он ба ҳисоб меравад. [1, с 50]

Рушди соҳаи саноати мамлакат аз фаъолияти содиқонаи соҳибкорони ватанӣ вобастагии зич дорад. Ин аст, ки давлату ҳукумати мамлакат барои фаъолияти пурсамари соҳибкорони ватанӣ, имкониятҳои заруриро муҳаё кардааст. Талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба молу маҳсулоти босифату бехатар ба фаъолияти дурусти соҳибкорон вобастагӣ дорад. Онҳо, танҳо тавассути донишу таҷрибаи пешрафтаи худ имкон доранд, ки молу маҳсулоти рақобатпазирро ба истеъмолкунанда пешниҳод созанд.

То имрӯз оид ба масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ тадқиқотҳои сершумор гузаронида шудаанд. Ин тадқиқотҳо усулҳои гуногунро барои асоснок кардани самтҳо ва воситаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар системаҳои гуногуни иқтисодӣ истифода бурданд. Аммо бо вуҷуди ин, дар шароити нави иқтисодӣ, ки таъсири манфии таконҳои беруна бартарӣ дорад, давлатро зарур аст, ки ба масъалаҳои инфрасохтор ҳамчун асоси баланд бардоштани рақобатпазирии саноат таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намояд. [2, с 158]

Таваҷҷуҳ ба низоми идоракунии сифат дар сатҳи байналмилалӣ ва риояи ҳама шартҳои он шуруъ аз коркарди маҳсулоти хом, то ба дасти истеъмолкунанда расонидани он, нишонаи дар амал татбиқ шудани талаботи имрӯзи инсоният аст. Баланд бардоштани савияи дониш, таҷрибаи соҳибкорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид баҳри фаъолияти соҳибкорӣ, барои дар сатҳи баланд фаъолият кардани корхонаҳо, таъсири мусбӣ расонида метавонад. Ҳоло насли ҷавон имкон дорад, ки илми тиҷорату соҳибкориро аз муассисаҳои таълимии олӣ аз худ карда, минбаъд дар фаъолияташон онро бо дониши баланду боварӣ истифода баранд.

Маҳсулоти дорои сифати паст метавонад бо нархи мувофиқ рақобатпазир бошад, аммо агар ягон хусусият мавҷуд набошад, он ҷолибияти худро комилан аз даст медиҳад.

Маълум аст, ки дар ин марҳилаи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки бевоситаи давлат ва истифодаи фаъолонаи шаклҳои наву муосири дастгирӣ, чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии саноат нигаронида шудаанд, тақозо мекунад. [3, с 5]

Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии савдо ба мамлакати мо мақоми “иқтисоди бозоргонӣ”-ро дода, имкон фароҳам овардааст, ки бозори иқтисодии худро куллан тағйир дода, соҳаи саноату истеҳсолотро рушд диҳем. Танҳо тавассути баланд бардоштани сифату бехатарии молу маҳсулоти босифат ва ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, тибқи стандартҳои байналмилалӣ, роҳ ёфтан ба бозори ҷаҳонӣ бароямон муяссар мегардад. Таи чанд даҳсолаи охир, соҳибкорони ватанӣ аз таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои тараққикарда васеъ истифода мебаранд ва донишу малакаи худро баланд мебардоранд, то сифати молу маҳсулоти ватаниро рақобатпазир ба талаботи бозори ҷаҳонӣ гардонанд.

Ҳоло шароит фароҳам омадааст, ки дар заминаи шартҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо корхонаҳои зиёди саноатии хурду миёна ва бузург дар ҳудуди мамлакат зиёд бунёд гардад. Теъдоди корхонаҳои навбунёд дар соли 2022 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 505 ададро дар бар гирифт, ки аз ин теъдод 160 корхона ба саноати хӯрокворӣ, 121 корхона ба саноати сабук, 116 корхона ба саноати сохтмон, 99 корхона ба соҳаи саноати мошинсозӣ ва 9 корхона ба дигар соҳаҳо рост меояд. Дар бунёди корхонаҳои нав саҳми соҳибкорони ватанӣ муассир буда, беш аз 5 ҳазор нафар сокинони мамлакат бо ҷои корӣ таъмин шудаанд. [4, с 205]

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноати кишвар эълон гардид. [5] Ҳама санадҳои институтсионалӣ таъсиси саноати рақобатпазирро пешбинӣ мекунанд, ки

ҳадафи он ҷойгузини воридот ва мусоидат ба содироти маҳсулоти саноатии рақобатпазир мебошад.

Ҳамин тариқ, тадқиқот нишон дод, ки сарфи назар аз таърифҳои зиёди рақобатпазирӣ, ҳамаи онҳо ба истифодаи самаранок тамоми захираҳои мавҷуда таъкид мекунанд. Вобаста ба ин, мо бо назардошти таърифҳои дар боло зикргардидаи рақобатпазир, дар сатҳи давлат ва дар сатҳи корхона пешниҳод намудани таърифи ягонаи мафҳуми «рақобатпазир»-ро бамаврид мешуморем. Рақобатпазирӣ ҳама гуна рақобате мебошад, ки дар корхона бо мақсади рушд ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ҷорӣ карда мешавад, ки фоида ба даст овардан ва қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа нигаронида шудааст.

Ҳукумати мамлакат дар ин доира соҳибкорони ватаниро барои бунёди корхонаҳои нав ҷалб карда, барояшон шароит фароҳам меорад, то барои таъмини талаботи бозори дохилӣ ва бозори хориҷӣ молу маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол кунанд. Ин аст, ки алҳол корхонаҳое бунёд шудаистодаанд, ки маҳсулотро шуруъ аз ашёи хоми маҳаллӣ, то омода барои истеъмолкунанда тайёр мекунанд.

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон кору фаъолияти як қатор корхонаҳои ватанӣ, ба таври наву замонавӣ ба роҳ монда шуда, сол то сол истеҳсолкунандагон анвои наву муосири молу маҳсулоти ба талабот ҷавобгӯро барои аҳолии мамлакат, пешниҳод мекунанд. Ин аст, ки маҳз қабул ва аз рӯи стандартҳои байналмилалӣ фаъолият кардани корхонаҳои ватанӣ омили ба бозори ҷаҳонӣ роҳ ёфтани молу маҳсулоти Тоҷикистон гардидааст.

Таъмиру барқарор кардани муҳити тозаи корхона, риояи ҳолатҳои санитарӣ, таъмини кормандон бо либоси ягонаи корӣ, баланд бардоштани савияи дониши кормандон, фароҳам овардани муҳити мусоири меҳнатӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои кормандон, корҳои омӯзишӣ, бехатар ва бо сифати баланд истеҳсол кардани таркиби маҳсулоту расонидани он, то ба дасти харидор дар доираи қонуну қоидаҳои хосса бояд амалӣ гардад. Чунин талаботро алҳол ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозо мекунад ва танҳо тавассути риоя гаштани қоидаҳои махсуси истеҳсолоту фурӯш маҳсулоти ватании мо метавонад дар бозори ҷаҳонӣ ҳам рақобатпазир гардад. Маҷмуан риоя кардани тамоми қоидаҳои стандартҳои байналмилалӣ дари садҳо мушкилиро барои соҳибкорон боз мегардонад ва барои содироти маҳсулоти худ ба хориҷ имкониятҳои зиёде фароҳам меояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои заминаҳои воқеии рушди саноат, аз ҷумла захираҳои бойи табиӣ, қувваи корӣ, манбаъҳои кофии энергияи сабз, мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, мавҷудияти бозорҳои дохиливу хориҷӣ, иқлими мусоид барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар омилҳои пешбарандаи истеҳсолоти саноатӣ аст, ки барои тараққиёти босуръати тамоми бахшҳои он, бахусус саноати маъдан ва металлургия, мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, саноати сабук, хӯрокворӣ, дорусозиву кимиё ва дар ин замина ба рушди истеҳсолоти миллӣ шароити мусоид фароҳам меорад. [6, с 120]

Ҳамин тариқ, рушди саноат ва муваффақ шудан ба қонеъгардонии талаботи бозори ҷаҳонӣ симои мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ ба таври мусбат инъикос намуда, ҳар давлат бо моли истеҳсолкардааш муаррифӣ карда мешавад. Соҳаи саноат на фақат ҳамчун сарчашмаи даромад хизмат менамояд, инчунин имкониятро барои таҳкими ҷанбаҳои дигари ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар, аз ҷумла ташкили ҷойҳои кории нав, баланд намудани ҳисси ифтихори миллӣ, устувории иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ фароҳам меорад.

**Адабиёт**

1. Давлатова Р.Қ., Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳ 50)

2. Кодиров, Ф. А. Инфраструктурные аспекты повышения конкурентоспособности промышленных предприятий Республики Таджикистан в современных условиях / Ф. А. Кодиров // Вестник БИСТ (Башкирского института социальных технологий). Уфа – 2022. – № 1(54) с 158
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. URL: http:// mmk.tj
4. Омори солона. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. - С. 205
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». URL: http://www.president.tj
6. Хоҷаев П.Д., Ҷабборова М.Ҷ., / Рушди соҳаи саноати Тоҷикистон дар марҳилаи муосир, //Маводҳои конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026) (18-23 апрели соли 2022) саҳ 120//

# РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ, ҲУНАРҲОӢ МАРДУМӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ҲАЁТИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ВМКБ

**Риҷабеков Н.Ч., Султонбекова З.Ф.** - ассистентони ДБССТ

Соҳаи сайёҳӣ дар таркиби иқтисоди ҷаҳонӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноктарин ба ҳисоб рафта, ҳарчӣ бештар ҳудудҳои навро фаро гирифта истодааст. Самти рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмини афзоиши ММД, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, ташкил ва ташаккули маҷмааҳои сайёҳӣ, ҳифзу нигоҳдошти ҷойҳои таърихию - табиӣ, рушд додани ҳунарҳои мардумӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини сайёҳӣ ба шумор мреавад. Соҳаи сайёҳӣ соҳаи ояндадор ва самарабахш буда, манбаи афзоиши даромади миллӣ, махсусан барои он кишварҳое, ки иқтидори бузурги сайёҳӣ-рекреатсионӣ, шароити иқлимӣ ва ёдгориҳои таърихию- фарҳангӣ доранд, маҳсуб меёбад.

Дар солҳои охири қарни 20-21 бо дигаргуниҳои амиқ дар иқтисоди ҷаҳонӣ тавсиф меёбад васеъшавии бошиддати алоқаҳои тиҷоратӣ, фарҳангӣ, илмӣ-техникӣ ва рушди сайёҳӣ ба амал омада истодааст. Пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар бисёр мамлакатҳои дунё ва васеъкунии рафту омадҳои байни давлатӣ бо мақсадҳои гуногун оварда истодааст. Аҳамияти соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳон пайваста меафзояд. Дар иқтисодиёти мамлакатҳо сайёҳии байналхалқӣ як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд. Аз ҷумла:

- сарчашмаи воридшавии асъор ва воситаи бо кор таъминкунии аҳолӣ;
- боиси афзуншавии ҳаҷми нишондиҳандаҳои ММД;
- сабаби ташаккулёбии соҳаҳои гуногуни хоҷаги халқ мегардад, ки дар соҳаи сайёҳӣ бо сифати соҳаҳои ёрирасон хизмат мекунад. [3 с.118]

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо талошҳои Сарвари давлат эълон гардидани соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, солҳои 2019-2021 ҳамчун “ Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ хеле бамаврид аст. Ҳадаф аз ин тадбирҳо қабл аз ҳама, муаррифи намудани имкониятҳои сайёҳӣ ва фаъолияти миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ , беҳбудӣ бахшидан ба вазъӣ иҷтимоиву иқтисодии мавзеҳои сайёҳию- рекреатсионӣ ва таъмини шуғл мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳунарҳои мардумӣ вобаста бо мурури замон якчанд вазифаҳои ба пешрафти ҷомеъа заруриро иҷро менамоянд:

Вазифаи аввал, фароҳамсозии муҳити идона – ҷашну маросимҳои халқӣ – оилавиро бидуни истифодаи маҳсули ҳунарҳои бадеии мардумӣ тасаввур кардан ғайр имкон аст. Мисол, намоиши асарҳои бадеӣ, нақошӣ, сарулибоси миллӣ, кандакорӣ, заргарӣ ва ороишоти миллиро қариб дар тамоми маросиму идҳо дидан мумкин аст.

Дуюм, вазифаи маишӣ дар фарҳанги рӯзгордории анқариб тамоми оилаҳои қавму миллатҳои гуногун маҳсули ҳунарҳои мардумиро ба монанди кӯзаҳо, анҷоми

рӯзгор, сарулибос, маводи ороиширо дидан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо мавриди истифодаи ҳамарӯза қарор доранд.

Вазифаи сеюм тӯҳфа ё армуғонӣ – ин вазифа бо инкишоф ёфтани сайёҳӣ ва алоқаҳои фарҳангии байниҳамдигарии халқҳову миллатҳо ба миён омада, имрӯз аз ҳарвақта дида маъмул аст. [5. с. 120]

Бо назардошти ҳолати бозори сайёҳии ҷаҳонӣ дар самти рушди сайёҳии фарҳангӣ кишвварҳои ҷаҳон кӯшиш бар он доранд, ки дастовардҳои таърихию-фарҳангӣ, бахусус, расму оин, урфу одат, ҷашну марсоимҳои миллӣ, ҳунарҳои анъанавии мардумӣ ва ба ин монанд зууроти фарҳангиро ҳамчун маҳсулоти сайёҳии миллӣ барои сайёҳони ватанию хориҷӣ пешкаш намоянд.

Мавзеъҳои сайёҳии Бадахшони Кӯҳи дорои кӯҳҳои баланд, обҳои табобатӣ, пиряххҳои бузург, захираи об, манзараҳои назаррабо, захираҳои биологӣ, таърих, фарҳанг, забонҳои қадимаи ҳиндуаврупоӣ урфу одат анъаноти хоса дар ин миён дарканор буда наметавонанд.

Ҳунарҳои мардумӣ падидаи ҷолиб ва мураккабе дар фарҳанги бисёрҷабҳаи мардуми Бадахшон ба ҳисоб рафта ба онҳо намудҳои зерини ҳунарҳои мардумӣ дохил мегарданд: чакандузӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, намадсозӣ, ҷомадӯзӣ, ҷӯроббофӣ, тоқидузӣ, сабадбофӣ, муйбандактайёркунӣ, либосдӯзӣ, оҳангарӣ, дуредгарӣ ва кандакорӣ аз замонҳои қадим хеле шуҳрат дошта, то имрӯз ҳамчун тимсоли донишу шинохти ҷаҳон ва таърихи хеле ҷолиби диққат барои сайёҳон буда, дар ташкил ва рушди сайёҳии таърихию – фарҳангӣ, муносибатӣ ва этнографӣ нақши муҳим доранд.

**Ҷӯроббофӣ-** яке аз ҳунарҳои қадимаи мардуми Бадахшон ба шумор меравад. Ба ақидаи М. Андреев ҷуроббофӣ яке аз рушдёфтатарин ҳунари волои мардуми тоҷик ба шумор меравад [7. с. 112].

Ҷӯроббофӣ як намуди ҳунари бофандаги дастӣ буда, он аз риштаҳои пашми гусфанд ё буз тайёр карда мешавад. Нақшу нигори он низ ба монанди шаклҳои гуногуни геометрӣ мебошад. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки гарчанде дар бозори сайёҳӣ маҳсулоти истеҳсолии дастӣ зиёд бошад ҳам, лекин маҳсулотҳое, ки аз лиҳози экологӣ тоза ва хушсифат мебошанд, аслан дар мавзеҳҳои болооби дарёи Панҷ хеле рушд ёфтааст.

**Тоқидузӣ-** низ яке аз ҳунарҳои қадими мардуми Бадахшон мебошад, ки бо духтан ва нақшу нигори тоқӣ марбут аст. Дар минтақаи Осёи Миёна тоқӣ асосан ду шакл дорад: мудаввар ва чоркунча, онҳоро дар шимоли кишвар "тупӣ" ва дар водии Ҳисору Рашт, вилояти Хатлону Бадахшон "тоқӣ" меноманд. Умуман, дар минтақаи сайёҳӣ болооби дарёи Панҷ аз ҷиҳати гуногуни ранг ва маънои фалсафӣ тоқии вахонӣ ва шуғнонӣ рамзи чор унсури табиат - об, хок, оташ, бод ва инчунин, офтобу куҳҳоро таҷҷассумменамоянд [6. С. 23].

**Мӯҳрабофӣ-** низ қисмате аз ҳунари мардумӣ Бадахшон буда, онро асосан дар ҷашниҳои диниву мазҳабӣ, ҷашниҳои миллӣ ва дар тӯйу сур ва дигар ҷорабиниҳо васеъ истифода мебаранд.

Имрӯз сайёҳони хориҷӣ аз маҳсули ҳунарҳои дастии мардуми ин минтақа харидорӣ намуда, онро барои хешовандону наздикони худ ҳамчун армуғон мебаранд. Истеҳсоли ҳунарҳои мардумӣ барои сайёҳони дохилию – хориҷӣ ҷолиби диққат мебошад ва барои, ба даст овардани даромади зиёди иқтисодӣ аз ҳунарҳои дастӣ эҳё намудани ҳунарҳои мардуми Бадахшон, баланд бардоштани маърифатнокии сайҳон ва сокинони ин минтақа заминаи басо муҳими иқтисодию – иҷтимоиро фароҳам меоранд. Бояд қайд намуд, ки сармоягузорӣ дар бахши эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ амалӣ карда мешавад.

**Санъати мусиқии -** мардуми минтақаи Бадахшон бо гуногунии мазмун ва фалсафаи хеш қарнҳои хеле қадим ҳамбастагиии маънавиеро доро мебошад. Бахусус осори мусиқие, ки мардуми ин минтақаи сайёҳӣ офаридаанд, асолати эронӣ ва ориёии фарҳангӣ онҳоро бозгӯ мекунад, ки таҳқиқоти донишмандон ба монанди А.А.

Семёнов, И. Зарубин, Н.Н. Миронов, А.С. Ленский, Н.М. Зубков, Н. Нурҷонов, Э.Э. Романовская ва И. Рогальский ва дигарон шоҳиди ин нуктаҳо аст [1. с. 29].

Асбобҳои мусиқии мардуми Бадахшон аз қабили даф, най, ғиҷак, лабчанг, сетор, рубоб, танбӯри помирӣ, таблак бо созҳои мусиқии дигар иқоматкунандагони ҷумҳуриямон дар як мавқеъ ҷойгир буда, аз нигоҳи ифодаёбии шаклӣ, лаҳнӣ, пардавӣ, иҷроиши зарбӣ, фосилаҳои нимпардагию калоншуда ва дигар нозукиҳои маъмули санъати мусиқӣ бо ҳам зич пайваст мебошанд.

Сурудҳои миллӣ-мардумӣ аз қабили: байтхонӣ, баҳория, ғарибнома, доирабазм, лалайик ва маддоҳ ба шумор рафта, мадияхонӣ дар байни мардуми Бадахшон хусусусияти динӣ- мазҳабӣ дошта, ифодакунандаи розу ниёзи ниҳонии онҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳамасола дар марказӣ сайёҳии Бадахшон- шаҳри Хоруғ фестивали “Боми Ҷаҳон” баргузор мегардад. Ҳадафи ин ҳамоиши фарҳангӣ мусоидат кардан ба таҳкими дӯстиву ҳамгироии халқҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ, фароҳам сохтани имконияти ҳифз ва эҳёи анъанаҳои мардумӣ, нишон додани рақсу сурудҳои миллию маҳаллӣ, навохтани асбобҳои мусиқии халқҳои гуногуни ҷаҳон мебошад.

Муҳимияти ин гуна ҷорабинии фарҳангӣ дар ташкил намудани сайёҳии муносибатию - фарҳангӣ дар он аст, ки тарзи ҷаҳонбинии сайёҳони дохилию – хориҷӣ нисбат ба ин минтақаи сайёҳӣ васетар мешавад, гузашта аз ин дар вақти намоиш додани ҳар гуна сурудҳои халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ҷаҳон рӯҳияи ҷисмонӣ ва рӯҳонии сокинони маҳаллӣ ва сайёҳони хориҷӣ шод мегардад.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар раванди ин фестивал сайёҳон на танҳо аз хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо истифода мебаранд, балки аз муассисаҳои хӯроки умум, харидории маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасони нақлиёт истифода мебаранд. Ва ин фоидаи зиёди иқтисодиро барои сокинони ин минтақа хоҳад овард.

**Таомҳои миллйи мардуми Бадахшон** - Ҳар як гурӯҳи этникӣ хӯрокҳои хоси худро доранд. Яке аз омилҳои муҳими рушди соҳаи сайёҳӣ ин хӯрокҳои маҳаллӣ ба ҳисоб рафта тавассути хӯрокҳои гуногун ва тарзи тайёр намудани таомҳои хуштаъм мо метавонем сайёҳонро ба ин минтақа ташвиқ намоем. Аз рӯи пайдоиш ва ҷузъҳои асосии хӯрокҳои мииллӣ минтақаи сайёҳии Бадахшон асосан аз маҳсулоти ширӣ буда ҷунин хӯрокҳоро дар бар мегирад: қурут, ҷурғот (пай), қаймой (мароб), панир, ширчой, ширбиринҷ, ҳалвои ширӣ, айрон (асосан дар минтақаи сайёҳӣ Мурғоб омода мекунанд.), кочӣ (мил), дӯғ ва ғ. [8.с 88].

Дар натиҷаи тадқиқот маълум гардид, ки бештари сайёҳони хориҷӣ аз маҳсулотҳои ширӣ истифода мебаранд.Сабаб дар он аст, ки маҳсулоти ширӣ хуштаъм ва аз лиҳози экологӣ тоза мебошад. Таомҳои маҳаллии мавзеъҳои сайёҳии Бадахшон бой ва беназир буда ва дар вақти пухтупази онҳо усулҳои гуногун истифода мегарданд, ки мухлисони сайёҳии гастраномиро (аслан барои сайёҳони дохилӣ) мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳем, инҷунин дар рушди сайёҳии гастраномӣ ин минтақа саҳми мусбат мегузорад.

Аз назари мо, мавриди амал қарор додани масъалаҳои зерин метавонад, ба рушди соҳаи сайёҳӣ, инкишоф додани ҳунарҳои дастӣ, муаррифии симои мусбат ва густариши ҳамкориҳои сайёҳӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ такон бахшад.

1. Барои таблиғ намудани маҳсулотҳои дастӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон ташкили барномаҳои телевизони марбут ба омӯзиши ҳунарҳои мардумию - маҳаллӣ барои аудиторияи васеъ, омӯзишиҳои телевизионӣ, варақаҳо ва буклетҳои тағрибкунанда, таъсис додани сайтҳои махсус барои ташвиқоти маҳсулотҳои сайёҳӣ бо забонҳои хориҷӣ аз тарафи Шуъбаи рушди сайёҳии назди ҳукумати ВМКБ ва муассисаҳои сайёҳӣ ташкил карда шавад.

2. Ҳангоми додани грантҳо аксаран бартарият бояд ба лоиҳаҳое дода шавад, ки дар замони муосир мубрам буда, ки маҳсулотҳои дастиро таблиғ менамояд. Ин боиси рушди ҳунарҳои мардумӣ гардида ба рушди соҳаи сайёҳӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

3. Корхонаҳои ғайридавлатие, ки , ки дар ҳудуди ВМКБ кор ва фаъолият мекунад ҳукумати вилоят онҳоро дар муддати 4 ё 5 сол аз супоридани андоз озод намояд ва ба хотири баланд бардоштани сифати маъсулотҳои дастӣ, ки аз тарафи сокинони вилоят ба фуруш бароварда мешаванд, бояд курсҳои кӯҳтомуддат ташкил карда шавад.

4. Дар раванди ҷашнгирии идҳои миллӣ (Наврӯз, Садда, меҳргон), фестивалҳои байналмилалӣ (Боми ҷаҳон) ва баргузорнамудани форуму ҳамоишҳои сатҳи баланд ки он ҷо маҳсулотҳои дастӣ ба намоиш гузошта мешавад, ба маърази тамошо гузошта шавад.

**Адабиёт**


1. Абдураҳмонова.П.Д. Ҳаёти фарҳангии ВМКБ дар солҳои 1991-2016.- Душанбе. 2019. 54с.
2. Амиралӣ Ҳ. Ҳунармандони Бадахшон. Монография - Душанбе: 2014. - 4 с.
3. Зарифов М.А. Нақши сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ. Тоикистон дар масири таърих: истиқлолият дастовард ва дурнамо, маводи симпозуми байналмилалӣ (қисми 2), Душанбе : 2021. 117 с.
4. Конфренсия о наилучших практиках в области устойчивого землепользования и управления природными на таджикском и афганском Памире. Хорог. 2007. 27 с.
5. Қодирова Ф. Ҳунарҳои анъанавии мардумӣ бо унвони объектҳои сайёҳии фарҳангӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии “ Мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. Душанбе: 2018. 98 с.
6. Мероси фарҳангӣ ғайриоддӣ дар Тоҷикистон.- Душанбе : 2017.- 159 с.
7. Риҷабеков Н.Ч. Нақши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ВМКБ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “ Проблемаҳои инкишофи сайёҳии дохилӣ дар замони муосир” Душабе, 2023.- Саҳ. 98-100
8. Риҷабеков Н.Ч. Ташкили ҳудудии сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар болооби дарёи Панҷ. Паёми Донишгоҳи Милии Тоҷикистон. Душанбе- 2021. № 8. С-88
9. Юнусов, Н., Додхудоев, Л. Народное искусство Памира/. Душанбе,2009.-.104 с.


## ЦИФРОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ТУРИЗМ: ВОПРОСЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ДОСТИЖЕНИЙ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ТУРИСТСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Ёров Д.Н.-** Заведующий отделом туристических исследований НИИТП МУТПТ,

Цифровые технологии не только оптимизируют управление инфраструктурой, но и открывают новые возможности для создания более устойчивых, интеллектуальных и комфортных городов. Развитие цифровых технологий в управлении инфраструктурой представляет собой важный шаг к созданию более устойчивого и инновационного будущего.

Цифровой маркетинг и продвижение не просто изменяют игровые правила в мире бизнеса, но и предоставляют беспрецедентные возможности для взаимодействия с аудиторией. Успешное использование цифровых технологий требует гибкости, постоянного обновления стратегии и готовности адаптироваться к изменениям в цифровой среде.

Следует отметить, что туризм играет ключевую роль в социально-экономическом развитии регионов, превращая их в привлекательные туристические пункты. На основе этого формирование и развитие туристических комплексов представляют собой сложный процесс, требующий внимательного изучения и понимания теоретических основ. Туристические комплексы представляют собой уникальные среды, объединяющие в себе разнообразные природные, культурные и экономические элементы. Данные комплексы оказывают существенное влияние на экономику республики, его социокультурную сферу и экологическую устойчивость. Поэтому теоретическое понимание процессов и факторов, лежащих в основе их формирования и развития, является

необходимым шагом для эффективного управления туристической индустрией на региональном уровне.

Хотя цифровизация туристических услуг в Республике Таджикистан приносит многочисленные преимущества, она также создает ряд проблем, которые необходимо решить для успешного внедрения цифровых решений. Вот некоторые распространенные проблемы, связанные с цифровизацией предоставления туристических услуг:

- цифровой разрыв, то есть не все географические территории Таджикистана имеют равный доступ к цифровой инфраструктуре, что приводит к цифровому разрыву. В сельских или отдаленных горных районах республики может отсутствовать необходимая связь, что препятствует внедрению цифровых туристических услуг (Горный Бадахшан, Фон-Ягнобские горные территории, Варзобское ущелье, Рамитское ущелье и т.д.).

- проблемы кибербезопасности. Проблема заключается в росте зависимости от цифровых платформ также возрастает риск угроз кибербезопасности, таких как утечка данных, взлом и кража личных данных. Обеспечение безопасности конфиденциальной туристической информации является серьезной проблемой (имеется в виду то что некоторые территории имеют стратегическое значение и поэтому эти территории должны быть закрытыми для посещения).

- проблемы конфиденциальности. Цифровизация предполагает сбор и хранение больших объемов персональных данных. А также, сбалансировать потребность в данных для улучшения туристического опыта с защитой конфиденциальности — постоянная задача.

- устойчивость к изменению, то есть традиционные предприятия и частные лица в сфере туризма могут сопротивляться внедрению цифровых технологий из-за недостаточной осведомленности, страха увольнения или опасений по поводу сложности новых систем.

- ограничения инфраструктуры, значить в некоторых регионах, особенно в развивающихся странах или отдаленных регионах, отсутствует надежная цифровая инфраструктура, включая подключение к Интернету и электричество, которая может препятствовать успешному внедрению цифровых туристических услуг.

- недостаток технических навыков. Проблема в индустрии туризма, то есть оно может столкнуться с нехваткой квалифицированных специалистов (в действительности следует подготовить местных высокоспециализированных специалистов туристской отрасли в таких туристских зонах как Бадахшан, Рашт, Варзоб, Бальджуан, Ромит, Пенджикент, Исфара и Канибадам), способных эффективно управлять цифровыми системами и обслуживать их. Обучение существующего персонала или найм новых специалистов с цифровыми навыками могут стать препятствием.

-чрезмерная зависимость от технологий, здесь следует отметить, что хотя цифровизация полезна, но чрезмерная зависимость от технологий может привести к проблемам в случае технических сбоев. Системы резервного копирования и планы действий в чрезвычайных ситуациях необходимы для предотвращения сбоев.

- культурные и этические соображения. На наш взгляд внедрение цифровых решений должно уважать и согласовываться с культурными нормами и этическими соображениями местных сообществ. Несоблюдение этого требования может привести к негативной реакции как со стороны туристов, так и местных жителей (на этой основе уважение к местной культуре обязателен).

Решение этих проблем требует целостного подхода, включающего сотрудничество между заинтересованными сторонами, инвестиции в инфраструктуру, программы образования и обучения, а также разработку надежной нормативно-правовой базы для обеспечения ответственной и инклюзивной цифровизации туристических услуг.

Республика Таджикистан является горной территорией и поэтому цифровизация предоставления туристских услуг имеют некоторые сложности, то есть специфиче-

ская особенность территории республики требует особенно подхода в реализации политики цифровизации туристских услуг. Цифровизация туристических услуг в горных районах развивается вместе с новыми тенденциями, направленными на улучшение общего опыта туристов и одновременное решение конкретных проблем, связанных с этой уникальной средой[3.40][1]. В Европейской Хартии горных регионов утвержденное Советом Европы, сказано, что горные территории – это местности, где высота, рельеф и климат создают особые условия, влияющие на повседневную человеческую деятельность. Наша республики считается горной территорией так как более 90% территории страны расположено на высоте более 500 метров от уровня моря, поэтому реализация программ по цифровизации туристских услуг требует специфического подхода в зависимости от гипсометрических показателей. Вот некоторые тенденции усиления цифровизации туристических услуг в горных районах:

1. Умные системы следования. Интеграция интеллектуальных систем маршрутов, которые используют технологию GPS и датчики для предоставления информации в режиме реального времени о пешеходных маршрутах и треккинговых маршрутах. Сюда входят сведения о состоянии маршрута, обновления погоды и предупреждения о безопасности, повышающие безопасность и опыт туристов.

2. Опыт виртуальной реальности (VR). Более широкое использование технологий VR для предложения виртуальных туров и захватывающих впечатлений от горных мест. Это позволяет потенциальным посетителям виртуально исследовать и планировать свои поездки, улучшая впечатления перед поездкой, но с начала на основе организации комплексного изучения туристских территорий следует создать туристский паспорт территорий и подготовить видеоролики этих местностей.

3. Цифровое повествование для сохранения культурного наследия. Инициативы по цифровому рассказыванию историй, в которых используется мультимедийный контент, включая видео, подкасты и интерактивные карты, для демонстрации культурного наследия горных регионов. Это помогает сохранить местные традиции и привлечь туристов, заинтересованных в аутентичных впечатлениях.

4. Приложения для экологически чистого и устойчивого туризма. Разработка мобильных приложений, направленных на продвижение экологически чистых и устойчивых туристических практик в горных регионах. Эти приложения могут предоставить информацию об ответственном походе, управлении отходами и туристической деятельности с низким уровнем воздействия.

5. Цифровые платформы для местных ремесленников. Создание онлайн-платформ, которые связывают местных ремесленников и ремесленников с туристами. Эти платформы позволяют продавать изделия ручной работы и традиционные продукты, поддерживая местную экономику и сохраняя культурное наследие. На наш взгляд следует создать национальную онлайн платформу под названием «Таджикское рукоделие» или «Сувениры Таджикистана», где в формате онлайн предлагалось бы туристам рукотворные изделия таджикских мастеров и народных ремесленников. Но для этого нужно организовать ассоциацию таджикских ремесленников и объединить народных ремесленников со всех регионов Таджикистана.

6. Цифровые платежные решения. Более широкое использование цифровых платежных решений, таких как мобильные кошельки и бесконтактные платежи, для облегчения транзакций в горных регионах. Это повышает удобство для туристов и поддерживает местный бизнес. Следует отметить, что с каждым годом число интернет пользователей в Республике Таджикистан увеличивается, которая приводить к доступ-

[1]Ёров Дж.Н. Кластеризация как элемент инновационного подхода к обеспечению развития туристской индустрии в Республике Таджикистан / Дж.Н. Ёров //Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук -2023. -№7. -Стр.- 36-41. ISSN 2413-5151

ности интернет платформ. По данным отчётов службы связи при Правительстве Республики Таджикистан за 2015-2023 годы количества пользователей интернета в республике динамично увеличивается (см. таб.2).

**Таблица 2. Ежегодный прирост количества пользователей интернета в Республики Таджикистан (и мобильного и кабельного интернета) (2015-2023 гг. чел.) [4.146][2]**

| | |
|---|---|
| 2015 | 1 555 693 |
| 2016 | 1 600 000 |
| 2017 | 2 300 000 |
| 2018 | 2 500 000 |
| 2019 | 2 700 541 |
| 2020 | 2 945 193 |
| 2021 | 3 120 098 |
| 2022 | 4 205 230 |
| 2023 | 4 506 832 |

7. Приложения для туризма на уровне сообщества. Создание общественных туристических приложений, освещающих местный опыт, проживание в семьях и культурные мероприятия. Эти приложения позволяют местным сообществам активно участвовать в туризме и получать от него выгоду. Следует отметить, что на данный период развития туризма в горных территориях местное население уже внедрилась в суть и осознания экономической эффективности туристских услуги постепенно они строят и предлагают иностранным и внутренним туристам свои Guesthouse и Homestay, которые были бы снабжены интернетом.

8. Развивающиеся маркетинговые стратегии. Цифровизация меняет маркетинговые стратегии, уделяя особое внимание контент-маркетингу, сотрудничеству с влиятельными лицами и интерактивным кампаниям. Туристический бизнес должен адаптироваться к развивающемуся цифровому ландшафту, чтобы эффективно охватить и привлечь свою целевую аудиторию.

Охват этих тенденций не только способствует цифровизации туристических услуг в Республике Таджикистан, но также способствует устойчивому развитию и сохранению уникальных ландшафтов и культур горных районов.

Поскольку цифровизация туристических услуг продолжается, отрасль может предвидеть постоянные достижения, которые изменят то, как туристы планируют, получают впечатления и размышляют о своих путешествиях. Адаптация к этим тенденциям имеет решающее значение для предприятий и направлений, чтобы оставаться конкурентоспособными и соответствовать меняющимся ожиданиям современных путешественников.

**Литература**

1. Герчикова Е.З., Спиридонова Е.П., Социологические аспекты трансформации сферы рекреации и туризма в условиях цифровой экономики /Е.З.Герчикова, Е.П.Спиридонова //Вестник СГСЭУ. -2018. -№ 3 (72) -С.- 45-49.

2. Зайниддинов У.М., Факторы, влияющие на развитие туризма в Республике Таджикистан /У.М.Зайниддинов //Материалы республиканской научно-теоретической конференции на тему: «Развитие рекреационного туризма в современных условиях» (31 октября 2015). -Душанбе -2015. -Стр.- 79-81.

3. Ёров Дж.Н. Кластеризация как элемент инновационного подхода к обеспечению развития туристской индустрии в Республике Таджикистан / Дж.Н. Ёров //Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук -2023. -№7. -Стр.- 36-41. ISSN 2413-5151

4. Ёров Дж.Н., Ризоев С.А. Пути обеспечения развития туризма в Республике Таджикистан на основе инновационных достижений / Дж.Н. Ёров, С.А. Ризоев //Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Проблемы развития внутреннего туризма в современных условиях». -Душанбе -1.11.2023.- Стр.- 37-40.

[2] Курбонов Ш.Я. Совершенствование управления развитием туризма в современных условиях (на примере Республики Таджикистан) / Ш.Я. Курбонов //Дисс. на соискание ученой степени кандидата экономических наук. -Душанбе-2021. -120 стр.

5. Курбонов Ш.Я. Совершенствование управления развитием туризма в современных условиях (на примере Республики Таджикистан) / Ш.Я. Курбонов //Дисс. на соискание ученой степени кандидата экономических наук. -Душанбе-2021. -120 стр.
6. Першина Э.С., Дараган С.В. К вопросу об информационных технологиях в туризме / Э.С. Першина, С.В. Дараган // -Научный вестник МГИИТ.- 2012. -№ 1. -С.- 34-37.
7. Шаховалов Н.Н. Основные тенденции развития интернет технологий и цифрового маркетинга в сфере туризма и сервиса /Н.Н. Шаховалов //XVIII Международная научно-практическая конференция - 2016. Издательство: -АлтГТУ, -С. -140-145.

## THE ROLE OF AGRICULTURE IN ENSURING FOOD SECURITY OF THE COUNTRY

**Juraev Farrukh Marufjonovich – Tajik State University of Law, Business and Politics, Ph.D., associate professor of the Department of Economy of Enterprise and Region.**

Agriculture plays a key role in the economy of each country and the main source of income for the majority of the population. In the context of a growing population and climate change, it is especially important to pay attention to the sustainable development of the agricultural sector.

In this context, agriculture is the main sector of the economy of Tajikistan, providing more than 20% of the gross domestic product (GDP) and employing about 60% of the workforce. Major crops such as cotton, grain, fruits and vegetables form the basis of agricultural production and export opportunities of the country.

Since, the main task of the agricultural sector is to produce sufficient quantities of food. Efficient use of agricultural land, the introduction of modern technologies and increased labor productivity can significantly increase production volumes. For example, the use of genetically modified organisms and innovative agricultural technologies can increase crop yields and crop resistance to adverse climatic conditions.

Consequently, the agricultural sector contributes to job creation and economic development at the local level. Agriculture is the main source of income for millions of people. The development of the agricultural sector contributes to an increase in the gross domestic product (GDP) and a reduction in poverty, which in turn affects the availability of food for the population. The agricultural sector is able to mitigate the effects of food crises caused, for example, by natural disasters, economic shocks or political conflicts. The diversity of agricultural production and the availability of food reserves allow for a quick response to changing conditions.

Increasing the production of staple crops helps reduce dependence on imports. In the context of rising food prices on a global scale, Tajikistan needs to develop domestic production, which will ensure sustainable access of the population to food.

Based on this, agriculture plays an important role in improving living conditions in rural areas. The development of the agricultural sector creates jobs, improves infrastructure and provides access to social services. This is especially important for mountainous areas, where alternative sources of income are limited [3].

It is important to emphasize that food security is one of the key objectives of state policy that determines sustainable economic development and social stability. In the context of globalization and climate change, the agricultural sector plays a critical role in ensuring food security, providing the population with essential food products and promoting the development of rural areas.

Food security includes several key components: availability, access to food, use of resources and stability of food supply. This complex concept implies not only the availability of sufficient food, but also its quality, as well as accessibility for all segments of the population.

Food security in Tajikistan is determined by the availability and quality of food for the population. Despite its rich agricultural resources, the country faces problems such as dependence on food imports, price instability and limited access to water.

Food security is defined as a strategic goal for the long-term development of the economy of Tajikistan [4]. The National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 identifies the main areas of ensuring food security in the country. In particular, the following areas are highlighted: "diversification of agricultural production, including the introduction of innovations, ... development of measures to replace hazardous chemicals with alternative, less hazardous ones, increasing the attractiveness of the sector ... by forming and strengthening value chains; development of the agricultural market and overcoming barriers to ensure direct access to the market for agricultural producers" [1].

The agricultural sector plays an important role in ensuring food security, providing the population with high-quality food products and promoting economic development. However, to effectively fulfill this role, comprehensive measures are needed to address existing problems and create conditions for sustainable growth of the agricultural economy. Ensuring food security requires cooperation between government agencies, research institutions and agricultural producers, as well as active participation of society in processes related to agriculture and food policy.

Effective solutions to food security problems require active cooperation between government agencies, the private sector and international organizations. Sustainable development of the agricultural sector will ensure not only food independence, but also an improvement in the lives of the rural population.

The main factors affecting food security include:

1. Self-sufficiency in basic food products. Despite significant efforts to develop the agricultural sector, Tajikistan still depends on imports of many types of food, especially grain and meat products. This poses a threat to food security, especially in the context of economic instability;
2. Availability and quality of food. In rural areas of the country, the level of income of the population remains low, which limits the availability of food for most families. The quality of food products also remains problematic, due to the insufficient development of infrastructure, storage and processing of agricultural products;
3. Employment and social stability. The agricultural sector provides employment for a significant part of the population, which is important for social stability. Agriculture also serves as a source of food for rural households.

Despite the importance of the agricultural sector for Tajikistan's food security, there are several serious problems that limit its potential:

1. Climate change. Unstable climate conditions, including droughts and water shortages, seriously affect crop yields, especially in areas with limited water resources, limiting the potential for increased production.
2. Low levels of technology and knowledge. The use of outdated technologies and production methods reduces the efficiency of agriculture, leading to low yields and high losses during storage and processing of products.
3. Lack of modern infrastructure. Problems with transportation, storage and processing of products lead to significant losses at various stages of production, especially in remote areas.
4. Low investment in agriculture. Despite increasing attention from the government and international organizations, the agricultural sector continues to suffer from a lack of investment and financial resources.

To improve food security and sustainability of the agricultural sector in Tajikistan, it is necessary to carry out a number of reforms and measures aimed at:

1. Modernization of agriculture. Introduction of modern technologies, improvement of seed quality, use of irrigation systems and creation of a more effective agricultural security system;
2. Increase of investment in agriculture. Development of private and public investment, improvement of financial conditions for farmers and agricultural enterprises;

3. Development of infrastructure. Construction of modern warehouses for storage of agricultural products, improvement of the transport network and development of processing of products;

4. Development of agribusiness and support of farmers. Training of farmers, creation of cooperatives and improvement of conditions for entrepreneurial activity in rural areas.

In conclusion, I would like to note that, agrarian sector of Tajikistan plays a decisive role in ensuring food security of the country. In the context of growing challenges related to climate change, limited resources and economic instability, it is necessary to ensure the development of agriculture through the introduction of new technologies, investment in infrastructure and increased production efficiency. Successful implementation of these measures will significantly increase Tajikistan's food security and improve the well-being of its population.

**Literature**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г.// Утверждена Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636. -Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. -88 с.
2. Global Food Security. (2020). Challenges and Policies / Edited by J. Smith & T. Brown. — London: Routledge.
3. FAO. (2021). Agriculture and Food Security in Developing Countries: Current Issues and Future Perspectives. FAO Publications.
4. Dixon, J., Gulliver, A., & Gibbon, D. (2001). Farming Systems and Poverty: Improving Farmers' Livelihoods in a Changing World. Food and Agriculture Organization of the United Nations (FAO) and the World Bank.
5. Джабборова З.М., Махмадизода Ф.Б., Сохибназаров З. Методологические основы и предпосылки формирования и развития агропродовольственных кластеров в регионе методологические основы и предпосылки формирования и развития агропродовольственных кластеров в регионе. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2023. №2. Стр.50.
6. Турсунов, Р. Х. Роль аграрного сектора в обеспечении продовольственной безопасности: экономический аспект. — Душанбе: Издательство "Шарқ", 2020.

## БАЪЗЕ РОҲҲОИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**Баҳриева З.С. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ифодаи Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 иброз доштанд, ки «Дар давоми 26 сол дар кишвар барои таъмин намудани аҳолӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ бо оби тозаву босифати нӯшокӣ, ки омили асосии ҳифзи саломатӣ мебошад, ба маблағи қариб 1 миллиард сомонӣ лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва кумаки беруна амалӣ гардида, дар ин самт татбиқи лоиҳаҳо ба маблағи 1,2 миллиард сомонӣ идома дорад».

Тибқи маълумотҳои оморӣ айни ҳол 768 миллион нафар аҳолии сайёра обро аз сарчашмаҳои хатарнок истеъмол намуда, тақрибан барои 2,5 миллиард сокинони сайёра шароити аввалияи санитарӣ дастрас нест. Мувофиқи пешгӯиву арзёбиҳо коршиносон дар соли 2030 тақрибан 50 фоизи аҳолии ҷаҳон ба мушкилоти норасоии об дучор омада, то соли 2050 камбуди об шиддати бештар пайдо хоҳад кард.

Тоҷикистон кишварест, ки наваду се фоизи қаламрави онро кӯҳсори релефаш мураккаб ташкил дода, селу обхезиҳо ҳамасола ба иқтисоди кишвар зарари калон мерасонанд ва дар баъзе ҳолатҳо, мутаассифона боиси ҳалокати одамон мегарданд. Масалан, фақат тайи 5 соли охир талафи умумӣ аз обхезӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 600 миллион доллари амрикоиро ташкил кардааст.

Аз таҳлили ин факту рақамҳо бармеояд, ки имрӯз таъмини мардум бо оби ошомидании тоза ва пешгирии офатҳои марбут ба об аз мушкилоти муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, ҳаллу фасли марбут ба он дар мадди аввали таваҷҷӯҳ қарор

дорад. Аз ин ҷост, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббусҳои Тоҷикистонро вобаста ба об дастгирӣ кард ва дар ин самт чорабиниҳои муҳими сатҳи давлативу минтақавӣ ва байналмилалӣ доир гардиданд, ки бевосита дар ҳалли қисме аз мушкилоти норасоии об ва дастрасӣ ба масоили беҳдоштӣ ба об мусоидат кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар чорабинии сатҳи баланд зери унвони «Дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» иброз доштанд, ки «Таҷрибаи андухтаи мо дар раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» собит кард, ки ин қабил даҳсолаҳо метавонанд ҷиҳати мусоидат ба татбиқи вазифаю ҳадафҳо дар соҳаи рушд василаи басо судманд бошанд. Бинобар ин, зимни пешниҳоди ташаббуси худ оид ба даҳсолаи навбатӣ мо дар назар доштем, ки дар рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 аҳдофи марбут ба захираҳои об дар назди мо вазифаҳои бениҳоят муҳимму фарогирро мегузорад ва татбиқи онҳо андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Аз рӯи маълумотҳои дар даст доштаамон сатҳи таъмини аҳолӣ бо обӣ ошомиданӣ дар соли 2020 ба 67 % расонда шуд, ҳоло он ки ин рақам дар соли 2012 48% ташкил медод. Дар соли 2016 аз ҳисоби ҳама сарчашмаҳо 216 миллион сомонӣ маблағ баҳри беҳтар кардани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ сарф шудааст. Умуман дар доираи барномаи таъмини аҳолии кишвар бо оби тоза барои солҳои 2008-2020 корҳои назаррас анҷом дода шудаанд, ки ин ҳама сарчашма мегирад аз ташаббусҳои обии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Даҳсолаи навбатӣ бошад имкони хубест барои идомаи корҳо дар самти беҳсозии сатҳу сифати таъмини аҳолӣ бо оби тоза анҷом додани он ҳадафу мақсадҳое, ки дар доираи даҳсолаи қабли вобаста ба мушкилот иҷро нагардиданд. Зеро об захираи бузургест, ки воқеияти он ҷаҳону зиндагониро таровату зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳими экологӣ, ки имрӯз мавриди омӯзиш ва баррасии ҷомеъаи ҷаҳонӣ қарор дорад, ин сифати об ва таъмини аҳолӣ ба оби ошомиданӣ мебошад. Аз замоне, ки одамон дар назди манбаҳои об маскан гирифтанд, ифлосшавии обҳо ба вуқуъ пайваста истодааст.

Ифлосшавии обҳои табиӣ дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, хоҷагӣ, рӯзғордорӣ партофтани партовҳо, садамаҳо ва дигар омилҳо ба вуҷуд меоянд, ки на танҳо ба вазъи экологии минтақа, балки ба саломатии аҳолӣ таъсири зиёновар мерасонад.

Ин раванд ҷомеаро водор месозад, ки пайваста барои гирифтани пеши роҳи ифлосшавии об кӯшиш ба харҷ диҳанд. Тоза нигоҳ доштани об ва муқаддас шумори-дани он, қимат донистани ҳар қатраи ин мӯъҷизаи бузург қарзи ҳар як инсони асил аст, зеро ки об на танҳо сарчашмаи ҳайёт ин чунин манъбаӣ ободи, балки нуру рӯшнои ва маҳсули шодиҳои олами мебошад. Об ҳаст, ободӣ ҳаст мегӯянд. Гулу гиёҳ аз об рангу бӯй, таровату поянадагӣ мегиранд.

Аз нӯшидани оби ба меъёрҳои санитарию гигенӣ номуносиб беш аз 5 миллион нафар одамон вафот мекунанд ва 3 миллион оламиён ба бемориҳои мухталиф ги-рифтор мешаванд. Сол то сол дар кураи замин ҳаҷми обҳои ошомиданӣ коҳиш меёбад ва захираҳои об нисбатан кам мегардад.

Бо иқдому пешниҳоди Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Пре-зиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон аз ҷониби Маҷмуаи Уму-мии СММ 22-декабри соли 2016 эълон шудани «Даҳсолаи байналмиллалии амал», «Об барои рушди устувор, 2018-2028» барои мардуми соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷики-стон боиси фараҳу сарфарозӣ ва саодат аст.

Мо тоҷикистониён аз сероб будани сарзамини бузургамон бояд бифахрем. Мо-доме, ки асоси зиндагии ҳамаи мавҷудоти олам обро медонем, пас вазифадорем, ин маъхази бузургонро чун асоси ҳастӣ, чароғи равшанидиҳанда, созгори дунёи ҳастӣ

эҳтиром намоем, тозаву озода нигоҳ дорем ва нагузорем, ки нохалафе ин мӯъҷизаи бузургро ифлос гардонад, ба он партовҳо партоянд ё ягон амали носазое нисбати он раво бинанд.

Соли 2001 Созмони Милали Муттаҳид ҳисоботеро пешниҳод кард, ки дар он хулосаи иқлимшиносони бисёр кишварҳо дар бораи ояндаи иқлими сайёра дарҷ ёфта буд. Мувофиқи хулосаи олимон иқлими сайёраи мо ояндаи наздик ба ҳисоби миёна аз 1,5 то 5,8 дараҷа гарм хоҳад шуд. То ин дараҷа гармшавии иқлим боиси обшавии босуръати пиряххо, омадани сел, обхезиву тӯфон ва дигар офатҳои табиӣ мегардад.

Имрӯз нишонаҳои тағйирёбии иқлим барои ғайримутахассис ҳам аён аст. Сол то сол зимистон гарму кӯтоҳ шуда, баҳор барвақт фаро мерасад. Баҳор камбориш меояду тобистон ғайричашмдошт борони сел меборад ё ин ки мисли моҳи ноябри соли равон дар фасли тирамоҳ раъду барқ мешавад.

Имрӯзҳо дар суратӣ шиддат гирифтани масоили нарасидани об ва тағйир ёфтани иқлим, ки ба захираҳои оби тоза зиёда аз 20% таъсири манфӣ мерасонад, масъалаҳои таъминоти аҳолӣ бо об ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт, ки ба об вобаста мебошанд, торафт ҷиддитар мегардад.

Ҳалли масъалаҳои номатлуби тағйирёбии иқлим ба рушди бахшҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва таҳлилёбии сохторҳои дахлдор дар сатҳи миллӣ, мавқеи дониш ва малакаҳои миллӣ дар раванди мутобиқгардонӣ ба тағйирёбии иқлим, инчунин мавқеъ ва саҳми занон дар амалигардонии стратегия оид ба рӯзғори устувор дар шароити тағйирёбии иқлим ва муҳити зист нигаронида шудааст.

Агар ба истифодабарии об дар соҳаҳои иқтисодиёт назар афканем, сол то сол дар соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, шикор ва моҳипарварӣ сарфи об зиёд шуда истодааст.

**Ҷадвали 1.**

**Истифодабарии об дар соҳаҳои иқтисодиёти ҶТ (тибқи таснифоти байналхалқии намуди фаъолияти иқтисодӣ)**

| Номгӯи соҳаҳои иқтисодиёт | 2000 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ: об бо мақсадҳои гуногун истифода шудааст, млн.м.мукааб аз он ҷумла: | 12609 | 8844 | 8913 | 8749 | 7988 | 9774 | 10602 |
| Кишоварзӣ,хоҷагии ҷангал, шикор ва моҳипарварӣ | 8559 | 7231 | 7840 | 7094 | 5186 | 7378 | 7954 |
| Аз он ҷумла: барои обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ | 8459 | 6826 | 7264 | 6792 | 5128 | 7378 | 7954 |
| Саноати истихроҷ, коркард, истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ газ, об ва гармӣ | 341 | 350 | 364 | 339 | 2084 | 1610 | - |
| Аз он ҷумла дар соҳаи истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ | 208 | 230 | 280 | 257 | 1831 | 1610 | 1730 |
| Хоҷагии хонавода | 299 | 330 | 386 | 326 | 576 | 786 | 912 |
| Дигар намуди фаъолияти иқтисодӣ | 170 | 430 | 143 | 355 | 142 | - | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон аз рӯи маълумотҳои Вазоратҳои энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи оморӣ.

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки соли 2018 назар ба соли 2017 1,186 маротиба ва дар соли 2019 1,32 об зиёд гирифта шудааст, истифодаи об дар обёри бошад 1,438 ва 1,55 маротиба зиёд мебошад.

Сабаби асосии он ду се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ҷамъ нашудани хоҷагидорон, ва зиёд шудани шоликорӣ ва ҳавзҳои парвариши моҳи дар ноҳияҳои Ҷумҳури мебошад. Аз тарафи дигар, бисёр обҳои ба хоҷагиҳо додашуда самаранок истифода намешаванд, чунки мошину механизмҳои мелиоративӣ ва кандану боркунонии шабакаҳои обёри кофи нестанд.

Барои корҳои сохтмонӣ ва азхудкунии беҳдошти заминҳо, мошину механизмҳои мелиоративӣ васеъ истифода бурда мешаванд, чунки барои сохтмони комплексҳои мелиоративӣ бо назардошти нишондодҳои техникию иқтисодӣ механизмҳои лозима интихоб карда мешаванд. Дар вақти гузаронидани корҳои мелиоративӣ маҷмӯи механизмҳо оид ба кандан, кофтан, тоза ва ҳамвор кардани шабакаҳои дохилихоҷагӣ истифода бурда мешаванд.

Аз сабаби нарасидани мошину механизмҳои мелиоративӣ ҳаҷми корҳо ба як гектар замини корам амалишуда дар соли 1995 аз 26,8 $м^3$ дар соли 2019 ба 5,32$м^3$ коҳиш ёфта аст. Омилҳои зикршуда ба он оварда расонид, ки корҳои ҳамворкунӣ, тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо, шабакаҳои обёри камшуда, миқдори обёрӣ аз меъёр зиёд сарф карда шуда, инчунин ҳолати мелиоративии заминҳо, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ ва дигар масоил зиёд шуда истодаанд.

Аз тарафи дигар баланд бардоштани самарабахши истифода бурдани захираҳои обию заминӣ дар Ҷумҳури ба коркард ва татбиқи технологияи инноватсиони обёрии захиракунанда ҷори нашудаи лозим аст, то ки дар оянда обистифодабарӣ ба миқдори 25% кам карда мешавад. Ҳалли ин масъала барои шароити Тоҷикистон, ки нисбатан ба об истифодабарӣ ҳадди муайян 11,1 $м^3$ муқарар гардида шудааст, аҳамияти калон дорад, ғайр аз ин технологияи иноватсионӣ обёрии боронӣ ва обёрии қатрагии дохилихокӣ истифода бурда шавад.

Аммо дар шароити иқтисодии бозаргонӣ мо бояд низоми хароҷотҳоро дар корхонаҳои обрасонӣ чун дифференсиалӣ бояд аввалиндараҷа аз минтақаҳои оббардори мошин ва корҳои таъмиру нигоҳубини шабакаҳои байнихоҷагӣ гузаронем. Чунки нархгузорӣ дар вақти додани оби равон дар асосӣ қарори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2018 №62 муайян карда шудааст, ки он дар ҷадвали 2 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 2.**

**Нархгузории ба об ва барқ барои дастгоҳҳои обкашӣ дар солҳои 2002-2018 (ҶТ)**

| № Б/Т | Нархи 1$м^3$ миёнаи об ки аз сарчашмаҳо гирифта мешавад, сом | Солҳо | Нархи қувваи барқ барои як квт.с. обёрии мошинӣ (дирам) | Санаҳои қабул кардани нархнома |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 0,093 | 2001-2005 | 1,0 | Аз 01.04.2002 то 01.10.2005 |
| 2. | 1,2 | 2005-2010 | 1,94-5,7 | Аз 01.03.2005 то 01.10.2010 |
| 3. | 1,55 | 2011-2015 | 5,7-7,3 | Аз 01.10.2001 то 01.04.2012 |
| 4. | 2,55 | 2016 | 9,5 | Аз 01.10.2016 то 30.03.2018 |
| 5. | 2,0 | 2018-2020 | 12,8 | Аз 30.03.2018 то ҳозир |

Дар асоси омӯхтани хараҷотҳои нархгузорӣ дар корҳои таъмин намудани об, аз қабул намудани нархи дифференсиалии обтаъминкунӣ вобаста аст, барои ҳамин нишондодҳои зеринро қабул кардем:

1. Моҳонаи асосӣ ва иловагии коргарон бо назардошти баланд намудани моҳонаи минималӣ аз 1-уми сентябри соли 2018 ба 25%, ва зиёд шудани миқдори моҳонаи коргарони ҳақиқӣ на кам аз минималӣ.
2. Ба хароҷотҳо дигар нишондодҳои зеринро қабул намудем:

а) таъмири ҷории системаҳои обёрии давлатӣ;

б) хароҷотҳои таъмири шабакаҳо аз рӯи ҳисоботҳои оморӣ ва меъёрҳо барои муайян намудани хароҷот барои истифодабарии системаҳои мелиоративӣ, ба таъмири ҷории стансияҳои насосӣ хароҷот барои таъмири насосу – иқтидорҳои гидромеханикӣ ва таҷҳизотҳои энергетикӣ;

в) хароҷотҳо барои нигоҳ доштани коркунони идоракунии корхона ва ба корҳои илмию тадқиқотӣ;
г) хароҷотҳо барои нигоҳ доштани шабакаҳои байниноҳиявӣ;
д) хароҷотҳо оид ба нигоҳубин намудан ва истифодабарии пойгоҳҳои обкашӣ, инчунин харҷ барои қувваи барқ ва сӯзишворию равғанҳои молиданӣ;
е) хароҷотҳо оид ба нигоҳубин ва истифодабарии чоҳҳои вертикалии дренажӣ;
ж) гузаронидан ба буҷа (аз ҳисоби андоз);
з) ҳамаи хароҷотҳо барои таъмири капиталӣ, инчунин оид ба пойгоҳҳои обкашӣ;
и) харидани таҷҳизодҳо ва қисмҳои эҳтиётӣ;
к) гузаронидани маблағҳо барои фарсудашавӣ ва барқарор намудани нархи фондҳои асосӣ.

Хароҷотҳои минималӣ оид ба муайян намудани ҳаққи хизмати обрасонии ҶТ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки сарфаи қувваи барқ ва хароҷотҳои маводҳои сӯзишворӣ зиёда аз 50% хароҷотҳоро ташкил медиҳад ва пардохти буҷавӣ ҳамагӣ 20-22%-и хароҷотҳоро ташкил мекунад, ки сабаби нарасидани маблағгузорӣ мешавад.

Нархномаи ҳаққи хизматрасонии об аз таҳлили дифференсиалӣ таъмин намудани шабакаҳои обёрии заминҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешаванд. Бо сабаби нарасидани маблағ (баъд аз 01.10) истифодабарии қувваи барқ дар дастгоҳҳои обкашӣ маҳдуд карда мешавад. Агар ин ҳолат давом ёбат, яхобмонӣ ва барқароршавии намнокшавии заминро таъмин кардан мушкил мегардад.

**Ҷадвали 3**

**Фоизи хароҷотҳои минималӣ оид ба муайян намудани ҳаққи хизмати обрасонӣ.**

| № б/т | Номгӯи хароҷотҳо | Фоизи нишондодҳо |
|---|---|---|
| 1. | Таъмири иншоотҳо | 35,4 |
| 2. | Музди меҳнат | 31,2 |
| 3. | ФҲИА | 7,8 |
| 4. | Фоизи хӯрдашавӣ (342,5x0,016) | 3,8 |
| 5. | Барқ ва сӯзишворӣ | 18,8 |
| | Ҷамъи хароҷотҳо: | 100 |

Қайд кардан зарур аст, ки дар оянда нархи барқ мувофиқи пешгуфтор то 2,9-4,0 дирам ба 1м$^3$ об дар давоми сол пешбинишуда дар фасли зимистон то 12,8- 13,0 дирам муайян карда мешавад.

Дар ин давра хизмати обрасонӣ аз ҳисоби хароҷотҳои барқу сӯзишворӣ ва дастрас намудани қисмҳои эҳтиётӣ то 45-50% зиёд мешавад, ки сабаби болоравии ҳаққи хизматросонӣ ба обрасонӣ мешавад.

Аммо дар ҳар як (АИО) ассотсиатсияҳои истифодабарии об ҳаққи хизматрасонии ҳар хел аст ва дар асоси ҳуқуқу ӯҳдадории тарафҳо гузаронида мешавад. Шартнома дар ду нусха мешавад, ки баробари қонуни доранд, тартиб дода шуда, ба имзо расидааст ва як нусхаги ба обдиҳанда ва обгиранда супорида мешавад.

Мо таҳлили ҳаққи хизматрасониро дар ноҳияи Ваҳдат дида баромадем ва муайян намудем, ки аз 40 сомон то 76 сомон шуда истодааст. Дар ноҳияи Рӯдакӣ бошад, аз 30 сомон то 87 сомон ва дар Ҳисор аз то 66 сомонӣ дар (АИО) нархгузорӣ мекунанд.

**Хулоса ва пешниҳодҳо**

1. Сарфаи об барои обёрии зироатҳои кишоварзӣ дар оянда зиёд мешавад.
2. Ҳаққи арзиши дифференсиалӣ барои хизмати обрасонӣ дар асосӣ рӯйпӯш намудани хароҷотҳои дақиқ барои истеҳсолот ва истифодабарандагони системаи обрасонӣ дар оянда пешниҳод карда шавад.

3. Арзиши барқ аз соли 2001 то ҳозир мувофиқи банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин ҷониб 6 маротиба афзуд. Нархи об бошад фақат 2 маротиба афзуд.
4. Барои сари вақт иҷро намудани корҳои мелиоративӣ, парки мошину – механизмҳои мелиоративии ҷумҳуриро пурзӯр намудан лозим аст.
5. Дар солҳои наздик харид намудани дастгоҳҳои обкашии пуриқтидорро ба нақша гирифтан лозим аст.

**Адабиёт**
1. Низоми илмии пешбурди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон «Матбуот», Душанбе: - 2009.
2. Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона парламенту Республики Таджикистан от 22 декабря 2017 года.
3. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017.
4. Методика расчёта тарифов на услуги по водоснабжению и отведению стоков для предприятий водоканализации Республики Таджикистан, Душанбе: 2012.- С. 5-25.
5. Ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019-2020 - 19с.
6. Тохиров И.Г., Купайи Г.Д. Водные ресурсы Республики Таджикистан - Душанбе: 1998.

# МЕТОДОЛОГИЯИ БАҲОДИҲИИ САТҲИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Ғафоров С.**

Бори аввал равишҳои илмӣ ба омӯзиши масъалаҳои амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар соли 2007 асосҳои ҳамаҷониба пайдо карданд [7]. Дар ин конфронс натиҷаҳои пешакии коркардҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавзеъгирии олимони ватанӣ оид ба проблемахои таъмини амнияти иктисодии мамлакат пешниход карда шуданд. Таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои пешниҳодшуда оид ба ин проблема нишон дод, ки категорияи амнияти иқтисодиро олимони гуногун ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Ҳамин тавр, дар илми иқтисодии ҷаҳон тафсирҳои гуногуни ин категория низ мавҷуданд [5].

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаи омӯзиши амнияти иқтисодӣ бояд дар доираи тамоми иқтисоди миллии кишвар баррасӣ шавад, яъне. бо истифода аз нишондиҳандаҳо дар сатҳи макроиқтисодӣ ё маҷмӯи ва ғайраҳо. Ин раванди омӯзиш ба мо имкон медихад, ки ба таҳлили номгӯйи калони нишондихандахои ичтимоию иктисодиро, ки умуман вазъиятро инъикос мекунанд, дохил кунем. Аммо, дар муқоиса бо дигар корҳои илмӣ, ин тадқиқот на танҳо баррасии амнияти иқтисодиро бо нишондодҳо ва объекти мушаххаси омӯзиш, балки инчунин ҳадаф дорад, бо истифода аз усули ягонагии таърихӣ ва мантиқӣ дар шинохти падидаҳои иқтисодӣ равшанӣ андозад.

Умуман, таҳлили умумии адабиёти оид ба амнияти иқтисодӣ ба мо имкон дод, ки гурӯҳи муайяни самтҳои тадқиқотӣ, бевосита ё бавосита ба ин масъала алоқамандро гузаронем (Ҷадвали 1.2.). Ҳарчанд оид ба баъзе самтҳои амнияти иқтисодӣ таҳқиқот ва мақолаҳои алоҳида вуҷуд дошта бошанд ҳам, бояд қайд кард, ки ин соҳа барои илми иқтисоди ватанӣ нисбатан нав аст.

**Ҷадвали 1.- таҳлили самтҳои асосии тадқиқоти масъалаҳои амнияти иқтисодӣ дар асарҳои олимони ватанӣ**

| Самти таҳқиқот | Муаллифон |
|---|---|
| Масъалахои умумии таъмини бехатарии иқтисодиёт, меъёру омилхои он, инчунин таъсир ба рушди иқтисод | Рахимов Р.К. Каюмов Н.К., Назаров Т.Н. |

| | |
|---|---|
| Стандартизатсияи арзишҳои ҳадди аксари амнияти иктисодӣ | Ахророва А.Д., Вохидзода У.С., Каримова М.Т., Джураев Х.Г. |
| Масъалаҳои амнияти иқтисодии хориҷӣ, таъсири таҳдидҳои беруна ба иқтисоди кушоди миллӣ, масъалаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва сиёсати тиҷорати хориҷӣ дар иқтисоди хурди кушод | Саидмуродов Л.Х., Хаёходжаев Ф.М., Алиджанов Д.А., Маджонова М.М., Мукимова Н.Р., Сандалов Х.А., Насриддинов Б.Ф. ва диг. |
| Таҳлили консепсияҳои назариявӣ, ҷанбаҳои институтсионалӣ ва унсурҳои асосии амнияти иқтисодӣ | Мирсаидов А.Б., Джураев Х.Г., Бахроми Т.Т., Валиев А.Ш., Мирсаидов М.Н |
| Нишондиҳандаҳо, арзишҳо ва таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида | Саидмуродов Л.Х., Муминов Н.И., Бабаджанов Р.М. Тохиров Т.И., Аброров Ш.С. |
| Намудҳои муайяни амнияти иқтисодӣ, аз қабили ғизо, нақлиёт ё коммуникатсия, демографӣ, энергетика ва ғайра | Кудратов Р.Р., Сативалдыев Р.Ш., Солехзода А.А., Фасехзода И.С., Забиров З.Б., Киёмиддинов Х., Шарипова Д.М., Турсунов А.А., Хабибуллоев Х.Х., Комилов А.К., Хоркашов И., Ахророва А.Д., Сайдаминов И.А., Абидов У.А. |
| Объектҳо ё бахшҳои мушаххаси амнияти иқтисодӣ (низоми бонкӣ ва хавфҳои бонкӣ, бахши воқеии иқтисодиёт, корхонаҳои саноатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ, системаҳои иттилоотӣ, бозори суғурта ва ғайра) | Рахимов Ш.М., Акрамхонов А., Солехзода А.А., Сафаров К., Ойев Н.А., Салимов Д.М., Ашуров А.Н., Ниёзова М.З., Хакимов Х.А., Джурабаев Г.Дж., Джонмамадов Ш.Б., Убайдов Ф.С., Изатов К., Шамсуллозода Ш. |
| Тадбирҳои пешгирикунанда барои таъмини амнияти иқтисодӣ | Саидмуродов Л.Х. |
| Самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти иқтисоди милли Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисодӣ | Ҷурабоев Ғ.Ҷ., Қодиров Д.Б., Ҷабборов Ф.А., Файзизода М.С. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси рӯйхати библиография

Чуноне, ки дертар дар ин тадқиқот нишон дода мешавад, дар кишвари мо амнияти иқтисодӣ таърихан дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ аз мавқеи пеш аз ҳама, бухрони дигаргунсозӣ, баъдан аз нигоҳи таъмини иҷтимоӣ ва нигоҳдории сатҳи зиндагии аҳолӣ баррасӣ шудааст. , баъд аз мавкеи таъмини рушди устувор, аз нуктаи назари паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ниҳоят, аз мавқеи ташаккули принсипҳои рушди стратегиии дарозмуддат мебошад.

Масалан, академик Рахимов Р.К. пешниҳод мекунад, ки баҳодиҳии амнияти иқтисодӣ бояд дар асоси таҳлили гурӯҳ ё маҷмӯи меъёрҳо анҷом дода шавад. Ӯ дар бар мегирад:

1) кобилияти фаъолияти хочагии халк дар режими васеи такрористехсолкунӣ, ки аз рӯйи чунин нишондиҳандаҳо баҳо дода мешавад: суръати афзоиши ММД ва сохтори афзоиши он, ҳиссаи сармоягузории умумӣ ва соф дар ММД; ҳачм ва суръати афзоиши маҳсулоти саноат ва хоҷагии қишлоқ; самаранокии истифодаи сармояи инноватсионӣ ва ғайра.

2) қобилияти иқтисоди миллӣ барои таъмини сатҳи зарурии зиндагии аҳолии кишвар аз рӯи нишондодҳо, аз қабили: ММД ба ҳар сари аҳолӣ; музди миёнаи меҳнат; сохтори истеъмоли хонавода; таъмини ахолии кишвар бо хизматрасониҳои тандурустӣ ва маориф; сатҳи камбизоатии аҳолӣ; ҳолати муҳити зист ва ғайраҳо.

3) вобастагии иктисодиёти миллӣ аз воридоти навъхои мухимтарини махсулот ва озукаворӣ, ки аз руи нишондихандахо бахо додан мумкин аст: динамика ва сохтори воридот; ҳиссаи воридоти кишвар дар истеъмоли дохилӣ; вазъияти мавкеи монополистии фирмахои хоричӣ дар бозори дохилии молхои истеъмоли халк ва гайра.

4) вазъи устувории низоми молиявии кишвар, ки аз рӯйи нишондиҳандаҳо баҳо додан мумкин аст: даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ ва таносуби онҳо ба ММД; сатҳи таваррум; суръати афзоиши нишондихандахои муомилоти пул $M_0$ ва $M_2$; меъёри бонкӣ; вазъи карзи беруна ва ғайра.

5) дараҷаи рушди нерӯи илмию техники ва истеҳсолии кишвар, ки бо чунин нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад: хароҷот ба илм ва сохтори онхо; сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ; сохти технологии фондҳои асосии мамлакат ва ғайра [6].

Ҷанбаҳои институтсионалӣ ва самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти иқтисоди милли Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисод дар мақолаҳои илмии Ғ.Ҷ.Ҷурабоев, Д.Б.Қодиров, Ф.А.Ҷабборов, М.С.Файзизода баррасӣ шудаанд.

Қодиров Д.Б., Ҷабборов Ф.А. зарурати тартиб додани стратегияеро асоснок кардаанд, ки бояд тадбирхои инкишофи бахши вокеии иктисодиёт, сиёсати иҷтимоӣ, бозори меҳнат ва ғайраро дар бар гирад. Муаллифон вазъи рушди ин бахшҳоро таҳлил намуда, иқдомоти давлатро дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030 асоснок кардаанд. Муаллифон инчунин вазифаҳо ва самтҳои стратегии рушди содиротро бо интихоби самтҳои ояндадор дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 тавсиф мекунанд.

Таҳлил хусусияти тавсифӣ дошта, дар охир муаллифон «ҳал намудани масъалаи таъмини рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мазмуни нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар сатҳи устувор» дар ташаккули тадбирҳои «амалӣ намудани нақшаҳои стратегии афзалиятҳои рушди иқтисодии кишвар» дида баромадаанд [2].

Дар баробари ин, нисбат ба Тоҷикистон тағйироти вазъ дар дохили кишвар, минтақа ва бозорҳои ҷаҳонӣ пайваста ислоҳ кардани тадбирҳо ва вазифаҳои таъмини амнияти иқтисодиро тақозо мекунад

Таъмини амнияти иктисодии кишвар ё соҳаҳои афзалиятноки он воситаи амалигардонии сиёсати ичтимоию иктисодии давлат мебошад. Аввалин консепсия Амнияти иқтисодӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар давраи "депрессияи бузург" таҳия ва қабул карда шуд.

Бо фармони Ф.Д. Рузвелт дар соли 1934 Кумитаи федеролии амнияти иқтисодӣ таъсис дода шуд, ки он пеш аз ҳама барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ машғул буд ва то имрӯз дар мамолики англисзабон мафҳуми «амнияти иқтисодӣ»-ро метавон ба маънои аслии худ истифода бурд, яъне ҳамчун ҳифзи шахсони алоҳида ва хонаводаҳо аз бадшавии якбораи вазъи молиявии онҳо мебошад.

Дар миқёси миллӣ, ин ибора дар Иёлоти Муттаҳида амалан истифода бурда намешавад, дар ин ҷо одат шудааст, ки дар бораи ҷанбаҳои иқтисодии амнияти миллӣ ё байналмилалӣ сухан ронанд.

Дар иқтисодиёти собиқ шӯравӣ амнияти иқтисодӣ ҳангоми таҳлили сабабҳо ва хусусияти бӯҳронҳои иқтисодӣ дар шароити капитализм ё проблемаҳои глобалии иқтисодиёти ҷаҳонӣ [1] ба таври ғайримустақим омӯхта шуда, дар солҳои 90-ум ба таври возеҳ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар адабиёти хориҷӣ муаммохои таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат чунин маънидод карда мешавад:

– шарти расидан ба ҳадафҳои ҳукумат (манфиатҳо) дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ;
– ҷанбаи иқтисодии мушкилоти амнияти байналмилалии кишвар;
– шарти рафъи намудхои ғайриқонунии фаъолияти иқтисодӣ;
- мушкилоти рақобатпазирӣ;
– мушкилоти дастрасӣ ба бозорҳои ашёи хом ва фурӯш.

Ҳамин тариқ, мафҳуми амнияти иқтисодӣ тавассути манфиатҳо хеле васеъ ба назар мерасад, яъне тавассути устуворӣ - бар хилофи воқеияти иқтисоди бозорӣ ва ғайра. Ҷанбаи анъанавии таъмини амнияти иқтисодӣ барои давлатҳои Ғарб вобастагӣ аз манбаъҳои берунии технология, ашёи хом мебошад.

Гуногун будани таърифҳои амнияти иқтисодӣ метавонад бо нақшҳои гуногуни давлатҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ алоқаманд бошад. Яъне мафҳуми амнияти иқтисодӣ воқеияти объективӣ нест, балки аз амалия ва мушкилоти мавҷуд дар давлат (минтақа) бармеояд. Аз ин маълум мешавад, ки чаро бисёре аз олимони рус амнияти иқтисодиро дар равияи илмӣ тасниф намекунанд.

Чунин ақида низ вуҷуд дорад, ки истифодаи он дурусттар аст, яъне мафхуми «бехатарӣ дар сохаи иктисодӣ» ба омилҳои объективӣ вобаста аст, зеро он на танхо фаъолияти субъектхои хочагӣ, балки системахои ёрирасон, шароити дохилӣ ва беруниро низ дар бар мегирад. Аммо мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» аллакай дар истилоҳоти илмии ватанӣ ҷой гирифтааст. Таърифҳои муаллифони рус одатан бо таърифҳои хориҷӣ алоқаманданд ва мувофиқи он амал карда мешавад.

Олимони рус Г.В. Гутман, Ю.Н. Лапыгин, А.И. Прилепский қайд мекунад, ки амният наметавонад "маҷмӯи шароит ва омилҳо" бошад. Ба андешаи мо, амнияти иқтисодӣ низ наметавонад "маҷмӯи чораҳо" бошад. Ғайр аз ин, академик В. Сенчагов амнияти иқтисодиро ҳамчун давлате таъриф мекунад, ки дар он таҳдиди дохилӣ ва беруна ба нигоҳдории иқтидори иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии минтақа аз сатҳи пасттар барои баланд бардоштани некуахволии аҳолии он вуҷуд надорад, кам карда мешавад ё аз байн меравад» [5].

Чунин ба назар мерасад, ки шароит на ҳамеша ҳолати зарурии чизеро ба вуҷуд меорад. Яъне, ҳамчун мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ зарур аст, ки ба вазъи муайяни иқтисодиёт ноил шудан бо шароити мусоид, ки дар он рушди иқтисодиёт бояд таҷассум ёбад [4].

Яке аз масъалаҳои асосие, ки таъмини амнияти иқтисодиро дар соҳаи саноат дар бар мегирад, ин ташаккули низоми ягонаи истеҳсолот мебошад. Барои таъмин намудани амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат пеш аз ҳама иқтидори истеҳсолӣ бояд баланд бардошта шавад, ки рақобапазирии молу маҳсулотҳои истеҳсолиро дар бар гирад.

**Адабиёт**


1. Берсенёв В.Л. Экономическая безопасность территории в ретроспективе // Экономика региона. – 2012. – № 2. – С. 219–226.
2. Джабборов, Ф.А. Приоритетные направления обеспечения национальной экономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Ф.А. Джабборов, М.С. Файзизода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2018. - № 2 (23). - С. 69-75.; Джабборов, Ф.А. Приоритетные направления обеспечения национальной экономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Ф.А. Джабборов, М.С. Файзизода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2019. - № 4 (29). - С. 205-211.; Джурабаев, Г.Дж. Приоритетные направления обеспечения национальной экономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Г.Дж. Джурабаев, Ф.А. Джабборов // В сборнике: Экономико-правовые проблемы обеспечения экономической безопасности. Материалы IV Международной научно-практической конференции. Екатеринбург. - 2021. - С. 235-239.;
3. Кадыров, Д.Б. Государственное регулирование экономического развития Республики Таджикистан: стратегические приоритеты. В книге: Оценка регулирующего воздействия: стратегическое партнерство органов власти, бизнеса и НКО [Текст] / Д.Б.Кадыров, Ф.А.Джабборов. // Сборник научных трудов Международной молодежной научно-практической конференции. - 2018. - С. 13-21.
4. Кораблева А.А. Исследование методологических аспектов экономической безопасности региона // Вестник СибАДИ. – 2013. – Вып. 6. – С. 118–125. – С. 124
5. Олейников Е. Экономическая и национальная безопасность [Текст]: учебник / Е. Олейников. – Москва, 2005. – С.768
6. Рахимов, Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан [Текст]: монография / Р.К. Рахимов. – Душанбе, 2012. - С.275-310.
7. Угрозы экономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / под. редакции М.Р. Кошонова // Научно практическая конференция. 10 мая 2007. - Душанбе, 2007. - С. 124.

# САНҶИШИ АУДИТОРИИ ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ ДАВЛАТӢ

**Каримиён М.Б. - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ**

Санҷиши аудиторӣ яке аз чорабиниҳои асосии назоратии мақомоти назорати давлатии молиявӣ ҷиҳати ташаккул ва истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти олии назорати молиявии давлатӣ Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бинобар ин санҷиши аудитории ташаккул ва истифодаи маблағҳои давлатӣ аз ҷониби он гузаронида мешавад.

Санҷиши аудитории ташаккул ва истифодаи маблағҳои давлатӣ дар асоси нақшаи корли солонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши дахлдор ба расмият даровaрда шуда, мувофиқи барномаи тасдиқшуда гузаронида мешавад. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ ҳисобот омода карда мешавад, ки он барои баррасӣ ба ҳайати мушовараи мақомоти олии назорати молиявии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Ташкили санҷиши аудиторӣ марҳилаҳои зеринро, ки ҳар яке аз онҳо иҷрои амалҳои муайянро дар назар дорад, дар бар мегирад:

- омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ;
- гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- ба расмият даровардани натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ.

Дар марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ, омӯзиши пешакии мавзуъ ва объектҳо гузаронида мешавад, ки аз рӯи натиҷаи он мақсад ва тартиби гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ҳамчунин меъёрҳои арзёбии самаранокӣ ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ муайян карда мешаванд. Натиҷаи марҳилаи мазкур омода намудан ва тасдиқи барнома ва нақшаи кории гузаронидани санҷиши аудиторӣ мебошад. Омӯзиши пешакӣ ба тариқи ҷамъоварии маълумот оид ба мавзуъ ва объекти санҷиши аудиторӣ дар он ҳаҷме, ки барои омодасозии барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ кифоя мебошад, амалӣ карда мешавад.

Агар дар рафти омӯзиши пешакии объектҳои санҷиши аудиторӣ омилҳои номатлубии гузаронидани санҷиши фаъолияти ин объектҳо ошкор гарданд ва сабаби ба миён омадани зарурияти тағйир додани муҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ шаванд ё барои гузаронидани он монеа гарданд, пешниҳоди асосноки дахлдор омода карда шуда, тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби сараудитор барои баррасии ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Дар асоси натиҷаҳои омӯзиши пешакии мавзуъ ва объекти санҷиши аудиторӣ барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ омода карда мешавад. Дар барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ асос барои гузаронидани санҷиш, мавзуъ ва номгӯйи объектҳо, мақсад ва саволҳои санҷиши аудиторӣ, меъёрҳои арзёбии самаранокӣ барои ҳар як мақсад, санаи оғоз ва анҷоми санҷиши аудиторӣ, иҷрокунандагони масъул ва санаи пешниҳоди ҳисобот ба барассии ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ мегардад.

Баъд аз тасдиқи барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ нақшаи кории гузаронидани санҷиши аудиторӣ омода карда мешавад. Дар нақшаи корӣ тақсимоти супоришҳои мушаххас оид ба иҷрои барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар байни мутахассисон - аъзоёни гурӯҳи корӣ бо нишон додани моҳияти масъала ва муҳлати иҷрои он дарҷ карда мешавад. Роҳбари санҷиши аудиторӣ ҳамаи иштирокдорони санҷишро ба нақшаи корӣ шинос намуда, имзояҳошонро мегирад.

Бо қарори аъзои ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул мебошад, то оғози марҳилаи асосии санҷиши аудиторӣ (на дертар аз 5 рӯзи корӣ) ба роҳбарони объектҳои санҷидашаванда огоҳинома оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ фиристода мешавад. Агар

сараудиторе, ки барои санҷиши мазкур масъул аст, тахмин намояд, ки огоҳкунии пешакӣ метавонад барои расидан ба мақсадҳои он таҳдид кунад, огоҳкунии пешакӣ амалӣ намегардад. Дар ин ҳолат сараудитор ба роҳбари ташкилоти санҷидашаванда мактуби раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо талаби фавран андешидани чораҳо оид ба бетаъхир гузаронидани аудит месупорад.

Дар огоҳинома номгӯйи санҷиши аудиторӣ, асос барои гузаронидани он, муҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар объектҳо ва ҳайати гурӯҳи мутахассисон нишон дода шуда, инчунин дархост оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ пешниҳод карда мешавад.

Пас аз гирифтани огоҳинома роҳбарияти ташкилоти санҷидашаванда барои таъмини шароити мувофиқи корӣ ба кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дастрасии бемаҳдуд ба кормандони масъули ташкилоти санҷидашаванда ва маълумоти зарурӣ дар тамоми муҳлати гузаронидани аудит чораҳо меандешад.

Марҳилаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ аз санҷиш ва таҳлили маълумот ва иттилооти тибқи дархости Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) бевосита дар объектҳои чорабинии назоратӣ бадастовардашуда, ки барои ҷамъоварии далелҳо ва асосноккунии камбудию норасоиҳои ошкоршуда заруранд, иборат мебошад. Натиҷаи гузаронидани марҳилаи мазкур санадҳои тартибдодашуда ва ҳуҷҷатҳои корӣ мебошанд. Дар мавриди ба миён омадани зарурат Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ коршиносони мустақили берунӣ ва мутахассисони мақомоти давлатиро ҷалб намояд. Онҳо дар асоси шартнома барои иҷрои кори намуд ва ҳаҷмаш муайян ва ё дар ҳайати гурӯҳи мутахассисон барои иҷрои супоришҳои алоҳида ва омода намудани хулосаи ташхисию таҳлилӣ ҷалб карда мешаванд.

Дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ ҳуҷҷатҳои корӣ ташаккул меёбанд. Ба таркиби ҳуҷҷатҳои корӣ ҳуҷҷатҳо (нусхаҳои онҳо) ва дигар маводе, ки аз шахсони мансабдори объекти санҷиши аудиторӣ ва шахсони сеюм гирифта шудаанд, инчунин ҳуҷҷатҳо (маълумотномаҳо, феҳристҳои таҳлилӣ ва ғайра), ки онҳоро мутахассисон мустақилона дар асоси маълумоти воқеӣ таҳия намудаанд, дохил мешаванд. Дар маводи санҷишии аудитор ҳуҷҷатҳои корӣ бояд бо низоми муайян, ки тартиби пай дар пай иҷро шудани марҳилаҳо ва корҳои алоҳидаи назоратии санҷиши аудиториро инъикос менамоянд, бандубаст карда шаванд.

Ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ мутобиқати амалиёти анҷомдодаи молиявию хоҷагидории объекти санҷидашаванда ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки номгӯйи онҳо дар рафти омӯзиши пешакӣ омода мегардад, санҷида мешавад. Дар давраи санҷиш номгӯйи мазкур метавонад тағйир дода шавад. Дар мавриди ошкор гардидани ҳолатҳои риоя нашудани талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба роҳбарияти объекти санҷидашаванда дар бораи камбудию норасоиҳои ошкоргардида ва зарурати андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо, хабар дода шавад. Дар санад оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ камбудию норасоиҳои ошкоргардида, зарари молиявӣ, инчунин чораҳои андешидаи роҳбарияти объекти санҷидашаванда барои бартараф намудани камбудию норасоиҳо дарҷ карда мешавад. Дар мавриди ошкор гардидани ҳолатҳои риоя нашудани талаботи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дорои нишонаҳои таркиби ҷиноят мебошанд, мутахассиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи таъсири онро ба натиҷаҳои ташаккул ва истифодабарии воситаҳои буҷетӣ ва фаъолияти молиявию хоҷагии объекти санҷидашаванда муайян намуда, чораҳои зарурӣ меандешад. Ҳангоми ошкор намудани камбудию норасоиҳо бояд сабабҳои он, шахсони масъули мансабдор ва

иҷрокунандагон, намуд ва андозаи зарари ба давлат расонидашуда муайян карда шавад.

Баъд аз анҷом ёфтани амалиёти назоратӣ дар объекти санҷиш, санад оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ тартиб дода мешавад, ки дар он чунин маълумот нишон дода мешавад:

- асос барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- мавзуи санҷиши аудиторӣ;
- давраи санҷиши фаъолияти объект;
- номгӯйи масъалаҳое, ки дар ин ё он объект санҷида шудаанд;
- муҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар объект;
- тавсифи мухтасари объекти санҷидашаванда;
- натиҷаи санҷиши ҳар як масъалаи барномаи гузаронидани санҷиш (нақшаи корӣ).

Агар дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ муайян карда шавад, ки объект ин ё он пешниҳоди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба натиҷаи санҷиши аудитории қаблӣ иҷро накардааст, ин ҳолат бояд якҷоя бо сабабҳои иҷро нагардидани он, дар санад дарҷ карда шавад. Ба санад номгӯйи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки иҷрои онҳо дар рафти санҷиши аудиторӣ санҷида шудаанд, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ҷадвалу ҳисобҳо ва дигар маводи маълумотӣ-рақамӣ замима карда мешаванд. Дар сурати ошкор гардидани камбудию норасоиҳо ва зарари ба давлат расонидашуда онҳо дар санад дарҷ карда мешаванд.

Дар санади натиҷаи санҷиши аудиторӣ тамоми масъалаҳое, ки дар барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ зикр шудааст, пай дар пай сабт карда мешавад. Дар ҳолате, ки агар оид ба масъалаи санҷиши аудиторӣ камбудию норасоиҳо ошкор нагардида бошад, дар санад чунин дарҷ карда мешавад: «Доир ба масъалаи мазкури санҷиши аудиторӣ камбудию норасоиҳо ошкор карда нашуд». Дар санад дохил намудани ҳар гуна фарзияҳо ва маълумоти бо ҳуҷҷат тасдиқнашуда, инчунин маълумот аз маводи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ роҳ дода намешавад. Дар санад набояд арзёбии ахлоқию маънавии амали шахсони мансабдор ва аз ҷиҳати моддӣ масъули объекти санҷидашаванда, инчунин тавсифи амали онҳо бо истифода аз чунин истилоҳоти ҳуқуқӣ ба монанди «хунукназарӣ», «дуздӣ», «исрофкорӣ», «тасарруф кардан» ҷой дошта бошад.

Санад оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ дар объект барои шиносоӣ ба роҳбар ё дигар шахси мансабдори масъули объекти мазкур ба муддати на зиёда аз як шабонарӯз ва дар ҳолатҳое, ки санад ҳаҷми зиёд ва мушкилиҳои махсус дорад, ба муддати се шабонарӯз пешниҳод карда мешавад. Санад барои шиносоӣ дар асоси забонхат пешниҳод карда мешавад. Дар мавриди розӣ набудани шахсони масъули мансабдори объекти санҷидашаванда бо натиҷаи санҷиш, ба онҳо пешниҳод карда мешавад, ки санадро бо пешкаш намудани тавзеҳот дар бораи норозӣ будан ба бандҳои алоҳидаи санад, ба имзо расонанд. Тавзеҳот ба тариқи хаттӣ фавран ва ё дар давоми панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди санад барои шиносоӣ ба Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

Дар ҳолати аз шахсони масъули объекти санҷидашаванда ворид гардидани тавзеҳоти хаттӣ, сараудитор дар муддати панҷ рӯзи корӣ баъд аз ба Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидани тавзеҳот хулосаро оид ба тавзеҳоти пешниҳодшуда омода менамояд, ки нусхаи он ба суроғаи объекти дахлдор ирсол карда мешавад. Тавзеҳоти шахсони масъули объекти санҷидашаванда ва хулосаи сараудитор оид ба тавзеҳоти пешниҳодгардида ба санад замима карда шуда, ба маводи санҷиши аудиторӣ ҳамроҳ карда мешавад. Нусхаи санади баимзорасидаи санҷиши аудиторӣ ба шахси масъули объекти санҷидашаванда дода мешавад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар санад маълумоти сирри давлатидошта дарҷ гардида бошанд.

Баъд аз ба анҷом расидани чорабинии назоратӣ дар объект, санад оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ аз ҷониби роҳбари санҷиши аудиторӣ ва ё роҳбари гурӯҳи мутахассисон дар муддати на дертар аз 3 рӯзи корӣ баъд аз рӯзи воридшавӣ ба Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирӣ бо тартиби муқаррагардида ба сохтори дахлдори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ оид ба ҳар як мақсади муайяншуда дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти далелҳое, ки дар маводи санади санҷиш оид ба натиҷаи санҷиши аудитории объектҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои корӣ дарҷ гардидаанд, таҳия карда мешавад. Дар асоси натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ доир ба ҳар як мақсади санҷиши аудиторӣ хулосаҳо омода карда мешаванд.

Дар хулосаҳо зарари ба буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва ба моликияти давлатӣ расонидашуда арзёбӣ карда мешавад. Дар асоси хулосаҳо пешниҳодот оид ба бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоргардида омода карда шуда, ба объекти санҷиши аудиторӣ, мақомоти давлатӣ, ташкилот ва шахсони мансабдор, ки иҷрои он ба салоҳияту ваколати онҳо дохил мешавад, ирсол карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ПҲҶТ, 2013
2. Зудилин А.П., Ахмедов Ф.Н. Финансовый контроль: Учеб. Пособие / А.П. Зудилин, Ф.Н. Ахмедов. - М.: Изд-во РУДН, 2000. - 124 с.
3. Карепина О.И. Теоретико-методологические основы государственного финансового контроля в условиях рыночных отношений / О.И. Карепина // Экономический вестник Ростовского государственного университета. – 2006. - № 2. – С. 255-259


# МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИСОДИЮ-ИҶТИМОИ РУШДИ ҲУДУДҲОИ ДЕҲОТ


**Мирзоев С.А.- н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ.**
**Тоҳиров В.С. ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ.**


Тараққиёти деҳот имрӯз ҳам аз нуқтаи назари амалӣ ва ҳам дар заминаи асоснок кардани самтҳои консептуалии амалисозии дигаргуниҳои сифатии дорои хусусияти сохторӣ ва институтсионалӣ вазифаи мураккаб аст. Масъалаҳои тараққиёти деҳотро ба масъалаҳое ҷудо кардан мумкин аст, ки аз рӯйи маҳалликунонии ҳудудҳо, хусусиятҳои соҳавӣ ва хусусиятҳои институтсионалии фаъолияти онҳо муайян карда мешаванд. Чунин ҷиҳатҳои масъалаҳои таҳқиқшаванда тасодуфан не, балки дар зери таъсири низоми шароити тағйирнашаванда муайян карда шудаанд. Аввалан, деҳот, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ маҳали ғайри марказӣ буда, дар воқеъ аз марказҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ то андозае ҷудо шудаанд. Дар низоми муосири марказӣ ва ғайри марказӣ, минтақаҳои деҳот вазифаҳои муҳофизатиро иҷро мекунанд.

**Минтақаҳои муосири деҳот инҳоянд:**

- заминаи захиравии истеҳсолоти кишоварзӣ;
- истифодабарандаи асосии нерӯи табиӣ;
- таъминкунандаи захираҳои демографӣ барои шаҳрҳо.

Дар баробари муассисаҳои ба истилоҳ замонавӣ расму оинҳои маҳаллӣ вуҷуд доранд (ва баъзан ҳатто ба таври қатъӣ). Аз ин ру, ин дар баъзе мавридҳо монеъ мешавад, гарчанде дар дигар мавридҳо ба азхудкунии ин ҳудудҳо мусоидат мекунад. Омили муҳими муосири рушди аҳолии деҳот қобилияти қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-психологии одамон мебошад. Сухан пеш аз ҳама дар бораи қонеъ гардондани талаботи маориф, маданият, тандурусти, варзиш ва ғайра меравад. Дар шароити ҳозира ин талаботро бо усули анъанавии деҳот қонеъ гардондан

дигар имконнопазир аст. Инфраструктураи тараққикардаи иҷтимоӣ, маданию маърифатӣ ва истироҳат дар шакли мактабҳо, китобхонаҳо, алоқа, беморхонаҳо, нуқтаҳои тибӣ ва толорҳои варзиши зарур аст. На камтар муҳим ва баъзан ҳатто ҳалкунанда, кадрҳои мутахассисон, ки ба ин намуди фаъолият ҷалб карда мешаванд, яъне духтурҳо, муаллимон, варзишгарон, муҳандисон, роҳбарон ва ғайра. Музди ками кор, инчунин ҳавасмандии паст ба ин қисмҳо ва соҳаҳои хоҷагии қишлоқ дохил шудани қувваҳои нави меҳнатро ҳавасманд намекунад.

Вазъи молиявии аксари шаҳру ноҳияҳои деҳот ба дараҷае расидааст, ки онҳо ҳатто наметавонанд инфрасохтори мавҷудаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва истироҳатиро нигоҳ доранд, аз навсозии он ва махсусан сохтмони инфрасохтори нав, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ аст, сухан нагӯяд. Дар маҷмӯъ, ин аз зарурати дастгирии давлатӣ ва танзими давлатии рушди чунин минтақаҳо шаҳодат медиҳад. Зарурати ҷустуҷуи модели нави шарикии давлат, хусусӣ-давлатӣ ва давлатӣ-хусусӣ мебошад. Дар ин равандҳо нақши на танҳо мақомоти маҳаллӣ, балки мақомоти минтақавӣ низ бузург аст. Тадқиқоти гузаронидашуда аз сатҳи пасти зиндагии мардуми деҳот, музди меҳнати кишоварзӣ, сатҳи нокифояи рушди соҳаи кишоварзии кишвар дар минтақа ва дар натиҷаи мушкилоти амиқи демографӣ, ки дар он ниҳоят боиси рушди ноустувории деҳот мегардад, шаҳодат медиҳад. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии рушди деҳотро метавон як соҳаи масъулияти мутақобилаи давлат, илм, соҳибкорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро барои таъмини сифати шоистаи зиндагии мардум ва сифати зиндагӣ ҳисоб кард. Аз ин лиҳоз меъёри самарабахшии танзими давлатӣ ин ободонии деҳот мебошад. Низоми танзими давлатии рушди деҳот ҳамчун ифодаи созанда ва пурмазмуни сиёсати рушди деҳот бояд муттаҳид бошад, ки ба манфиатҳои маҳалҳои аҳолинишини деҳот (аз рӯи шумора, дурӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ, соҳаи иҷтимоӣ) мувофиқ бошад ва ғайра) ва ин мавқеъ ҳоло дар доираи равиши оянда ҳал карда мешавад. Дар баробари ин, бешубҳа муҳим аст, ки миқёси кумакҳои давлатӣ дар доираи барномаҳои мақсадноки рушд, ки ба таври органикӣ бо манфиатҳои сокинони деҳот ҳамоҳанг ва ба ошкор намудани неруи табиӣ, инсонӣ, иқтисодӣ, таърихӣ ва фарҳангии минтақа нигаронида шудааст. Қисмати кишоварзӣ бояд дар рушди деҳот ҳалкунанда бошад, аммо ягона нест.

**Рушди устувори деҳот бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад:**

– истифодаи оқилонаи иқтидори захираҳои табиӣ, истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, бехатарии озуқаворӣ;

– таъмини устуворию самаранокии равандҳои такрористеҳсолӣ ва худтаъминкунии иқтисодии қаламрав, ҷалби сармоя ба иқтисодиёт, нигоҳ доштан ва инкишоф додани афзалиятҳои рақобатӣ;

– такрористеҳсоли таъминоти ҳаёт, оқилонагардонии фаъолият оид ба беҳтар намудани сифати зиндагии сокинони деҳот, адолати иҷтимоӣ ва назорати иҷтимоӣ;

– идоракунии самараноки ҳудуд, таъмини захираҳои молиявӣ ва механизмҳои ноил шудан ба рушди худкома, худидоракунии ҷомеаи деҳот.

Роҳи оқилонатарин дар деҳот истифодаи механизмҳои гуногуни беҳбуди ҳамкории аҳолии деҳот бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, рушди соҳибкорӣ, беҳбуди инфрасохтор, барномаҳо ва лоиҳаҳои истифодаи базаи захираҳои табиӣ, иқтисодӣ бо як қатор алоқамандӣ ва ҳамгироии бисёрсоҳаи бахшҳои пешқадам мебошад. Ба ин ҷиҳат диққат дода, қайд мекунем, ки дар шароити таназзули сусти иқтисодӣ, вақте ки бозорҳои асосӣ таназзули доимиро нишон медиҳанд, аҳамияти захираҳои ниҳоӣ дар кори системаҳои иқтисодӣ меафзояд. Нисбат ба хоҷагии қишлоқ ва умуман комплекси агросаноатӣ бояд бекор карда шавад, ки захираҳои агротуризми деҳотро дар шароити тараққиёти деҳот ҳамчун захира ҳисоб кардан мумкин аст. Ҳангоми интихоби ин намуди фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун вектори мақсадноки диверсификатсияи иқтисодиёт аз инҳо бармеояд:

– **якум,** деҳот аллакай дорои захираҳои мувофиқи табиию иқлимӣ мебошанд;

– **дуюм,** деҳот ҷойе мебошанд, ки дар он ҳам захираҳои агротуризм ва ҳам захираҳои деҳот мутамарказ шудаанд;

– **сеюм**, фаъолияти агротуризм ва сайёҳии деҳот аз ҳисоби паст шудани даромади воқеии аҳолӣ ҳоло шӯҳрат пайдо карда истодааст.

Рушди фаъолияти соҳаи кишоварзӣ бояд алтернативаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва хориҷшавии мутахассисони ҷавон гардад. Илова бар ин, тавассути рушди намудҳои агротуризми соҳибкорӣ ва туризми деҳот ба ин ҳудудҳо воридшавии пайвастаи захираҳои молиявии беруна сурат мегирад.

Характерной особенностью этой территориальной черезполосицы были расчлененность, раздробленность, изолированность и обособленность, а для исконно таджикского населения были характерны такие признаки, как разрозненность, разбросанность, разобщенность и взаимоотчужденность.

Приобретение территориальной определенности таджикского народа было наиважнейшей задачей на пути образования территориально целостного независимого национального государства Таджикистан, за которое предстояло острейшая борьба с пантюркистами.

Третье. Важнейшую политическую особенность процесса борьбы за образование независимого таджикского государства составляли, во-первых, слои патриархально-феодальной структуры политической системы и государственной власти установленные представителями тюрско-монгольских династии мангитов. Во-вторых, создание новой политической системы и национальной государственности.

Поэтому вопросы государственного строительства для будущего независимого Таджикистана, приобрели решающее значение, без их реализации невозможно было приступить к обновлению общественно-политической жизни таджикского народа.

Четвертое. Необходимо отметить одну из важнейших политических особенностей процесса борьбы за образование независимого национального государства, которая оказало и продолжает оказывать мощное психологическое давление на сознание таджикского народа. Речь идет о психологической атрофированности чувства Родины у таджиков к собственному государству, чувство необязательности и даже ненужности такого государства, желание жить на чужбине, вне Родины, изображать себя страдальцем «патриотом» вдали от родной земли и т.д.

Причиной такого психологического атрофирования чувства родины, собственного государства-результат той же потери, лишения, отсутствия и неимения национального государства, в результате которого в сознании таджиков происходили определенные трансформационные процессы адаптивного характера к изменяющимся условиям жизни и существования. Предстояло исправить и преодолеет это явление, психологически оздоровить атрофированное сознание, формировать ощущение и чувство любви к своей Родине, собственному государству, патриотизма к своей земле. Эту задачу должно было решать вновь образованное независимое государство Таджикистан.

Вышеотмеченные (и другие неотмеченные) особенности имели существенное значение для образования будущего независимого Таджикистана. Вместе с тем, следует обратить внимания и на политических предпосылках этого процесса. Возникают много вопросов: о каких предпосылках мы можем говорить, каковы эти предпосилки и почему необходимо говорить об этих предпосылках? Ведь когда расмотриваем вопрос о процессе борьбы за образование независимого Таджикистана, мы акцентируем, во-первых, внимание читателя на понятия «процесс образования», который в контексте нашего размышления, означает что у таджиков ни «независимость», ни «государства», ни «Таджикистан» как политическое образование, их основных параметров небыло, не существовало и что их необходимо образовать при учете каких-то вполне реальных социально-политических параметров, которые могли бы служить определяющим фактором борьбы за образование независимого государства Таджикистан в будущем.

Сказанное и диктует необходимость рассмотреть некоторые из таких предпосылок, которые несмотря на многочисленные и самые изощренные способы, фальсификации и преград, созданные пантюркистами, позволили осуществить задачу образования независимого государства Таджикистан. Каковы же политические предпосылки этого процесса? К числу некоторых, наиважнейщих таких политических предпосылок можно отнести:

Первое. Известно, что никакое государство не может образоваться без определенной социально исторической общности именуемой народом. В этом плане важнейшей и решающей политической предпосылкой процесса образования будущего независимого Таджикистана, как политической единицы выступал факт действительного, фактического существования таджикского народа, исконного и одной из древнейших социально-этнических общностей Центральной Азии, предки которого в историческом разрезе существовали задолго до появления тюрков-кочевников.

Предки таджиков заложили основу и особой, арийской цивилизации, а последующие поколения предков таджиков продолжали их традиции, создавали города, формировали городской образ жизни, заложили основу земледелия и земледельческой культуры производства, создали государство и государственную форму управления обществом, утвердили искусство политики и политическое взаимоотношение, и таким образом, подготовили необходимые условия для создания централизованного Саманидского государства. Оно было подлинно таджикским государством и свидетельствовало о том, что таджики, как социально-этническая общность сложились и формировались в народ.

В периоды политического господства тюрко монгольских образований, хотя таджики подвергались жесточайшей и безпошадной экзекуции, систематическому вытеснению, преследованию и физическому уничтожению, тем не менее, повторяя слова историка, оказались «… самым живучим народом …» и несмотря на нерадостную жизнь, выстояли, стали той решающей предпосылкой, которая в последствии превратился в силу по реализации процесса образования независимого Таджикистана.

Второе. Для будущего образования независимого государства Таджикисчтан важное значение имело глубокое и кардинальное изменение того убогого состояния в котором оказался таджикский народ в результате господства тюрко-монгольской династии Мангитов.Не ликвидировав многочисленные атрибуты мангитского общества: сохранение и господство патриархально-феодального уклада жизни, натуральный способ производства, повсеместная неграмотность населения, засилье эмирских сатрапов в государственных органов, патриархальный способ управления обществом, последовательное осуществление политики образования территориальных черезполосиц и на этой основе насильственное вытеснение исконно таджикского населения и т.д. невозможно было думать о вовлечение таджикского народа на путь прогрессивного обновления. Поэтому архиватная задача состояла в сломе и ликвидации политического господства мангитов Реализация этой задачи теснейшим образом была связана со свержением царизма в России и изменение ее политического строя. Самодержавие тесно взаимодействовало с патриархально-феодалными государствами региона, которые полностью находились в колониальной зависимости. Он не был заинтересован в изменении статус-кво края.

Однако возрастание революционного движения в России и последовавшая затем Октябрьская социалистическая революция свергла царизм, уничтожила цепи колониального гнета, провозгласила независимость и равноправие народов бывших царских окраин.

Для таджикского народа судьбоносьно-историческое значение Октябрьской революции и Бухарской народной революции состояли в том, что они сломали и ликвидировали политическую патриархально-феодальную структуру государственной машины мангитской династии-этого очага мракобесия, дикого феодального произвола и источника трагической жизни таджикского народа. Именно по этой судьбоносной причине эти революции (пролетарская в России, народная в Бухаре) рассматриваются

в качестве определяющей предпосылки процесса борьбы за образование будущего независимого государства Таджикистан.

Третий. Наиважнейшим политическим компонентом образования государства, наряду с исторической общностью-народом, всегда считалась, считается и будет считаться определенная территория, территориальная единица, на которой заселяется и проживает тот или иной народ. Таджики издревле вели оседлый образ жизни, проживали компактно в долинах, городах, строили, занимались наукой образованием, духовной культурой.

Однако историческая «судьба» территориальных образований таджиков столь же трагична, как история таджикской государственности. Непреривные внутрирегиональные войны, греко-македонская экспансия, арабские завоевательные походы, постоянные нашествия кочевых, тюрко-монгольских образований, завоевание края русским царизмом-все это в разных исторических эпохах, в разной степени вытесняли исконный народ, захватывали, разобщали, дробили некогда единое территориальное целое-Мовароуннахр и Хорасана с таджикским населением. На территории Центральной Азии в последствии возникли новые государственные образования: Хорезмское, Кокандское ханства, Бухарский эмират, что и было главной причиной проживания таджиков в различных произвольно скроенных территориальных образованиях.

Территориальная компактность таджикского народа, таким образом, было разрушена, он был расчленен территориально и вынужден был проживать в черезполосном состоянии, в территориальных пределах указанных государственных образованиях. Постоянные феодальные междуусобицы за территориальные приобретения сопровождались неизменным вытеснением таджиков с насиженных мест, его разорением и обнищанием. Каждое из этих образований пытались захватить и присоединить территории Каратегина, Дарваза, Бадахшана, Центральных районов Восточной Бухары. Это борьба было острой и затяжной и только с помощю царизма России, Бухарскому эмирату удалось присоединить эти территории к своим владениям. Систематически перекройка территорий с таджикским населением превратилась в какой-то социальной бычью и историческим проклятием.

После завоевания Средней Азии Царской Россией, началась новая полоса территориальных перекроек и разделений. Исходя из своих колониальных интересов, Царизм по своему скроил и произвольно определил территорию края. Сохраняя феодальные ханства и мангитский эмират, за счет отчуждения части их территории создал Туркистанское генерал-губернаторства.. Характерно, что исконно таджикские территории и земли (Ферганская, Ходжентская, Самаркандская) волевым способом включались в состав этого нового образования. В течение всего колониального периода таджикские территории и земли оставались изолированными. Так, часть нынешних северных районов входили в состав Самаркандской области, Конибадам, Ашт, Исфара с таким же этническим (таджикским) населением подчинялись Ферганскому военному губернаторству. Восточная часть Бадахшона входила в состав Ферганской области Туркитстанского края, Западная-населенная таджиками- в состав Бухарского эмирата.

Территориальное расчленение таджикских земель чрезвичайно обострилась в результате возрастания колониального соперничества между Россией и Англией. В результате, эти две колониальные державы в 1895г. сговорились о заключение англо-русского разграничения. По итогам этого позорного сговора, значительная часть территории Бадахшана: Вахан, Ишкошим, Шугнан, Дарваз,а также Шурабад (Дашти Джум), Фархар с таджикским населением, отошли к Афганистану. Было осуществлено чудовишное преступление по расчленению и отторжению единого народа на две части.

Эти же тенденции доминировали при решении вопроса о национальном самоопределение народ Центральной Азии. Территориальные споры субъектов этого политического решения были самими сложными, запутанными, необъективными, волюнтаристическими и антитаджикскими. В процессе оголтелого пантюркистско узбекского заговора, попустительства и «нейтральной» позиции советских контролирую-

щих органов, предательской деятельности туркизированных (узбекизированных) «таджиков», пособнической роли представителей таджикской подкоммисии в составе узбекской комиссии, древнейшие территории исконного проживания таджиков в равнинной (долинной) части Центральной Азии с селениями, городами и областями отошли к новым советским политическим образованиям-Узбекистан, Туркмении и Киргизии. Так, территория Чорджуйской и Марийской области с таджикским населением, от территории Бухарской Народной Советской Республики отошли к Туркменской ССР. К Узбекской ССР по различным надуманным предлогами отошли исконно-таджикские территории и города, районы и области-Ходжентский уезд, Самаркандский и Бухарские области с городами, Сурхандаринские область с районами, Ферганская область с городами и историческими колибелями таджикской цивилизации. В результате такой политики перекройки, образование будущей Республики Таджикисчтан было поставлено под вопрос. За Таджикистаном осталось лишь гористая территория Восточный Бухары. Борьба за исконно-таджикские территории продольжалась и обещала быть чрезвичайно острой.

Сказанное показивает, что как бы трагичен не был процесс борьбы за образование независимого таджикского государства, несмотря на отчаянное сопротивление и противодействия пантюркистов не позволить или помешать таджикам приобрести политическую национально-территориальную определенность, все же политическая территориальная предпосылка процесса образования будущей независимой Республики Таджикистан имелось. Этой предпосылкой стало упомянутая Восточная Бухара, населения которой в абсолютном выражении составляли таджики. И как бы ни ухищрялись узбекские пантюркисти, с этой географической «фатальностью» они ничего несмогли подделать и вынуждлени были пойти на признание автономности таджиков в форме ТАО в составе Узбекской ССР. Это было маленкая, но в политическом отношении важнейшая брень в стане заговоршиков-пантюркистов, расстроившая их чудовищный план поглощения таджикского народа. Этот маленький прорыв стал политической предпосылкой дальнейшей борьбы таджикских патриотов, государственных деятелей, всего таджиксткого народа в борьбе за возвращения отчужденных территорий.

При окончательном рассмотрении результатов национально-территориального размежевания в ВЦИК СССР, учитывая вопиющие дискриминации по отношению таджикского народа и аргументированную борьбу политических деятелей Автономной Области, а также активное участии таджикского населения за образование независимой национальной республики, высшие партийно-советские инстанции сочли возможным преобразовать Таджикскую Автономную Область в ТАССР в составе Узбекской ССР.

Такое решение вопроса в политическом измерении было серьезный удар по планам пантюркистов и началом краха их бредовых идей по игнорирование таджикского народа

Вместе с тем, с нашей точки зрения, и на этом этапе борьбы, высшие советские координирующие органы идя на поводу пантюркистов, допустили две вопиющие волонтюристические ошибки:

В-первых, не согласились на создание самостоятельной независимой Республики Таджикистан в составе СССР;

Во-вторых, территориально ТАССР включили в состав Узбекской ССР.

Естественно, на пути к образованию самостоятельной Таджикской ССР стояли многочисленные и сложные трудности объективного и субъективного порядка. Эти трудности были характерны для всех вновь образованных советских республик Средней Азии. Поэтому мотивация высших партийно-советских органов по поводу образования независимого Таджикистана выглядели малоубедительными. Эти отношения и такую политику можно определит как политика двойного стандарта. Так, если сопоставить и сравнить состояние трудностей в Туркмении и Таджикистане (за исключением отдельных параметров (равнинность территории, наличие железной дороги и

др.) то они находились примерно на одинаковом уровне, а по некоторым аспектам общественной жизни (количество населения, укладе жизни, образование и т.д.) ТАССР имел определенное преимущества. Тем неменее, Туркменистан стал самостоятельной советской Республикой, а Таджикистан из АО был преобразован в Автономной Республику, и то в составе Узбекской ССР.

Новообразный ТАССР с таким же успехом мог быть включен в состав РСФСР. Ведь были же включены Казахские и Киргизские Автономные Области в состав Российской Федерации. Однако таджикская Автономная Республика не был включен в состав РСФСР не потому, что этого не хотели таджики, а потому что, что этого недопустили и не хотели узбекские пантюркысти и националисты. Они «убедили» высших партийно-советских госорганов в «целесообразности» оставления ТАССР в составе Узбекской ССР.

Пантюркисти и узбекские националисты добились своего, таджики опять потерпели неудачу. О чем свидетельствовал политика двойного стандарта? Такая политика означало, что высшие партийно-советские органы в решение судьбоносных вопросов политической жизни народов, каким являлся вопрос национального самоопределения, в т.ч. самоопределение таджикского народа, допускали вопиющие волюнтаристические подходы, замашки колониального характера и игнорирование исторической действительности. Во-вторых, такая политика свидетельствовало о том, что эти органы не смогли преодолеет натиск пантюркизма, вообще и пантюркистски настроенных партийно-советских работников в центре и на местах. Они находились в плену пантюркистов, не смогли освободиться от их влияния .Это ярко показал процесс преобразования ТАО в самостоятельную советскую республику.

Пантюркисти и узбекские националисты мобилизовали все возможные и невозможные силы, средства, способы и подходы с тем , чтобы недопустить образование самостоятельной, независимой таджикской Республики. Они и на этот раз достигли своих целей. Во-первых, помешали образованию самостоятельной республики Таджикистан; Во-вторых добились включения ТАССР в состав Узбекской ССР, что имело чрезвычайно негативные последствия для таджиков, таджикской государственности и таджикского народа. Почему оставление ТАССР в состав Узбекской ССР было ошибочным решением.

Во-первых, высшие партийно-советские органы хорошо знали политические замысли пантюркистов и узбекских националистов по отношению к таджикам, знали их главную цель-полное отрицание территориального проживания таджиков и существования таджикского народа, языка, культуры; знали о стремление пантюркистов к поглощению таджиков путём реализации политики максимальной узбекизации таджикского населения на исконно проживающих территориях.

Во-вторых, партийно-советские органы власти в Центре и Средней Азии, хорошо знали и были в курсе авантюрных планов пантюркистов о создании здесь Тюркской Республики под эгидой Турции и включение в нее новых советских политических образований.

В-третьих, советские партийно-советскуие органы власти прекрасно знали, что в Узбекистане проводится широкомасштабная, оголтелая, ползучая националистическая политика, основное содержание которой составляла узбекизация неузбекского населения, главным образом, таджиков и таджикского населения. Узбекские пантюркисты настолько распоясались, что эта политика стала предметом обсуждения и осуждения на партийных (X и XII ..съездов) форумах. Зная все это и другие аспекты деятельности пантюркистов, узбекских националистов, высшие партийно-советские органы власти потворствовали им и вопреки исторической реальности, игнорировали национальное самоопределение таджикского народа в форме независимой, самостоятельной Советской Республики Таджикистан.

Это было своего рода карт-бланш в руках узбекских пантюркистов и националистов, используя которой они развернули широкомасштабную узбекизацию на территории Автономной Республики Таджикистан. Таджикскому народу предстояло вести

нелегкую упорную борьбу, чтобы добиться образования равноправной Союзной Республики в составе СССР. Это борьба стоила многим таджикским государственным деятелям и патриотам жизни. Нусратулло Махсум, Ходжибаев А, Мухиддинов А, Шотемур Шириншо и даже тот же узбекизированный пантюркист А. Рахимбаев последствие были обвинены в национализме и казнены. Тем не менее, для исторической судьбы таджикского народа образование ТАССР, а впоследствии полноправной независимой Республики в составе Союза ССР, позволили ему возродиться из политического небытия, воскресить своё реальное политическое бытие. Спустя не одну сотни лет таджикский народ осуществил свою историческую мечту и частично, урезанно и неполновесно вылечил историческую боль-приобретая национальную государственность, который ныне на карте мира в ряды государственных образованный мирового сообщества, реально занимает своё место Республика Таджикистан-символ Родины всех выстраданных поколений таджиков.

Образование Таджикской Советской национальной республики, несмотря на трагичность этого процесса, политическая акция имеющая непреходящее историческое значение. Теперь никаким недоброжелателям не удастся оспаривать игнорировать или непризнавать реально существующую таджикскую национальную государственность, а таджикам доказывать свою политическую реальность. Оберегать и защищать ее священный долг ныне живущих.

## ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Қосимов Ҳ.З. асисстенти кафедраи молияи ДБССТ**

«Дар ин ҷаҳони пур аз тазоду рақобатҳои шадиди (глобалӣ такдири имрӯзу ояндаи худро дар даст доштан, истиқлолияти комилу давлатдории миллиро ҳифз намудан, амнияти мамлакату оромии ҷомеаро таъмин кардан ва манфиатҳои миллатро пуштибони карда тавонистан аз мову шумо иҷрои корҳои бузургу барномаҳои стратегиро барон даҳсолаҳои дигар, тақозо мекунад.

Аз ҳамим лиҳоз, мо вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи моддиву молиявӣ ҳадафҳои такдирсози стратеги истиқлолияти энергетики, истиқлолияти озуқаворӣ, раҳои аз бунбасти коммуникатсионй, таьмини пешрафти мунтазами иқтисодиёт, сиёсати пайгиронаи иҷтимой, таҳкими амнияту оромии мамлакат ва ҷомеаи шаҳрвандиро пеш гирифта, мехоҳем Ватани азизу муқаддаси худ Тоҷикистонро ба сафи кишварҳои пешрафтаи олам расонем».

*Эмомалӣ Раҳмон*

Маълум аст, ки барои давлати соҳибистиқлол таъмини амнияти миллӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ҳоло замоне расидааст, ки мафҳуми «бехатарӣ» (амният) маънои васеъ пайдо намуда, усулҳои хосаи таъмини худро тақозо менамояд. Хусусияти асри XXI дар ин аст, ки амнияти миллӣ бо ҷиҳати ҳарбӣ маҳдуд намешавад. Гузашта аз ин ҷиҳати ҳарбӣ аҳамияти аввалиндараҷаи худро гум кардааст. Ба мадди аввал даҳҳо дигар омилҳои ғайринизомӣ баромадаанд. Дар байни онҳо амнияти сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, технологӣ, экологӣ, хӯрокворӣ, иттилоотиву коммуникатсионӣ, демографӣ, этникӣ, маънавию маданӣ, психологӣ ва ғайра ба аҳамияти хоса соҳиб гаштаанд.

Амнияти иқтисодӣ - ин маҷмӯи шакли мустақилият, устуворӣ, қобилияти пешравӣ ва худ такмилёбии иқтисоди миллиро таъмин менамояд.

Маълум аст, ки бахши иқтисодӣ самти муҳимтарини фаъолияти чамъият, давлат ва шахсият буда, таъмини амнияти иқтисодӣ яке аз бартариятҳои асосии сиёсати ҳар як давлатӣ соҳибистиқлол мебошад. Амнияти иқтисодӣ дар қатори таъмини мудофиаи мамлакат, таъмини сулҳу салоҳ дар ҷомеа, бехатарии экологӣ ва ғайра яке

аз унсурҳои асосии бехатарии давлатӣ мебошад.Рушди иқтисодӣ ва иқтидори ҳар як давлат, устувории мавқеи он дар байни давлатҳои ҷаҳон ба бехатарии иқтисодӣ вобаста аст.

Таъмини бехатарии иқтисодӣ, - менависад академики Академияи илмҳои Русия Л.И.Абалкин, - ин кафолати истиқлолияти кишвар, шарти устуворӣ ва самаранокии фаъолияти зисти ҷомеа ва инсон мебошад. Чунин аст қоидаи умумие, ки истисно надорад. Бинобар ин таъмини бехатарии иқтисодӣ ба гурӯҳи муҳимтарин афзалияти милли мансуб аст. Инро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳа[2].

Иқтисоди миллӣ маҳз ба давлати миллии мустақил хос буда, чун хоҷагии бисёрзинаи мамлакат танҳо дар шароити истиқлолияти давлатии кишвар метавонад арзи вуҷуд намояд. Бинобар ин агар давлат мустақил набошад, яъне дар тобеияти ягон давлати дигар бошад, дар ин ҳолат иқтисодиёти онро милли гуфтан ҷоиз намешавад, зеро он маҳз ба давлати милли соҳибистиқлол мансуб аст.

Дар аҳди шуравӣ Тоҷикистон, гарчанде ки зоҳиран «Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии мустақил дар ҳайати ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» ном гирифта бошад ҳам ба иқтисоди миллии худ соҳиб набуд, зеро иқтисодиёти он узви ҷудонашавандаи иқтисоди миллии ИҶШС буда, асосан ба манфиатҳои умумииттифоқи нигарон буд. Мантиқан як иқтисоди миллӣ дар дохили иқтисоди миллии дигар ҷой дошта наметавонад. Бинобар ин дар Тоҷикистон, ҳамчунон дар дигар давлатҳои шуравӣ, иқтисодиёти миллии воқеии миллӣ пас аз оғози соҳибистиқлолии давлатӣ ба вуқуъ пайваст.

Истиқлолияти давлатӣ имкониятҳои беназирро барои шукуфонии кишвар, эҳёи тамаддуни миллӣ, рушди оқилонаву пурсамари иқтисодиву иҷтимоӣ ба миён меоварад.

Озоди ва истиқлолият - гуфта буд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Э. Раҳмонов, - дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо ва шахсияти таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувият ва шарти бақои таърихии миллат ва давлат мебошад. Гузашта аз ин, истиқлолият мазҳари идеалу армонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмиллалӣ ва замонаи ҳастии воқеӣ ва бошарофати миллат аст.

Маълум аст, ки сохибкорӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ - ин кори таваккалӣ аст. Таваккалӣ чунин маъно дорад, ки натиҷаи (фоида, даромад, самараи иҷтимоӣ)-и дар оянда ба даст меомада ( гирифтани ба он умедбасташуда) ҳеҷгуна кафолат надорад, баръакс, хатари ноумедӣ, зарар, барбод рафтани сармоя ё ноил нашудан ба натиҷаи дилхоҳ ҷой дорад. Бинобар ин сармоягузор хоҳ аз дохили кишвар, хоҳ аз берун бошад ба ду омили асосӣ аҳамият медиҳад:

- якум, то чӣ андоза иқтидори сармоягузорӣ дар хоҷагии мамлакати миллии мазкур ҷалбкунанда аст - кадом соҳаҳо, минтақаҳо, кадом намуди фаъолиятбарӣ, кадоми аз ҳарифони мавҷуда ва ғайра;

- дуюм, аз ҷониби мақомоти сиёсӣ, пеш аз ҳама мақомоти давлатии мазкур чигуна шарту шароитҳои фаъолиятбарӣ барои сармоягузорон пешкаш шудаанд. Дар ин ҷо сухан дар бораи таваккалии сиёсӣ, вазъи рушди сиёсӣ меравад. Ин ду омили номбаршуда ба густариши сармоягузорӣ дар мамлакат, ҳаҷм, суръату натиҷабахшии он бевосита таъсир мерасонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои махсус таъсис карда, сиёсати молия, қарз ва нархро мустақилона муқарар менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудудаш кори истихроҷ, коркард ва нигоҳдории тилло, дигар металлу сангҳои қиматбаҳоро мустақилона анҷом дода, ба он назорат мекунад ва захираи тилло, алмос ва дигар сангу металҳои қиматбаҳои худро ташкил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар захираи тилло, фондҳои алмос ва асъори ИҶШС саҳм дорад[3].

Як нуқтаро ҳамзамон метавон қайд намуд, ки иқтидори саноатии мамлакат на танҳо аз рӯи шумораи корхонаҳо, балки асосан аз ҳаҷми истеҳсоли маҳҳсулот, фондҳои истеҳсолии он ва шумораи кормандон муайян карда мешавад. Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии саноат дар ҷадвал бо чунин тарз оварда шудааст.

**Ҷадвал 1.**

**Маълумотҳо оид ба нишондиҳандаҳои умуми иқтисодии саноат.**[4]

| Маълумотҳо | Солҳо | | | | | | 2018/2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2012 | 2016 | 2020 | 2022 | Бо рақам | Бо фоиз |
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 1366 | 1384 | 1386 | 1473 | 1586 | 1804 | 438,0 | 132,1 |
| Ҳаҷми масулот (бо нархҳои соли 2015) млн. сомонӣ | 7948 | 7431 | 8115 | 8578 | 9504 | 9952 | 2004 | 125,2 |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | 74,2 | 68,5 | 77,4 | 75,4 | 79,6 | 76,3 | 2,1 | 102,8 |
| Аз он ҷумла коргарон | 57,4 | 52,7 | 62,2 | 60,4 | 57,6 | 55,4 | -2,0 | 96,5 |

Тавре ки аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, агар шумораи корхонаҳо дар соли 2008 1366 ададро ташкил намуда бошад, теъдоди онҳо дар соли 2022 ба 1804-то расидааст, яъне бо микдори 438,0 адад зиёд шудааст. Сабаби афзоиши шумораи корхонаҳо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки рушди иқтисодиёти кишварамон сол ба сол баланд гардида истодааст. Ҳаҷми маҳсулот бошад, ба 2004 млн. сомонӣ (125,2%) зиёд гардидааст, ки ин аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми корхонаҳои саноатӣ, бахусус дар сектори хусусӣ ба мушоҳида мерасад. Аз рӯи маълумоти соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон I 9952,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2008 5008,5 млн. сомонӣ зиёд аст.

Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 109,9% ва дар миқёси корхонаҳое, ки бо собиқ Вазорати энергетика ва саноати "Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартномаҳои дутарафа фаъолият менамуданд, 108,9%-ро ташкил медод.

Давлати Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ набояд аз равандҳои иқтисодии умумибашарӣ дар канор бошад.

Дар ҷараёни вусъатгирии байналмилалишавии хоҷагии ҷаҳонӣ баъд аз солҳои 50-ум давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон ба проблемаҳои зиёди гуногуни иқтисодӣ дучор мешуданд, ки бартараф намудани онҳо бе муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ имконнопазир буд.

Хоҷагии ҷаҳонии муосир дар пешбурди сиёсати хориҷӣ аслан барои ба тавri гуфтушунид ҳал кардани баҳсҳо мусоидат мекунад. Давлатҳо ба воситаи муносибатҳои тарафайни иқтисодӣ устуворӣ ва бехатарии иқтисодиёташонро таъмин мекунанд. Онҳо ба хотири пиёда кардани манфиатҳои иқтисодиашон дар бозори ҷаҳонӣ аз муносибатҳои иқтисодӣ истифода мебаранд.

Бинобар ин дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ таҳдидҳое, ки аз берун ба иқтисодиёти миллии мамлакат таъсир мерасонад дар дохили мамлакат якчанд намуди хатарро бавуҷуд меорад.

Сабабҳои махсуси ташкили муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ ин озодиҳои сиёсии истиқлолияти давлатҳо болоравии нақши онҳо дар рушди ҷаҳонӣ самтҳои ҳамкории минтақавӣ, глобализатсияи молиявӣ ва интегратсияи иқтисодӣ дар ҳалли қарорҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Кишвари мо дорои сарватҳои табии бой мебошад. Аз ҷумла канданиҳои фоиданок, захираҳои азими гидроэнергетика ва туризм. Ҷуҳурии Тоҷикистон барои расидан ба се стратегияи асосӣ-истиқлолияти энегретикӣ, раҳоии кишвар аз гумбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ талош мекунад, ки ин барномаҳоро ҳар чи зудтар ба итмом расонад, ки дар онҳо нақши асосиро пеш аз ҳама муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ мебозад.

Дар айни замон масъалаи фаъолгардонии иштирок дар муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири ҷиддӣ расонида, дар маҷмӯъ бо бозори сармоя, бозори қувваи корӣ, рушди илмӣ-техникӣ алоқамандии зич дорад. Омӯзиш ва таҳияи масъала дар асоси истифодаи васеъи унсурҳои оморӣ ва иқтисодӣ ба амал бароварда шудааст.

Ҷамъбасти кори маистрӣ нишонаи он аст, ки Тоҷикистон дар тиҷорат бо дигар давлатҳо(тиҷорати байналмилалӣ) ва муносибатҳои инвеститсионӣ(сармоягузориҳои хориҷӣ) бо баъзе аз праблемаҳо рӯ ба рӯ шудааст, ки бартараф намудани онҳо қарзи ҳар як иқтисодчӣ мебошад. Бояд гуфт, ки солҳои охир дар соҳаи тиҷорати байналмилалӣ нақши содирот нисбат ба воридот заифтар шудааст, яъне балански савдо манфӣ аст, ки ин дар рисолаи мазкур оварда шудааст.

Ҳукумати Тоҷикистон бисёр чорабиниҳо оиди пешгирӣ намудани ин гузаронида истодааст.

Яке аз роҳҳои зиёд кардани содирот(истеҳсолот) ин пеш аз ҳама ҷалби сармояи хориҷӣ бо роҳҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад. Ва дар баробари ин механизми амалии баланд бардоштани симои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд иқдомҳои зеринро дар бар гирад:

- муайян намудани мақоми давлатии масъуле, ки таҳти роҳбарӣ ва назорати бевоситаи он барномаи мақсадноки баланд бардоштани симои сармоягузории кишвар татбиқ карда хоҳад шуд;
- таъсиси гурӯҳи кории доимӣ аз ҷумлаи коршиносони мустақил;
- таъсиси гурӯҳи тадқиқотии (коршиносии) муваққатӣ иборат аз коршиносон;
- муайян намудани рӯйхати рейтингҳои байналмилалие, ки барои арзёбии муҳити сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд;
- тасдиқ намудани рӯйхати рейтингҳои байналмилалӣ, омӯхтани методология, муайян намудани имконият ва роҳҳои бейтарсозии нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) мушаххас дар ин рейтингҳо;
- дар шабакаҳои телевизионӣ ва радиоии ҷаҳонӣ ҷойгир кардани наворҳои видеоӣ ва аудиоӣ оид ба имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷойгир кардани билбордҳо дар фурудгоҳхо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
- сомонаи интернетии иттилоотии бисёрзабонаи ба таври доимӣ навшаванда барои сармоягузорон;
- кори мураттаб бо воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ оид ба боло бурдани симои мусбати сармоягузории кишвар, аз ҷумла ахбороти мунтазами иттилоотӣ дар воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, мақолаҳо ва нашрияҳои мавзӯӣ, интишори наворҳои видеоии муаррифотӣ;

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022
2. Вопросы экономики, 1994, №12 саҳ.4
3. Қарори Шӯрои Олии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри соли 1991, № 392 - Ахбори Шӯрои Олии Ҷумхурии Тоҷикистон,с1991, № 18, моддаҳои 238, 239).
4. Молия ва ҳисобдорӣ. Маҷаллаи Вазорати молияи ҶТ. – Душунбе. - №2. – 2022 – С.35.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21 декабри 2022, шаҳри Душанбе

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»
7. 26.01.2022, шаҳри Душанбе
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018 12:21, шаҳри Душанбе
9. Қарори Шӯрои Олии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри соли 1991, № 392 - Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Точикистон,с1991, № 18, моддаҳои 238, 239).

## ИННОВАЦИЯ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Ахмедова М.Ф. -старший предподаватель кафедры экономической теории МУТПТ**

Одной из важнейших проблем в настоящие время в мире в условиях острой конкуренции за получение ресурсов, реализации проектов в промышленности страны является инновация.

Ключевым потенциалом и движущей силой экономического развития любой страны остаётся промышленность. С принятием в качестве четвертой стратегической цели страны ускоренной индустриализации Республика Таджикистан заложила основу для создания новых рабочих мест, снижения инфляции, повышения экспортного потенциала страны и повышения в целом жизненного уровня населенния.

Президент Респеблики Таджикистан принимая во внимание роль промышленности в решении многих социально-экономических проблем назвал 2022-2026 годы годами развития промышленности.

Быстрый переход экономики страны на инновационное направление развития как указано в программе направлено на ускорение индустриализации республики на 2020-2025гг. Значительные достижения трех стратегических целей заложили основу для реализации данной программы.

На период до 2030 годы в республике приняты и реализуются стратегия промышленного развития республики и на её основе различные отраслевые программы. Все отраслевые программы направлены на обеспечение конкурентноспособности таджикской продукции; повышение её качества, создания новых рабочих мест, что в целом явдяется основой перехода экономики страны из переработки доведения сырья до готовой к реализации продукции.

В своем послании Маджлиси оли 28 декабря 2023, Президент республики Таджикистан отметил ; « Если 1991 году в стране было всего 358 промышленных предприятий с 33 тысячами рабочих мест, то в период независимости этот показатель достик более 3580 промышленных предприятий с 1714 тысячами рабочих мест. Только в 2023 году начали работать более 50 заводов и производственных предприятии с 6 тысячами новых рабочих мест, что способствовало увеличению производства промышленной продукции более 43 миллиардов сомони [2.2]. Промышленность республики в настоящее время предоставлена более 90 направлениями и видами производства. С переходом экономики республики на рыночные методы хозяйствования, ряд предприятий преобразованы в акционерные общества, созданы совместные предприятия с иностранным капиталом и частные предприятия. В республике имеются достаточные запасы сырья для металлургической, химической, строительной, пищевой, текстильной промышленности. Разведаны в республике месторождения серебра, золота, свинца, сурьмы, угля, поваренной соли, драгоценных камней и др.

Для сотрудничества частного сектора на международном уровне наиболее привлекательными являются электротехническая, автомобильная, легкая, пищевая, фармацевтическая промышленность. Промышленность Таджикистана на сегодня приобрела статус, присущий независимому государству.

Следует отметить, что формирование развитой и конкурентоспособной национальной промышленности и на её основе вывод экономики Таджикистана на новый уровень является основной целью ускоренной индустриализации. Эта цель сыграет важнейшую роль в снижении зависимости страны от импорта товаров продовольственного назначения, обеспечения различных отраслей промышленности современным оборудованием, укреплением экспортного потенциала. К 2030 году ожидается, что доля промышленности в ВВП страны достигнет 30 процентов, а доля обрабатывающих производств в отраслях промышленности будет повышено с 70 до 75 процентов [4.2].

В своих выступлениях Президент страны отмечал о невозможности развития экономики без энергетической независимости, и обеспечения всех отраслей электроэнергией. Поэтому необходимо использовать все внешние и внутренние возможности для развития экономического сектора экономики.

Основным богатством Таджикистана является гидроресурсы. В долгосрочной перспективе гидроэнергия остается главным поставщиком таджикской энергосистемы, именно Рогунская ГЭС позволит существенно повысить безопасность энергоснабжения в Таджикистане, способствуя в среднем выработки энергии около 30%, необходимой для удовлетворения спроса до 2050-х годы. Кроме того, после ввода в эксплуатацию всех мощностей, выработка этой ГЭС составит 17,1 млрд. квт/ч. Это полностью обеспечит электричеством всю страну, максимизирует выгоды, как для Таджикистана, так и для прибрежных стран низовья. При этом Республика Таджикистан станет крупнейшим экспортером в регионе. (3,с2).Самым важным событием 1019г. Является запуск второго агрегата-Рогинский ГЭС-объекта, с которым народ связывает развитие всех отраслей народного хозяйства Рогунская ГЭС обслуживает все страны региона, используя возобновляемые источники производства энергии экологически безопасное электричество. Его водохранилище будет играть большую роль в регулировании водоснабжения, особенно в годы маловодья и засухи».

Правительство страны планирует в ближайшем будущем удвоить мощности по производству» зеленой энергии», как основного источника продвижении «зеленёной экономки». Эффективное использование этого потенциала требует увеличения инвестиций и внедрения новых технологий. Гидроэнергетические мощности Таджикистана в сочетании с новыми технологиями позволяют производить алюминий и другие металлы, а также готовую продукцию из них с минимальными выбросами углекислого газа.

Переход на использование энергосберегающих технологии и обеспечение устойчивого развития энергетического сектора посредством реконструкции- гидроэлектрических сооружений и восстановление их потенциала, а также сетей передачи электроэнергии даст возможность в течение последующих 4-х лет обеспечить энергетическую независимость Таджикистана.

В дальнейшем первостепенное значение будет придаваться качественным аспектам роста национальной экономики, организации производства конечной продукции путём широкого использования современных технологий и внедрения инноваций, повышению экономической активности населения, совершенствованию системы поддержки предпринимательства, инвестирования и расширения цифровой экономики. В перспективе намечается доведение доли среднего класса населения до 45 % и снижения уровня бедности до 18% [2.2.]

Особое внимание в современных условиях уделяется вопросу инвестирования сфер экономики, как основного средства ускоренной индустриализации. Поэтому Республики Таджикистан усилило свою деятельность по привлечению прямых инвестиции, созданию новых производственных предприятий, вводу бездействующих предприятии, созданию новых рабочих мест, увеличению экспортного потенциала страны и её конкурентоспособности.

Социально-экономическое развитие Таджикистана как было отмечено нами выше тесно связанно с уровнем развития промышленности, которая объективно отражает вклад отраслей в обеспечение инновационного экономического роста.

В заключении можно сделать следующие выводы:

В развитии промышленности для Республики Таджикистан приоритетным является увеличение доли обрабатывающей промышленности в общем объеме промышленности.

Для Республики Таджикистана при значительном осте отраслей легкой и пищевой промышленности увеличить долю средне-технологичных отраслей промышленности, машиностроения, химической, нефтехимической промышленности и промышленности строительных материалов в общем объеме обрабатывающей промышленности.

Ускорения индустриализация РТ позволит излечить свое положении в международных оценках и т.д.

**Литература:**


1. Азия- Плюс №2 2020
2. Ежегодное Послание Президента. Маджлиси Оли. Душанбе декабри 2023.
3. Народная газета №51. 6.декабри 2023 стр.2
4. Народная газета №34.16 август 2023.


## ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ


**Каримиён М.Б. - ассистенти кафедраи баҳисобгириии бухгалтерӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Воситаҳои асосӣ ҳамчун бахши дороиҳои корхона асоси иқтидори истеҳсолии онро ташкил медиҳанд. Сифати идоракунии воситаҳои асосӣ ба аксари нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагидории корхона таъсир мерасонад. Вобаста ба ин, дар марҳилаи муосири рушди иқтисодии корхонаҳои истеҳсолӣ иттилооти фаврӣ дар бораи вазъи воситаҳои асосӣ ба кормандони низоми идоракунӣ ба хотири таъмини қабули қарорҳои идоракунии саривақтӣ, таъсирбахш ва муносиби ба баландбардории самаранокии истифодаи онҳо нигаронидашуда зарур аст. Мусаллам аст, ки ин гуна иттилоот дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ташаккул ёфта, тавассути ҳисоботи идоракунӣ ба истифодабарандагон – мутахассисон ва роҳбарияти корхона барои асоснок кардани қабули қарорҳои идоракунӣ пешниҳод карда мешавад.

Баҳисобгирии идоракунӣ ба омӯзиши таркиб, вазъ ва ҳаракати воситаҳои асосӣ ба хотири идоракунии босамараи онҳо машғул мешавад. Омӯзиши таркиб ва сохтори хароҷоти нигоҳдорӣ ва истифодаи воситаҳои асосӣ, инчунин самаранокии истифодаи онҳо ба соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ мансуб мебошанд. Дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ ҷиҳати муҳимтарин – баҳисобгирии истеҳлок мебошад, зеро маблағҳои истеҳлоки ҳисобузамшуда манбаи худии боэътимод барои маблағгузории таъмири куллӣ ва навкунии воситаҳои асосии корхона мебошанд.

Масъалаҳои ташаккули захираҳои маблағи истеҳлок ва истифодаи онҳо мутобиқи таъинот бояд дар сиёсати истеҳлок дарҷ карда шаванд. Татбиқ намудани сиёсати истеҳлок дар корхона самти асосии фаъолият дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Иттилоот дар бораи истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар доираи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ташаккул ёфта, мураттабсозӣ ва таҳлили он дар баҳисобгирии идоракунӣ ба ҷо оварда мешавад. Ҳамчунин иттилоот дар бораи истеҳлоки воситаҳои асосӣ унсури муҳими баҳисобгирии андоз (андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) мебошад.

Дар лаҳзаи ба баҳисобгирӣ қабул намудани объекти воситаҳои асосӣ нисбат ба он мӯҳлати истифодаи нафъовар муқаррар карда мешавад, ки дар тамоми давраи вақти истифодаи объект амал мекунад. Вале он на ҳамеша босамара аст, чунки ин гуна равиш таҳияи таҷҳизоти истеҳсолии мукаммалтарро, ки барои овардани нафъҳои иқтисодии бештар қодир бошад, ба инобат намегирад. Ҳамчунин агар фарсудашавии ҷисмонии воқеии воситаҳои асосӣ ба назар гирифта шавад, пас аксаран он аз

фарсудашавӣ бо ифодаи арзишӣ (маблағи истеҳлок) тафовут дорад. Албатта, ин ҷо наметавон имконияти ба ҷо овардани таъмири объекти воситаҳои асосӣ (таҷҳизот, дастгоҳ)-ро аз ҳисоби хароҷоти фаъолияти муқаррарӣ истисно кард, вале беинтиҳо ба таъмири объектҳои воситаҳои асосӣ сафарбар намудани маблағҳо низ ғайриимкон аст. Зарурати навкунии воситаҳои асосӣ ба миён меояд.

Аммо санади асосии танзимкунандаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, таъмир ва истеҳлоки онҳо - НБМ 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» ин гуна масъалаҳоро, чун фарсудашавии зиёди объекти воситаҳои асосӣ, куҳнашавии маънавии барвақти объект вобаста ба рушди илму техника баррасӣ намекунад [4]. Ҳангоми кори шабонарӯзӣ таҷҳизот ва дастгоҳҳои истеҳсолӣ нисбат ба низоми кории дар як ё ду баст ба роҳ мондашуда бештар фарсуда мешаванд. Дар ин маврид фарсудашавии ҷисмонии пурраи объекти воситаҳои асосӣ бармаҳал аз анҷоми муҳлати истифодаи нафъовари он фаро мерасад ва ин ҳолат низ ба соқиткунии объект ва кам шудани фоида аз ҳисоби афзоиши дигар хароҷот дар маблағи арзиши бақиявии объект меоварад.

Ҳамин тариқ, дар ҳолати фарсудашавии ҷисмонӣ ё куҳнашавии маънавии объекти воситаҳои асосӣ корхонаҳо метавонанд соле як маротиба муҳлати истифодаи нафъоварро ба ҷониби камшавӣ бозбинӣ намоянд, ки ин ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона таъсири мусбат мерасонад. Иттилоот дар бораи тағйирёбии муҳлатҳо, тамоилоти истеҳлок ва таъсири онҳо ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона бояд дар замимаҳо ба ҳисоботи молиявии солонаи корхона шарҳ дода шавад. Дар амалияи ҷаҳонӣ бозбинӣ намудани муҳлати истифодаи нафъовари воситаҳои асосӣ раво мебошад, ки ин дар СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» пешбинӣ шудааст.

Маблағҳои ҳармоҳа ҳисобузамшавандаи истеҳлоки воситаҳои асосӣ тавассути нархи фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ба суратҳисоби корхона ворид шуда, дар баробари маблағҳои дигари худии корхона омехта мешаванд. Дар ҳисоботи молиявӣ истифодаи ҳадафноки маблағҳои истеҳлоки ҳисобузамшуда инъикос намеёбад. Бинобар ин, дар асоси ҳисоботи молиявӣ наметавон муайян ва назорат кард, ки маблағҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ маҳз ба кадом самтҳо сафарбар мешаванд. Камбудии мазкур метавонад дар баҳисобгирии идоракунӣ бартараф карда шавад.

Дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ корхона метавонад худ мустақилона муҳлати истифодаи нафъовари воситаҳои асосӣ ва усули ҳисобузамкунии истеҳлокро интихоб кунад. Бинобар ин, маблағҳои ҳисобузамшудаи истеҳлок дар баҳисобгирии идоракунӣ нисбат ба маблағҳои дар баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ҳисобузамшуда зиёдтар мебошанд. Дар баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз маблағи истеҳлок набояд аз арзиши аввалии объекти истеҳлокшаванда зиёд бошад.

Усулҳои ҳисобузамкунии истеҳлок дар баҳисобгирии идоракунӣ ҳамон усулҳое мебошанд, ки дар баҳисобгирии молиявӣ истифода мешаванд:

- хаттӣ (баробарандоза);
- бақияи камшаванда;
- соқит кардани арзиш дар асоси ҷамъи солҳои муҳлати истифодаи нафъовар;
- соқит кардани арзиш мутаносибан ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо).

Усули хаттӣ (баробарандоза) дар ҳисобузамкунии маблағи доимӣ дар давоми муҳлати истифодаи нафъовари объекти воситаҳои асосӣ ифода меёбад, агар дар ин маврид арзиши барҳамдиҳии объект тағйир наёбад.

Ҳангоми истифодаи усули бақияи камшаванда ҳисобкунии меъёри солонаи истеҳлок дар асоси арзиши тавозунии софи объекти воситаҳои асосӣ дар аввали давра ва меъёри истеҳлоки вобаста ба муҳлати истифодаи нафъовари объект бо баҳисобгирии коэффисиенти тезонидан ҳисобкардашуда ба ҷо оварда мешавад. Коэффисиенти тезонидан дар ин маврид одатан чун бузургии 2 қабул карда мешавад.

Дар натиҷаи корбурди усули мазкур маблағи истеҳлоки ҳисобузамшаванда дар давоми муҳлати истифодаи нафъовари объекти истеҳлокшаванда ҳамасола кам мешавад. Ин усули ҳисобузамкунии истеҳлок метавонад барои ҳиссаи фаъоли воситаҳои асосӣ (мошин ва таҷҳизот) ба кор бурда шавад.

Бояд қайд кард, ки дар банди 19 НБМ 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» зикр гардидааст, ки коэффисиенти тезонидан барои ҳисобкунии маблағи истеҳлок ҳангоми истифодаи усули бақияи камшаванда дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Вале таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар ягон ҳуҷҷати меъёрии қонунгузории дар мамлакат амалкунанда оид ба муқаррар кардани коэффисиенти мазкур чизе хотиррасон карда нашудааст.

Усули воҳидҳои истеҳсоли маҳсулот дар ҳисобузамкунии маблағи истеҳлок дар асоси истифодаи пешбинишаванда ё ҳосилнокии пешбинишавандаи объекти воситаҳои асосӣ ифода меёбад. Маблағи солонаи истеҳлок вобаста аз ҳаҷми маҳсулоти дар давраи ҳисоботӣ истеҳсолшаванда, арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ ва ҳаҷми пешбинишавандаи истеҳсоли маҳсулот дар давраи истифодаи нафъовари объекти воситаҳои асосӣ ҳисоб карда мешавад.

Барои корбурд дар баҳисобгирии идоракунӣ усули ҳисобузамкунии истеҳлок мутаносибан ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (усули воҳидҳои истеҳсоли маҳсулот) нисбатан мақбул ҳисобида мешавад, зеро он сурати воқеии истифодаи воситаҳои асосиро инъикос менамояд. Усули мазкур ба инобат мегирад, ки ҳангоми истифодаи нисбатан бошиддати объекти воситаҳои асосӣ на танҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот меафзояд, маблағҳои ҳисобузамшавандаи истеҳлок низ мутаносибан зиёд мешаванд. Бо истифодаи ин усул метавон объекти воситаҳои асосиро дар муҳлати нисбатан барвақттар соқит кард, ки ин барои объектҳои дар муҳити шиддатнок ё дар низоми кори бисёрбастӣ истифодашаванда мубрам аст, чунки дар ин гуна ҳолатҳо хосиятҳои техникии воситаҳои асосӣ босуръат паст шуда, зарурати бо объектҳои нисбатан муосир иваз кардани онҳо ба миён меояд.

Дар баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ҳангоми ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ маҳдудиятҳои андозӣ, ки бо қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд, бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар баҳисобгирии идоракунӣ ягон хел маҳдудияти андозӣ ба инобат гирифта намешавад.

Дар баҳисобгирии идоракунӣ ҳангоми ҳисобкуниҳо барои беҳгардонии ташаккул ва навкунии воситаҳои асосии истеҳсолӣ бояд ба инобат гирифт, ки арзиши аввалӣ ва муҳлати истифодаи объектҳо бо гузашти вақт тағйир меёбанд. Ғайр аз ин, арзиши объекти воситаҳои асосии аз истифода берушуда метавонад аз арзиши объекти ивазкунандаи он тафовут дошта бошад. Дар ин гуна ҳолатҳо арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ бо роҳи азнавбаҳодиҳӣ таҳрир карда мешавад. Барои ҳисобузам кардани истеҳлок бе дигаркунии арзиши аввалӣ метавон меъёрҳои қаблиро истифода бурда, минбаъд ҳисобузамкуниро қатъ намуд, бо вуҷуди он ки истифодаи объект дар корхона идома меёбад.

Дар тафовут аз баҳисобгирии молиявӣ, дар баҳисобгирии идоракунӣ фарсудашавии ҷисмонӣ ва кӯҳнашавии маънавӣ омилҳои аввалиндараҷаи муайянкунандаи бузургии маблағҳои истеҳлоки ҳисобузамшаванда мебошанд. Аз нигоҳи воқеияти маблағҳои подоши истеҳлок дар арзиши аслии маҳсулот ва хароҷоти мубодила усули ҳисобузамкунии истеҳлок дар асоси ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда нисбатан муносиб аст. Маблағҳои истеҳлоки ҳисобузамшудаи бо усули мазкур ҳисобкардашуда бузургии доимӣ набуда, хароҷоти мустақим ва тағйирёбанда мебошанд. Бо вуҷуди ин, корбурди усули мазкур ниҳоят маҳдуд аст, чунки дар ин маврид дараҷаи истифода (иқтидори имконпазир)-и воситаҳои асосӣ ва муҳлати имконпазири истифодаи нафъовари онҳо бояд ба қадри кифоя аниқ

ченшаванда бошанд. Агар сухан дар бораи ҷанбаҳои амалӣ равад, пас ҳам барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз аксаран усули баробарандозаи хаттӣ истифода мешавад. Он аз диди техникӣ содатар буда, имконияти ба таври сунъӣ баланд бардоштан ё паст кардани хароҷотро истисно мекунад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи усулҳои гуногуни ҳисобузамкунии истеҳлокро иҷозат намедиҳад. Аз муқаррароти моддаи 198 кодекси мазкур бармеояд, ки корхонаҳо барои ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ усули хаттиро ба кор мебаранд [3]. Маблағи истеҳлоки ҳисобузамшаванда барои ҳамаи гурӯҳҳои воситаҳои асосӣ дар асоси объектҳои алоҳида муайян карда мешавад.

Дар баҳисобгирии идоракунӣ чун дар баҳисобгирии молиявӣ барои баҳисобгирии истеҳлоки воситаҳои асосӣ ҳисобҳои гурӯҳи 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ», ки барои ҳисобҳои гурӯҳи 11000 «Воситаҳои асосӣ» ҳисобҳои мутақобил мебошанд, истифода мешаванд [1, с. 290].

Ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва ба хароҷоти корхона соқит кардани он бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад [2, с. 221]:

- воситаҳои асосии дар истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо истифодашаванда:

Дебет 10730 «Истеҳсолоти нотамом»

Кредит 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»

- воситаҳои асосии барои сохтани дигар дороиҳои дарозмуҳлат истифодашаванда:

Дебет 11090 «Сохтмони нотамом»

Кредит 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»

- воситаҳои асосии ба иҷораи амалиётӣ додашуда (агар иҷорадиҳӣ фаъолияти асосии корхона набошад):

Дебет 66170 «Дигар хароҷотҳои ғайриамалиётӣ»

Кредит 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ»

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи таҳқиқот хулоса метавон баровард, ки кафили амалкунии бобарори корхонаҳои истеҳсолии муосир ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва ҳисобузамкунии истеҳлоки онҳо буда, он имкон медиҳад, ки корхонаҳо иттилооти пурра, саҳеҳ ва саривақтиро оид ба воситаҳои асосӣ ва истеҳлоки онҳо саривақт ба даст оранд. Истифодаи ин гуна иттилоот ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона таъсири мусбат мерасонад.

**Адабиёт**

1. Каримов, Б.Ҳ., Каримиён, М.Б., Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 444 с.

2. Каримов, Б.Х., Каримиён, М.Б. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан. Монография / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён. – Душанбе: ИПС, 2018. – 350 с.

3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf

4. Положение по бухгалтерскому учету ПБУ 4/2002 «Основные средства». Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан от 11 января 2002 года, № 6 [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://minfin.tj/downloads/prikaz17.pdf

## ТЕКУЩИЕ ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**Разыков Б.Х. – к.э.н., доцент Каримова Т.Х. – к.э.н., МУТПТ**

Современный Таджикистан сталкивается с рядом серьёзных проблем в своём стремлении стать страной с более современной и динамичной экономикой. К их числу относятся нижеследующие, которые характеризуются определённой спецификой и способны вызывать экономические шоки.

**1. Экономическая зависимость от миграционных поступлений**

По окончанию гражданской войны 1992-97 годов таджикские беженцы вернулись на свою родину, однако практически все представители этнических меньшинств, покинувшие страну, назад не вернулись. Часть таджикских беженцев поселились в странах СНГ, по преимуществу в России. Со временем они осели в этих странах и начали заниматься предпринимательской деятельностью. Эти люди сыграли значительную роль в формировании миграционного потока.

После гражданской войны, из-за отсутствия экономических перспектив, многие жители Республики Таджикистан (РТ) были вынуждены искать возможности трудоустройства за пределами страны. Молодые люди столкнулись с ограниченными перспективами на будущее и отсутствием рабочих мест, что привело к увеличению трудовой миграции как способа смягчения социального протеста [1]. Большинство отправилось в трудовую миграцию, чтобы найти работу в России. Рост экономики Российской Федерации (РФ), высокие заработки, удобство миграционного процесса и дефицит рабочей силы стали основными мотивами таджикистанцев к выбору России в качестве места работы, даже спустя десятилетия после окончания гражданской войны.

В настоящее время экономика Таджикистана не обеспечивает достаточным количеством рабочих мест быстро растущую рабочую силу [2]. Определённая часть населения трудоспособного возраста не являются экономически активными, поскольку они не включены в состав рабочей силы. В мае 2024 года численность экономически активного населения Таджикистана составила 2671,9 тысяч человек (98,2%), из которых 48,6 тысяч человек (1,8%) официально получили статус безработного [3].

Помимо отсутствия возможностей трудоустройства дома, миграция подразумевается как решение личных социально-экономических проблем (накопление средств для бизнеса, приобретение земли, дома, автомобиля, капитала, организации свадьбы и учёбы; реакция на финансовый кризис; инвестирование в будущее детей), а также улучшение возможностей трудоустройства [4].

На сегодня РФ является основной страной пребывания таджикских мигрантов. Возможности безвизового режима, приобретение разрешения на работу по прибытию и свободное языковое общение облегчают процессы таджикской миграции.

Денежные переводы мигрантов в 2023 году достигли 48,2% ВВП Таджикистана. В 2023 году этот показатель достиг 5,7 миллиарда долларов [5]. Валютой, вырученной за счёт экспорта продукции, покрывается только третья часть необходимых республике импортных товаров. Оставшиеся две трети нужной валюты, для приобретения за рубежом товаров, обеспечиваются за счёт присылаемых мигрантами денег [6].

Тем не менее, с января по июнь 2024 г. поток трудовых мигрантов из Таджикистана в Россию сократился на 15%, составив около 387 000 человек.

В конце 2023 года президент РФ Владимир Путин сообщил, что свыше 10 млн. работающих граждан в стране – иностранцы. Граждане Таджикистана составляют треть всех мигрантов в РФ.

Политика РФ по отношению к мигрантам после теракта в «Крокусе» стала ужесточаться. Во-первых, решили суровее бороться с нелегалами, наложив целый ряд ограничений. Так, им будет нельзя:

– тратить в России больше 30 000 рублей;
– пользоваться банковскими услугами;
– заключать и расторгать браки;

– оформлять детей в детские сады и школы;
– покупать недвижимость и транспортные средства;
– регистрировать собственность;
– управлять транспортом и т. д.

В целом у властей РФ пока нет коллегиального решения по миграционной политике, которое всех бы устраивало: у общества есть запрос на контроль, но чересчур жёсткие меры могут серьёзно навредить экономическим секторам, в которые встроены мигранты [7].

Итак, одной из основных проблем экономики Таджикистана является значительная зависимость от денежных переводов мигрантов, находящихся за рубежом. Эти поступления составляют значительную часть ВВП страны, что делает экономику уязвимой к изменениям в мировой экономике и миграционной политике других стран.

**2. Низкая диверсификация экономики**

Диверсификация экономики подразумевает не только расширение списка производимых товаров и услуг, но и диверсификацию рынка. Она имеет самое прямое отношение к экономическим, финансовым, социальным и структурным рискам. Чем выше уровень диверсификации экономики, тем ниже уровни названных рисков.

Согласно исследованиям ЭСКАТО, на прилавках магазинов розничной торговли Таджикистана 70% потребительских товаров имеет импортное происхождение. Из общего списка таких товаров, по мнению экспертов, 70% товарной номенклатуры можно производить в самом Таджикистане. При этом, те же товары, которые ныне производятся в Китае и завозятся в Таджикистан можно производить в самом Таджикистане с меньшими затратами на 20%, а произведённые в Турции и России – на 40-60%.

До распада Советского Союза экономика центральноазиатских стран была относительно диверсифицированной. Наименее диверсифицированной среди них была экономика Таджикистана. Но и она по сравнению с нынешними временами представляла пример высокого уровня структурной диверсификации. Только промышленность Таджикистана состояла из 169 отраслей и подотраслей, которые выпускали более 2500 разновидностей продукции. После распада СССР созданная многими поколениями отраслевая структура была полностью разрушена. Устойчиво налаженные связи между промышленными предприятиями Таджикистана и других бывших советских республик были разорваны. Из-за массовой миграции специалистов и квалифицированных рабочих, особенно русскоязычных, многие отрасли вообще самоликвидировались. К последним относятся машиностроение, металлообработка, химическая и нефтехимическая промышленность, электронная и электротехническая отрасли. По другим отраслям промышленности уровень использования производственных мощностей резко упал.

Диверсификация экономической структуры должна быть направлена на расширение всестороннего сотрудничества с соседними азиатскими странами. Пока очень трудно налаживать экспорт готовых и полуготовых товаров в европейские страны, в Японию, и другие развитые страны. Диверсификация экономики требует осуществления значительных изменений в структуры импорта. Необходимо значительно повысить ввоза технологического оборудования и некоторых материалов, которые в Таджикистане не производятся. К тому же, такая диверсификация не обходится без введения некоторых ограничений на ввоз товаров, которые включаются в программу диверсификации.

Диверсификация может привести к резкому увеличению масштабов региональной и межрегиональной торговли. Она может дать ожидаемые результаты, если в полной мере будут задействованы международные транспортные коридоры. Однако отмеченное становится реальностью лишь тогда, когда эти коридоры будут объявлены свободными экономическими зонами [8].

Современная экономика Таджикистана в основном ориентирована на несколько отраслей, таких как алюминиевая промышленность и сельское хозяйство. Недостаточная диверсификация повышает риски и ограничивает потенциал для устойчивого экономического роста.

**3. Коррупция и низкий уровень управления**

Несмотря на Закон РТ «О борьбе с коррупцией», который «направлен на защиту прав и свобод человека и гражданина, интересов общества, обеспечение национальной безопасности, морального функционирования органов государственной власти, честности и беспристрастности на государственной службе, устанавливает организационно-правовые основы предупреждения, выявления, раскрытия и устранения последствий правонарушений, связанных с коррупцией, привлечения к ответственности лиц, определяет виды правонарушений, связанных с коррупцией, и меры ответственности за их совершение» [9], главы некоторых министерств и ведомств признают наличие коррупции в отрасли или структуре, находящейся под их руководством.

В Индексе восприятия коррупции Международной организации Transparency International в 2023 году Таджикистан с 20 баллами занял 162-е место среди 180 стран мира. Уровень восприятия коррупции в Таджикистане оказался идентичным с Афганистаном, у которого тоже 20 баллов: они делят 162-е место с такими странами, как Бурунди, Чад, Коморские острова, Конго, Мьянма и Судан [10].

Таджикистан на протяжении многих лет называет борьбу с коррупцией одним из приоритетов своей работы и признаёт, что коррупция и взяточничество укоренены на всех уровнях. Для борьбы с ней разработаны и приняты программы, концепции и стратегии. Но ситуация существенно не меняется.

Проблемы коррупции и недостаточный уровень управления в экономике могут замедлить развитие бизнеса и инвестиций. Необходимы дальнейшие усилия по борьбе с коррупцией и улучшению корпоративного управления.

**4. Инфраструктурные ограничения**

Развитие экономики РТ усложняется проблемами, связанными с развитием общей (транспорт, энергетика, телекоммуникации и связь, водоснабжение и санитария) и частной (банковская и страховая сфера, рынок цепных бумаг, лизинг, информационное обеспечение) инфраструктуры. Мер, предпринимаемых для притока инвестиций в эти сектора, явно недостаточно. Отчасти это является результатом несовершенства институциональных условий, способных обеспечить прозрачность принятия решений о направлении инвестирования, контроля над эффективным расходованием средств, неразвитости государственно-частного партнёрства. Такие выводы содержит Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2015 года [11]. Однако очевидно, что инфраструктурные проекты реализуются с большим трудом и запозданием. Тем не менее, расширение и укрепление экономических связей между дружественными странами нарастает. Так, между Таджикистаном и Катаром в июне 2024 года обсуждался процесс реализации проектов в секторе строительства и развития городской инфраструктуры РТ.

Недостаточная развитость инфраструктуры, особенно в отдаленных районах страны, может быть препятствием для экономического развития. Инвестиции в транспорт, энергетику и связь могут способствовать улучшению условий для бизнеса и привлечению инвестиций.

**5. Образование и квалификация трудовых ресурсов**

В постановлении Правительства РТ «О Концепции развития продуктивной занятости в Республике Таджикистан на период до 2040 года» в п.60 прямо говорится: Низкое качество трудовых ресурсов, выражающееся низким уровнем их профессиональной квалификации, является основным фактором, препятствующим продуктивному их трудоустройству. Более того, уровень профессионализма напрямую связан с размером оплаты труда [12].

Значительна доля лиц, не имеющих профессионального образования и имеющих высшее профессиональное образование среди неформально занятых. Наблюдаемое снижение доли трудовых мигрантов с профессиональным образованием ведёт к снижению уровня социальной защищённости среди трудовых мигрантов.

Стратегические решения в области занятости молодёжи должны носить комплексный характер и направлены на обеспечение роста производства и создание новых рабочих мест с применением программ переобучения и повышения квалификации.

Недостаточный уровень образования и квалификации трудовых ресурсов может ограничивать возможности для развития новых отраслей экономики и привлечения инвестиций в высокотехнологичные секторы.

Социальная политика не только должна обеспечивать социальную защиту трудящихся с помощью механизма социального страхования, но и должна позволять осуществлять инвестиции в сферу производства, доходы от которых идут на повышение квалификации работников и мотивации их труда, на развитие «человеческого капитала» и в итоге способствуют стабилизации таджикского общества.

**6. Воздействие климатических изменений**

Среди уже наблюдаемых и ожидаемых последствий изменения климата в Таджикистане – нарушение режима выпадения осадков, повышение температуры, сокращение площади ледников и экстремальные погодные явления. Многолетние наблюдения за погодой свидетельствуют об увеличении числа жарких дней, уменьшении числа холодных дней и о значительных колебаниях количества и времени выпадения осадков.

Уязвимым к изменению климата секторам в Таджикистане дана отчётливая характеристика в Четвёртом национальном сообщении Республики Таджикистан по рамочной конвенции ООН об изменении климата [13, с.103-107], где отмечается следующее…

**Энергетический сектор Таджикистана** весьма уязвим к изменению климата и связанными с этим экстремальными погодными явлениями. Уязвимость этого сектора вызывает особую обеспокоенность из-за высокой зависимости от гидроэнергетики: более 98% электроэнергии в Таджикистане вырабатывается на гидроэлектростанциях (ГЭС). Поскольку большинство ГЭС было построено десятки лет назад, их фактическая мощность может сократиться с увеличением рисков и воздействий изменения климата, если не будет обеспечена их безопасность с точки зрения климата. Вызванное климатом сокращение производства энергии на ГЭС может отрицательно сказаться как на доступе к энергии, так и на её использовании, учитывая уже существующие ограничения.

**Сельскохозяйственный сектор.** Снижение продуктивности, связанное с изменением климата, в первую очередь будет вызвано сокращением доступности воды. Прямой температурный стресс для сельскохозяйственных культур и домашнего скота, а также связанный с этим рост численности вредителей также сыграют свою роль. Сокращение водоснабжения в самых засушливых регионах страны может вызвать серьёзные экономические потери, особенно для мелких фермеров, которые уже испытывают последствия изменения климата и связанных с ним экстремальных погодных явлений. Тепловой стресс может сказаться на пастбищах и растениеводстве, потенциально приводя к деградации пастбищ и повышенному риску неурожая, вызванного жарой.

**Сектор водных ресурсов** находится на стыке нескольких ключевых секторов, таких как сельское хозяйство, здравоохранение, энергетика и инфраструктура. Несмотря на это, планирование адаптации к изменению климата в водном секторе Таджикистана не имеет комплексного и межотраслевого характера. Отсутствует последовательность в отраслевых планах в отношении рационального использования водных ресурсов. Существуют серьёзные пробелы на многих уровнях: системном, организационном и индивидуальном, что необходимо восполнить для обеспечения устойчивости сектора к изменению климата.

**Транспортный сектор** будет затронут влияниями изменением климата в связи с проблемами в инфраструктуре. Автомобильные и железные дороги будут подвергаться более частым или серьёзным наводнениям. Увеличение количества осадков и наводнений могут ускорить износ дорожной инфраструктуры. В высокогорьях таяние вечной мерзлоты может привести к повреждению дорог и мостов. Из-за повышенной температуры и солнечного излучения асфальт может стать хрупким и потрескаться, что приведет к временному или постоянному перекрытию дорог.

**Промышленный сектор** Таджикистана и особенно горнодобывающая деятельность уязвимы для геологических явлений, таких как оползни, землетрясения и камнепады, а также гидрометеорологических явлений, таких как наводнения и сели. Это также существенно влияет на строительство жилья в Таджикистане, которое часто строится самостоятельно.

**Сектор здравоохранения.** Изменение климата может неблагоприятно повлиять на здоровье человека, воздействуя на социальные и экологические факторы, определяющие состояние здоровья - чистый воздух, питьевую воду, полноценное питание и безопасное жилье. Дети, пожилые и люди с ранее существовавшими проблемами со здоровьем и, соответственно, менее мобильные, будут в большей степени подвержены воздействию изменения климата в течение более длительного периода времени. Изменение климата может привести к росту числа случаев заболевания малярией в стране, поскольку площадь потенциальной передачи малярии может увеличиться.

**Сектор образования** прямо и косвенно подвержен воздействию изменения климата. Нанесённый инфраструктуре образования ущерб служит одним из примеров прямого воздействия. Разрушение школ и связанной с ними инфраструктуры может привести к низкой посещаемости или убытию детей из школ. Слабый доступ к питьевой воде и теплу, что особенно характерно для сельской местности, в экстремальных погодных условиях может вынудить детей, особенно девочек, заниматься поиском этих ресурсов. В Таджикистане в настоящее время обучаются 2 миллиона 280 тысяч детей, и функционирует около 4000 школ [14], из которых 74% находятся в сельской местности, наиболее подверженной воздействию изменения климата.

Вышеизложенное свидетельствует о том, что Таджикистан должен принять необходимые меры адаптации для смягчения этих последствий.

Таким образом, очевидно, что Республика Таджикистан стоит перед серьёзными вызовами экономики и нуждается в мерах по улучшению ситуации, включающие стимулирование диверсификации экономики, улучшение инвестиционного климата, борьбу с коррупцией, развитие образования и инфраструктуры, а также укрепление резилиентности экономики к климатическим изменениям.

**Литература**

1. Университет Сассекс. 2007. Миграция и сокращение бедности в Таджикистане. Центр исследований миграции и бедности. - Брайтон. - С.11.
2. АБР SEEP. Республики Таджикистан, Финальный отчет по ТП. Ноябрь, 2019. (TA 9639-TAJ). - С. 18–33.
3. Об итогах деятельности Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан за первое полугодие 2024 года. URL: https://mehnat.tj/ru/news/dt/27992682-25a6-4248-93c1-563ec790053b (дата обращения 24.11.2024).
4. МОМ. 2019. Внешняя миграция молодежи в странах Центральной Азии: анализ рисков и минимизация негативных последствий. Казахстан.
5. Таджикистан в 2023 году получил рекордный объем денежных переводов от мигрантов. URL: https://tass.ru/ekonomika/21338481 (дата обращения 24.11.2024).
6. Вклад мигрантов в экономику Таджикистана. Недооценённый труд? URL: https://rus.ozodi.org/a/32753495.html (дата обращения 24.11.2024).
7. Кто такие мигранты и почему им всё тяжелее живётся в России. Объясняем простыми словами. URL: https://secretmag.ru/enciklopediya/kto-takie-migranty.htm (дата обращения 24.11.2024).
8. Умаров Х. Таджикистан: диверсификация экономики и выход в азиатские страны. URL: https://www.unescap.org/sites/default/files/S5-Umarov-russian.pdf (дата обращения 24.11.2024).
9. О борьбе с коррупцией. Закон РТ (в редакции Закона РТ от 30.07.2007 № 296, от 6.10.2008 № 419, от 26.12.2011 № 772, от 14.03.2014 № 1073, от 24.02.2017 № 1386, от 30.05.2017 № 1440).

**НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР**

**Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна** *н.и.и, дотсенти кафедраи "Баҳисобгирии муҳосибӣ аудит" – и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти олии кишвар роҳи зина ба зина барқарор кардани иқтидори иқтисодии кишварро пеш гирифта барои ноил шудан ба ин ҳадаф тамоми малакаю заҳмат ва кушишҳои худро равона намуда истодааст. Аз таърихи мавҷудияти давлатҳои мутараққии ҷаҳон аён аст, ки устувории давлат ҳамонвақт бардавом нигоҳ дошта мешвад, ки агар аз иқтисодиёти саноатӣ самаранок истифода бурда тавонад. Бо дарки ин мафҳум дар қатори ҳадафҳои нахустини стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шуд. Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар қайд карданд: ".......Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад".

Мавриди зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо корхонаҳои соҳавӣ дар семоҳаи аввали соли равон ҷиҳати тадбиқи амалии ҳадафи чоруми стратегии давлат - яъне гузориши иқтисодиёти мамлакат аз самти аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ–аграрӣ, инчунин иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Дар замони соҳибистиқлоли ҷиҳати татбиқ намудани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, баҳри иҷрои дастуру супоришҳо ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодиёт, пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ вобаста ба таъсири омилҳои беруна, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, таъсиси коргоҳҳои нав, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, фароҳам овардани ҷойҳои нави кории мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва барқарор намудани ҷойҳои кории барҳамдодашуда, ҳамаҷониба таъмин намудани дастгирии давлатии соҳибкорӣ, дар самти истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва афзунгардонии потенсиали содиротии минтақа, рушди соҳаҳои сохтмон ва шаҳрсозӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва боғу токзор, афзоиши саршумори чорво,ривоҷи соҳаи тухмипарварӣ ва зотпарварӣ, беҳтар намудани обрасонӣ, барқарор кардани пойгоҳҳои обкашӣ, азхудкунии заминҳои нав, зиёд намудани боздеҳи замин, рушди ҳунарҳои дастӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамчун самтҳои афзалиятноки фаъолият қарор дода шудааст. Ҷолиби қайд аст, ки ҳамасола ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолии кишвар бо молҳои аввалиндараҷа, рушди бозори истеъмолӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳаи савдо ва хизматрасонӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд. Бо шарофати сиёсати бобарори Ҳукумати кишвар рушди соҳаҳои воқеӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақим ва воридоти технологияҳои нави инноватсионӣ имкон фароҳам овард, ки раванди саноатикунонии мамлакат густариш пайдо карда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва шумораи нави ҷойҳои корӣ мунтазам афзоиш ёбад.

Барои дар амал татбиқ кардани ҳадафи стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ - саноатикунонии кишвар, яъне аз кишвари аграрӣ - саноатӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони корхонаҳои азими тавлидкунандаи маводи хӯрокворӣ, коркарду бастабандии маҳсулоти кишоварзӣ, ресандагию бофандагӣ, алюминӣ, маъданҳои кӯҳӣ ва масолеҳи сохтмонӣ ҷаҳду талош

меварзанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар дохили мамлакат ашёи хом то ҳадди ниҳоӣ коркардашуда, бо тамғаи истеҳсоли Тоҷикистон ба хориҷи кишвар содирот карда мешавад.

Соҳаи саноат дар иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши муҳим дорад, зеро рушди соҳаи саноат дар таъмини иқтидори захиравии иқтисодиёт ва равандҳои такрористеҳсолии он, фароҳамсозии вазъи устувори иҷтимоӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ мебозад. Аз лиҳози муҳимияти соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти миллӣ дар марҳилаи муосир аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи саноатикунонии соҳаҳои иқтисодиёт ба мақоми аввал гузошта мешавад.

Мавқеи саноат дар таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон ва ҳалли масоили муҳимтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла афзун намудани ҷойҳои корӣ ва ба маротиб баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ, таъмини бехатарӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо шароити мусоид фароҳам меоварад.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки бо дар назардоштани аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд, «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025»бо Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 амалӣ гардида истодаанд. Барномаҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад.

Дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ барномаҳои зиёди рушд амалӣ гардида истодаанд, ки ҳадафи асосии онҳо навсозии корхонаҳои пешину бунёди корхонаҳои нав, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси ҷойҳои нави кор, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ буда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз иқтисоди аграрӣ – саноатӣ ба индустриалӣ – аграрӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри ниҳоӣ замина мегузоранд.

Захираю имкониятҳои Тоҷикистон барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифати саноатӣ, афзоиш додани содирот ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ зиёданд. Аз ин лиҳоз, ворид намудан ва истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон, соҳибкорон ва қобилияти идоракунии кадрҳо, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисос омилҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ҷониби Сарвари давлат эълон гардидани мораторийи дусола ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ барои рушди соҳаи саноат ва таъсири бевоситаи он ба бахшҳои дигари иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид мегузорад.

Стратегияи минбаъдаи рушди соҳаи саноат дар ҷумҳурӣ барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли дохилӣ ва қабл аз ҳама, маҳсулоти саноатии воридотивазкунанда, ташкили корхонаҳои хурду миёна ва ба ин васила таъсисиҷойҳои нави корӣ, ворид намудани технологияҳои нави ҷавобгӯи талаботи замонавӣ ва таҷдиди корхонаҳои амалкунанда равона гардидааст. Ин тадбирҳо барои таҳкими минбаъдаи иқтидори содиротии кишвар, тақвият хоҳад бахшид.

«Моро зарур аст, ки ҷиҳати тадриҷан аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба мамлакати индустриаливу аграрӣ табдил додани кишварамон чораҷӯи кунем ва ба ин мақсад барномаҳои дахлдорро роҳандозӣ намоем» - гуфта шудааст.

Ин ғоя дар сиёсати иқтисодии ҳукумати кишварамон доир ба рушди минбаъдаи саноат андешаи нек ва умедбахш мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки он барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина амиқ мегузорад.

Соҳаи саноат дар иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши муҳим дорад, зеро рушди соҳаи саноат дар таъмини иқтидори захиравии иқтисодиёт ва равандҳои такрористеҳсолии он, фароҳамсозии вазъи устувори иҷтимоӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ мебозад. Аз лиҳози муҳимияти соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти миллӣ дар марҳилаи муосир аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи саноатикунонии соҳаҳои иқтисодиёт ба мақоми аввал гузошта мешавад.

Дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ барномаҳои зиёди рушд амалӣ гардида истодаанд, ки ҳадафи асосии онҳо навсозии корхонаҳои пешину бунёди корхонаҳои нав, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси ҷойҳои нави кор, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ буда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз иқтисоди аграрӣ – саноатӣ ба индустриалӣ – аграрӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри ниҳоӣ замина мегузоранд.

Захираю имкониятҳои Тоҷикистон барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифати саноатӣ, афзоиш додани содирот ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ зиёданд. Аз ин лиҳоз, ворид намудан ва истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон, соҳибкорон ва қобилияти идоракунии кадрҳо, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисос омилҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ҷониби Сарвари давлат эълон гардидани мораторияи дусола ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ барои рушди соҳаи саноат ва таъсири бевоситаи он ба бахшҳои дигари иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид мегузорад.

Ин ғоя дар сиёсати иқтисодии ҳукумати кишварамон доир ба рушди минбаъдаи саноат андешаи нек ва умедбахш мебошад.

Саноати имрӯзаи Тоҷикистон дорои заминаи маҷмӯии инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Онро зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва бештар аз 140 навъи маҳсулот муаррифӣ мекунанд, ки ба соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт, саноати сабук ва кимиё, мошинсозӣ, коркарди металл, масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ тааллуқ доранд.

Имрузҳо мо дар давраи татбиқи натиҷаҳои технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногун қарор дорем, ки зинаи 3-юми мукаммалгардонии низоми истеҳсолот ва равандҳои технологӣ ба шумор меравад. Зеро ду зинаи аввал ин механикунонӣ ва автоматикунонии равандҳову амалиётҳои ҷараёнҳои истеҳсолӣ буда, алакай дар

замони мо қариб, ки мавқеи худро аз даст дода истодаанд. Натиҷаи равшани дастовардҳои инноватсионӣ асосан дар ҷараёнҳои истеҳсолоти саноатӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумлаи татбиқи муассири технологияҳои инноватсионӣ дар равандҳои истеҳсолоти маҳсулот қобили таваҷҷуҳанд.

Дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳои якуму дуюми старатегии миллӣ- раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ имконоти зиёд барои рушди иқтисодиёти саноатӣ ба миён омад. Барои самаранок истифода бурдани имкониятҳои фароҳам гардида, зарураст, ки минбаъд низ рушди саноати миллиро тавсеа бахшем.

## РУЙХАТИ АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021, // [Манбаи электронӣ] // www. prezident.tj

2.Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар форуми соҳибкорону сармоягузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария аз // [Манбаи электронӣ].URL www. prezident.tj

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» реҷаи дастрасӣ:

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаьолияти бонкӣ» аз 19 майи 2009 сол №524.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи литсензиякунонии намудҳои алоҳидаи фаьолият» аз 19.03.2013с. №950 Реҷаи дастрасӣ: http://ncz.tj/

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қайди давлатии шаҳсони ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои алоҳида» аз 18 майи 2009 сол №643.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2018 сол » моддаи 13 – Реҷаи дастрасӣ: http://minfin.tj/

8. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳияи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз 2.01.2020с., №1676;).

9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030.

10. Пешгуии сиёсати пулӣ – қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 дар давраи миёнамӯҳлат.

11. Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020 Душанбе.

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ҲОЛАТИ МУОСИРИ ДУРНАМОИ НИЗОМҲОИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Хидиралиев Р.З. н.и.и., дотсент, Шамсиддинзод И.Б., Саркорова С.Д., Мингбов Э.**

Ҳолати муосири дурнамои низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки оғози ташаккулёбии низоми миллии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ибтидои соли 1992, аниқтараш пас аз ба даст овардани Истиқлолият ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ рост меояд, ки он то имрӯз марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодааст.

Барои ташаккул додани низоми андози мамлакат дар асоси Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ратификатсияи Созишнома оид ба созмон додани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», ки ҳанӯз 25-уми декабри соли 1991, таҳти №462 ба тасвиб расида буд, вобаста ба таъсири ҳам қонуниятҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳои миллию таърихӣ то таҳия, қабул ва тасдиқ шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла доир ба андоз ва андозбандӣ мавриди амал қарор дода шуда буданд [1].

Ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04-уми январи соли 1992, таҳти №ФП-16 «Дар бораи таъсиси Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми феврали соли 1992, таҳти №ФП-46 «Дар бораи тағйир дода шудани Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Саридораи давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин қабул

гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14-уми марти соли 1992, тахти №590 ба бунёди низоми миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузоштанд .

Дар баробари ин, ба вазъияти мураккаби ҷамъиятию сиёсӣ нигоҳ накарда, таи солҳои аввали соҳибистиқлолӣ якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шуданд, ки маҳз дар заминаи онҳо низоми андоз мустақил шуда, аз низоми молия ҷудо гардид.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои системаи андоз»-ро, ки ҳанӯз соли 1994 қабул гардида буд, метавон нахустин Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон номид. Зеро дар он ҳамчун заминагузори бунёди андоз ва андозбандӣ шартҳои умумии бунёди низоми андоз, сохтор ва таркиби он, тарзу усулҳои рӯёнидани андоз, пардохт ва боҷҳо, инчунин ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти андозсупорандагон ва мақомоти андоз муайян гардида буд [5, с. 123].

Ҳамин тавр, таърихи ташаккулёбӣ ва рушди низоми миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба 3 давра ҷудо намудан мумкин аст:

Давраи I аз соли 1991 то охири соли 1998-умро дар бар гирифта, «давраи бунёди асосҳои низоми миллии андоз» мебошад.

Давраи II аз соли 1999 то охири соли 2004-умро дар бар гирифта, «давраи қабул ва дар амал тадбиқ намудани Кодекси андоз» мебошад.

Давраи III аз соли 2005-ум оғоз гардида, то ҳол идома дорад. Дар давраи мазкур, ки «давраи муосир» мебошад, ҳал намудани вазифаҳо оид ба такмилдиҳии низоми мавҷудаи миллии андоз бо назардошти манфиатҳои таъмини суръати баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз, аз ҷумла хизматрасониҳои электронӣ ва ба меъёрҳои байналмиллалӣ мутобиқ намудани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (меъёрҳои ҳадди ақали андозҳо) дар назар дошта шудааст. Агар давраи муосирро ба таври васеъ таҳлил намоем, пас чунин метавон гуфт, ки дар он мақсадҳои стратегӣ ва афзалиятҳои сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳо ва усулҳои ноилгардӣ ба ин мақсадҳои стратегӣ ва афзалиятҳо, ҳамчунин самтҳои асосии ислоҳоти низоми андоз ва маъмурикунонии андоз пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари ҳамаи ин дастовардҳо ҳамчунин баъзе камбудию норасогиҳо, аз қабили мушкилоти истеҳсолкунандагони ватании молҳо, зарурати барқарорсозӣ ва азнавтаҷҳизонии корхонаҳои истеҳсолӣ, баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти дар дохили мамлакат истеҳсолшаванда, бунёди заминаи мусоид ҷиҳати рушди соҳибкорӣ, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкилотҳои байналмиллалии тиҷоратӣ ва монанди инҳо мавҷуданд, ки дигаргунсозии қонунгузории андоз ва низоми андозро ба таври ҳатмӣ талаб менамояд. Зеро таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва самаранок кор кардани низоми андоз имконпазир аст.

Умуман ислоҳоти андозие, ки пас аз мустақил гардидан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шуд, метавон қадамҳои устувор ҷиҳати ташкили низоми андози рақобатпазир ҳисоб намуд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26-уми ноябри соли 2005, тахти №114 дар Ҷумҳурии тоҷикистон бори аввал низомҳои махсуси андозбандӣ ҷорӣ карда шуда буд, ки он дар бар мегирифт [6, с. 65]:

1) андозбандии сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ;

2) андозбандии корхонаҳои азнавтаъсисёфта, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) банданд;

3) андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми интихоб кардани низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукӣ ворид карда мешаванд;

4) андозбандӣ аз рӯи созишномаҳо (қарордодҳо) оид ба тақсими маҳсулот.

Баъдан, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26-уми марти соли 2009, таҳти №493 роялти барои об низ ҷорӣ гардид, ки он низ дар сохтори низомҳои маххсуси андоз дохил мешуд.

Яке аз роҳҳо ва усулҳое, ки ҷиҳати тадбиқи амалии сиёсати андозӣ бо мақсади ноил гардидан ба мақсадҳои стратегӣ ва афзалиятҳо истифода гардид, ин дар соли 2012 дар таҳрири нав таҳия ва мавриди амал қарор додани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Пас аз 17-уми сентябри соли 2012, таҳти №901 маротибаи сеюм таҳия ва қабул гардидани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низомҳои махсуси андозбандӣ ҳамчун низомҳои зерини имтиёзноки андозбандӣ муқаррар карда шуданд [6]:

1) андозбандии сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ;

2) андозбандии корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) машғул мебошанд;

3) андозбандӣ аз рӯи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот;

4) андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

Низоми имтиёзноки андозбандӣ аввалан ҳамчун «тартиби махсуси андозбандӣ, ки бо мақсади тадбиқи сиёсати давлатӣ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон додани афзалиятҳои иловагиро пешбинӣ менамояд» шарҳ дода шуда буд .

Бояд гуфт, ки бо мақсади даст кашидан аз воридот ва бунёд намудани шароити мусоид ҷиҳати содир намудани маҳсулоти тайёри пахтагӣ нисбат ба нахи пахта андоз аз фурӯш бекор карда шуда, барои он боҷи махсуси содиротӣ ҷорӣ гардид. Ҳамчунин баробари корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) машғул мебошанд, дохил карда шуданд.

Бояд гуфт, ки ҳадафи олии рушди дарозмӯҳлати Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Барои ноил гардидан ба ин ҳадафи олӣ ҳадафҳои зерин барои солҳои 2015-2030 муайян гардидаанд:

1. Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ;
2. Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ;
3. Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;
4. Вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Маҳз дар заминаи ҳадафи сеюми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ (гӯшт ва тухм) барои корхонаҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво низоми имтиёзноки андозбандӣ ҷорӣ гардид. Илова бар ин, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди бозори молиявӣ (қоғазҳои қиматнок) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок низомҳои имтиёзноки андозбандӣ ҷорӣ карда шуд.

Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми низомҳои имтиёзноки андозбандӣ «тартиби махсуси андозбандӣ, ки барои ҷалби сармоя ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт додани имтиёзҳои иловагиро пешбинӣ менамояд» фаҳмида мешавад [1, с. 23].

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми махсуси андозбандӣ иборат аст аз низомҳои махсус ва содакардашударо дар бар мегиранд ва низомҳои имтиёзноки андозбандӣ бекор карда шуда ба ҷойи онҳо ҷори карда шуд:

Ба низоми махсуси андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- низоми андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок;
- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд.

Ба низоми содакардашудаи андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;
- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки паранда ва чорво;
- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ.

Чӣ хеле, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додан, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегӣ интихоб гардида, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ амалӣ гардонида шуда истодааст. Вобаста ба аҳамияти аввалиндараҷа ва муҳим доштани соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардид [1].

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26-уми декабри соли 2023.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон  Душанбе 2022.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2016, таҳти №636 тасдиқ шудааст.
4. Консепсияи сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамӯҳлат, 2011.
5. Улугходжаева Х. Р. Налоги и налогообложение. «Ирфон» Душанбе 2010г.
6. Улуғхоҷаева Х.Р. Андоз ва андозбандӣ. «Ирфон» Душанбе 2005с.
7. Шомуродов Ф. Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. «ЭР- граф» Душанбе 2009с.
8. Шомуродов Ф. Одинаев Ф. Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. «ЭР-граф» Душанбе 2012
9. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон: www. andoz. тј.


## АҚИДАҲОИ ОЛИМОН ОИД БА САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ

**Хидиралиев Р.З. дотсенти кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии ДБССТ**

Дар шароити имрӯза сармоягузории мустақими хориҷӣ яке аз қисмҳои асосии сармоягузориҳо ба ҳисоб рафта барои ҷалби онҳо аз ҷониби давлатҳо бисёр имтиёзҳо дода шудааст. Сармоягузории мустақими хориҷӣ ин сармоягузориҳое мебошад, ки ба сармоягузор имконият медиҳад, назорат ба объектҳои сармоягузориро таъмин менамояд. Аз ин хотир сармоягузорони хориҷи бештари сармоягузориҳоро ба лоиҳаҳои аҳмияти стратегидошта сармоягузории мустақими хориҷӣ менамоянд. Дар бисёри адабиётҳои иқтисодӣ доир ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар байни олимон назарияҳои гуногуни вуҷуд доранд.

Имрӯзҳо сармоягузории мустақими хориҷӣ барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт фоидаовар мебошад. Аз ин хотир сармоягузорони ҳориҷӣ бештар ба объектҳои фоидаовар сармоягузори намуда бо мақсади фоидаи зиёд ба даст овардан равона

карда мешаванд. Бештари сармоягузорон кушиш менамоянд, ки ба соҳаҳои кам фоидаовар сармоягузори наменамоянд. Дар ин асос корхонаҳо ҳаракат менамоянд, ки рушди фаъолияти худро васеъ намуда сармоягузорони мустақими хориҷиро ба корхонаҳои худ ҷалб намоянд. Барои ҷалб намудани сармоягузории мустақими хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои гумрукӣ, андозӣ ва кам кардани ҳуҷҷатҳо дар раванди бақайдгирии барои сармоягузорони хориҷӣ пешниҳод намудааст, то ки онҳо дар корхонаҳои саноатии мамлакати мо бештар сармоягузории мустақимро зиёд намоянд.

Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бояд дар соҳаҳои нисбатан кам фоидаовари истеҳсолоти мамлакатҳои содиркунандаи сармоя (ва ё фаъолияти онҳо) тавлид ёфта, ба соҳаҳои нисбатан фоидаовари мамлакати сармоягиранда ворид гардад. Агар дар асл чунин бошад, пас аз рӯйи тадиқоти Кожима бармеояд, ки СМХ ва савдои байналмилалӣ хусусияти якдигарро пурракунӣ дошта, ба дигаргунсозии динамикии тақсимоти меҳнат ва рушди ба он алоқаманди ҳамаи мамлакатҳо ширкаткунандагони ин раванд оварда мерасонад.

Бо вуҷуди он ки муҳаққиқони зиёде кӯшидаанд феномени СМХ-ро шарҳ диҳанд, мо наметавонем бо қатъият изҳор кунем, ки назарияи умумӣ коркард гардидааст. Баъзе аз ин назарияҳои асосӣ назарияи сикли ҳаётии мол ва ҷойгиркунии истеҳсолоти Вернон, назарияи курси асъорӣ дар бозори такмилнаёфтаи сармоя, назарияи неоклассикӣ, назарияи интернализатсия, парадигмаи эклектикии истеҳсолоти байналмилалӣ, назарияи кейнсиании иқтисодиёт, самараи ҳудудии сармоя ва ғайраро фаро мегиранд [1,с.12].

Асосгузорони назарияи неоклассикӣ исбот намуданд, ки сармоягузор ва худи сармоя бояд ҳамавақт ба соҳибаш фоида орад ва онҳо бовар мекунанд, ки сармоягузори намоянд дар оянда ба онҳо фоидаи зиёд меорад.

Назарияи неоклассикӣ. Иқтисоддонҳои неоклассикӣ исбот менамоянд, ки сармоя ҳама вақт кӯшиш мекунад, ки фоида ба даст орад ва онҳо бовар мекунонанд, агар даромаднокӣ аз сармоягузорӣ дар мамлакатҳои мухталиф гуногун бошад, пас ба даст овардани фоидаи арбитражӣ имконпазир аст, аз ин рӯ, соҳибони сармоя кӯшиш мекунанд сармояи худро ба он мамлакате гузоранд, ки дар он ҷо фоида бештар аст. Мувофиқи гуфтаҳои Кокрофту ва Ридделлу (1991), воридоти ояндаи сармоягузорӣ бевосита ба бастаи омилҳо, ки онҳо ба сатҳи чашмдошти даромаднокии сармоя, бехатарии он, ҳудуд ва суръати берун овардани сармоя, реҷаи андоз ва сиёсати умумии микроиқтисодии амалишаванда таъсир мерасонанд, алоқамандӣ дорад. Аз ин назария бармеояд, ки барои сармоягузор омили асосӣ ҳавасмандӣ ба шумор рафта, ба СМХ-и ба мамлакатҳои рушдкунанда таъсир мерасонад, ин чашмдошти даромаднокии нисбатан баланд ва ё фоидаи зиёд мебошад; маҳз аз ҳамин сабаб мамлакатҳои рушдёфта воситаҳои пулии худро ба мамлакатҳои нисбатан қашшоқтар интиқол медиҳанд, ки дар он ҷо дараҷаи баланди хавф мавҷуд буда, меъёрҳои нисбатан баланди даромаднокӣ тақозо карда мешавад [3,с.29].

Назарияи сикли ҳаётии мол ва ҷойгиркунии истеҳсолоти Вернон. Р. Верненон назарияи сикли ҳаётии молро барои он пешниҳод намуд, то моҳияти сармоягузори мустақими хориҷиро дар мисоли ширкатҳои амрикоӣ маҳз дар сектори истеҳсолии Аврупои Ғарбӣ пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фаҳмонида диҳад. Ӯ дар назарияи хеш чор зинаи истеҳсолотро ҷудо намуда, онҳоро сикли муназзам ҳисобид: инноватсия, рушд, камолот ва пастравӣ. Мувофиқи ин назария ширкатҳои трансмилии ИМА миқдори изофаи маҳсулоти инноватсиониро истеҳсол менамоянд ва миқдори изофаи онро, ки аз ҷиҳати технологӣ афзалият дорад, ба бозори беруна содирот

Давраи андозбандӣ барои андози иҷтимоӣ моҳи тақвимӣ мебошад. Маблағи андози иҷтимоии дар давраи андозбандӣ ба буҷети давлатӣ пардохтшаванда бо зарб кардани манбаи андозбандӣ ба меъёри андоз муайян карда мешавад. Меъёри андози иҷтимоӣ барои кормандони муассисаҳои буҷетӣ ба андозаи 1%, барои кормандони ташкилотҳои дигар ба андозаи 2%-и манбаи андозбандӣ (музди меҳнат ва дигар маблағҳои ба он баробаркардашуда, дигар манфиатҳо) муқаррар карда шудааст.

Ҳама гуна пардохтҳо, подошпулиҳо ва дигар манфиатҳо, ки андозсупоранда ба шахсони воқеие, ки дар назди он дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор намекунанд ва ба шахсоне, ки дар доираи шартномаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ корҳо ё хизматрасониҳо ба ҷо намеоранд, пардохт мекунад, бо андози иҷтимоӣ (2%) андозбандӣ карда мешаванд. Масалан, корфармо ба клиникаи тиббӣ арзиши табобати шаҳрвандро, ки барои он корманди кироя нест, ба андозаи 10000 сомонӣ пардохт кард. Корфармо бо шаҳрванди мазкур ягон хел шартномаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ барои хизматрасонӣ ё иҷрои корҳо надорад. Бинобар ин, пардохт ба андозаи 10000 сомонӣ объекти андозбандии андози

иҷтимоӣ барои шаҳрванд бо меъёри меъёри 2% мебошад.

Музди меҳнат, подошпулӣ ё дигар манфиатҳое, ки андозсупоранда дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ва шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ, ки мазмунашон иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо мебошад, ба нафъи шахсони воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда пардохт мекунад, аз ҷумла пардохтҳо ва подошпулиҳо дар асоси шартномаҳои муаллифӣ, бо андози иҷтимоӣ андозбандӣ карда мешаванд. Масалан, корфармо бо шахси воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда шартномаи хизматрасонӣ оид ба тарҷумаи ҳуҷҷатҳо аз забони чинӣ ба забони тоҷикӣ баст. Дар асоси санади қабулу супоридани хизматрасониҳо арзиши хизматрасониҳо 1200 сомониро ташкил дод. Бинобар ин, пардохти маблағи 1200 сомонӣ ба шаҳрванд бо меъёри 2% объекти андозбандии андози иҷтимоӣ мебошад ва корфармо маблағи андози иҷтимоиро аз 1200 сомонӣ нигоҳ медорад ва ба буҷет пардохт мекунад.

Маблағҳое, ки дар доираи шартномаҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқии мазмунашон гузариши ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқҳои ашёвӣ ба амвол (ҳуқуқҳои амволӣ) буда ва шартномаҳои бо ба истифода супоридани амвол (ҳуқуқҳои амволӣ) алоқаманд пардохт карда мешаванд, объекти андозбандии андози иҷтимоӣ нестанд.

Баъди нигоҳ доштани андози иҷтимоӣ корфармо аз музди меҳнати корманд андоз аз даромади шахсони воқеиро нигоҳ медорад. Нигоҳдории андоз аз даромад нисбат ба шахсони воқеӣ-резидентҳо ва ҳам шахсони воқеӣ-ғайрирезидентҳо амалӣ карда мешавад.

Объекти андозбандии андоз аз даромади андозсупоранда-резидент даромадҳое мебошанд, ки аз ҳамаи манбаъҳои даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд. Объекти андозбандии андоз аз даромади андозсупоранда-ғайрирезидент танҳо даромадҳое дониста мешаванд, ки аз манбаъҳои даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд.

Манбаи андоз аз даромади шахси воқеӣ дар давраи ҳисоботӣ фарқи байни даромади умумӣ ва хароҷоти тарҳшаванда мебошад. Даромади умумии шахси воқеӣ бе назардошти тарҳҳо муайян карда мешавад. Аз даромади умумии дар шакли музди меҳнат гирифтаи шахси воқеӣ-резидент дар ҷойи кори асосӣ барои ҳар моҳи тақвимӣ дар ҳаҷми ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ амалӣ карда мешавад. Дар ҳолате, ки агар шахси воқеӣ камтар аз шонздаҳ рӯзи тақвимӣ дар давоми моҳ корманди кироя бошад, пас ҳангоми муайян намудани даромади андозбандишавандаи корманд тарҳи шахсӣ анҷом дода намешавад.

Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-резидент аз ҷойи кори асосӣ зиёда аз тарҳи шахсӣ бо меъёри 12% андозбандӣ карда мешавад. Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-ғайрирезидент аз кори кироя, ки аз манбаъҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудааст, бо меъёри 20% андозбандӣ карда мешавад. Дигар даромадҳои шахсони воқеӣ, ки ба ҷои кори асосӣ тааллуқ надоранд, бе амалӣ кардани тарҳи шахсӣ бо меъёри 15% андозбандӣ карда мешаванд. Ҳангоми ҳисоб кардани даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-резидент аз даромади ӯ маблағи андози иҷтимоӣ барои суғурташудагон, ки нигоҳ дошта шудааст (1% ё 2%), тарҳ карда мешавад.

Давраи андоз аз даромад барои даромадҳои дар шакли музди меҳнати аз ҷониби шахсони воқеӣ гирифташуда, ки андоз аз онҳо дар манбаи пардохт ситонида мешавад, моҳи тақвимӣ мебошад. Давраи андоз аз даромад барои даромадҳои шахсони воқеие, ки андоз аз онҳо дар манбаи пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида намешавад, соли тақвимӣ мебошад.

Пас аз нигоҳ доштани андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ дигар нигоҳдориҳо аз музди меҳнати кормандон дар асоси ҳуҷҷатҳои иҷрои судӣ, аризаҳои пардохткунандагони алиментҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо ба ҷо оварда мешаванд.

Алиментҳо барои кӯдакони ноболиғ аз волидони онҳо бо тартиби судӣ ҳармоҳа бо чунин андозаҳо ситонида мешаванд: барои як кӯдак – аз чор як ҳисса, барои ду кӯдак – аз се як ҳисса, барои се ва зиёда кӯдак – нисфи музди меҳнат ё дигар даромадҳои волидон.

Ситонидани алиментҳо аз ҳама намудҳои даромад ва подошҳои иловагӣ ҳам аз ҷойи кори асосӣ ва ҳам аз кори ҳамкорӣ, аз дивидендҳо, ёрдампулиҳои суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, маблағҳои вобаста ба гум кардани қобилияти корӣ дар оқибати маъюбӣ ва дигар зарари саломатӣ ба ҷо оварда мешавад. Алиментҳо аз маблағҳои ёрдами моддӣ, мукофотҳои якмаротибагӣ, ҷубронпулиҳо барои кор дар шароити зарарнок ва ғайриоддӣ ва дигар пардохтҳои хосияти доимӣ надошта ситонида намешаванд.

Корхона дар асоси созишнома оид ба пардохти алиментҳо, ки аз ҷониби нотариус тасдиқ шудааст, ё дар асоси варақаи иҷро, ҳармоҳа бояд алиментҳоро аз музди меҳнат ё дигар даромади корманди барои алиментсупорӣ уҳдадорбуда нигоҳ дошта, дар муҳлати на дер аз се рӯз аз рӯзи пардохти музди меҳнат ё дигар даромад ба гирандаи алиментҳо пардохт кунад ё онҳоро аз ҳисоби шахси алиментсупоранда ба шахси алиментгиранда интиқол кунад.

Маблағҳои ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба ба андозаи 1% аз музди меҳнат пас аз тарҳ кардани андозҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Аз музди меҳнати кормандон нигоҳ доштани маблағҳои қарз ба корфармо бо амри корфармо дар чунин ҳолатҳо ба ҷо оварда мешавад:

- баргардонидани пешпардохти коркарданашуда, ки ба ҳисоби музди меҳнат ба корманд дода шудааст;
- баргардонидани маблағи барзиёди дар натиҷаи ҳисоби нодуруст додашуда;
- ҷуброни пешпардохти истифоданашуда ва сари вақт баргардониданашудае, ки барои сафари хизматӣ ё гузаронидан ба кори дигар, ҷойи дигар ва эҳтиёҷоти хоҷагидорӣ дода шудааст, агар корманд аз асос ва андозаи нигоҳ доштани маблағ норозигӣ баён накунад. Дар чунин ҳолатҳо корфармо ҳуқуқ дорад, дар бораи нигоҳ доштани маблағ дар муддати на кам аз як моҳи рӯзи охирини муҳлати муайяншудаи баргардонидани пешпардохт, ҷуброни қарз ё аз рӯзи нодуруст гузаронидани маблағ супориш диҳад;
- ҳангоми аз кор озод намудани корманд то охири соли корие, ки дар он корманд аллакай рухсатии меҳнатӣ гирифтааст, барои рӯзҳои корнакардаи рухсатӣ;
- ҳангоми ҷуброн кардани зарари бо айби корманд ба корфармо расонидашуда, ба андозаи аз музди меҳнати миёнамоҳонаи вай зиёд набуда.

Музди меҳнате, ки корфармо ба корманд барзиёд пардохт кардааст, аз ҷумла дар мавриди нодуруст ба кор бурдани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз корманд ситонида намешавад, ба истиснои ҳолатҳои содир шудани хато дар ҳисобкунӣ.

Корфармо уҳдадор аст, ки нигоҳдориҳо аз музди меҳнати кормандро бо аризаи хаттии вай барои иҷрои ҳисобикуниҳои ғайринақдӣ анҷом диҳад. Ҳангоми ҳар як маротибаи пардохт кардани музди меҳнат андозаи умумии ҳама нигоҳдориҳо аз 20 фоиз ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 50 фоизи музди меҳнати ба корманд пардохтшаванда зиёд буда наметавонад. Ҳангоми дар асоси якчанд ҳуҷҷатҳои иҷрои судӣ нигоҳ доштани музди меҳнат бояд на кам аз 50 фоизи музди меҳнат барои корманд нигоҳ дошта шавад. Маҳдудиятҳои мазкур барои нигоҳдориҳо аз музди меҳнат ҳангоми дар корҳои ислоҳӣ будан ва ҳангоми ситонидани алиментҳо, ҷуброни зарари ба саломатӣ расонидашуда, ҷуброни зарар ба шахсони вобаста ба марги саробон зарардида, ҷуброни зарари бо ҷиноят расонидашуда ба кор бурда намешаванд. Дар ин гуна мавридҳо андозаи нигоҳдориҳо аз музди меҳнат то 70 фоизро ташкил дода метавонад.

Нигоҳдорӣ аз ёрдампулии ҳангоми аз кор озод шудан, пардохтҳои ҷубронкунанда ва дигар пардохтҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз онҳо ситонидан манъ карда шудааст, иҷозат дода намешавад.

**Адабиёт**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://andoz.tj/Legislation/TaxCode

2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://mmk.tj/content/ кодекси-меҳнати-ҷумҳурии-тоҷикистон

3. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 440 с.


## ҶАМБАҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИННОВАТСИОНИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Исломова З.С. н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозӣ ДБССТ**


Дар шароити муосир масъалаи таъмини рушди устувори корхонаҳои саноати аҳамияти хосро касб менамояд, зеро аз сатҳи рушди он дигар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат вобастагии калон дорад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навсозии иқтисодӣ ниёз дошт. Дар робита ба ин аз ҷониби ҳукумат як қатор қонунҳо оид ба барқарор намудани иқтидори мавҷуда қабул карда шуданд. Ноустувории иқтисодӣ, фишори доимии нархҳо, тағирёбии хароҷот омилҳои истеҳсолот, рақобати шадид ва навоварии давомдор маҷбур мекунанд, ки корхонаҳои саноатӣ барои аз нав дида баромадани моделҳои бизнес ва нақшаҳои рушди дарозмуддатро ба таври мунтазам ба роҳ монданд. Пайдоиши технологияҳои нав, баланд бардоштани суръати навоварӣ аз ҷониби рақибон ба барпо намудани муҳити нави инқилоби тиҷоратӣ, талаб мекунад, ки навовариҳо дар стратегияи кунунии менеҷмент барои муваффақ шудан дар муҳити ҳозира мусоидат намояд[5,С.23]. Ширкатҳо дар ҳама соҳаҳои истеҳсолот ҳамеша барои рушди дарозмуддат кӯшиш мекунанд. Бояд қайд кард, ки фаъолияти инноватсионӣ дар самтҳои гуногун шаклҳо, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт аз тарафи шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Иқтисодиёти ҳар як давлат аз соҳаҳаои зиёд иборат аст: саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, сохтмон, алоқа, савдо ва ғайраҳо. Аммо асоси иқтисодиёти давлатро соҳаи саноат ташкил медиҳад. Ба соҳаи саноат он соҳаҳое дохил мешаванд, ки дорои омилҳои дохилии мухталиф, технологияҳои истеҳсолот, нишондиҳандаҳои техникӣ, ташкили меҳнат, раванди меҳнат ва ғайраҳо мебошанд, ки мувофиқан барои ҳар яки онҳо низоми муайяни ташкилӣ лозим мебошад. Дар шароити муосир дар раванди истеҳсолот захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва хусусан молиявӣ омилҳои калидӣ маҳсуб меёбанд [3, С. 14].

Дар тамоми марҳилаҳои рушди иқтисодиёт воҳиди сохтории саноат корхонаҳо баҳисоб мераванд. Маҳз дар корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ маҳсулоти ба ҷомеа зарур ба роҳ монда мешавад, алоқаи бевоситаи коргар бо воситаҳои истеҳсолот ба вуҷуд меояд, дар корхона кадрҳои баландихтисос ҷалб ва масъалаҳои сарфакорона истифода кардани захираҳо ҳал мешавад. Аз ин лиҳоз дар кишвар саноатикунонии иқтисодиёт ҳадафи муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнатро ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ қайд намудаанд: “Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад. Ҳукумати Тоҷикистон ба сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун воситаи асосии саноатикунонии босуръат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории саноатӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумат ба ҳисоб меравад. Ба ин мақсад Ҳукумати кишвар қонунҳо, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд, ки онҳо ба рушди соҳибкории саноатӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатӣ соҳибкорӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи ба санҷишҳо фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ», Барномаи «Рушди соҳибкории хурду миёна» ва Барномаи босуръати индустрикунонӣ барои солҳои 2020-2025. Дар ин бобат ба ҳалли масъалаҳои тараққиёти сохибкории саноатӣ аз тарафи давлат диққату эътибори калон дода мешавад.

Оид ба хусусиятҳои соҳибкории саноатӣ, ки дар он нақш ва аҳамияти хоҷагии халқ ошкор карда мешавад қайд намуда, вазифаҳои махсуси онро ҷудо кардан мумкин аст[2, С. 160]:

- Вазифаи стратегӣ аз он иборат аст, ки соҳибкории саноатӣ асоси тараққиёти иқтисодиёти мамлакат, афзоиши таваррум, таъмини истиқлолияти иқтисодии он, қобилияти харидории пули миллиро пешгирӣ мекунад, таъмин менамояд;
- Вазифаи иҷтимоӣ аз он иборат аст, ки соҳибкории саноатӣ манфиати шумораи максималии иштирокчиёнро таъмин менамояд;
- Функсияи такрористеҳсолӣ аз он иборат аст, ки рушди истеҳсолот қобилияти дар якчанд шакл пайдо шудани як маҳсулоротро медиҳад, яъне такроран такрористеҳсол кардан (ашёи хом — мол — партовҳои истеҳсолоти асосӣ — моли нав), ки он афзоиши самараи иқтисодии ташкили истеҳсолотро таъмин мекунад.
- Вазифаи ҳавасмандкунанда он аст, ки ширкат ҳамчун манбаи даромад ба назар гирифта намешавад ва тамоми кобилиятхои нихонӣ соҳибкор ошкор мешаванд, саҳми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ муайян мегардад.

Тадқиқотҳои сершумор дар соҳаи саноат нишон медиҳанд, ки истеҳсолкунандагон барои ноил шудан ба афзоиши даромади умумӣ ва соф кушиш мекунанд бо истифода аз моделҳои ҷорӣ худ фоида ба даст оранд. Дар айни замон, истеҳсолкунандагон ба ҳадди аксар ба беҳтар намудани натиҷаҳои асосӣ диққати асосӣ медиҳанд. Амалия нишон медиҳад, ки дар давраи ҳозира афзалиятҳо барои кам кардани хароҷот дар байни муҳимтарини стратеги ҷои дуюмро ишғол мекунад. Бо ибораи дигар, устувории умумии корхона зарурати чунин навъи ҳаракати анбуҳҳои пулиро тақозо менамояд, ки бахри ба таври доимӣ таъмин намудани барзиёдии ҳаҷми воситаҳои воридшаванда аз ҳаҷми воситаҳои харҷшуда лозим мебошад. Бинобар ин, самти муҳимми ноилгардӣ ба устувории корхонаҳои саноатӣ таъмини устувории молиявӣ ба ҳисоб рафта, чунин ҳолати захираҳои молиявиро ифода менамояд, ки дар мавриди он корхона дар заминаи истифодаи самарабахши онҳо ҷараёни бефосилаи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотро қодир мебошад. Ҳолати устувории молиявии корхона бахри иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ ва таъмини истеҳсолот бо захираҳои зарурӣ ба таври мусбӣ таъсир мерасонад ва, бинобар ин, фаъолияти молиявӣ имкон фароҳам

месозад, ки воридшавӣ ва харҷи воситаҳои пулӣ ба таври нақшавӣ таъмин карда шавад.

Соҳибкории саноатӣ яке аз роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои мавҷудаи иқтисодӣ, қонеъ гардонидани талаботи бозор ва неъматҳои моддӣ, ҳалли масъалаҳои бекорӣ, камбизоатӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоб меравад. Вале дар шароити муосири Тоҷикистон сектори соҳибкорӣ ҳоло дар ҳалли масъалаҳои зикргардида нақши ҳалкунанда ва мавқеи устуворро надорад ва олимону тадқиқотчиёни ватаниро барои таҳқиқот ба худ ҷалб карда истодааст. Масалан, мавҷуд будани номутаносибии сохторӣ дар иқтисодиёт, инчунин номукамаллии бозори муосири дохилӣ, мавҷуд набудани майдони иттилоотии ягона, миқдоран кам ва сифатан номукаммалии фаъолияти инфрасохтори бозор, монеаҳои маъмурӣ дар марҳилаи муосири ободкориву созандагӣ омилҳои ногузир пайдо намуда истодааст. Бидуни ин гуфтаҳо ҳоло дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ бештар дар соҳаҳои хизматрасонӣ ва савдо рушд намуда истодааст, зеро бо сабаби рақобатпазир набудани молҳои ватанӣ дар он боздеҳии маблағгузорӣ хеле баланд буда, мӯҳлати гирдгардиши сармояҳо низ кӯтоҳ аст. Ҳамзамон дар соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби таҷдиди як корхонаи калони хоҷагиҳои кишоварзӣ ва даҳҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шумораи соҳибкорони дар ин соҳа фаъолияткунанда зиёд гашт. Мутаассифона дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ дар соҳаи саноат ба таври зарурӣ тараққи накардаистодааст, ки ин яке аз норасоии ҷиддии рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Ҳамзамон барои рушди соҳибкории саноатӣ дар иқтисодиёти миллӣ баъзе норасоиҳо мавҷуданд, ба мисоли: сатҳи нисбатан баланди хавф ва вобаста ба ин дараҷаи баланди ноустуворӣ дар бозор; вобаста будан аз ширкатҳои калон; норасоиҳо дар идоракунии фаъолият; салоҳиятнокии пасти хоҷагидорӣ; мушкилот дар ҷалби воситаҳои иловагии молиявӣ ва гирифтани қарз; нобоварӣ ва эҳтиёткории ҳамкорони хоҷагидор ҳангоми бастани шартномаҳо (аҳдномаҳо) ва ғ. мебошанд.

Хулоса бояд қайд намуд, ки низоми таъмини устувории фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар заминаи ҳамгироии муназзами соҳаи инноватсионӣ илман асоснокшуда ва раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмин мегардад. Муттаҳидсозии унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, инноватсионӣ ва экологӣ дар раванди ташаккул ва рушди соҳибкории саноатӣ омилҳо ва самтҳои таъмини рушди устувори субъекти хоҷагидориро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири рушди уствори иқтисодиёт ва ҷомеа, дар маҷмӯъ, муайян менамояд. Бинобар ин, ба назар гирифтани ин омилҳо барои таъмини рушди устувори корхонаҳо замина муҳайё намуда, дар ҳалли масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат зарур мебошанд.

**Адабиёт**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12. 2018. // [Захираи электронӣ]-Тарзи дастрасӣ: http://president.tj/node/19088(Санаи воридшавӣ: 17.08.2021с).
2. Абдуллоева Л.И., Фаррухи Р., Зияева М.Д. Развитие производственного предпринимательства в условыях ускоренной индустриализиации Республики Таджикистан// Пайёми ДМТ 2020 № 10-1 с. 160.
3. Қодирзода Д.Б., Наимзода Н.Қ. Самтҳои афзалиятноки таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир// Пайёми ДМТ 2020 № 10 с. 14.
4. Саноати Тоҷикистон: масъалаҳои модернизатсия // Монография (бо забони русӣ): -Душанбе 2017с.
5. Иброхимов, Б.А. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социальноэкономических и общественных наук. –Душанбе, 2015. -№2/8. -С.23.

# THE ROLE OF THE BANKING SYSTEM IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

Komilov S.S., assistant of the tourism and entrepreneurship department under the International Institute of the IUTET

Holding financial assets is at the core of all banking, and where it began in ancient times—though it has expanded far beyond the days of storing gold coins for wealthy patrons.

At the most basic level, a bank takes deposits from individuals or businesses, with the promise that the money can be withdrawn when the depositor wants it (though sometimes with a penalty for early withdrawal). Depending on the type of account, the bank also may pay interest on the depositor's money.

Sustainable banking is a strategy that refers to banking and investment practices that pursue profit not at the expense of environmental sustainability, social responsibility, or trustworthy corporate governance.

This new form of banking has changed in recent years. Old notions of sustainable banking conjured sentiments of trade-offs and charity – doing the right thing used to mean doing the less profitable thing. This is no longer true.

The transparency that sustainable banking brings empowers customers to change the world around them. The desire to make meaningful, sustainable decisions is only expected to increase in the future. Banks, who work to proactively capture customer demand, will be the ones who see the most benefit from customer engagement on climate action.

Sustainable banking isn't just a philosophy – it's about action. There are a number of ways banks can put their money where their mouths are. For example, financial institutions can offer customers transparent carbon calculations around their spending and support them in choosing alternatives. The more information a bank can empower their customers with, the more robust the services they offer will become.

In the last decade, sustainability has become an imperative of socio-economic development in many developed and developing countries. Its achievement largely depends on the role played by the banking system, which is called upon to become not only a source of financing economic growth, but also an important condition for the social development of society. This study is aimed at studying the theoretical and methodological aspect of determining the role of the banking system, which it is called upon to play in the sustainable development of the national economy.

The idea of sustainable development, formulated in the report of the World Commission on Environment and Development "Our Common Future" (1989), was readily accepted by both the scientific and political world community and received a wide response.

Sustainable development was defined as "long-term, uninterrupted development that meets the needs of the present generation without harming the needs of future generations" [1, p. 50]. The category of "sustainable development" received a social connotation after the UN Human Development Report (1994) noted that development is understood not only as economic growth, but also as a fair distribution of its results [2, p. 6–7]. Subsequently, the concept under consideration underwent significant adjustments when adapted to various objects of application.

Speaking about the sustainable development of the national economy, we, being adherents of the idea of social justice, once embedded in the concept, assume development that ensures economic growth in order to improve the well-being of the population.

The banking system as a component of the national economic system requires special attention in this context. Leading Russian economist O. I. Lavrushin raises the issue of the need to impart a social character to banking activities within the framework of monetary policy aimed at "social development of the state, including through the creation of necessary conditions for sustainable development of both banks and other economic entities" [3, p. 161]. Supporting this point of view, we focus on its methodological and theoretical aspect. A

developed banking system is an integral part of the modern economy. Effective functioning of the banking system is a necessary condition for the progressive development of any national economy. The essential parameters (essence, goals and functions) of the banking system have been studied in sufficient detail. But setting such a goal as finding a path to sustainable economic development requires a revision of the role of the banking system.

In the theoretical and methodological aspect, the role ("degree of participation, influence, significance in any business, enterprise, event" [4]) of the banking system reflects its essence, purpose and functions. There is no single interpretation of the concept of "banking system" in the economic literature. An analysis of the diversity of existing definitions makes it possible to identify two main areas. In the first of them, discussions about the concept of "system" prevail.

In this area, all interpretations can be conditionally divided into the main groups of institutional and functional approaches:

- institutional approach: the banking system as a set of its constituent elements;
- functional approach: the banking system as a system of banks operating in interconnection and interdependence with each other.

Consideration of the category from the point of view of the institutional and functional approaches is important for the methodologically correct construction of a structural model of the banking system and determining the effectiveness of the interaction of system-forming elements.

In the second direction, the emphasis is placed on the method of defining (attributed or acquired in the process of development) the essence of the banking system. In this case, two approaches can be distinguished:

- the first is based on the economic and social essence as part of the economic system;
- the second is based on the legal interpretation of functioning within the framework of current legislation [5, p. 28].

Considering that the "banking system" is an ideal category, the tangible material essence of which is banks in their interaction, the target orientation of the components of the system is of paramount importance for achieving the objectives set for the banking system. The objectives set for the banking system can be achieved only if they correspond to the structural units of the system.

"All national banking systems have their own characteristics. These characteristics have developed historically and are determined by national legislation; at the same time, common characteristics can also be identified" [6, p. 126]. Having considered the diversity of national banking systems, we can identify the main objectives of their activities:

- economic (profit maximization);
- public (providing organized financial support);
- social (assistance in ensuring the well-being of the population).

Taking into account the purpose of the banking sector is of great importance in terms of forming a strategy for the sustainable development of the banking system within the framework of long-term growth of the national economy.

In the modern world, the most noticeable are the traditional and Islamic models of development of the banking system. From the point of view of the technology of performing traditional banking operations, there is an insignificant difference between them. At the same time, each model has specific features.

It should be noted that in this case the economic goal is important for banks belonging to all models. But this classification allows us to highlight social goals as well. Thus, in the Islamic model, social justice is a priority and we can talk about its high social orientation. When considering the traditional model, it is necessary to pay attention to the state policy. For example, in some countries with a traditional banking system model, the national policy is socially oriented (Germany, Austria, Sweden), which in turn affects the target orientation of the structural elements. The type of source of banking capital of structural elements can influence the target orientation of the banking system. Thus, the predominance of state capital can ensure the achievement of a social and public goal, while when considering a banking

system with a predominance of private and foreign banks, the priority economic goal is highlighted. In the case of predominance of banks with mixed (private and state) capital and banks with foreign capital in the banking system, the ability to achieve a social goal will be largely determined by the model and type of the banking system.

The National Bank of Tajikistan (NBT) as a central bank within the mandate specified by the legislation is responsible for formulation and implementation of the state's monetary policy. In particular, according to the Article 5 of the Law "On the National Bank of Tajikistan" the main objective of the NBT is achievement and maintenance of long-term price stability. The monetary policy tasks are, first and foremost, shall be carried out for achievement of this objective.

It should be noted that central (national) banks in most developed and developing countries pursue the same goal of ensuring price stability, and directed their policies firstly to achieve this goal.

The NBT by achieving its objective will promote the country's banking system stability, long-term real economic growth, as well as increase of the population wellbeing.

Currently, the NBT's monetary policy framework is based on monetary targeting regime and its ultimate goal – price stability ensured through the control of money supply or reserve money, being as an operational target.

Within the limits of this operational target in order to maintain stability of the monetary indicators and of the price level, the NBT each year sets a quantity target indicator on reserve money growth. In certain cases, for instance, in case of external shock respective adjustments, to quantity indicators are amended

For execution of its tasks and achievement of the main objective - price stability the NBT through the use of monetary policy instruments continuously controls the operational targets performance and the level of banking system liquidity.

It is necessary to note that taken and announced decisions on the change of key monetary policy instruments require that corresponding operations would have an impact on financial sector conditions and macroeconomic indicators.

There are 63 credit financial institutions that are functioning in the Republic of Tajikistan as of September 30, 2024 including 14 traditional banks, 1 Islamic bank, 1 non-bank credit institution, 19 microcredit deposit organizations, 3 microcredit organizations, and 25 microcredit funds.

Within the period starting from September 30, 2023 to September 30, 2024 a compulsory liquidation procedure has been applied to CJSC MCO "Barhaq" due to non-compliance with the voluntary liquidation requirements.

It should be noted that there is a representative office of 1 foreign bank (Agricultural Bank of China Limited) that operates in the banking system of the country. At the same time, OJSC "Orienbank" has representative offices in the United Arab Emirates (Dubai), United Kingdom of Great Britain and Northern

Ireland (London), Republic of Turkey (Istanbul), Republic of Korea (Seoul), Republic of Uzbekistan (Tashkent), People's Republic of China (Beijing), United States of America (Washington), and SUE SB RT "Amonatbank" has representative office in the Russian Federation (Moscow).

As of reporting date the number of structural units of credit financial institutions compared to September 30, 2023 increased by 24 units and stood at 1 916 units.

**Table 1. Structure of banking system of Republic of Tajikistan**

| Structure | 30.09.2023 | 30.09.2024 | Ch-ge (+/-) |
|---|---|---|---|
| **1.Credit financial institutions (total)** | 63 | 63 | |
| **1.1 Banks** | 15 | 15 | - |
| **1.1.1.Traditional banks**<br>**1.1.2.Islamic banks** | 14<br>1 | 14<br>1 | - |
| **1.2 Nonbank credit organizations** | 1 | 1 | - |
| **1.3 Microfinance organizations** | 47 | 47 | - |
| **1.2.1 Microcredit deposit organizations** | 19 | 19 | - |
| **1.2.2 Microcredit organizations** | 3 | 3 | - |
| **1.2.3 Microcredit funds** | 25 | 25 | - |
| **2. Structural units of CFI (total)** | **1 892** | **1 916** | **24** |
| **2.1 Branches** | 323 | 337 | 14 |
| **2.1.1 Islamic banking windows** | 2 | 2 | - |
| **2.2 Centers of banking services (CBS)** | 1 227 | 1 233 | 6 |
| **2.3 Centers of microfinance services (CMFS)** | 339 | 338 | -1 |
| **2.4 Mobile units** | 3 | 3 | - |
| **2.5 Cash service point** | 5 | 5 | - |

As of September 30, 2024 total assets of the credit financial institutions amounted to TJS 42 729,9 million and increased by TJS 7 968,1 million or 22,9% compared to September 30, 2023 mainly due to the growth of the credit portfolio and receivables from the National Bank of Tajikistan.

Total credit portfolio of the credit financial institutions at the end of the reporting period made TJS 20 481,4 million. The figure increased by TJS 3 694,6 million or 22,0% compared to September 30, 2023 mainly driven by loans issued to individuals and small and medium sized enterprises.

The amount of non-performing loans (overdue for more than 30 days) in the reporting period was TJS 2 643,5 million or 12,9% of the total credit portfolio of the banking system, which is higher by 1,7 percentage points compared to September 30, 2023.

Loan loss provision for non-performing loans as of September 30, 2024 made TJS 2 446,8 million or 92,6% of total non-performing loans, which is 7,1 percentage points lower compared to the same period of 2023.

**Table 2. Quality of credit portfolio of the credit financial institutions**

**(TJS million)**

| Classification of loans 30.09.2023 30.09.2024 Ch-ge (+/-) | 30.09.2023 | 30.09.2024 | Ch-ge (+/-) |
|---|---|---|---|
| **Total (gross), including:** | 16 786,8 | 20 481,4 | 3 694,6 |
| **Performing** | 14 904,3 | 17 838,0 | 2 933,6 |
| **Non-performing** | 1 882,5 | 2 643,5 | 760,9 |
| **Share of nonperforming loans** | 11,2% | 12,9% | 1,7 p.p. |
| **Share of nonperforming loans (net)** | 0,0% | 1,1% | 1,1 p.p. |

Total liabilities of the credit financial institutions at the reporting date amounted to TJS 34 382,6 million, showing TJS 6 928,7 million or 25,2% increase in comparison to the same period of 2023, which was mainly driven by growth in volume of deposits and payments to credit financial institutions.

The Current Liquidity Ratio of the credit financial institutions on September 30, 2024 was 80,4% which is above the minimum requirement (30%) by 50,4 percentage points.

As of the reporting date, the total deposits of the credit financial institutions increased by TJS 5 076,9 million or 29,2% compared to September 30, 2023 to stand at TJS 22 475,9 million.

The share of foreign currency deposits of the credit financial institutions on the reporting date constituted 39,8%, which is 5,8 percentage points lower than this indicator for September 30, 2023.

Total balance sheet equity of the credit financial institutions on the reporting date made TJS 8 347,3 million, which has increased by TJS 1 039,4 million or 14,2% compared to

the end of September 30, 2023 mainly due to an increase in reserves and paid in authorized capital.[3]

The Capital Adequacy Ratio of the credit financial institutions on September 30, 2024 was 22,6%, which is 10,6 percentage points higher than the minimum requirement (12%). Credit financial institutions' operations at the end of September 2024 indicated a profit of TJS 989,4 million. Return on assets (ROA) and return on equity (ROE) of the credit financial institutions as of September 30, 2024 amounted to 3,09% and 15,80%, respectively.

Depending on the objectives, functions and essence, the role of the banking system in the sustainable development of the national economy can be both positive and negative. Thus, in the conditions of the market type of economy, the banking system, not saturated with socially oriented elements of the institutional structure, turns into a source of crisis phenomena. The latter can be caused by risky operations both when issuing risky loans and during speculative operations on the securities market in order to maximize profits. The problem is that banks risk not their own funds, but the funds of their clients. Moreover, the entire financial component of the economy is concentrated in banks, and their bankruptcy leads to crisis phenomena in the real sector, as well as losses of the population. In order to protect the interests of bank clients, many countries have provided for a "system of state measures aimed at getting the bank out of a crisis situation" [11. p. 86]. The state saves private commercial banks from ruin (again at the expense of the population), using budget funds or other measures, such as "deposit haircuts". In the context of studying the positive and negative roles of the banking system, it should be noted that the role of banking systems with the same goals and functions in developed and developing economies can be different. At the same time, this is not enough to determine the role of the banking system as positive for developing economies. For developing economies, the main criterion in determining the "sign" of the role of the banking system is the degree to which it contributes to the development of the real sector of the economy.

In order to promote sustainable development of the national economy, it seems necessary to enhance the positive role of the banking system within the following framework:

– setting objectives for the banking system depending on the achieved level of economic development of the country;

– building a structural model of the banking system that ensures the solution of the set objectives and ensuring effective interaction of its elements;

– defining an appropriate interpretation of the essence of the banking system and introducing it (with the consolidation of the social goal) into the current legislation;

– creating a mixed banking system (the nature of economic relations);

– defining a possible framework for using the experience of the Islamic and continental models of socially-oriented countries, taking into account the source of banking capital;

– in order to impart a social character to banking activities, along with the regulation and rationalization of money circulation, assign to the banking system such basic functions as ensuring the continuity of reproductive processes in society and ensuring the balance of socio-economic development;

– reflection of this framework in the strategy for the development of the banking system as part of the strategy for sustainable development of the national economy.

## REFRENCES


1. Наше общее будущее: Доклад Международной комиссии по окружающей среде и развитию (МКОСР) / Пер. с англ.; Под ред. С. А. Евтеева и Р. А. Перелета. М., 1989. 372 с.

2. Human Development under Transition // Summaries of National Human Development Reports. N. Y.: Turope and CIS, 1966. P. 6–7.

3. Банковская система в современной экономике: Учеб. пособие / Под ред. О. И. Лаврушина. М.: Кнорус, 2016. 360 с.

4. Ефремова Т. Ф. Новый словарь русского языка. Толково-словообразовательный. М.: Русский язык, 2000. 1233 с.


[3] www.nbt.tj National bank of Tajikistan 29.11.24

5. Банковское дело: Учебник / С. А. Белозеров, О. В. Мотовилов. 2-е изд. М.: Проспект, 2014. 408 с.
6. Белозеров С. А. Финансы домашнего хозяйства: инвестиционный аспект. СПб.: Изд-во СПбГУ, 2006. 194 с.
7. Канаев А. В. Стратегия развития российской банковской системы: концептуальные вопросы и «институциональные разрывы: Доклад, представленный на II Российском экономическом конгрессе 18–22 февраля. (2013 г., г. Суздаль): [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.gosbook.ru/node/70102.

## САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ - ҲАДАФИ ОЛИИ КИШВАР

**Давлатзода Э.Д. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар асоси дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола барои ба кор андохтани иқтидорҳои нав дар соҳаи саноат ва истифодаи самараноки корхонаҳои мавҷуда, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот, тақвияти имконияитҳои содиротии кишвар барои саноатикунанонии босураъат заминаи мусоид фароҳам оварда шуд.

Бо шарофати сиёсати бобарори Ҳукумати кишвар рушди соҳаҳои воқеӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақим ва воридоти технологияҳои нави инноватсионӣ имкон фароҳам овард, ки раванди саноатикунонии мамлакат густариш пайдо карда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва шумораи ҷойҳои нави корӣ мунтазам афзоиш ёбад[4].

Бо дарназардошти аҳамияти бузурги ҳадафи чорум дар Тоҷикистон аз ҷониби сармоягузорони ватаниву хориҷӣ бо воруди технологияи муосиру инноватсионӣ даҳҳо коргоҳҳои истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд. Аз ин лиҳоз саноатикунонӣ маҳз дар ҳамин давра эълон гардида, аз ҷониби муҳтарам Пешвои миллат зарур дониста шуд, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад.

Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои зиёди табиӣ буда, барои коркарди он корхонаҳои саноатӣ зарур аст, ки ҷиҳати бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад[5].

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 амалӣ гардид. Барномаҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад[6].

Дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ барномаҳои зиёди рушд амалӣ гардида истодаанд, ки ҳадафи асосии онҳо навсозии корхонаҳои пешину бунёди корхонаҳои нав, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ буда,

---

[4] Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05.2020, № 293
[5] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
[6] Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.mmk.tj.

барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз иқтисоди аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ-аграрӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри ниҳоӣ замина мегузоранд.

Саноатикунонии иқтисоди ҷумҳурӣ омилҳои зиёди таъсир ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро дорад. Дар навбати аввал он боиси фароҳам омадани ҷойҳои фаровони корӣ гардида, мушкилоти бекориро коҳиш медиҳад, инчунин, ҳолати вобастагӣ аз маҳсулоти воридотиро аз байн мебарад. Гузашта аз ин, базаи иҷтимоии давлат аз ҳисоби коргарони саноатӣ мустаҳкамтар шуда, бо ин роҳ сафи мутахассисони баландпояи соҳаи саноат меафзояд. Саноатикунонии босуръати мамлакат, яъне бунёди корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори соҳа барои боз ҳам баланд шудани некуаҳволии шаҳрвандон шароити воқеӣ фароҳам меорад.

Саноат яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди мамлакат ва тавлидкунандаи асосии неъматҳои моддӣ ба ҳисоб меравад. Рушди он ба пешрафти бахшҳои дигари иқтисодиёт заминаи мусоид мегузорад ва нуфузу мавқеи давлатро дар арсаи байналмилалӣ устувор менамояд. Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ 26 декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии мамлакат саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд[7].

Дар рафти амалисозии барномаи саноатикунонии босуръати кишвар, тавре таҷрибаи ҷаҳонии саноатикунонӣ нишон медиҳад, паҳлуҳои дигари раванди саноатикунонӣ низ рӯшан мешаванд, зеро ин таҷрибаи навест дар роҳи пешрафти иқтисодии Тоҷикистон.

Ҳамчунин, барои бунёди корхонаҳои саноатӣ маҳалҳои ҷойгиршавииии ашёи хом, инфрасохтор ва мавҷудияти қувваи корӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд. Баробари ин, дар раванди саноатикунонии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, бояд ба сохтмони корхонаҳои бахши саноати сабук, аз қабили коргоҳҳои бофандагию ресандагӣ ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ афзалият дода шавад. Дар ин самт масъалаи бозомӯзии коргарони соҳавӣ тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат ба миён меояд. Зеро саноатикунонӣ дар роҳи пешбурди иқтисоди кишвар заминаҳои илмию ихтисосиро тақозо мекунад.

Коршиносони соҳа таъкид мекунанд, ки истеҳсолоти саноатӣ дурнамои пешбарандаи иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи асосии даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар заминаи он сатҳи зиндагии мардум баланд гардида, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани шаҳрвандони Тоҷикистон коҳиш меёбад.

**РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**


1. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05.2020, № 293
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. URL: http:// mmk.tj
3. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.mmk.tj.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ» Душанбе 28.12.202, URL: http://www.president.tj


[7] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ» Душанбе28.12.202

## МАФҲУМ ВА АҲАМИЯТИ ҲУҚУҚ

**Зокирова Д.Ғ. - ассистенти кафедраи ҳуқуқ**

Илмҳои ҳуқуқӣ ба низоми илмҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Онҳо аз дигар илмҳои ҷамъиятӣ бо объекти фаҳмиши худ фарқ менамоянд. Ба сифати объекти илмҳои ҳуқуқшиносӣ давлат ва ҳуқуқ бо ҳамаи зуҳуротҳояшон ҳамчун як навъи амалияи иҷтимоӣ баромад менамоянд. Давлат ва ҳуқуқ дар ин ё он андоза аз ҷониби дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ низ омӯхта мешаванд. Фалсафа моҳият, таъиноти иҷтимоӣ ва алоқамандии давлат ва ҳуқуқро бо дигар зуҳуротҳои ҷамъиятӣ меомӯзад. Сотсиология давлат ва ҳуқуқро ҳамчун институтҳои асосии иҷтимоӣ дар баробари дигар зуҳуротҳои иҷтимоӣ меомӯзад. Сиёсатшиносӣ давлат ва ҳуқуқро ҳамчун воситаи ба амал баровардани фаъолияти сиёсӣ ва мақсади он меомӯзад. Аммо барои илмҳои ҳуқуқшиносӣ давлат ва ҳуқуқ объектҳои асосии омӯзиш мебошанд. Хусусияти илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар он аст, ки онҳо давлат ва ҳуқуқро ҳамчун зуҳуротҳои меъёрию ҳокимиятӣ меомӯзанд. Илмҳои ҳуқуқӣ инчунин дигар зуҳуротҳои иҷтимоиро (иқтисодиёт, сиёсат, маданият, дин ва ғ.) меомӯзанд, аммо дар он қисмате, ки онҳо бо давлат ва ҳуқуқ бармехуранд.

Илми ҳуқуқшиносӣ – ин соҳаи донишҳои махсусест, ки ба воситаи онҳо омӯзиши назариявию амалии воқеияти давлатию ҳуқуқӣ сурат мегирад. Ба он ҳамаи фанҳои ҳуқуқие, ки дар давоми таҳсил дар факултети ҳуқуқшиносии мактаби олӣ омӯхта мешаванд, дохил мегардад. Илми ҳуқуқшиносӣ – ин маҷмӯи томи илмҳои ҳуқуқиест, ки аз рӯи хусусияти предметиашон ба қисматҳои зерин ҷудо мешаванд: илмҳои ҳуқуқии назариявӣ ва таърихӣ – онҳо хусусиятҳои зуҳуроти давлатию ҳуқуқиро дар маҷмӯъ меомӯзанд (назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи ҶТ, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ, таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва ғ.); илмҳои ҳуқуқии соҳавӣ – онҳо соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти давлатию ҳуқуқиро меомӯзанд (ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғ.); илмҳое ҳуқуқие, ки низом, ваколат ва принсипҳои фаъолияти мақомоти давлатиро меомӯзанд (мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва ғ.); илмҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқи байналхалқиро меомӯзанд (ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ ва ғ.); илмҳои ёрирасони ҳуқуқӣ – онҳо аз донишҳои махсуси ғайриҳуқуқӣ иборат буда, барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ истифода бурда мешаванд (криминалистика, криминалогия ва ғ.).

Низоми илм гуфта мафҳум, мазмун ва алоқамандии гурӯҳҳои асосии донишҳоро меноманд, ки ба таркиби илми мазкур дохил мешаванд. Низоми илми ҳуқуқшиносӣ дар ягонагии илмҳои ҳуқуқӣ ифода ёфта, ба ҳалли вазифаҳои гуногун дар таркиби илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маҷмӯи томи донишҳои ҳуқуқӣ машғул аст. Вазифаи асосии низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ тадқиқи давлат ва ҳуқуқ дар маҷмӯъ мебошад. Вобаста ба ин низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба илмҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ҷудо мешавад. Таснифи илмҳо дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ чунин аст: илмҳои ҳуқуқии назариявӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, фалсафаи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи инсон ва ғ.); илмҳои ҳуқуқии таърихӣ (таърихи давлат ва ҳуқуқи ҶТ, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ, ҳуқуқи римӣ, таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ, ҳуқуқи қадимаи тоҷикон, таърихи ҳуқуқи инсон ва ғ.); илмҳои ҳуқуқии соҳавӣ (илми ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ ва ғ.); илмҳои ҳуқуқии байнисоҳавӣ (ҳуқуқи экологӣ, кишоварзӣ, андоз, гумрукӣ, ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва ғ.); илмҳои ҳуқуқии байналхалқӣ (ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ, ҳуқуқи дипломатӣ, ҳуқуқи

консулӣ ва ғ.); илмҳои ҳуқуқии ёрирасон (криминалистика, криминалогия, психологияи судӣ, тиббиёти судӣ, омори судӣ ва ғ.).

**Предмети фанни таълимии ҳуқуқ**

Ҳар як илм предмети тадқиқоти худро дорад. Предмет ҳамчун қисмати илм дорои доираи зуҳуротҳое аст, ки зери тадқиқот қарор мегиранд. Дар баробари илм инчунин фанни таълимӣ арзи ҳастӣ менамояд. Мақсади илм фаҳмиши воқеияти давлатию ҳуқуқӣ мебошад. Мақсади фанни таълимӣ додани донишҳои аз илм гирифта шуда ба объектҳои таҳсилкунанда мебошад.

Ҳуқуқ ҳамчун фанни таълимӣ омӯхта мешавад. Он илми мустақили худро надорад, чунки ба ягон қисмати низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳамчун илми ҳуқуқӣ дохил намешавад. Объекти омӯзиши онро низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар маҷмӯъ ташкил медиҳанд, чунки он дар доираи фанни таълимӣ донишҳои асосии аз низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ гирифтаро ба донишҷӯён меомӯзонад.

Фанни таълимии ҳуқуқ асосҳои давлат ва ҳуқуқро меомӯзад. Мақсади фанни таълимии ҳуқуқ дар он аст, ки ба донишҷӯёни факултетҳои ғайриҳуқуқии мактабҳои олӣ асосҳои донишҳои ҳуқуқиро дар бораи зуҳуроти давлатию ҳуқуқӣ омӯзонад.

Фанни таълимии ҳуқуқ бо номи «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Асосҳои ҳуқуқ», «Ҳуқуқ», «Ҳуқуқшиносӣ» дар факултетҳои ғайриҳуқуқии мактабҳои олӣ дарс дода мешавад. Таълим додани фанни ҳукуқ дар мактабҳои олӣ ба худ хусусиятҳои хосро соҳиб аст.

Омӯзиши фанни мазкур ба донишҷӯён барои аз худ намудани масъалаҳои муҳими ҳамарӯзаи давлативу ҳуқуқӣ кумак менамояд. Ба монанди, тартиби мурофиати шаҳрвандон, намудҳои андозҳо ва тартиби ҳисоб кардани онҳо, аз сарҳади гумрукӣ гузаштан ва намудҳои пардохтҳои гумрукӣ, бастани никоҳ ва ташкили оила, ба кор қабул ва озод намудан, додани музди меҳнат, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидан ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, фанни таълимии ҳуқуқ ба донишҷӯён донишҳои асосии ҳуқуқии назариявию амалии воқеияти давлатию ҳуқуқии аз низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ гирифтаро меомӯзонад.

**Низоми фанни таълимии ҳуқуқ**

Фанни таълимии ҳуқуқ низоми худро дорад, ки дар он аз кадом қисмҳо ва мавзӯҳо таркиб ёфтани фанни таълимии мазкур пешбини гардидааст. Низоми фанни таълимии ҳуқуқро метавон чунин пешбини намуд:

1. Предмет ва методи фанни таълимии ҳуқуқ;
2. Маълумоти асосӣ дар бораи давлат ва ҳуқуқ;
3. Асосҳои ҳуқуқи инсон;
4. Асосҳои соҳаҳои ҳуқуқ;
5. Асосҳои ҳуқуқи байналхалқӣ;
6. Асосҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Дар қисмати «Предмет ва методи фанни таълимии ҳуқуқ» илми ҳуқуқшиносӣ дар низоми илмҳои муосир, предмети фанни таълимии ҳуқуқ, методҳои омӯзиши фанни таълимии ҳуқуқ, низоми фанни таълимии ҳуқуқ, вазифаҳо ва аҳамияти омӯзиши фанни таълимии ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати «Маълумоти асосӣ дар бораи давлат ва ҳуқуқ» донишҷӯён донишҳои асосии ҳуқуқиро дар бораи давлат ва ҳуқуқ мегиранд. Аз қабили мафҳум ва моҳияти давлат, функсияҳои давлат, шаклҳои давлат, давлати ҳуқуқбунбунёд, ҷомеаи шаҳрванрвандӣ, ҳокимияти давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ, мафҳуми ва моҳияти ҳуқуқ, фуксияҳои ҳуқуқ, низоми ҳуқуқ, оилаҳои ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсири ҳуқуқӣ, амалигардонии ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҳоказо.

Дар қисмати «Асосҳои ҳуқуқи инсон» донишҷӯён донишҳои асосии ҳуқуқиро оиди предмет ва методҳои омӯзиши фанни ҳуқуқи инсон, вазифаҳо ва аҳамияти омӯзиши фанни ҳуқуқи инсон, мафҳум ва намудҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи инсон, дар бораи таърихи ҳуқуқи инсон, мафҳум ва таркиби ҳуқуқи инсон, таснифоти ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва проблемаҳои муосири ҳуқуқи инсон меомӯзанд.

Қисмати «Асосҳои соҳаҳои ҳуқуқ» калонтарин қисми низоми фанни «Ҳуқуқ» буда, ба донишҷӯён донишҳои асосии ҳуқуқиро оиди соҳаҳои мустақили ҳуқуқ меомӯзонад. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятии сифатан якхеларо ба танзим медароранд, соҳаи ҳуқуқ номида мешавад[8]. Ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ дар якҷоягӣ низоми ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Ҳар як соҳаи ҳуқуқ аз қисматҳои таркиб ёфтааст, ки мустақилиятии онро муарифӣ намуда, муносибатҳои мушахасси ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Асосҳои соҳаҳои ҳуқуқ аз асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ оғоз меёбанд, чунки он асосҳои сохтори конститутсионии ҷомеа ва давлатро муайян менамояд. Асосҳои ҳуқуқи маъмурӣ идоракунии давлатиро ба амал баroварда, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатиро ба роҳ мемонад. Ҳифзи муҳити атроф ва табиат ба воситаи асосҳои ҳуқуқи экологӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳуқуқи молиявӣ муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ташкил, тақсим ва истифода бурдани захираҳои молиявии давлат ба танзим медарорад. Буҷети давлатӣ маҳз бо ҳамин соҳаи ҳуқуқ таҳрезӣ шуда, қабул мегардад. Дар ҷамъмият сиёсати адозбандӣ ва андозғундорӣ бо номи ҳуқуқи андоз сахт алолақаманд аст. Фаъолияти гумрукӣ дар заминаи асосҳои ҳуқуқи гумрукӣ ба амал бароварда мешавад. Муносибаҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии бо онҳо алоқаманд, бастани шартномаву созишномаҳои гражданӣ, гирифтани мерос, ҳуқуқҳои муаллифӣ ва патентӣ бо номи асосҳои ҳуқуқи гражданӣ сахт алоқаманд аст. Муносибатҳои оилавӣ бо асосҳои ҳуқуқи оилавӣ батанзим дароварда мешаванд. Асосҳои ҳуқуқи меҳнатӣ муносибатҳои ҷамъиятиро байни корфармо ва коргар (коркун) ба танзим медарорад. Истеҳсолоти кишоварзӣ дар заминаи асосҳои ҳуқуқи кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад. Асосҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ танзимгари фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ҷинояту ҷинояткорӣ мавзӯи асосҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Дида баромадани парвандаҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ дар суд ба воситаи асосҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва гражданӣ сурат мегиранд.

Қисмати «Асосҳои ҳуқуқи байналхалқӣ» муносибатҳои байни давлат ва шахсро дар арсаи байналхалқӣ ба танзим медарорад. Дар он ба мавзӯҳои зерин равшани андохта мешавад: мафҳум, предмет ва низоми ҳуқуқи байналхалқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ, субъектҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи байналхалқӣ, тавсифи умумии соҳаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ.

Дар қисмати «Асосҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» ба донишҷӯён донишҳои асосии ҳуқуқиро доир ба мафҳум ва намудҳои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, тавсифи умумии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти судӣ, мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти адлия, адвокатура ва асосҳои ташкил ва фаъолияти агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо корупсия меомӯзонанд.

**Адабиёт:**


1. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Маҳмудов М.А., Раҳимов М.З. – Душанбе: «Ирфон», 2006. – 200с.;
2. Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. // Зери таҳрири умумии Маҳмудов М.А., Зиёев Т.Н., Холиқов А.Ғ., Павленко Е.М. ва Сайфуллоев С. – Душанбе: «АВА», 2007. – 320с.

3. Асосхои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Дар зери таҳрири проф. Усмонов О.У. – Душанбе: «Маориф», 1999. – 288с.;
4. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. – Душанбе: «Деваштич», 2007. – 404с.;
5. Зенин И.А. Основы права. Учебное пособие. – М.: «МЭСИ», 2003. – 184с.;
6 Марченко М.Н., Дерябина Е.М. Правоведение: Учебник. – М.: «Проспект», 2004

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРИ

**Зокирова Д.Ғ. Ассистенти кафедраи ҳуқуқ**
**Маматкулова Ш.А. - Ассистенти кафедраи фаъолияти бонкӣ**

Ҳуқуқи маъмурӣ соҳаи алоҳидаи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуда, гурӯҳи махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро танзим месозад. Доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқи маъмурӣ танзим мекунад гуногунранг буда онҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ, ташкил ва фаъолияти низоми ҳокимияти иҷроия, фаъолияти дохилиташкилии мақомоти қонунгузор, суд ва прокуратура, фаъолияти сохтори иҷроиявии мақомоти худидораи шаҳраку деҳа ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Ин гуна муносибаҳои хислатан гуногунранг предмети ҳуқуқи маъмуриро ташкил медиҳанд. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки мавриди танзими ҳуқуқи маъмурӣ қарор доранд, бевосита ба фаъолияти идоракунандагии давлат ва амалисозии ҳокимияти иҷроия алоқаманд мебошанд ва аз ин рӯ дар бисёри адабиётҳои ҳуқуқи онҳоро муносибатҳои идоракунӣ низ меноманд. Аз рӯи хусусияти ҳайати иштирокчиён, ҳуқуқи маъмурӣ муносибатҳои идоракунии зеринро танзим менамояд:

1) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва шахсони воқеӣ (шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ).

2) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

3) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодия, корхона ва муассисаҳои хоҷагӣ ва иҷтимоӣ - маданији ғайридавлатӣ.

4) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва мақомоти иҷроияи низоми худидораи маҳаллӣ.

5) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодия, корхона ва муассисаҳои давлатие, ки дар тобеияти ташкилии онҳо мебошанд.

6) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодия, корхона ва муассисаҳои давлатии дар тобеияти ташкилии онҳо набуда (масалан, аз рӯи масоили назорати молиявӣ, назорати маъмурӣ ва ғ).

Ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун дигар соҳаҳои ҳуқуқ усулҳои танзимсозии худро дорад. Усулҳои ҳуқуқи маъмурӣ дар хислати амрдиҳӣ, яктарафа изҳори ирода ва баробарҳуқуқ набудани иштирокчиёни муносибатҳои идоракунӣ ифода меёбанд. Усулҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба усулҳои еҳдадорсозӣ, манъсозӣ ва иҷозатдиҳӣ тақсим мешаванд. Низоми ҳуқуқи маъмурӣ аз ду қисм: қисми умуми ва қисми махсус иборат аст.

Ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ субъектҳои ба худ хос дорад. Субъектони ҳуқуқи маъмурӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1) Шахсони воқеӣ - шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ.
2) Шахсони ҳуқуқӣ- мақомотҳои ҳокимияти иҷроия ва мақомотҳои тобеи онҳо, корхона, ташкилот ва муассисаҳои давлатӣ, мақомотҳои худидораи маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ташкилоту муассисаҳои хусусӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ.

**Меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ** гуфта қоидаҳое, ки аз тарафи давлат муқарар шуда ба мақсади танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ равона гардидаанд ва дар ҳолати иҷро нашудан ба воситаи маҷбурсозии давлати таъмин мешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ моҳияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатиро дар иҷроиши Конститутсия (Сарқонун) ва қонунҳо ифода мекунанд.

Меъёрҳои маъмури ҳуқуқ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд.

1) Дар фарқият аз меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ воситаи ҳимояи махсуси ҳуқуқи худро аз иҷро накардан ва бевосита иҷро накардани талаботи онҳо доро мебошанд.

2) Меъёрҳои маъмурӣ ҳуқуқи дар бисёр ҳолатҳо муносибатҳои ҷаъиятиеро низ танзим мекунанд, ки предмети танзими дигар соҳаҳои ҳуқук мебошад (мисол, ҳуқуқи молиявӣ, ҳукуқи андоз ва ғайра).

3) Хусусиятҳои асосии меъёрҳои маъмурӣ ҳуқуқи аз он иборат аст, ки онҳо бевосита аз ҷониби субъектони ҳокимияти иҷроия дар ҷараёни идоракунии давлатӣ муқаррар карда мешаванд. (санадҳои меъёрии ҳукумат).

Меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ вобаста ба як қатор хусусиятҳояшон тасниф мешаванд:

1) вобаста ба хислати ҳуқуқи ба ду гурӯҳ меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ;

2) вобаста ба мазмун ҳуқуқии меъёр ба ӯҳдадоркунанда, маънкунанда ваколатдоркунанда, ҳавасмандкунанда ва тавсиякунанда;

3) вобаста ба самти фаъолияташон:

а) меъёрҳое, ки ба вазъи маъмурӣ ҳуқуқии шаҳрвандон равона шудаанд.

б) меъёрҳое, ки самтҳои алоҳида фаъолияти сохторҳои тиҷоратиро танзим менамояд.

в) меъёрҳое, ки ба вазъи маъмури ҳуқуки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ равона шудаанд.

г) меъёрҳое, ки масъалаҳои ташкил ва фаъолияти корхонаҳо ва муассисҳои давлатиро муайян менамоянд.

д) меъёрҳое, ки ба вазъи маъмури ҳуқуқи хизматчиёни давлатӣ равона шудаанд.

е) меъёрҳое, ки ба ташкил ва фаъолияти дастгоҳи идоракунии давлатӣ ва ҳокимияти иҷроия равона шудаанд.

4) вобаста ба дараҷаи ба танзимандозии муносибатҳо меъёрҳои маъмурӣ ба меъёрҳои умумӣ; байнисоҳавӣ ва соҳавӣ тақсим мешаванд.

**Муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ** қисми таркибии танзими маъмурии муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ҳокимияти иҷроия ташкил мекунанд. Барои муносибатҳои маъмурӣ ҳуқуқи характери якуминдараҷагии меъёри маъмурӣ хос мебошад, зеро маҳз асоси танзими муносибатҳои маъмурию ҳуқуқиро меъёрҳои маъмурӣ ташкил мекунанд, ва маҳз ин меъёрҳо бо тарзҳои муайян фаъолияти иштирокчиёни ин муносибатҳоро ба танзим меандозанд. Муносибатҳои маъмурӣ ҳуқуқӣ чунин хсусиятҳо доранд:

1) Муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ аз дигар муносибатҳо ба он фарқ мекунанд, ки ин муносибатҳо, муносибатҳои ҳокимиятианд.

2) Иштирокчиёни муносибатҳои маъмурӣ ҳуқуқи баробарҳуқуқ нестанд, ва муносибатҳо новобаста аз иродаи тарафи дигар ба вуҷуд меоянд.

3) Табиати фаъолияти идоракунии давлати, ки дар ҷараёни он ҳокимияти иҷроия амали мешавад, тақозо мекунад ки субъекти махсусе бошад, ки фаъолияти ҳокимиятиро амали намояд, ва муносибатҳои маъмурӣ ҳуқуқи, дорои чунин субъект мебошанд. Ба сифати чунин субъект мақомотҳои ҳокимияти иҷроия (шахсони мансабдор) баромад мекунанд, ки фаъолияти ҳокимияти барои амали кардани мақсаду вазифаҳои ҳокимияти иҷроия ба онҳо дода шудааст.

4) Хусусияти дигари муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ дар он аст, ки онҳо байни шаҳрвандон, байни шаҳрвандону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд намеоянд.

5) Муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ чун дигар муносибатҳо дорои объекти худ мебошанд. Объекти муносибатҳои маъмурию ҳуқуқиро ирода ва ифодаи иродаи идорашаванда дар амалишавии ҳокимияти иҷроия ташкил медиҳад.

6) Байни иштирокчиёни муносибатҳои маъмурӣ баҳсҳо ба вуҷуд меоянд ва ин баҳсҳо бо тартиби маъмурӣ ҳал карда мешаванд.

**2. Вазъи маъмурию ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ**

Шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ – ин иштирокчии муносибати ҷамъиятиест, ки ба сифати барандаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои муайяни дар санадҳои меъёри пешбинишуда баромад мекунад. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрванд дар якҷояги вазъи ҳуқуқии ӯро ташкил медиҳад. Дар баробари ин вазъи ҳуқуқи шаҳрванд як қатор хусусиятҳоро доро мебошад.

Вазъи маъмури ҳуқуқии шаҳрвандон таркиби мураккаби ҳуқуқи дошта дорои чор элемент асоси мебошад.

1) Вазъи маъмурӣ ҳуқуқи инсон ва шахс.
2) Вазъи ҳуқуқии шаҳрванди ҶТ.
3) Вазъи маъмурӣ ҳуқуқии иҷтимоӣ.
4) Вазъи маъмурӣ ҳуқуқии махсус.

Кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкили ва ҳуқуқи тақсим намудан мумкин аст. Кафолатҳои иқтисоди фаъолияти мунтазам ва самараноки соҳаи саноат, низоми мустаҳками молиявию пулӣ, сари вақт пардохти музди меҳнат, нафақа ва дигар маблағҳо, дараҷаи баланди сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Аз ин нуқтаи назар дар шароити имрӯза таъмини кафолатҳои иқтисодии шаҳрванд хеле мушкил мебошад ва низоми ноустувори андозу-андозситони аз он шаҳодат медиҳад.

Кафолатҳои сиёсӣ таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бартари инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа ва давлат, эътирофи волоияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бисёрҳизбӣ, гуногунақидагии сиёсӣ, ҳокимияти давлатии пурзур ба сардори Президент ҳамчун ҳоми ва кафили Конститутсия, ҳамкори мутақобилаи ҳокимияти қонунгузор бо ҳокимияти иҷроия ва ғайра дар бар мегирад.

Кафолатҳои ташкилии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандро дар соҳаи идоракунии давлати низоми бисёрсоҳаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, мақомотҳои назорати давлатӣ, инспексияҳо ва дигар мақомотҳои давлатию ҷамъияти дар марказ ва маҳалҳо, мақомоти судӣ, прокуратура, милиция, мақомоти адлия, натариат ва ғайраро дохил намудан мумкин аст. Ҳамаи ин мақомотҳо ҳаруза дар асос ва иҷроиши қонун барои таъмин ва амали гаштани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд фаъолият мекунанд.

Кафолати ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва еҳдадориҳои шаҳрвандро дар соҳаи идоракунии давлати ба ду намуд тақсим мекунанд:

а) судӣ

б) ғайри судӣ.

Барои ин кафолат пеш аз ҳама кафили умуми қонун ва тамоми қонунгузорӣ инчунин меъёрҳои маъмурӣ баромад мекунад. Яке аз элементҳои вазъи маъмурӣ ҳуқуқи шаҳрвандро, ҳуқуқи Конститутсионии онҳо ба муроҷиат, шахсан ё гурӯҳан ба мақомоти давлати ташкил мекунад . Дар баробари ин муроҷиати шаҳрвандон бо санадҳои меъёри ҳуқуқи таъмин шуда институти мураккаби ҳуқуқи маъмурӣ мебошад. Шаҳрвандон бо 3 шакл: таклифҳо, аризаҳо ва шикоятҳо ба мақомоти давлатӣ муроҷиат карда метавонад.

Таклифҳо — муроҷиатҳои шаҳрвандон, ки барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ё идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо равона карда шудаанд. Мақомоти давлатӣ ё идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо вазифадор мебошанд, ки таклифҳои шаҳрвандонро ҳаматарафа баррасӣ намуда, аз натиҷаашон мувофиқи хоҳиши он[о барояшон хабар диҳанд.

Аризаҳо — муроҷиатномаҳои шаҳрвандон, ки барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои барояшон маълумшуда равона карда шудаанд ё аз хоҳиши амалӣ намудани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо иборатанд.

Шикоятҳо — муроҷиатномаҳои шаҳрвандон бо талаби барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо, ки аз амал, беамалӣ ё бо қарорҳои мақомоти давлатӣ, идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдор вайрон карда шудаанд. Муроҷиатҳо инфиродӣ ё коллективӣ (гуруҳӣ) буда метавонанд, ки дар шакли даҳонакӣ ё хаттӣ пешниҳод мегарданд. Ҳуқуки мароҷиат ин ҳуқуқи шахсии маҳдуднашаванда ва мусодиранашавандаи шаҳрванд мебошад.

Вазъи маъмури ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ бо қонунгузори ва шартномаҳои байналхалқи танзим карда мешавад. Санадҳои асосии танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии шаҳрванди хоричӣ ва шахсони бешаҳрванди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Конститутсияи ҶТ, қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ» аз 1.02.1996., қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ, қоидаҳои убури таранзитии шаҳрвандони хориҷӣ аз тариқи қаламрави ҶТ мебошанд.

### 3. Вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия

Конститутсияи ҶТ ташкил ва фаъолияти давлатдории муосири Тоҷикистонро аз рӯи принсипҳо ва арзишҳои дар ҷомеаи ҷаҳони эътирофшуда қарор додааст. Дар ташкили ҳокимияти давлатӣ аз ҷумла ҳокимияти иҷроия принципи Конститутсионии таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ки ҳокимияти давлатиро ба 3 шоха қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим менамояд нақши ҳалкунанда дорад. Мақомоти ҳокимияти иҷроия, ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ мебошад, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд. Ҳолати ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар хусусиятҳои зерини он ифода меёбанд.

1) Бо мазмуни конститутсионӣ мақомоти ҳокимияти иҷроия қисми таркибии дастгоҳи давлатӣ буда ҳокимияти қонунгузориро дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлати ҳамроҳи мекунад.

2) Мақомоти ҳокимияти иҷроия фаъолияти худро дар асос ва барои иҷрои қонун пеш мебарад, яъне фаъолияти онҳо зерқонунӣ мебошад.

3) Мақомоти ҳокимияти иҷроия барандаи доираи муайяни вазифаҳои давлати ҳокимияти мебошанд. Ин вазифаи онҳо пеш аз ҳама дар қабули санадҳои ҳуқуқи дар доираи салоҳияти идоракуниашон амали мешавад.

4) Мақомоти ҳокимияти иҷроия бевосита ё ба воситаи зинаҳои болоӣ дар назди мақомоти намояндагии давлатӣ ҳисоботдиҳанда мебошанд.

5) Мақомоти ҳокимияти иҷроия аз коллективи меҳнатии муайяне иборат аст, ки аз тарафи давлат барои амали намудани мақсади муайян муттаҳид шудааст.

6) Мақомоти ҳокимияти иҷроияро дар маҷмӯъ тасниф намуда, дар назар бояд дошт, ки аз номи онҳо дар муносибатҳои муайяни идоракуни шахсони мансабдори онҳо иштирок мекунанд.

7) Тартиби ташкилдиҳӣ, тағйирёбӣ ва барамдиҳии мақомотҳои иҷроия дар доираи муайянкардаи қонунгузори амали карда мешавад.

Низоми мақомотҳои ҳокимияти иҷроияро гуногунрангии ин мақомотҳо ташкил мекунад. Онҳро аз рӯи якчанд хусусиятҳояшон тасниф намудан мумкин аст.

1) Аз рӯи ҳудуди фаъолияташон мақомоти ҳокимияти иҷроия ба мақомоти иҷроияи марказӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ:
2) вобаста ба тарзи ҳалли масъалаҳо ба мақомоти яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ:
3) вобаста ба доираи салоҳияташон бо мақомоти, салоҳияти умумӣ, салоҳияти соҳавӣ, салоҳияти байнисоҳавӣ, салоҳияти махсусдошта:

4) вобаста ба шакли ташкилӣ- ҳуқуқӣ (ҳукумат, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, кумита, хадамот, агентӣ, марказ, нозирот (инспексия), саридора, департамент, идора) ва ғайра:
5) вобаста ба тарзи созмон, таъинӣ ва интихобӣ.

Низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки тартиби ташкил ва фаъолияти онҳоро Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарар кардаанд дар асоси принсипҳои зерин амал мекунанд: принсипи мустақилияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, принсипи ягонагии мақомоти ҳокимияти иҷроия, принсипи қонуният, принсипи сарфакорӣ ва камхарҷӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроия, принсипи ҳокимияти халқӣ, принсипи ошкорбаёни, принсипи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, принсипи демократикунонӣ ва ғайра.

Салоҳиятҳои ҳукматро ба салоҳиятҳои умумӣ, соҳавӣ ва махсус тақсим намудан мумкин аст.

Ба салоҳиятҳои умумии Ҳукумат инҳо дохил мешаванд:

а) иштирок дар татбиқи сиёсати дохили ва хориҷии ҶТ,
б) таъмини роҳбарии самараноки иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ,
в) роҳбари ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия,
г) таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣ,
д) ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ.

Ба салоҳиятҳои соҳавӣ Ҳукумат инҳо дохил мешавад:

а) роҳбари ба вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомотҳои идоракунии давлат.
б) салоҳиятҳои ҳукумат дар соҳаи иқтисодиёт,
в) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи буҷет, молия, пул, қарз ва андоз,
г) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи иҷтимоӣ,
д) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи илм, фарҳанг, маориф ва тандурустӣ,
е) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи истифодабарии табиат ва муҳофизати муҳити зист,
ё) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи таъмини қонуният, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мубориза бар зидди ҷинояткорӣ,
ж) салоҳияти ҳукумат оид ба таъмини мудофиа ва амнияти давлатӣ,
з) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмиллалӣ ва ғайра.

Шакли асосии фаъолияти Ҳукумат маҷлиси Ҳукумат мебошад, ки моҳе камаш як маротиба гузаронида мешавад. Ҳукумат мутобиқи Конститутсия ва қонунҳои ҶТ қарорҳо ва фармоишҳо қабул мекунад, ки иҷрои онҳо дар қаламрави ҶТ ҳатмист.

Санадҳое, ки хусусияти меъёри доранд, дар шакли қарорҳои ҳукумат қабул карда мешавад. Санадҳо оид ба масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ, ки хусусияти меъёри надоранд дар шакли фармоишҳои ҳукумат қабул карда мешаванд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ- мақомоте, ки дар ҳудуди воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор иҷрои Конститутсия қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд. Мақомоти иҷроияи маҳалли ҳуқуқи давлатӣ аз Раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, идораҳо кумитаҳо, шӯъбаҳо ва дигар сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия иборат мебошанд.

**4. Хизмати давлатӣ-** шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салохияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст. Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷой ва нақши мақоми давлатӣ дар низоми мақомоти давлатӣ, амали намудани вазифа ва функсияҳои давлат, татбиқи салоҳияти мақомоти давлатӣ, хусусияти ваколати ман-

сабҳои мушаххас ва аҳамияти онҳо дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим мешаванд. **Хизматчии давлатии сиёсӣ** - хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад. **Хизматчии давлатии маъмурӣ** - хизматчии давлатӣ, ки ӯҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амали намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст.

Ба низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

1) **Хизмати давлатии шаҳрвандӣ,** ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ аз хизмати давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ иборат мебошад ва тибқи қонун ба амал бароварда мешавад.

2) **Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,** фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумхурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида мешавад.

3) **Хизмати давлатии ҳарбӣ**, фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад.

Самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи хизмати давлатӣ Президенти ҶТ дар асоси мақсаду вазифаҳо ва принсипҳои асосии фаъолияти муассисаи хизмати давлатӣ, таъмини кори самарабахши ҳамаи мақомоти давлатӣ мувофиқи салоҳияти онҳо муайян менамояд. Хизмати давлатӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи маъмурӣ ин маҷмӯи меъёрҳое мебошанд, ки онҳо муносибатҳои ҷамъиятии сиёсию ҳуқуқиро танзим менамоянд.

Ба хизмати давлатии сиёсӣ қабул шудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Ба хизмати давлатии маъмурӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 18 расидаанд, ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд, метавонанд қабул шаванд.

**Шакл ва усулҳои маъмури** ҳуқуқ**ии амалисозии ҳокимияти иҷроия** Шаклҳои маъмури ҳуқуқи гуфта ифодаи берунии зоҳиршавии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳоро дар идоракунии давлатӣ меноманд, ки барои амалисозии вазифа, салоҳият, ва ваколат ҳокимияти иҷроия равона карда шудааст. Шакли маъмури ҳуқуқи ифодаи объективии меъёрҳои ҳуқуқӣ барои амалисози намудани ҳокимияти иҷроия дар доираи идоракунии давлати мебошад. Шаклҳои маъмури ҳуқуқи ба ду намуд тақсим карда мешаванд: 1) шакли ҳуқуқӣ 2) шакли ғайриҳуқуқӣ

Шакли ҳуқуқӣ гуфта шакле фаҳмида мешаванд, ки дар натиҷаи содири фаъолияти идоракуни оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён меорад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ шаклҳои ҳуқуқиро ба 3 намуд тақсимбанди мекунанд.

1) Ҳуқуқэҷодкунӣ - ин муайянкунии қоидаҳои рафтор чун шакли маъмури ҳуқуқие, ки дар доираи он меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд.

2) ҳуқуқтадбиққкунӣ- ин механизми мураккаби идоракунии давлати мебошад, ки ҷараёни идоркунии давлати ба он нигаронида шудааст.

3)Маънкунӣ тавассути фаъолияти дахлдор бо қабули санади идоракуни, рафтор, амал ва фаъолиятеро маън мекунад.

Шакли ғайриҳуқуқӣ - ин фаъолияти ташкили мебошад, ки тавассути он фаъолияти иҷрокунандагӣ таъмин карда мешавад. (мисол: таъмин бо воситаҳои техникӣ ҳисоботҳо додан ва ғ). Шакли ғайриҳуқуқӣ фаъолияти дохилиташкилии мақомот мебошад.

Санади идоракунӣ - ин шакли ифодаёбии иродаи мақомоти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳо дар идоракунии давлати мебошад, ки хусусияти яктарафа дошта барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ва қатъ гардонидани муносибатҳои идоракуни равона карда шуда ҳадафи амалисозии ҳокимияти иҷроияро доро мебошад. Санадҳои идоракунӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

1) шакли асосии амалисозии ҳокимияти иҷроия мебошад;

2) тарзи ҳуқуқии ҳаллуфасли масъалаҳои идори мебошад;

3) шакли ифодаёбии иродаи мақомоти давлати доир ба амалисозии ваколатҳои онҳо мебошад;

4) санади ҳуқуқии идоракуни хислати зерқонуни доранд;

5) дар низоми санадҳои ҳуқуқӣ ҷои хоси иерархиро доро мебошанд;

6) шакли махсуси ҳуҷҷати хидматӣ мебошанд;

7) бо риоя намудани қоидаҳои махсус (расмиёти маъмурӣ) қабул, тағйир ва бекор карда мешаванд;

8) санадҳои маъмурӣ санадҳои дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ (мисол: қарори Маҷлиси Олӣ, қарори суд)-ро бекор ё тағйир дода наметавонанд.

**Усулҳои маъмури ҳуқуқӣ.** Дар баробари шаклҳои маъмури ҳуқуқи дар ҷараёни татбиқ ва амалисозии ҳокимияти иҷроия усулҳои идоракуни нақши ҳалкунанда доранд. Ҷараёни идоракуни интиҳои худро дар мақсаднок равонакунии таъсири субъект ба обекти идоракуни меёбад.

Усули идоракуни ин роҳ ва тарзи таъсиррасонии бевоситаи мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори он ба обекти идорашаванда дар идоракунии давлати фаҳмида мешавад.

Барои усулҳои идоракунӣ чунин хусусиятҳо хосанд:

1) Онҳо дар ҷараёни идоракунии давлати амали мешавад, ки ба самти фаъолияти мақомоти иҷроия алоқаманданд.

2) Онҳо аз ҷониби субектони ҳокимияти иҷроия ба сифати омили амалисози фаъолияташон истифода мешаванд, ки аз ваколати онҳо бармеояд.

3) Усулҳои идоракуни дар шакли ҳуқуқи ифода меёбанд, ки ба онҳо характери ҳатмигиро медиҳад.

4) Усулҳои идоракуни ифодаи худро дар санадҳои меъёрии идоракунӣ меёбанд.

Усулҳои маъмури ҳуқуқӣ ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

1) аз рӯи истифода ваколатҳои ҳокимияти ба усули боваркунонӣ ва маҷбурсозӣ.

2) аз рӯи тарзи таъсиррасонӣ ба, усулҳои маъмурӣ ва ққтисодӣ.

3) аз рӯи дараҷаи таъсиррасонӣ ба усулҳои танзим, роҳбарӣ ва идоракунии бевосита.

Дар байни усулҳои маъмури ҳуқуқӣ ҷои асосиро маҷбурсозии маъмурӣ мегирад. Маҷбурсозии маъмурӣ намуди махсуси маҷбурсозии давлати мебошад, ки хусусияти ҳуқуқӣ дошта аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдор татбиқ карда мешавад. Маҷбурсозии маъмуриро вобаста ба мақсад ва роҳи таъминнамои он ба объекте, ки муносибатҳои ҷамъиятиро вайрон кардааст ба 2 гурӯҳ тақсим мешавад:

1) Огоҳсозии маъмурӣ (контрол ва тафтишҳои назоратӣ, азназаргузаронии шахсӣ, тафтиши ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи шахсият, ҷори кардани карантин ва ғайра).

2) Чораҳои пешгирии маъмурӣ (таъсиррасонии бевоситаи ҷисмонӣ, истифодаи воситаҳои махсус, дастгиркунии маъмурӣ, табобати маҷбурӣ, боздоштани фаъолияти ташкилотҳо ва ғайра).

**5. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

Мутобиқи моддаи 17 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқи ва гунаҳкоронаи, шахси воқей, мансабдор ё ҳуқуқи мебошад, ки содир намудани он тибқи кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ боиси ҷавобгарии маъмури мегардад. ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қасдан ё аз беэҳтиёти содир карда мешавад. Шахси ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шарте ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки барои риояи меъёру қоидаҳое, ки тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барояшон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст, имконият доштанаш муқаррар шуда бошад, вале ӯ барои риояи онҳо на ҳамаи чораҳоро андешидааст. Ба шахси ҳуқуқӣ таъйин кардани ҷазои маъмурӣ шахси воқеии гунаҳгорро ба сабаби ҳуқуқвайронкунии мазкур аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намекунад ва ҳамзамон ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ кашида шудани шахси воқеӣ шахси ҳуқуқиро аз ҷавобгарии маъмурӣ ба сабаби ин ҳуқуқвайронкунӣ озод намекунад.

Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дорои аломатҳои зерин аст:

1) содир шудани кирдор дар шакли амал ё беамалӣ.
2) ба ҷамъият хафнок будани кирдор.
3) зиддиҳуқуқи будани кирдор.
4) гунаҳкорона содир шудани кирдор.
5) барои ин кирдор ҷавобгарии маъмурӣ пешбини шуд бошад.

Мавҷуд набудани як аз аломатҳои таркиби дар кирдори субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ боиси аз ҷавобгари озод шудани он мегардад. Таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмури дорои чор элемент зерин мебошад: 1) объект, 2) тарафи объективӣ, 3) субъект, 4) тарафи субъективӣ.

**Объекти** умуми ҳуқуқвайронкунии маъмуриро муносибатҳои ҷамъиятии дар соҳаи идоракунии давлатӣ ки бо меъёрҳои маъмурӣ ва меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ танзим мешаванд, ташкил медиҳад. Инчунин ба сифати объекти ҳуқуқвайронкунии маъмури, шахсият ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ ва давлатӣ, моликият бехатирии ҷамъиятӣ, ва тартиботи идоракуни дохил мебошад.

**Тарафи объективӣ** ҳуқуқвайронкунии маъмуриро кирдори ҳуқуқвайронкунанда дар шакли амал ё беамалӣ, ки ба вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи равона шудааст ташкил медиҳад.

**Субъекти** ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахсони воқеӣ, шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Ба ҷавобгарии маъмурӣ шахси воқеие кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синни ӯ ба шонздаҳ расида бошад.

Шахси ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ гардидаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад. Шахси ҳуқуқӣ ҳамчунин метавонад барои кирдори (амал ё беамалии) шахси воқеие, ки дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гунаҳкор дониста шудааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, дар ҳаққи онҳо ҷазои маъмурӣ татбиқ гардад, ба шарте, ки муқаррар карда шавад, ки ин шахси воқеӣ ҳамчун намояндаи (узв, роҳбар) шахси ҳуқуқӣ кирдори ғайриқонуниро ба манфиати онҳо содир кардааст.

**Тарафи субъективии** ҳуқуқвайронкунии маъмуриро гуноҳ дар шакли қасдан ё аз беэҳтиёти содир кардан ташкил медиҳад. Мувофиқи моддаҳои 18 ва 19 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, агар шахси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содиркарда хусусияти зидди ҳуқуқӣ доштани кирдори (амал ё беамалии) худро донад, оқибати зарарноки онро пешбинӣ карда, чунин оқибатро хоҳад ё дидаю дониста ба содиршавии он роҳ дода бошад, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қасдан содиршуда эътироф мегардад.

**Адабиёт:**

1. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. – Душанбе: «Деваштич», 2007. – 404с.
2. Имомов А.И. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҶТ. – Душанбе, 2007. – 448с.
3. Административное право. Конспект лекций. / Редактор: С.А. Новиков, Е.Г. Четверникова. – М.: «Приор-издат», 2005. – 128с.
4. Административное право: Учебник /Под ред. проф Ю. М. Козлова. – М.: Юрист, 1999.- 728с.

## САМТҲОИ АСОСИИ СОҲАҲОИ САНОАТИКУНОНИИ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Ҳасанзода Ф.Ш. - н.и.и., муал.калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ДБССТ**

Ба низому тартиб даровардан дар иқтисодиёт ва дар ин замина рушд додани саноатӣ дар шароити муосир аз худ тадбирҳоеро талаб менамояд, ки онҳо бояд дорои тавсифоти қонунӣ, назоратӣ ва иҷрошавандагӣ бошанд. Онҳо асосан аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ба низом даровардани системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мусоидат намудан ба тағйирёбии шароитҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҷода, барои муҳайё гардидани муҳити созгор тадбирҳои баратараф намудани монеъаҳои батанзимдарорӣ аз ҷониби мақомоти давлативу маҳаллӣ ба миён меояд, ки он талаботи низоми муосири хоҷагидорӣ мебошад. Ҳамзамон бояд дар хотир дошт, ки мутавозинии принсипҳову омилҳои амалисозии афзалиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Аз ин лиҳоз дар сиёсати саноатӣ ҳадафҳои ноил гардидан ба хоҷагидории самараноки тамоми субъектони иқтисодӣ ба назар гирифта шуда, дар ин замина барои мусидат намудан ба рушди теникиву таҷдидсозии истеҳсолот ва баропо намудани рақобати солим, такмили ифрасохтори иҷтимоиву истеҳсолӣ ва баландбардории сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ кӯшиш ба харҷ дода шавад.

Зарурати мукаммалсозии механизмҳои ташаккулёбии сиёсати саноатӣ вобаста аз зуҳуроти макроиқтисодии мавҷудбуда ва ба вуҷудоянда ба миён омада аст. Дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба самтҳои устувор намудан ва рушд додани иқтисодиёт, ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръат қабул карда шуд. Аз ҷумла дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2019 қайд гардида аст, ки «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт». [ 1,с. 21]. Хукумати кишвар аҳамияти хосаи соҳаҳои саноатро ба инобат гирифта, мақсад гузошта аст, ки дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар ҳиссаи саноат дар ММД-ро то соли 2030 ба 22 % расонад. Аз ин лиҳоз «…зарурати ташаккул додани консепсияҳои навини рушди стратегӣ ба ҳайси афзалиятнокии сиёсати саноатии миллӣ бештар аён мегардад. Дар ин раванд талаботи сахт на танҳо ба муайян кардани самтҳои дурусти стратегӣ барои иқтисодиёти кушода вҷуд доард, балки барои усулҳои ноил гардидан

ба афзалиятҳо низ мавҷуд мебошад. Чи хеле ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад интихоби дурусти стратегияи ғизлати захираҳои миллӣ барои рушди инноватсионӣ ва устувор аҳамияти хоса дорад. Чунин стратегия дар доираи сиёсати саноатӣ муайян мегардад». [ 2, с. 21-23.]

Сиёсати саноатӣ тамоми сатҳҳои давлатӣ ва идоракуниро муттаҳид месозад ва дар ташаккулёбиву амалисозии он ҳам марказҳои идоракунандаи маҳаллӣ ва ҳам бахши хусусиву ҳам бахши давлатӣ ва соҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ иштирок менамоянд. Ҳамзамон татбиқи роҳҳои самаранок гардонидани бахшҳои гуногуни саноат ва дар ин замина такон додан ба рушди иқтисодиёти миллӣ тадбирҳои махсусро талаб мекунад. Ҳоло масъалаҳои мубрами давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳҳои такмил додани системаи саноат ва ташаккули сиёсати саноатӣ ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ дар онҳо, мавриди таҳқиқи мутахассисон ва олимони иктисоддон қарор гирифта, маҷмӯи интишороти илмӣ, ки фарогири масоили мубрами рушди саноат ва рушди инноватсиониву мутобиқгардонии он ба тартиботи технологӣ мебошанд, зиёд шуда истодаанд. Дар ин замина системаи миллии рушди соҳаҳои саноатӣ ташаккул ёфта истодаанд, ки алоқамандиҳои онро метавон чунин инъикос намуд (расми 1.)




**Расми 1.1. Сохтори системаи идоракунии рушди саноати Љумњурии Тољикистон**

Дар шароити муосир рушд ёфтани соҳаи саноат, аз ҷумла рушд он дар самти инноватсияҳо ва таҷдиди бахшҳояш яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳо ва алоқамандиҳои корхонаҳои он бояд дар ҳамрадифӣ ба фаъолияти инноватсиониашон ба ноил гардидан ба натиҷаҳои беҳтарин равона гарданд.

Дар баробари ин расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ҳама сатҳҳо ҳамҷоя бо татбиқи потенсиали инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, ба иҷрои масъалаҳои вогузошташуда ва мушаххас гардонидани ҳадафҳо диққати махсус бояд дода шавад.

Дар ин замина ҷустуҷӯи роҳҳои дурусти такмили бахши саноат талаботи асосии сиёсати саноатӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои муҳимми ба рушди соҳаҳои саноати кишвар таъсиркунанда ин ташаккули сиёсати воридотивазкунанда мебошад. Вобаста ба ташаккул додани сиёсати воридотивзкунандаи соҳаҳои саноат олимони ватанӣ ва хориҷӣ аҳамияти муҳим доштани онро бо тарзҳои гуногун ифода мекунанд. Аз ҷумла корҳои олимони ватанӣ С.Ҷ. Комилов, Ш.М. Бобошоев, М.М. Ахмедова, А.Ф. Комилов, А.М. Раҳимов, Ф.К. Шамсиев ва дигарон ба тавсияи мукаммалсозии пояи назариявӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, пояи ниҳодӣ ва дар ин замина беҳтар кардани муносибатҳои дуҷониба байни кишварҳои дуру наздик бахшида шудаанд. Масалан Ҷ.А. Алиҷонов қайд мекунад, ки «Барои беҳтар гардонидани самараи мултипликативии ба миён омада зарур аст, ки стратегияи ҳавасмандгардониии истеҳсолкунандагони ватанӣ барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молу масолеҳ коркард карда шавад. Ин ҷо гап дар бораи татбиқи стратегияи воридотивазкунанда меравад. Равишҳои назариявӣ исбот намудаанд, ки стратегияи воридотивазкунанда ба беҳтар гардидани шароитҳои тичорати берунаи кишвар мусоидат хоҳад кард». [ 3,с. 255]

**Адабиётҳо**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2019. – ш. Душанбе, 26.12. 2019.
2. Рамазанова Б.К. Стратегические направления развития промышленности региона // Региональная экономика: теория и практика. – М., 2012 - № 46. – С. 21. (21-23).
3. Алиджонов Дж.А. Импортозамещающий экономический рост в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан) / Дж.А. Алиджонов / Дисс. на соис. уч. степени док-ра экон. наук. 08.00.01. – Худжанд, 2021. –С. 255. (316 с.)


## МАРКЕТИНГ И ФИНАНСЫ В ДИСТРИБУЦИИ: КАК ДОСТИЧЬ ОПТИМАЛЬНОГО БАЛАНСА


**Худоёров Ш.Х. к.э.н., доцент кафедры мировой экономики МУТПТ**


В современном конкурентном бизнес-пространстве важность достижения оптимального баланса между маркетингом и финансами невозможно переоценить. Эти два аспекта играют ключевую роль в успешной дистрибуции продуктов и услуг. Эффективное взаимодействие между ними может не только повысить прибыльность, но и укрепить позиции компании на рынке. В данной статье мы исследуем, как правильно интегрировать маркетинг и финансы в процессе дистрибуции для достижения максимальных результатов.

Всем известен тот факт, что в своем жизненном пути все компании мира сталкиваются со многими затруднениями, которые препятствуют их развитию. Одним из путей выхода из такого положения заключается в использовании и применении принципов маркетинга и менеджмента во всех сферах своей деятельности, что, способствует эффективному развитию рыночного хозяйства.

Учитывая выше сказанное, многие ученые считали важным уделять особое внимание изучению теоретических вопросов формирования и развития различных форм маркетинговой и управленческой деятельности, во всех сферах хозяйственной жизни.

Одним из важнейших аспектов управления организаций и предприятий является управление процессом организации сбытовой деятельности, в котором важное место занимает управление цепочками поставок или каналами дистрибуции.

Современная деловая среда требует от производителей особых усилий, так как они редко продают свои товары напрямую конечным потребителям. Вместо этого, они сотрудничают с маркетинговыми посредниками, чтобы предложить свою продукцию на рынке. Эти посредники организуют каналы сбыта, связывая производителей с конечными потребителями через различных посредников [5].

Использование посреднических каналов дает компаниям несколько преимуществ. Во-первых, они расширяют возможности прогнозирования продаж, денежных потоков и прибыльности, что позволяет быстро реагировать на изменения на рынке. Во-вторых, такие каналы помогают снизить затраты компании, позволяя производителям сосредоточиться на основной деятельности и передать функции по продвижению и распространению товаров посредникам. В-третьих, маркетинговые посредники обеспечивают удобство и доступность для покупателей, упрощая процесс приобретения товаров.

В современных условиях развития экономики и своевременное удовлетворение нужд населения невозможно представить без участия с маркетинговой деятельностью.

В эпоху глобализации и острой конкуренции любое управление и развитие столкнутся с недостатками, если оно не будет связано с интересом маркетинга к товарным ценностям [7]. Поэтому одной из основных задач маркетологов и производителей товаров является эффективное распространение товаров на целевых рынках.

Недостаточно уделенное внимание со стороны производителей товаров к каналам дистрибуции, может привести не только к дополнительным финансовым затратам, но и может негативно отразится на процесс реализации товаров и возникновении проблем с его реализации, что в свою очередь требует непосредственного взаимоотношения в данном направлении, а также поддержание долгосрочного сотрудничества с ними имеют первостепенное значение.

Изучение и выявление текущих проблем в дистрибьюторских каналах распределения товаров и услуг являются важными задачами. Эффективная система распределения способствует не только развитию стран, но и сокращению дополнительных расходов. Поэтому необходимо придавать особое значение этой области и стремиться к оптимальному функционированию дистрибьюторских каналов, чтобы достичь взаимовыгодного и стабильного сотрудничества.

Идею комплекса маркетинга впервые предложил Нил Борден. С его точки зрения комплекс маркетинга должна включить в себе следующие элементы: производства продукта, цена на продукт, место и его продвижения с учетом маркетинговых исследований. Разделит комплекс маркетинга на 4-х основных элементов такие как: место, продвижения, продукт и цена была идея Э. Дж. Маккарти. Кроме того, комплекс маркетинга включает и другие факторы, например: «упаковку, связи с общественностью, а также роль людей и господства на рынке» [4].

Система распространения, или дистрибуция, является важным инструментом маркетинга. Она включает разнообразные операции, которые обеспечивают передачу товаров потребителям по определенным маршрутам, включая оптовые представительства, брокерские операции и посредничество. Система распространения играет важную роль в доставке товаров до конечных потребителей.

Маркетинговый канал - это маршрут, по которому товар переходит от производителя к потребителю. Во время маршрута канала сбыта происходит передача права собственности на продукт.

Канали дистрибуции - «…структуры, соединяющие внутренние подразделения организации-производителя с потребителями, в том числе с участием внешних оптовых и розничных торговцев, через которых осуществляется продажа продукции и услуг» [2].

Предпринимательские фирмы активно используют свои деловые сети для привлечения рискованных инвесторов и компаний. Успешные компании, получив финансовые ресурсы, находят в реальных инвесторах и компаниях каналы продвижения и финансовой поддержки. Венчурные инвесторы с обширными связями могут порекомендовать предпринимательскую компанию своему банку или коллегам.

Члены деловых сетей выполняют роль посредников и бизнес-институтов между производителями и потребителями товаров [6].

Они предоставляют различные услуги и осуществляют действия, связанные с покупкой, продажей и распределением товаров [1].

Реформирование и регулирование этой сети имеют важное значение для достижения экономического баланса, а также повышения производства и потребления.

Выбор каналов распределения и участников зависит от типа рынка и других факторов, влияющих на распределение товаров. Этот выбор имеет важное значения для стратегии компаний. Также необходимо учитывать процесс принятия решений о каналах сбыта на разных уровнях организации.

В связи с этим можно различать три основных стратегии распространения товаров. К первому можно отнести стратегию распространения интенсивного характера, обычно она применяется только для товаров с низкой стоимостью и большим потребительским спросом.

Целью всех производственных компаний является налаживание системы сбыта, увеличение своей клиентской базы с помощью увеличения числа посредников и эффективного использования этой стратегии. Вторая стратегия распределения это эксклюзивная, к нему можно отнести реализацию дорогостоящих и престижных товаров, где производители передают распределение товаров небольшому числу посредников, способных обеспечить высокие затраты и прибыль. Это дает производителям больший контроль над распределением и установкой цен на свою продукцию или услуги. Обычно это стратегия более прибыльно за минусом ограниченного охвата рынка. Третьей стратегией является выборочное распределение, к нему можно отнести, товары предварительного выбора, то есть, к особенным достоинствам этой стратегии входит качество и объем распределения с учетом квалификации и компетенции обслуживающего персонала.

Для промышленных товаров часто применяется выборочная стратегия распределения, которая включает выбор посредников с широким географическим охватом, надежных и ответственных за распространение товаров.

Члены маркетингового канала выполняют несколько основных задач. Во-первых, они занимаются сбором и распространением информации, связанной с маркетинговыми исследованиями о клиентах, конкурентах и других факторах, влияющих на рынок. Это помогает предоставить данные о клиентах, анализировать конкурентов и оценить маркетинговую среду.

Во-вторых, они ответственны за проведение предварительной рекламы, включая разработку и распространение привлекательных сообщений. Это помогает привлечь внимание покупателей к продукции и создать потребность в ней.

Кроме того, члены маркетингового канала занимаются переговорами, оформлением заказов, обеспечением финансовых ресурсов, принятием рисков, управлением физической собственностью, оплатой и защитой прав собственности. Все эти задачи выполняются для обеспечения эффективного функционирования канала распределения и достижения маркетинговых целей компании.

При разработке маркетинговой системы следует учитывать потребности клиентов, определить цели и оценить параметры сети. Проектирование распределительной сети включает несколько этапов: исследование потребностей клиентов, выбор подходящей сети с планировочными целями, анализ существующих сетей и повышение гибкости, а также повышения гибкости распределительных сетей.

Учитывая вышесказанное следует отметит, что роль маркетинга в дистрибуции очень велика и можно смело утверждать что маркетинг является мостом между продуктов и потенциальными покупателями. Он включает в себя:

1. Анализ рынка: Оценка потребностей и предпочтений целевой аудитории позволяет сформировать предложения, которые действительно интересуют потребителей.
2. Позиционирование продукта: Создание уникального предложения, которое выделяет продукт на фоне конкурентов.
3. Рекламные стратегии: Планирование кампаний с целью максимизации охвата целевой аудитории и привлечения клиентов.
4. Управление брендом: Формирование положительного имиджа компании и лояльности клиентов.

Все эти компоненты требуют значительных ресурсов и стратегического планирования, что делает маркетинг неотъемлемой частью процесса дистрибуции.

Относительно роль финансов в дистрибуции можно отметить, что финансы и финансовое управление является основой стабильности и эффективности дистрибуционных процессов. Так как важнейшие функции финансов включают следующие:

1. Бюджетирование: Определение лимитов затрат на различные маркетинговые и дистрибуционные мероприятия.
2. Анализ рентабельности: Оценка, насколько каждая инвестиция в маркетинг или дистрибуцию оправдывается доходами, которые она приносит.
3. Управление запасами: Определение оптимального уровня запасов для удовлетворения спроса с минимальными издержками.
4. Финансовые прогнозы: Подготовка перспективных оценок доходов от продаж, которые помогают в планировании расходов и инвестиций.

Таким образом, финансовая сторона позволяет установить рамки, в которых маркетинг должен действовать для достижения наилучших результатов.

Достижение оптимального баланса между маркетингом и финансами возможно через несколько ключевых подходов:

1. Совместное планирование: Маркетологи и финансовые аналитики должны работать в рамках одной команды для разработки стратегий, которые учитывают как рыночные условия, так и финансовые возможности.
2. Анализ рентабельности: Подход, основанный на возврат инвестиций, способствует эффективному распределению бюджета между различными каналами дистрибуции, что позволяет максимизировать доход.
3. Управление запасами: Важно использовать данные о спросе, полученные от маркетинга, для оптимизации запасов и предотвращения излишних затрат.
Омӯзиши моҳияти иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳибкории хурду миёна имкон медиҳад, ки робитаи байни мафҳумҳои соҳибкорӣ дар бахши кишоварзӣ таҳлил карда шавад, ки он ҳамчун фаъолияте ҳисобида мешавад, ки дар он корхонаҳои хурди кишоварзӣ ва шахсони воқеӣ соҳибкороне мебошанд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки он таърихан дар соҳаи хоҷагии қишлоқ пайдо шудааст. Махз майлу хоҳиши конеъ гардондани эхтиёчоти худ, алалхусус ба озуқаворӣ ва либос сабаби ба вуҷуд омадани муносибатҳо гардид, гарчанде ки онҳо ба мафҳуми гирифтани фоида ва даромади шахси асос надоштанд. Бо дарназардошти нуқтаи назари муаллифони гуногун, ки меъёрҳои таснифоти фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи андоза дар мафҳумҳо ва системаҳои институтсионалӣ мушаххасанд, мо чунин нуқтаро риоя мекунем: фаъолияти соҳибкорӣ ба хурд ё миёна тааллуқ дорад; соҳибкории ҳаҷман, ба меъёрҳои таснифи субъектҳои дар як кишвари мушаххас татбиқшавандаи соҳибкории хурд ва миёна агар мувофиқат кунад.


**Руйхати адабиёт**

1. Артхашастра или наука политики / пер. с санскрита. М.: Издательство АН СССР, 1959. С. 32.
2. Бартенев С.А. История экономических учений. М.: Юристъ, 2001. С. 32.
3. Комилов С. Дж., Забиров Н.Х. Предпринимательство: вопросы, развития и государственного регулирования. - Душанбе, 2004. - С.5.
4. Комилов С.Д. Азбука бизнеса. - Душанбе: «Диловар-ДДМТ», 1999. - С.9.
5. Низамова Т.Д. Как начинать свое дело? – Душанбе, 2004. - С.18.
6. Шодиев К.Қ. Организационно-экономические основы развития малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве республики таджикистан / монография Душанбе «Ирфон» 2021 С. 22.


## ИҚТИСОДИ САБЗ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ РУШДИ УСТУВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тоиров М.И. - Омузгори калони кафедараи молия ДБССТ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола доир ба “иқтисоди сабз” ҳамчун соҳаи афзалиятнок таъкид намуданд, ки ҷиҳати таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсолгардидаи кишвар зарур аст, ки корхонаҳои ватанӣ барои гирифтани сертификати «истеҳсоли сабз» аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ чораҷӯӣ намоянд. Дар робита ба ин, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки ҷиҳати дар дохили кишвар ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

**Иқтисоди сабз** - иқтисодиётест, ки барои нигоҳ доштани некӯаҳволии ҷомеа тавассути истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, инчунин таъмини баргардонидани маҳсулоти ниҳоӣ ба давраи истеҳсолот равона шудааст. Пеш аз ҳама, «Иқтисоди сабз» ба истифодаи иқтисодии ин захираҳое, ки ҳоло ба талафи (маъданӣ - нафту газ ва ангишт) дахл доранд ва истифодаи оқилонаи захираҳои бетараф ба назар мерасанд. Дар маркази иқтисоди сабз – ин технологияи тоза ё сабз ба ҳисоб меравад. Тибқи иттилои коршиносон, рушди «Иқтисоди сабз» ба кишварҳои ҷаҳон имкон медиҳад, ки буҳрони экологие, ки аллакай бисёре аз кишварҳои оламро фаро гирифтааст то андозае паст намояд.[1-с2]

Иқтисодиёти сабз ба мавзӯи асосии мубоҳиса барои дигар форумҳои муҳими байналхалқии сатҳи баланд дар оянда наздик мешавад. Ҳамин тариқ, масъалаҳои рушди "сабз" ҳамчун стратегияи рушди устувори минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором, махсусан истифодаи оқилонаи захираҳо, коҳиши карбон ва рушди устувори шаҳрҳо самтҳои калидӣ ба шумор меравад.
Дар даҳаи дуюми асри 21 Форумҳои зиёди дорои хусусияти байналмилалӣ оид ба масъалаҳои иқтисоди сабз ва стратегияи рушди фарогир гузаронида шуданд. Аммо, чунон ки муҳаққиқон дуруст қайд мекунанд, "баъди он, ки на дар сиёсати давлатҳои иштироккунандаи ин форумҳо ва на дар татбиқи идеяи нақши асосии принсипи "зарар нарасонед" тағироти муҳим ба амал наомадааст. табиат» ва аз хама мухимаш табиати худи инсон».
Ин ҳам ба ҷузъҳои экологӣ ва ҳам иҷтимоии консепсия дахл дорад. Афзоиши потенсиали табий ва инкишофи мувозинати иклим дар сайёра чандин миллиард сол боз давом дорад. Дар тӯли якчанд ҳазорсолаҳо қисман марги экосистемаҳо ба назар мерасанд, хисороти аз ҳама вазнин дар сад соли охир расонида шудааст. Барои барқарор кардани мувозинат ва потенсиали экосистема беш аз як миллион сол лозим аст. Аз ин рӯ, барои тамаддуни муосир мушкилоти асосӣ бояд мушкилоти экологӣ ҳисобида шавад.[3-с5]
Бо гуфтани ин, табиист, ки ғояи рушди устувор, ки бо консепсияи «иқтисоди сабз» мукаммал шудааст, метавон як парадигмаи стратегии муосир арзёбӣ кард, ки татбиқи онро дар тамоми сатҳҳои иқтисодиёт тақозо мекунад. Рушди устувор ва аз ҷиҳати экологӣ масъулиятнокии иқтисод танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳам дар асосҳои илмӣ ва ҳам стратегияҳои муосири тиҷорат тағйирот ворид карда шавад.
Илова бар ин, аз нуқтаи назари мушкилоти асосӣ, ки дар назди тамаддуни муосир истодаанд, консепсияи рушди устувори сабзро фарогир дар ҷустуҷӯи моделҳои муносиби рушди муосири иҷтимой-иқтисодӣ ягона роҳи қобили қабул донистан мумкин
Аломати иқтисоди «сабз» муроҷиати мақомоти давлатӣ ба фаъолият дар самти истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ мебошад. Арзиш

пасттаринро Олмон, Ҷопон, Австрия тавсиф мекунанд. Шиддати энергетикии ММД-и Россия аз руи маълумотхои оморӣ, назар ба дараҷаи миёнаи чахонӣ такрибан 2,5 баробар ва назар ба бисёр мамлакатхои дигар 2,5-3,5 баробар зиёд аст.

***Омили муқоисавии «Браун» - «Иқтисоди сабз»***

1. **Самтҳои афзалиятнок.** Иқтисодиёте, ки ба истеъмоли беназорати васеъи захираҳои табий бе барқарорсозии онҳо, ба истеҳсолот бо партовҳои фаъол ва ифлосшавӣ асос ёфтааст, ба истиснои иҷтимой. Иқтисодиёте, ки ба истеъмоли оқилона ва шаклҳои истеҳсолӣ, корхонаҳо ва бозорҳо «сабз», инфрасохтори устувор асос ёфтааст. Ислоҳоти «сабз» андоз ва буҷет, сармоягузории сармояи табий ва нишондиҳандаҳои самаранокии экологӣ.[2-с2]
2. **Нархбандӣ.** Аксарияти равандҳо ғайриқонунӣ, дукарата баҳисобгирии муҳосибӣ бо расман ифшои ҳадди ақали нишондиҳандаҳои имконпазири даромад, музди меҳнат, андозҳои пардохтшуда. Рад кардани субсидияҳои бесамар, баҳодиҳии сарватҳои табий бо пули нақд ва ситонидани андозҳо аз ашёе, ки ба муҳити зист зарар мерасонанд.
3. **Конунгузории андоз**. Паст шудани даромаднокии истехсолот аз сабаби зарурати мукофотхои ичтимоие, ки нороҳатиро ҷуброн мекунанд, ҷаримаҳо барои таназзули муҳити зист. Ислоҳоти низомҳои андозбандии «сабз», ки аз андози меҳнат ба андоз аз ифлосшавӣ гузаштанро дар назар дорад.
4. **Барномаи сармоягузорӣ**. Сармоягузориҳои мақсаднок дар солҳои охир ба истеҳсоли энергияи табий, амволи ғайриманқул ва дастгирии фаъолонаи бозорҳои молиявии спекулятсия равона карда шудаанд. Сармоягузории давлатӣ ба инфрасохтори устувор

(аз ҷумла нақлиёти ҷамъиятӣ, энергияи барқароршаванда, биноҳои каммасраф) ва сармояи табиӣ

5. **Ҷузъи иҷтимоӣ**. Тағйироти глобалии системаи аҳолинишин ва афзоиши беназорати урбанизатсияро фаъолона ҳавасманд мекунад. Шумораи аз ҳад зиёд ифлосшавӣ ва сифати пасти хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва маишӣ ба саломатӣ ва сифати зиндагӣ таъсири манфӣ мерасонад.

6. **Дастгирии давлатӣ**. Бо сабаби набудани таҷриба дар татбиқи лоиҳаҳои «сабз» ва фаҳмидани он, ки кадом воситаҳо дар воқеияти кунунии иқтисодӣ самараноканду кадомашон не, метавонанд ҳангоми ҷудо намудани маблағҳои мустақими буҷетӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои «сабз» мушкилот ба миён оянд. Дастгирии мақсадноки давлатӣ оид ба таҳқиқот ва корҳои лоиҳакашӣ вобаста ба ташкили технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, дастгирии истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ҳамин тавр истифодаи васеи манбаҳои таҷдидшавандаи энергияи сабз ба рушди иқтисодву иҷтимоии тамоми кишварҳо ва ташакули иқтисоди сабз дар онҳо мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


**1**. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 23 декабри 2023 с. www.prezident.tj

**2**. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 декабри 2022с. www.prezident.tj

3.Сомонаи Вазорати саноат ва техналогияҳои нави Ҷумхурии Тоҷикистон.


## РАВИШҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ РУШДИ БОСУБОТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Мизробов С.С.**


Ислоҳоти иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, бо таҷдиди куллии иҷтисоди миллӣ ва бевосита бо ташаккули сохторҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, маҳз гуногунрангии шаклҳои моликият шарти ҳатмӣ ва зарурии рушди минбаъдаи иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳалли масъалаи мазкур бевосита бо рушди босуботи фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот алоқаманд аст.

Рушди босуботи деҳот яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Барои ноил шудан ба он солҳои охир маҷмӯи воситаҳои сиёсати давлатӣ оид ба рушди устувори деҳот ташаккул ёфт аз ҷумла таҳия ва тасдиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба рушди устувори деҳот ҳалли мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологиро бо нигоҳ доштани захираҳои табиӣ ва иқтидори таърихию фарҳангии деҳотро таъмин менамояд. Дар баробари ин, аз сабаби он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои бузурги табиию экологиро доро мебошад барои таъмини устувор тараккӣ додани дехот тадбирхои ободонии дехот дар дар сатҳи давлатӣ бояд бо барномаҳо ва лоиҳаҳои маҳаллӣ барои рушди муттаҳид ва устувор пурра карда шаванд. хочагии кишлок ва дехот, ки ба бехтар намудани шароити зиндагонии дехот нигаронида шудааст.

Минтақаҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои нерӯи тавонои иқтисодӣ, табиӣ, демографӣ, экологӣ ва маънавию ахлоқӣ мебошанд, дар рушди кишвар нақши муҳим мебозанд. Рушди устувори онҳо яке аз самтҳои асосии стратегӣ мебошад, ки ҳадафҳои сиёсати муосири Тоҷикистон, шарти таъмини амнияти озуқавории кишвар,

баланд бардоштани рақобатпазирии комплекси агросаноатии мамлакат ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон таъсири муассир дорад.

Роҳи инновасионии рушди деҳоти кишвари мо, ки дар «Консепсияи идоркунии маҳаллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» пешбинӣ шудааст, бозбинии муфассал ва нақши хоҷагии деҳотро дар татбиқи дигаргуншавии стратегӣ ва иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин амнияти озуқаворecherии давлат тақозо мекунад[4].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои деҳот дорои иқтидори муҳими табиӣ ва иқтисодӣ мебошанд. Аммо, ба ин нигоҳ накарда мушкилотҳое ҷой доранд, ки дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ ва демографии деҳот ва гузариши он ба рушди устувор монеа эҷод мекунад.

Бояд қайд кард, ки ҳалли мушкилоти рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат бо рушди деҳот алоқамандӣ дорад. Дар кишвари мо дар давоми даҳсолаҳои зиёд роҳи асосии рушди деҳот ин соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Мо дар боби якуми рисолаи мазкур таҳқиқот гузаронида муайян кардем, ки дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди соҳибкории кишоварзӣ, инчунин соҳибкориро дар соҳаҳои дигаре чун хизматрасонӣ, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ташкил ва рушд додан мумкин аст. Соҳибкорӣ дар деҳот ҷустуҷӯи сарчашмаҳои хусусии худрушдкуниро талаб мекунад, ки муҳимтарини онҳо истифодаи самараноки замин, захираҳои меҳнатӣ ва ташаккул додани корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи саноат ва хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад.

Рушди соҳибкорӣ дар деҳот дар шароити Тоҷикистон бо ташаккули муносибатҳои бозорӣ, инчунин тағйироти муҳими фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир алоқаманд аст.

Ба соҳибкории хурд дар деҳот, ташкилотҳои тиҷоратие, ки гирифтани даромадро ба сифати мақсади асосии фаъолияти худ, дар шакли иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ ва ҷамъиятҳо, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва мунитсипиалӣ қарор медиҳанд, дохил мешаванд[ 2, с.156].

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот дар шароити муосир барои ҳалли масъалаҳои бартарафнамоии сатҳи бекорӣ ва рушди устувори даромади пулии аҳолии деҳот мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, ба рушди соҳибкорӣ дар деҳот дастгири давлатӣ таъсири муҳим мегузорад.

Дар бораи сатҳу сифати инкишофи ҳаёти аҳолӣ ва иқтисодиёти ҳар як давлат аз рӯи ҳолати рушди деҳот баҳо додан мумкин аст. Дар деҳот, замин, об, ҷангал ва дигар захираҳои табиӣ, сарчашмаҳо ва омилҳои фаъолияти иҷтимоию иқтисодии одамон ба ҳисоб меравапнд[1].

Айни замон омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот ва ҷустуҷӯи дурнамои эҳтимолии рушди он ногузир буда, таҳлили амиқи сотсиологиро талаб мекунад, ки дар он муносибатҳо ба соҳибкорӣ дар деҳот бо ҳама гуна шаклҳои дигари соҳибкорӣ мувофиқат хоҳанд кард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир мушкилоти рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот, ки барои аксарияти минтақаҳои кишвар муносибанд, аҳамияти хоса касб кардааст. Мушкилоти мазкур, пеш аз ҳама, афзоиши сатҳи бекорӣ, нокифоя будани музди меҳнат, тавсеаи камбизоатӣ дар деҳот ва ғайраро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи кор муҳоҷирати (куч бастани) аҳолии деҳот ба шаҳрҳои Тоҷикистон зиёд шуда истодааст. Мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ дар соли 2022 аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6802,3 ҳазор нафар мебошад, ки 73,7% -и умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Тамоюли афзоиши аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳрҳо зиёд аст. Агар соли 2022 нисбат ба соли 2012 аҳолии шаҳрҳо 420,8 ҳазор нафар (21,1%) зиёд шуда бошад, аҳолии деҳот дар ҳамин давра 1 280,0 ҳазор нафар (23,1%) зиёд шудааст[3]. Соли 2012 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 21,3 ҳазор ва соли 2022 -

32,5 ҳазор нафар нафар аҳолӣ ба шаҳрҳо кӯч бастаанд, ки дар ин давра шумора кучбастагон 11,2 ҳазор нафар зиёд аст. Шумораи умумии бекорони бақайдгирифташуда дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 -31812 нафар ва дар соли 2022 -34838 нафарро ташкил дод[6], ки сатҳи бекорӣ дар деҳоти мамлакат ба 3026 нафар зиёд шудааст. Сатҳи бекорӣ дар шаҳрҳо бошад соли 2012 -16333 нафар ва дар соли 2022 бошад 14149 нафарро ташкил дод, ки сатҳи бекорӣ дар шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2204 нафар кам шудааст[7].

Дар робита ба ин, барои ҳалли масъалаҳои номбурда, ки барои бисёр кишварҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои мутараққӣ низ хосанд, таҳияи тадбирҳои таъсири иқтисодии мақомоти идоракунӣ дар сатҳҳои гуногун ниҳоят муҳим аст. Аз ҷумла, диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот – рушди навъҳои фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ, хизматрасонӣ ва дар ин замина тавсеаи шуғл ва афзоиши даромади аҳолии деҳот метавонад истифода шавад.

Ислоҳоти иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, бо таҷдиди куллии иҷтисоди миллӣ ва бевосита бо ташаккули сохторҳои нави соҳибкорӣ алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, маҳз гуногунрангии шаклҳои моликият шарти ҳатмӣ ва зарурии рушди минбаъдаи иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад[8, с. 76]. Ҳалли масъалаи мазкур бевосита бо рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот алоқаманд аст.

Таҳияи чорабиниҳо оид ба ҳалли мушкилоти мазкур бояд дар доираи «Консепсияи идоракунии рушди маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» амалӣ намуда рушди устувори минтақаҳои деҳотро ба ҳайси сохтори таркибии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат муайян кардааст. Дар навбати худ, дар рушди устувори минтақаҳои деҳот дар консепсияи мазкур «рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, афзоиши шумораи корхонаҳои хурд дар деҳот, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ноил шудан ба шуғли доимии аҳолии деҳот ва афзоиш ёфтани сатҳи зиндагии шоистаи онҳо» фаҳмида мешавад.

Айни замон дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (вазни қиёсии аҳолии ғайришаҳрӣ) аз се ду ҳиссаи майдони кишварро ташкил менамояд, ки дар он ҷо 6802,3 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Ҳиссаи аҳолии деҳот 73,8%-и шумораи умумии аҳолии кишварро ташкил медиҳад. (ҷадвали.1.2.1).

**Ҷадвали 1.2.1**

**Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар деҳоти Ҷумиҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар солҳои 2012-2022***

| Минтақаҳо / Нишон-диҳандаҳо | Вилояти Суғд | | Вилояти Хатлон | | ВМКБ | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2022** | **2012** | **2022** | **2012** | **2022** | **2012** | **2022** |
| Ҳудуд (ҳаз. $м^2$) | 25,2 | 25,2 | 24,7 | 24,7 | 62,9 | 62,9 | 28,6 | 28,6 |
| Шумораи аҳолӣ (ҳаз. наф, аз ҷумла: | 2222,8 | 2682,8 | 2658,4 | 3311,6 | 205,7 | 227,9 | 1711,2 | 2143,0 |
| Аҳолии шаҳрӣ | 554,8 | 633,2 | 461,5 | 595,2 | 28,0 | 30,4 | 231,5 | 274,1 |
| Аҳолии деҳот | 1668,0 | 2022,6 | 2196,9 | 2716,3 | 177,7 | 197,5 | 1479,7 | 1868,9 |
| Зиччи аҳолӣ (ба ҳар 1 $км^2$/нафар аҳолӣ) | 93,2 | 107,4 | 115,1 | 135,6 | 3,3 | 3,6 | 64,1 | 76,0 |
| Миқдори Ноҳияҳо | 14 | 14 | 24 | 24 | 7 | 7 | 13 | 13 |
| Ҷамоатҳои деҳот (шумора) | 91 | 93 | 129 | 133 | 41 | 43 | 100 | 101 |
| Корхонаҳои хурду миёна, (шумора) аз ҷумла: | 742 | 1070 | 85 | 204 | 6 | 18 | 352 | 790 |
| Дар соҳаи хизматрасонӣ | 510 | 893 | 60 | 187 | 4 | 12 | 283 | 610 |
| Дар соҳаи истеҳсолот | 232 | 177 | 25 | 17 | 2 | 6 | 69 | 180 |
| Музди меҳнати миёна (со-монӣ) | 331,26 | 1012,97 | 300,00 | 843,39 | 349,7 | 917,03 | 105,17 | 968,7 |

***Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин ҳисоб карда шудааст - Маҷмӯаи омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2016 .- С. 180-182225-230. Минтақаҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон. Ҳисоботи оморӣ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2022 .- С. 10-14; 18-24; 29-34; Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳисоботи оморӣ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2022 . - С. 27-28.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1.2.1. нишон медиҳад, ки вазни қиёсии аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳрӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ як хела нестанд, он дар ВМКБ 86,6%, вилояти Суғд 75,2%, вилояти Хатлон 81,8%, НТҶ 87,1% - ро ташкил медиҳад. Омили асосие, ки дар байни аҳолии деҳот ва шаҳр фарқияти зиёд ба назар мерасад, ин ҳолат аз вазъи молиявии ҳар як оила вобаста аст, яъне сатҳи некӯаҳволии оила ҳамон қадар беҳтар бошад, ӯ дар шаҳр, агар не, дар деҳот низ метавонад зиндагӣ мекунад. Аз ин рӯ, мо бояд ҳарчи бештар фаъолияти соҳибкориро дар деҳот рушд диҳем, то ин ки сатҳи зиндагии аҳолӣ афзун шавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, барои рафъи ҳолати бухронии воқеъӣ, ки ба косташавии низоми муносибатҳои истеҳсолии байни соҳибкорон ва мақомоти маҳаллӣ оварда расонидааст, зарур мешуморем, ки дар деҳот ҳадалимкон марказҳои иқтисодӣ ҳаргуна сохтори соҳибкорӣ таъсис дода шаванд. Онҳо ба рушди иқтидорҳои истеҳсолии фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот мусоидат мекунанд. Соҳибкорӣ дар деҳот ба ташаккули фаъолияти самарабахши меҳнатӣ на танҳо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ таъсири калон мерасонад, балки он ба фаъолияти меҳнатии коргарони корхонаҳои коркард ва нақлиёт, кормандони соҳаҳои тиҷорат ва иҷтимоӣ, раисони деҳа, аъзои оилаи онҳо ва ғайраро дар бар мегирад.

Бинобар ин, фароҳам овардани шароит барои рушд ва рақобатпазирии соҳибкорӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ, таъмини тавсеаи такрористеҳсолкунии маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз рушди устувори шароити ташкилию иқтисодӣ ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот вобаста аст. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар манотиқи деҳот пеш аз ҳама аз тартиби ташкилию ҳуқуқӣ ва муайян намудани намудҳо ва самтҳои фаъолияти онҳо (кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ) вобаста аст, мақомотҳои дахлдори давлатӣ бо қабули қарорҳои муайян метавонанд вазъи ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро дар деҳот ба танзим дароранд. Вобаста ба ин масъала, дар зербоби 1.3. оид ба асосҳои институсионалии фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зарурӣ дода шудааст.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки соҳибкорӣ дар манотиқи деҳот барои рушди иқтисоди миллӣ, ба суръатбахшии пешрафти илмӣ-техникӣ, таъмин намудани бозорҳои маҳаллӣ бо молҳои босифат, ташкили ҷойҳои нави корӣ дар деҳот ва ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии деҳот нақши муҳим доранд. Ин бахши муҳими иқтисодиёт рушди устувори низоми иҷтимоию иқтисодии давлатро таъмин менамояд, ба афзоиши ҷойҳои корӣ дар деҳот тавассути фароҳам овардани шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ, ки ба баланд шудани сатҳи некуаҳволии мардуми деҳот оварда мерасонад, мусоидат мекунад. Илова бар ин, рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар манотиқи деҳот ба рушди фазои рақобатнок, таъмини истеъмолкунандагон бо молу маҳсулот, сатҳи баланди хизматрасониҳои нав ба нав ва дар маҷмӯъ рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат хоҳад кард.

**Адабиёт**


1. Агаларова Е.Г. Малый бизнес как основной фактор устойчивого развития сельских территорий. Научный журнал КубГАУ, №77(03), 2012 год// [Электронный ресурс]. – Режим доступа: cyberleninka.ru/article. (дата обращения 21.04.2022 г.).
2. Борисов С.В., Е.И. Исследование особенностей и организации малого и среднего предпринимательства в сельской местности. / Е.И. Роговский, С.В. Борисов // Вестник Алтайского государственного аграрного университета №2 (136) 2016 - С.164.
3. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе 2022с, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - С. 27.
4. Консепсияи идоракунии рушди маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №1107 аз 11 июли соли 2015). // [Захираи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view (Санаи мурочиат 24.07.2022 с).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 марти соли 2007 № 241 // [Захираи электронӣ]-Тарзи

дастрасӣ:http://base.mmk.tj/view (Санаи мурочиат 22.02.2022с.).
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе 2016с, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - С. 35-36.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе 2022с, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - С. 100-101.

# МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**Мизробов С.С. н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандӣ**
**Ҷонмуҳамадзода С.С. магистри курси 1 ихтисоси 1-25010403-“Андоз ва андозбандӣ”**

Дар шароити рушди босуботи иқтисодиёт фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, ҳифзи соҳаҳои гуногуни иҷтимоиёт, таъмини маоши кормандони давлатӣ ва таъмини даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҷамъоварии андозҳо вобастагӣ дорад. Барои афзудани самаранокӣ ва беҳтар намудани сифати ҷамъоварии андозҳо масъалаи аввалиндараҷа танзим ва идоракунии андоз ва пайваста паст намудани гаронии он аст. Дар робита ба ин, муҳимияти ҳалли масоили баланд бардоштани самаранокии танзими андоз дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Татбиқи имтиёзҳои андоз коҳиши даромади андози давлатро ба вуҷуд меорад, аммо давлат ҳавасмандгардонии андозро бо назардошти афзоиши оиндаи заминаи андоз тавассути рушди иқтисодӣ танзим менамояд. Дар ин ҳолат хавфҳои бесамар будани имтиёзҳои андозӣ, ки аз ба даст наовардан ё нагирифтани ҳаҷми иловагии даромади андози буҷет иборат аст, метавонад дар натиҷаи ҳавасмандкунии андоз зоҳир мешаванд. Ин хатарҳо натиҷаи иҷро накардани вазифаҳои худ бо имтиёзҳои андоз мебошанд.

Иқтисодиёти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар рафти таҳаввулоти тамаддуни инсонӣ шаклу методҳои сершумори танзими давлатии иқтисодиёт вуҷуд дорад. Қайд кардан зарур аст, ки механизмҳои дар амалия корбастшавандаи сиёсати иқтисодӣ ё маҳсули коркарди афкори мактабҳои алоҳидаи иқтисодӣ таҷрибаи даҳ ва садсолаи мамлакатҳои алоҳидаи ҷаҳон буданд. Вале дар байни шаклу методҳои сершумори таъсири давлатӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагии миллӣ дар давлатҳои дорои иқтисоди бозории гуногун, махсусан баъди буҳрони “таназзули бузург”, ба механизмҳои фискалӣ, яъне танзими андозию буҷетӣ нақши махсус ҷудо шуда буд. Ин механизм вобаста аз махсусияти хоҷагидорӣ дар мамлакати алоҳида алҳол низ дар ин ё он шакл бомуваффақият истифода мешавад.

Танзими андоз дар асарҳои муаллифони гуногун ҳамчун воситаи нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ аз замони Ҷ.М. Кейнс сарчашма мегирад. Дар марҳилаи таназзул давлат бояд бори андози корхонаҳоро сабук гардонида ба онҳо имконияти фаъолияти самаранокро кафолат диҳад[5,С.65]. Дар амалияи муқарраршуда маҳз дар марҳилаи болоравӣ воситаҳои танзими андоз самараи бештар медиҳанд. Пинто О. якчанд нашрияҳо дорад, ки ба мушкилоти андозбандӣ ҳамчун ҷузъи танзими зиддисикликӣ бахшида шудаанд. Пинто О. аз ҷумла қайд менамояд, ки бисёр кишварҳо системаи захиравии сармояро барои мақсадҳои сиёсати иқтисодӣ, масалан, ҳавасмандгардонии баъзе бахшҳои иқтисодиёт дар давраи таназзул истифода мебаранд [14,С.8].

Ба ақидаи Оутсу В, «натиҷаи рақобати андоз метавонад тамоюл ба сатҳи камсамари истеҳсолоти хидматрасонии маҳаллӣ бошад. Бо кӯшиши паст нигоҳ доштани андозҳо барои ҷалби сармоягузории тиҷорат, ҳукуматҳои маҳаллӣ метавонанд хароҷотро аз сатҳе нигоҳ доранд, ки фоидаҳои ниҳоӣ ба хароҷоти ниҳоӣ баробар мешаванд, махсусан барои он барномаҳое, ки мустақиман ба тиҷорати маҳаллӣ фоида намеоранд»[5,С.65]. Якита А. дар тадқиқоти худ оид ба натиҷаҳои

кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати рақобати андоз ба хулосае меояд, ки «...паст кардани андозҳо метавонад таносуби сармоя ва меҳнатро дар кишвар аз ҳисоби кам кардани харҷи сармоя зиёд кунад, вале дар дарозмуддат дар шароити муайян таносуби сармоя ва меҳнатро низ паст карда метавонад»[13,С.265]. Фикру мулоҳизаҳои дар боло овардаи муаллифон аҳамияти проблемаро тасдиқ мекунанд ин тадқиқотҳо танзими андозии муқарраршударо муайян менамоянд.

Паун Д. дар таҳқиқоти худ дар бораи омилҳои рақобати андози кишварҳо ва нақши он дар ММД, алоқамандии пайвастаи пардохтҳои андоз ва маҳсулот умумии дохилиро ошкор кард, инчунин аҳамияти меъёрҳои андоз аз мавқеи ҷалби сармоягузорӣ ва моделҳои математикии таъсири онро ба иқтисодиёт таҳия кардааст [14]

Дар мақолаи Погорлецкий А.И. ва Кешнер М.В. танзими андозӣ ҳамчун асосҳои назариявӣ-методологӣ таҳқиқ карда мешаванд, ки ҷанбаҳои ҷуғрофӣ ва амалии андозбандии ғайримустақими фаромарзӣ амалиёти тиҷорати электронӣ, аз ҷумла ҳам муомилот бо молҳои воқеӣ ва ҳам бо мазмуни рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ байён гардидааст[5, С. 72].

Олими дигар Батаев И. Т. чунин мешуморад: «...системаи андоз ва татбиқи тадбирҳои сиёсати андоз аз хизматрасониҳои электронӣ ва технологияҳои автоматикунонидашудаи иттилоотӣ фаъолона истифода мебаранд, аз ҷумла танзими андозро дар маҷмӯъ ва татбиқи вазифаҳои хидматрасонӣ ва назоратии мақомоти андоз муайян менамояд». [1, С.79].

Дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ муаллифон қайд менамоянд, ки назорати андоз аз ҷониби мақомоти андоз метавонад якчанд намуди хизматрасониҳоро ба соҳибкорон ва шахсони алоҳида пешниҳод намоянд.

Ба ақидаи олими дигар Т.Д. Садовская «...нақши маъмуриятҳои муосири андоз ба куллӣ тағйир меёбад, онҳо ба платформаҳои рақамӣ табдил меёбанд, ки на танҳо фаъолияти назоратӣ бомуваффақият анҷом медиҳанд, ҳам ба мақомот, ҳам ба шаҳрвандон ва ҳам ба соҳибкорон маълумот медиҳанд, балки ба ҳукумат дар назорати фаврии вазъи иқтисодӣ кӯмак мерасонанд»[5, С. 75].

Аз нуқтаи назари олими ватанӣ Солехзода А.М. «...дар раванди рақамикунонӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тағйири механизми маъмурияти андозро муайян мекунад, табдили рақамии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва ташаккули муҳити мусоиди андоз барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба технологияҳои рақамӣ мебошад» [6,С.154].

Яблокова Д. Ю., чунин мешуморад, ки «бехатарии амнияти иттилоотии андоз ин системаи тадбирҳоест,ки саривақт ва пурра ворид шудани пардохтҳои андозро ба буҷет дар шароити таъсири хавфҳои дохилӣ ва беруна дар муносибати андозсупоранда бо мақомоти андоз дар шакли рақамӣ таъмин менамояд» [12, С.19].

Татбиқи технологияҳои имрӯза ва коркарди маълумот ҳам барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва тавсеаи қобилият бо мақсади ҳамгироии он ба системаи глобалии хоҷагидорӣ ва ҳам барои баланд бардоштани самаранокии пойгоҳи идоракунии давлатӣ дар ҳама сатҳҳои ҳокимият, ба бахшҳои мунисипалӣ ва ғайридавлатии иқтисодиёт аҳамияти асосӣ дорад.

Мушкилоти танзими андоз дар шароити рақамикунонӣ ҳамчун омили афзоиши самаранокии иқтисодиёт барои бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа хеле муҳим боқӣ мемонанд.

Бо назардошти вобастагии сатҳи инкишофи иқтисодӣ ҷиҳати мусоидат ба рушди соҳибкорӣ, имконоти андозбандӣ ба вусъат бахшидани равандҳои сармоягузорӣ масоили бехтар ва содда гардонидани низоми андозбандӣ ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Танзими андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ислоҳоти соҳаи андоз ва такмили система андозбандӣ амалӣ карда мешавад. Рушди иқтисоди рақамӣ ба мақомоти андоз имкон дод, ки ба марҳилаи нави рушд, ки бештар ба хидматрасонӣ такя мекунад ва вазифаҳое, ки имконияти беҳтар кардани муносибатҳои байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон ба танзим медарорад мусоидат наояд[2,С.98]. Дар робита ба ин Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андозсупорандагон хидматҳои электронии худро дар вебсайти расмӣ пешниҳод менамояд.

Бешубҳа, самаранокии низоми танзими андоз яке аз шартҳои асосии воридоти пурра ва саривақтии андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет буда, зарурати беҳтар намудани он дар шароити муосир аҳамияти хоссаро ба худ касб менамояд. Зеро, такмили минбаъдаи танзими андоз қабл аз ҳама, ба афзоиши сатҳи ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳо, ҳатдалимкон аз иқтисодиёти пинҳонӣ баровардани соҳибкорӣ, коҳиши хароҷоти андозсупорандагон ҳангоми иҷрои ӯҳдадории андоз, баландшавии сифати назорати давлатӣ ба даромадҳо оварда мерасонад.

Бо дарназардошти ин, ба самарабахшии маъмурикунонии андоз аз рӯи сатҳи ҷамъоварии андозҳо баҳо дода, ба назар гирифта мешавад, ки сатҳи воридоти пардохтҳои андозӣ ва таъмини саривақтии онҳо ба буҷети давлат ҳамчун нишондиҳандаи асосии сифати низоми маъмурикунонии андоз арзёбӣ мегардад.

Ин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи ислоҳот дар мақомоти андоз, аз ҷумла дар қисмати хизматрасониҳои наве, ки дар Кодекси андози нав пешбинӣ шудаанд, дар доираи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020- 2025 ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораандешӣ карда мешаванд, ки ин бо истифодаи таҷрибаи низоми андози мамлакатҳои тараққикарда бо назардошти хусусиятҳои хоси кишвари мо таҳия шудааст.

Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 майи соли 2019 ва дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (аз 26 январи 2021) баён доштанд, вазорату идораҳои дахлдор муваззаф гардиданд, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани фазои муносиби андозбандӣ барои ҷалби сармоягузориҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин таҳкими иқтидори саноативу содиротии кишвар ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ Кодекси андоз дар таҳрири навро таҳия намоянд.

Дар Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои муосири ҳамкории шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ бо сохторҳои мақомоти андоз, ки имконияти пешниҳоди маълумотро барои интихоби зиёди хизматрасониҳо ба андозсупорандагонро фароҳам меоварад, пешбинӣ гардидааст. Инчунин дар Кодекси андози нав усулҳои гуногуни таъмини иҷрои уҳдадории андоз аз ҷониби андозсупорандагон ҷорӣ гардида, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ имконияти бо усулҳои замонатдиҳӣ ва кафолати бонкӣ таъмин намудани уҳдадориҳои андозро пайдо менамоянд[7].

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба тақвияти рақамикунонии иқтисодиёт ва бештар намудани хизматрасониҳои электронӣ равона гардидааст, яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодиёт баҳисоб меравад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки заминаи барномавии хизматрасониҳои электронӣ, дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд буда, мақомот дорои барномаи махсуси компютерии “Системаи муттаҳидаи иттилоотии

идоракунии андоз”, ки иборат аз 40 адад модул мебошад, хизматрасониҳои мухталифи электрониро амалӣ намуда истодааст[7].

Дар шароити муосир мақомоти андоз якчанд хизматрасониҳои электрониро аз ҷумла бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидор, додани рақами мушаххаси андозсупоранда, бақайдгирии супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, бақайдгирии мошинҳои назоратӣ - хазинавӣ, баҳисобгирии иҷрои уҳдадориҳои андозсупорандагон (пешбурди ҳисобварақа, тартиб додани санади муқоисавӣ, таҳияи ҳисобот), пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз, таҳияи ҳисобнома – фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда ба таври электронӣ анҷом медиҳад.

Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, сарфаи вақти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ хизматрасонии электронӣ (эквайрингӣ) оид ба пардохти андозҳо ва боҷи давлатиро ҷорӣ намуда дар амалия тадбиқ намудааст. Бо истифода аз хизматрасонии электронӣ (эквайрингӣ) ҳамаи шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор имконият доранд ба нуқтаҳои хизматрасонии бонкӣ ҳозир нашуда, маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ба буҷет пардохт намоянд[7].

Имрӯзҳо дар мақомоти андоз системаҳои иттилоотӣ амал мекунанд ва инкишоф меебанд, ки барои автоматикунонии тамоми расмиёти андоз ва хидматҳо барои таъмини ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин барои самаранок коркард ва нигоҳ доштани маълумоти андоз пешбинӣ шудаанд.

Таъсири мусоиди табдили рақамикунонӣ ба иқтисодиёт дар назар дорад маъмурияти андоз усулҳо ва воситаҳои навро барои ҳамкории самаранок бо андозсупорандагон пайдо мекунад. Ташаккули механизми муассири тавлиди даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ бо назардошти истифодаи технологияҳои рақамӣ барои ҳаҷм ва сохтори мутавозини хароҷоти давлатӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодӣ, суботи истеҳсолот ва беҳбуди некӯаҳволӣ аҳолӣ зарур аст. Ин усулҳо парадигмаи назорати анъанавии андозро тағйир медиҳанд ва таҷрибаи бисёр кишварҳо ин далелро тасдиқ мекунанд. Яке аз вазифаҳои асосии фаъолияти андоз имрӯз вазифаи хизматрасонист, ки хусусияти назорат ва маъмурияти андозро тағйир додааст. Чунин усулу воситаҳо ҳамкории онлайнии андозсупорандагон ва мақомоти андозро дар бар мегиранд, ки вектори рушди таъмини натиҷаҳои кори назорат мебошанд. Дар саросари ҷаҳон мақомоти андоз ба андозсупорандагон бо мақсади ҳамкории ихтиёрӣ бо субъектҳои андоз бо истифода аз хизматрасониҳои таъиншуда хизматрасониҳои электрониро пешниҳод мекунанд, амалиёти андозӣ ба таври қулай анҷом дода мешавад ва барои ҳарду тараф сарфа карда мешавад.

Дар соҳаи андози мамлакат гирифтани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, ба таври электронӣ кушодани суратҳисоби бонкӣ, дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ва ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, азназаргузаронии ҳисобот, тартиб додани санади муқоисавӣ, ҳисобкунаки андоз, барномаи мобилии «Андози ман», пардохти андозҳо тавассути кортҳои бонкӣ, тақвими андоз, тафтиши ҳуҷҷатҳо тариқи электронӣ, ба ҳисоб гирифтани воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ ва дигар хизматрасониҳо ҷорӣ гардидаанд. Бо истифода аз чунин хизматрасонӣ кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон метавонанд вазифаю уҳдадориҳояшонро шаффоф, ба таври фаврӣ, дақиқ ва бе сарфи зиёди вақт анҷом диҳанд[7].

Рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати молиявии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, аз ҷумла  сиёсати давлатии андоз вобаста аст. Буҷети давлатӣ дар системаи молиявии ҷумҳурӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, ба нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии мамлакат таъсири калон мерасонад.

Рушди соҳибкорӣ, такмили дониши иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон, таъмини пурра, сифатнок ва барзиёди қисми даромади буҷети давлатӣ, ки вобаста ба талаботи афзояндаи эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳои таъминоти давлатӣ бо афзоиш муқаррар карда мешавад, тақозо менамояд, ки кормандони мақомоти андоз дониши касбияшонро пайваста дар самти рақамикунонии иқтисодиёт такмил диҳанд.

Инчунин бояд усулҳои замонавии корбариро дар асоси технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ истифода намуд, фаъолиятро дар асоси қонунгузорӣ бояд ба роҳ монд, дар доираи рушди рақамикунонии соҳа, истифодаи дуруст ва самараноки Низоми муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва модулҳои компютериро ҳам аз ҷониби кормандони соҳаи андоз ва ҳам андозсупорандагон таъмин ва дар иҷрои уҳдадориҳои хизматию мансабӣ масъулияти бештарро бояд эҳсос намуд. Ин технологияҳои мошинҳои назоратию назоратӣ ба интернет пайваст шуда, маълумотро бе ташрифи нозири андоз ба мақомоти андоз интиқол медиҳанд.

**Список литературы**


1. Батаев, И.Т. Сервисная и контрольная функция налогового администрирования в системе цифрового взаимодействия государства и экономических субъектов. дис… канд. экон. наук.08.00.10, Грозный 2020. –184с. – С .79.
2. Джумабоев, Х. К., Маъмуров А. М. Собираемость налогов как показатель налогового контроля на региональном уровне//Финансово-экономический вестник. -№4 (28). -2021. -С. 91-101.
3. Давлеткиреева, Л.З. Теория и практика применения информационных систем в налоговой сфере: Учеб. пос. ч. 1. 2-е изд. Москва, 2012. Изд-во ФЛИНТА, - 77с. – С.11.
4. Касирова Ф. Д. Основы автоматизации системы налогообложения // Таджикистан и современный мир №2(74) 2021, – С.214-223.
5. Касирова Ф.Д. Развитие процессов цифровизации налогового администрирование в Республике Таджикистан//дисс... канд. экон. наук по специальности: 08.00.07 – Финансы, денежное обращение и кредит. Душанбе 2022–178с.
6. Солехзода, А.М. Особенности построения системы налогового администрирования в Республике Таджикистан // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2018. – № 7 – С. 153–159.
7. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://andoz.tj/docs/ozmun/AssistentProekt_RUS.pdf
8. Трофимова Т.И. Фискальная политика: Учеб.-метод. пособие. – Иркутск: ИГЭА, 2001. – 53 с.
9. Цифровизация — передовой способ налогового администрирования. Народная газета. Печатный орган Правительства Республики Таджикистан. URL: http://www.narodnaya.tj/index. дата обращения 15.03.2024.
10. Хушаев, Ю.И. Налоговая система в условиях перехода к рыночным отношениям: На материалах Республики Таджикистан: автор. дис. …канд. экон. наук. 08.00.01 – Душанбе, 2002. – 150 с. – С .3.
11. Янченко Е.В. Налоговое регулирование как фактор конкурентоспособности в условиях цифровизации экономики // Вопросы инновационной экономики. – 2021. – Том 11. – № 2. – С. 537-552.
12. Яблоков Д.Ю. Обеспечение безопасности процедур в системе электронного налогового администрирования // Финансы и управления. – 2018. - № 3. - С.19 – 27.
13. Yakita A. Effects of capital taxation on economies with different demographic changes: short term versus long term // Journal of Population Economics. – 2014. – № 1. – p. 257 273. – doi: 10.1007/s00148-013-0480-x.
14. Pinto O.M. Tax Factors affecting International Competitiveness: Canada vs. United States Perspective // International Journal of Business. – 2016. – № 12. – p. 1-10.


## УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТИИ АҲОЛИ ДАР БАХШИ СОХТМОН

**Рустамов Р.У. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Бахши сохтмон вобаста ба шумораи одамоне, ки дар раванди истеҳсолот иштирок мекунанд, алъон яке аз соҳаҳои нисбатан пуриқтидор ва миқёсан калон ба шумор меравад. Вазъияти кадрҳо дар ин соҳа, дар назари аввал хушбин ба назар мерасад: мутахассисони бинокори дорои ихтисос ва дараҷаи маълумоташон гуногун хеле зиёданд, ки ба интихоби дастаи дуруст барои татбиқи лоиҳаҳои мавҷуда душворӣ намеорад. Аммо ин вазифа ба осонӣ ҳал намешавад, зеро захираҳои мехнатӣ пурра

истифода бурда намешаванд. Ин вазъиятро қисман бо он маънидод мекунанд, ки мутахассисони навкор то ҳол барои азхуд кардани таҷрибаи кофии амалӣ вакт надоштанд, ки дар натиҷа нарасидани кадрҳои ихтисоснок ба амал меояд. Аз ин ҷост, ки бисьёр корхонаҳо бо роҳи ҷалби коргарони синну соли пеш аз нафақа ва нафақахӯрон, ки мавқеъ ва нақши худро дар сохтори раванди истеҳсолот возеҳ дарк мекунанд, масъаларо ҳал карданӣ мешаванд. Низоми идоракунии кадрҳои корхонаҳои сохтмон бояд ба хусусиятҳои бахши сохтмон мувофиқ бошад. Хусусиятҳои асосии сохтмон, ки ба раванди кадрҳо ва идоракунии истеҳсолот таъсир мерасонанд, аз инҳо иборатанд: – ягонагии аксарияти куллии объектҳои сохтмонӣ, ки зарурати тартиб додани ҳуҷҷатҳои нави лоиҳакашӣ ва истифодаи усулҳои нави ташкилию техникиро муайян мекунад; – навъҳои гуногуни корҳои сохтмонӣ; – вобастагии кисми зиёди кор аз шароити обу ҳаво; - давомнокии назарраси сохтмон. Хусусиятҳои дигари ширкатҳои сохтмонӣ дар ҷадвали я оварда шудаанд.

**Ҷадвалти 1.**

**Ҳусусиятхои асосии бахши сохтмон вобаста ба истифодаи нерӯи кадрӣ дар он**

| т/р | Хусусиятҳо | Шарҳи шусусиятҳо |
|---|---|---|
| 1. | Давомноки и мунтазами корҳо | – давомнокии мӯҳлати зиёди лоиҳаҳои сохтмонӣ арзёбии самаранокии иқтисодии қарорҳои ташкилӣ, техникӣ ва идоракунии қабулшударо душвор мегардонад; |
| 2. | танаффусҳо и объективӣ | – дар дохили ташкилотҳои бинокорӣ мавҷуд будани танаффусҳои калони объективии сабабнок дар рафти иҷрои кори ташкилотҳои махсуси бинокорӣ ё гуруҳҳои алохидаи махсусгардонидашуда, ки дар натиҷаи ба охир расидани сохтмони объект дар умум ё анҷом додани баъзе намудҳои кор ба амал омадааст; |
| 3. | давраи ҳаётии маҳсулоти сохтмонӣ | – давраи тӯлонии ҳаётии маҳсулоти сохтмонӣ (бештар аз 100 сол) дар якҷоягӣ бо зарурати таъмини бехатарии истифодаи объектҳои сохтмонӣ дар давоми тамоми давра; |
| 4. | Вобастагӣ ба дараҷаи тахассуси кадрҳо | – дараҷаи тахассуси кадрҳои роҳбарикунанда (дар марҳилаи омодасозӣ ва ба амал баровардан) ва истехсолӣ (дар рафти корҳои сохтмону монтаж) ба бехатарии кори минбаъдаи объекти сохтмон таъсири калон мерасонад; |
| 5. | Мураккаби и фаъолият | – татбиқи бисёрмарҳалавии сохтмон, шумораи зиёди иштирокчиён бо раванди мураккаби ташкили муомилоти ҳуҷҷатҳо, ки боиси душвории муайян кардани мавзӯъ ва дараҷаи масъулият барои қабули қарорҳои норавшан ё бардурӯғ мегардад; |
| 6. | Варогирии васеъ | – парокандагии ҳудудии маъмурияти ширкати сохтмонӣ ва истеҳсолот: идораи ширкати сохтмонӣ дар макони доимӣ ҷойгир аст, дар сурате, ки корҳои сохтмонӣ дар ҷойҳои гуногун, минтақаҳо, баъзан ҳатто мамлакатҳои дигар иҷро мешаванд. |

Олими рус, Булат Р.Е. дар таҳқиқоти худ ба хулосае меояд, ки сохтори кадрҳои истеҳсолии сохтмон дар бисёр ҳолатҳо ба таври стихиявӣ ташаккул меёбад, эҳтиёҷоти шумораи коргарон барои иҷрои корҳои ёрирасон бо меъёрҳои дахлдор асоснок карда намешавад, низоми оперативии нормакунонии меҳнат барои коргарони муваққатӣ ба қадри кифоя татбиқ намешавад Ин омил ба дараҷаи ҳосилнокии меҳнат дар ташкилотҳои бинокорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тавр, низоми идоракунии кадрҳои ширкатҳои сохтмонӣ бояд бо назардошти хусусиятҳои муайяншудаи соҳа таҳия шавад. Ба ин низом се субъекти

идоракунии кадрҳои ширкатҳои сохтмонӣ – роҳбари ширкат, хадамоти идоракунии кадрҳо, сардори ҳудудӣ, мудири бахш, сардори шуъба дохил мешавад. Ҳайти кадрҳои корхона захираи асосии он ҳисобида мешавад. Агар фаъолияти кадрҳо ботартиб ва босифат ба роҳ монда нашавад, ин таъмини корхонаро бо дигар намуди захираҳо, аз ҷумла бо захираҳои молиявӣ ба сифр баробар мекунад.

Яке аз мушкилоти умдаи ширкатҳои сохтмонӣ дар шароити ҳозира ин таъмини сифати дахлдори корҳои сохтмону васлгарӣ мебошад, ки барои ташкилотҳои бинокорӣ таъмини кадрҳои зарурииро тақозо мекунад. Инчунин, мушкилоти идоракунии кадрҳо дар ширкатҳои сохтмонӣ инҳо мебошанд: усулҳои маҳдуди баҳодиҳии кадрҳо; паҳн намудани таҷрибаи муваққатан ба кор кабул кардани коргарон; паст шудани дараҷаи маърифияти касбии бинокор.

Тағйироти доимии муҳити беруна марҳилаҳо ва вазифаҳои идоракуниро аз ҳам ҷудо мекунанд. Дар шароити муосир омилҳои номуайянӣ бо чунин нуктаҳо зоҳир мешаванд: номутобиқатӣ байни иттилооти идоракунӣ ва ҳолати воқеии корҳо дар муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот, пешгӯии мураккаби натиҷаҳои раванди идоракунӣ, дақиқ муайян карда натавонистани он, таъсири падидаҳои алоҳида ба натиҷаҳои мусбат ё манфии фаъолияти ташкилот. Самти муҳимтарини такмили идоракунии ташкилот дар шароити номуайянӣ дар муҳити беруна ин истифодаи салоҳиятнок ва самараноки усулҳои идоракунии иқтидори меҳнатӣ мебошад.

Масъалаи усулҳои хоҷагидорӣ борҳо дар асарҳои олимони гуногун мавриди баррасӣ карор гирифтааст, вале дар робита ба муҳити доимо тагйирёбандаи беруна халли навро тақозо мекунад. Ин аз он сабаб аст, ки идоракунии ташкилотҳо дар низоми иқтисодии бозор назар ба низоми мутамарказ мушкилтар аст. Шаклҳои моликият тағйир ёфта, ҳуқуқу уҳдадориҳои ташкилотҳо васеъ мешаванд, мақсадхои нав ба миён меоянд, ки тартиб додан ва ҳал кардани онҳо вазифаи худи ширкатҳо мегардад, ноустуворӣ дар муҳити берунии фаъолияти ташкилотҳо ба вуҷуд меояд, робитаҳои нави иқтисодӣ ба танзим дароварда мешаванд. Ин зарурияти баррасии амиқи моҳият ва мазмуни усулҳои хоҷагидориро тақозо мекунад. Усулҳои идоракунӣ - роҳҳои татбиқи таъсири идоракунӣ ба кормандон барои ноил шудан ба ҳадафҳои идоракунии истеҳсолот мебошанд.

**Адабиёт**


1. Бликян Х.М., Морозова О.А.Управление персоналом в строительной отрасли.
2. Егоршин А.П. Управление персоналом. – Н.Новгород, 2001. – 549 с.
3. Рустамов Р.У. Иқтидори меҳнатии аҳолӣ: баъзе ҷанбаҳои назариявӣ/ Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо (маҷаллаи байналмилалии илмӣ) ДБССТ – Душанбе: ДБССТ, 2024. №1. – С. 233-237
4. Рустамов Р.У., Имомов М.Қ., Хидиралиев Р. Ҷанбаҳои методӣ ва рушди омилҳои иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар шароити бозор / Паёми Донишгоҳии миллии Тоҷикистон. ISSN-2413-5151 №9, соли 2024- саҳ: 133-140


## САЙЁҲӢ СОҲАИ МУҲИМИ ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Исмоилов Ҷ.Қ. – устоди калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи ДБССТ.**


Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Доир ба макони беҳтарини сайру сайёҳат будани Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, боду ҳаво, манзараҳои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу одат анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру сайёҳат мебошад». Мафҳуми сайёҳӣ аз забони фаронсавӣ «tourism» tor – сайру гашт, гирифта шудааст. Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Сайёҳӣ” [2]

мафҳуми сайёҳӣ ин тавр шарҳ дода шудааст: “Сайёҳӣ – шуғле, ки низоми ташкилии усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, саломатӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути сайёҳӣ (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад”.

Соҳаи сайёҳӣ ва ҷаҳонгардӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфта, боиси он мегардад, ки ҳамасола ҳузури сайёҳони хориҷиро дар қаламрави Тоҷикистон бештар гардонад. Бояд қайд намуд, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ мебошад. Ин имконият фароҳам намудааст, ки Тоҷикистон ва минтақаҳои таърихиву фарҳангӣ ва сайёҳии он дар китоби харитаи сайёҳии ҷаҳон ворид гардад ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ин ҳама минтақаҳои дорои аҳамияти сайёҳиву кӯҳҳои баланду обҳои мусаффо ва сокинони меҳмоннавозу башардӯсташ ҷаҳониён бишиносанд ва бо ин далел сайёҳону рӯзноманигорон дар ҳар ҷойи ҷаҳон ба Тоҷикистон сафар кунанд ва барои васоити ахбори оммаи кишварҳои худ хабару гузориш ва маълумотҳои хубу диданиро ҳадя баранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 26-уми январи соли 2021 хеле хуб қайд кардаанд.[1]: «Имрӯз соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои пешбарандаи иқтисодиёт ва бо суръати баланд рушдёбанда ба ҳисоб меравад. Бо дарки мавқеи ин соҳа иқтисодӣ миллии мо рушди соҳаи сайёҳиро яке аз самтҳои афзалиятнок муайян карда, солҳои 2019-2021-ро “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардуми» эълон намудем”.

Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ҳар ду бо ҳам тавъаманд, зеро яке дигареро пур мекунад. Ҳар қадар мо ҳунарҳои мардумиро эҳё созему рушд диҳем, ҳамон андоза бо ҷалби бештари сайёҳони ватанию хориҷи комёб мешавем. Ҳоло теъдоди сайёҳоне, ки ба ҷумҳурии мо ташриф меоранд, рӯз то рӯз зиёд гашта истодааст. Пешвои муаззами миллат дар Паёми соли 2019 ба порлумони мамлакат чунин қайд намудаанд: «Соли 2019 аз шумораи умумии шуҳрвандони хориҷие, ки ба Тоҷикистон омадаанд 1 миллиону 260 ҳазор нафарашон сайёҳон буданд. Солҳои 2018-2020 дар кишварамон 145 ширкати нав иҷозатномаи фаъолият гирифта дар ин муддат 224 ширкат ба бозори сайёҳӣ ворид гардид». Бо арзиши шумораи ширкатҳои сайёҳӣ соҳаи сайҳи рушду нумӯъ ёфта, ба иқтисодиёти мамлакат фоидаи калон ворид мегардад.

Аз хароҷотҳои ҳар як сайёҳӣ ба Тоҷикистон ворид гардида, тамоми мардум баҳра мегиранд ва боиси ғани гаштани буҷаи давлат мегардад. Мувофиқи тадқиқоти гузаронидашуда аз як долларе, ки сайёҳ ба кишвар харҷ менамояд, ҳафтод фоизи он ба буҷаи давлат ворид мегардад. Аз ҳисоби соҳаи сайёҳӣ даромади кишварҳои ҷаҳон сол аз сол меафзояд. Мувофиқи иттилои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, мизони даромади кишварҳо аз ҳисоби соҳаи сайёҳӣ то охири соли 2019 дар маҷмуъ 1200 млрд долларо ташкил намудааст. Аз ин миқдор даромади солонаи Туркия аз туризм 27,7 млрд доллар, Макао 27,8 млрд доллар, Австралия 31,4 млрд доллар, Британия 36,115 млрд доллар, Тайланд 42,1 млрд долар, Италия 43,9 млрд доллар, Чин 51,7 млрд доллар, Фаронса 56,1 млрд, Испания 60,4 млрд ва Амрико 139,6 млрд доллари ИМА-ро ташкил намудааст.
Саноатикунонии босуръати мамлакат пайомадҳои зиёди мусбат дорад. Бунёди корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори он сабаби бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии мамлакат ва ба даст овардани музди меҳнати кофӣ мешавад, ки ин дар навбати худ сабаби баланд шудани некӯаҳволии шаҳрвандон мегардад.

Бо сабаби хело васеъ будани мавзӯи интихобнамуда, мақсад гузоштем, ки ин ҷо оиди аҳамияти баъзе корхонаҳои саноатие, ки барои амалӣ намудани ҳадафи чорум, яъне саноатикунонии босуръати кишвар нигаронида шудааст, каме таваққуф намоем.

26 январи соли 2021 Президенти мамлакат Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ таъкид намуданд: «Баъди ба даст даровардани соҳибистиқлолӣ сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчӣ бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва

истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона карда шуд. Дар натиҷа, танҳо дар панҷ соли охир дар дохили кишвар ба маблағи умумии беш аз 44 миллиард сомонӣ маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол карда шуд, ки боиси хеле коҳош ёфтани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ гардид». [26]

Президенти Мӯҳтарам , боз дар давом таъкид намуданд, ки «бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудем».[27]

Барои амалӣ намудани вазифаҳои ҳадафи чорум, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ, на танҳо аз ҳисоби буҷети мамлакат ва ҷалби сармояи хориҷӣ, махсусан бо ташаббуси соҳибкорони ватанӣ дастовардҳои назаррас ба даст дороварда шуд. Чуноне дар Паёми сарвари давлат таъкид гардид «Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда буд. Танҳо соли 2020-ум 300 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо зиёда аз 6500 ҷой сохта, ба истифода дода шуданд. Дар натиҷа соли гузашта шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2274 расида, тибқи ҳадафҳои муайянгардида дар ҳафт соли оянда ба зиёда аз 3500 расонида мешавад, яъне беш аз 54 фоиз афзоиш меёбад».[28]

Яъне аз қадамҳои ҷасурона дар самти саноатикунонии босуръат ин **Маҷмааи бофандагии Данғара** ба ҳисоб меравад. Ин корхона имрӯзҳо бо номи **Маҷмааи истеҳсолии «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил»** маълум аст, бузургтарин чунин корхонаи истеҳсолӣ, на танҳо дар ҳудуди ҷумҳуриамон, балки дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

Президенти мамлакат, Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳанӯз 31 августи соли 2016, ҳангоми ифтитоҳи навбати аввали маҷмаа таъкид намуданд, ки танҳо барои ба кор даровардани марҳилаи аввали ин маҷмааи истеҳсолӣ 600 млн. сомонӣ сармоягузории мустақим сурат гирифт, 600 нафар шаҳрвандони кишвар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд. Дар оянда баробари ба анҷом расидани марҳилаҳои дуюм ва сеюми корхона, дар маҷмӯъ, 6 ҳазор нафар сокинони мамлакат соҳиби ҷойи корӣ мегарданд». «Корхона дорои 3 даври пурраи коркарди пахта буда, дар он истеҳсолоти ресандагӣ бо коркарди беш аз 52 ҳазор тонна нахи пахта, бофандагӣ бо истеҳсоли зиёда аз 150 млн. метри мураббаъ матои пахтагӣ, рангуборкунии 10 ҳазор тонна ришта ва даври ниҳоӣ – дӯзандагӣ бо истеҳсоли як млн. дона маҳсулоти тайёри дӯзандагӣ пешбинӣ шудааст. [29] Яъне аз ин рақамҳо маълум мешавад, ки иқтидори танҳо фабрикаи бофандагии ин корхона зиёда аз 150 млн. метри мураббаъ матои пахтагӣ баробар будааст. Ҳол он ки соли 1991 дар тамоми корхонаҳои ҷумҳурӣ дар ҳаҷми 102422 ҳаз. м$^2$ матоъҳои пахтагӣ истеҳсол намудаанд.[30]

Бунёди марҳилаи аввали Маҷмааи истеҳсолии «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» бо иқтидори коркарди 26 ҳазор тонна нахи пахта январи соли 2015 оғоз гардида, васлу насби дастгоҳу таҷҳизоти технологӣ бо ҷалби мутахассисони ширкати «Ритер»-и Швейтсария дар коргоҳи якум, ки ҳамон рӯзи 31 августи соли 2016 ифтитоҳ гардид, бо 37 хати технологии ресандагӣ ва бо иқтидори коркарди 15 ҳазор тонна нахи пахта пурра ба анҷом расидааст. Бояд тазаккур дод, ки хатҳои технологии насбшуда, ба ҳолати имрӯз навтарин технологияҳои соҳа маҳсуб меёбанд. Маҷмааи истеҳсолӣ ифтитоҳшуда бо иқтидори пурра ба коркард фаро гирифтани пахтаи дар ҳудуди вилояти Хатлон истеҳсолшударо доро буда, дар сурати пурра ба кор даромадани коргоҳи якӯми ресандагӣ ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда дар як моҳ 900 тонна ва дар як сол 10 ҳазору 800 тоннаро ташкил дода, дар маҷмӯъ, дар як сол ба 15 ҳазор тонна ашёи хом эҳтиёҷ дорад». [31]

5 ноябри соли 2018 ифтитоҳи навбати дуюми Маҷмаи истеҳсолии Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Ҷунтай – Данғара Син Силу Текстил» ба истифода дода шуд. Барои ба

[26] Ниг.: «Минбари халқ». 2021. 27 январ. -С. 4.
[27] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[28] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[29] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2016. 31 август. -С.1.
[30] Ниг.: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2013. -Душанбе, 2013. -С. 258-259.
[31] Ниг.: «Народная газета». 2016. 5 ноябр. -С. 1.

кор андохтани навбати дуюми ин корхона сармоягузории мустақим сурат гирифта, зиёда аз 200 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд. Иқтидори истеҳсолии навбати дуюми маҷмаи истеҳсолӣ наздик ба 15 ҳазор тонна коркарди саноатии нахи пахта ва истеҳсоли 12 ҳазор тонна ришта дар 1 сол мебошад. Дар ин коргоҳ ҳам пешрафтатарин технология аз ИМА, Италия, Швейтсария, Олмон ва Чин васлу насб гардидааст. Маҳсулоти истеҳсолии маҷмаа импӯзҳо ба Чин, Туркия, Белорус ва Қазоқистон содир мешавад.[32]

Бо қарори Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмин намудани корхона бо пахтаи аълосифат қариб **15** ҳазор гектар замин ҷудо гардидааст. Бо ҳамин мақсад дар ноҳияҳои Дӯстӣ ва Дағара корхонаи пахтатозакунӣ бунёд карда шудаанд.[33]

Дар маҷмӯъ, иқтидори истеҳсолии ресандагии маҷмааи яъне, бо назардошти навбати аввал ва навбати дуюм, коркарди қариб 25 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол буда, дар он барои 530 нафар мутахассисону коргарони маҳаллӣ ҷойи кори доимӣ муҳайё гардидааст.[34]

Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маросими ифтитоҳи марҳилаи дуюми Маҷмаи номбурда, (5 ноябри соли 2018), таъкид намуданд: «Дар мамлакати мо тайи солҳои тӯлонӣ пахта ҳамчун маҳсулоти кишоварзии анъанавӣ, дар шакли ашёи хом ба хориҷи кишвар содирот карда мешуд ва бо ҳамин сабаб мо доим таъкид мекардем, ки пахтаи истеҳсолшаванда бо мақсади ба даст овардани арзиши баланди иловагӣ дар дохили кишвар то ҳадди ниҳоӣ коркард карда шавад. Бо вуҷуди он, то солҳои охир ҳамагӣ 10-12 фоизи нахи пахта дар дохили мамлакат каркард мешуд, ки ин нишондиҳанда тамоман ночиз буд. Бо дарназардошти чунин вазъ, Ҳукумати мамлакат тасмим гирифт, ки барои коркарди пурраи нахи пахта марҳила ба марҳила кластерҳои агросаноатӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ ташкил карда шавад.

Ҷамъияти «Ҷунтай – Данғара» дар ноҳияи Данғара ба сифати яке аз корхонаҳои калонтарин дар Осиёи Марказӣ маҳз бо ҳамин мақсад ва ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсол ва содироти маҳсулоти нассоҷӣ бунёд шуда истодааст».[35]

Инчунин дар суханронии Президенти мамлакат бори дигар зарурияти чунин корхонаҳои истеҳсолии ватаниро таъкид намуда, махсус қайд карданд, ки «… танҳо соли 2017 ба кишвар дар ҳаҷми қариб 700 миллион сомонӣ маҳсулоти нассоҷӣ ворид карда шудааст, ҳол он ки мо ҳар сол ашёи хоми онро дар намуди нахи пахта дар ҳаҷми 1,2 миллиард сомонӣ содирот мекунем». Ё худ «ҳафт корхонаи саноатии вилоят, ки иқтидори лоиҳавии коркарди зиёда аз 26000 тонна нахи пахтаро доранд, соли 2017 ҳамагӣ 6.500 ва соли ҷорӣ 10.000 тонна риштаи пахтагин истеҳсол кардаанд».[36] Яъне, бо сабаби нарасидани ашёи хом ин корхонаҳо то ҳадди зарурӣ фаъолият накардаанд.

Натиҷаи ҳамаи ин чорабиниҳо дар мамлакат бунёд ва ба кор даровардани корхонаи **«Фарм Тенс»** гардид. 5 ноябри соли 2018 дар ноҳияи Данғара боз корхонаи дигари истеҳсолӣ ба истифода дода шуд. Дар ин рӯз навбати аввали корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Фарм Текс» ба истифода дода шуд. Корхона аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ бунёд шуда, ба истеҳсоли маводи бастубанди тиббӣ, косметологӣ ва истифодаи гигиенаи шахсӣ машғул буда, дар маҷмӯи 13 номгӯй маҳсулот истеҳсол менамояд, ки ҳамаи ин намуд маҳсулотҳо то ҳол аз хориҷи мамлакат ворид мегардид. Хатҳои истеҳсолӣ ва дигар дастгоҳҳову таҷҳизоти корхона аз Олмон дастрасу насб гардидааст.[37]

Корхонаи «Фарм Текс» асосан, пахтаи пастсифатро коркард мекунанд ва чунин корхона дар Осиёи Марказӣ ягона мебошад. Дар марҳилаи аввал дар «Фарм Текс» 80 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб гардидаанд. Корхона бидуни партов фаъолият

[32] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2018. 5 ноябр. -С. 1.
[33] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2018. 5 ноябр. -С. 2.
[34] Ниг.: «Минбари халқ». 2017. 22 ноябр. -С. 5.
[35] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2018. 5 ноябр. -С. 1.
[36] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2018. 5 ноябр. -С. 2.
[37] Ниг.: Сафари кории Пешвои миллат ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон // «Ҷумҳурият» 2018. – 5 ноябр. -С. 1.

намуда, пасмондаҳои маҳсулот барои дӯхтани кӯрпа, кӯрпача, ҷома ва дигар номгӯйи сарулибос ба занони хонашинии соҳибҳунар тақсим карда мешаванд. Худи ҳамон рӯзи 5-ноябри ба навбати дуюми корхонаи «Фарм Текс» санги асос низ гузошта шуд. Тибқи нишондиҳандаҳои лоиҳавӣ, корхона дар оянда имкон дорад, то 3 миллион метри мураббаъ докаи тиббӣ, 10 миллион адад маҳсулоти алоҳидаи бастубандшудаи бинт, салфетка ва уребчаву маҳсулоти гигиенӣ истеҳсол намояд.[38]

**Корхонаи металлургии шахраки Истиқлол**. Ин корхонаи якҷояи Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой (Чин) дар шаҳраки Истиқлоли вилояти Суғд ба ҳисоб меравад. Ба бунёди ин корхона ҳанӯз апрели соли 2017-ум санги асос гузошта буданд. 16 ноябри соли 2017 ин корхона мавриди баҳрабардорӣ карор гирифт. Он бо харҷи 57 млн даллари америкоӣ сохта шудааст ва он калонтарин корхонаи металургӣ ба ҳисоб меравад. Корхона дар марҳилаи аввал металли сурбро истеҳсол менамояд. Ҳамон рӯз якумин сабиқаи металли сурб истехсол гардид.[39]

Иқтидори лоиҳавии корхонаи металлургӣ дар як сол 50 хазор тонна металли сурб буда, дар он 600 нафар бо кори доимӣ таъмин шудаанд. Баъди ба кор даромадани марҳилаи дуюми корхона, шумораи кормандони ин корхона афзоиш хохад ёфт. Барои корхонаи металлургӣ мутахассисон дар Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон ва ширкатҳои бонуфузи Хитой омода шуда, навтарин технологияи тавлидоти пешрафтатарини ширкатхои ҷаҳониро идора карда истодаанд. Бояд таъкид намуд, ки ихтироҷи маъдан ва истехсоли хокаҳои сурб, руҳ ва мис дар корхонаи «Зарнисор», воқеъ дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд анҷом дода шуда, аз он танҳо хокаи сурб барои коркардто ҳадди ниҳоӣ ба корхонаи навтаъсиси ин ширкат дар шаҳри Истиқлол интиқол меёбад[40].

27 январи соли 2021 маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2020 натиҷагири ва вазифаҳои асосӣ барои соли 2021 муайян шуданд. Дар он сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ҳисобот дода, аз ҷумла таъкид намуд, ки дар соли 2020 ҳаҷми маҳсулоти дохилии мамлакат ба 82,5 млрд сомонӣ расида, суръати афзоиши он 4,5 дарсадро ташкил намуд. Аз ҷумла афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 9,7 дарсад, кишоварзӣ 8,8 дарсад ва гардиши савдои хориҷӣ 0,8 дарсад, аз ҷумла содирот 19,8 дарсад мусоидат намуд.[41]

Чуноне дар ҳисоботи сарвазири ҳукумат таъкид гардид, ҷиҳати таъмини иҷрои ҳадафи чоруми миллӣ- саноаткунонии босуръати мамлакат, дар соли 2020 дар кишвар 300 корхонаю коргоҳҳои нави саноатӣ бо 6500 ҷой мавриди истифода қарор гирифтанд.[42] Аз ҳисоботи 20 январи соли 2020 пешниҳод намудаи сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ошкор мегардад, дар соли 2019 дар мамлакат 219 корхонаю коргоҳҳои нави саноатӣ, бо таъсиси 3 ҳазор ҷойи навӣ корӣ ба истифода дода шуда буд. Дар он сол (2019) шумораи корхонаҳои саноатӣ 2164 ададро ташкил намудаанд.[43] Вобаста ба татбиқи ҳадафҳои стратегии гузошташуда танҳо дар соли 2020 дар минтақахои саноатӣ ва парки технологияҳои инноватсионии шаҳри Душанбе 6 корхонаи нави саноатӣ, бо таъсиси 750 ҷои нави корӣ бунёд гардид. И гуна тадбирҳои андешашуда имконият дод, ки соли 2020 ҳаҷми истехсоли маҳсулоти саноатӣ ба 30,8 млрд сомонӣ расида, рушди он чуноне таъкид шуд, 9,7 дарсадро ташкил намуд.[44]

Чуноне дар боло таъкид шуд, дар Паёми Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олии мамлакат (26 январи соли 2021) баён гардидааст шумораи корхонаҳои саноатии кишвар дар ҳафт соли оянда бояд ба беш аз 3500 адад расонда шавад.[45] Вобаста ба ин, чуноне аз суханронии

---

[38] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[39] Ниг.: «Минбари халқ». 2017. 22 ноябр. -С. 5.
[40] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[41] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2021. 28 январ. -С. 1.
[42] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[43] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2020. 21 январ. -С. 1.
[44] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2021. 28 январ. -С. 1.
[45] Ниг.: «Минбари халқ». 2021. 27 январ. -С. 4.

сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода низ маълум мешавад, вазорати саноат ва технологияҳои нав, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вазифадор шудаанд, ки бо ҷалби бахши хусусӣ, ҳамасола дар кишвар бунёди на кам аз 200 корхонаи саноатиро таъмин намоянд. Дар ин самт барқарор кардани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда низ диққати ҷидди дода шавад.[46]

Ба андешаи олимон, дар ҷумҳурии мо беш аз 60%-и аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Мувофиқи маълумоти соли 2018, музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи ин соҳа ҳамагӣ 492,13 сомониро ташкил намудааст, ки ин 39,8% музди меҳнати миёнаи тамоми кормандони самти иқтисодии мамлакатро ташкил менамояд. «Модом, ки беш аз 60 дарсади захираҳои меҳнатӣ бо музди меҳнати нисбатан паст дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, пас, сифати иқтисодиёти мо ҳоло аграрӣ аст. Аз ин ҷост, ки саноатикунонии босуръати мамлакат ва гузариш ба зинаи индустриаливу аграрӣ, бо ҳамин васила таъмин намудани шуғли пурмаҳсул, ки ба даромади кифояи коргарон барои зиндагии шоиста мусоидат менамояд, талаботи объективӣ ва зарурии гузариш ба тамаддуни индустриалиро тақозо дорад».[47]

Пешвои миллат, муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ рӯзи 28.12.2023, бори дигар пураҳмият будани соҳаи саноатро барои кишвари мо таққид карда, иброз доштанд, ки "Соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд"[48].

Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад. Дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт[49].

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, солҳои 2022 – 2026 «Солҳои рушди саноат» эълон карда шуда буд[50].

Ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

Ҳамин тавр дастовардҳои дар самти амалӣ намудани вазифаҳои ҳадафи чорӯм – саноатикунонии босуръати мамлакат ба дастдароварда аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳз ҳамин ҳадаф дар баланд бардоштани дараҷаи зиндагии мардуми кишварамон мақоми калидиро бозида метавонад. Зеро, саноатикунонии босуръат, ин бунёди корхонаҳо бо таҷҳизотҳои навтарин, фаровон намудани маҳсулотҳои саноатии рақобатпазир, зиёд намудани ҷойҳои нави кории доимӣ ва бо маоши баланд таъмин намудани онҳо ва ғайра чораҳои заруриест барои расидан ба мақсади асосӣ – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, зиёд намудани ҳиссаи миёнаҳолон ва паст намудани ҳиссаи сафи камбизоатӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт:**


1. История таджикского народа. Т. VI. Новейшая история (1941-2010). Под ред. академика Р. Масова. - Душанбе, 2011. 686с.
2. Ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26 январи соли 2021. // «Минбари халқ». 2021. -27 январ.
3. «Минбари халқ». 2017. 22 ноябр.
4. Мирсаидов Р. Рӯ ба тамаддуни индустриалӣ // «Ҷумҳурият». 2020. 29 январ.
5. «Народная газета». 2016. 5 ноябр.


[46] Ниг.: «Ҷумҳурият». 2021. 28 январ. -С. 2.
[47] Ниг.: Мирсаидов А. Рӯ ба тамаддуни индустриалӣ // «Ҷумҳурият». 2020. 29 январ. -С.7.
[48] http://www.president.tj.
[49] http://www.president.tj.
[50] http://www.president.tj.

6. Нидоев Н. Приоритетные направления развития инвестиционных программ // «Народная газета». 2015. – 21 января.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2013. -Душанбе, 2013.
8. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. -Душанбе, 2016. - 464с
9. Сафари кории Пешвои миллат ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон // «Ҷумҳурият». 2018. – 5 ноябр.
10. Тиллоев Я. Президент: быть готовым к угрозам и вызовам! // «Народная газета». 2014. 24 декабр.
11. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ. -Душанбе, 2019. -640 саҳ.
12. «Ҷумҳурият». 2016. 31 август.
13. «Ҷумҳурият». 2018. 5 ноябр.
14. «Садои мардум». 2020. 13 феврал.
15. «Ҷумҳурият». 2020. 21 январ.
16. «Ҷумҳурият». 2020. 13 феврал.
17. «Ҷумҳурият». 2021. 28 январ.

## МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ ОСВОЕНИЯ ПОДГОТОВИТЕЛЬНЫХ УПРАЖНЕНИЙ ПЛОВЦОВ

***Нуров Р.М.*** - ассистент кафедры спорта и гражданского оборона МУТПТ

При обучении студентов плаванию применяют общеразвивающие и специальные физические упражнения для освоения на воде, подготовительные упражнения для овладения облегченными и спортивными способами плавания, простейшие прыжки в воду, игры и развлечения на воде. Специалисты считают, что обучение плаванию студентов следует начинать с брасса, однако мы рекомендуем вначале осваивать наиболее распространенные способы плавания, к которым относятся кроль на груди и кроль на спине.

Общеразвивающие и специальные упражнения выполняют на суше, в вводной части урока плавания. Их основное назначение – подготовка организма занимающихся к предстоящей нагрузке в основной части урока, содействие общему физическому развитию студентов формирование правильной осанки, развитие преимущественно тех групп мышц, которые выполняют основную работу в плавании. К числу специальных упражнений относят также имитационные упражнения, которые по форме и характеру напоминают движения пловца.

Все эти упражнения выполняют в виде комплексов, которые включают в каждое занятие. Каждый такой комплекс обычно состоит из 8 – 10 упражнений, половина из которых специальные. Комплексы могут иметь направленность, зависящую от того, какой способ плавания изучают.

Приводим комплекс общеразвивающих и специальных упражнений.

1. Ходьба и бег на месте (1 мин.).
2. Упражнения типа потягивания (4-6 раз).
3. Упражнения с наклонами и поворотами туловища (6-8 раз).
4. Упражнения в приседаниях с различными положениями рук (6-8 раз)
5. Сесть с опорой руками сзади, ноги прямые, носки оттянуты. Поднять прямые ноги и выполнить ими несколько движений в быстром темпе, как при плавании кролем (1 мин.).
6. Мельница. Из основной стойки поднять одну руку вверх. Выполнить круги руками сначала вперед, затем назад с постепенным ускорением (руки прямые).
7. Ноги на ширине плеч. Наклониться вперед, смотреть прямо перед собой, одна рука вытянута вперед, другая сзади у бедра. В этом положении круги руками вперед («мельница») (2 мин.).
8. Выполнить упражнение «мельница» с шагами, притопыванием и прыжками на месте.

Упражнения для освоения на воде. Эти упражнения помогают приучать студентов к непривычной для них среде, преодолеть чувство страха перед водой, помогают формировать элементарные навыки в движениях и действиях, которые в конечном счете обеспечи-

вают навыки плавания. К числу упражнений для освоения с водой относят простейшие движения руками, ногами и передвижения по дну, которые служат для ознакомления не умеющих плавать с сопротивлением воды; погружения для дыхания; выплывания и лежания на воде; скольжения.

1. Зайти в воду по пояс, расставить ноги на ширину плеч и делать движения руками вправо, влево, вперед, назад. Руки выпрямлены, но не напряжены. (Полоскание белья).

2. В том же исходном положении согнутыми в локтях руками делать частые гребки руками (кисти рук напряжены) в виде восьмерки. За счет частых движений руками постараться оторвать от дна ноги.

3. Стоя в воде по пояс, делать движения ногами вперед, назад, в стороны, меняя положение стопы.

4. Взяться за руки вдвоем и передвигаться в воде сначала шагом, затем бегом с поворотами направо, налево, помогая гребковыми движениями свободной руки.

5. Стоя в воде по пояс, наклониться вперед и опустить лицо в воду, погрузиться до уровня щек, глаз, с головой. В этом же положении опуститься под воду с головой и открыть глаза.

6. Упражнения в паре. Поочередно опускаться под воду, открывать глаза и считать пальцы партнера, близко поднесенные к лицу присевшего под воду.

7. Стоя в воде по грудь, нырнуть и достать со дна какой – нибудь предмет.

8. Стоя в воде по пояс, наклониться вперед, сделать вдох, опустить лицо в воду и сделать выдох через рот.

9. Стоя в воде по пояс, наклониться вперед, опустить лицо на воду, касаясь ее щекой, сделать вдох, затем повернуть лицо в воду и сделать продолжительный выдох через рот и через нос.

10. Поплавок. Сделать вдох, медленно присесть под воду, задержав дыхание, принять положение плотной группировки и в этом положении всплыть на поверхность.

11. Медуза. Сделать вдох, задержать дыхание, лечь на воду, расслабить руки и ноги и развести их в стороны.

12. Лежание на спине. Сделать вдох, задержать дыхание, спокойно лечь спиной на поверхность воды, держа руки вдоль тела.

13. Скольжение на груди. Встать лицом к берегу, поднять руки над головой и свести их ладонями вместе (голова между рук), сделать вдох, присесть и оттолкнувшись от дна ногами, скользить вперед.

14. Скольжение на спине. Встать спиной к берегу, поднять руки и свести их ладонями вместе, сделать вдох, присесть, отклониться назад на спину и одновременно оттолкнуться ногами от дна. Скользить на спине до остановки. Облегченные способы плавания. Прежде чем приступить к изучению какого-либо способа плавания, вначале последовательно овладевают техникой движения ногами, дыхания, движения руками, затем движения руками согласовывают с дыханием, осваивают технику плавания данным способом при задержанном дыхании и, наконец, в полной координации.

Движения ногами в воде начинают изучать в опорном положении: на груди, держась вытянутыми руками за жердь или опираясь ими о дно, или на спине, опираясь руками о дно. Затем движения ногами выполняют держась за плавательную доску или надувной резиновый круг и наконец в свободном положении на груди или на спине.

Обучение дыханию производят с помощью упражнений, аналогичных приведенным выше, для освоения с водой (например, упражнения 8 и 9 из описанного комплекса).

Движения руками в воде также начинают изучать в опорном положении (стоя по пояс в воде), а затем в без опорном (при свободном скольжении) с задержкой дыхания. В опорном положении, например, выполняют такие упражнения: стоя в воде, наклонившись вперед, движения прямыми руками через стороны назад до бедер; в том же положении по-

переменные укороченные и удлиненные движения руками, как в кроле (дыхание произвольное). В без опорном положении выполняют примерно такие же упражнения с задержкой дыхания во время скольжения.

После раздельного изучения техники движений ногами, руками и дыхания начинают выполнять упражнения, сочетающие движения руками с дыханием. Включают, например, движения руками в сочетании с дыханием (как в кроле на груди – без выноса рук и с выносом рук из воды). Когда занимающиеся будут уверенно выполнять такие упражнения, приступают к согласованию движений руками и ногами, но при задержанном дыхании, а затем движения выполняют в полной координации. При плавании на груди, например, включают одновременные или попеременные движения руками с дыханием и движениями ногами кролем. Примерно такие же упражнения выполняют и при плавании на спине.

Рассмотрим технику плавания кролем на груди и кролем на спине. Кроль на груди – самый быстрый способ плавания.

Положение тела и головы. При плавании кролем пловец почти горизонтально лежит на поверхности воды, лицо опущено в воду. Во время вдоха голову поворачивают в сторону.

Движения ногами. Ноги пловца, слегка согнутые в коленях, выполняют непрерывные ритмичные движения снизу вверх и сверху вниз – навстречу друг другу. Эти движения производят от бедра с одинаковым размахом, не превышающим 30 – 40 см. При правильном движении ногами на поверхности воды появляются только пяти, образуя брызги.

Движения руками. Руки пловца выполняют попеременные движения: когда одна рука делает гребок, другая двигается над водой; когда одна рука заканчивает гребок у бедра и вынимается из воды, другая завершает движение над водой и входит в воду. Пловец продвигается вперед в основном при помощи гребков руками, поэтому гребок нужно удлинять, стараясь продолжить его до бедра. Во время гребка рука, слегка согнутая в локте, с постоянным ускорением движется назад. Гребковые движения руками выполняются под грудью и животом, т.е. пловец должен грести «под себя», не уводя руку в сторону.

Закончив гребок у бедра, руку вынимают из воды, выполняют ею движение по воздуху и снова опускают в воду против одноименного плеча. Во время гребка рука пловца, особенно кисть, должна быть жесткой и напряженной. Пловец должен чувствовать, что он продвигается вперед, как бы опираясь ладонью о плотный предмет и отталкиваясь от него.

Дыхание. При плавании кролем лицо большую часть времени находиться в воде, поэтому для вдоха пловец поворачивает голову вправо или влево. Дыхание необходимо согласовывать с движением одной из рук. Вдох делают через рот в конце гребка, когда руку вынимают из воды. Выдох продолжают до тех пор, пока рука под которую делается вдох, снова займет положение окончания гребка. Выдох в воду начинают сразу после вдоха и делают непрерывно через слегка приоткрытый рот.

Согласование движений. При плавании кролем пловец продвигается вперед с помощью непрерывных попеременных гребков руками и непрерывных ритмичных движений ногами. При плавании кролем на каждые два гребка руками обычно производят шесть ударов ногами. Пловец делает вдох в конце каждого гребка рукой, под которую он дышит, т.е. на шесть ударов ногами и два гребка руками приходится вдох и выдох.

Кроль на спине. Техника плавания кролем на спине очень похожа на технику плавания кролем на груди: одна и та же координация движении, похожи движения ногами и руками. При плавании на спине не нужно делать выдох в воду. Это позволяет новичкам осваивать кроль на спине быстрее, чем кроль на груди.

Положение тела и головы. При плавании кролем на спине пловец лежит у самой поверхности воды почти горизонтально. Затылок опущен в воду, над водой находится только его лицо.

Движения ногами. Ноги двигаются так же, как при плавании кролем на груди, т.е. выполняют непрерывные движения снизу вверх и сверху вниз – навстречу друг другу. Однако при плавании на спине колени сгибают несколько больше, затем активно разгибают,

что позволяет пловцу продвигаться вперед. При правильных движениях ногами на поверхности воды появляются брызги и пена.

Движения руками. Руки пловца двигаются попеременно: когда одна рука делает гребок, другая совершает движение над водой; когда одна рука заканчивает гребок у бедра и выходит из воды, другая завершает движение над водой и входит в воду.

Руки опускаются в воду на ширине плеч или немного шире. Во время гребка рука слегка сгибается в локте, но остается все время напряженной, особенно кисть. Гребок выполняется по направлению к бедру.

Дыхание. При плавании на спине лицо все время находится над водой. Техника дыхания проста. Дыхание согласуется с движениями рук. Вдох делается в момент окончания гребка и выхода руки из воды; выдох продолжается все остальное время до тех пор, пока рука, под которую делается вдох, снова не придет в положение у бедра.

Согласование движений. Пловец продвигается вперед за счет попеременных гребков руками и непрерывных движений ногами. При плавании на спине на каждые два гребка руками приходится обычно шесть ударов ногами. За это время пловец успевает сделать вдох и выдох.

Литература


1. «Польное погружение: как плавать лучше, быстрее и легче», Терри Лафлин, Джон Делвз.
2. «Анатомия плавания», Йен маклауд.
3. «Ассновы плавания. Обучение и путь к совершенству», Мишель Педролетии.
4. «Плавание Книга-тренер», Иван Нечунаев.
5. «Плавание. Упражнения для обучения и улучшения техники», Робен Гузман.
6. «Плавание: Примерная программа спортивной подготовки  для ДЮСШ», В.В. Смирнов, А.А. кашкин, Попов О.И.


## КОНСЕПСИЯИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ТАЙЁРИИ ПСИХОФИЗИКИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ МАКТАБИ ОЛӢ

***Сафаров М.Қ.*** *- омӯзгори кафедраи варзиш ва мудофиаи граждании ДБССТ*

Интегратсия ба фазои байналмилалии таҳсилот, равандҳои демократикунонӣ ва гуманизатсияи ҳаёти ҷамъиятӣ дар шароитиислоҳоти иқтисодии ҷорӣ аз маълумоти олӣ талаб менамояд, ки роҳҳои такмил додани системаи мавҷудаи маорифи миллии Тоҷикистонро фаъолона ҷустуҷӯ кунем. Такмили системаи маориф талаб мекунад, ки консепсияи нав дар бораи мавқеи кафедраи тарбияи чисмонӣ дар сохтори макотиби олӣ ва протсесси таълим тартиб дода шавад.

Татбиқи воқеии ин консепсия дар самти тарбияи ҷисмонӣ бо таҳияи технологияи муосири таълими тарбияи ҷисмонӣ алоқаманд аст, ки он сатҳи зарурии омодагии касбии психофизикии (ОКПФ) мутахассисони хатмкунандаи мактабҳои олиро таъмин намояд.

Технологии  тарбияи ҷисмонии касбии муносибати татбиқшаванда барои донишҷӯёни мактабҳои олии касбӣ бояд дар раванди таълим ва ташаккули сифатҳои зарурии психофизикии мутахассисони оянда, дониш, маҳорат ва малакаҳои амалиро талаб менамояд, ки онҳо ба шароити истеҳсолот ва баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии касби худ зуд мутобиқ шаванд[2].

Бо мақсади баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои гуногун фаъолиятро тавассути истифодаи фаъолонаи неруи илмию таълимии мактабҳои олӣ бо истифодаи васеи технологияҳои муосири педагогӣ ба даст овардан имконпазир аст. Такмили таълим бо истифода аз технологияҳои нав ва ҷорӣ намудани онҳо ба раванди таълим имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар раванди таълим нақши фаъолтар бозанд ва омӯзгорон фикру мулоҳизаҳои худро пайдо кунанд.

Таълими тарбияи ҷисмонӣ дар айни замон бояд дар асоси технологияҳои касбӣ, солимгардонӣ, педагогӣ ва иттилоотӣ, ки ба аз худ намудани усулҳои нави таълим ва компютеркунонии раванди таълим дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ асос ёфтааст, ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, таҳияи технологияи таълими тарбияи ҷисмонӣ барои таъмини омодагии касбии психофизикии хатмкунандагон зарур аст. Технологияи мазкур бояд муносибати

муназзамро ба тайёр кардани мутахассисон дар асоси дастовардҳои муосири назария ва методологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъмин намуда, ба сатҳи муосири рушди дониш, вазифаҳои воқеии таълимии донишҷӯён ва талаботи рӯзафзуни ҷомеа мувофиқ бошад[5-219].

Коркарди технологияи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои олӣ бо роҳи якҷоя кардани онҳо аз руи соҳаҳои истеҳсолот (вобаста ба идораҳои ҳифзи ҳукук, педагогӣ, иқтисодӣ, молия, дар соҳаҳои гуногун вағ.), ҳал намудани вазифаҳое, ки стандарти давлатии таълим ба миён гузоштааст, беҳтараш бе зиёд кардани меъёри таълим, бе илова кардани вақт, хароҷоти иловагии маблағ ва қувваю воситаҳо барномаи ҷории донишкадаҳоро ба амал бароварда мешавад.

«Барномаи намунавии тарбияи чисмонӣ», ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2016, №11/14 тасдиқ шудааст, ба миён гузошта шудааст, ки дар ташаккули шахсияти ҳаматарафа ва баркамол инкишофёфтаи хатмкунандагони мактабҳои олӣ қадами азнавсозии ҷиддии кори коллективи педагогиро талаб мекард[6].

Омӯзгорон фаслҳо ва самтҳои корро гуногун карда, имконияти реалӣ пайдо карданд, ки протсесси таълимии тарбияи ҷисмониро на танҳо муфид, балки бевосита барои донишҷӯён шавқовар гардондаанд.

Аммо динамика ва тамоюли муносибатҳои давлатию ҷамъияти нисбат ба тарбияи ҷисмонии ҷавонони донишҷӯ, моро водор мекунад, ки имрузҳо дар бораи дурнамои фанни «Тарбияи чисмонӣ» дар донишгоҳҳои олӣ аз нуқтаи назари ояндабинӣ ҷиҳати вуҷуд кардани ин фан ба таври чиддӣ фикр кунем.

Пеш аз ҳама фанни тарбияи ҷисмонӣ ба донишгоҳ бояд ниёз дошта бошад ва ба вижагиҳои хоси он мувофиқ бошад. Тайёр кардани мутахассисоне, ки ба фаъолияти ҷамъиятию касбӣ ба дараҷаи баланд тайёр карда мешаванд, боз ҳам бехтар намудани кори кафедраҳои тарбияи ҷисмониро талаб мекунад[8-92].

Пешомади инкишофи тарбияи чисмонӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар мактабҳои олӣ иштироки реалии кафедраҳо дар баланд бардоштани сифати хатмкунандагон бо роҳи кор карда баромадани моделҳои тайёрии психофизикии хатмкунандагони хоҷагии халқ ва ба баланд бардоштани он нигаронидашуда мебошад.

Мафҳуми «тайёрии равонии касбӣ» инҳоро дар бар мегирад: иҷрои кофии касбӣ; мавҷудияти захираи зарурии имкониятҳои ҷисмонӣ ва функсионалии организм барои сари вақт мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбандаи истеҳсолот ва муҳити беруна, ҳаҷм ва шиддатнокии кор; қобилияти пурра барқарор шудан дар муддати муайян ва мавҷудияти ҳавасмандӣ барои ноил шудан ба ҳадаф, дар асоси имкониятҳои ҷисмонӣ, ботинӣ ва рӯҳии шахс[10-182].

Фаъолияти касбии муосир аз инсон на танҳо дониши амиқи назариявӣ, балки омодагии махсуси психофизикиро низ талаб мекунад.

Аз ин рӯ, таҳия ва дар амал татбиқ намудани модели психофизикии хатмкардаи донишгоҳ, ки барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, ҷавобгӯ ба шароити нави меҳнат зуд мутобиқ шуда, дорои маҳорати баланди касбӣ дошта ва ба талаботҳои рақобатпазирӣ пешбинӣ шудааст, яке аз ҳалли масъалаҳо ва натиҷаи ниҳоии фаъолияти кафедраҳои тарбияи чисмонӣ бештар ба он вобаста аст.

Самти касбии раванди таълим дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ бояд дар тамоми фаслҳои барнома, ки вазифаҳои пайвасткунанда, ҳамоҳангсозӣ ва фаъолкуниро иҷро мекунанд, дохил карда шавад. Вазифаи асосии тайёрии амалӣ-ҷисмонии тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ, физиологӣ ва равонӣ мебошад нигаронида мешавад, ки ба ноил шудан ва нигоҳ доштани омодагии кофӣ ба фаъолияти муваффақонаи касбӣ мусоидат намояд[2-244].

Имкониятҳои технологияи тарбияи ҷисмонии донишҷӯён дар шароити муосир комилан аз тахассуси ҳайати омӯзгорони кафедраҳои тарбияи ҷисмонӣ вобаста буда, бештар бо мавҷудияти васоити таълимӣ - методӣ, барномавӣ ва базаи кофии моддию

техникӣ муайян карда мешаванд. Барои ҳар як шахс пайдо кардани як соҳаи фаъолият хеле муҳим аст, ки ба манфиатҳо, майлҳо ва қобилиятҳои ӯ бештар мувофиқат кунад. Зеро истифодаи дурусти қувваҳо ва имкониятҳои ҳар як шахс яке аз шартҳои асосии оптимизатсияи раванди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсон (зеҳн, ҳиссиёт, меҳнат ва ғайра) иборат мебошад. Ин барои муттасилии таълим, ба даст овардани маҳорати баланди касбӣ, рушди касбӣ ва ҳаракат, зуҳури эҷодкорӣ, роҳат дар кор, оила ва муоширати байнишахсӣ замина шуда, дар навбати худ ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон мусоидат мекунад.

Барои бомуваффақият тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар донишгоҳҳо интихоби психофизикии довталабон дар асоси рӯйхати асосии сифатҳои муҳими касбӣ (СМК) комилан асоснок мебошад.
Бисёре аз донишгоҳҳои давлатҳои пешрафта барои муайян кардани сифатҳои муҳими касбии (СМК)-и ихтисосҳои гуногун кор мекунанд. Дараҷаи ин пешрафтҳо ба таври назаррас фарқ мекунад. Кафедраҳои тарбияи ҷисмонӣ ба баланд шудани дараҷаи тайёрии касбии мутахассисон ба мақсад мувофиқ дар тайёр кардани хатмкунандагони мактабхои олӣ ба кори оянда ҳиссаи калон гузоранд, таъсир расонда метавонанд.

Барои ин, аввал бояд тахасусҳои касбии ҳамаи ихтисосҳоеро, ки дар донишгоҳ таълим дода мешавад, тартиб дода ва дар асоси онҳо СМК муайян карда мешавад. Ба маънои умумӣ, онҳо бояд тавсифи он сифатҳои заруриро дар бар гиранд, ки бо мақсади бартаридошта дар бораи сатҳи зарурии маълумот, касбият, тахассус, аз ҷумла самти ин сифатҳо ҳам ба вазифаҳои ҷории фаъолияти мутахассис ва ҳам ба пешрафти онҳо мусоидат намояд.

Самтҳои сифатҳои муҳими касбӣ аз он иборат аст, ки хоҷагии халқро бо кадрҳои баландихтисос таъмин намуда, ба мувофиқати максималии байни сохторҳои фаъолият ва самт, инчунин ба мазмуни ҷараёни касбомузӣ ноил гардад[7-128]. Вазифаи ташаккули ташкили идоракунии протсесси касбомузии хатмкунандагони мактабҳои олиро дар асоси сифатҳои фардии мутахассис ва талаботи на танҳо вазъияти ҳозираи соҳа, балки дурнамои ташаккулёбии онҳоро бо роҳи татбиқи тамоми маҷмуи принсипҳои консептуалӣ ҳал кардан мумкин аст. Ин дар заминаи моделҳои фаъолият барои тайёрии пай дар пайи касбӣ ва тахассус асос мегардад.

Чунин моделҳо бояд сохтори робитаҳои дохилии тамоми ҷанбаҳои ихтисосро бо пуррагӣ ва гуногунрангии кофӣ инъикос кунанд.

Барои нишон додани сифатҳои муҳими касбӣ нисбат ба ихтисос ё категорияи кор, зарур аст:

- қоидаҳои асосии сифатҳои муҳими касбиро асоснок намуда, меъёрҳои возеҳи омодагии касбиро муайян кардан;
- зинаҳои асосии хусусиятҳои тахассусиро, ки ба марҳилаҳои асосии фаъолият мувофиқанд, ҷудо кардан;
- тасниф намудани онҳо бо нишон додани ҷанбаҳои асосии тахассусӣ, ки мавҷудияти чунин ҷанбаҳои фаъолияти касбии мутахассис ё шахси мансабдорро таъмин намудан[11-244].

Дар Академияи гумруки Русия ва Донишгоҳи давлатии муҳандисии сохтмонии Маскав меъёрҳои сифатҳои муҳими касбиро таҳия карданд, ки аз се қисмати зерин иборат буда, барои ҳама ихтисосҳо қобили қабул донистанд[5-22-25]:

1 – сифатҳои ҷисмонӣ (масалан, устуворӣ – умумӣ, статикӣ, динамикӣ ва ғ.).

2 – захираҳои психофизиологӣ, ки аз вазифаҳои физиологӣ (биноӣ, шунавоӣ) иборатанд; аксуламалҳои сенсомоторӣ; сифатҳои физиологӣ (устувории кори дилу рагҳо, системаҳои асаб, устувории функсионалӣ) ва функсияҳои маърифатии майна (хотира, шифоҳӣ, визуалӣ, шунавоӣ, ҳаракатӣ, ҳаҷм; диққат – ҷидду ҷаҳд, ивазшавӣ ва ғ.).

3 - қобилиятҳои ақлонӣ, ки аз қобилиятҳои зеҳнӣ иборатанд (лафзӣ-мантиқӣ, ҳисоббарорӣ, суръати тафаккур ва ғ.).

Профессионограммаҳои ихтисосҳо, аз ҷумла СМК-ҳои стандартӣ, намунаи мутахассис буда, талаботҳоеро, ки аз рӯи хусусияти фаъолияти касбӣ ба шахс гузошта

мешаванд ва шароитҳои ба ин фаъолият мувофиқат мекунанд, инъикос намуда, барои тайёрии касбии донишҷӯён дар донишгоҳ асос мебошанд.

Дар ихтисосҳои умури гумрук сифатҳои муҳими касбӣ бо мақсади касбомузии фаъолияти ихтисосҳои гумрук самти фаъолияти истехсолӣ, мақсад ва вазифаҳо, вазнинии самти кор, шароити метеорологӣ ва санитарию гигиенӣ, бемориҳои касбӣ ва таъсири зараровар, функсияҳои психофизиологи, сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳими ҷисмонӣ, равонӣ ва шахсӣ омӯхта шуданд.

Талаботи психофизиологӣ нисбати мутахассисони ҳамаи 12 ихтисоси сертификатсияшудаи гумрукӣ низ омӯхта шуд.

Аз ҷадвалҳои касбии тартибдодашуда дар асоси хусусиятҳои номбаршуда чор самти асосии фаъолияти гумрукӣ муайян карда шуданд, ки аз ҳамдигар фарқияти ҷиддӣ доранд: гумрук, иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос, мудир. Мутахассисон ба профессиограммаи касбии тартибдодашуда тавзеҳоти худро доданд.

Профессиографияи сифатҳои муҳими касбӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, усулҳои инструменталӣ ва арзёбии экспертӣ имкон доданд, ки номгӯи оқилонаи қоидаҳои ҳифзи дохилӣ ва дараҷаи аҳамияти онҳо барои як намуди мушаххаси фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда шавад.

Сифатҳои муҳими касбии стандартӣ ҷузъҳои асосии омодагии касбии психофизикӣ мебошанд. Муайян кардани сифатҳои муҳими касбӣ ва гурӯҳбандии онҳо аз рӯи арзишҳои вазн аз рӯи ҷадвали 9-имтиёзӣ гузаронида шуд: хеле муҳим - 9...7; муҳим - 6...5; беҳтар - 4...3; шартан - 2...1. [5-22-25]:

Тадқиқотҳое, ки дар Академияи гумруки Русия ва Донишгоҳи давлатии муҳандисию сохтмонии Маскав (Г.П. Братсун, С.Н. Зуев, Л.М. Крылова, А.Г. Полозков, С.Н. Шмелев, 1997 - 2000) ва Донишгоҳи давлатии сохтмони Москва (В.А. Коваленко, Т.Г. Савкив, О.В. Каравашкина) бо донишҷӯён гузаронида шудаанд, нишон медиҳанд, ки тақрибан барои ҳама намудҳои инкишофи ҷисмонӣ ва сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми тобоварии умумӣ, қувва ва суръатнокӣ мебошанд, вале дараҷаи инкишофи ҷисмонии донишҷӯён гуногун буданд.

Аҳамияти баробарии сифатҳои чисмонӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки тобоварӣ ягона сифатест, ки бевосита ба ҳолати системаи дилу рагҳо ва роҳҳои нафас вобаста аст. Фаъолияти устуворӣ бо коршоямии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ зич алоқаманд аст. Қуввати мушакҳою вазифаҳои узвҳо ва системаҳои бадани инсон, бо эҳсосот ва энергияи ӯ алоқаманд аст.

Кори мушакҳо бо системаи марказӣ ва периферии асаб, ғадудҳои эндокринӣ алоқаманданд. Мушаки бо машқҳои ҷисмонӣ обу тоб додашуда имкони бештар дорад, ки тамоми бадани инсонро аз таъсири зараровари фаъолияти таълимӣ ва истеҳсолӣ муҳофизат кунад. Суръатнокӣ бевосита ба омодагии касбӣ вобаста аст. Зеро сатҳи инкишофи он ба ҳаракатнокии равандҳои асаб, самаранокии тафаккур ва фаъолияти рӯҳӣ мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Намудҳои варзиш, аз қабили варзиши сабук, лижаронӣ, бозиҳои варзишӣ, намудҳои варзиши инфиродӣ (гуштингириҳо, намудҳои якҳарбаҳои шарқӣ), шиноварӣ ва машқҳои гимнастикӣ ва ғайра, барои рушди сифатҳои муҳими касбиро тарбия менамояд[11-200]:.

Дар марҳилаҳои минбада, бо мақсади оптимизатсияи тайёрии амалӣ-ҷисмонии касбӣ, бояд ба истифодаи мунтазами машқҳои дақиқ таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур аст. Бояд ба назар гирифт, ки ҳар як мутахассис ба системаи инфироди барои назорат ва ислоҳи дақиқии сифатҳои муҳими корӣ ниёз дорад.

Дар протсесси таълими тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои олӣ татбиқи комплекси усулҳои педагогӣ, тиббӣ-биологиӣ ва психологӣ боиси ислоҳи сифати муҳими кории донишҷӯён такмил ёфта, дараҷаи таълими касбии психофизикии онҳо баланд мегардад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоии технологияи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар донишгоҳ мақсад мондан лозим аст, ки ба омодагии махсуси ҷисмонии донишҷӯён таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир карда шавад.

Мазмун ва сохтори технологияи тарбияи ҷисмонӣ дақиқ муайян кардани моҳияти омодасозии касбии психофизикии донишҷӯёнро дар бар гирифта, воситаю усулҳои оптималие, ки самараи иҷрои ин вазифаро роҳандозӣ мекунанд.

Муайян намудани роҳҳои таъсирнок, мақсад барои баланд бардоштани тайёрии касбӣ ва усулҳои баҳодиҳии сатҳи таркибии он, инчунин усулҳоиислоҳи сифати муҳими касбӣ.

Сатҳи тайёрии амалӣ-ҷисмонии касбӣ (тайёр, қариб омода, шартан омода, омода нест) дар асоси ҳолати чаҳор ҷузъи асосӣ: омодагии ҷисмонӣ, ҳолати физиологӣ, устувории функсионалӣ ва хусусиятҳои психофизиологӣ муайян карда мешавад.

Донишҷӯён дар давраи донишҷӯӣ омодагӣ ба фаъолияти касбӣ, яъне ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ имкон доранд, ки сатҳи инкишофи сифатҳои психофизикии худро мувофиқи модели таҳияшудаи тахассус, ки талаботи ихтисоси интихобкардаи онҳо мебошад, пурра омода шаванд.

Дар амал, баъзе донишгоҳҳо системаҳои автоматиро барои муайян кардани сатҳу ҳолати баъзе нишондиҳандаҳои инфиродии тайёрии амалӣ-ҷисмонии касбиро истифода мебаранд. Истифодаи ин системаҳо имкон медиҳад, ки ба омодагии касбии психофизикии донишҷӯён баҳо дода шавад, ки дар ҷараёни таълим ва ҳангоми аттестатсияи ҷамъбастӣ дар муайян кардани арзёбии миқдории сатҳи умумии тайёрии амалӣ - ҷисмонии ҳар як аттестатсияшаванда бартариҳои назаррас фароҳам оварда шавад.

Дар тадқиқотҳое, ки дар Академияи гумруки Россия гузаронида шудаанд, тобоварӣ аз руи нишондиҳандаи вақт дар давидан ба масофаҳои 2000 метр (духтарон) ва 3000 метр (наврасон), дар давидан ба масофаи 3 ва 5 километр, қувват — аз рӯи нишондиҳандаи миқдорӣ ҳангоми бозуфишорӣ дар давоми 2 дақиқа аз ҳолати хобида, пойҳо мустаҳкамкарда шуда, дастҳо аз паси сар (духтарон) ва баданкашӣ дар турник (ҷавонон), суръат — аз рӯи нишондиҳандаи вақт дар давидан ба масофаи 100 м.

Барои арзёбии омодагии психофизикии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ комплексҳои автоматикунонидашудаи барномавӣ-техникии «Сенсокард» ва «Тести олӣ»-ро истифода бурданд, ки дар онҳо пайдарпайии амалҳои мутахассиси баландихтисос модел карда шуда, дар ташхиси дараҷаи инкишофи тайёрии амалӣ – ҷисмонии донишҷӯён сурат гирифтааст. Арзёбии натиҷаи тадқиқоти умумии ҳамаи сифатҳои муҳими кории ҳамаҷонибаи номбаршуда чунин мебошад: 5 - хеле баланд, 4 - баланд, 3 - қаноатбахш, 2 - сатҳи пасти рушд.

Имкониятҳои захиравии системаҳои функсионалии органҳои донишҷӯён бо ёрии комплекси барномавии аппаратии "Сенсокард" муайян карда шуданд. Ин комплекси ташхисӣ дар асоси нишондиҳандаҳои интегралӣ (динамикаи набзи дил) дар бораи ҳолати функсионалии бадан маълумоти умумӣ медиҳад.Зеро, ки ҳангоми ҳар гуна сарбории ҷисмонӣ, ҳаяҷони рӯҳӣ ё функсионалӣ суръати дил тағйир меёбад.

Нокомӣ дар кори ягон узв ё системаи бадан пеш аз ҳама ба вайроншавии ритми дил оварда мерасонад.

Барои арзёбии динамикаи ритми дили шахс ба ҳолати функсионалии шахс баҳо додан мумкин аст.

Комплекси компютерии «Санҷиши олӣ» баҳодиҳии интегралии зеринро пешниҳод мекунад: устувории равонӣ, сатҳи умумии рушди зеҳнӣ ва омили виҷдон-эътимоднокӣ дар фаъолият.

Дар Академияи гумруки Русия ва Донишгоҳи давлатии муҳандисию сохтмонии Маскав Самаранокии технологияи пешниҳодшудаи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар беҳтар шудани омодагии ҷисмонии донишҷӯён дар таҳсили ду соли аввал (мутаносибан 14,7 ва 11,0 фоиз) ва ҳолати функсионалии онҳо (12,9 ва 19,0 фоиз) зоҳир гардид. Нигоҳ доштани ин сатҳҳо дар курси 3-юм ва камтар аз он нисбат ба донишҷӯёне, ки тибқи «Барномаи

тахминии тарбияи чисмонии барои мактабхои олии касбӣ таҳсил мекунанд», дар курси 4-ум боз ҳам камтар шуд[11-244]:.

Дар байни донишҷӯёне, ки бо технологияи нав таҳсил мекунанд, нишондиҳандаҳои баланд ва хеле баланди инкишофи сифатҳои равонӣ ва шахсият, ки омодагии психофизикии мутахассисонро низ муайян мекунанд, бештар дида шуданд.

Ба ҳамин тариқ, назар ба онҳое, ки аз руи «Барномаи намунавии тарбияи чисмонӣ» таҳсил мекунанд, 4 фоиз зиёд ва хеле баланд — 1 фоиз ба дараҷаи баланди устувории равонӣ ноил гардиданд; рушди зеҳнӣ - мутаносибан 2 ва 1 фоиз; хислатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим — 2 ва 2 фоиз ташкил намуд.

Бояд қайд кард, ки дар донишгоҳҳои мо то ҳол тафсири ягонаи нишондиҳандаи умумии тайёрии амалӣ-ҷисмонии касбӣ вуҷуд надорад ва алгоритми муайян кардани параметрҳои умумӣ - сатҳҳои иерархивии арзишҳои чунин нишондиҳандаҳои интегралӣ, ба монанди омодагии ҷисмонӣ, ҳолати физиологӣ, устувории функсионалӣ; ҳолати рӯҳӣ таҳия нашудааст ва ба кор бурда намешаванд.

**Хулоса:**

1. Ба андешаи мо назорати ҳамаҷонибаи баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии ҳолати ҷисмонии донишҷӯён ҷорӣ карда шуда, дар ҷараёни таҳсил назорати доимии нишондодҳои гуногун ва пеш аз ҳама нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти ҷисмонию равонӣ ва ҳолати функсионалӣ гузаронида шавад. Чунин озмоишҳои судманд аз донишҷӯёни курсҳои 1 то 4 дар чорабиниҳои методӣ ва амалӣ ҷорӣ карда шуда, санҷишҳо гузаронида шавад.

2. Назорати ҳамаҷонибаи баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии ҳолати ҷисмонии донишҷӯён талаб мекунад, ки дар ҷараёни таълим назорати доимии нишондодҳои гуногун ва пеш аз ҳама нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти ҷисмонию равонӣ ва ҳолати функсионалӣ гузаронида шавад.

3. Ба технологияи таълими тарбияи ҷисмонӣ дохил кардани қисми меъёриии амалӣ – ҷисмонии касбӣ, ки ба баҳодиҳии натиҷаҳои тайёрии ҷисмонии донишҷӯён вобаста аст, аз руи солҳои тахсил (курсҳо) фарқ карда шавад.

4. Бояд тазаккур кард, ки ҷорӣ кардани таълими тарбияи ҷисмонӣ бо якҷоя кардани технологияи психофизикӣ ва амалӣ – ҷисмонии касбии ҷавнони донишҷӯ дар давоми тамоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба сифат ва самаранокии омода кардан ва бедор кардани ҳавасмандии онҳо барои хизмат дар сафҳои Артиши миллии Тоҷикистон таҳкурсии асосӣ шуда метавонад.

Мо боварӣ дорем, ки муносибати нав ба коркарди технологияи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои олии касбӣ ба тайёр кардани мутахассисони хоҷагии халқи асри XXI мусоидат мекунад.


Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҷумҳурии Тоҷикистон» №1831 аз 23.12.2021.

2. Андреенко Т. А., Ткачева Е. Г. Отношение и интерес студентов к занятиям физическими упражнениями в вузе // Проблемы развития физической культуры и спорта в новом тысячелетии: материалы VII международной научно-практической конференции (г. Екатеринбург, 28 февраля 2018 г.). Екатеринбург: Российский государственный профессионально педагогический университет, 2018. С. 569-571.

3. Андреенко Т. А., Ситникова М. И. Особенности физического развития и физической подготовленности девушек // Физическая культура и спорт студенческой молодежи в современных условиях: проблемы и перспективы развития: материалы XIII Международной научно-практической конференции, посвященной 70-летию кафедры физического воспитания и спорта (г. Тула, 26 ноября 2018 г.). Тула: Тульский государственный университет, 2018. С. 244-248.

4. Актуальные проблемы физического воспитания студентов. Павленко Валерия Денисовна студент институт иностранных языков Волгоградский государственный социально-педагогический университет г. Волгоград, Россия 2020

5. Ашмарин Б.А., Виноградов Ю.А. Теория и методика физического воспитания: Учебник для студентов факультетов физической культуры педагогических институтов по спец. 03.03 «Физкультура». М.: Просвещение, 1990. 226 с.

6. Барномаи таълимӣ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ (барои донишҷӯёни ғайриихтисосии муассисҳои таҳсилоти олии касбӣ), бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2016, №11/14 тасдиқ шудааст. Душанбе-2016.

# НАҚШИ ОМӮЗИШИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ МАКТАББА-ЧАГОН

***Сафаров М.Қ., Сафаров Ҳ.М.*** *омӯзгорони ДБССТ*

Таълиму тарбия равандест, ки бояд дар якҷоягӣ ба роҳ монда шуда, он пайваста зина ба зина амалӣ карда шавад. Воқеаҳои замони муосир бори дигар собит мекунад, ки сари вақт таълиму тарбияи дуруст надодан ба фарзандон, инкишоф надодани тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо оқибати ногуворро ба бор меоварад. Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ барои рушду ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва тафаккури созандаи ҷавонон, ки ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, тадбирҳои зиёде ба тасвиб расид, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Старатегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020», Консепсияи миллии тарбия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ғайра.

Ҳамаи ин санаду барномаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба ин қишри иҷтимоии ҷомеа ҷиддист. Зеро тарбияи насли наврас, махсусан, ҷавонон яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир ба шумор рафта, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии тамоми давлатҳои дунё ба он вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, тарбияи наврасону ҷавонон, вазифаи ҳар як фарди ҷомеа ва муассисаву ниҳодҳои иҷтимоӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадашон накш ва мақоми чавононро дар роҳи бунёду таҳкими давлати соҳибтамаддун ва бофарҳанг муҳим арзёбӣ намуда, чунин таъкид намуданд: «Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолиятро ҳамаҷониба омӯзанд, аз равандҳои сиёсати имрӯзаи кишвар огаҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаю баргашта аз худ карда, аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд» [1].Тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ, расму оини пешқадами ниёгон ва мероси ахлоқии гузаштагон, яке аз талаботи Консепсияи миллии тарбия мебошад. Консепсияи миллии тарбия сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар самти тарбияи миллӣ ва инчунин, таълиму тарбияи фарзанд муайян месозад. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим оварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад.

Самти касбии тарбияи ҷисмонии шахс аст асосе, ки тамоми дигар ҷузъҳои онро муттаҳид мекунад. Меъёрҳое, ки аз рӯи он ба ташаккули физкультурии одам, сухан рондан мумкин аст |нишондихандахои объективӣ ва субъективӣ. Дар асоси онҳо муайян кардан мумкин аст хосиятҳои муҳим ва ченаки зуҳури тарбияи ҷисмонӣ дар фаъолият. Инҳо дар бар мегиранд:

* дарачаи ташаккули талабот ба тарбияи чисмонӣ ва роҳҳои қонеъ гардондани он;
• шиддатнокии иштирок дар чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (вақти сарфшуда, мунтазам);
• хусусияти мураккабӣ ва сатҳи эҷодии ин фаъолият;
• ифоданокии зуҳуроти эҳсосӣ, ихтиёрӣ ва ахлоқии шахсият дар фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ (мустақилият, суботкорӣ, қатъият, худдорӣ, коллективизм, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ, интизомнокӣ);
• дараҷаи қаноатмандӣ ва муносибат ба фаъолияти анҷомдодашуда;

•зуҳуроти ҳунарнамоии ҳаваскорӣ, худташкилотчигӣ, худомузӣ ва худтараққӣ дар тарбияи ҷисмонӣ;
• дараҷаи камолоти ҷисмонӣ ва муносибат ба он;
• доштани восита, усул, ҳаракат ва малакаи зарурӣ барои такмили ҷисмонӣ;
•пайгирӣ, дақиқӣ ва азхудкунии донишҳои илмӣ ва амалӣ дар самти тарбияи ҷисмонӣ барои истифодаи эчодкорона дар амалияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
• доираи васеъ ва мунтазамии истифодаи дониш, ҳаракат, малака ва таҷриба дар фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ташкили тарзи ҳаёти солим.

Ҳамин тавр, дар бораи ташаккули маданияти ҷисмонӣ муносибати шахсиро ба тарбияи ҷисмонӣ ва арзишҳои он дар шакли мушаххас зоҳир кардан мумкин аст. Дар ин ҷо системаи мураккаби талабот ва қобилияти шахии хонанда ҳамчун ченаки азхудкунии маданияти ҷисмонии ҷамъиятӣ ва ифодаи он ба таври эҷодкорӣ пайдо мешавад.

Тарбияи ҷисмонии мактаббачагонро мувофиқи меъёрҳо, ба як қатор сатҳҳои зуҳурот ба тариқи зерин ҷудо кардан мумкин аст.

Сатҳи пешакӣ ба таври худкор инкишофёфта:
- доираи принсипи шуурнокии хонандагон ва бо алоқамандандии барномаи пешниҳодкардаи омӯзгор, мазмуни дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, афзалияти маънавӣ ва умумии фарҳангии он;
- муошırати байни хонанда ва муаллим. Хонандагон ба фаъолияти маърифатӣ эҳтиёҷ доранд ва дониши маърифатӣ дар сатҳи ошноӣ бо маводи таълимӣ зоҳир мешавад. Алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ бо ташаккули шахсияти хонанда дар раванди тайёрии касбии ӯ муайян карда мешавад. Ин гуна хонандагон дар вақти машгулиятҳои беруназсинфӣ машғул мешаванд. Дар маҷмӯъ сатҳи қобилияти ҷисмонии онҳо метавонад гуногун бошанд.

Сатҳи номиналӣ бо муносибати бепарвоӣ хос аст. Аз ҷумлаи талабагон мешавад, ки ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба таври бепарвоёна муносибат мекунанад. Истифодабарии воситаҳо ва усулҳо дар зери таъсири аъзоёни гуруҳи таълимӣ суст қабул карда мешавад. Дараҷаи саломатӣ ва тайёрии ҷисмонии ин гуна талабагон хеле гуногун аст. Дар давоми таҳсил дар бораи саломатӣ ва ҳолати ҷисмонии худ ташаббус нишон намедиханд. Бароиислоҳи чунин зуҳуроти хонандагон омӯзгор бояд бо ин гуна талабагон суҳбатҳои таъсирбахши инфиродӣ гузаронида, ҳавасмандии хонандагонро ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷалб намояд ва ба гурӯҳҳои тайёрии тиббӣ шомил намуда, онҳоро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ кунад.

Дониш маҳдуд аст, агар принсипи системанокӣ дар дарсҳо ва машғулиятҳо истифода бурда нашаванд. Маҳорати амалӣ маҳдуд нест. Ба воситаи оддитарин унсурҳо - машқҳои субҳона, намудҳои муайяни тамрин, истироҳати фаъол амалҳои ҳаракатнокии шахсии хонандагонро пурзӯр намудан мукин аст. Дар натиҷаи мағулият ва чорабиниҳои судманд хонандагони ин сатҳ бо хоҳиши омӯзгор метавонанд дар намудҳои чорабиниҳои оммавӣ - варзишии дорои хусусиятҳои варзишӣ иштирок намоянд.

Сатҳи афзалиятнокӣ - ба муносибати оқилонаи мусбӣ асос ёфтааст. Хонандагони алоҳида дониш, эътиқод, маҳорати амалӣ ва маҳорати зарурӣ доранд, ки ба онҳо имконият медиҳанд таҳти роҳбарӣ ва ёрии машваратии муаллимону рафиқони ботаҷриба машғулиятҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро моҳирона иҷро кунанд. Фаъолияти маърифати худидоракунӣ барои истироҳату фароғати варзишӣ дар мутолиаи адабиётҳои илмӣ-оммавӣ зоҳир мешавад.

Аҳамият ва зарурати истифодаи тарбия ҷисмонӣ, ки барои инкишоф ва амалӣ гардондани қобилияти шахсӣ ва сатҳи эҷодӣ барои хонандагоне, ки ба арзиши тарбияи ҷисмонӣ боварӣ доранд, хос аст. Ба ин гуна хонандагон дониши мукаммали тарбияи ҷисмонӣ хос буда, онҳо малака ва маҳорати ҷисмонӣ, омилҳои ташкили тарзи ҳаёти солим, истифодаи воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ барои барқарорсозии организмро дар сатҳи баланд доранд. Онҳо баъди хатми мактаб дар бисёр соҳаҳои ҳаёт ташаббус нишон нишон дода метавонанд.

Адабиёти истифода шуда:

1. Паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе. www.president.tj.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", №1004 аз 22.07.2013. Нашрияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон "Омӯзгор", www.omuzgor-news.tj.
3. Сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон www.maorif.tj, E-mail: mort@maorif.tj.

## САМТҲОИ АСОСИИ МУККАМАЛГАРДОНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТИИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Ҳабибуллозода М.Ҳ.-н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Муккамалгардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар рушди технологияҳои ҳамкории электронӣ накши босазо дорад. Дар ин ҷода зарур аст дар фаъолияти ташкилотҳои хизматрасон, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ чунин технологияро истифода намуд, ки беҳбудии сифати идоракунии давлатиро дар умум таъмин намуда тавонад. Зеро баланд бардоштани самаранокии иртиботи дар тамоми қаламрави мамлакат ба ташкили фазои ягонаи иттилоотӣ мусоидат намуда самти муҳими гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Шарикии созмон дар низоми иқтисодиёти рақамӣ дар асоси таъсиси ҳамкориҳои дохилӣ дар платформаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷузъи муими татбиқи иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

Ба андешаи мо, ҳадафҳои асосии муккамалгардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пеш аз ҳама ташаккули ҷомеаи донишсолор, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, рушди иқтисодиёти рақамӣ ва иҷтимоёти рақамӣ, ташаккули фазои иттилоотии рақамӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти шаҳрвандон ба шумор бояд равад. Ноил гардидан ба ин ҳадафҳо тариқи ҷойгирсозии иттилооти сифатнок ва боэътимод дар сомонаҳои хизмати давлатӣ, ташаккули зерсохтори ҳукумати электронӣ, автоматикунонии хизматрасониҳои васеъи тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ имконпазир мегардад. Ҳангоми пажӯҳиши рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ хусусияти бисёрсамтии хизматрасониҳои давлатиро ба инобат нагирифтан мумкин нест. Муҳайё намудани имконоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ барои ҳамроҳ намудани хизматрасониҳои дар сатҳи ноҳияҳо пешниҳодшаванда ба портали ягонаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар ин ҷода хело муҳим ба шумор меравад.

Ҷорӣ намудани чунин низом афзалиятҳои зиёдеро доро мебошад: Махсусан низоми ягонаи шиносоии электронӣ дастрасии истифодабарадагонро ба портали хизматрасониҳои давлатӣ таъмин намуда, шаҳрвандон метавонанд бо истифода аз ҳуҷраи ягонаи шахсии портали хизматрасониҳои давлатӣ раванди иҷрогардидани дархостхояшонро пайгирӣ намоянд. Ҳамзамон равзанаи ягона барои хизматрасониҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои электронӣ ба шумораи бештари корбарон пешниҳод шуда, порталҳои шарикӣ, ташкил карда шаванд, ки чунин хизматрасониҳоро барои одамон ҷолибтар мегардонад [2, с.41].




Расми 1. Афзалиятҳои имконоти ташаккули фазои иттилоотӣ ба шаҳрвандон дар раванди оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ

Ташаккули фазои иттилоотӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти шаҳрвандон ва ҷомеа бо мақсади ба даст овардани иттилооти босифат ва боэътимод, истифодаи инфрасохтори ҳукумати электронӣ фаҳмиши шаҳрвандонро оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тағйир дода, имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоварад.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти инфрасохтори иттилоотии баландсифат шарти зарурии оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба шумор меравад. Муоширати самараноки субъектҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ калиди рушди равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт ба шумор меравад, ки бе он усулҳои дигари ҳавасмандкунии равандҳои инноватсионӣ кор намекунанд.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи давлатӣ дар соҳаи баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ вуҷуд надошта бошад ҳам тарҷибаи коркарди чунин стратегияҳо ба чашм меравад. Махсусан 31-уми августи соли 2022 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 қабул карда шудааст, ки дар он баъзе ҷанбаҳои баланд бардоштани саводнокии рақамӣ баррасӣ карда шудааст. Дар баробари ин мо қабули чунин стратегияиро дар мамлакат барои то солҳои 2045 зарур арзёбӣ менамоем. Аллакай ин масъала дар хориҷи мамлакат таваҷҷӯҳи зиёдро касб намудааст ва бисёр кишварҳо, аз ҷумла Австралия, Шоҳигарии Бритониё, Бразилия ва ИМА, ба эҷоди лоиҳаҳои бузурги миллӣ дар соҳаи таҳсилоти электронӣ ва саводнокии рақамӣ хабар доданд. Қабули чунин стратегия дар мамлакат имкон медиҳад маҷмӯи дониш ва малакаҳое зарурӣ дар шаҳрвандон ташаккул дода шавад, ки барои истифодаи бехатар ва самараноки технологияҳои рақамӣ ва захираҳои интернетӣ онҳоро омода намуда дараҷаи истеъмолоти рақамиро зиёд гардонад ва амнияти рақамиро таъмин намояд.

Дар доираи рушди саводнокии рақамӣ зарур аст, ки захираҳои кушодаи таълимӣ дар соҳаи саводнокии рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар порталҳои таълимии электронӣ таҳия ва ҷойгир карда шаванд, маводҳои тақсимотӣ таҳия гарданд, шабакаи марказҳои дастрасии ҷамъиятӣ васеъ карда шаванд, чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани дониш ва малакаи аҳолӣ вобаста ба истифодаи бехатар ва самараноки технологияҳои рақамӣ ва захираҳои интернетӣ гузаронида шаванд.

Дар асоси натиҷаҳои татбиқи тадбирҳои дар боло зикршуда, ки дар самти таъсиси ҳукумати электронӣ дар мамлакт амалӣ карда мешавад, интизор меравад, ҳиссаи шаҳрвандони дорои дониши кофии технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла, дар истифодаи механизми гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ афзоиш дода шавад.

Аз ҷумла, барои дар миқёси васеъ баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ зарур аст маҷмӯи курсҳо, семинарҳо ташил карда шуда, захираҳои электронии таълимӣ дар соҳаи саводнокии рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ омода карда шаванд, ки барои азхудкунии саводнокии рақамӣ аз сатҳҳои ибтидоӣ мусоидат намояд [4, с.106].

Дар марҳилаи аввали рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бештар калонсолон, ки таҷрибаи истифодаи технологияи иттилоотиро надоранд ба мушкили дучор мегарданд, ки ин то андозае раванди оммавигардонии чунин хизматрасониҳоро монеа эҷод менамояд. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки дар шаҳру ноҳияҳо маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ таъсис дода шавад. Дар ин марказҳо зарур аст дар марҳилаи аввал як мушовир барои кумаки гурӯҳҳои алоҳида махсусан шаҳрвандоне, ки имконияти дастрасиашон ба иттилооти электронӣ маҳдуд аст, аз ҷумла, нафақахӯрон, бекорон, маъюбон, корафтодагон аз ноҳияҳои дурдаст ба кор ҷалб карда шавад. Дар баробари ин, чунин марказҳо метавонанд дар чунин самтҳо махсусгардонида шаванд: мусоидат ба рушди сатҳи саводнокии аҳолӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, омӯзонидани таҷрибаи истифода аз порталҳои хизматрасониҳои давлатии электронӣ, мусоидати аҳолӣ ба дастрасӣ ба захираҳои электронӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои роҳнамоӣ, гузаронидани чорабиниҳо барои баланд бардоштани дониш ва малакаи аҳолӣ оид ба бехатарӣ ва самаранок истифода бурдани технологиҳои рақамӣ ҳангоми хариди хизматрасониҳои давлатӣ ва ғ. Амалисозии ин чорбаиниҳо дар умум имкон медиҳад ҳарчи бештар сокинон ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ фаро гирифта шуда раванди оммавигардонии чунин хизматрасониҳо тезонида шавад.

Барои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ҳамчунин метавон чорабиниҳои иловагиро дар самти тартиб додани номгӯи самтҳо ва тасдиқи таркиби маводҳое, ки саводнокии аҳолиро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ баланд мебардоранд, таҳия ва санҷиши модели таълими донишҷӯён дар формати таҳсилоти электронӣ, таҳияи масъалаи амали мутақобила ва ҳамкорӣ, инчунин ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ роҳандозӣ намуд. Дар баробари ин, кам кардани монеаҳои маъмурӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳамкорӣ дар пешбурди соҳибкорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ самти муҳими оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба шумор меравад [4, с.108].

Барои рушди бомуваффақияти бахши хизматрасониҳои давлатии электронӣ зарур аст, ки низоми пешрафтаи миллии танзим, банақшагирии стратегӣ ва тактикаи рушди соҳа, механизмҳои дастгирии молиявӣ, ташкилӣ ва институтсионалӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ на танҳо дар давлат, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, балки инчунин дар сатҳи корпоративӣ низ истифода шаванд. Татбиқи барномаи баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад, салоҳиятҳои рақами намуди комилан навро ба вуҷуд оварда, ба эҷоди лоиҳаҳои рақамӣ мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки дар муҳити рақамӣ бехатар кор кунанд.

Дар сомонаҳои ҳамаи муассисаҳои давлатии пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ ташаккули бахше зарур аст, ки ба масъалаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ бахшида шудаанд, инчунин маводи иттилоотию ахборӣ, видеороликҳо, ки ба шаҳрвандон дар бораи имконият ва бартариҳои гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ ба таври электронӣ нақл мекунанд, мунтазам нашр карда шаванд. Муваффақияти пешниҳодҳои баррасишуда бевосита аз ҷалби шӯъбаҳои хизматрасонӣ дар сатҳи ноҳияҳо, маҳалҳо ва ҷамоатҳо ба ин равандҳо ва дараҷаи ҳамоҳангсозии онҳо вобаста хоҳад буд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки оммавигардонии хизматрасониҳои электронии давлатӣ ҷанбаи калидии рақамикунонии муваффақонаи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ мебошад. Сарфи назар аз душвориҳои мавҷуда, муносибати мунтазам ба ҳалли мушкилот метавонад истифодаи фаррохи ин хизматрасониҳоро таъмин кунад. Ин натанҳо сатҳи муносибӣ ва фароғатро барои шаҳрвандон баланд мебардорад, балки идоракунии давлатиро нисбатан шаффоф ва самаранок мегардонад. Қадами муҳим дар самти оммавигардонии хизматрасониҳои

давлатии электронӣ таъсиси инфрасохтори дастрас барои хизматрасониҳои давлатии электронӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба он ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти марбут ба дастрасӣ ба Интернет, омӯзиши аҳолӣ, ҳифзи амнияти додаҳо зарур аст. Рушди чунин инфрасохтор имкон медиҳад, ки ҳамкории давлат ва шаҳрвандон боз ҳам муассиртар гарданд, ба раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ суръат бахшад ва сатҳи эътимод ба мақомоти давлатӣ ва муаасисаҳои пешкашкунандаи чунин хизматрасониҳо афзоиш ёбад.

**Адабиёт**


1. Бальзамов А.А., Бальзамов А.Ю. Концепция построения и принципы интеграции элементов инфраструктуры электронного правительства региона // Управление в социальных и экономических системах. 2015 –С. 68-81
2. Қодирзода Д.Б., Ҳабибуллозода М.Ҳ. Методология ва методикаи тарҳрезии сохтори меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ // Маҷаллаи илмӣ "Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон". – Душанбе, 2024. - № 9. - С.41-54.
3. Қодирзода Д.Б., Ҳабибуллозода М.Ҳ. Ҳолат ва дурнамои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ // [Монография] – Душанбе, 2021. 135 с.
4. Механизмы электронного управления в информационном обществе: M55 [монография] [П. С. Климушин, Д. В. Спасибов]; под ред. А. В. Радченко. – Х.:Издательство ХарРИ НАГУ “Магистр”, 2017. – 124с


# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ»


**Мирзомуродов Ҳ.А.** – ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии ДБССТ



Дар мақолаи мазкур масоили рушди иқтисоди «сабз» дар Тоҷикистон ва самаранок истифода намудани энергетикаи «сабз» ва таъмини сарфаҷӯӣ ва самаранокии истифодаи энергия таҳлил шудааст.


Зарурият ва аҳамияти «иқтисоди сабз» дар сатҳи байналхалқӣ аз он ҷумла дар сатҳи миллӣ баррасӣ шудааст. Бо татбиқи иқтисоди«сабз» Тоҷикистон метавонад мавқеи пешсафро дар истифодабарии иқтидорҳои тавлиди нерӯи барқ аз сарчашмаҳои барқароршаванда дар ҷаҳон ишғол намояд, ҳамчунин ба содироткунандаи азими қувваи барқ дар минтақа ва берун аз он бошад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 декабри соли 2023 дар бораи ташаккули «иқтисоди сабз» ироа гардид ва чунин самтҳо дар Паёми Пешвои миллат зикр гардид: «Ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем».[51]

Президенти кишвар самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои оянда муайян намуда, доир ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон, бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ тавачҷуҳи худро бештар ба масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ равона намуд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки айни замон яке аз роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои Созишномаи Париж, ташаккули «иқтисоди сабз» ва истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда ба ҳисоб меравад. Маҳз бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-

[51] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023., Минбари халқ, 30 декабри соли 2023, № 52. С.5-6.

2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», соли 2013 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва ниҳоят солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон карда шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сарчашмаҳои бузурги оби ошомиданӣ буда, захираҳои обӣ дар таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар нақши муҳим доранд. Захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар кишвари мо рушди соҳа беҳбуд бахшида шуда, иқтисоди сабз ба унсури аслии инкишофи иқтисодёти миллӣ табдил ёбад. Аз руи нишондихандаҳои мушаххаси иқтидори гидроэнеогетикӣ ба як километри мураббаъ ва ба ҳар сари аҳолӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон мувофиқан ҷойҳои якум ва дуввумро ишғол мекунад. Дар ин замина, истеҳсоли энергияи тоза ба таври воқеӣ ба раванди иқтисоди «сабз» дар кишвар мувофиқат мекунад.

Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиққунандаи «иқтисодиёти сабз» маҳсуб ёфта, аз лиҳози фоизи истеҳсоли энергияи «сабз» дар қатори шаш мамлакати пешсафи сайёра қарор дорад. Тибқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёна 99,56% неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол шудааст. Дар соли 2021 дар Тоҷикистон 96 фоизи неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз неруи об истеҳсол гардида, яке аз кишварҳои пешбарандаи принсипҳои иқтисоди «сабз» дар энергетика эътироф шудааст.[52]

Бояд гуфт, ки солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати мамлакат заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии ҷумҳурӣ 85,7 миллиард сомонӣ равона шудааст. Низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб, ки ба анҷом расида буд, таҷдиду навсозӣ шуд.

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ расидан ба истиқлолли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. Соли 2025 агрегати сеюми Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба истифода дода мешавад. Бо ин мақсад соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд. Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи иқтисоди «сабз» соли 2037 воқеан ба ҷумҳурии «сабз» табдил меёбад.[53]

Бо амалисозии лоиҳаҳои бузурги бунеду таҷдиди иншооти энергетикии мамлакат, аз ҷумла бунеди нерӯгоҳи «Роғун» ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», Сарбанд» ва «Кайроққум» дар 7 соли оянда иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 000 МВт афзоиш дода шуда, ба 10 000 МВт расонида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сентябри соли 2022 «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037»–ро қабул кард, ки мақсади Стратегияи мазкургузаронидани ислоҳоти дастурӣ, таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар самти "иқтисоди сабз" мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бо мақсади рушди «иқтисоди сабз», мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷалби сармояю технологияҳои каммасраф «Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037» қабул гардида, дар 15 соли минбаъда мавриди татбиқ қарор мегирад. Бинобар ин, мутобиқи Стратегия, ҳадафҳои асосии соҳа чунинанд:

-тақвияти раванди рушди тавлид ва истифодаи энергияи «сабз» дар Тоҷикистон;

---

[52] Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои институтсионалии ташкили «иқтисодиёти сабз» дар ҶТ», Душанбе-2017. С.19-20.

[53] Иқтисоди сабз, 2023 // https://www. khovar.tj.

-баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори энергетикии кишвар тавассути ҷорӣ намудани технологияи аз ҷиҳати экологӣ муосир;

-содироти қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба бозори Осиёи Марказиву Ҷанубӣ ва дигар кишварҳо; -таъмини сарфаҷӯӣ ва самаранокии истифодаи энергия.[54]

Татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 ҷиҳати истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда, бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии гуногуниқтидор, ҳамзамон барои рушди иқтисоди мамлакат равона шудааст. Хулоса, муҳтавои Паёмҳо ва баромадҳо - «иқтисоди сабз» рушду нумуи омили асосии инкишофи ҷомеа, бунёд ва таҷдиди нерӯгоҳои барқии обӣ, истеҳсоли энергияи аз ҷиҳати экологӣ «сабз», сохтмони даҳҳо корхонаҳои хурду бузург, бунёди ҳазорҳо ҷойҳои кории «сабз», истеҳсоли маҳсулотҳои «сабз», барқи «сабз», саноатикунонии босуръати кишвар- ҳадафи чоруми миллӣ ва дар ин асос баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақа, паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар кишварро ташкил медиҳанд.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023., Минбари халқ, 30 декабри соли 2023, № 52. С.5-6.
2. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои институтсионалии ташкили «иқтисодиёти сабз» дар ҶТ», Душанбе-2017. С.19-20.
3. Иқтисоди сабз, 2023 // https://www. khovar.tj.


## ТУРИЗМ КАК КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА СТРАНЫ

**Сохибов А.Н.- ассистент МУТПТ**

Туризм играет ключевую роль в экономическом прогрессе стран, создавая рабочие места, увеличивая доходы и развивая инфраструктуру. Приезжие туристы стимулируют местный бизнес и активизируют торговлю, а также способствуют культурному обмену, что помогает лучше понять традиции и образ жизни друг друга.

Развитие туристической индустрии улучшает уровень жизни, расширяя доступ к услугам и создавая комфортные условия. Поддержка туристического сектора становится важным аспектом устойчивого экономического роста; государства инвестируют в рекламу, гостиницы и мероприятия, чтобы повысить свою конкурентоспособность на международной арене.

Анализ влияния туризма требует междисциплинарного подхода, в котором экономика играет центральную роль. Наука о туризме переосмысливает свои концепции и методы управления, подчеркивая важность туризма для экономики стран и глобальной системы в целом. Это способствует укреплению международных связей и формирует туризм как значимое социально-экономическое явление. [1, с 19].

Туризм, рассматриваемый как элемент социально-экономического процесса, сочетает рыночные преобразования и социальные цели, направленные на развитие общества. Эта отрасль экономики обладает уникальными особенностями и занимает ключевое место в глобальной экономике, являясь одной из самых прибыльных сфер в ряде стран. Туризм, будучи важной частью современной экономической системы, активно реагирует на потребности, как отдельных людей, так и общества в целом.

**Интересы человека и общества:**

Для индивидуумов путешествия представляют собой возможность расширить свои горизонты, испытать новые эмоции, погрузиться в другую культуру и временно отвлечься от повседневной рутины. Поездки в различные страны, знакомство с их историей, культурой и природными достопримечательностями способствуют личностному росту и обогащению жизненного опыта. Для общества туризм укрепляет международные связи, содействует культурному обмену и способствует миру и безопасности между народами.

---

[54] Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, Душанбе-2022. С.12-13.

**Экономическое значение:**

1. Влияние на экономику: Туризм оказывает значительное влияние на экономику, как на микро, так и на макроэкономическом уровнях.

**Микроэкономический уровень:**

- ✓ Туризм способствует созданию рабочих мест и поддерживает развитие малого и среднего бизнеса.
- ✓ Гостиницы, рестораны, транспортные компании, туристические агентства и другие организации зависят от потока туристов, получая прямые доходы от их услуг.
- ✓ Увеличение числа туристов приводит к улучшению инфраструктуры, что, в свою очередь, повышает уровень жизни местного населения.

**Макроэкономический уровень:**

- ➢ Туризм играет ключевую роль в формировании валового внутреннего продукта (ВВП) и поддержании торгового баланса.
- ➢ Для развивающихся стран туризм является источником иностранной валюты, что помогает поддерживать экономический рост и решать социальные проблемы.
- ➢ Финансовые поступления от туризма способствуют улучшению инфраструктуры, финансированию социальных инициатив и общему экономическому прогрессу на уровне государства.

**Таблица: Роль туризма в экономическом развитии**

| Уровень экономического воздействия | Описание |
|---|---|
| **Микроэкономический уровень** | - Создание рабочих мест и поддержка малого и среднего бизнеса. |
| | - Генерация дохода от гостиниц, ресторанов, транспортных компаний и туристических агентств. |
| | - Улучшение инфраструктуры и повышение уровня жизни местного населения. |
| **Макроэкономический уровень** | - Влияние на формирование валового внутреннего продукта (ВВП) и торговый баланс. |
| | - Привлечение иностранной валюты для развивающихся стран. |
| | - Финансирование социальных инициатив и общий экономический прогресс на уровне государства. |

Источник: составлено автором на обзоре литературы

Туризм играет важную роль в экономическом развитии на микро- и макроуровне. На микроуровне он создает рабочие места, поддерживает малый и средний бизнес, а также улучшает инфраструктуру и качество жизни местного населения. На макроуровне туризм влияет на валовой внутренний продукт (ВВП), привлекает иностранную валюту и финансирует социальные инициативы, способствуя общему экономическому прогрессу.

В развитых странах туризм становится ключевым сектором экономики, так как большая часть населения предпочитает отдых за границей. Эти страны инвестируют в туристическую инфраструктуру и продвигают свои культурные и природные достопримечательности. В менее развитых странах туризм часто является основным источником дохода, помогая справляться с бюджетным дефицитом и поддерживать экономическую стабильность.

Численность работников в сфере туризма сопоставима с другими отраслями экономики, что подчеркивает его значимость. Туризм способствует созданию новых рабочих мест, развитию транспортной и гостиничной инфраструктуры, а также сохранению культурного наследия. Таким образом, туризм занимает важное место в современном обществе, способствуя личностному развитию и укреплению международных связей. [2, с 52]

В современном мире туризм занимает ключевую позицию в глобальной экономике, являясь одной из самых быстрорастущих отраслей. Увеличение числа туристов оказывает

значительное влияние на различные секторы экономики, включая торговлю, транспорт, услуги, производство потребительских товаров, сельское хозяйство и строительство.

Растущее количество путешественников создает спрос на улучшение и расширение предложений в этих областях. Для обеспечения высокого уровня сервиса необходимо изучать и анализировать все связанные направления, включая производство товаров и предоставление услуг, обогащающих туристический рынок. Эффективное развитие инфраструктуры, транспортных и гостиничных услуг, а также торгово-развлекательных предложений являются ключевыми факторами для поддержания конкурентоспособности.

Кроме того, рост туризма привлекает инвестиции, что ведет к созданию новых рабочих мест и улучшению уровня жизни в регионах с развивающейся туристической инфраструктурой. Таким образом, туризм представляет собой значимый сектор экономики, объединяющий множество отраслей и компаний, ориентированный на удовлетворение потребностей людей в досуге и развлечениях.

Сфера туризма разрабатывает услуги и товары для удовлетворения потребностей людей в восстановлении энергии, включая рекреационные объекты, мероприятия, экскурсии и культурные программы. Индустрия активно использует природные, культурные и исторические ресурсы, преобразуя их в привлекательные товары и услуги, соответствующие ожиданиям туристов.

Потребление туристических услуг служит показателем успешности отрасли. Обратная связь от путешественников помогает развивать и улучшать сервисы. Таким образом, туризм представляет собой целостную систему, где производство и потребление взаимосвязаны. Интеграция этих процессов способствует постоянному развитию и адаптации туристической отрасли к меняющимся требованиям и ожиданиям путешественников.[3, с 49].

Динамика туристической отрасли продолжает расти даже в условиях глобальных экономических кризисов, и её состояние служит индикатором качества жизни граждан. Доступность туризма для всех слоев населения способствует увеличению доходов государства и повышению уровня жизни. Важными факторами развития туризма являются высокий уровень социального благосостояния, и рост свободного времени, особенно в экономически успешных странах.

В развивающихся странах внутренний туризм создает рабочие места и развивает инфраструктуру. Экономическая эффективность туризма зависит от его интеграции с другими секторами. Въездной туризм привлекает финансовые ресурсы, способствует экономическому прогрессу и создает спрос на товары и услуги. Увеличение числа туристов также повышает потребность в сувенирах и продуктах народного творчества, поддерживая ремесла и традиции.[5, с 75].

Резкий рост туристической отрасли оказывает значительное влияние на другие экономические сектора, вызывая цепную реакцию и ускоряя их развитие. Увеличение инвестиционной активности в различных отраслях создает новые рабочие места, что способствует снижению безработицы и улучшению экономической ситуации в регионах.

Рост туристической активности ведет к увеличению товарооборота и производственных объемов, что, в свою очередь, увеличивает источники доходов, такие как зарплаты, арендные платежи и прибыль от бизнеса. Это экономическое развитие положительно сказывается на уровне жизни граждан.

Часть этих доходов поступает в государственный бюджет в виде налогов, что укрепляет финансовые ресурсы государства. Эти дополнительные средства могут быть использованы для социальных программ и улучшения инфраструктуры. Таким образом, туризм не только способствует экономическому прогрессу, но и создает мультипликативные эффекты, которые поддерживают общий экономический рост и помогают сформировать более устойчивую экономическую систему.

В заключение, можно сказать, что туризм является ключевым фактором экономического роста и социально-экономического развития страны. Как быстро развивающаяся отрасль, он значительно влияет на валовой внутренний продукт (ВВП), создает новые рабочие места и активизирует инвестиции.

Воздействие туризма распространяется на сопутствующие сектора, такие как торговля, транспорт, строительство, сельское хозяйство и услуги. Увеличение числа туристов способствует улучшению инфраструктуры, повышению стандартов обслуживания и обновлению процессов, что открывает новые возможности для бизнеса и инвестиций.

Туризм также расширяет налоговую базу и увеличивает доходы государства, которые могут быть использованы для социальных инициатив и улучшения инфраструктуры. Таким образом, туризм выступает катализатором устойчивого экономического роста, создавая условия для комплексного и сбалансированного развития страны.

**Литература**


1. Дюмулен И.И. Международная торговля 2007—2010 гг.: некоторые уроки глобального экономического кризиса // Российский внешнеэкономический вестник. 2010. № 7. С. 1—8.
2. Карпова Г.А., Лаврова Т.А. Особенности развития туризма и исследование туристского потенциала в Санкт-Петербурге. Монография. —СПб., 2007.
3. Карпова Г.А., Максарова Е.А. Влияние туристско-рекреационных особых экономических зон на формирование активного туристского баланса дестинации // Вестник НАТ, — 2008. — № 3. — С. 10—13.
4. Карпова Г.А., Мицерук О.А. Развитие культурного туризма в рамках туристско-рекреационных зон крупного города // Вестник национальной академии туризма. 2006. № 1.
5. Карпова Г.А., Хорева Л.В., Васина Е.В. Туристское потребление как перспективная основа развития международной торговли услугами. // Вестник Сочинского государственного университета туризма и курортного дела 2011 № 01 (15).
6. Кружалин К.В. Оценка рекреационного потенциала России для развития международного туризма. В сб. Туризм и рекреация: фундаментальные и прикладные исследования: Труды Международной научно-практической конференции МГУ им. М.В. Ломоносова, географический факультет, Москва, 27—28 апреля 2006. — М. : РИБ «Туризм», 2006.
7. Регулируемый туризм и отдых в национальных парках / М.Ю. Травкина [Электронный ресурс http://www.biodiversity.ru/publications/ books/tourism/index].
8. WTTC, Travel and tourism impact, 2011.


## НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИ НАҚДИ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРГОНӢ


**Ғуломов З.Т.** н.и.и.,дотсенти кафедраи баҳисобгири муҳосибӣ ва аудити ДБССТ

**Сафаралиева Л.Ш.- а**ссистенти кафедраи молия ва бонкдории Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе


Вазъи кунунии иқтисоди ҷаҳон бо мавҷудияти омилҳои гуногун, ки фаъолияти онро ноором мекунанд, хос аст. Дар ин ҳолатҳо таъмини амнияти иқтисодӣ, ки некӯаҳволии мардум, ҷомеа ва рушди устувори тамоми давлатро кафолат медиҳад, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи байналмилалӣ буда, мисли дигар давлатҳо пайваста бо таҳдиду омилҳои иқтисодӣ рӯ ба рӯ аст. Дар ин радиф татбиқи мукаммали низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ метавонад дар таъмини амнияти иқтисодӣ нақши бориз дошта бошад.

Афзалиятҳои муҳими ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар шароити имрӯза:

- Ҳифз ва нигоҳдошти захираҳои молиявӣ;
- Сарвиақтӣ ва дурустии амлиёти пардохт;
- Сарфаи вақт дар иҷрои амалиёти пардохт;
- Роҳҳои имтиёзнок барои пасандозкунӣ ва сармоягузорӣ;
- Банақшагирии даромад ва хароҷоти пулӣ;
- Қобилияти хариди молҳо ба тариқи маҷозӣ;
- Тезонидани ҳаркати гардиши воситаҳои пулӣ дар истеҳсолот;
- Ҳавасмангардӣ ва фоидагирӣ аз истифодаи мақсадноки фаъолият.

Андозаи гардиши ғайринақдӣ аз ҳаҷми молҳо дар кишвар, сатҳи нархҳо, инчунин ба андозаи муносибатҳои тақсимот ва азнавтақсимкунӣ, ки тавассути низоми молиявӣ амалӣ карда мешавад, вобаста аст. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ барои тезонидани муомилоти маблағҳои дар гардишбуда, кам кардани пули нақд ва кам кардани хароҷоти тақсимот аҳамияти бузурги иқтисодӣ дорад. Махсусан миқдори зиёди пули нақд дар муомилот ба афзоиши иқтисодиёти ниҳонӣ ва афзоиши омилҳои коррупсионӣ оварда мерасонад, бинобар ин, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба бартараф кардани ин омилҳо мусоидат мекунад.

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳолате таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ буда метавонад, ки ба меъёрҳо ва принсипҳои эътимоднокӣ ҷавобгӯ бошад, ба ҳаракати пул дар иқтисодиёт ва таваррум таъсири мусбат дошта бошад, ҳамоҳангсозии аҳолӣ, субъектҳои иқтисодӣ ва давлатро ба вуҷудоварда, ба такрористеҳсоли ҷамъиятӣ суръат бахшад ва инчунин ба талаботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ қарор дорад, мутобиқ шавад.

Низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар давлат бояд самаранок бошад ва тавре сохта шавад, ки ҳам ниёзҳои субъектҳои иқтисодӣ ва ҳам аҳолиро қонеъ гардонад. Ҳалли ин масъала тавассути такмили ҳам заминаи қонунгузорӣ ва ҳам ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ имконпазир аст, зеро дар шароити кунунӣ масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Давлат бояд дараҷаи озодии бозорро муайян кунад, аммо нақши худи давлат дар танзим мушаххас бошад. Амнияти миллӣ дар ин вазъият пеш аз ҳама ба нақши давлат дар иқтисодиёти кишвар асос ёфтааст.

Маҳз бо назардошти зарурати ин масъала ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молиявӣ, ки аз «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бармеояд, тадбирҳои зерин муайян шудаанд: Истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохт, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ, амният, сифати хизматрасониҳои пардохт ва низоми пардохт, рушди заминаи техникию инфрасохтори низоми пардохт».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 23-юми декбари соли 2022 зарурати рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим дониста ба маврид қайд намуданд, ки: «Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба тavри ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад».

Дастуру супоришҳо ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо он мақсад роҳандозӣ гардид, ки маҷмӯи васеи равандҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба рушди низоми бонкӣ, имкониятҳои иттилоотӣ ва техникӣ, ки давлат ба он манфиатдор аст, мусоидат кунад, ки ба вазъи иқтисодии кишвар дар тамоми давлат ва умуман таъмини амнияти иқтисодӣ таъсир мусбат расонад.

Ҳамин тавр, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем. Нигаред ба ҷадвали 1.

**Ҷадвали 1: - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар солҳои 2010-2023**

| | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бонкҳо-эмитентҳои кортҳои пардохтӣ, адад. | 8 | 16 | 21 | 19 | 21 | 24 | +16 адад |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ, адад. | 155585 | 1446138 | 3247851 | 3479109 | 5060793 | 6711241 | +6 555 656 адад |
| Миқдори дорандаҳои кортҳои пардохтии бонкӣ, нафар. | 147685 | 1427221 | 3016946 | 3371317 | 4662545 | 6524142 | +6 376 457 нафар |
| Миқдори НППН, адад. | 231 | 1564 | 1899 | 3371317 | 2132 | 3492 | +3 261 адад |
| Шумораи терминалҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизмат-расонӣ, адад. | 94 | 650 | 3811 | 1848 | 3872 | 6939 | +6 845 адад |
| Миқдори банкоматҳо, адад. | 220 | 762 | 1281 | 3030 | 1724 | 2240 | +2 020 адад |
| Шумораи умумии амалиёт, ҳазор адад. | 2025 | 15695 | 7 886,4 | 1412 | 8550 | 12764 | +10 739 ҳазор адад |

Таҳлили омории рушди динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки давоми солҳои 2010-2023 шумораи бонкҳо-эмитентҳои кортҳои пардохтӣ 16 адад, миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 6 555 656 адад, миқдори дорандаҳои кортҳои пардохтии бонкӣ 6 376 457 нафар, миқдори нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд 3 261 адад, шумораи терминалҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ 6 845 адад, микдори банкоматҳо 2 020 адад, шумораи умумии амалиёт 10 739 ҳазор адад зиёд шудааст.

Мавриди зикр аст, ки низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори молиявӣ буда, фаъолияти устувору мунтазами низоми молиявии кишвар, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетиро бо гузаронидани пардохтҳои саривақтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои бехатар таъмин менамояд ва ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Тамоюли ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдие, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ солҳои 2015-2023 амалӣ гаштааст чунин аст. Диаграммаи 1.

**Диаграммаи 1. Тамоюли ҳаҷми умумии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, млрд. сомонӣ).**




Аз рӯйи маълумоти диаграммаи 1. маълум мегардад, ки ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдие, ки дар дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути роҳҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ (дохилибонкӣ, тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ ва тавассути суратҳисоби муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда) амалӣ гаштаанд, давоми солҳои 2015-2023 ба андозаи 3,2 маротиба рушд кардааст.

Яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти низоми пардохт ин кам кардани пули нақд дар муомилот мебошад. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ намуди махсуси пардохтҳое мебошанд, ки дар онҳо пули нақд истифода намешавад. Ҳама ҳисобҳо бо интиқоли маблағ аз суратҳисоб ба суратҳисоб дар ташкилотҳои қарзӣ ё масалан, бо роҳи ҳисоб кардани талаботи тарафайн анҷом дода мешаванд.

Амалиётҳо бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдиро дар диаграммаи 2 дида мебароем.

**Диаграммаи 2. Амалиёт бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (сол.2019-2020).**




Диаграммаи 2 оид ба амалиёт бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2019-2023 гувоҳи медиҳад, ки пардохти молу хизматрасониҳо аз 0,8 млрд. сомонӣ то ба 15,5 млрд. сомонӣ, гирифтани пули нақд аз 11,8 млрд. сомонӣ то ба 63,7 млрд. сомонӣ ва ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ аз 7% то ба 20% афзоиш ёфтааст.

Аммо, сарфи назар аз тамоюли мусбати рушди низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва дар маҷмӯъ низоми бонкӣ, дар муомилоти пулӣ бо аҳолӣ ба шакли ғайринақдӣ ҳанӯз ҳам нигарониҳоро ба вуҷуд меорад. Бо дарназардошти ин, хусусияти тадбирҳои маъмурӣ-танзимкунанда бояд ҷиддӣ бошад ва тадбирҳои ҳавасмандгардонии афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ барои рафъи мушкилоти техникии истифодаи воситаҳои махсуси пардохт ва рушди инфрасохтори онҳо равона карда шаванд.

Таъсири афзоиши бемайлони сатҳи хавфҳо дар низоми бонкӣ солҳои охир ба чашм мерасад, ки ин хатари асосии амнияти иқтисодии низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳангоми истифодаи кортҳои пластикии бонкӣ мебошад. Равандҳои пешрафтаи рушди технологияҳои бонкӣ ва вазъи умумии низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани расмиёти сатҳи сифатан навро барои баланд бардоштани амнияти иқтисодии низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ зарурат дорад.

Метавон муҳим донист, ки дар робита ба ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ нокифоягии як қатор шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаҳои техникии амалиёти ҳисоббаробаркунӣ дар шакли ғайринақдӣ, инчунин норасоии кадрҳои баландихтисос эҳсос мегардад.

Ҳамин тариқ, табриҳои зеринро бо мақсади беҳтарсозии нақши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ мутобиқ ба шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зерин пешниҳод менамоем:

1. Фароҳам овардани шароити самарабахши иқтисодӣ - ҳуқуқӣ ва таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии нав, ки ба ҳалли масъалаҳои ҳалношудаи марбут ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин такмили заминаи қонунгузории мавҷуда, ки имкон медиҳад қисми зиёди мушкилоти мавҷуда дар соҳаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳал карда шаванд;

2. Гузаронидани чорабиниҳои илмӣ-амалӣ бо иштироки намояндагони ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия, илм ва тиҷорат барои муҳокимаи мушкилоти рӯзмарра, мубодилаи таҷриба ва таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва пешниҳодҳои нав оид ба такмили низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ;

3. Автоматикунонии равандҳои гузариши ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ дар марҳилаҳои гуногуни коркард, ки барои ташкили гардиши муназзами ҳуҷҷатҳои бонкӣ, кам кардани мӯҳлати пардохт, инчунин таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи амалиёт дар шакли ғайринақдӣ аҳамияти хос дорад;

4. Тайёр намудани кадрҳои соҳибихтисос тавассути таҳияи барномаҳои самараноки таълимӣ, бо назардошти хусусиятҳои ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар

шароити ислоҳоти бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин ташкил ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисос, тренингҳо ва семинарҳои таълимӣ-машваратӣ;

5. Ҷорӣ намудани ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, ки метавонанд таваҷҷӯҳи истеъмолкунандагонро ба амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ баланд бардоранд;

6. Ташкили лоиҳаҳои ҳавасмандии амалиёти ҳисоббаробаркунии ғайринақдии бехатар дар ҷомеа бо мақсади баланд бардоштани сатҳи эътимод байни бонкҳо ва мизоҷони он тавассути пешниҳоди доираи васеи хизматрасониҳои бонкӣ, иттилооти фаврии муштариён дар бораи ҳама гуна тағйироти сохторӣ ва маҳсулоти нави барномавӣ, таъмини амнияти амалиёти ҳисоббаробаркунӣ дар шакли ғайринақдӣ ва дараҷаи баланди ҳифзи иттилооти махфӣ;

7. Дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ аз байн бурдан ва ё кам кардани арзиши комиссияи бонк, банкоматҳо ва терминалҳои пардохтӣ, ки инчунин афзоиши шумораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро тавассути ҷалби истеъмолкунандагони иловагӣ таъмин менамояд;

8. Тавсеаи соҳаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути гузаронидани гуфтушунид ва ба роҳ мондани робитаҳои корреспондентӣ бо бонкҳои кишварҳои дигар, ки имкон медиҳад гардиши ғайринақдӣ ба таври назаррас афзоиш ёбад ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сатҳи нав барорад;

9. Таҳия ва ҷорӣ намудани ташаббусҳои воқеӣ, қоидаҳо, усулҳо ва стандартҳо оид ба баланд бардоштани сифати ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;

10. Татбиқи рушди инноватсионии фаъолият дар низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ (навовариҳои техникӣ ва технологӣ), таъсир ба афзоиши гардиши пулии ғайринақдӣ дар истеҳсолот, назорату пешгирии иқтисодиёти ниҳонӣ ва хатарҳои иқтисодӣ, ба роҳ мондани мониторинги доимии рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва ғайраҳо.

**Адабиёт:**


1. Гринман Г.И. Бухгалтерский учет в сельском хозяйстве. Москва ВО Агропромиздат, 1989.
2. Камышанов П.И., Камышанов А.П. Бухгалтерская (финансовая) отчетность: составление и анализ. – М.: Омега-Л, 2003.
3. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://medt.tj/documents/main/strategic.national.programm/strategic_national_prog_ru.pdf
4. Бюллетени омори бонкӣ. Октябр 2022 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL:https://www.nbt.tj/upload/iblock/d72/4m9jyozegt4b513n4rc0r2tw32zfbp97/BULL_10.pdf
5. Гурфова С.А., Танашева Т.А. Пробемы кредитования организаций АПК [Текст] / С.А. Гурфова, Т.А. Танашева // Известия Кабардино-Балкарского государственного аграрного университета им. В.М. Кокова. – 2017. - № 4 (18). – С. 64-69
6. Олимов А.Х. Асосҳои методологии маблағгузории хурди соҳаи кишоварзӣ [Матн] / А.Х. Олимов // Кишоварз. – 2020. - № 1 (86). – С. 142-146
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022 (нашри расмӣ) [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – 414 с.


## НАҚШИ БОҶҲОИ ГУМРУКӢ ВА АНДОЗ ДАР НИЗОМИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

**Қоситов Ҷ.Р.- ассистенти кафедраи андоз ва андозбандӣ, ДДҲБСТ**

Дар шароити кунунӣ, ки дар натиҷаи бухронҳои сиёсиву иқтисодӣ рақобат дар бозорҳои ҷаҳон шиддат меёбад, Ҳукумати кишвар тасмим гирифт, ки стратегияи содироти кишварро дар давраи миёнамуҳлат ба ҳалли масъалаи баланд бардоштани рақобатнокии молу маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот мутобиқи меъёру стандартҳои СУС, Иттиҳоди иқтисодии АвроОсиё ва бозорҳои дигари эҳтимолии фурӯш, мукаммалсозии амалиётҳои басту банд ва тамғагузорӣ, ҷорӣ намудани инноватсия

дар истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, ташкили логистика, инфрасохтори нақлиёт ва инкишофи менеҷменти сифат равона намояд.

Боҷи гумрукии воридотӣ аз молҳои воридотӣ ситонида мешавад, ба ҷуз ҳолатҳои барзиёд супоридан ва (ё) барқарор намудани низоми имтиёзнок барои моли каблан воридшуда ҳисобӣ карда намешавад. Дуруст аст, ки боҷҳои гумрукии содиротӣ низ вуҷуд доранд, аммо боҷи гумрукии содиротӣ мақсади батанзимдарории бозори дохилиро дошта, барои баъзе молҳои ватании барои содирот нигаронидашуда муқаррар карда мешавад. Боҷҳои гумрукӣ ба се намуд тақсим мешаванд [2]:

- боҷҳои гумрукии адвалорӣ – ба арзиши гумрукии моли мавриди андозбандӣ қароргирифта бо фоиз ҳисоб карда мешаванд;

- боҷҳои гумрукии махсус – тибқи ҳаҷми муқарраршудаи воҳиди моли мавриди андозбандӣ қароргирифта ҳисоб карда мешаванд;

- боҷҳои гумрукии омехта – ҳарду навъи зикршудаи мизони боҷҳои гумрукиро дар бар мегирад.

Ҳангоми таҳти андозбандӣ қарор додани моли воридоти истифодаи намудҳои гуногуни боҷҳои гумрукии мазкур дар тарифи гумрукӣ имкони аз байн бурдани дасткориро фароҳам меорад. Дар сурати ба таври сунъӣ паст нишон додани арзиши гумрукии моли воридотӣ маблағи боҷи гумрукии адвалорӣ кам ҳисоб карда мешавад, аммо боҷҳои гумрукии махсус ва омехта имкон медиҳанд, ки новобаста аз паст будани арзиши гумрукии мол, боҷи гумрукӣ аз воҳиди мол пурра ҳисоб карда шавад.

Мизони боҷҳои гумрукии мукаммал ва бо назардошти хусусият, навъ, ҳайат ва дигар омилҳо барои молҳои воридотӣ муқаррар карда шуда, метавонад сатҳи канораҷӯӣ аз пардохти андозро паст намоянд ва таъмингари манфиатҳои молистеҳсолкунандагони ватанӣ бошанд. Инчунин, барои танзими фаъолияти тиҷорати хориҷӣ боҷҳои гумрукии мавсимӣ ва ба мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ нисбат ба моли воридотӣ намудҳои боҷи хоси гумрукӣ метавонанд муваққатан истифода карда шаванд (махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ).

Боҷҳои махсус ба сифати тадбири муҳофизатӣ, агар мол ба ҳудуди гумрукии ягон кишвар бо чунин миқдор ё шартҳое ворид шавад, ки он тавонад ба истеҳсолкунандаи ватании моли шабеҳ ва ё моли бевосита рақобаткунанда зарар расонад ё таҳдиди зарар расонидан намояд, истифода мегарданд. Ҳамчун тадбири ҷавобӣ ба амалҳои табъизӣ ва амалҳои дигари баъзе кишварҳо ё иттиҳодияҳои онҳо, ки манфиати кишвари молворидшавандаро халалдор менамоянд.

Боҷҳои зиддидемпингӣ дар сурати ворид намудани мол ба ҳудуди гумрукии ягон кишвар бо нархи нисбат ба нархи гумрукии миёнаи омории дар кишвари содиркунанда дар лаҳзаи воридот ниҳоят пасттар, агар чунин воридот ба истеҳсолкунандагони дохилии моли шабеҳ зарари моддӣ расонидан намояд ё ба ташкил ва ё ба бештар истеҳсол намудани чунин мол дар кишвари молворидшаванда мамониат кунад, истифода мегардад.

Боҷҳои ҷубронӣ, ҳангоми ба ҳудуди гумрукии ягон кишвар ворид намудани моле, ки ҳангоми истеҳсол ё содир намудани он бевосита ё бавосита аз субсидия истифода шудааст ва агар чунин воридот ба истеҳсолкунандагони ватании моли шабеҳ зарари моддӣ расонад ё таҳдиди зарар расонидан намояд ё ба ташкил ва ё ба истеҳсоли бештари моли шабеҳ дар кишвари молворидшаванда мамониат намояд, истифода карда мешавад. Намудҳои боҷҳои хоси гумрукӣ (зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд ва тибқи тартиби муқарраршудаи гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд.

Яке аз унсурҳои дигари танзими тарифию гумрукии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад. Номгӯйи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар асоси Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рамзгузории молҳо аз 14.06.1983с. тартиб дода шудааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2004, №1385 ба он ҳамроҳ гаштааст [2]. Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ барои андешидани тадбирҳои танзими

гумрукию тарифӣ ва ғайритарифӣ, инчунин, намудҳои дигари фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пешбурди омори гумрукии тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад. Дар навбати худ, тарифи гумрукӣ дар асоси Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муназзам гардонида мешавад.

Дар тарифи гумрукӣ мизонҳои боҷҳои гумрукии сифрӣ, кам кардани мизонҳои боҷҳои гумрукӣ ва озод кардан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ истифода мегарданд, ки онҳо бо тартиби яктарафа, мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Тибқи моддаи 341 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мизони боҷҳои гумрукӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад ва боҷҳои гумрукӣ ҳангоми декларатсия кардани мол дар низомҳои гумрукие, ки шартҳои тахти ин низом ҷойгиркунонӣ супоридани боҷҳои гумрукиро муайян менамоянд, пардохт мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори худ аз 25.10.2003, №450 «Дар бораи тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мизони боҷҳои гумрукиро барои молҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда муайян кардааст. Тарифи гумрукии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Номгӯи моли фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муназзам шуда, барои тамоми навъи молҳо, яъне 97 Номгӯи гуруҳи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муқаррар карда шудааст [4].

Тибқи қарори мазкур мизони боҷи гумрукӣ барои молҳои воридотӣ 5,7,10 ва 15 фоиз буда, мизони миёнаи он 7,4 фоизро ташкил медиҳад. Дар баъзе ҳолатҳо барои молҳои алоҳида мизони сифрии боҷҳои гумрукӣ муқаррар карда шудааст. Дар тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои ташдиди тарифӣ – афзоиши мизони боҷҳои гумрукӣ бо дарназардошти сатҳи коркарди молҳо ҷой дода шудааст:

**Ҷадвали 1**

**Тарифи гумрукии баъзе молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Рамзи мол мувофиқи НМ ФИХ | Номгӯи мол | Мизони боҷҳои гумрукӣ |
|---|---|---|
| **39** | Ашёи полимерӣ ва маҳсулоти пластикӣ, аз онҳо ба ҷуз: | 10 |
| **3902 10 000 0** | Полипропилен | 5 |
| **3903** | Полимерҳои стриолӣ дар шаклҳои аввалия | 5 |
| **41** | Пӯстҳои коркарднашуда | 5 |
| **42** | Маҳсулот аз пӯст | 10 |

Манбаъ: дар асоси Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст

Намудҳои муқарраршудаи мизони боҷҳои гумрукии тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, адвалорӣ буда, мизонҳои боҷҳои гумрукии махсус ва омехта барои баъзе намуди молҳо муайян карда шудааст:

**Ҷадвали 2**

**Тарифи гумрукии баъзе намудҳои маҳсулоти зераксизӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Рамзи мол мувофиқи НМ ФИХ | Номгӯи мол | Мизони боҷҳои гумрукӣ |
|---|---|---|
| **2201** | Обҳо, аз оби табиӣ, сунъии маъданӣ, газнок ё бегаз | 0,15 евро барои 1 литр |
| **2203 00** | Оби ҷав | 0,60 евро барои 1 литр |
| **8702** | Воситаҳои нақлиёт, барои 10 шахс ва зиёд, аз ҷумла ронанда | 5, аммо на камтар аз 0,15 евро барои 1 $см^3$ |

Манбаъ: дар асоси Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст

Мувофиқи тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2003, №450 «Дар бораи тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст, аз 01.11.2003 ҳангоми воридоти молҳои дар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои АвруОсиё истеҳсолшуда, мизони сифрии боҷи воридотии гумрукӣ ҷорӣ гардидааст. Дар тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои молҳои воридотие, ки истеҳсоли онҳо дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст ва (ё) имконияти истеҳсоли чунин мол дар дохили кишвар мавҷуд аст, мизони боҷҳои гумрукии баланд ва максималӣ 10–15% муқаррар карда шудааст:

**Ҷадвали 3**

**Боҷҳои гумрукии намудҳои мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Рамзи мол мувофиқи НМ ФИХ | Номгӯи мол | Мизони боҷҳои гумрукӣ |
|---|---|---|
| **39** | Маҳсулоти пластикӣ | 10% |
| **57** | Тамоми намуди қолину палос | 30% |
| **61;63** | Маҳсулоти текстилӣ | 15% |
| **68** | Маҳсулот аз санг ва семент | 15% |
| **64** | Пойафзоли чармӣ | 15% |
| **76** | Алюминий ва маҳсулот аз он | 15% |
| **94** | Мебел | 15% |

Манбаъ: дар асоси Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст

Яъне, дар мавриди воридоти молҳои истеҳсоли Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Беларус. Номгӯи замимаи 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2003, №450 «Дар бораи тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои молҳои истеҳсоли кишварҳои камтараққикарда, мизони боҷҳои гумрукии амалкунанда муқаррар карда шудааст. Ба Номгӯи чунин кишварҳо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ҷумҳуриҳои Непал, Мянма ҷамъ 45 кишвари дохил карда шудаанд [3]. Дар маҷмӯъ, дар тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми унсурҳои сохтани тарифи гумрукӣ, аз ҷумла муназзам сохтани он тибқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (НМ ФИХ), намудҳои мизонҳои боҷҳои гумрукӣ, муқаррар намудани мизонҳои баланд барои моли воридотии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ба назар гирифта шудаанд.

Тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мақсади асосӣ–фискалӣ ва ҳимояи манфиатҳои молистеҳсолкунандагони ватаниро таъмин намояд. Боҷи гумрукии воридотӣ воситаи ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба ҳисоб меравад, зеро боҷҳои гумрукии пардохташуда дар таҳвили минбаъдаи мол ба ҳисоб гирифта намешаванд ва арзиши молҳои хориҷӣ ва ба ин васила, рақобатпазирии молҳои ватаниро боло мебарад. Аз ин лиҳоз, такмили тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд аз назар дур бошад. Аз ҷумла, идомаи ташдиди тарифӣ барои гуруҳҳои молии Номгӯйи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии зерин дар тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32 ва 34 – мизони боҷи гумрукӣ барои гуруҳи молии 32 НМ ФИХ (тамоми рангҳо, эмулсияҳо, шпатлевка ба гуруҳи молии мазкур) ва 34 (собун, шампун, хамираи дандоншӯӣ ба гуруҳи молии мазкур мансубанд) 5 фоиз муқаррар шудааст.

Мизони боҷи гумрукӣ барои гуруҳҳои молии 28 ва 29 НМ ФИХ, ки ашёи кимиёвӣ барои истеҳсоли молҳои ба гуруҳи молии 32 ва 34 НМ ФИХ мебошанд, ҳамчунин 5 фоиз муқаррар карда шудааст. Аз ин хотир, ба мақсаднок мувофиқ мебошад, ки баҳри фароҳам овардани шароит барои иваз шудани сохтори воридоти чунин молҳо (рангҳо, эмулсияҳо, шпатлевка, собун, шампун) яъне, аз маҳсулоти тайёр ба ашёи он, мизони боҷи гумрукӣ барои гуруҳи молии мазкур ба истеҳсоли молҳои мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият хоҳад дод. 33 – мизони боҷи гумрукӣ барои гуруҳи молии 33 НМ ФИХ (равғанҳои атр, маҳсулоти косметикӣ ва парфюмерӣ ва атриёт ба гуруҳи молии мазкур мансубанд) 5 фоиз муқаррар карда шудааст.

**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 406 с.
2. Курси лексия аз фанни андозбандии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ. Салимов Ю.Н. – Хуҷанд, 2022. – 80 с.
3. Орлова Е.О. Налогообложение участников внешнеэкономической деятельности и движения капитала: учебное пособие. – Оренбург, 2017. – 183 с.
4. Салимова М.М. Менеҷменти андоз. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд, 2022. – 456 с.
5. Тюриков П.Е. Налогообложение участников внешнеэкономической деятельности: учебно–методический комплекс. – Москва, 2012. – 90 с.
6. www.andoz.tj.
7. www.customs.tj.

## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА ЗНАЧИМОСТИ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Садриддинов М.И.,** д.э.н., **Пираков Р.М.** – к.э.н., **Неъматов М.А.** – докторант PhD

В условиях, когда возникают новые виды экономической деятельности социально-экономический анализ современного состояния экономики считается и на этой основе оценить экономическую значимость определенных природных ресурсов, в частности водных, считается важной и необходимой задачей. В этой связи, ускорение темпов промышленности, или в современном понимании ускоренной индустриализации также может осуществиться за счёт эффективного использования водных ресурсов.

Рациональное использование водных ресурсов могут привести к устойчивому и сбалансированному социально-экономическому состоянию всей национальной экономики. Также эффективность использования водных ресурсов приведет к устойчивому социально-экономическому развитию как страны в целом, так и ее отдельных регионов. Особо следует отметить важность и значимость водных ресурсов для ускоренной индустриализации экономики. Водные ресурсы, на наш взгляд, являются важным ресурсам, но уязвимых компонентов природной среды, роль которых в развитии и стабильном функционирования всех отраслей экономики сложно переоценить. В этой связи, в Республике Таджикистан была разработана водная стратегия РТ – общенациональная стратегия всей экономики страны по гарантированному обеспечению потребностей населения и экономики в воде нормативного качества к которой задействованы наряду с органами государственной власти и местного самоуправления, общественность и другие заинтересованные стороны. В этом документе дана оценка современного состояния водных ресурсов, проведен анализ ситуации в водохозяйственном комплексе страны, обеспечены цели и направления его развития и рассчитаны целевые прогнозные индикаторы.

Мировая практика использования водных ресурсов показывает, что существуют страны, у которых потенциал использования водных ресурсов по сравнению с другими странами достаточно велик. Несомненно, в этот список Республика Таджикистан занимает достойное место. На долю РТ приходится более 60% гидроресурсов Среднеазиатского региона [1]. Также можно сказать, что РТ по запасам водных ресурсов занимает второе место после Российской Федерации в странах независимых государств (СНГ) [1]. Республика Таджикистан обладает уникальным водно-ресурсным потенциалом. Общая протяженность 947 рек, имеющих длину более 10 до 100 километров, превышает 28500 километров. Эти цифры говорят о том, что водные ресурсы для развития экономики РТ играют важную роль.

Водные ресурсы внутри страны распределены крайне неравномерно, что во многом предопределяет и их использование для различных отраслей. В целом по РТ протекают две реки. Это Сырдарья и Амударья. По административно-территориальному делению эти реки текут следующим образом: Сырдарья только по Согдийской области, а что касается главной реки страны Амударьи, то она охватывает территорию трех остальных регионов. По Сырдарье Таджикистану выделено всего 3,66 км$^3$, в том числе с забором из поверхностных источников 2,46 км$^3$ и из ствола реки Сырдарья 1,81 км$^3$. В 3,66 км$^3$ входят все заборы воды из всех источников [1]. По реке Амударьи Таджикистану выделено 15,4% от общего стока

[1]. Это означает, что при прогнозе водности рек бассейна Амударьи, например, 62,0 км$^3$, Таджикистан имеет право забирать только около 9,5 км$^3$ воды на нужды ирригации.

По административно-территориальному потреблению воды в среднем за 2000-2010 гг. картина выглядит следующим образом:

по Республике в целом –12513,9 млн. м$^3$, в т. ч.:

по Хатлонской области – 6024,9 млн. м$^3$;

по Согдийской области – 3091,8 млн. м$^3$;

по РРП включая столицы – 2998,9 млн. м$^3$;

по ГБАО (ПАМИР) –- 398,3 млн. м$^3$.

Основными потребителями воды в стране являются питьевое водоснабжение, сельское хозяйство, промышленность, рыбное хозяйство и природно-экологические комплексы. Если рассмотреть с позиции экономического роста, то экономика Таджикистана в основном развивается за счет сельского хозяйства и в структуре водопотребления доминирует орошаемое земледелие. Доля орошаемого земледелия в зависимости от маловодья или водности года изменяется. В целом ее доля составляет 92-93% от общего водопотребления [1]. Доля таких отраслей как промышленность в целом, водоснабжение, рыбное хозяйства и др. не превышают 2%. Следует отметить, что по уровню использования водных ресурсов по отдельным отраслям экономики, не всегда можно определить пропорциональность уровня развития отрасли. Другими словами водные ресурсы и их использования для развития отрасли не всегда являются основным фактором развития. Вышесказанное можно наблюдать в промышленности. Объем производства промышленной продукции за 2010 год по Хатлонской области составил 32,8%, а использования объема водных ресурсов от общего водозабора 48%. Данный регион считается основным водопотребителем в республике, но не является лидером по выпуску промышленной продукции. Это конечно зависит от многих других факторов, но если учесть потребления объема воды, но данному региону следует увеличить выпуск продукции. В этих случаях, как отмечают некоторые отечественные ученые, необходимо придерживаться принципа пропорциональности использования не только определённых ресурсов, но и всех ресурсов в целом [3]. В ряде работ, отмечается важность и значимость принципа оптимального сочетания имеющихся ресурсов, в частности водных [4].

В данной работе предпринята попытка составить водный баланс РТ и по его регионам в разрезе нескольких отраслей. На основе экономико-математической модели ОМММ (оптимизационная межрегиональная межотраслевая модель) проводились расчеты. Следует сказать, что ОМММ являясь результатом развития и интеграции региональных межотраслевых балансов, дает общее представление и региональные пропорции по отдельным показателем. Этот экономико-математический инструмент был разработан в ИЭОПП СО РАН (Институт экономики и организации промышленного производства Сибирского Отделения Российской Академии наук) [2]. Варьируя значения ограничений по водным ресурсам, имитируя разные сценарии в ОМММ, мы получили следующие результаты (таблица 2). Водный баланса был получен в четырех регионов страны в разрезе таких отраслей как: электроэнергетика, цветная металлургия, сельское хозяйство и прочие отрасли. Результаты были получены для 2020 года, так как расчеты по ОМММ проводились на 2010 лет, то есть начиная с 2010 по 2020 год.

Таблица 2. Перспективный водный баланс по регионам Республики Таджикистан в разрезе отраслей на 2020 г., млн. м$^3$

| Потребители | Север – Согдийская область | Запад – г.Душанбе включая РРП | Юг – Хатлонская область | Восток – Памир или ГБАО |
|---|---|---|---|---|
| Электроэнергетика | 234 | 21 | 4118 | 49 |
| Цветная металлургия | 0 | 905 | 919 | 0 |
| Сельское хозяйство | 935 | 665 | 1557 | 104 |
| Прочие отрасли | 248 | 338 | 654 | 11 |
| Население | 95 | 114 | 382 | 38 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Итого | 1512 | 2044 | 7630 | 201 |
| Резерв | 2148 | 0 | 0 | 0 |

*Источник:* Составлено и рассчитано автором.

Напомним, что данные по третьему региону включают в себя данные по вторым и четвертым регионам. Поэтому и резерв вторым и четвертым регионам отсутствуют, так как увеличение потребления в них отражается на водном балансе третьего региона – последнего перед «выходом» речной системы Амударьи в другие страны. Из таблицы видно, что запасы водных ресурсов остаются только в первом регионе. Водные ресурсы третьего региона приходятся на долю таких отраслей как электроэнергетика, сельское хозяйство, цветная металлургия и населения. Доля других отраслей очень низкая. Рассматривая выше приведенные сценарии развития и меняя значения показателя резерва водных ресурсов третьего региона, для каждого сценария можно получить аналогичный баланс водных ресурсов.

В заключении хотелось бы отметить, что все регионы Таджикистана имеют определенные преимущества по вопросам использования водных ресурсов и как уже отмечалось выше, следует возобновить намеченные проекты, которые были спроектированы в советское время для развития экономики данного региона. При рассмотрении различных договоров по вопросам водных ресурсов, нужно учесть внутреннее потребление воды по отдельным отраслям экономики в разрезе отдельных регионов. Общеизвестно, что в Центральной Азии существуют определенные проблемы по вопросам распределения водных ресурсов между соседними странами. Республика Таджикистан при заключений международных соглашений по водным ресурсам, может аргументировано обосновать необходимость перераспределения лимитов водопользования и водопотребления. На этой стадий очень важно, чтобы Таджикистан смог доказать рациональность и бережливость использования водных ресурсов для нужд хозяйства страны.

**Литература**

1. Брошюра Министерства мелиорации и водных ресурсов Республики Таджикистан. Душанбе, 2010. 98 с.

2. Гранберг А.Г. Оптимизационные межрегиональные межотраслевые модели / А.Г. Гранберг, В.Е. Селиверстов, В.И. Суслов // Новосибирск: Изд-во «Наука», 1989. – 257с.

3. Рахимов Р. К., Довгялло Я. П., Шарипов Б. М. Общеэкономические пропорции в народном хозяйстве Республики Таджикистан // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2015. – Т. 1. – №. 1. – С. 58-66.

4. Садриддинов М.И., Ершов Ю.С., Малов В.Ю. Оценка значимости водных ресурсов Республики Таджикистан / ИЭОПП СО РАН. - Новосибирск: Изд-во ИЭОПП СО РАН, 2017. - 138 с.

# ПРОБЛЕМАҲОИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ МУКАМАЛГАРДОНИИ ОН ДАР ШАРОИТИ УЗВИЯТ БА СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО (СУС)

***Самиров Б.А. – ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДБССТ***

Таваҷҷуҳ ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва татбиқи ҳарчи васеи онҳо дар ҷомеа яке аз самтҳои афзалиятноки ҶТ дар замони узвият ба Созмони умумиҷаҳонии савдо мебошад. Дар ҷаҳони имрӯза илму техника босуръати баланд рушд мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мекӯшад, ки дар ин замина ҳамқадам бо ҷаҳони муосир пеш равад. Яке аз иқдомҳои нав дар кишвари мо ин ҳаракат ба сӯи тиҷорати электронӣ мебошад, ки солҳои охир аз тарафи ҳукумат бо ҷиддият пайгирӣ мешавад.

Инқилоби илму техникаи муосир ва раванди ҷаҳонгароӣ ба пайдоиш ва ташаккули яке аз шаклҳои навини тиҷорати «ноаён», яъне электронӣ, ки имконияти муҳими ширкат варзидани мамолики гуногунро дар савдои ҷаҳонӣ ба миён овард. Дар фаъолияти иқтисодӣ он соҳибкороне, ки ҳар чӣ бештар дар ҳисобу китоб, таҳлил ва омӯзиши вазъи бозор ба муваффақият ва пешравӣ ноил мегарданд, одатан ба иттилооти фаврӣ ва саҳеҳ рӯ меоранд.

Технологияи иттилоотии навин ба ташаккули воқеияти ҳақиқӣ, дар шакли созмони иттилоотӣ сабаб гардид. Агар пештар сарватҳои иқтисодӣ хоси як минтақаи муайян буданд, вале имрӯз сарвати асосӣ ин ақл ё зеҳни тоза, молия ва иттилоот ба ҳисоб меравand. Дар

зери таъсири бевоситаи технологияи иттилоотӣ сохтори субъектҳои бозор, технологияи амалии соҳибкорӣ ва муҳит мусоиди иқтисодӣ ташаккул ёфтааст.

Дар замони муосир нисбати истилоҳи тиҷорати электронӣ фаҳмиш ё андешаи ягона мавҷуд нест. Вале, тибқи нишондодҳои Созмони умумиҷаҳонии савдодар зери мафҳуми мазкур пеш аз ҳама истеҳсол, реклама, фурӯш ва ба таври муттаасил дастрас намудани молҳо тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ фаҳмида мешавад.

Аз руйи баҳодиҳиҳои коршиносон, Тоҷикистон ба тараққиёти тиҷорати электронӣ дар шароити узвият ба Созмони умумиҷаҳонии савдо тайёр аст. Барои бадастории равандҳо дар ин соҳа зарур аст маълумотнокии истифодабарии бартариятҳои тиҷорати электрониро дар бизнес, маориф ва ҳукумат, мукаммалгардонии раванди таъминоти гумруки ( на танҳо дар сатҳи минтақавӣ, инчунин байналхалқи)-ро вусъат дод, инчунин вусъат додани рақобат дар байни Интернет-провайдерҳо, барои камнамоии хароҷот, инчунин барои истифодабарандогони қаторӣ зарур аст. Дар ин ҷо нақши ҳукумат муҳим аст, чунки маҳз онҳоро ҳамчун масъалаи якумдараҷа-тараққии тартибҳои босуръати гумрукӣ, ки таъсири мусбӣ ба устуворгардонии тиҷорати байналхалқӣ ва транзаксияҳои электронӣ мерасанд, бояд дида бароядд.

Тиҷорати электронӣ метавонад ба рушди иқтисодии Тоҷикистон таъсири мусбӣ расонида, ба тараққии маркетинг ва кушодашавии бозорҳои нави таъминкунанда ёрӣ мерасонад. Инчунин тиҷорати электронӣ ба рушди корхонаҳои бизнеси хурду калон, бо роҳи дастрасии беҳтарин ба иттилоот ва хизматрасониҳои дигар корхонаҳо метавонад мусоидат намояд. Дар соҳаи барқарорнамоии муносибатҳо бо мизоҷон ва таъминкунандагон ёрӣ мерасонад.

Тиҷорати электронӣ метавонад дар зинаҳои гуногун истифода бурда шавад, аз ширкати одии давлатӣ дар шабака сар карда то ҳакории фаъолияти кори якчанд ширкатҳо (масалан аутсорсинг ё ширкати виртуалӣ). Тиҷорати электронӣ асосан характери глобалӣ дорад. Дар сатҳи байналмилалӣ дар баробарӣ бо сатҳи дохили мамлакатӣ тиҷорати электронӣ бо омилҳои монанди фарқи андозсупорӣ, қоидаҳои гумрукӣ ва қоидаҳои фаъолияти бонки мураккабтар мешавад. Дар алоқаманди бо иштирокчиён тиҷорати электронӣ ба намудҳои гуногун ҷудо мешавад:

- шахсони ҳуқуқӣ, корхонаҳо(Businnes-to-Businnes-B2B);
- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ (Businnes-to-Customer-B2C);;
- шахсони ҳуқуқӣ ва корхонаҳои давлатӣ (Businnes-to-Government-B2G);
- шахсони воқеӣ(Customer-to-Customer-C2C);
- корхонаҳои давлатӣ ва шахсони воқеӣ (Government-to-Customer-G2C).

Барои истеъмолкунандагони Тоҷикистон Интернет – банкинг, яъне идоранамоии суратҳисобҳои бонкӣ ба воситаи Интернет боз як навоварӣ мебошад. Интернет -Банкинг ба воситаи истифода аз шабакаи Web Money Transfer амалӣ мегардад. Ин шабакаи умуми қабулгардида барои амалигардонии ҳисоббаробаробаркунии босуръати лаҳзавӣ дар Интернет ба воситаи маблағҳои электронии Web Money мебошад.

***Интернһт-банкинг*** – ин маҷмӯи хизматрасониҳои бонкиест, ки ба мизоҷ бонк тавассути Интернет мерасонад ва инҳоро дар бар мегирад: назорати ҳисобҳои худ; харидорӣ ва фурӯши асъори ғайринақдӣ, пардохти хизматҳои комуналӣ, дастрасӣ ба Интернет, ҳисобҳои операторони алоқаи мобилӣ ва пейджингӣ; гузаронидани пардохтҳои ғайринақдӣ, интиқоли маблағ аз рӯи суратҳисоб.

Айни замон се дараҷаи интернет-банкингро ҷудо мекунанд:

- иттилоотӣ (сомонаи бонк дар Интернет, ки дар он намудҳои ва тарофаҳои хизматрасониҳо инъикос ёфтаанд);
- коммуникатсионӣ (мубодилаи дутарафаи иттилоот тавассути почтаи электронӣ, иттилоот дар бораи ҳисоб, нусха аз рӯи ҳисобҳо);
- бонк нимфуксианалии транзаксионӣ (гузаронидани тамоми амалиёт, ғайр аз додани пули нақд).

Умуман, созмон додани ҳукумати электронӣ дар шароити узвитя ба Созмони умуммиҷаҳонии савдо ба боваринокии аҳолӣ мусоидат менамояд, чунки ин ба аҳолии имконият медиҳад, ки бо ҳукумат ҳамкори намуда, саволҳо диҳад ва ба онҳо ҷавоб гирад ва умуман дар сайт ҳуҷҷатҳои зурурирo ёфта, бе талафоти зиёди вақт ва дар навбатҳо дар ҷустуҷуи ҳақиқат имконият медиҳад.

Ҳукумати электронӣ – ин созмон додани шакли нави фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби истифодаи васеъи Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК), ба зуддӣ ва бо сифати баланд таъмин намудани дастрасии шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба иттилоот ва хизматрасониҳои давлатӣ оиди натиҷаҳои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, фаҳмида мешавад.

Барои расидан ба ҳукумати элктронӣ дар кишвари мо чанд қонуну қарор ва барномаву консепсияҳо қабул шудаанд:

- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ»;
- Қонуни ҶТ «Дарбораи ҳимояи иттилоот»;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои рақамӣ-электронӣ»;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи дастраси ба иттилоот».
- Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди ҶТ».
- Барномаи давлатии «Рушд ва ҷорикунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсинӣ дар ҶТ».
- Консепсияи «Сиёсати давлатии иттилоотии ҶТ».
- Консепсияи «Ташаккули ҳукумати электронӣ дар ҶТ».

Ҳамин тавр имрузҳо тиҷорати электронӣ дар Тоҷикистон дар зинаи аввала қарор дорад, вале иқтидори муҳим дорад. Инфрасохтори иттилоотии Тоҷикистон дар марҳалаи ташаккулёби қарор дорад, ки ин маънои имконияти ноил шуданро ба тараққиёти тиҷорати электронӣ дар мамлакатро дорад. Барои бомуваффақият тараққӣ додани тиҷорати электрони зарур аст, ки базаи мусоиди қонунгузорӣ ва меъерию-танзимиро, ки ба дастгири ва рушди телекоммуникатсия ва Интернет равона гардидааст, муқаррар намуд.

**Адабиёт**


1. Балабанов И.Т., Электронная коммерция, Учебное пособие для вузов, СПб, 2001, С.191.
2. Саидмуродов Л.Х. Мирбобоев Р.М., Солиев А.А. «Бизнеси байналхалкӣ: назария, амалия ва одоб» Душанбе.: 2002 г.
3. Титаренко Г.А. Информационные системы и технологии управления.- М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2011.- 591 с.
4. Закон о качестве пищевых продуктов. // Ахбори Маджлиси Оли РТ. – 2002-№4, Статья 314.
5. Закон о защите прав потребителей // Ахбори Маджлиси Оли РТ.–2004 - №12, Статья 699.
6. Закон об обеспечении единства измерений // Ахбори Маджлиси Оли РТ. 1997-№10. Статья 131.


## СОҲИБКОРИИ ХУРДИ ИННОВАТСИОНӢ: ЗАРУРАТ ВА АҲАММИЯТИ ТАҲИЯИ БАРНОМАИ РУШДИ ОН

**Валиев Н.Ш. -** н.и.и, дотсенти ДБССТ

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI бо мақсади ноил гардидан ба дигаргунсозии сатҳи сифатан нави таъмини рушди иқтисодӣ ва татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар истеҳсолот ва соҳиб шудан ба мавқеи муносиб дар раванди рақобаттавонӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ба фаъолияти соҳибкории хурди инноватсионӣ, кишварҳои алоҳида ба истифодаи дастовардҳои инқилобии илм ва технологияи ҳозиразамон майлу рағбат пайдо карданд.

Бояд хотирасон кард, ки ду роҳи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот бо услубҳои муқаррарию хос ва маълум ба даст овардани самара ё натиҷаҳои сифатан баланди иқтисодӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои маҳдуди иқтисодӣ: якум - бо усули классикӣ;

дувум - фаъолияти инноватсионӣ, ки нисбатан рушди босуръати иқтисодро таъмин менамояд, ки дар расми 1 нишон дода шудааст.




**Расми 1. Функсияҳои соҳибкории хурди классикӣ ва инноватсионӣ [6. С.12]**

Маҳз роҳу услубҳои навоварона ва навсозии раванди шаклу намудҳои афзалиятноки соҳибкориро дар сатҳи корхонаву субъектҳои хоҷагидорӣ, хусусан дар соҳаҳои иқтисоди воқеӣ бештар дар саноат чун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон ба миён мегузорад. Вай дар такя ба хирад, ақлу заковати навоваронаи инсон, нерӯи зеҳнӣ, хулоса ба кашфу ихтироот, андешаю дастовардҳои навтарини илму техника ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани андешаю тафаккури инқилобӣ ва такондиҳандаи олимон, муҳандисон, ихтироъкорон, соҳибкорони асилу эҷодкор ба пешрафти ҷиддӣ ва сатҳи сифатан баланди соҳаҳои саноат, комплекси агросаноатӣ, энергетика, сохтмон ва як қатор бахшҳои ғайриистеҳсолӣ (технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионинӣ) замина мегузорад [3. С.36].




**Расми 2. Шарҳи мафҳумҳои инноватсия ва навоварӣ**

Зери вожаи инноватсия истифодаи андешаву падидаҳои нав ва навтарин дар намуди технологияи замонавӣ, навъи нави маҳсулот ва хизматҳо, шаклҳои нави ташкилию идоракунии истеҳсолот фаҳмида мешавад. Бояд мафҳумҳои навгонӣ - (ҷараёни татбиқи

навсозӣ) бояд «инноватсия»-ро аз ҳамдигар фарқ кард, гарчанде онҳо бо ҳамдигар хеле наздик ва робитаи ногусастанӣ доранд

Бино бар ақидаи Й. Шумпетер «Вазифаи соҳибкорон аз амалисозии ғояи ислоҳот ва инқилобии усулҳои раванди истеҳсолот барои ноил шудани кашфиёт ва бо назардошти маънои васеи мафҳуми он тариқи технологияҳои навтарини замонавӣ барои истеҳсоли молҳои нав ё такмили равандҳои истеҳсоли молҳои мавҷуда, вале бо усули навин тавассути истифодаи сарчашмаи нави ашёи хом ва ташкили соҳаи нави саноат иборат аст». Ҳамин тариқ, Й. Шумпетер ҳамон андешаро талқин мекард, ки навоварӣ ва навгониҳо аз хусусиятҳои ҷудонашавандаи соҳибкор мебошанд [5. С.45].

Дар иртибот бо ин нуқтаҳои зикршуда ба фаъолияти инноватсионӣ амалиётҳои зеринро шомил намудан мантиқи солим пайдо мекунад:

• тавлиди маҳсулоти нав ва савдои он дар бозор, ки рақобаттавон маҳсуб мешаванд;

• татбиқи амалии техника ва технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ва савдо;

• таъсисёбӣ ва инкишофи бозорҳои нави фурӯши маҳсулоту хизматрасониҳои субъектҳои савдо, ки зимнан ҷавобгӯ ба талаботи тағйирёбандаи замони муосиранд;

• ҷалби сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва таъмини сатҳи фоиданокӣ дар субъектҳои соҳибкории хурд;

• роҳандозӣ намудани шаклҳои нави ташкилию иқтисодии институтсионалӣ (хусусигардонӣ, низоми нави идоракунӣ, бозорёбӣ ва ғ);

• инкишоф додани инфрасохтори соҳибкории хурди инноватсионӣ дар истеҳсолот ва соҳаи савдо.

Агар вазъи фаъолияти инноватсиониро дар ҷумҳурӣ ба таври умумӣ шарҳу тавсиф намоем, пас таъкид кардан зарур аст, ки имрӯз ин раванди инноватсионӣ, хусусан дар субъектҳои истеҳсолии соҳибкории хурду миёна танҳо дар давраи ташаккулёбӣ қарор дорад.

Барои тавсифи вазъи ҳозираи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе нишондиҳандаҳоро овардан мумкин аст, ки онҳоро дар амалияи ҷаҳонӣ барои арзёбии вазъ ва динамикаи нерӯи инноватсионии мамлакатҳо ва самаранокии умумии соҳаи илмию инноватсионӣ истифода мекунанд.

Мусаллам аст, ки солҳои амалкарду Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон оид ба дастгирии илму маориф, хусусан илмҳои дақиқу техникӣ ва ҳалли пайгиронаи масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ таҳия кардан ва амалӣ кардани нақша-чорабиниҳо, пайдо кардани сарчашмаҳои боэътимод ва калони сармоягузорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва заминавӣ дорад. Дар кишвар таҳкими нерӯи илмию техникӣ ҳамчун яке аз шартҳои заруртарин ва муфид дар иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои саноат, агросаноатӣ, энергетика, сохтмон, нақлиёт, информатика ба роҳи инноватсионии рушд бояд бештар мазмуни стратегӣ пайдо намояд [1. С. 6].

Дар ин маврид қонунҳо ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида бошанд, ҳам, вале ба андешаи мо барои ба низоми иқтисоди рақамӣ (электронӣ), ҷиддӣ гузаштан ва ҷорӣ кардани сиёсати иқтисодии инноватсионӣ кифоя нест. Иҷрои ин корҳои ҳуқуқию меъёрӣ маҳз барои пешбурди низоми индустриалӣ - инновасионӣ пайгирона идома дода шавад.

Таҷрибаи рушди фаъолияти соҳибкории хурд бештар ва дар муҳлати нисбатан кутоҳ, истифодаи роҳҳои ташкилӣ ва идоракунии самараноки фаъолият, таъмини сифати баланди маҳсулот ва хизматрасониҳо ба муштариён, дар раванди истеҳсолот татбиқи воқеии технологияҳои навтаринро дар бар мегирад. Истеҳсол ё интиқоли молҳои маъмулӣ ба бозор метавонанд бо истифодаи усули наве, ки ба худи ташкили истеҳсолот, унсурҳои техникии истеҳсолот ё тағйироти хусусиятҳои сифатии мол вобаста бошанд, амалӣ карда мешавад. Дар ин раванди иқтисодӣ, тавлиди молҳои маъмулӣ метавонад тариқи қисман татбиқ кардани дастовардҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ба роҳ монда шавад [7. С. 65].




**Расми 3. Омилҳои ба рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ таъсиррасон**

Дар маҷмуъ, соҳибкории инноватсиониро ҳамчун раванди ташкилӣ - иқтисодӣ муайян намудан мумкин аст, ки ба тавлид ва савдои молу хизматрасониҳои наву босифат ва технологияҳои пешқадами замонавӣ бо роҳи истифодаи амалии навовариҳоро пешбинӣ ва дар амали хоҷагидории бозорӣ пешбини менамояд.

Ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ фаъолияти соҳибкории хурди инноватсионӣ дар раванди истеҳсол ва фурӯши маҳсулот тамоми системаи муносибатҳоеро, ки дар мавриди алоқаи ҳамкории соҳибкор бо истеъмолкунанда, таҳвилгарон, дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, кормандони кироя ва ниҳоят мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунанда ба миён меоянд, дар бар мегирад. Ташкили воқеии фаъолияти инноватсионӣ кори осон набуда, ҷустуҷӯ ва татбиқи ғояҳои нави соҳибкории хурд то татбиқи амалии онро дар тибқи лоиҳасозии махсус ва татбиқи он дар истеҳсолот пешбини менамояд. Ин раванд дар ниҳояти кор, бо гирифтани фоидаи муайян хотима меёбад.

Зарурати таҳия ва аҳамияти татбиқи амалии барномаи рушди устувор ва босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин омилҳои асосӣ вобастагӣ дорад:

- баланд шудани нақши инноватсия чун яке аз иқдомҳои муҳим дар таъмини рушди иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар;
- ташаккули самарабахши иқтисоди бозорӣ дар ҷумҳурӣ, ки бештар ба технологияҳои муосир такя мекунад;
- паст будани сатҳи талабот ба навовариҳо аз ҷониби фаъолияти соҳибкорӣ;
- рушди номукаммали қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва мавҷуд набудани қонун ва барномаи мақсаднок дар ҳалли масъалаи муҳими ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ;
- паст будани сатҳи маданияти инноватсионӣ чӣ дар соҳаи илм ва чӣ дар фаъолияти соҳибкории хурд;
- муҳайё нагардидани шароитҳои зарурӣ барои рушд ва истифодаи самаранокӣ дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар чараёни нависозии истеҳсолот, савдо, хӯроки умумӣ ва рушди сектори соҳибкории хурди инноватсионӣ;
- дастрас набудани иттилоот (бо назардошти иттилооти оморӣ) оид ба рушди фаъоли соҳибкории хурди инноватсионӣ дар соҳаи савдо.

Дар барнома раванди мақсаднок ба пеш бурдани соҳибкории хурди инноватсионӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти кишвар – саноат, кишоварзӣ, савдо, хӯроки умумӣ ва ғ бояд асоснок гардад.

**Барномаи рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Мақсади таҳияи барнома**

ин дар асоси таъмини системаи муайян оид ба ташкилу идора кардани навгониҳо мебошад, ки он дар навбати худ таъмини муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, мавҷудияти инфрасохтори кифояи инноватсионӣ, беҳтар гардонидани низоми дастгирии давлатии соҳибкории хурди инноватсиониро талаб менамояд.

**Вазифаҳои таҳияи барнома**

- баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муттаҳидсозии аҳолӣ дар алоқамандӣ бо хусусият ва инкишофи ғояҳои миллӣ;
- дигаргунсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба минтақаҳои алоҳидаи рушдёфта табдил додани он, ҳам аз нуқтаи назари сатҳи зиндагӣ, дар баробари ин рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба стратегияи самараноки ҷамъкунӣ ва истифодаи донишҳову татбиқи навовариҳо асоснок мегардад;
- ташкили шароитҳои мусоид барои инкишофи соҳибкорӣ тариқи истифодаи иқтидорӣ илмӣ – техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини рушди босуръати илованархиҳо тавассути соҳибкории инноватсионӣ;
- рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла саҳмгирии субъектҳои соҳибкории хурд дар ММД;
- инкишофи сармояи инсонӣ, инчунин таъмин кардани модели соҳибкории хурди инноватсионӣ.

**Расми 4. Мақсад ва вазифаҳои барномаи рушди соҳибкории хурди инноватсонӣ**

Имрӯз дар ҷумҳурӣ бо суръат инкишоф додани соҳибкории хурди инноватсионӣ басо муҳим ва манфиатнок аст. Ба андешаи муаллифи мақола амали шудани ин тадбир саривақти буда ба сиёсати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон оид ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, зимнан ҳамоҳанг мебошад.

Дар вобастагӣ бо ин раванди ояндадор рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба сатҳи сифатан баланд замина хоҳад гӯзошт. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъалаи дорои аҳамияти стратегӣ, ба фикри мо, таҳия ва асоснокгардонии зарурати самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди устувор ва босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ барои давраи то соли 2030, дар навбати аввал таҳияи лоиҳаи он мувофиқи мақсад аст. Барномаи рушди устувор ва босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ беҳад муҳим ва судманд аст.

Барои ташаккули соҳибкории хурди инноватсионӣ дар Тоҷикистон бояд ба ҳалли масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хос зоҳир гардад:

- ташаккули роҳҳои ҳамкорӣ миёни иштирокунандагони ҷараёни инноватсионӣ, бо назардошти ташкили ҳамкорӣ миёни ташкилотҳои илмӣ ва муассисаҳои давлатии олии касбӣ бо корхонаҳои саноатӣ бо мақсади ҷорӣ кардани технологияҳо дар истеҳсолот, савдои чакана ва хӯроки омма, баланд бардошатни дараҷаи тахассуснокии кормандон;
- гузаронидани сиёсати амалкунандаи иқтисодӣ нисбати иштирокчиёни ҷараёни инноватсионӣ, ҷалби институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ баҳри рушди сармоягузории венчурӣ ба лоиҳаҳои илмӣ;
- ташкили марказҳои инноватсионӣ – технологӣ, бизнес – инкубаторҳо, технопаркҳо ва инкишоф додани минтақаҳое, ки инфрасохторҳои инноватсионӣ он ҷо ҷойгир шудаанд, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ машғул мебошанд, мусоидат оид ба таъсис ва рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ, ташкили биржаҳои моликияти зеҳнӣ ва хизматҳои илмӣ-техникӣ.

Дар раванди муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушди бахши соҳибкории хурди инноватсионӣ мо бояд ба ҳалли масъалаҳои зайл такя намоем:

1. Омӯзиши дастовардҳои ҷаҳонӣ (таҷрибаи давлатҳои тарақикарда ва кишварҳои рӯ ба рушд қарор дошта);

2. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, истифодаи самараноки сарватҳои мавҷудаи иқтисодӣ, беҳдошти экологӣ;
3. Пайдо намудани сарчашмаҳои молиявӣ, ихтироъотӣ ва татбиқи амалии онҳо;
4. Таҳлили вазъи муосири бозор (гӯзашта, имрӯза ва ояндаи он).

**Натиҷаҳои интизорӣ аз татбиқи барномаи тавсиягардида:**

1. Баланд бардоштани нақши соҳибкории хурди инноватсионӣ бо мақсади ҷорӣ гардонидан дар баланд бардоштани иқтидори инноватсионӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои он. Онҳо барои таҳким бахшидан ба фаъолияти хоҷагӣ – молиявӣ, инчунин барои рушди ҳамкориҳо миёни давлат ва бахши хусусии соҳибкории хурди инноватсионӣ истифода бурда мешаванд.
2. Ташаккули “Заминаи инноватсионӣ” – и коллективҳои калони илмӣ - тадқиқотӣ, ки соҳиби таҷрибаи пешқадам дар субъектҳои соҳибкории хурд, ки ҳисоби ташкилотҳои буҷетӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Ба андешаи мо, таҳия ва татбиқи амалии барномаи рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ имкон медиҳад, ки ин тадбири муҳими дастгирии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хосро бо дарназардошти як қатор сабабҳо (норасоии дастгирии давлатии молиявӣ, номукамалии асосҳои қонунгузорӣ, рушди нокифояи инфрасохтор махсус дар бахши инноватсионӣ, мавҷуд набудани мутахассисони кордони олӣ ва миёнаи махсус, рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкории хурди инноватсионӣ ва ғ.) саҳми арзанда ва судманд гузошт.

Рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ барои солҳои дарозмуддати то солҳои 2030 ва роҳҳои татбиқи он дар маҷмӯъ пеш аз ҳама ба зарурати гузариши ҷумҳурӣ ба роҳи рушди инноватсионӣ, истифодаи дастовардҳои илмӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва суръат бахшидан ба фаъолияти илмӣ, илмӣ – техникӣ ва инноватсионӣ асоснок карда мешавад.

Дар амал ҷорӣ гардонидани барнома имкон медиҳад дар сарҳади Тоҷикистон системаи амалкунандаи инноватсионӣ ташкил карда шавад, ки он асоси гузариши иқтисодиёт ба роҳи рушди инноватсионӣ мегардад.

Фаъолгардонии соҳибкории хурди инноватсионӣ асоси ҳалли чунин масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ – иқтисодӣ барои ҷумҳурӣ мегардад, ба монанди: замонависозии бахши истеҳсолӣ – тиҷоратикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон, гузаштан аз тағйиротҳои сохторӣ, баланд шудани саҳми маҳсулоти инноватсионӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, баланд гардидани рақобатнокии маҳсулоти корхонаҳои ҷумҳурӣ дар бозорҳои ватанӣ ва ҷаҳонӣ, таъсиси истеҳсолоти нави даромаднок дар ҷумҳурӣ.

Иҷрои барномаи мазкур боиси ноил гаштан ба вазифаҳои зерин мегардад:

• табдил додани иқтисоди Тоҷикистон ба фаъолияти индустриалӣ – инноватсионии ташкили босуръати самти рушди устувор такя карда, дар асоси заминаи рушди илму дониш ва истифодаи технологияҳои нави замонавӣ;

• ташкили шароитҳо барои баланд бардоштани сатҳи самарабахши субъектҳои соҳибкории хурд фаъолона ба сӯи ояндаи дурахшон ва марифати аҳолӣ ба пеш ҳаракат мекунад;

• ҷалб намудани субъектҳои нави соҳибкории инноватсионии хурд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини рушди назарраси тағйиротҳои сифатан нав, ки тавассути субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ташкил ва идора карда мешавад;

• ташкил кардани системаи инноватсионӣ – технологӣ оид ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи идоракунии соҳибкорӣ;

• беҳтар гардонидани имиҷи Тоҷикитсон дар бозорҳои илмӣ ва технологии ҷаҳонӣ. Татбиқи қисматҳои барнома дар маҷмӯъ ба дигаргуниҳои сохтори ташкилӣ ва рушди босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ оварда мерасонад, аз ҷумла:

• ба созмон додани механизмҳои институтсионалии таъмини самарабахши дар амал ҷорӣ намудани самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• фаъолияти самараноку рақобатпазири соҳибкории инноватсионӣ дар асоси тағйиротҳои инноватсионӣ, ҳамкориҳои стратегӣ бо соҳибкории бузург, мувофиқа гардонии амалҳо бо сохторҳои идоракуни дар ҳама сатҳ;

• васеъ гардонидани мавқеи соҳибкории инноватсионӣ дар иқтисодиёт вобаста ба рушди муътадили он;

• таъмини рушди тадриҷан бомароми иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамин тариқ, аз маводҳои дар мақола ҷойгиршуда хулоса кардан мумкин аст, ки ташаккул ва рушди босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ дар самтҳои татбиқи амалии дастовардҳои техника ва технологияҳои замонавӣ, мудирият, аз ҷумла фаъолияти маркетинги дар бозор дар давраи дарозмуддат то давраи соли 2030 –м ва дар замина ба пешравиҳои сатҳи баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил мегардад.

**Адабиёт**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Душанбе 2016. – С. 67.

2. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 // аз 30 апрели соли 2011, № 227. – С. 9.

3. Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020 // аз 30 апрели соли 2012, № 201. – С. 6.

4. Кабиров Ш.О., Султонов З.С. Приоритетные направления инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства Республики Таджикистан в условиях рынка // Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2019, № 5(68). – С. 163 - 169.

5. Шумпетер И.А. Теория экономического развития [Электронный ресурс]. Экономическая онлайн библиотека. - 2014. – С. 8.

6. Шаров А.В. Развитие малого и среднего инновационного предпринимательства – необходимое условие модернизации экономики России // Инновации. 2010. № 5. – С. 22.

7. Комилов С. Дж., Файзуллоев М. Формирование национальной инновационной системы Республики Таджикистан как условие обеспечения модернизации экономики страны // ПСЭ. 2011. №2. – С. 4

# ТУРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҚИСМИ ТАРКИБИИ СИСТЕМАИ САВДОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Нурматова Мақсуда Рӯзибоевна Номзади илмҳои филологӣ, дотсент**
**Муассисаи давлатии “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и ДБССТ**

Дар ҷаҳони муосир дар баробари рушди босуръати истеҳсоли молҳо соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла туризм, васеъ ва такмил меёбад. Туризми байналмилалӣ қисми таркибии системаи савдои байналмилалӣ мебошад. Мубодилаи хидматҳои туристӣ, инчунин мубодилаи молҳо ба содирот ва воридоти бисёр кишварҳо таъсири назаррас доранд. Туризми байналмилалӣ як қисми мубодилаи байналмилалии хидматҳо шудааст. Бо рушди робитаҳои байнидавлатӣ, соҳаи хизматрасонӣ аз доираи кишварҳои алоҳида берун баромада, ба яке аз ҷанбаҳои муҳими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ табдил ёфт, ки натиҷаҳои молиявии онҳо ба натиҷаҳои тавозуни пардохти кишварҳои алоҳида бештар таъсир мерасонанд . Ҳар сол тақрибан 0,5 миллиард нафар бо мақсади сайёҳӣ ба кишварҳои хориҷӣ ташриф меоранд. Туризми байналмилалиро бо ин ё он роҳ тақрибан 70 созмони байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Ҷаҳонии Туризм (СҶТ) - як ниҳоди махсуси СММ ҳал мекунад [5, с.127]. Барои ҳар як кишвари алоҳида, туризми байналмилалӣ маънои гуногун дорад. Масалан, барои иқтисоди Багама, Кипр, Сингапур, Австрия, Гонконг, он нисбат ба

2. Низомов С.Ф. Стратегические направления цифровизации промышленности в Республике Таджикистан / С.Ф. Низомов, Ф.А. Джабборов // В сборнике: Актуальные вопросы экономической теории: развитие и применение в практике российских преобразований. Материалы IX Международной научно-практической конференции. Под общей редакцией И.В. Дегтяревой. - Уфа, 2020. - С.166-172, 168.

3. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» 21.12.2021 года. - Душанбе. – С. 2.

4. Султонби Рахматзода Роль налогообложения в промышленной индустриализации/ Р. Султонби // Вестник Таджикского национального университета. Душанбе, 2022. - №8. - С. 76. (ISSN-2413-5151)

# РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ризоев К. -н.и.и., дотсентии кафедраи назарияи иқтисодии ДБССТ**
**Тагаев Б.Ш. -н.и.и., дотсентии кафедраи назарияи иқтисодии ДБССТ**

Муаммоҳои рушди иқтисодӣ,саноатикунонии босуръат ва омилҳои мусоидаткунанда ба он дар илми назарияи иқтисод баҳсҳои доманадор ва туллониро ба вуҷуд овардааст.

Пайдоиши тамсилаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ далели равшани гуфтаҳои боло мебошанд. Сабаби чунин мавқеъ пайдо кардани масъалаи таъмини рушд дар иқтисод, ин алоқамандии он бо ҳалли масъалаҳои дигари дохилӣ ва берунии иқтисодӣ мебошад.

Пеш аз ҳама рушди иқтисодӣ имкон медиҳад, ки бозори дохилии мамлакат бо молу хадамоти зарурӣ таъмин карда шуда, ҷойҳои кори зиёд гардад ва дар ин асос манбаҳои даромади аҳолӣ ва давлат густариш ёфта, қобилияти харидории аҳоли ва сатҳи зиндагии он боло раванд.

Аз андешаҳои боло метавонем хулоса намоем, ки таъмини рушди иқтисодӣ заминаи боэътимоди суботи иҷтимоиро дар ҳар як мамлакат ба вуҷуд меорад.

Бинобар он давлатро зарур аст, ки чораҳои ба рушди иқтисоди мусоидаткунандаро андешида, онҳоро дар амал татбиқ намояд. Муҳимияти ин масъала барои давлатҳои иқтисодӣ интиқолӣ дошта ба маротиб афзудааст, зеро онҳо дар марҳалаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ на танҳо рушди иқтисодиро таъмин карда натавонистанд, балки дучори такроористеҳсоли маҳдудшаванда гаштанд. Заруряти ҳалли муаммоҳои иқтисодию иҷтимоии ин кишварҳо масъалаи рушди суръатноки онҳоро ба миён гузоштааст. Бинобар ин бояд муайян карда шавад, ки оё дар ин кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъмини рушди суръатнок вуҷуд дорад ё не.

Ба андешаи мо дар Тоҷикистон чунин омилҳо мавҷуданд ва танҳо тарзу роҳҳои истифодаи онҳо бояд асоснок карда шаванд.

Муҳимтарин омиле ки метавонад рушди суръатноки иқтисоди Тоҷикистонро таъмин намояд, пеш аз ҳама захираҳои фаровони табии он ба ҳисоб мераванд. Далели ин андеша кашфи зиёда аз 400 кони канданиҳои фоиданок мебошад, ки аксарияти онҳо коркарди саноатии худро интизоранд. Саволе пеш меояд, ки чаро ин сарватҳои табиӣ ба доираи истифодаи саноатӣ ҷалб нашудаанд ва боиси пайдо шудани садҳо ҳазор ҷойҳои корӣ нагардиданд. Барои пайдо кардани ҷавоби ин савол бояд каме ба таърихи асри бистум назар андозем.

Иқтисоди Тоҷикистон то фарорасии замони истиклоли давлатиаш ҷузъи иқтисоди воҳиди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт ва дар қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои иқтисодӣ дар мадди аввал манфиатҳои ин давлати абарқудрат гузошта мешуд. Унсурҳои механизми бозорӣ дар ин иқтисод умуман амал намекарданд.

Чунин муносибат ба равандҳои иқтисодӣ, боиси он гардид, ки аксарияти канданиҳои фоиданоки Тоҷикистон ба доираи коркарди саноатӣ ҷалб нашуданд. Давлате, ки дар қаламрави худ бузургтарин конҳои намаки ошӣ (конҳои Хоҷамӯмин ва Хоҷасартис) мавҷуд буд [1, 37-47] аз дигар ҷумҳуриҳои Шуравӣ намак ворид мекард.

Аз нигоҳи муносибатҳои бозорӣ ин воридот танҳо зарари иқтисодӣ меорад. Лекин аз нигоҳи сиёсӣ чунин ташкили робитаҳои иқтисодӣ вобастагии ҷумҳуриҳоро аз якдигар ба вуҷуд оварда заруряти накши ҳамоҳангсозандаи «марказро» таъкид мекард. Бурди иқтисодӣ ҳамчун меъёри баҳодиҳии фаъолияти иқтисодӣ дар иқтисоди фармонӣ қариб ки накшеро намебозид.

Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ мавқеи захираҳои табииро дар таъмини рушди иқтисодӣ куллан тағйир дод. Дар марҳалаи нав давлат бо мақсади таҳкими асосҳои иқтисодиаш ва ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ муносибатро ба сароватҳои табии дигаргун кард. Дар шароити кунуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк кардааст, ки ҷалби сарватҳои табии ба доираи истифодаи саноатӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди босуръати иқтисоди кишвар мебошад ва бо назардошти ҳамин

ҷиҳат сиёсати иқтисодии худро тавассути санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва Барномаҳои давлатӣ таҳия, қабул ва тадбиқ менамояд.

Имрӯз як қатор конҳои кашфшудаи канданиҳои фоиданок дар якҷояги бо ҷалби сармояи хориҷӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд (конҳои тилло, сурма, симоб ва ғайра). Ба андешаи мо вақти он расидааст, ки коркарди комплексии ин сарватҳо аз истихроҷи ашё то истеҳсоли маҳсулоти тайёр ба роҳ монда шаванд.

Ба ақидаи мо муҳимтарин самте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мавриди таваҷҷуҳи хоси қувваҳои соҳибкории дохилию хориҷӣ ва давлат қарор гирад, захираҳои энергетикии мамлакат мебошад.

Ба доираи истифодаи саноатӣ ҷалб кардани ин захираҳо имкон медиҳад, ки соҳаи энергетика ҳамчун «локомотиви» иқтисодӣ, рушди соҳаҳои дигари иқтисоди миллиро таъмин намояд.

Тоҷикистон асосан аз ду намуди захираҳои энергетикӣ – ангиштсанг ва об бой мебошад. Бояд қайд намоем, ки захираҳои ангишти Тоҷикистон дар баробари манбаи энергетикӣ буданашон ҳамчунон ашёи пурқиммати кимёвӣ низ ба ҳисоб меравант.

Бузургтарин манбаи ангишти Тоҷикистон дар кони Фон-Яғноб ҷойгир аст. Тибқи ҳисобҳои дар замони Шӯравӣ анҷом додашуда захираи ин кони бузург аз 1,5 млрд.тонн зиёд мебошад ва истифодаи он танҳо ҳамчун манбаи энергия исрофкори ҳисобида шудааст. Чунин хулосабарори ба далелҳои илми такя мекунад. Ангишти ин кон таркиби мураккаб дошта дар он пайвастагиҳои зиёди кимёвӣ мавҷуд мебошанд. Зиёда аз 60 сол муқаддам муҳаққиқони соҳаи геология дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти илмӣ муайян карданд, ки дар натиҷаи сӯхтани ангишти кони Фон-Яғноб газҳое ҷудо мешаванд, ки коркарди минбаъдаи онҳо имкон медиҳад чунин миқдор зок, навшодир ва кислотаи сулфат истеҳсол гардад, ки барои қонеъ кардани талаботи бозори Осиёи Марказӣ басанда аст [2, 14-16].

Ҳамчунон дар тадқиқоти олимони тоҷик (Баротов Р.Б. ва Новиков В.П.) таркиби мураккаби ангишти Фон-Яғноб дар асоси омӯзиши газҳои аз сӯхтани зеризамини онҳо пайдошаванда таъкид шудааст. Аз ҷумла қайд мешавад, ки дар таркиби газҳои хориҷшаванда метан, бутан, гидрогени озод ва гидрогенсулфур хело зиёд мебошанд [3, 75-78].

Бо назардошти ин андешаҳои илмӣ метавонем қайд намоем, ки нисбати истифодаи ангишти кони Фон-Яғноб бояд ба таври комплексӣ муносибат намоем. Хуб мешуд таҳияи лоиҳаи энергетикӣ бо ном ва сифати нав, яъне комплексҳои энергетикӣ-кимёвӣ таҳия гарданд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки номгуи маҳсулоти саноатии тавлидшаванда дар мамлакат зиёд гардида, ҳамчунон масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла бекорӣ ҳал карда шавад. Умуман релефи ҷуғрофии Тоҷикистон ҳамчун омили манфи дар рушди кишоварзӣ амал карда водор месозад, ки инкишофи минбаъадаи давлатамон дар асоси пешрафти соҳаҳои саноат ва тараққиёти илм таъмин карда шавад.

Дар ҳудуди ноҳияи Рашт кони ангишти Назарайлоқ бо сифати баланди худ ҳамчун антратсит дар ҷахон машҳур мебошад. Захираи геологии кон 400 млн.тоннаро ташкил медиҳад. Сифати онро мутахассисон бо кони ангишти беҳтарини ҷаҳонӣ Ха-Ту-и Ветнам дар як радиф мондаанд.Кони ангишти Назарайлоқ аҳамияти стратегӣ дошта, онро ҳамчун ашёи технологӣ дар соҳаи саноат васеъ истифода бурдан мумкин аст. Истифодаи кони Назарайлоқ то имруз ба талабот ҷавобгӯй нест.

Манбаи дигари табиӣ, ки рушди босуръати Тоҷикистонро таъмин мекунад, боиси афзоиши нерӯи содиротии он мегардад, истифодаи комплексии захираҳои об мебошад. Вақти он расидааст, ки ба ин неъмати табии ватанамон аз нигоҳи иктисодӣ баҳо диҳем. Тараққиёти саноатии ҷаҳон ва афзоиши босуръати аҳолӣ масъалаи таъминот бо оби ошомиданиро ба миён овардааст. Дигар давлатҳо захираҳои табииашонро (нефт, газ, ҷангал ва ғайра) ҳамчун мол ба бозори ҷаҳонӣ содир карда, аз ин ҳисоб бурди зиёди иқтисодӣ ба даст меоранд. Мо низ бояд обро бо ин мақсад истифода намоем, ба давлатҳои эҳтиёҷманд (хусусан ба давлатҳои атрофии халиҷи Форс) бо қубурҳо (монанди нефту газ) оби ошомиданӣ фурушем(содирот намоем).

Самти муҳими истифодаи оби дарёҳои Тоҷикистон ин истеҳсоли қувваи барқ мебошад. Рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зисту зиндагонии аҳолӣ бидуни мавҷудияти барқи фаровон ва арзон ғайри имкон аст. Маблағгузории дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти ҳар як мамлакат дар ҳолате самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар корхонаҳои бунёдшаванда самаранок фаъолият кунанд ва боздеҳи баланди ин маблағҳоро таъмин намоянд. Норасогии барқ ва ё тибқи меъёр истифодабарии он наметавонад фаъолияти босамару фоиданоки корхонаҳоро таъмин кунад. Чунин ҳолат дар Тоҷикистон беш аз 25 сол идома дошт ва яке аз муаммоҳо ва омилҳои манфии боздорандаи рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Норасогии барқ ва потенсиали бузурги энергетики Тоҷикистон (имконоти эътирофшудаи энергетикаи обии ҷумҳурӣ ба 527 млрд.киловатт. соат баробар аст) таззодест, ки имрӯз дар мамлакат мушоҳида мешавад ва вақти он расидааст, ки бо роҳу воситаҳои мухталиф ин камбудӣ ё зиддият бартараф карда шавад. Амали гаштани ин маром ба кор даромадани агрегатҳои Роғун мебошад.

Ба андешаи мо ҳар як мамлакат дар истифодаи захираҳои худ комилҳуқуқ аст. Аз ин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд лоиҳаҳои ҷолиби инвеститсиониро дар соҳаи энергетикаи обӣ пешниҳод намояд, ки ба истифодаи обҳои дохилиаш ва баъдтар ба обҳои сарҳадгузар асос ёфтаанд. Асосноксозии техникию иқтисодии ин лоиҳаҳо бояд саривақт анҷом дода шаванд ва онҳо дастраси маблағгузориҳои эҳтимолӣ бошанд.

Дар оғози мақола қайд гардид, ки релефи ҷуғрофии Тоҷикистон мураккаб мебошад ва ин ҳолат метавонад ба тадбиқи амалии лоиҳаҳои энергетикӣ таъсири манфӣ расонад. Хусусан сатҳи пасти инкишофи коммуникатсияҳои нақлиётӣ омили боздорранда ба ҳисоб мерафт.

Татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби манбаҳои маблағгузории дохилӣ ва хориҷӣ имкон медиҳанд, ки дар солҳои наздик муаммоҳои коммуникатсияи нақлиёти дар мамлакат ҳал карда шаванд. Имрӯз давлати мо қариб пурра аз гунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта истодааст. Сохтмони тунелҳо, пулҳо, роҳҳои автомобилгарди замонавӣ, роҳҳои оҳан далели ин гуфтаҳост.

Бунёди зерсохторҳои муосир имкон медиҳанд, ки тадбиқи лоиҳаҳои инвеститсонӣ дар комплекси сӯзишворию энергетикии мамлакат арзон гарданд. Ин ҳолат ҷолибияти онҳоро барои маблағгузорони дохилию хориҷӣ бештар месозад.

Дар ҷаҳони имрӯза, ки ба бӯҳрони шадиди экологӣ ва иқтисодӣ дучор шудааст, тадбиқи лоиҳаҳои энергетикии Тоҷикистон аз лиҳози экологӣ низ ҷолиб мебошанд, зеро онҳо ба муҳити зисти аҳолӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Самти дигари истифодаи захираҳои табиии ҳамчун омили мусоидаткунанда ба рушд, инкишофи босуръати истеҳсоли ҷавоҳирот мебошад. Дар Тоҷикистон қариб тамоми заминаҳо барои инкишофи ин соҳа мавҷуд мебошанд. Мавҷудияти конҳо ва истеҳсоли металлҳои қимматбаҳо (тилло ва нуқра) ва сангҳои қимматбаҳо.

Омили дигари инкишофи соҳаи мазкур, фаровонии қувваи корӣ мебошад. Давлат метавонад бо таъмини шароитҳои қулай (имтиёзҳо дар воридоти мошинҳо ва дастгоҳҳои соҳавӣ, содироти маҳсулоти соҳа, имтиёзҳои андозӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва ғайра) ба инкишофи ин соҳа мусоидат намояд. Истеҳсоли ҷавоҳирот соҳаи меҳнатталаб ба ҳисоб рафта, боиси афзоиши ҷойҳои нави корӣ мегардад.

Умуман дар таъмини рушди минбаъда нақши сарватҳои табиӣ ниҳоят бузург ва умедбахш мебошанд ва Тоҷикистон аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил хоҳад ёфт.

## Адабиёт


1. Баратов Р.Б., овиков В.П. Каменное чудо Таджикистана. Душанбе, Ирфон 1988. с. 37-47.
2. Аброров Х.. Самтхои истифодаи оқилонаи ангиштсанги кони Фон-Ягноб.Энергетика ва саноат. 2010 № 6-7 с.14-16.
3. .Баротов Р.Б, В.П.Новиков.Каменное чудо Таджикистана. Душанбе, Ирфон 1988,с.113-127 Баротов Р.Б. Горы и недра Таджикистана. Душанбе, Маориф 1989, с.75-78.

# ТАҲЛИЛИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ИНСОНӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СОҲИБКОРӢ

**Ҷобиров Д.М. асисстенти кафедраи молияи ДБССТ.**

Асосан дар шароити имрӯза захираҳо дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ иштироккунандаро омилҳои истеҳсолот меноманд. Дар илми иқтисодӣ чор гуруҳи омилҳои асосии истеҳсолотро ҷудо мекунанд:

- захираҳои инсонӣ (меҳнат);
- захираҳои табиӣ (замин);
- сармоя;
- фаъолияти соҳибкорӣ.

Ҳар яки аз ин омилхо дар низоми иқтисодӣ мавқеи худро дорад ва вазифахои муайянро иҷро менамояд[1].

**Захираҳои инсонӣ** – (ё ки қувваи коргарй, меҳнат) қоби лияти инсон дар ҳар як фаъолияти зеҳнӣ ва ҷисмонӣ мебошад, ки барои ба даст овардани неъматҳо равона карда шудааст. Нархи меҳнат ҳамчун музди кор баромад мекунад.

**Захираҳои табии** – неъматҳои табиие мебошанд, ки дар мавриди ба вуҷуд овардани мол ва хизматрасонӣ истифода бурда мешаванд. Дар илми иқтисодӣ вақте, ки сухан дар бораи захираҳои табиӣ ҳамчун омили истеҳсолот меравад бисёртар мафҳуми «замин»-ро истифода мебаранд. Нархи истифодаи замин рента мебошад.

**Сармоя** – ин захираҳои истеҳсолии бавуҷудовардаи одамон (мошина, иншоот, компютер, роҳи оҳан ва ғ.) мебошанд, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат истифода бурда мешаванд. Зери мафҳуми сармоя инчунин пулро мефаҳманд, ки ба он омилҳои ҷисмонии истеҳсолот харида мешаванд. Музди истифодбарии чунин пул, ё ки сармояи пулӣ фоиз мебошад.

**Фаъолияти соҳибкорӣ** – ин маҷмӯи саъю кушишҳои меҳнати махсус: малакаҳои идоракунӣ ва ташкилотчигӣ мебошад, ки ба фирмаҳо барои истеҳсоли мол ва хазматрасонӣ заруранд. Вазифаи соҳибкор – бо тарзи самаранок ва сарфакорона бо ҳамдигар пайваст намудани се омили дар боло номбаршуда мебошад. Дар мавриди муваффақият ба даст овардан соҳибкор фоида мегирад, дар ҳолати нокомӣ – зарар мебинад. Фоидаи фаъолияти соҳибкорӣ – ин подош барои омили соҳибкорӣ мебошад[2]..

Бозори захираҳо унсури муҳимтарини таркибии иқтисоди бозорӣ дониста мешавад. Сатҳи самаранок амал кардани бозори захираҳо аз оқилона истифода бурдани онҳо вобаста аст. Пас устуворӣ ва мувозинатии иқтисодиёт, натиҷаоварии кори фирмаҳо ва соҳибкорон бо амал кардани бозори захираҳо алоқаманд аст.

Аз ҷадвали гирдгардиши бозорӣ (ниг. ба боби 5; нақшаи 5.1) маълум аст, ки фирма дар бозори мол ва хизматрасонӣ ҳамчун таъминкунанда, дар бозори захираҳо бошад, ҳамчун харидор баромад мекунад. Таъминкунандагони захираҳо асо - сан хоҷагиҳои хонагӣ мебошанд. Дигар фирмахо низ ба ин сифат баромад карда метавонанд. Баъзе молҳоро соҳибкорон танхо ба соҳибкорони дигар мефурушанд: ашёи хом, маводхо, сузишворӣ ва ғайра, ки онҳоро инчунин маҳсулоти мобайнӣ ҳам меноманд. Маҳсулоти тайёркардашудаи ниҳоӣ ба истеъмолкунандагон фурухта мешавад. Хоҷагиҳои хонагӣ ба бозор пеш аз ҳама захираи асосӣ меҳнатро пешкаш менамоянд[3].

Бозори омилҳои истеҳсолот даромадхоро ба вуҷуд меоварад, ки ба ҳосилнокии ҳар як омил мувофиқ аст. Вобаста аз ҳолати бозори омилҳо фирма масъалаҳои: чӣ, чи тавр ва чи қадар? истеҳсол карданро ҳал менамояд.

Бозори омилҳои истеҳсолот ва бозори молу хизматрасонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Фарқи ин ду намуди бозор, пеш аз ҳама, дар он дида мешавад, ки дар бозори мол ва хизматрасонӣ маҳсулоти барои истифодабарии ниҳоӣ тайёр, дар бозори захираҳо – шароити истеҳсолот хариду фуруш карда мешаванд.

Чунин фарқиятро ба таври зайл ифода намудан мумкин аст:

- мол (маҳсулоти тайёр) дар ҷараёни истеъмолот. захира бошад – дар раванди истеҳсолот истифода бурда мешавад;
- миқдор ва сифати муайяни захира шароити истеҳсолотро ба вуҷуд меоварад, мол ва хизматрасонӣ бошад – натиҷаи истеҳсолотро.

Бозори захираҳо боз як қатор хусусиятҳои дигари хос дорад.

Якум. истифодаи заҳираҳо хислати истеҳсолӣ дошта, пас харидорони захираҳо танҳо соҳибкорон, фирмаҳо (субъектҳои ҳоҷагидорӣ) шуда метавонанд.

Дуюм. нархи заҳираҳо аксаран аз рӯи таносуби талабот ва таклифот ба мол муайян карда мешавад.

Сеюм. дар таҳлили бозори захираҳо қоидаи асосии иқтисодиёт: «минимуми ҳароҷот ва максимуми натиҷа» фаъолона амал мекунад. Зеро аз риоя кардани ин қоида даромади соҳибкорон вобаста аст.

Чорум. талабот ба захираҳо хислати маҳсулӣ дорад ва бевосита аз талабот ба маҳсулоти та вассути онҳо тайёркардашуда вобаста аст.

Панҷум, талабот ба захираҳо на танҳо аз нархи онҳо, балки боз аз дараҷаи ҳосилнокии заҳираҳо вобаста аст. Масалан, талабот ба дастгоҳи пурмаҳсул нисбат ба дастгоҳи ҳисилнокиаш паст зиёдтар аст.

Маҷмуи бозорҳои заҳираҳо дар иқтисодиёт вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд: якум, ба самараноктар истеҳсол намудани мол ва ҳизматрасонӣ мусоидат менамоянд; дуюм, дар баробари зиёд намудани истеҳсоли мол ва ҳизматрасонӣ мусоидат мекунад, ки ҳакки заҳираҳои иқтисодӣ афзояд Ҳақди захираҳо даромади асосии моликонро зиёд менамояд[5].

Хусусияти бозори захираҳо тавассути қонуниятҳои ба худ хоси талаботу таклифот амалӣ мегардад. Талабот ба захираҳо маҳсулӣ (вобастагӣ) буда, аз талабот ба маҳсулоти бо истифодаи захираҳо истеҳсол шуда, манша мегирад. Яъне захираҳо талаботро мустақиман не, балки тавассути маҳсулоти тайёр қонеъ мекунанд. Пас, тағйирёбии ***талабот ба*** захираҳо низ андозаи маҳсулӣ аст: пеш аз ҳама аз тағйирёбии талабот ба маҳсулоти тайёр вобаста мебошад.

Талабот ба захираҳоро бизнес муайян мекунад. Миқёси захираҳо на фақат аз нархашон, балки боз аз ҳаҷми ***фуруши он*** молҳое, ки тавассути ин захираҳо истеҳсол шудаанд, вобаста аст. Агар ба мол талабот набошад, талабот ба захираҳо низ намешавад. Аз сабаби вобаста будани талабот ба захираҳо аз талабот ба маҳсулоте, ки тавассути онҳо тавлид гардидааст, **тавсифи маҳсулӣ** дорад.

Ба ҳаракати талабот ба захираҳо ҳосилнокии меҳнат ҳам таъсир мерасонад: агар афзояд, захираҳо бисёртар талаб карда мешаванд. Ҳар як воҳиди иловагии захираҳо афзоиши маҳсулот – маҳсулоти интиҳоӣ (дар ифодаи пулиаш – даромади интиҳоӣ)-ро таъмин мекунад. Дар баробари ин захираҳои иловагӣ афзудани хароҷотро – хароҷоти интиҳоиро талаб мекунад. Вале фирмаҳо кӯшиш мекунанд, ки хароҷоти истеҳсолотро кам кунанд. Барои ҳамин онҳо захираҳоро то он вақте зиёд менамоянд, ки даромади интиҳоӣ аз афзоиши он бо хароҷоти баробар мешавад. Агар даромади интиҳоӣ аз Хароҷоти зиёд шавад, талабот ба захираҳо меафзояд. Дар акси ҳол – талабот ба захираҳо кам мешавад.

Усулҳои асосии мубориза ба муқобили бекорӣ инҳо мебошанд:

1.Баланд бардоштани музди кори коркунони ихтисосҳои камёб;
2.Такмили ихтисоси коргарон аз ҳисоби фирмаҳои калон, ё ин ки аз ҳисоби давлат;
3.Ташкил намудани корҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби буҷаи давлат;
4.Ташкил ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки таъмин бо ҷои кор;
5.Васеъ намудани низоми ахборотӣ оид ба бозори қувваи корӣ (ташкили биржаи меҳнатӣ, ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва ғайра).

Маҳдудияти синну сол дар шинохт (эътироф)-и қувваи корӣ. Масалан, ҳадди ниҳоии ба қувваи корӣ дохил шуданро аз 16 ба 18-сола бурдан ё ин ки синни нафақаро аз 60 то 58-сола поён фаровардан[8].

Таклифоти захираҳои иқтисодиро хоҷагиҳои хонагӣ ба ҷо меоранд. Алалхусус, меҳнатро ба кирокунанда бевосита шахсони алоҳида – кирошавандаҳо пешкаш менамоянд.

Миқёси таклифоти захираҳо аз нарх ва даромаде, ки моликони онхо (захираҳо) гирифта метавонанд, вобаста аст.

Аз он сабаб, ки захираҳо хариду фуруш карда мешаванд, онҳо нарх доранд. Масъалаи нархгузорӣ дар вақти омухтани бозори захираҳо нуқтаи марказӣ ба ҳисоб меравад. Зеро нархи захираҳо омили асосии ба даромади пулӣ моликони он (музди кор, фоиз, рента, фоидаи соҳибкорй) таъсиррасонанда аст. Нархгузорӣ ба захираҳо хусусиятҳои тамоми бозорҳои омилҳои истеҳсолотро ифода мекунад.

Нархи захираҳо чун дар ҳамагуна бозорҳо аз талаботу таклифот вобаста аст. Таклифоти заҳираҳо алоқаи мустақими байни нарх ва ҳачми ҳақикӣ мавҷуд будани онҳоро ифода мекунад. Талабот ба заҳираҳо алоқаи баръаксро байни нарх ва ҳачми заҳираҳо ифода мекунад. Агар нархи захираҳо баланд шавад, соҳибкор ё онҳоро дар миқёси кам меҳарад, ё ки онҳоро бо заҳираҳои нисбатан арзон иваз мекунад.

Талабот ва таклифоти омилҳои истеҳсолот тавсифи миқдорӣ ва арзиши доранд. Тавсифи миқдорӣ миқдор ва миқёси кормандон, мошина, замин ва ғайра ро муайян мекунад, ки дар бозор харида (миқдори талабот) ва фурухта (миқёси таклифот) мешавад. Тавсифи арзишиаш нархе мебошад, ки бо он воҳиди захираи мазкур эҳтимол фурухта шавад (нархи таклифот) ё ки харида шудааст (нархи талабот). Нархи талабот ба захираҳо асоси харочоти истеҳсолкунандаро ташкил медиҳад, нархи таклифот бошад, андозаи даромади истеъмолкунандаро тасвир менамояд. Маълум аст, ки ҳам тавсифи арзишӣ ва ҳам тавсифи миқдорӣ дар як вақт нишодиҳандаҳои талабот ва таклифот мебошанд. Масалан, миқдори шуғлварзидагон ва музди кор барои корфармо мутаносибан андоза ва нархи талабот ба меҳнат, барои кироягар – андоза ва нархи таклифоти меҳнат мебошад. Барои ҳар як намуди захира нарх ва андозаи он ифодаи аниқ дорад.

**Адабиёт**


1. Имомов М.С., Хоҷаева М.Ю., Шоев Н.Н., Салихов Н.Н., Қодиров Д.Б., Солиев А.А., Аминов И. Бобоҷонов Р.М. \\Рушди инсони\\ китоби дарсӣ\\ Душанбе 2014с.
2. Имомов М.С., Хоҷаева М.Ю., Шоев Н.Н., Салихов Н.Н., Қодиров Д.Б., Солиев А.А., Аминов И. Бобоҷонов Р.М. \\Рушди инсони\\ курси лексияҳо\\ Душанбе 2014с.
3. Стратегия миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 103 с. https:// minjust.ww.tj
4. Барномаи давлатии сармоягузорӣ барои солҳои 2016-2020. [Захираҳои электронӣ]: https://medt.tj
5. Программа государственных инвестиций, грантов и технической помощи на 2016-2020гг. Душанбе, 2016. – 185с.
6. Программа экономического развития Республики Таджикистан на период до 2020 года. – Душанбе: 2016. – 141с.


## «ИҚТИСОДИ САБЗ»


**Ризоев К., н.и.и., Насирдинов И., н.и.и. -ДБССТ**


Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии ҶТ рӯзи 22-юми декабри соли 2017 ва 26 декабри соли 2018 , 28 декабри соли 2023 баён намуданд, ки «Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиққунандаи «иқтисодиёти сабз» маҳсуб ёфта, аз лиҳози истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия дар қатори шаш мамлакати пешсафи сайёра қарор дорад, зеро 98 фоизи барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад».(1.5).«…истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетики Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза- яке аз асоҳои рушди «иқтисоди сабз»- метавонад ба кам гардидани партовҳои гази карбон ба атмосфера мусодати ҷиддӣ намояд»(«2.2). «Точикистон хамчун давлати пешсафи чахон дар самти инкишофи « иктисоди сабз» соли 2037 вокеъан ба «кишвари сабз» табдил меёбад.»( 2.2).

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имконияти солонаи захираҳои барқии обӣ зиёда аз 527 млрд. кВт. соатро ташкил медиҳанд, ки талаботи ҳозираи кулли мамлакатҳои Осиёи

Марказиро се  маротиба зиёд қонеъ мегардонад.Айни замон ҳамагӣ 5 фоизи ин иқтидор истифода мешавад.

Далелҳои дар боло овардашуда ва андешаю гуфтаҳои Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои асосии пайдоиш ва зарурияти васеи омӯзиш ва тадқиқи ҳамаҷонибаи гидроэнергетика «энегияи сабз» ва «иқтисоди сабз»-ро пеш мегузорад. Муаммоҳои «энергияи сабз»,«иқтисоди сабз» ва омилҳои муайянкунандаи онҳо дар илмҳои ҷомеашиносӣ баҳсҳои доманадор ва туллониро ба вуҷуд овардааст. Пайдоиши вожаҳои гуногун доир ба барқи «сабз», «иқтисоди сабз» далели равшани гуфтаҳои боло мебошанд.

Дар замони муосир ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти «иқтисоди сабз»-ро ҳаргуна мефаҳманд. Яке онро соҳаи нави иқтисод меҳисобад, ки табиати кишварро беҳтар мегардонад. Дигарон бошанд  онро инъикоси технологияи нав, ҳамчун экосистема барои беҳтар намудан ва нафъ овардан ба вазъи табиат арзиш медиҳанд. Сеюмин бошад онро гузариш ба марҳалаи нави тараққиёт, ки мақсадаш пеш овардани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мефаҳманд.(6.48.,5).

Ҳамаи ин нишондодҳо оид ба муайян намудани фаҳмиши аҳамияти вожаи «иқтисоди сабз» наздик мебошанд. Иқтисодиёт барои нигоҳдорӣ, беҳбудии аъзоёни ҷомеа аз ҳисоби самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ, инчунин таъмини такрорнамоӣ ва расонидани маҳсулотҳо ба истфодабарандагонашон ва ба занҷири истеҳсолӣ равонашуда мебошад. Дар навбати аввал «иқтисоди сабз» барои истифодаи самараноки он захираҳое, ки дар шароити муосир ба нестшави расидаанд (нефт, газ) ва самаранок истифода бурдани захираҳои алтернативии барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, шамолӣ), нақлиёти бо қувваи барқ ҳаракаткунанда, сӯзишвории биологӣ ва монанди онҳо нигаронида шудааст. Ҳоло дар Тоҷикистон миқдори рӯзҳои офтобӣ дар давоми сол аз 260 то 300 рӯз мебошад. Васеъ истифода бурдани нерӯи офтоб мувофиқи мақсади «иқтисоди сабз» мебошад. Шароити табиии Тоҷикистон барои истифодаи захираҳои «иқтисоди сабз» аз қабили гидроэнергетика, нерӯи офтоб ва шамол хело мувофиқ мебошад. Раванди истифодаи энергияи барқароршаванда бо технологияи наву дастрас дар ҷаҳон бо суръати баланд афзоиш меёбад.

Инкишоф ва рушдиояндаи иқтисоди ҷаҳон аз энергияи барқароршаванда вобастагии зич дорад. Чунки энергия омили муҳимми таъмин намудани рушди  босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, пешгирии офатҳои табиии вобаста ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши партовҳои гази карбонат мебошад

Пешвои миллат,  муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намудааст, ки: «Дар баробари бунёди иншооти нави тавлиди нерӯи барқи обӣ имрӯз зарурати таҷдиди нерӯгоҳҳои амалкунанда пеш омадааст, ки сармоягузории зиёдро тақозо менамояд».(1.5.) Яъне барои гузариш ба «иқтисоди сабз» Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки давраи туллонии бунёд, дигаргунсозӣ, таҷдиди неругоҳҳои пештар сохта шуда ва навро сармоягузори намояд. Ин имконияти амали гардонидани «иқтисоди сабз» на танҳо дар кишвар, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он мешавад. Ба ин ҳадаф расидан таҷдиди нерӯгоҳҳои обии «Норак», «Сарбанд», «Қайроқум» ва бунёди нерӯгоҳи обии «Роғун» зарур мебошад, ки 16 ноябри 2018 дар Рӯзи Президенти ЧТ агрегати аввали Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо иштироки Пешвои миллат ба истифода дода шуд, ки дар баромади худ  зикр намуданд: «Имрӯз рӯзи равшаниву нур ва бунёди пойдевори асосӣ барои расидан ба ормонҳои миллӣ ва фардои дурахшони Тоҷикистони азизамон мебошад». Иқтидори истеҳсолии «Роғӯн»  3600 мегават буда, он аз неругоҳи Норак 0,9 млн.квт зиёдтар мебошад ва бо баландии сарбанд- 335 метр (дар миёни неругоҳҳои об) дар ҷаҳон аз ҳама баландтарин ба шумор меравад ва 6 агрегати онро  беш аз 22 ҳазор нафар шабонарӯз бунёд карда истодаанд. Бинои НБО дар  дохили кӯҳ,дар масофаи зиёда аз 70 километр бунёд карда мешавад, ки дар радифи  даҳ иншооти ҷаҳоӣ қакрор мегирад.Дар асоси пешгӯиҳои мутахассисон, бо бунёди пурраи ин нерӯгоҳ 250 ҳазор нафар соҳиби ҷойи кор шуда, дар маҷмӯъ, сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии бештар аз 60 млн. аҳолии минтақа беҳ мегардад. Бо бунёди НБО-и «Роғун»-

Тоҷикистон дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ба пуриқтидортарин кишвари тавлидкунандаи неруи барқи «сабз» мубадал мегардад ва кишвар ба истиқлолияти пурраи энегетикӣ мебарояд. Омили асосии бунёди «иқтисоди сабз» ва табдили кишвар аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ имкониятҳои васеъ ба вуҷуд меоянд.

Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар сафари давлатии худ ба Чумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9-10 марти соли 2018 дар суханронии худ қайд намуд, ки соли оянда дар мамлакаташон то 32% истифодаи қувваи барқи муқарарӣ ба қувваи барқи обӣ «сабз» мегузаранд. Инчунин шартнома бобати мубодилаи байниҳамдигарии неруи барқ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ба имзо расида буд, ки мувофиқи ин шартнома шоми 2-юми апрел хатти интиқоли барқ аз зеристгоҳи Регар (Тоҷикистон) ба зеристгоҳи Гулча (Узбекистон) зери шиддат монда шуд ва бо ҳамин интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба Узбекистон оғоз ёфт. Ин миқдор кувваи барқро онҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд гиранд.

Бо нишондод ва андешаи мутахассисон, тараққиёти «иқтисоди сабз» имконияти мамлакатҳои зиёдеро аз буҳронҳои экологӣ эмин нигоҳ медорад, чункӣ мамлакатҳои зиёди инкишофашон баъди саноатӣ ба чунин буҳрон рӯ ба рӯ шудаанд.

Ин тамоилҳоро ҷамбаст намуда, бояд қайд намуд, ки тамоюли ҷаҳонишавии «иқтисоди сабз» ин афзоиши самараноки истифода ва тараққиёти васеи энергияи барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, шамолӣ) дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, нақлиётӣ аз лиҳози экологи бехатар, таъмини талаботи одамон бо маҳсулоти бехатар ва сифатноки истеъмолӣ, об, сохтмонҳои нави саноатӣ ва зерсохтори иттилоотӣ мебошад.

Хулоса, муҳтавои Паёмҳо - «иқтисоди сабз» рушду нумуи омили асосии инкишофи ҷомеа, бунёд ва таҷдиди нерӯгоҳои барқии обӣ, истеҳсоли энергияи аз ҷиҳати экологӣ «сабз», сохтмони даҳҳо корхонаҳои хурду бузург, бунёди ҳазорҳо ҷойҳои кории «сабз», истеҳсоли маҳсулотҳои «сабз» ва дар ин асос баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақа, паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар кишварро ташкил медиҳанд. Хамаи ин ба он сабаб шуд,ки 30 сентябри соли 2022 бо карориХукумати Ч Т « Дар бораи Стратегияи рушди иктисоди « сабз» дар ЧТ барои солхои 2023-2037 » аввлин дар Осиёи Маркази кабул карда шуд.

**Адабиёт**


1.ПАЁМИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017.,Минбари халқ, 27 декабри соли 2017,№ 52. С.5-6.

2.ПАЁМИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018.,Чумҳурият ,26 декабри соли 2018,№ 256. С.2 .Омузгор, № 52 , 28 декабри соли 2023. С.2-3.

3.Анисимов С.П. «Зеленая экономика» и электроэнергетика./Национальные проекты.-2013.-№6.-С.4-13.

4. «Зеленая» экономика // http://minpriroda.by/

5.Обзор «зеленой» экономики ЮНЕП, 2011 // http://www.unep.org /

6.Маводи конфронси илмӣ-амалии чумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои институтсионалии ташкили «иқтисодиёти сабз» дар ҶТ», Душанбе-2017. С.19-20.


## САЙЁҲИ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОЧИКИСТОН


**Насирдинов И. М., дотсент, ДБССТ**


Дар таърихи тамаддун соҳаи сайёҳӣ аз қадим мақом ва мавқеи хосе дошт ва дорад. Дар шароити муосири рӯ ба инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ рағбати мардум нисбат ба сайёҳӣ пайваста дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Созмони Милали Муттаҳид рушди сайёҳиро ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии рушди устувори давраи то соли 2030 муқарар кардааст. Мувофиқи маълумотҳои СММ , соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳон ҷойҳои

кори иловагиро фароҳам оварда, ба рушди фарҳанги миллӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои миллӣ мусоидат мекунад.

Сайёҳи дар сатҳи ҷаҳон дар даҳсолаи охир аҳамият ва мавқеи хоси худро пайдо карда, бо самтҳои гуногун ва шаклу намудҳои фасеҳи хизматрасонӣ тадриҷан рушд ёфта истодааст. Имрӯз дар бозори сайёҳии ҷаҳонӣ ду соҳаи мустақили сайёҳӣ: байналмилалӣ ва дохлӣ бо низом ва сохторҳои махсуси худ амал менамоянд ва дар байни ҷомеа низ маъруфият пайдо кардаанд.

Дар ҷаҳон баъди нафт ва маводи доруворӣ даромад аз сайёҳии байналмилалӣ ҷои сеюмро ишғол менамояд ва он 30% содироти хизматрасониро ташкил медиҳад. Дар соли2017 дар сатҳи ҷаҳон сайёҳони байналмилалӣ то 4,8% афзоиш ёфта, ба 1,4 млрд. нафар ташриф расид ва даромади умумии он ба мамлакатҳо ба 1,5 трлн.доллар баробар гардид, ки ҳудуди 10% ММД ҷаҳониро ташкил медиҳад. Танҳо самти сайёҳии экологии иқтисоди ҷаҳон рӯзе тақрибан 1 миллиард доллар даромад меорад ва ин нишондиҳанда тамоили устувори афзудан касб кардааст.

Самти иҷтимоии муносибатҳои ҷамъиятӣ низ соҳаи сайёҳиро ҳамчун манбаъ ва воситаи афзалиятнок дар бахши шуғлнокии ҷомеа арзёбӣ менамояд. Ба соҳаи мазкур дар маҷмуъ 292 млн. нафар ҷойҳои кори рост меояд, ки аз 10 як ҳиссаи ҳамаи ҷойҳои кори ҷаҳониро ташкил медиҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодати болоравии ҳаҷми соҳаи сайёҳи дар иқтисодиёти як қатор давлатҳои мутараққи ба монанди- Англия, Фронса, Олмон, Испания, Австрия,Кипр,Малайзия, Италия, Туркия ва ғайраҳо манбаи асосии даромади иқтисодиёти миллӣ гардидааст, ки то 10% ММД онҳоро ташкил медиҳад. Аз рӯи оияндабиниҳои Созмони ҷаҳонии Сайёҳӣ шумораи сайёҳони байналхалқӣ то соли 2020 ба маротиба афзоиш ёфта ба 1,6 млрд. нафар мерасад ва дар ин асно маблағи масрафмекунандаи онҳо барои истироҳат метавонад то 2 трлн. доллари америкоӣ баробар шавад.Хамчунин, ҳар сол дар ҷаҳон наздики 5 млрд. ташрифи сайёҳӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, ки 83 фоизи он ( 4 млрд. ташриф) ба сайёҳии дохилӣ рост меояд. Мувофиқи пешбинии мутахассисони ин нишондиҳандаҳо то соли 2022 ба 1.6 миллиард ва то соли 2030 ба 2 миллиард сафарҳои сайёҳӣ меафзояд. Дар ин радиф, суръати солонаи рушди иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда 2,2 фоиз ва дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ду маротиба зиёд, яъне 4,4 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки то соли 2020 шумораи сайёҳони мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ нисбат ба мамлакатҳои тараққикарда афзоиш меёбад.(6.с.138-139)

Чумҳурии Тоҷикистон дорои ҳудудҳои нодири фарҳангиву табиӣ, аз қабили шаҳрҳои қадима, шаҳракҳо ва маҷмааҳои таърихӣ, мавзеъҳои нодири таърихӣ ва табиӣ, обҳои шифобахш, олами нотакрори наботот ва ҳайвонот буда, миёни кишварҳои ҷаҳон бо таърихи куҳанбунёд, мардуми тамаддунсоз ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба кулли фарқ мекунад ва дили ҷаҳониёнро ба худ ҷалб менамояд.Дар кишвар зиёда аз 200 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошта, танҳо дар соли 2019 зиёда аз 40 хатсайри нави сайёҳӣ таҳия ва роҳандозӣ гашт.

Мақсади асосӣ ва кулли пешниҳодҳои Пешвои миллат, амалигардонии талошҳои Хукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ, бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор,пеш аз ҳама таъсиси ҷойҳои корӣ, сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар кишвар мебошад.

Бо дарназардошти ин афзалият , барои батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ, шаклҳои хоси қонунгузорӣ ба роҳ монда шудаанд. Дар даврони соҳибистиқлолии Чумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 30 санади меъёри- ҳуқуқӣ ва танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ қабул гардид .

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди сайёҳиро дар дилхоҳ давлат бидуни таъмини заминаи меъёрӣ ва ҳуқубунёди таҳкурсии қонунгузорӣ тасавур намудан ғайриимкон аст

Маҳз ҳамаи инро ба назар гирифта Пешвои миллат , Президенти Чумҳурии ҷикистон , муҳтарам Эмомалӣ раҳмон барои боз ҳам бо суръат рушд кардани соҳаи сайёҳӣ ва ба омили рушди иқтисодӣ табдил додани он дар пайёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии, ки санаи 22 декабри соли 2017 баргузор шуд чунин пешниҳод намуданд: «Бо мақсади тараққи

додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмиллалӣ,инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад. (1.,22.12.1017.)

Пас аз эълони соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар кишвар бисёр дигаргуни дар ин соҳа ба амал омад.Дар соли мазкур шумораи сайёҳон ду маротиба афзуда ба 1 миллиону 115 ҳазор нафар расид, ки даромад бошад ба 240 миллион сомонӣ баробар шуд, ки қисми зиёди даромад аз ҳисоб меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳо мебошад. Шумораи сайёҳони дохилӣ бошад 710 ҳазор нафарро ташкил дод

Бо ҷорӣ гардидани низоми раводиди электронӣ тавсеа ёфт ва аз 59 кишвари соли 2015, теъдоди кишварҳое, ки шаҳрвандонашон ба Чумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, дар соли 2019 ба 146 давлат расид.

Дар Пайёми худ аз 26 декабри соли 2018 баргузор гардида Пешвои миллат чунин қайд намуданд: Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳаммияти самтҳои мазкур дар ҳайёти иҷтимоимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳон, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омадаанд, нисбат ба соли 2017 дуним баробар афзуд, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда як сол басанда нест. Дар баробари ин соли ҷорӣ «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардид ва имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон то ҳадди имкон муаррифӣ шуданд, лекин барои рушди инфрасохтори соҳа дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловаги андешида шаванд. (5). Ба мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.(1.)

Пешвои миллат, Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои хеш (22.12.2017, 26.12.2018 ва 26.12.2019) ба рушди ин соҳаи барои иқтисодиёти мамлакат манфиатбахш таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, аз ҷумла, қайд намуданд, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат на танҳо дар шаҳрҳо, балки, инчунин, дар деҳоти мамлакат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳиоб меравад.Пешвои миллат дар паёми 26.12 2019 овардааст: «Рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятнои сиёсати давлати мо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Хукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбини гардидаанд…

То имрӯз дар кишвар зиёда аз 200 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошта, 15 лоиҳаи инфрасохтори сайёҳӣ аз имтиёзҳои пешбинишуда бархӯрдор гардидааст…

Зарур аст, ки дар соли 2020 ва солҳои минбаъда шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳамаи мавзеъҳои сайёҳӣ беҳтар карда, сатҳу сифати хизматрасонӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.

Бо мақсади рақобатпазир гардонидани соҳа дар бозори ҷаҳоии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосирро омода кунем, кормандони ширкатҳои сайёҳӣ, роҳбаладҳо, тарҷумонҳо ва дигар мутахассисони соҳаро мутобиқ ба талаботи бозори сайёҳӣ ба воя расонем…

Ба хотри муҳайё кардани шароити муосири таълимӣ барои тарбияи кадрҳо пешниҳод менамоям, ки дар заминаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъсис дода шавад…(1. 26.12.2019.)

Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гаштани солҳои 2019-2021 давоми мантиқии ташабуси қаблӣ ва ҳозира дар ин самт буда, Тоҷикистони сохибистеқлол бо пиёда сохтани ин барномаи густурда фишанги муҳими пешрафти иқтисоди миллиро рӯи кор оварда, мавқеяшро дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ устувортар месозад.Тайи солҳои охир соҳаи сайёҳи кишвар ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, вуруди сайёҳон бамаротиб беш аз беш меафзоянд. Дар ин раванд, тақозо ба мутахассисони баландихтисоси соҳа бештар мегардад, зеро, барои хизматрасонии 1 миллион сайёҳ қариб 10 ҳазор мутахассиси соҳаҳои

гуногун лозим аст. Дар маҷмӯъ, ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва хусусии соҳа шароит фароҳам меоранд, ки солҳои наздиктарин теъдоди сайёҳон ба 5 миллион нафар рассад.

Хадафҳои олии Паёмҳои Пешвои миллат, ки дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хориҷие, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамоянд,Пешвои миллат дар Паёми имсолааш пешниҳод доштанд, ки ба онҳо аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар раводиди бисёркаратаи панҷсола дода шавад.

Инчунин, шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби сода гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, имкони гирифтани раводиди навъи сайёҳии бисёркарата пайдо мекунанд ва мӯҳлати он то 60 рӯз дароз мегардад.(1)

Хамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ва дурнамои инкишоф додани соҳаи сайёҳӣ яке аз ҷузъҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии давлат мебошад, ки вазифаҳои он баоми ли рушди соҳаи сайёҳӣ ва субъектони бозори он ба мақсади такомули шаклҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва тавассути он то як андоза мустаҳкам гардонидани мавқеи сайёҳи, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона карда шудаанд.

**Адабиёт**

1.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 22.12.2017., 26.12.2018. ва 26.12.1019.

2.Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» Душанбе аз 19.05.2009, №5.

3.Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ», Душанбе аз 31.05.2017, №796.

4.Барномаи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, Душанбе-2015, тахти №217.

5.Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе 2018.

6.Садриддинов Н.Т., Шодиев И.М. Равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ омили муҳим дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ Монография. Душанбе-2018. С.138-139.

7.Маводи конеренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ «Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо», Душанбе- 2019.

## АФЗОИШИ ПАРТОВҲОИ САНОАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ТОҶИКИСТОН.

**Қаландаров А.А., Назарова Г.Ш.**

Он афзалиятҳоро барои ҳалли масоили марбут ба тағйироти иқлим ҳамчун тадбирҳои мутобиқшавӣ барои ҷомеаҳои осебпазир ва низомҳо; равнақи гидроэнергетика; гузаронидани тадқиқотҳо ва назоратҳои иқлимӣ, ки дорои аҳамияти маҳаллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ мебошанд, муайян мекунад.

Камбудиҳои зиёде дар мониторинги худшавии ҳаҷми барф ва пиряххо мавҷуданд. Айни замон, дар кишвар танҳо се таҷҳизоти барои санҷидани ҳаво фақат дар ду шаҳр мавҷуд аст. Иқтидори дигар лабораторияҳои миллӣ, ки барои назорати экологӣ вазифадоранд маҳдуд мебошад. Маълумот ва иқтидори маҳдуд барои гузаронидани корҳои саҳроӣ низ сабабгорӣ фаҳмиши бади устувории геоморфии кӯлҳои пиряхии маҳаллӣ ва динамикаи пиряххои зерминтақавӣ гардидааст. Ҳамаи ин ба иқтидори заифи арзёбии таъсиррасонии иқлим ва хатарҳо оварда мерасонад, ки дар навбати худ қобилияти Тоҷикистонро дар мутобиқгардӣ ва омода шудан ба хатароти иқлимӣ дар зери суол мегузорад.

Бо аз кор мондани соҳаи саноат баъди ба даст овардани истиқлолият, партовҳои гази $C0_2$ ба таври назаррас коҳиш ёфт. Дар гузаштаи наздик як қатор тадбирҳо нисбати коҳиши ҳаҷми партов аз корхонаҳои сементбарорӣ ва алюминий, аз ҷумла барқарорсозии системаҳои тозакунӣ, истифодаи газ барои таҷҳизоти ҳавотозакунӣ ва беҳтар намудани

ҳолати герметикии систернаҳои электролитӣ андешида шуданд. Айни замон, назорат аз боли партовҳо ба ҳавои атмосферӣ танҳо дар корхонаҳои азим ва конҳо бурда мешавад.

Тибқи иттилооти расмӣ, сабабгори асосии хисороти молиявӣ дар даҳсолаи охир хушксолиҳо ва боришоти сахти барф бо тармаҳое, боиси марг гаштанд ба ҳисоб меравана. Мутобиқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, ҳар сол, минтақаҳои кӯҳии кишвар дучори тақрибан 50,000 ҳодисаи ярч, 5,000 ҳодисаи заминларзӣ ва садҳо ҳодисаи тарма ва селҳо мегарданд. Айни замон, тақрибан 1,200 хонавода бояд ҳатман аз минтақаҳои хавфноки офатҳои табиии алоқаманд бо об кӯчонида шаванд. Бештари селҳо дар ҳавзаи дарёи Вахш, Обихингоб, Қизилсу, Панҷ ва Зарафшон бо теъдоди аз 70 то 100 ҳодисаи сел дар як сол, рух медиҳанд. Дар минтақаҳои доманакӯҳ ва байникӯҳӣ селҳо дар мавсими баҳор рух медиҳанд, аммо дар минтақаҳои баландкӯҳ селҳо бештари вақт дар тобистон аз сабаи боришоти зиёд ба вуқӯъ мепайванданд.

Таҳлили Тоҷикгидромет бо истифодаи маълумоти 30 стансияҳо барои солҳои 1940-2005 афзоиши ҳарорати миёнаро тақрибан ба 0.1-0.2°C ба ҳар даҳсола дар қисмати ҳамвории Тоҷикистон, минимум 0.3° барои тамоми давра дар Хуҷанд ва максимум 1.2°C дар Данғара ва 1.0°C дар Душанбе нишон медиҳад. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ба истисноӣ водиҳои ҷудогона афзоиши ҳарорат ба ҳисоби миёна 0.3-0.5°C дар муддати 60 сол, ва дар минтақаҳои баланд (аз 2500 м боло) 0.2-0.4°C ташкил медиҳад. Дар давоми муддати мазкур, коҳиши ҳарорат (-1.1°C) дар Помири шарқӣ ба қайд гирифта шуд. Тадқиқот гармшавии 1-3°C дар давоми зимистон ва коҳиши ҳарорат дар минтақаҳои баланд дар моҳҳо феврал, март, май, июн ва октябр нишон медиҳад. Ҳарорати пасттарини миёна махсусан дар тирамоҳ ба 0.5-2.0 °C низ афзоиш ёфт, ба истисноӣ баъзе аз минтақаҳои баландкӯҳ (-0.1°C). Тағйиротҳои мазкур дар ҳарорат давомнокии давраи гармро зиёд менамояд, ки аз гузариши мунтазами ҳарорат болотар ё поёнтар аз 0°дар аввали баҳор ва баъдан дар тирамоҳ шаҳодат медиҳад. Умуман, қабати барф дар минтақаҳои поёнтар аз 1,000 м устувор нест; дар минтақаҳои аз 1,000-2,000 м он аз моҳи декабр то миёнаи моҳи март меистад; дар баландии 2,000-3,000 м бошад он тақрибан 100-135 рӯз об намешавад. Дар минтақаҳои баланкӯҳи иборат аз 3,000-4,000 м, қабати устувори барф комил нест ва махсусан дар иқлими хушки Помири шарқӣ шумораи миёнаи рӯзҳои барфпӯш аз 45 рӯз иборатанд, ҳоло он ки дар кӯҳҳои Ҳисор он аз 245 рӯз иборат аст. Дар минтақаҳо аз 4,000 м боло, барф ва яххои доимиро метавон вохӯрд. Тамоюли баландшавии ҳароратро пешгӯии Тоҷикгидромет нисбати боду ҳаво то соли 2030 бо истифодаи модели ECHAM4/OPYC3 тасдиқ мекунад. Он ба дастрасии ками об дар оянда ишора мекунад. Модел баланшавии ҳарорати миёнаи солонаро ба 0.2-0.4°C (0.1-0.2°C дар як даҳсола) дар бештари минтақаҳо бо ҳарорати максималии зимистон аз 2°C баландтар нишон медиҳад. Дар баъзе минтақаҳо боришоти камтар аллакай ба назар мерасад (Помири шарқӣ, нишебиҳои ҷанубӣ), ҳангоме, ки дар дигар минтақаҳо (Помири ғарбӣ) зиёдшавии боришот ба назар мерасад. Аммо, пешгӯи намудани боришот аз сабаби релеф кори басе мушкил аст ва паёмадҳои дарозмуддат норавшан мемонанд [17].

Таъсири калони тағйирёбӣ дар ҳарорат ва боришот ба пиряххо дар назар дошта шудааст. Пиряххо тақрибан 6 фоизи кишварро ишғол мекунанд. Обшавии солонаи пиряххо 10-20 фоизи оби дарёҳои калонро таъмин менамояд, аммо дар солҳои хушк ва гарм он метавонад ба 70 фоиз расад. Тибқи тадқиқоти Тоҷикгидромет аз оғози назорати расмӣ дар солҳои 1930 масоҳати пиряххои Тоҷикистон ба 1/3 камтар шуд. Гармшавӣ ба пиряххо дар минтақаҳои баланд таъсири бештар мерасонад, махсусан дар кӯҳҳои Помир, Зарафшон Помир-Олой. Онҳо экосистемаҳои осебпазир ва манбаъи муҳими об дар минтақа маҳсуб меёбанд. Дар натиҷаи обшавии пиряххо сатҳи об баланд шуда метавонад боиси ногаҳон лабрезшавӣ ва канда шудани сарбандҳои табии кӯлҳои пиряхӣ гардад. Айни замон, дар ҳавзаи дарёи Сурхоб шаш қитъаи осебпазир мавҷуд аст.

Дар Тоҷикистон омилҳои зиёде мавҷуданд, ки дараҷаи осебпазириро ба тағйирёбии иқлим меафзоянд ва иқтидори иқтисодии кишвар барои эътино ба тағйирёбии иқлим маҳдуд мебошад ва он дар сатҳи пасти даромад ба ҳар сари аҳолӣ инъикос меёбад. Камбизоатӣ, идоракунии суст ва сатҳи пасти огоҳии ҷамъиятӣ; сатҳи пасти дарки илмӣ,

банақшагирии истифодаи замин ва идоракунии захираҳои табиӣ; бадшавии вазъи муҳити зист; зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои осебпазир ва урбанизатсияи сареъи банақша гирифтанашуда дараҷаи осебпазириро ба тағйирёбии иқлим дучанд мекунанд. Паёмадҳои дигаргуниҳо дар иқлим аллакай аёнанд ва дар давоми панҷ соли оянда пешбинӣ мешавад, ки теъдоди хонаводаҳои муҳоҷир дар натиҷаи офатҳои табиӣ ба 10,000 меафзояд.

**АДАБИЁТ.**


1. Алифбеков З. Тоҷикистон дар масъалаҳои глобалии асри XXI / Здоровье и народонаселение. Ежегод. научно-попул. журнал. Вып II.: Душанбе, 2001.
2. Национальный план действий охраны окружающей среды в Таджикистане. Душанбе, 2003г.
3. Национальная стратегия и план действий по сохранению и рациональному использованию биоразнообразия Таджикистана. – 2003г.
4. Небел Б. Наука об окружающей среде. Как устроит мир? / Пер. с англ. Т. 1-2. - М.: Мир, 1993.
5. Павлова М.Д. Практикум по сельскохозяйственной метеорологии. – М.: Колос, 1968. – 200 с.
6. Процеров А.В. Климат, погода и урожай. –М: Знание, 1960.
7. Пью Д. Изменения уровня моря и их возможностные последствия. // Природа и ресурсы. 1991. Т. 27.


## РУШДИ БАХШИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Имомзода М.Қ. –** н.и.и., дотсент, ДБССТ

Рушди муносибатҳои бозорӣ, ки тағйиротҳоро дар тамоми саҳаҳо ба амал овардааст, шароит ва шаклҳои идоракунии иқтисодиётро тағйир дода, истифодаи захирахои молиявӣ, иттилоотӣ, меҳнатӣ, моддӣ ва ғайраро мувофиқ ба талабҳои нав ба миён гузоштааст.

Мутобиқ ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ тағйиротҳо дар таркиби моликият низ ба миён омада, афзалиятҳо ва талаботҳои нави ташкил ва идоракуниро пайдо намудаанд. Барои мутобиқ гардидани фаъолиятҳо мебоя ба таркиби моликиятҳо ва хусусиятҳои онҳо назар кард, зеро ҳар як шакли моликият дар шароити бозор хусусиятҳои ташкилӣ ва идоракунии худро доранд, ки дар миёни онҳо афзалиятҳои моликияти давлатӣ низ дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ боиси дастгирист. Дар баробари инкишофи тамоми соҳаҳо бахши давлатии иқтисодиёт низ ташаккул ёфта, фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии давлатӣ, аз қабили ташкили моликияти давлатӣ, корпоратсияҳои давлатӣ, ширкатҳои давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ, минтақаҳои махсуси иқтисодии давлатӣ ба вуҷуд омаданд, ки ҷустуҷӯи равишҳои нави бозорро барои ҳамоҳангсозии ҷараёни молиявӣ ва таъсири танзимкунанда ба истифодаи захираҳо, ҳамоҳангсозии манфиатҳои шарикони шаклҳои омехтаи моликият ба миён овардааст.

Дар шароити бозор доираи истифодаи моликиятҳои гуногун бе ҳудуд буда, сарҳадҳои онҳо муайян карда нашудаанд ва афзалиятҳои онҳо аз рӯи талаботу таклифот ва сатҳи самаранокии онҳо вобаста мебошанд. Ҳудудҳои истифодаи онҳо аз самаранокӣ ва дараҷаи таъмини қаноатмандии онҳо иборат аст.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ташкил, нигаҳдорӣ ва таъмини самаранокии моликияти давлатӣ дар таркиби иқтисоди миллӣ нақши калон дорад, зеро моликияти давлатӣ дар таркиби корхона ва муассисаву ташкилотҳои давлатӣ дар ҳамаи давраҳои истеҳсолот аз ҷониби мақомотҳои дохлдори давлатӣ назорат карда мешаванд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки то ҳол барои муайян кардани ҳудуд ва андозаи моликияти давлатӣ методологияи ягона муайян карда нашудааст. Инчунин мавҷудияти андозаи ягонаи моликияти давлатӣ дар шароити бозор вобаста ба шаклҳои давлатдорӣ, таркиби соҳаҳо, самтҳо, бахшҳо, фаъолиятҳо ва ғайра аниқ муайян нагардидааст. Ҳамаи ин, зарурати таҳқиқи мавзӯъи мазкурро ба миён гузошта, равишҳои муайянсозии ҳудудҳои истифодаи моликияти давлатӣ дар таркиби фаъолиятҳои иқтисодии соҳаи хизматрасониро талаб менамояд.

Ҳоло метавон гуфт, ки нест давлате, ки дар таркиби иқтисодиёти худ моликияти давлатӣ надошта бошад. Нигоҳ доштани моликияти давлатӣ имкон медиҳад, ки давлат тавассути он ҳамчун соҳибкор тавонад ба фаъолиятҳои тиҷоратӣ, хизматрасонӣ ва истеҳсолӣ машғул гардида, даромадаи худро зиёд созад ва инчунин, тавассути нигоҳдории

моликияти давлатӣ давлат метавонад ба қишрҳои муайяни ҷомеа вобаста ба сатҳи иҷтимоии онҳо хизматрасонӣ намояд. Ҳамин аст, ки солҳои охир ҳиссаи моликияти давлатӣ дар таркиби иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикарда зиёд гардида истодааст. Ҳиссаи аз ҳама бештари моликияти давлатӣ дар таркиби фаъолиятҳои истеҳсолию хизматрасонии давлатҳои тараққикарда Фаронса ва Англия рост меояд.

Барои муайян кардани ҳиссаи давлат дар соҳаи хизматрасонӣ муайян кардани мафҳуми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ зарур мебошад. Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ на танҳо ҳиссаи моликияти давлатӣ дар бахши хизматрасонӣ фаҳмида мешавад, балки корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ низ шарҳ дода мешавад.

Зери мафҳуми бахши давлатӣ ҳамаи ширкатҳо ва намояндагиҳои онҳоро мефаҳманд, ки ҳиссаи иштироки давлат дар раванди қабули қарорҳо назаррас мебошад [2, с. 10].

Тибқи баҳисобгирии омории корхонаҳои бахши давлатӣ меъёрҳои иштироки давлат дар иқтисодиёт ягона набуда, дар ҳар давлат бо принсипҳо ва меъёрҳои гуногун истифода мегарданд. Дар баъзе мавридҳо танҳо ҳамон корхонаҳое, ки дар онҳо иштироки давлат бештар аз 50 фоизро ташкил медиҳанд, ба бахши давлатӣ дохил мешаванд. Аммо, ин ҳолат дар Фаронса тақриба дигар мебошад. Яъне дар онҷо корхонаҳои фаръӣ метавонанд бо 30 фоиз будани ҳиссаи давлат, корхонаҳои давлатӣ ҳисобида шаванд. Бо вуҷуди ин, аксар вақт меъёрҳои миқдорӣ камтар истифода мегарданд. Масалан, дар Фаронса феҳристи расмии корхонаҳои давлатӣ мавҷуд аст, ки барои пурра кардан ва нав кардани онҳо ҳар сол «Номенклатураи корхонаҳои миллӣ» тартиб дода мешавад, ки ба он шахсони ҳуқуқӣ бо иштироки давлат зиёда аз 30 фоиз дохил мешаванд. Дар айни замон ҳамаи корхонаҳои соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба таври автоматӣ ба Номенклатураи зикршуда дохил мешаванд.

Давлати Туркия яке аз давлатҳои ҷавонтарин дар самти инкишофи бахши давлатӣ ба ҳисоб рафта, зуд бахши хеле самараноки давлатиро ташкил намудааст. Дар он корхонаҳои давлатӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: корхонаҳои давлатии хоҷагидорӣ ва ташкилотҳои давлатии хоҷагидорӣ [2, с.48].

Ба ҳамин тариқ, мисолҳои Фаронса ва Туркия равшан нишон медиҳанд, ки бахши давлатии иқтисодиёт ҳамон сохторҳои иқтисодиро дар бар мегиранд, ки асосан ба давлат вобастаанд.

Баъзе муҳаққиқон ба он назаранд, ки бахши давлатӣ танҳо он субъектҳои хоҷагидориро дар бар гирад, ки фаъолият онҳо пурра аз ҷониби давлат муайян карда мешаванд.

Дар баробари гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ва таъмини хусусигардонии моликияти давлатӣ дар иқтисодиёти аксарияти мамлакатҳои тараққикарда ҳаҷми бахши давлатӣ зуд ба камшавӣ майл кард. Таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки ташкил ва нигоҳ доштани корхонаҳои давлатӣ дар таркиби иқтисодиёт ва ҳиссаи давлат дар истеҳсоли кор ва хизматрасониҳо муҳим мебошанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ новобаста аз он ки байни иқтисодчиён доир ба самаранокии корхонаҳои давлатӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд, метавон гуфт, ки корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ қисми муҳими иқтисодиёти миллиро ташкил медиҳанд, зеро корхонаҳои давлатӣ ба аҳолӣ ва қишри муайяни ҷомеа хизматҳои заруриро пешниҳод намуда, дар таъсиси ҷойҳои корӣ афзоиши ММД, арзиши иловагӣ, ғани гардонидани буҷети давлат саҳми хеле назаррас доранд. Инчунин соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун унсури зарурии рушди истеҳсолоти молӣ дар баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мавқеи махсусро ишғол намояд ҳам, масъалаи дар соҳаи хизматрасонӣ нигоҳ доштани бахши давлатӣ ва мутобиқсозии сатҳи дахолати давлат ба танзими бозорро ба миён мегузорад.

Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки такмили механизми таъмини самаранокии бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ ва таъмини нигоҳ доштани ҳаҷми зарурии онҳо вобаста ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ дар зерсоҳаҳои ҳаётан муҳими соҳаи хизматрасонӣ ва афзоиши нақши бахши давлатӣ аз нигоҳи имкониятҳои танзими давлатӣ зарур мебошад.

Корхонаҳои бахши давлатии соҳаи хизматрасониро ба чунин гурӯҳи корхонаҳо ҷудо мекунанд:

1) корхонаҳои воҳиди давлатӣ;

2) мақомоти давлатӣ;

3) ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки саҳмияҳои назоратии сармояи оинномавии онҳо моликияти давлатӣ мебошанд.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ таркиб ва сохтори бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ дар байни кишварҳо фарқкунанда мебошад. Чунин хусусиятҳои фарқкунандагии онҳо аз омилҳои зерин вобаста аст:

• сатҳи ташкил ва идоракунии корхонаҳои давлатӣ (марказӣ/федералӣ, штатӣ/минтақавӣ ё маҳаллӣ);

• усулҳои ташкили корхона;

• иерархияи мақомоти давлатӣ;

• мақсади ташкил ва нигоҳдории корхонаҳои бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ;

• мақом (статус)-и корхонаҳои давлатӣ, агар он дар раванди хусусигардон қарор дошта бошад

Дар бисёр мавридҳо корхонаҳои бахши давлатӣ дар соҳаҳое ташкил карда мешаванд, ки аз ҷониби бахши хусусӣ дастгирӣ карда намешаванд ва онҳо барои ҳаёти ҷомеа бисёр муҳиманд, ба монанди бунёди инфрасохтори мусоид барои рушди иқтисодиёт, бунёди шабакаи электронии умумимиллӣ ва ё низоми таъмини об, таъмини инфрасохторӣ роҳ, хизматрасониҳои комуналӣ, тиббӣ, таълимӣ ва ғайра.

Барои таъмини рушди иқтисодиёт ҳадафҳои дигари бахши давлатӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ин фароҳам овардани шароити муосид ҷиҳати таъмини рақобати озод, таъмини рушди мутаносиби бахшҳои гуногуни соҳаи хизматрасонӣ, баландбардории ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду бузург дар соҳаи хизматрасонӣ, рушди шарикии бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ва ғ. мебошанд.

Миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аз самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа вобаста мебошад.

Дар баробари рушди бахши хусуси нақши корхонаҳои бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ низ афзуда, гарави устувории ҷомеа буда, кафолати таъмини баробарии иҷтимоӣ дар кишвар ва ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ барои таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт бояд инкишофи тадқиқотҳои фундаменталии илмӣ ва технологияҳои афзалиятнокро дар мамлакат ҳавасманд гардонад.

Ба ақидаи Стиглиц Ҷ. «Миқёси фаъолияти давлатро нишондиҳандаҳои шуғл беҳтар ифода мекунад, зеро аксари молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолкардаи давлат ба фурӯш пешниҳод намешаванд, балки дар бахши давлатӣ муомилот мешаванд ва ройгон ба мардум пешниҳод карда мешаванд, бинобар ин нархҳои бозор намебошанд» [9, с. 34].

Миқёси фаъолияти бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аз ҳаҷм ва андозаи дастгирӣ ва маблағгузории давлатӣ вобаста мебошад. Ҳангоми муайян кардани миқёси бахши давлатӣ ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ба соҳаи хизматрасонӣ, дараҷаи хизматрасониҳои муассисаҳои тиббию таълимӣ, ташкилотҳои давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ ва дигар нишондиҳандаҳо ба назар гирифта мешаванд.

Давлат ба воситаи маблағгузории мустақим самти корҳои илмӣ-тадқиқотиро муайян намуда, дараҷаи зарурии инкишофи онро таъмин менамояд. "Маблағгузории давлатӣ асосан ба соҳаҳои инфрасохтор: роҳсозӣ, намудҳои асосии хизматрасонии камуналӣ, сохтмони каналҳо ва иншооти бандарӣ, алоқаи почта, мудофиа, тартиботи ҳуқуқӣ ва идораи давлатӣ равона карда мешавад» [7, с. 54].

«Ҳарчанд самтҳои дахолати давлат ба фаъолияти субъектҳои бозори хизматрасонӣ дар кишварҳои гуногун характери умумӣ дошта бошанд ҳам, вазифаҳо, миқёс ва имкониятҳои он вобаста ба шароити махсуси таърихӣ, фазаҳои сиклии иқтисодӣ дар иқтисодиёт, сатҳи рушди кишвар ва модели иқтисодии он фарқ мекунанд» [7, с. 55].

Миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ бояд ҳудуди ҳаракаткунанда дошта бошад, ки аз хусусиятҳои ҳар як зербахши соҳаи хизматрасонӣ вобастагӣ дорад. Масалан, дар соҳаи тиб ва маориф корхонаҳои давлатӣ бояд аз пайи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ бошанд, дар соҳаи хизматрасонии соҳибкорӣ бошад, фоида ба даст оварда, буҷети давлатии кишварро пур кунанд. Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аксар вақт дар зери таъсири ҳолати сифатии иқтисодиёт тағйир меёбад.


Адабиёт

1. Балацкий Е.В. Государственный сектор в системе макроэкономического регулирования // «Проблемы теории и практики управления». – №1, 2001.
2. Балацкий Е.В., Конышев В.А. Российская модель государственного сектор экономики / Монография. М.: ЗАО «Издательство «Экономика», 2005. – 390 с.
3. Бгане Ю.К. Социальная значимость и экономическая эффективность реализации инвестиционного потенциала сферы потребительских услуг в современной России. – М.: АТИСО, 2012. – С. 39.
4. Кононкова Н.П. Государственный сектор в рыночной экономике: вопросы теории и современной российской практики: Диссертация доктора экономических наук. – М:. «Гос. ун-т им. М. В. Ломоносова», – Москва. – С. 325.
5. Конышев В.А. Государственный сектор России: проблемы форми рования и направления совершенствования. – М.: ИМЭИ. 2003.
6. Курбатова М.В., Каган Е.С., Вшивкова А.А. Оценка масштабов государственного сектора регионов РФ их взаимосвязи с уровнем экономического развития // Вопросы регулирования экономики. «ООО Гуманитарные перспективы». – Том 7, – № 3. 2016. – С. 9.
7. Петренко В.А. Государственная поддержка становления малого предпринимательства на региональном уровне // Вопросы экономики. 2005. – № 2. – С. 54.


# БАХШИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ: ЧЕНКУНӢ ВА БАҲОДИҲИИ АНДОЗАИ ОН


**Имомзода М.Қ. –** н.и.и., дотсент, ДБССТ


Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ давлат ҳамчун истеҳсолкунандаи неъматҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, аҳолӣ ва дигар табақаҳои ҷомеаро бо хизматрасониҳои аввалиндараҷа таъмин намуда, миқёси хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро танзим мекунад. «Рушди маориф ва тайёрии касбӣ, таъмини амнияти дастаҷамъӣ, муҷаҳҳазсозии ҳудудҳо, ҳифзи иҷтимоӣ, корҳои асосии бунёди инфрасохтор - ҳамаи ин ба доираи таваҷҷӯҳи давлат дохил шуда, раванди навсозиро ифода мекунад» [3, с.39]. Ҳамчунин, давлат ба воситаи гузаронидани маблағ дар шакли субсидия, дотатсия субвенсия, трансфертҳои давлатӣ ва дигар ёриҳои молиявии давлатӣ ба хароҷоти истеҳсолкунандагон ва дастгирии аҳолии ниёзманд таъсир мерасонад.

Дар шарити пурраҷобати рушди қувваҳои истеҳсолкунанда миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аз манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат вобаста мебошад.

Миқёси калони бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ дар мамлакат нисбатан бештар дар бахши мудофиаи мамлакат, бахши сузишворию энергетикии кишвар, маориф, тиб ва соҳаи нақлиёту алоқа хос мебошад, зеро ин соҳаҳо барои рушди иҷтимоии аҳолӣ афзалияти бештар дошта, таваҷҷуҳи бахши хусусӣ кам мебошад.

«Кам кардани миқёси бахши давлатӣ амалан маънои маҳрум кардани воситаи (фишанги) асосии идоракунӣ дар ислоҳоти иқтисоди миллиро дорад» [10, с. 49].

Баъзе иқтисодчиён кам кардани миқёси бахши давлатиро тарафдорӣ карда, самаранокии пасти ин соҳаро баҳона мекунанд. Аммо, аз нуқтаи назари мо, агар рушди бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ ба қадри кифоя маблағгузорӣ карда шавад, он гоҳ вай метавонад ба воситаи хеле самарабахши танзими иқтисодиёти миллӣ табдил ёбад.

Муҳаққиқони муосир якчанд ҷанбаҳои универсалӣ ва динамикиеро муайян мекунанд, ки имконпазирии убури давлат аз сарҳади «нозири беруна»-ро муайян мекунанд [10, с. 50].

Барои муайян кардани миқёси бахши давлатӣ нишондиҳандаҳои зерин истифода мешаванд: [8, с. 62].

• ҳиссаи давлат дар ҳаҷми фондҳои асосии корхонаи соҳаи хизматрасонӣ;

• ҳиссаи хизматрасониҳои пешниҳод намудани бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ;

• ҳиссаи бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии иқтисодиёти кишвар;

• ҳиссаи аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ дар бахши давлатӣ гузаранда;

• шумораи захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ.

Нуқтаи ибтидоии ҳама гуна таҳлил идеяи миқёси падида мебошад ва ин аввалин мушкилиест, ки дар назди муҳаққиқони бахши давлатӣ истодааст.

Методологияи баҳодиҳии миқёс ва самаранокии бахши давлатӣ ба ақидаҳо дар бораи моҳият ва хусусияти бахши давлатӣ ҳамчун унсури махсуси хоҷагии халқ асос ёфтааст.

Миқёс ва самаранокии бахши давлатии иқтисодиётро бо чунин усулҳо ва нишондиҳандаҳо метавон чен кард: [2, с. 46-67].

1) усулҳои баҳодиҳии миқёси бахши давлатии иқтисодиёт;
2) усулҳои таҳлили самаранокии иҷтимоии бахши давлатӣ;
3) усули мақсаднокии фаъолияти бахши давлатӣ;
4) усули самаранокии молиявии бахши давлатии иқтисодиёт;
5) усули самаранокии макроиқтисодии бахши давлатии иқтисодиёт;
6) усули мувозинати самаранокӣ фаъолияти бахши давлатӣ;
7) усули самаранокии динамикавии фаъолияти бахши давлатӣ;
8) усули самаранокии буҷетии фаъолияти бахши давлатӣ.

**Усулҳои баҳодиҳии миқёси бахши давлатии иқтисодиёт.** Ҳангоми баҳодиҳии миқёси фаъолияти бахши давлатӣ дар амал ҳамон равишҳое истифода мешавад, ки ҳангоми баҳодихии миқёси фаъолияти дилхоҳ соҳаҳои дигари иқтисодиёт истифода гардидаанд. Зимни баҳодиҳии бахши давлатӣ таҳлили натиҷаҳо ва хароҷоти бахши давлатиро бо тамоми имконоти методологӣ ва таҳлилӣ ба назар гирифта мешавад.

Ин равиш чунин маъно дорад, ки ҳар як самти фаъолияти бахши давлатӣ ва корхонаҳои он мавриди таҳлили иқтисодӣ қарор дода мешавад. Миқёси фаъолияти бахши давлатӣ, миқдори векторӣ мебошад. Вобаста ба ин, масъалае ба миён меояд, ки чӣ гуна баҳодиҳии интегралӣ ва ниҳоии миқёси бахши давлатӣ ба даст оварда шавад, бо дарназардошти он ки бисёре аз унсурҳои бузурги фаъолияти бахши давлатӣ муқоисанашаванда мебошанд.

Нишондиҳандаҳои мушаххаси миқёс ва самаранокии бахши давлатӣ аз ҳадафҳои таҳлил вобастаанд. Агар таҳлил муфассал ва амиқ бошад, пас бояд бо вектори нишондодҳои аксар анҷом дода шавад. Агар таҳлили макроиктисодӣ барои дарки нуқтаҳои асосии инкишофи бахши давлатӣ гузаронида шавад, пас бояд дар асоси маҷмӯи хеле ками нишондихандаҳо ташкил карда шавад.

Тавре ки зикр намудем, андозаи бахши давлатиро метавон аз рӯи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодии он арзёбӣ кард, ки истифодаи нишондиҳандаҳои гуногуни хусусии миқёсро дар бар мегирад. Дар байни онҳо, чун қоида, панҷ нишондиҳандаи зерин фарқ мекунанд: [2, с. 47].

К1 – ҳиссаи бахши давлатӣ дар шумораи умумии шуғлдоштагон дар кишвар;

К2 – ҳиссаи бахши давлатӣ дар ҳаҷми умумии фондҳои асосии кишвар;

К3 – ҳиссаи бахши давлатӣ дар маҷмӯи маҳсулоти баровардашуди кишвар;

К4 – ҳиссаи бахши давлатӣ дар шумораи умумии корхонаҳои мамлакат;

К5 – ҳиссаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосии бахши давлатӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо дар ҷумҳурӣ.

Вобаста ба мақсадҳои таҳқиқ ва сарбории маънавӣ коэффитсиентҳои алоҳидаи К1, К2, К3, К4 ва К5, ин нишондиҳандаҳо барои арзёбии миқёси бахши давлатӣ интихоб карда мешаванд. Коэффитсиентҳои К1 ва К2 ҳиссаи макроомилҳои асосиро ба мисли меҳнат ва сармоя дар ихтиёри давлат нишон медиҳанд; Коэффисиенти К3 натиҷаҳои фаъолияти бахши давлатиро инъикос менамояд, ки ҳаҷми хизматрасонӣ ё маҳсулоти истеҳсоли корхонаҳои бахши давлатиро дар назар дорад; Нишондиҳандаи К4 аҳамияти бахши давлатиро дар байни дигар субъектҳои хоҷагидории мавҷуда нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда вазъияти имрӯзаи бахши давлатиро хуб нишон медиҳад. Нишондиҳандаи К5 иқтидори ояндаи бахши давлатиро муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, арзёбии интегралии коэффитсиенти К ҳиссаи миёнаи бахши давлатии соҳаи хизматрасониро дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ноҳия ва соҳа бо фоиз ифода мекунад. Қимати ин нишондиҳанда метавонад аз 0% оғоз гардида, то 100% бошад. Дар сурати 0% будани коэффитсиенти К аз пурра мавҷуд набудани бахши давлатӣ дар ин ё он соҳаи мавриди таҳқиқ шаҳодат медиҳад. Дар ҳолати 100% будани ин коэффитсиент бахши давлатӣ афзалияти бештар ва ё мавқеъи монополиро дар як бахши хизматрасонӣ дорад. Дар ҳолати паст шудани арзиши нишондиҳанда К сухан дар бораи суст шудани мавқеи давлат дар соҳаи муайян ё умуман дар иқтисодиёти кишвар меравад ва ҳангоми баланд шудани арзиши К ин маънои мустаҳкам шудани мавқеи давлатро дар соҳаи иқтисодиёт ё соҳаҳои алоҳидаи он нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда дар ташаккули сиёсати танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ низ васеъ истифода мегардад.

**Усулҳои таҳлили самаранокии иҷтимоии бахши давлатӣ.** Азбаски бисёре аз корхонаҳои бахши давлатӣ ё зараровар ё фоидаоваранд, яке аз нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии фаъолияти онҳо нишондиҳандаи самаранокии иҷтимоӣ мебошад. Нишондиҳандаи умумии самаранокии иҷтимоии фаъолияти бахши давлатӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ то кадом андоза фаъолона иштирок мекунанд. Он ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

$$C_{\text{иҷтимоӣ}} = \frac{C}{З}$$

ки дар он С – самараи иҷтимоӣ аз маблағгузории чорабиниҳо;
З – ҳаҷми захираҳои давлатӣ, ки барои маблағгузории чорабиниҳо бо мақсади ба даст овардани самара (С) равона карда мешаванд.

Дар ин маврид худи нишондихандаи самаранокии иҷтимоӣ дараҷаи хароҷоти як чорабинии муайянро барои буҷет ва аз ин ру, дараҷаи гаронии корхонаи бахши давлатиро, ки чорабинии иҷтимоии дилхоҳро ба амал мебарорад, нишон медиҳад. Ин шакли хеле маҳдуди таҳлили фаъолияти бахши давлатӣ мебошад. Вобаста ба ин, баъзан дар амалияи кишварҳои пешрафтаи Ғарб барои таҳлили самаранокии маблағгузории корхонаҳои бахши давлатӣ, ки бо номи методологияи «се Е» маъруф аст, сарфакорӣ (economy), самаранокӣ (efficiency) ва самарабахширо (effectiveness) ифода мекунад, истифода мешавад. [1, с. 65].

**Усули мақсадноки фаъолияти бахши давлатӣ.** Самти дигари баҳодиҳии самаранокии бахши давлатӣ бевосита аз моҳияти худи мафҳуми бахши давлатӣ ҳамчун маҷмӯи корхонаҳое бармеояд, ки давлат барои онҳо ҳадафҳои хеле мушаххас гузоштааст, ки воқеан мавҷудияти бахши давлатиро асоснок мекунанд. Маҳз тавассути гузоштани ҳадафҳои мушаххас дар назди бахши давлатӣ давлат манфиатҳои стратегии худро, новобаста аз омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, технологӣ, экологӣ ва ғайра ҳимоя мекунад. Ин равиш хати мувофиқро дар арзёбии самаранокии бахши давлатӣ муқоисаи натиҷаҳои интизорӣ ва воқеии фаъолияти онро дар назар дорад. Дарвоқеъ, дар мо бо асосноккунии иқтисодии барномавии мақсадноки худи мавҷудияти бахши давлатӣ дучор мешавем.

Методологияи рейтингии баҳодиҳии фаъолияти корхонаи бахши давлатӣ имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама самаранокии идоракуниро дар бахши давлатӣ баланд бардорад.

**Усули самаранокии молиявии бахши давлатӣ.** Бо назардошти он, ки меъёри асосии фаъолияти бомуваффақияти ҳар як субъекти хоҷагидор ин қобилияти молиявии он ба ҳисоб

меравад, бахши давлатӣ низ ба ин меъёр дохил мешавад. Гарчанде ҷанбаҳои молиявӣ дар фаъолияти бахши давлатӣ на ҳамеша нақши ҳалкунанда доранд, аммо барои муайян кардани мавқеи бахши давлатӣ аз ҷиҳати молиявӣ зарур мебошад. Барои баҳодиҳии натиҷаи фаъолияти молиявии бахши давлатӣ нишондиҳандаҳои зиёд мавҷуданд, ки асоситаринашон ин нишондиҳандаи даромаднокӣ мебошад.

Таҳлили динамикаи даромади корхонаҳои давлатӣ нисбат ба даромади миллӣ имкон медиҳад, ки тамоюли худтаъминкунии бахши давлатӣ, ки барои тартиби таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ба назар гирифта шавад. [5, с. 73].

Дар айни замон, дар робита ба иқтисодиёт нишондиҳандаҳои даромаднокии (бедаромадии) бахши давлатӣ на дар банақшагирии фаъолияти худи бахши давлатӣ, балки дар таҳияи буҷети давлатӣ ва хароҷоти буҷет барои эҳтиёҷоти бахши давлатӣ, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар робита ба ин, фаъолона ҷорӣ намудани чунин нишондиҳандаҳо дар амалияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ метавонад сатҳи асоснокии пешгӯиҳо ва қарорҳои макроиқтисодиро хеле баланд бардорад.

Инчунин, нишондиҳандаҳои дигари баҳодиҳии вазъияти молиявии бахши давлатӣ (ҳаҷми қарзи кредиторӣ ва дебиторӣ, ҳаҷми қарзҳои музди меҳнат, музди миёнаи меҳнат ва ғайра) мебошанд, ки зимни таҳлили муфассали макроиқтисодии рушди бахши давлатӣ хеле кам истифода мешаванд. [2, с. 49].

Барои арзёбии самаранокии фаъолияти миқёси бахши давлатӣ инчунин нишондиҳандаи даромаднокӣ низ мавҷуд аст, ки васеъ истифода мешавад. Ба андешаи М.В.Курбатов, Е.С.Каган, А.А.Вшивков, «миқёси калон ва босуръати бахши давлатӣ аксар вақт даромаднокии паст дошта, ба вазъи иқтисодии кишвар дар маҷмӯъ таъсири манфӣ мерасонад» [6, с. 9].

Миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ бояд ҳудуди ҳаракаткунанда дошта бошад, ки аз хусусиятҳои ҳар як зербахши соҳаи хизматрасонӣ вобастагӣ дорад. Масалан, дар соҳаи тиб ва маориф корхонаҳои давлатӣ бояд аз пайи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ бошанд, дар соҳаи хизматрасонии соҳибкорӣ бошад, фоида ба даст оварда, буҷети давлатии кишварро пур кунанд. Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ аксар вақт дар зери таъсири ҳолати сифатии иқтисодиёт тағйир меёбад. «Ҳар қадаре ки он баландтар бошад, ҳамон қадар имкони рушди бахши хусусии иқтисод зиёд мешавад. Дар сурати паст будани сифати иқтисоди миллӣ тамоюли афзоиши бахши давлатии иқтисодиёт мушоҳида карда мешавад» [4, с. 325].

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ нишондиҳандаҳои умумииқтисодии муайян кардани ҳиссаи давлат дар пешниҳоди ин ё он намуди хизматрасонӣ бо назардошти сармоягузорӣ ба ин соҳа, таъмини шуғли аҳолӣ ва амалӣ намудани назорат аз болои фаъолияти корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ истифода мешаванд. Барои аниқтар муайян кардани миқёси бахши давлатӣ нишондиҳандаҳое низ истифода мешаванд, ки фаъолияти корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасониро муайян мекунанд. Бояд гуфт, ки фаъолияти баъзе корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасониро ду ва ё зиёда вазорату идорадои давлатӣ танзим мекунанд. Аз ин хотир, барои роҳ надодан ба хатоиҳо ҳангоми муайян кардани миқёси бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ мебояд дараҷаҳои такроршавии баъзе вазорату идораҳоеро, ки ҷавобгари моликияти давлат мебошанд, ба назар гирифт.

Адабиёт


8. Балацкий Е.В. Государственный сектор в системе макроэкономического регулирования // «Проблемы теории и практики управления». – №1, 2001.
9. Балацкий Е.В., Конышев В.А. Российская модель государственного сектор экономики / Монография. М.: ЗАО «Издательство «Экономика», 2005. – 390 с.
10. Бгане Ю.К. Социальная значимость и экономическая эффективность реализации инвестиционного потенциала сферы потребительских услуг в современной России. – М.: АТИСО, 2012. – С. 39.
11. Кононкова Н.П. Государственный сектор в рыночной экономике: вопросы теории и современной российской практики: Диссертация доктора экономических наук. – М:. «Гос. ун-т им. М. В. Ломоносова», – Москва. – С. 325.

12. Конышев В.А. Государственный сектор России: проблемы форми рования и направления совершенствования. – М.: ИМЭИ. 2003.
13. Курбатова М.В., Каган Е.С., Вшивкова А.А. Оценка масштабов государственного сектора регионов РФ их взаимосвязи с уровнем экономического развития // Вопросы регулирования экономики. «ООО Гуманитарные перспективы». – Том 7, – № 3. 2016. – С. 9.
14. Петренко В.А. Государственная поддержка становления малого предпринимательства на региональном уровне // Вопросы экономики. 2005. – № 2. – С. 54.
15. Рассадина А. Государственный сектор в развитых странах (опыт Франции и Великобритании) // «Экономист», – №6, 2002. – С.10.
16. Стиглиц Дж. Экономика государственного сектора. – М.: Инфра-М, 1997. – С.34.
17. Шумаев В.А. Совершенствование управления государственным сектором экономики с учетом опыта зарубежных стран // Механизация строительства, 2013. – № 10. – С.50.

## ДИГАРГУНСОЗИҲО ДАР НИЗОМИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳамидова Г.А. - устоди калони кафедраи молияи ДБССТ**

Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи муносибатҳои андозҳое, ки мувофиқи Кодекси андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ва андешидани тадбирҳои таъмини пардохти андозҳо, инчунин сохтори ташкилии мақомоти андоз ва шаклҳои ташкилии онҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо, шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ андозро дарбар мегирад.

Андоз яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳамаи давру замон диққати олимони соҳаи иқтисод ва намояндагони гуногуни мактабҳои иқтисодиро ба худ ҷалб намудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим даровардани иқтисодиёт ва рушд намудани тамоми соҳаҳо баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар ҳамаи сохторҳои иқтисодиёт дигаргунсозиҳои зиёдро роҳандозӣ намуд.

Дар ин марҳила яке аз сохтори асосӣ ва калидие, ки ба давлат аҳамияти калон дошт ин сохтори низоми андозбандии мамлакат ба шумор мерафт. Дар давраи аввали истиқлолият дар соҳаи андоз якчанд санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, қонунҳо ва қарорҳо қабул намуд, ки барои рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат ҳиссаи худро гузошт.

Бештари дигаргунсозиҳо дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ гардиданд. Барои дар амал тадбиқ намудани ин дигаргунсозиҳо санадҳои меъёри ҳуқуқии гуногун қабул карда шуд ва ин санадҳои қабулшуда барои ба танзим даровардани низоми молиявию андозӣ ва бо мақсади рушди соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат равона карда шудаст.

Дар шароити имрӯза низоми андоз яке аз роҳҳои асосии танзими равандҳои иқтисодиёт ва муносибатҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотири барои рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва амалӣ намудани низоми андоз дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва даромади буҷети давлатӣ накши аосисиро дорад. Ба воситаи сиёсати андоз имрӯз тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба танзим дароварда шуда ба воситаи он ҷараёни идоракунии андоз ба роҳ монда мешаванд [13, с. 158].

Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маҷмуи муносибатҳои андозҳое мебошад, ки дар Кодекси андоз оварда шуда, андешидани тадбирҳо оид ба тартиби пардохти андозҳо, инчунин сохтори ташкилии мақомоти андоз, санҷиши андоз, назорати андоз, маъмурикунонии андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андозро дар бар мегирад [4, с. 36].

Марҳилаи нахустини дигаргунсозӣ дар соҳаи андозбандӣ ин соли 1990 мебошад, ки дар ин давра дар ҷумҳурӣ Раёсати даромдҳои давлатӣ ва андозҳо дар тобеъияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирӣ ва рушд намудани фаъолияти соҳибкорӣ, қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар соҳаи андозбандӣ, ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ ва такмил додани низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо мақсади такмил додани низоми андозбандӣ баъд аз ба даст овардани истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба танзим даровардани низоми андози мамлакат дар моҳи ноябри соли 1992 дар заминаи Раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон таъсис дода шуд, ки ин яке аз заминаҳои батанзимдарори низоми андоз дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт [8, с. 26].

Дар ин давра бо мақсади ба низом даровардани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмил додани сохтори мақомоти андоз, ташкил намудани раёсатҳои андоз дар шаҳру вилоятҳо ва нозироти андоз дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 4-уми майи соли 1995 таҳти №221 дар заминаи Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери тобеъияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Раванди дигар дар шароити ба танзим даромадани қонунгузориҳо дар ҷумҳурӣ бо қабул шудани аввалин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти андоз» дар моҳи марти соли 1992 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои мақомоти андоз» дар моҳи июли соли 1994 қабул карда шуд, ки дар ин давра дар ҷумҳурӣ 47 номгӯи андозу пардохтҳо амал мекард, ки аз онҳо 24 номгӯ андозҳои ҷумҳуриявӣ, 11 номгӯ пардохтҳои ҷумҳуриявӣ ва 12 номгӯ андозу пардохтҳои маҳаллӣ амал мекарданд.

Барои дар доираи қонунгузории ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ҳар як андозсупорандаро зарур аст, ки дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ мемонанд. Дар Кодекси андоз вобаста ба фаъолияти ҳамаи андозсупорандагон шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои андозсупорандагон ва кормандони андоз оварда шудааст.

Дар баробари ташкил шудани Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори мақомоти андоз ва дар низоми андозбандии мамлакат дигаргуниҳои зиёд карда шуд. Бо баробари ин дигаргунсозиҳо дар ҷумҳурӣ то ба имрӯз чор маротиба Кодекси андоз бо тағйиру иловаҳо қабул карда шуд.

Бо мақсади ба танзим даровардани низоми андозбандӣ ва дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, баъд аз ба даст овардани Ваҳдати миллӣ ва ором гардидани вазъияти сиёсӣ дар ҷумҳурӣ аввали Кодекси андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 – уми ноябри соли 1998 қабул гардида, аз 1- уми январи соли 1999 мавриди амал қарор дода шуд, ки дар ин марҳила 17 номгӯи андоз амал мекард, ки аз онҳо 14 номгӯи андозҳои умумидавлатӣ ва 3 номгӯи андозҳои маҳаллиро ташкил медоданд. Дар ҳамон давра ин ягона қонуне дар низоми андозӣ ҷумҳурӣ буд, ки ҳамаи адозсупорандагон дар доираи меъёрҳо ва манбаъҳои муқараршуда дар давраҳои муайяншуда андозҳои худро пардохт менамуданд [9, с. 56].

Дар асоси ин санади меъёри ҳуқуқӣ Кодекси андози қабулгардида фаъолияти ҳамаи андозбандии соҳаҳои иқтисодиёт ба танзим дароварда шуда аз ҷониби андозсупорандагон пардохтҳои андозӣ ба воситаи ташкил намудани сохтори мақомоти андоз дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ва назорати фаъолияти онҳо ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба васеъ шудани сектори ҳокимияти давлатӣ ва зиёд шудани шумораи аҳолӣ барои банизомдарории ва ташаккул додани низоми андоз ва дарстгирӣ намудани соҳиборону сармоягузорҳо бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Кодекси андоз дар таҳрири нав 3 – юми ноябри соли 2004 қабул карда шуд, аз 1-уми январи соли 2005 мавридa амал қарор дода шуд, ки аз 21 номгӯи андоз иборат буда, аз онҳо 17 номгӯи андозҳои умумидавлатӣ ва 4 номгӯи онҳо андозҳои маҳаллӣ буданд [1, с. 22].

Дар ин марҳила бо мақсади содагардонидани низоми андозбандӣ дар Кодекси андоз якчанд номгӯи андозҳо ҷорӣ гардида ва меъёрҳои якчанд номгӯи андозҳо паст карда шудааст ва якчанд номгӯи андозҳо ихтисор карда шуд.

Дар баробари зиёд шудани шумораи андозҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд намудани истеҳсолот, зиёд гардидани соҳибкорон ва ташкил намудани соҳибкории

истеҳсолӣ ва баланд бардоштани маърифати андозсупорандагон Кодекси андозро маротибаи сеюм дар таҳрири нав 17 – уми сентябри соли 2012 қабул намуд аз 1-уми январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шуд, ки аз 10 номгӯи андоз иборат буда аз онҳо 8 номгӯи андозҳои умумидавлатӣ ва 2 номгӯи онҳо андозҳои маҳаллиро ташкил медоданд. Дар ин Кодекси андоз тавзеҳ гардидани шумораи моддаҳо, бобҳо, фаслҳо истисно кам шудааст, ки ин ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои пардохти андозро мусоидат менамояд [3, с. 16].

Дар баробари ҳамаи инислоҳотҳои дар Кодекси андоз вориднамуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ намудани фаъолияти сармоягузорону соҳибкорон ва рушд намудани истеҳсолот, такмил додани қонунгузорӣ андоз маротибаи чорум Кодекси андозро 17 – уми декабри соли 2021 қабул гардида аз 1- уми январи соли 2022 мавриди амал қарор дода шуд, ки аз 7 номгӯи андозҳо иборат буда аз онҳо 6 номгӯ андозҳои умумидавлатӣ ва 1 номгӯ андозҳои маҳаллӣ мебошанд [4, с. 36].

Барои рушд намудани истеҳсолоти ватанӣ ва ҷалб намудани сармоягузорону соҳибкорон дар таҳрири нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи андозҳо кам карда шуда ва сабукиҳо дар самти андозбандӣ бештар ба шахсони ҳуқуқӣ равона гардидааст.

Дар асоси дигаргуниҳои дар таҳрири нави Кодекси андоз қайд намудан мумкин аст, ки бештари сабукиҳо дар низоми андозбандии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оварда шудааст. Барои шахси ҳуқуқӣ, воқеӣ ва соҳибкори инфиродӣ дар таҳрири нави Кодекси андоз маротибаи чорум бисёр сабукиҳо ҷорӣ карда шуд.

Дар асоси маълумотҳои овардашуда дар ҷамбасти мақола хулоса намудан мумкин аст, ки дар ҷумҳурӣ баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар раванди андозбандии шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бисёр сабукиҳо оварда шудааст. Дар қабули ҳар як Кодекси андоз барои соҳибкорон ва сармоягузор имтиёзҳои зиёд ҷорӣ намудааст.

Мақсади асоси дигаргунсозиҳо ва танзими низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ин содда гардонидани низоми андозбандӣ, баланд бардоштани маърифати андозсупораии шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад.

**Адабиёт**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 1998с 400с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004с 340с.
3. Шукуров С.М., Маъмурикунонии андоз / Васоити таълимӣ. – Душанбе «ОЛАМИ КИТОБ», 2014, саҳ. 140.
4. Консепсияи сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамӯҳлат (2012-2015), 2011.
5. Большой экономический словарь / Под ред. А.Н.Азрилияна. – 7-е изд., доп. – М.: Институт новой экономики, 2010, 1472 стр.
6. Шомуродов Ф. Одинаев Ф. Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. «ЭР-граф» Душанбе 2012. 279с.
7. Улугходжаева Х. Р. Налоги и налогообложение. «Ирфон» Душанбе 2010г 280с.
8. Хидиралиев Р.З. Асосҳои назариявии ташаккули низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир/. Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. Душанбе 2024. – №3 (68) – С. 158-166. ISSN-2664-0651., ISSN-2709-8567.
9. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.andoz.tj.


## СИЁСАТИ ЭНЕРГЕТИКИИ ДАВЛАТ: ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ.

**Чилаев Р.С.устоди калони ДБССТ**

Ҷаҳон ба фазои тағироти бесобиқаи ҷаҳонӣ ва тамоюлу тағироти куллии геополитикӣ ва гео-иқтисодӣ ворид шуда истодааст. Ин тағиротҳои бесобиқа ба бахши энергетикии ва иқтисоди ҷаҳонӣ низ таъсир расонданд. Тақвияти муносибатҳо ва ҷаҳонишавии энергияи ҷаҳонӣ, афзоиши вобастагии энергетикӣ ва ҳамкории густурдаи байналмилалӣ барои таъмини амнияти энергетикӣ, ба таври возеҳ хусусияти ҷаҳонӣ пайдо мекунад, ки минбаъда ба рушд ва такмили муассисаҳои сиёсати энергетикӣ ва механизмҳои бисёрҷонибаи дипломатияи энергетикӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ оварда мерасонад. Дар заминаи коҳиш ёфтани захи-

раҳои энергетикӣ дар ҷаҳон, шиддат ёфтани бесуботии сиёсӣ дар давлатҳои аз ҷиҳати энергетикӣ бойи Африқои Шимолӣ ва Шарқи Наздик, афзоиши истеъмоли энергия дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ин масъала аҳамияти рӯзмарра пайдо карда истодааст. Мушкилоти амнияти энергетикии кишварҳо ба истифодаи технологияҳои гуногуни сиёсӣ, бо мақсади муқаррар кардани назорат аз болои бозори ҷаҳонии энергетикӣ, оварда истодааст. Аз ин рӯ, дар марҳилаи ҳозира амнияти энергетикии кишварҳо ба яке аз ҷузъҳои муҳимтарини равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ табдил ёфта истодааст.

Таҳкими ҷузъи энергетикӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ ба ташаккули сиёсати энергетикии давлат, ки ба таҳия ва истифодаи механизмҳо ва воситаҳои сиёсии самаранок таъмин намудани иқтисодиёти кишвар бо захираҳои энергетикӣ ва тақвияти мавқеи геополитикӣ равона шудааст, мусоидат менамояд. Дар марҳилаи ҳозира, муваффақияти ҳалли ин мушкилот бо ба интихоби давлат модели «сиёсат»-и энергетикии худӣ вобаста аст, ки дар маркази он истифодаи захираҳои анъанавӣ ё манбаъҳои барқароршавандаи энергия истодааст. Масъалаи таъминоти захираҳои энергетикӣ шарти муҳимтарини амнияти байналмилалӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад. Бароммадан аз бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ бевосита бо ин масъала зич алоқаманд аст. Энергетика бахши муҳимтарини иқтисодиёти шумораи зиёди кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб рафта, аз фаъолияти мунтазами он рушди соҳаҳои дигар ва суботи иҷтимоӣ, аз ҷумла, амнияти кишварҳо вобастагии калон дорад. Кишварҳои рӯ ба инкишоф ва пешрафтаи ҷаҳон ба таҳияи муназзами стратегияҳо ва барномаҳое машғуланд, ки ҳадафи он таъмини самараноки кишварҳои худ бо захираҳои энергетикӣ ва истифодаи онҳо мебошад. Пас аз бӯҳрони миёнаи солҳои 70-уми қарни XX, омили энергетикӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши назаррасро пайдо намуд. Асоси сиёсати умумии энергетикии кишварҳои истеъмолкунандаи аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфта, дар чаҳорчӯбаи Агентии байналмилалии энергетикӣ (IEA), кишварҳои асосии тавлидкунандаи нафт дар доираи ОПЕК ташаккул ёфта, ҳамкориҳои байналмилалии энергетикӣ густариш ёфтаанд.

Аксарияти олимону таҳқиқотчиён масъалаи сиёсати энергетикии давлатро аз ҷиҳати **амниятӣ ва бехатарӣ** баррасӣ мекунанд. Дар тадқиқотҳои онҳо аҳамияти махсуси амнияти энергетикӣ барои таъмини рушди устувори ҷаҳонӣ нишон дода шудаанд. Ҳамзамон, муаллифон ба амнияти энергетикии ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳи бештар медиҳанд. Ҳамин тавр, Д. Ергин бехатарии энергетикиро чунин маънидод мекунад, ки “он ҳамчун як низом, аз сиёсати миллӣ ва донишкадаҳои байналмиллалӣ иборат ёфтааст, ки вазифаи онҳо дар якҷоягӣ ба вайроншавӣ ва вазъиятҳои фавқулода ҷавоб гуфта, ба дастрасии устувори захираҳои энергетикӣ мусоидат кунанд” [5;13]. Хлопов О.А. ва як қатор олимони дигар, масъалаи амнияти энергетикиро аз мавқеи вариантҳои гуногуни назарияи **реализми сиёсӣ** таҳлил карда баромадаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳар яке аз ин равишҳои реализм (классикӣ, мудофиавӣ, ҳуҷумӣ, неоклассикӣ) на танҳо ба таҳлили мушкилоти умумии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ, балки ба дарки мавқее, ки амнияти энергетикӣ дар он ҷой мегирад, мусоидат мекунад. Барои реализми сиёсӣ, захираҳои моддӣ ҳам ҳадаф ва ҳам василаи тавсеаи қудрати давлат ба ҳисоб меравад. Захираҳои энергетикӣ барои давлатҳо имконият фароҳам меоранд, ки қудрат ва доираи нуфузи худро тавсеа бахшанд, иқтидори молиявию иқтисодии худро тақвият бахшанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки намояндагони нео-реализм вобастагии баланди иқтисоди ҷаҳонро аз нафту газ, бо афзоиши хавфи зӯроварӣ пайванди ногусастанӣ мешуморанд. Ҳамин тариқ, нусхаҳои муосири назарияи реализми сиёсӣ тасвири мукаммали имкониятҳои рафтори давлат ва дигар субъектҳоро дар арсаи байналмилалӣ нишон дода наметавонанд [17;1,18]. Дар ҳақиқат, мо ҳам тарафдори он ҳастем, ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва рушду устувории он, бевосита бо вазъи энергетикӣ, ё ин ки нафту газ алоқамандии зич дорад.

Бояд қайд кард, ки **олимону таҳқиқотчиёни тоҷик** низ масъалаи сиёсати энергетикии давлатро аз ҷанбаи бехатарӣ ва амниятӣ омӯзишу таҳлил кардаанд. Дар корҳои таҳқиқотии онҳо мафҳум ва мазмуни “бехатарии энергетикӣ”, таъсири он ба рушди иқтисодии давлат, душвориҳои вуҷуддошта дар ин соҳа, амнияти энергетикӣ дар шароити таҳдиду ха-

тарҳои муосир, имрӯзу ояндаи энергетикаи тоҷик, усулу методҳои таҳкими истифодаи захираҳои обӣ, мавқеи энергетика дар сиёсати давлатӣ ва ғ. таҳлилу баррасӣ карда шудаанд. Аз ҷумла дар таҳқиқоти Ғаффорзода Н. масъалаҳои бехатарии энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи рушди амнияти энергетикӣ, сиёсати давлатӣ оид ба коркарди усулҳои ба даст овардани амнияти энергетикӣ, масъалаҳои таъмини манфиатҳои миллӣ дар соҳаи амнияти энергетикӣ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмиллалӣ дар соҳаи энергетика ва ғ. таҳқиқу баррасӣ шудаанд. Ҳамин тавр, ӯ қайд мекунад, ки "Амнияти энергетикӣ яке аз категорияҳои асосӣ ва калидии замони муосир ба ҳисоб рафта, бе омӯзишу таҳқиқи ҳаматарафи он ташаккул ва амалисозии дигар низомҳо – иқтисодӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва ғ. ғайриимкон аст" [3;35]. Лекин бояд онро хотиррасон кард, ки дар корҳои номбаршуда, масъалаи сиёсати энергетикии давлат аз ҷиҳати назариявӣ кам ва ё суст таҳлилу баррасӣ шуда, умуман оиди он маълумот кам мушоҳида мешавад, бар истисноИ масъалаи амнияти энергетикӣ.

Бояд тазаккур дод, ки як қатор олимону таҳқиқотчиёни дигар масъалаи сиёсати энергетикиро аз ҷанбаи **дипломатияи энергетикӣ** низ омӯзишу баррасӣ намудаанд. Мутахассиси пешбари Русия оид ба сиёсати энергетикӣ ва дипломатияи Русия С.З. Жизнин мебошад. Асари ӯ "Дипломатияи энергетикии Русия" дорои маводи пурраи воқеӣ ва таълимӣ буда, ҷанбаҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, сиёсии ташаккули сиёсати энергетикии Федератсияи Русияро бо пешниҳоди муфассали усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои амалияи дипломатияи энергетикӣ баррасӣ мекунад [6;23]. К.В. Симонов дар таҳқиқоти худ "Давлати абарқудрати энергетикӣ", [15;33-41] дар бораи табдил додани кишвари Русия ба як абарқудрати энергетикӣ баррасӣ мекунад, ки барои ба ин расидан як қатор масъалаҳоро ҳал кардан лозим аст: Русия кадом самти содиротро бояд рушд диҳад, ба кадоме аз муштариён бояд ҳамкориро тақвият диҳад, оё вектори Чин метавонад самти аврупоиро иваз ё мувозинат кунад ва ғ.? Бояд қайд кард, ки масъалаи дипломатияи энергетикӣ яке аз ҷузъҳои сиёсати энергетикӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои энергетикии давлатро берун аз кишвар, аз нигоҳи сиёсати хориҷӣ баррасӣ мекунад. Чи тавре, ки Гуммарова И.С. қайд мекунад, дар марҳилаи кунунӣ, дипломатияи энергетикии Русия яке аз василаҳои асосии сиёсати хориҷии Русия ба ҳисоб рафта, афзалиятҳои он бо манфиатҳои давлат дар арсаи сиёсии ҷаҳон, мустақиман алоқамандии зич доранд [4;10].

Дар ошкор намудани мафҳуми сиёсати энергетикӣ, ҷанбаи **геополитикӣ** низ нақши босазо дорад. Махсусан, бо назардошти он, ки "ҳар кӣ мехоҳад дар ҷаҳон ҳукмронӣ кунад, бояд нафтро назорат кунад", М. Коллон нақши нафт ва интиқоли онро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун муайянкунандаи рафтори давлат ва сабаби асосии муноқишаҳои байналмилалӣ, тавсиф мекунад [8;10-25]. З. Бжезинский тавсеаи нуфузи геополитикиро ба Авруосиё, алахусус ба кишварҳои пас аз шӯравии аз нафт бойро, дар сиёсати хориҷии Амрико аҳамияти муҳими стратегӣ баҳо медиҳад [1;170]. Изҳороти шабеҳ дар ҷомеаи илмии Иёлоти Муттаҳида, алахусус дар байни муҳаққиқони Институти Бруклин, ки дар байни онҳо Ф. Хилл, В.А. Гусейнов ва А. Сварантс низ ҳастанд, дастгирӣ карда мешаванд.

Як қатор олимону таҳқиқотчиёни ИДМ ва хориҷӣ, масъалаи сиёсати энергетикиро аз **ҷанбаи сиёсӣ** баррасӣ мекунанд [7;100]. Дар корҳои онҳо моҳияти сиёсати энергетикӣ, масъалаи бехатарии энергетикӣ пурра таҳлилу баррасӣ карда шудааст. Масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, ҷузъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва экологиро ба ҳам мепайвандад. Аммо аз ҳама муҳимтарин ин унсури сиёсист, зеро имрӯз масъалаҳои амнияти энергетикӣ бештар на аз рӯи қонунҳои иқтисоди бозорӣ, балки аз рӯи манфиатҳои геополитикӣ танзим карда мешаванд. Захираҳои энергетикӣ ба як воситаи тавонои сиёсӣ табдил ёфтанд ва бозори ҷаҳонии энергетика ба майдони бархӯрди манфиатҳои сиёсӣ табдил ёфтааст. Бисёр кишварҳо ба истифодаи омили энергетикӣ ва ашёи хомро ҳамчун роҳи амалӣ кардани манфиатҳои худ дар муносибатҳои байналмилалӣ пеша мегиранд. Ба инҳо дохил мешаванд ҳам эмбарго барои содирот ва ҳам фишори сиёсӣ ва дахолати мустақими низомӣ ва дигар. Бо сабаби ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳамги-

рой, бозорҳои энергетикӣ торафт бештар дар миқёси ҷаҳонӣ ба ҳам пайваст мешаванд, вобастагии афзоянда кишварҳоро маҷбур мекунад, ки манфиатҳои миллиро бо манфиатҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқ кунанд ва бо дигарҳо ҳамкорӣ кунанд.

Барои ҳалли ин мушкилот, кишварҳо вобаста ба имкониятҳои геополитикии худ, заминаи захиравӣ ва вазъи иқтисодии худ стратегияи (сиёсати) энергетикиро таҳия мекунанд, вазифаҳои инфиродии худро гузошта, ҳадафҳои муҳимтарини худро муайян мекунанд. Ҳалли масъалаҳои энергетикӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи давлатҳо инъикос ёфта, ба тамоми раванди сиёсии байналмилалӣ таъсир мерасонад. Дар ҳақиқат, бо мушоҳидаи руйдодҳои охири сиёсӣ дар ҷаҳон, ба ақидаи мо, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бисёре аз муноқишаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, маҳз аз омили энергетикӣ вобастагии зич доранд.

Бояд қайд кард, ки масъалаи сиёсати энергетикӣ дар байни олимону таҳқиқотчиён аз лиҳози **сиёсати энергетикии минтақавӣ** низ баррасӣ ва омӯзиш карда шудааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти А.М. Мастепанов як қатор масъалаҳо мушаххас баррасӣ карда шудаанд: сиёсати энергетикии минтақавӣ, масъалаҳои равобитҳои иқтисодиву сиёсии хориҷӣ, пешгӯии сиёсати энергетикӣ ва ғ. Муаллифони дастури "Сиёсати минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ: таҳия, татбиқ, баҳодиҳии самаранокӣ" зери мафҳуми сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ маҷмӯи воситаҳо, шаклҳо, тартибот ва усулҳои татбиқ аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ ҳадафҳо ва вазифаҳоеро, ки дар ҳуҷҷатҳои тавсифкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодии қаламрав муайян шудаанд (консепсияҳо, барномаҳо, стратегияҳои рушд) фаҳмида мешавад [10;27-30]. Дар кори М.А. Николаева «Ташаккули сиёсати иқтисодии минтақавӣ» маҷмӯаи равишҳои коршиносон ва таърифи муаллифии сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ оварда шудааст , ки дар он гуфта мешавад: “сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ ин ҷузъи муҳимтарини фаъолияти мақомотҳои намояндагӣ ва иҷроияи минтақавӣ оид ба татбиқи оғози мутамаркази идоракунӣ, ки тавозуни манфиатҳои соҳавӣ ва минтақавиро дар ҳалли маҷмӯи масъалаҳои фаъолият ва рушди иҷтимоию иқтисодии субъектҳо таъмин мекунад, мебошад” [12;202]. Дар ин ҷо, ба фикри мо, сиёсати энергетикии минтақавӣ низ дохил аст.

Як қатор олимони дигар, мавзӯи сиёсати энергетикиро аз ҷиҳати **иқтисодӣ** баррасӣ мекунанд. Ба ақидаи ин мутахассисон, сиёсати энергетикӣ ҷузъи калидии иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Бе таъмини энергетикӣ, дар дилхоҳ давлат рушди дигар соҳаҳо, ба монанди иқтисодиёт, истеҳсолот, саноати вазнину хурд, кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна, соҳаи иҷтимоӣ ва ғ. ташаккул ёфта наметавонад. Бинобар ин, дар дида баромадани барномаҳо ва нақшаҳои стратегии давлат, дар рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа, ошкор ва муайян, коркард ва пешбурди сиёсати энергетикӣ яке аз омилҳои асосӣ буда, нақши калидиро бозӣ мекунад. Аз ҷумла Тайналов С.В. менависад, ки қисмати муҳимтарини иқтисодиёти ҳар як давлат - бахши энергетика ба ҳисоб меравад. Мутаносибан, таҳияи сиёсати энергетикии давлат ба сиёсати ягонаи иқтисодӣ мувофиқ буда, қисми таркибии он мебошад. [16;17-18]. Энергетика, як бахши дорои аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун яке аз омилҳои муҳими раванди сиёсии кишвар баромад мекунад. Мо ҳам бо ин ақидаҳо розӣ буда, чунин иброз дорем, ки сиёсати энергетикӣ унсури муҳими амнияти иқтисодӣ буда, муҳимтарин унсури инфрасохтори муосири ҷомеа, воситаи татбиқи манфиатҳои миллии давлат ба ҳисоб меравад.

Умуман, корҳои илмии таҳлилшуда асосҳои муайяни назариявӣ ва дастурҳои методологии таҳлили иҷтимоию иқтисодии сиёсати энергетикии давлатро дар бар мегиранд. Мавзӯҳои марбут ба омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи энергетика (алахусус дар чунин соҳаҳо, ба монанди саноати барқ ва саноати нафту газ), ба мушкилоти ташаккули сиёсати минтақавии энергетикӣ, мушкилоти сармоягузории маҷмааи сӯзишворию энергетикии ватанӣ мушаххастар таҳия шудаанд. Як қатор ҷанбаҳоро ба қадри кофӣ таҳияшуда ҳисобидан мумкин аст, аммо бо вуҷуди ин, як қатор камбудиҳо низ вуҷуд доранд - таҳқиқотҳо ба соҳаҳои алоҳида ва ҷанбаҳои соҳаи энергетика бахшида шудаанд, заминаи ягонаи назариявӣ ва методологӣ, таҳқиқоти системавӣ ва ҳамаҷониба, вуҷуд надоранд.

Ҳамин тариқ, маҳз аз сиёсати иқтисодӣ ва минтақавии давлат – **сиёсати энергетикии** он, байни дигар ҳадафҳои муҳим таснифбандӣ карда мешавад. Дар стратегияи энергетикии Русия то соли 2030 ҳадафи сиёсати энергетикӣ оварда шудааст: "Ҳадафи сиёсати энергетикӣ ин истифодаи самараноки захираҳои энергетикии табиӣ ва иқтидори бахши энергетика барои рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии кишвар ва мусоидат ба таҳкими мавқеи иқтисодии хориҷии он мебошад" [18;1]. С.С. Лачининский сиёсати энергетикии давлатро ҳамчун яке аз самтҳои муҳими фаъолияти давлат ва сохторҳои тиҷоратии он, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои умумии иқтисодӣ (ба даст овардани фоида ва мустаҳкамшавӣ дар бозор) ва табиати гео-иқтисодӣ равона шудааст, мефаҳмад [9;17-29]. М.Б. Петров таърифи зеринро пешниҳод мекунад: «Сиёсати энергетикӣ ин низоми муносибатҳоест, ки биниши мақсаднокро аз мавқеи ҳокимияти давлатии рушди дарозмуддати энергетикӣ ташаккул медиҳанд, муайян кардани имкониятҳо ва сафарбаркунии захираҳо барои рушди он, инчунин маҷмӯи василаҳои рушди мақсаднок дар ҳамоҳангӣ бо сиёсатмадорони марбута, ки барои татбиқи стратегияи рушди миллӣ - саноатӣ, сармоягузорӣ, илмӣ ва техникӣ кор мекунанд » [14;52-63].

С.В. Тайналов менависад: «Сиёсати энергетикии давлат ин фаъолияти равонакардашудаи давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳо ва ғайра дар соҳаи энергетика барои ҳифзи сарвати миллӣ, захираҳои табиии энергетикии давлат аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои муайян: сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва ғайра дар асоси фаъолиятҳои энергетикӣ ва ё натиҷаҳои онҳо, мебошад » [16;21]. Я.В. Вутянова чунин таърифи сиёсати энергетикиро медиҳад: "ин як қисми сиёсати умумии давлат ба ҳисоб рафта, ба рушди устувори бозори дохилии энергетикӣ, таъмини амнияти энергетикии миллӣ ва ҷаҳонӣ, рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи энергетика нигаронида шудааст" [2;11]. Дар ҳақиқат, сиёсати энергетикии давлат ин маҷмӯи чорабиниҳои махсус ба ҳисоб рафта, ба фикри мо, ҷузъи асосии сиёсати дохилию берунаи давлат дар шароити кунунӣ мебошад.

Ҳамин тариқ:

- **Сиёсати энергетикии давлат** – ин маҷмӯи чораҳо ва воситаҳое мебошад, ки мақомотҳои давлатӣ барои идоракунии рушди устувори низоми энергетикии кишвар, инчунин низоми муносибатҳои байни гурӯҳҳои мақсадноки он ва субъектҳои таъсир бо мақсади тақсимоти самаранок ва истифодаи захираҳои энергетикии давлат истифода бурда мешаванд. Илова бар ин, ба ин маҷмуи нишондодҳо дохил мешаванд: эътимоднокии таъминоти барқ ба иқтисодиёт ва аҳолӣ бо назардошти талаботи экологӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии маҷмӯи сӯзишворию энергетикӣ; таъмини мӯътадили талаботи байналмилалӣ ба манбаъҳои энергетикӣ тавассути диверсификатсияи содироти манбаъҳо; кам кардани хавфҳо дар бахши энергетикӣ, ки бо пешгирии таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ алоқаманд аст; сиёсати иттилоотӣ давлат дар арсаи ҷаҳонӣ, ки манфиатҳои онро дар соҳаи энергетика инъикос мекунад; таъмини амнияти экологӣ ва ғ.

- **Объекти** сиёсати энергетикӣ ин робитаҳо, гурӯҳҳои мақсадноки маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ, аз ҷумла, мақомотҳои давлатӣ, ки рушди соҳаҳои марбут ба энергетикаро танзим мекунанд, ташкилотхои чамъиятй ва давлатй, ки дар истеҳсол ва интиқоли захираҳои энергетикӣ ва маҳсулоти энергетикӣ аз истеҳсолкунандагон ба истеъмолкунандагон иштирок доранд, мебошад.

- **Субъекти** сиёсати давлатии энергетикӣ, - ин мақомоти ҳукуматии танзимкунандаи рушди энергетика ва субъектҳои таъсири сиёсати энергетикӣ, гурӯҳҳои мақсадноки маҷмааи энергетикӣ ва вобаста ба соҳаҳое, ки ба рушди маҷмӯи сӯзишворию энергетикӣ таъсири мустақим мерасонанд.

- Мо ба тариқи зайл таҳия намудани **предмети** сиёсати энергетикиро мувофиқи мақсад мешуморем: маҷмӯи тадбирҳо ва воситаҳо оид ба идоракунии рушди устувори объект, инчунин низоми муносибатҳои мутақобилаи байни субъект ва объектҳо ва байни объектҳои сиёсати энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

- Ба ақидаи мо, **ҳадафҳои** сиёсати энергетикӣ – ин таъмини рушди устувори объект, тақсимоти самаранок ва истифодаи захираҳои энергетикӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва иқтисодӣ ва ғ. **Шароитҳои** татбиқи сиёсати энергетикӣ – ин таъсири амиқи бозори ҷаҳонии энергетика, робитаи зич бо амалисозии дигар намудҳои сиёсат, таъсири ҳаматрафаи ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад.

- Сиёсати энергетикӣ ҷузъи муҳимтарини **иқтисодиёт**, бинобар нақши калидии энергетика дар соҳаи иқтисод, ба ҳисоб меравад. Сиёсати энергетикӣ ба таҳкими амнияти энергетикии давлат ва дар маҷмӯъ - амнияти миллӣ мусоидат мекунад.

- **Амнияти энергетикии** давлат муҳимтарин ҷузъи амнияти миллӣ ҳисобида шуда, таъмини амнияти миллӣ яке аз вазифаҳои асосии сиёсати энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Бжезинский З. Великая Шахматная Доска./З. Бжезинский. -М.: Международные отношения, 2003.
2. Вутянова Я.В. Энергетическая политика как фактор геополитического влияния России // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук./ Я.В. Вутянова. Москва. 2013. С. [Электронный ресурс]: URL: http://polit.msu.ru/pub/asp_doc/Diss_sovet/Vutyanova.pdf
3. Гафforзода Нигорахон. Место энергетической безопасности в политике Республики Таджикистан в период государственной независимости. Диссерт. Канд. Полит. Наук. /Н. Гафforзода. Душанбе, 2018. С. 35.
4. Гуммарова И.С. Приоритеты энергетической дипломатии России. Автор. Дисс….к.п.н./ И.С. Гуммарова. Санкт-Петербург. 2008. С. 10.
5. Ергин Д. Добыча: Всемирная история борьбы за нефть, деньги и власть./Д. Ергин. –М.: Альпина Паблишер, 2017. С.
6. Жизнин С.З. Энергетическая дипломатия: Учеб. пособие./ С.З. Жизнин. -М.: МГИМО (У) МИД РФ, 2002.
7. Кокошин А.А. Международная энергетическая безопасность./ А.А. Кокошин. -М.: Европа, 2006; Ткачева Н.Н., Ткачев С.В. Нефть и природный газ в современной политике: монография./ Н.Н. Ткачева, С.В. Ткачев. –Владивосток. Мос.гор.ун-т, 2010.; Дудин В.В. Энергетическая политика в условиях трансформации российского общества: дисс. к.п.н./ В.В. Дудин. -Кемерово, 2006 ва диг.
8. Коллон М. Нефть, PR, Война: Глобальный контроль над ресурсами планеты./М. Коллон. - М.: Крымский мост, 2009.
9. Лачининский С.С. Некоторые вопросы реализации энергетической политики России в Балтийском регионе: геоэкономический подход // С.С. Лачининский. Балтийский регион. 2013. № 2 (16). С. 17–29.
10. Мастепанов А.М. Региональные и внешнеэкономические аспекты энергетической Политики России./ А.М. Мастепанов. -М., 1997. –СП.; Мастепанов А.М., Саенко В.В., Рыльский В.А., Шафраник Ю.К. Экономика и энергетика регионов Российской Федерации./ А.М. Мастепанов и др. -М., 2001. -С.27-30.
11. Меламед Л.Б., Суслов Н.И. Экономика энергетики: основы теории./ Л.Б. Меламед, Н.И. Суслов. -Новосибирск: Издательство СО РАН, 2000; Воронин А.Ю., Маликова О.И. Глобализация энергетических рынков и экономический рост в России./ А.Ю. Воронин, О.И. Маликова . 2-е изд., доп. -СПб.: «КОСТА», 2010.
12. Николаев М.А. Формирование региональной экономической политики./ М.А. Николаев. СПб.: Изд-во СПБГПУ. 2003. 202 с.
13. Региональная социально-экономическая политика: разработка, реализация, оценка эффективности (учебно-методическое пособие) / Авт. колл. под рук. д-р. техн. наук, проф. С. М. Вертешева; д-р. техн. наук, проф. В. Е. Рохчина. СПб.: Изд-во СПбГПУ. 2003. 320 с.


# СОҲИБКОРОНИ МУОСИР ДАР МУҲТАВОИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ

**Ғафурова Ф.В. - Ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии ДДҲБСТ**

Мувофиқи ақидаи Людвиг фон Мизес яке аз асосгузорони назарияи иқтисодиёти либералӣ «соҳибкор инсоне мебошад, ки дар шароити номуайянӣ, ки хоси ҳама гуна ҳаракатҳост, фаъол аст» [1]. Албатта, мавриди мавқеи соҳибкорон, ки воқеан ҳам гурӯҳи муҳимтарини андозсупорандагони имрӯзаро ташкил медиҳанд, баҳсҳои зиёд дар адабиёти ҳуқуқӣ пайдо шуда бошанд, ҳам мӯҳтавои онро, бионан муаммои андозбандии онҳо ташкил медиҳад. Айни замон, онҳо дар шаклҳои умумӣ ва махсусгардонидашуда фаъолияти худро дар самтҳои истеҳсолӣ, савдо ва молиявию қарздиҳӣ анҷом медиҳанд *[2]*. Ҷиҳати муҳим дар робита ба фаъолияти соҳибкории ашхоси воқеӣ дар замони имрӯза, ин ҷоиз будани истифодаи меҳнати кироя аз тарафи онҳо ба ҳисоб меравад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурӣ озодии фаъолияти соҳибкориро ба таври конститутивӣ кафолат дода, дар баробари ин низоми алоҳидаи андозбандии шахсони воқеии соҳибкорро муқаррар менамояд. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам мафҳуми «фаъолияти соҳибкорӣ» ва ҳам мафҳуми «фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ»-ро пешбинӣ намудааст[3].

Зарурати ниҳоӣ дар ин самт, албатта гузоштани тафриқот байни шахсони воқеии муқаррарӣ ва соҳибкор ба ҳисоб меравад. Тибқи ҳамин модда фаъолияти соҳибкорӣ ҳама гуна фаъолиятест, ки сарфи назар аз натиҷаи чунин фаъолият, барои ба даст овардани фоида, даромад ё ҷубронпулӣ равона гардидааст.

Самтҳои асосии рушди соҳибкории хурд дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мушоиҳда карда мешавад. Аз ин рӯ дар Паёми сарвари давлати тоҷикон ба Маҷлиси олии кишвар аз 22.12.2017 аз ҷумла чунин омадааст: «Рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба фаъолияти он аз ҷумла вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад»[4].

Маҳз бо ҳамин мақсад Ҳукумати кишвар ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд ва солҳои охир як силсила ислоҳотро, ки ба содагардонии раванди бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва кам намудани номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда равона шудаанд, амалӣ гардонид.

Низоми содакардашудаи андозбандӣ низоми махсуси андоз мебошад, ки мутобиқи он субъектҳои соҳибкорӣ андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ё андоз аз даромад барои соҳибкорони инфиродиро бо тартиби содакардашуда пардохт менамоянд.

Субъектҳои соҳибкорӣ, ки даромади умумии бо усули кассавӣ ҳисобшудаи онҳо дар соли пешинаи тақвимӣ бе дарназардошти андози аксизӣ, андоз аз фурӯши алюминийи аввалия аз 1 млн. сомонӣ зиёд намебошад, дар асоси талаботи содакардашудаи қонунгузории андоз андозбандӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва намояндагиҳо, аз он ҷумла филиалҳо ё намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси Шаҳодатнома амалӣ менамоянд, аз ҷумла соҳибкорони инфиродие, ки субъектҳои Минтақаҳои Озоди Иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд, дар соли бақайдгирии давлатӣ ва минбаъд то лаҳзаи зиёд шудани ҳадди даромад ӯҳдадоранд андози низоми соддакардашудаи андозбандиро пардохт намоянд.

Соҳибкори инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориашро дар асоси шаҳодатнома ба роҳ мондааст, уҳдадор аст, ки мутобиқат бо муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон декларатсияи (ҳисоби) андоз пешниҳод намояд.

Уҳдадории андозии соҳибкори инфиродӣ, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият дорад. Баробар бо ин миқдори маблағи андози иҷтимои чунин соҳибкори инфиродӣ новобаста аз даромади бадастовардааш наметавонад, аз ҳаҷми маблағи баландтарини (максималӣ)-и андози иҷтимоӣ, ки барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда муқаррар гардидааст, пасттар бошад.

Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда вазифадор аст, ки ҳисоботи даромад ва хароҷоти худро бо тартиби содакардашуда, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ тасдиқ гардидааст барад.

Ҳангоми бурдани ҳисобот бо пули нақд соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, ки тибқи тартиботи муқарраргардида аз мошинаҳои ҳисобкунӣ хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода намояд.

Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои низоми махсуси андозбандии субъектҳои соҳибкории хурде мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъда амалӣ менамоянд. Андози ягона

аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие истифода карда мешавад, ки барои онҳо замин воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар ҳолати ҳозира дар ҷумҳурӣ маълумоти омории расмӣ микёси воқеии бахши ташаккулёбандаи ғайридавлатиро ба пуррагӣ инъикос наменамояд. Бо ҳамин сабаб, таҳлили воқеъбинонаи иқтисоди Тоҷикистон дар бобати муайян намудани шумораи корхонаҳои хурду миёна, теъдоди коркунони бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ ва дигар нишондиҳандаҳои марбут ба фаъолияти онҳо мушкил аст.

Дар шароити ҳозираи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон як қатор мушкилоте вуҷуд дорад, ки ба бозори субъектҳои соҳибкории хурду миёна таъсир мегузорад. Дар байни онҳо қобилияти ночизи пардохтӣ доштани аҳолӣ, афзоиши хароҷоти нақлиётӣ, душвории дастрасӣ ба манбаъҳои ашёи хом, технологияҳои нав ва сармояи қарзӣ бештар таъсир бахшанд. Дар аксари мавридҳо соҳибкор маҷбур аст, ки на фикри рушду инкишофи бизнес балки фикри бақои худро дошта бошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд дигаргунсозиҳои сохториро ба амал баровард, ки барои беҳбудии муҳити кории соҳибкорӣ, рушди ташаббусҳои хусусӣ таъсири қобили мулоҳиза расонид. Ба ҳамин восита барои рушди соҳибкории хурду миёна ва ташаккули табақаи миёнаи соҳибкорон замина муҳайё сохт.

Ҳадафи асосии тамоми иқдомҳои анҷом додашуда ҷиҳати дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи давлатӣ ба вуҷуд овардани шароити ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, молиявию ташкилии бунёди бахши пурқуввати хусусӣ дар иқтисодиёти кишвар, ҳамчунин инфраструктураи тараққикардаи соҳибкорӣ ва муайян сохтани воситаҳои асосии идоракунии дастгирии давлативу ҷамъиятии соҳибкорӣ дар пояи моликияти хусусӣ ва корпоративӣ мебошад.

Тавре Финк Т.А. дар асари худ «Соҳибкории хурду миёна: таҷрибаи хориҷии рушд» қайд мекунад, стратегияи рушди соҳибкории хурду миёна дар Амрико дар асоси Қонун дар бораи соҳибкории хурд танзим мегардад ва иқтисоди кишвар, ки дар заминаи соҳибкории хусусӣ ва рақобати озод бунёд шудаанд, наметавонад бе рушди бахши соҳибкории хурду миёна инкишоф ёбад, ки он дар навбати худ ба дастгирии доимӣ аз ҷониби давлат ниёз дорад [5].

Ба гуфтаи олимони соҳаи иқтисоди Амрико давлат барои соҳибкории хурду миёна дар ин кишвар чунин имкониятҳоро фароҳам овардааст:

- дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ, бо ҷойгирии на камтар аз 23 фоизи фармоишҳои давлатӣ дар бахшҳо.

- расонидани ёрии молиявӣ, инчунин машваратӣ, техникӣ ва идоравӣ ба соҳибкории хурду миёна. Ёрие, ки дар давлати Америка ба соҳибкории хурду миёна мерасонанд, гуногун аст: азнавкунии таҷҳизоти технологии истеҳсолот то ҳифзи манфиатҳои соҳибкории хурду миёна дар тамоми сатҳҳои ҳукумат.

Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда наметавонад бахшҳо ва қисмҳои ҷудогона дошта бошад. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар амалҳоро пешбинӣ накарда бошад, метавонад тамоми намудҳои фаъолиятро амалӣ намояд ба истиснои:

- истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ (ғайр аз нушокиҳои ғайриспиртӣ) ва ба роҳ мондани фаъолияти зераксизӣ.

- фаъолияти ғайриқтисодӣ (ғайр аз воридоти маҳсулоти мавриди ниёзи мардум дар ҳаҷми то 1 млн сомонӣ).

Дар ҳолате, агар даромади умумии солонаи соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунад, аз 1 млн сомонӣ гузарад чунин соҳибкор вазифадор аст, ки дар ин хусус ба мақомоти андози маҳалли қайд маълумот пешниҳод намояд ва аз санаи 1-уми моҳи оянда фаъолияти соҳибкории худро қатъ намояд. Ин соҳибкор метавонад

фаъолияти худро ҳамчун шахси ҳуқуқи дар асоси реҷаи дигари андоз, ки қонунгузориҳои марбут ба андоз муқаррар намудаанд, идома диҳад.

Воқеан, нақши соҳибкорон дар пешрафти Тоҷикистон назаррас буда, он барои расидан ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ҳамдастии онҳо дар муътадилсозии молиявӣ, бо ҷойҳои кории нав таъмин намудани аҳолӣ ва афзун кардани бозори истеъмолӣ нақши муҳим мебозад. Бинобар ин, Ҳукумати Тоҷикистон фазои иқтисодии озод ва як қатор имтиёзҳоро барои соҳибкорон фароҳам овардааст, то ки соҳибкорон бе мушкилӣ фаъолият намоянд. Эълон гардидани 14 октябр ҳамчун «Рӯзи соҳибкорон» ва аз соли 2014 то ин замон баргузор намудани мулоқоти мунтазами Президенти мамлакат бо соҳибкорону сармоягузорон, ҳамоишу Форумҳои байналмилалӣ ва иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо, фароҳам будани майдони муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ бо мақсади иштироки васеи намояндагони бахши хусусӣ дар баррасии масъалаҳои соҳибкорию сармоягузорӣ баёнгари таваҷҷуҳи доимии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҳамзамон, илҳомбахши соҳибкорону сармоягузорон дар рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. Мизес Л. Человеческая деятельность: Трактат по экономической теории. / Мизес Л. — М.: Экономика, 2000. — 878 с
2. Маккаева Р.С., Атамазова А.А. Развитие малого и среднего предпринимательства в США // Современные научные исследования и инновации. 2016. № 12 [Электронный ресурс]. URL: https://web.snauka.ru/issues/2016/12/75742 (дата обращения: 23.03.2021).
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, (бо назардошти тағйиру иловаҳо ба санаи 01.01.2022с). Душанбе- 407 с.
4. Паёми Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ( аз санаи 22.12.2016 сол).- Душанбе; «Шарқи озод», 2017. — С.11.
5. Финк Т. А. Малый и средний бизнес: зарубежный опыт развития // Молодой ученый. — 2012. — №4. — С. 177-181.


## НАҚШИ САНОАТИКУНОНӢ ДАР РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КИШВАР


**Бабаев Ҳ.С. - н.и.и. дотсети кафедраи аудит ва ревизия, ДДҲБСТ**


Рушди соҳаи саноат яке аз омилҳои пешбарандаи иқтисодиёти давлат маҳсуб ёфта, тараққиёти дигар соҳаҳо, аз ҷумла боркашонии нақлиётӣ, тиҷорат, пешрафти илми соҳавӣ низ марбут ба он дониста мешавад. Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ ва заминаи боэътимоди рушди босуботи иқтисодӣ маҳсуб ёфта, таъмини рушди устувори он аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати кишвар арзёбӣ мегардад. Амалӣ гардидани ин ҳадафҳоро ба инобат гирифта, Пешвои миллат бо боварӣ саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намуданд: "Бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудем" [3, с.5].

Сиёсати дурбинонаи Пешвои муаззами миллат вобаста ба пешниҳод ва қабули ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръат ё худ индустриаликунонии мамлакат аз самтҳои калидии пешрафти иқтисодӣ ба шумор рафта, далели ҳадафрас будани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар тадриҷан раҳо ёфтани иқтисодиёти кишвар аз вобастагии баъзе намудҳои масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла ангишту семент шуда метавонад. Татбиқи ин

ҳадафи муҳим имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати индустриаливу аграрӣ табдил дода шавад. Аз ин рӯ, тавсеаи коркарди ашёи хоми саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиш додани коркарди ашёи хоми ватанӣ, аз ҷумла нахи пахта, воридоти таҷҳизоту технологияи замонавӣ ва дастгирии соҳибкорӣ омили афзоиши шумораи корхонаҳои истеҳсолии муҷаҳҳаз бо технологияи муосир ва ҳаҷми воқеии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дарояндаи наздик муайян гардид, ки то бо ҳар роҳу усул имконияти содиротии кишвар боло бурда шавад ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда афзоиш ёбад.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръат ва коҳиш додани шиддати омилҳои беруна ба иқтисоди кишвар, барномаи саноатикунонии босуръати кишвар ва як қатор барномаҳои рушди соҳаҳои мухталифи саноат, аз ҷумла Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020 ва Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2020 қабул карда шудааст. Барномаҳои мазкур ба афзудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ, ташкили манбаъҳои нави андозбандӣ, тақвияти истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазир мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёт аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад [4, с.18].

Саноати кишвар омили муҳими ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ буда, ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола батадриҷ зиёд гардида истодааст. Саноати мамлакат, асосан, дар самтҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ, металлҳои ранга ва сиёҳ, коркарди сангҳои қиматбаҳо, саноати сабук (коркарди пахта, пилла, пӯсту пашм), саноати кимиё, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, саноати хӯрокворӣ (коркарди меваю сабзавот, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока) рушд ёфта истодааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ гувоҳӣ он аст, ки тавозуни савдо ва содироти соф манфӣ буда, барзиёдии воридот нисбат ба содирот зиёда аз 2 млрд. долларро ташкил медиҳад. Далелҳои ояндабинӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳолати саноатикунонии босуръат тамоюли афзоиши ҳаҷми содирот рӯ ба афзоиш ёфта, то соли 2030 метавонад то ба 2,5 млрд.долл. расонида шавад, нишондиҳандаи воридот аз 3,2 млрд. то 2,9 млрд.долл. коҳиш дода шавад [2, с.22].

Зиёдшавии нишондиҳандаҳои содирот дар қиёс нисбат ба воридот аз ҳисоби афзоиши маҳсулоти ба содирот нигаронидашудаи ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ ба назар мерасад, ки бо омили саноатикунонӣ вобастагӣ дорад. Дар маҷмуъ, нишондиҳандаҳои ояндабинӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД ба 22 фоиз расонида мешавад, ки бо амалисозии ҳадафи чоруми стратегии рушди иқтисодиёт зич алоқаманд мебошад. Тибқи афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайяншуда, дар сохтори саноат бартарият ба истеҳсолоти зерин дода мешавад: коркарди пахта, нахи пахта ва пилла; истеҳсолоти дӯзандагӣ; коркарди паст, пашм, истеҳсоли пойафзол; коркарди маъдан, пеш аз ҳама маъданҳои дорои металлҳои ранга то ҳадди ҳосил намудани металлҳои холис (сурб, сурма, руҳ, симоб, мис) ва металҳои асил, сангҳои ороишии ранга, ки манбаи ғанигардонии захираи асъории ҷумҳурӣ мебошанд; истеҳсол ва коркарди алюминийи аввалия бо дурнамои тавлиди маҳсулоти тайёр (конструксияҳои сохтмонӣ, асбобҳои рӯзгор, маснуоти электротехникӣ, воситаҳои нақлиёт); маҳсулоти тайёр аз тамоми намудҳои ашёи хоми кишоварзӣ; истеҳсоли нуриҳои маъданӣ, воситаҳои кимиёвии рӯзгор; маводи бастабандӣ, зарфу ғунҷоишҳо аз фолгаи алюминий, пакетҳои синтетикӣ ва шишагӣ. Ҳамчунин, рушди саноат ба рушди соҳаҳои дигар, мусоидат менамояд.

Воқеан, пешбинӣ гардидани саноатикунонии босуръат дар стратегияи рушди Тоҷикистон масъалаи бозори қавии дохилӣ пайдо кардани нерӯи барқ ва рақобатпазирии ниҳодҳои инфрасохториро таъмин месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираву имкониятҳои васеи зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда дар соҳаҳои истеҳсолоти миллӣ аз ҳисоби рушди соҳаҳои саноати истихроҷи кӯҳӣ, металлургӣ, кимиё, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва ташкили корхонаҳои коркарди ниҳоии нахи пахта, пилла ва пӯст, истеҳсол, бандубаст, нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулоти хӯрока, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, металҳои ранга, сангҳои қиматбаҳо, ангишт ва истеҳсоли номгӯи васеи масолеҳи сохтмонӣ мебошад.

Мавҷудияти зиёда аз 3500 навъи гиёҳи шифобахш ва табобатӣ дар кӯҳи Тоҷикистон барои рушди саноати дорусозӣ муҳим арзёбӣ гардида, пурра истифода намудани имкониятҳои мавҷуда дар ин самт пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ин, тадбирҳои ҷиҳати азнавтаҷҳизонӣ ва бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, кластерҳои азими агросаноатӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазири дорои баланди арзиши иловашуда бо дарёфти бозори фурӯши онҳо, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва брендҳои машҳури ҷаҳонӣ барои истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ ба нақша гирифта шудаанд. Муҳим он аст, ки дар панҷсолаи оянда афзоиши саноати коркард зиёда аз 80 фоиз, ҳамасола таъсиси на кам аз 170 ҳазор ҷойҳои корӣ, сатҳи расмии шуғл 75 % бояд таъмин карда шавад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аслан фарогири ҷанбаҳои сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла истеҳсолӣ, гузариш ба низоми электронии хизматрасониҳо ба субъектҳои хоҷагидор, батанзим даровардани назорати андоз, муносибгардонии меъёрҳо ва содагардонии расмиёти маъмурикунонии андоз мебошад. Бо мақсади таҳкими иқтидори саноатии кишвар, тавсеаи имконияти истеҳсолот, ташаккул ва тақвияти ҳукумати электронӣ илова ба имтиёзҳои амалкунанда, дар Кодекси андоз дар таҳрири нав низоми содакардашудаи фаъолияти инноватсионию технологӣ бо имтиёзҳои андозиву гумрукӣ ба муҳлати 5 сол пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, ҷиҳати тавсеаи фаъолияти инноватсионию технологӣ воридоти таҷҳизоти инноватсионию технологӣ, ки бевосита барои эҳтиёҷоти худии чунин субъектҳо истифода мешаванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудааст. Яъне, низоми мазкур бевосита ба рушди соҳаи саноат нигаронида шудааст [1, с.113].

Илова бар ин, дар Кодекси андози нав бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, ноил шудан ба сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи мардум, воридот ва таҳвили минбаъдаи техникаҳои кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии техника ва мошинҳои кишоварзӣ, автомашинаҳои сабукрав, боркашу борбардор аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолкунанда аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуд, ки имтиёзи мазкур барои афзун намудани истеҳсоли техникаи кишоварзӣ ва автомашинаҳои ватанӣ замина мегузорад. Дар баробари ин, ҷиҳати дастгирии давлатии соҳаҳои саноат, аз ҷумла вобаста ба азнавтаҷҳизонии истеҳсолот ва ҷалби сармоя иҷозати тарҳи хароҷот аз даромади андозбандишаванда бо роҳи баланд намудани меъёри тарҳи хароҷоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ, рекламавӣ, намояндагӣ ва дигар хароҷоти шабеҳ васеъ карда шуданд [1, с. 118].

Ҳамчунин, ба корхонаҳо ҳуқуқ дода шудааст, ки ҳангоми насби таҷҳизоти технологии нав, азнавмуҷаҳҳазгардонии техникӣ, тарҳкунии сармоягузориро бо меъёри аз 5 то 10 фоизи арзиши воситаҳои асосии қайдшуда аз даромади умумии андозбандишаванда истифода намоянд. Тибқи муқаррароти дахлдори Кодекси нави андоз низоми андозбандии андозсупорандагон ва меъёри стандартии андоз аз арзиши иловашуда сол ба сол рӯ ба пастшавӣ дорад, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда аз 1 январи соли 2022 ба андозаи 15 фоиз, аз 1 январи соли 2024-ум – 14 фоиз ва аз 1 январи соли 2027-ум 13 фоиз пешбинӣ шудааст. Чунин иқдомҳои наҷиб ба саноатчиёни ватанӣ имкон медиҳад, ки теъдоди молу маҳсулоти истеҳсолшавандаи ватаниро васеъ намуда, меъёри арзиши ин молу маҳсулот вобаста ба имкониятҳои харидории истеъмолкунандагон коҳиш ёбад. Кодекси нави андоз

бо назардошти он афзалиятҳое таҳия гаштааст, ки ҳадафи аслиашон механизмҳои андозӣ ба даст овардани ҳадафҳои асосии иқтисодии пешгирифтаи Ҳукумати кишвар мебошад.

Аз сабаби оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ аст ва зиёда аз 60 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд, дар чунин шароит имконияти зиёд мавҷуданд, ки маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшаванда бо дарназардошти ташкили корхонаҳои агросаноатӣ дар дохили ҷумҳурӣ коркард ва ба маҳсулоти тайёри саноатии дар бозори ҷаҳонӣ рақобатнок табдил дода шавад. Ин омил метавонад дар самти гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвари аграрӣ ба индустриалӣ–аграрӣ нақши калидиро иҷро намояд. Дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан мумкин аст, ки дар партави сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат он рӯз дур нест, ки маҳз такя бо амалисозии ҳадафҳои рушди устувор Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз кишвари содиротии ашёи хом ба яке аз кишвари содироти маҳсулоти тайёри ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ ва рақобатнок табдил дода шавад.

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Матни расмӣ. – Душанбе, 2022. – 335 с.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 99 с.
3. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2020.
4. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2020 – 2025. - №293. – Душанбе, 2020. – 65 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 26.12.2019. – 48 с.
6. www.sanoat.tj.
7. www.andoz.tj.

## СОҲАИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ РУШД МЕБОШАД.

**Ғаниев С.А. - ассистенти кафедраи молия, ДБССТ**

Солҳои 80-ум ва 90-уми асри XX Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати сохтмони корхонаҳои истеҳсоли молҳои воридивазкунанда ва ба содирот нигаронидашударо пеш гирифта ва чунин корхонаҳо дар тамоми гушаву канори Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуд ва сохтмони ингуна корхонаҳо ҳоло давом дорад. Масалан, чунин корхонаҳо аз шаҳри Душанбе оғоз намуда ва дар дигар шаҳру ноҳия ва деҳаҳои Тоҷикистон соҳибистиқлол сохта шудааст ва сохта мешаванд. Дар шаҳри Душанбе 31 – октябри соли 2023 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе ба хотири истиқболи сазовор аз ҷашни умуми-милли 35 солагиии Истиқлоли давлатӣ дар доираи “солҳои рушди саноат” ва ҷашни амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар 7 корхонаи калони саноатӣ бо беш аз 4000 чойи кори мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар оғоз Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Гулистони Душанбе” – ро баъд аз навсозӣ ифтитоҳ намуданд.Дастгоҳу таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ давоми солҳои 2022–2023 аз Ҷопон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Италия, Чин, Англия, Руссия ва Туркия ворид карда шудааст.Баъд аз навсозии фаъолияти 3 хатти нави технологии ҳозиразамон дар Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи “Гулистон Душанбе” ба роҳ монда шуд, ки дар онҳо пиҷакҳои мардона ва занона, шим ва куртаҳо дӯхта мешаванд.Баъд аз навсозӣ дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Гулистони Душанбе” бори аввал истеҳсоли шиму костюми мардонаву занона бо истифода аз технологияи ҳозиразамони ширкатҳои бонуфӯзи ҷаҳони ба роҳ монда шуд.

Дар натиҷаи навсозии пурраи қитъаҳои омодакунӣ, поракунӣ, таҷрибавӣ, дузандагӣ, ворид намудани таҷҳизоти муосири техникӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандон шароити мусоид барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва таҳкими фаъолияти корхона фароҳам оварда шуд. Бо васеъ гардидани имконияти корхона ҷиҳати

содироти молу маҳсулоти бо ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ шартномаҳои ҳамкорӣ баста мешавад.Бо истифода аз иқтидори техникӣ Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Гулистони Душанбе” имкон дорад дар як сол то 2 милион либосҳои махсуси кори барои фасли тобистону зимистон шиму кастюм, либоси мактабӣ, варзишӣ, курта ва рахти хоб, дар маҷмуъ 250 номгӯи маҳсулот истеҳсол менамояд. Дар сурати зиёд шудани фармоиш, корхона имкон дорад, ки истеҳсоли аз ин ҳам зиёд намояд.Баъд аз навсозӣ дар корхона 230 ҷойи кори иловагӣ таъсис шуда, дар маҷмӯъ ба 470 ҷойи кори расонида шуд. Дар сурати дар се баст ба роҳ мондани фаъолияти корхона то 1200 ҷойи кори муҳайё карда мешавад. Пешвои муазами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи коргарону мутахассисонро ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири босифат ҷалб намуд.

Дар корхона таҷҳизоти лазерӣ барои ҳаккоки дар матоъ, сканер барои ба таври худкор гирифтани андозаи либос, хатти технологӣ иборат аз 145 таҷҳизоти махсус, барои дӯхт, дарзмолкунӣ банду баст ва хушкашӯи кимиёвии либос ворид ва насб карда шудааст. Ин имкон фароҳам овард, ки ҳар як амалиёти дӯхти либос бо истифода аз таҷҳизоти алоҳидаи худкор ба роҳ монда шавад, ки дар Тоҷикистон бори аввал аст.Дар ҷамъияти саҳомии кушодаи “Гулистони Душанбе” аз матоъ бо андозаҳои гуногун тавассути технологияи муосир мувофиқ ба дархости мизоҷон либосҳои шинаму зебо барои мардон ва занон истеҳсол карда мешавад.Имрӯз Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Гулистони Душанбе” аз коргоҳи тароҳӣ, коргоҳи омодасозӣ ва поракунӣ, 7 коргоҳи дузандагӣ, коргоҳи шустушӯи ва рангубор, коргоҳи такмилдиҳии намнокӣ ва банду баст,коргоҳи барои духти либос аз рӯи супоришҳои махсус, нуқтаи хизматрасонӣ хушкашӯи, буғхона, мағоза ва ошхонаи васеву барҳаво барои 400 ҷойи нишаст иборат мебошад.Барои рушди саноат дар пойтахти мамлакат шароити зарури фароҳам аст ва дар асоси супориши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тибқи нақшаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тавассути бунёду барқароркунии коргоҳу корхонаҳои афзоиши истеҳсоли саноати таъмини шумораи ҷойҳои кори дар соҳа зиёд ва рушди дучанди иқтисодии пойтахти мамлакат заминагузорӣ карда мешавад.[i]

Марҳилаи дуюми ҶДММ “Қолинҳои Душанбе” дар кучаи Зебунисои ноҳияи Шоҳмансур ба истифода дода шуд ва аз намоишӣ маҳсулоти корхона боздид карданд.Марҳилаи дуюми ҶДММ “Қолинҳои Душанбе” дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни 35 солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “солҳои рушди саноат” ба истифода дода шуд.Корхона дар доираи татбиқи ҳадафҳои саноатикунонии босуръати мамлакат бо истифода аз фазои муосири сармоягузориву соҳибкорӣ аз тарафи соҳибкорӣ ватанӣ Наврӯз Абдуллозода бунёд карда шуд.Бо фаъол сохтани ду хати иловагии истеҳсолӣ дар корхонаи қолинбарорӣ шумораи коргарон, ки аксаран бонувон мебошанд, ба 600 нафар расонида шуд.Қайд намудан лозим аст, ки иқтидори истеҳсолии ҶДММ “ Қолинҳои Душанбе” аллакай ба ҳаҷми истеҳсолоти ширкати “Қолинҳои Қайроққум” наздик шудааст, ки ин раванд нишон аз хуб ба роҳ мондани тавлидоти маҳсулот ва рақобатпазир истеҳсол шудани он мебошад. ҶДММ “Қолинҳои Душанбе” дар пойтахти мамлакат ва ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ вилояти Хатлон мағозаҳои махсуси худро фаъол сохтааст, ки дар он маҳсулоти корхона ба фурӯш гузошта шудааст. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулони корхона дастур додаанд, ки дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлобу Хоруғ, Ваҳдату Ҳисор ва Бохтару Рашт низ чунин марказҳои фуруш таъсис дода шавад, то сокинон аз қолинҳои замонавӣ дастрасии бештар пайдо кунанд.Масоҳати ҷойгиршавии ҶДММ “Қолинҳои Душанбе” 2,7 гектар буда, иқтидори истеҳсолии корхона 4500 метри мураббаъ дар як шабонаруз ва 13,5 ҳазор метри мураббаъ қолин бо шаклу тарҳи гуногун дар як моҳ мебошад. Иқтидори солонаи корхона дар як сол ба 4 миллиону 860 ҳазор метри мураббаъ мерасад.Айни замон талабот ба қолин дар ҷумҳурӣ дар як сол 8,0 миллион метри мураббаъро ташкил медиҳад. Давоми солҳои охир ҳамаги 6 корхонаи қолинбофии амалкунандаи Ҷумҳури бо пешрафтатарин технологияи соҳавӣ, аз ҷумла бо 26 хати истеҳсолии ширкати “Вандевил” и Шоҳигарии Белгия фаъолияти худро ба роҳ монда, мутобиқ ба стандартҳои пазируфташуда мол

истеҳсол мекунанд. Иқтидори солонаи корхонаҳои қолинбофии Тоҷикистон 13 миллиону 700 ҳазор метри мураббаъ қолин дар як сол арзёбӣ мешавад. Дар 9 моҳи соли 2023 ба мамлакат 2 миллиону 328,8 ҳазор метри муррабаъ қолин ворид шудааст, ки ин нишондод нисбат ба содирот хело зиёд мебошад.[55]

31 октябр дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт корхонаи нассоҷии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Арвис” – ро ба истифода дода шуд. Ифтитоҳи корхонаи нави нассоҷи дар шаҳри Душанбе боиси таъмини 600 – нафар сокинони маҳаллӣ бо basти кори доимӣ ва маоши хуб гардид, ки аксарияташонро бонувон ташкил медиҳанд. Рангу бори маҳсулот низ дар дохили корхона ба роҳ монда шуда, таҷҳизотҳо иқтидор доранд, ки дар як шабонарӯз то 15 – ҳазор киллограм матоъро рангу оро диҳад. Асоси боздид ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки коргоҳи тарроҳи ва конструктори корхонаи мазкур имконият дорад, ки дар як шабонарӯз то 15 – тонна матоъро ба таври бурида омода созад.Корхонаи нассоҷии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Арвис” дорои сехи алоҳидаи дӯзандаги буда, дӯхтани маҳсулоти ниҳои мувофиқи тарҳи пешбинигардида дар ҳамин ҷо анҷом дода мешавад. Ин коргоҳ 88 – дастгоҳи замонавии дузандаги, таҷҳизоти дарзмолкуниву нармкунӣ буда маҳсулот мувофиқи фармоиши мизоҷон ва талаботи бозорҳои истеъмолӣ омода карда мешаванд.[56]

31 – октябр дар пойтахти мамлакат корхонаи нави истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Фабрикаи қаннодии Амирӣ” – ро ифтитоҳ карданд. Иншоот дар маҳаллаи “Деҳқонобод – 2” – и ноҳияи Фирдавсӣ шаҳри Душанбе дар масоҳати 5 – гектар бунёд шуда, аз калонтарин корхонаҳои истеҳсолии маҳсулоти қаннодӣ дар Ҷумҳури маҳсуб меёбад. Иқтидори истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Фабрикаи қаннодии Амирӣ” дар як сол 27 – ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Бо чунин иқтидор корхона метавонад 36 фоизи талаботи бозори дохилиро ба маҳсулоти қаннодӣ таъмин намояд. Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар корхона барои 1000 – нафар ҷойи кори ташкил ёфтааст. Ҳоло 700 – нафар сокини маҳаллӣ ба таври доими кор мекунанд ва бо маоши хуб таъмин мебошанд. Таҷҳизоти васлу насбшуда навтарин буда аз кишварҳои Дания, Австрия, Ҳолланд, Олмон ва Италия ворид гардидааст. Маврид ба таъкид аст, ки чунин технология ба Осиёи Марказӣ бори аввал оварда шудааст. Худи иншоот аз ҷумла равандӣ истеҳсолот таввасути камераҳои мушоҳидавӣ пурра назорат карда мешавад. Корхона тибқи ҳадафи чоруми стратегӣ саноатикунонии босуръати кишвар аз тарафи соҳибкори маҳалли  Акмал Ҳамидов бунёд карда шудааст. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори маҳаллӣ барои бунёди чунин корхонаи калони истеҳсолӣ ва саҳм гузоштан дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар изҳори сипос намуданд. Сипас, сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи маҳсулоти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Фабрикаи қаннодии Амирӣ” дидан намуданд. Маврид ба таъкид аст, ки “Фабрикаи қаннодии Амирӣ” аз соли 2010 фаъолият мекунад ва маҳсулоти корхона дар бозор рақобатпазир буда, талабгори зиёд дорад. Иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар корхонаи мазкур 135 номгӯи маҳсулот дар бастаҳои гуногун истеҳсол карда мешавад. Айни замон дар шаҳри Душанбе 45 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодии фаъолият мекунад, ки 68,6% маҳсулоти қаннодии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.[57]

31 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт корхонаи равғанбарории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Файзи Баракат” –ро ифтитоҳ кардаанд. Корхонаи равғанбарории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Файзи Баракат” аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Файзали Ҳоҷиев бо мақсади дастгирии сиёсати

[55]Рӯзномаи “Мароми пойтахт” 25.12.2023, с.1; маҷалаи “Бонувони Тоҷ.” моҳи майи соли 2023, с. 19–20.
[56] “Минбари Халқ” 28.12.2023. №51, с. 5.

[57] Рӯзномаи “Маърифати сайёҳӣ ва соҳибкорӣ” 2023.02.25.

созандаи Пешвои миллат ва дар доираи амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар дар масоҳати 1 гектар бунёд шудааст. Корхонаи мазкур аз ҳисоби даромади софи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Файзи Сомон" бунёд гардида, иқтидори солонаи он истеҳсоли 25 – ҳазор тонна равғанро ташкил медиҳад. Дар корхона дар як шабонарӯз 70 – тонна ва дар як моҳ 2100 тонна навъҳои гуногуни равғани босифат истеҳсол мегардад. Дар ин ҷо 50 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, оянда бо афзун намудани ҳаҷми иқтидори истеҳсолӣ шумораи коргарон ба 100 – нафар расонида мешавад. Самти фаъолияти корхонаи "Файзи Баракат" ба истеҳсоли равғани растанӣ ва зарфҳои пластикӣ нигаронида шудааст. Маҳсулоти корхона ивазкунандаи воридоти буда, оянда ба содирот равона карда мешавад. Барои истеҳсоли равғани растанӣ аз Чин, Ҷопон, Лаҳистон ва дигар давлатҳо технологияи муосир оварда насб карда шудааст. Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Файзи Баракат" равғани истеҳсолот асосан аз чанд марҳила ба монанди ҷабиши сард, софкунӣ, безараргардонӣ, ширинкунӣ ва банду басти зарфҳои гуногунҳаҷми аз 1 то – 20 литраро дар бар мегирад. Маҳсулоти истеҳсолшуда аз лиҳози сифат ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад.[58]

31– октябр дар ноҳияи Синои пойтахт корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқии "Имод" – и Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷикгидроэлектромонтаж" – ро ифтитоҳ карданд. Корхона дар масоҳати 7 гектар замин бо тарҳи замонавӣ ва мутобиқ ба меъёру стандартҳои байналмилалӣ бунёд гардида, биноҳои зери сохтмон 40– ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Баъди бунёди корхона дар ин ҷо имкон фароҳам омад, ки то 850 – нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шавад. 30 фоизи коргаронро занону бонувони хонанишини маҳаллӣ гирду атрофи корхона аз ноҳияи Сино ташкил медиҳанд. Аксари занон дар инҷо ба кори техникӣ – бандубасти таҷҳизоти барқӣ машғуланд. Дар рафти сохтмони корхонаи мазкур бошад, зиёда аз 300 – нафар сохтмончӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шудаанд. Дар корхонаи навтаъсис дар 16 хати истеҳсолӣ 36 намуд маҳсулот аз ҷумла истеҳсоли ҳисобкунакҳои барқии интелектуалӣ, лавҳаҳои мукамалӣ 0,4 , 6 ва 10 кв, истгоҳҳои мукаммали трансформаторӣ 6/10 ва 20 кв шифтҳои дари оҳанини даромадгоҳҳо, обгармкунаки барқӣ ва офтобӣ, поякашҳои ҳавосии баландшидат монеадевори роҳҳои автомобилгард , холирукунакҳои худкор, полҳои оҳанин мухталиф барои равшаннамоии гулгашту хиёбонҳо,болорҳои оҳанини дутарафа ва коркарди конструксияҳои оҳанини мухталиф ба роҳ монда шудааст.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол истеҳсоли 300 ҳазор ҳисобкунаки барқии интелектуалӣ, 10,000 лавҳаҳои мукаммали пасткунандаи 0,4 , 6, ва 10 кв 600 истгоҳи мукамали трансформаторӣ 6 ва 20 кв, 24 000 дари оҳанӣ, 40 000 обгармкунаки барқӣ ва офтобӣ, 50 000 тонна пояи оҳани хатҳои баландшиддат, 130 000 метр монеадевори роҳҳои автомобилгард, 500 000 хомушкунаки худкор, 10 000 пояи оҳани барои равшанинамоӣ, 12 000 тонна болори дутаросу ва 20 000 тонна конструксияи оҳани мухталиф мебошад. Дар корхона дар як сол 500 метр истеҳсол мешавад, ки дар бастубанди он 40 фоизи қисмҳои эҳтиёти аз корхонаҳои ватанӣ истеҳсол мешавад. Маҳсулоти истеҳсол намудаи корхонаи муосир дорои сифати баланд ва рақобатпазир буда дар бозори дохилӣ талабот ба он зиёд аст. Дар корхона хатҳои технологияи муосир бо идораи барномаҳои рақамӣ аз пешрафтатарин истеҳсол кунандагони Италия, Финландия, Олмон, Туркия ва Чин ворид гардидааст. Иншооти нав дорои 4 коргоҳ, аз ҷумла коргоҳи мукаммали тоҷики таҷҳизоти барқии, коркарди варақаҳои пӯлоди, коркарди конструксияҳои оҳанӣ ва руҳон дурнамост мебошад.[59] 31 октябр дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе корхонаи истеҳсоли макарони ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди шаҳри зебои моро ифтитоҳ намуданд. Дар корхонаи истещсоли макарони ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Шаҳри зебои мо" дар як баст 14 намуд маҳсулоти макарони бо номи "Лазолӣ" истеҳсол шуда дар он 35 нафар сокинони маҳаллӣ соҳиби ҷойи кори доими гардидаанд. Иқтидори истеҳсолии корхона даряк сол 3

[58] Рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" 02.11.2023. № 44 с.2

[59] Ҳамонҷо.

ҳазор тонна мебошад. Ин навъи маҳсулоти ғизои ивазкунандаи воридот буда талаботи аҳоли ба он зиёд аст. Фармоишгари асосии бисёр корхонаи истеҳсоли макарони ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Шаҳри зебои мо" буда корҳои сохтмонӣ дар соли 2021 оғоз гардид. Масоҳати бинои истеҳсолӣ 0,5 гектарро дар бар гирифта, дастгоҳу таҷҳизоти корхонаи навбунёд аз Италия харидорӣ ва насб гардидааст. Роҳбарияти ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Шаҳри Зебои мо" тасмим гирифтаанд, ки бо истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, бахусус навъҳои гуногуни макарон аҳолиро бо маҳсулоти хусусияти ордӣ таъмин намуда барои ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – таъмини амнияти озуқавори ҳиссаи арзандаи худро гузорад. Раванди истеҳсоли макарон тавсифёфтаи хати муосири технологӣ аз тайёр кардани хамир, башаклдарорӣ, буридани маҳсулоти хом, тунук сохтан, ҷудо намудан ва бастабанди кардан иборат мебошад. Айни ҳол дар ҷумҳури 31 корхона ба истеҳсоли макарон машғул буда, дар 9 моҳи соли 2023 6,3 ҳазор тонна ин навъи маҳсулот истеҳсол гардидааст. Талаботи аҳолии кишвар ба макарон дар як сол 13,9 ҳазор тонна макаронро ташкил медиҳад. Дар шаҳри Душанбе 9 корхонаи маҳсулоти макаронӣ фаъолият дорад.[60]

Ҳамин тавр танҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе ба хотири истиқболи сазовори ҷашни умумӣ миллии 35 – солагии Истиқлолияти давлатии дар доираи солҳои рушди саноат ва ҷиҳати амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар 7 корхонаи калони саноати ва беш аз 4 000 ҷойи кори мавриди истифода қарор дода шуд.[61]

Дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ корхонаи дузандагии ҶДММ "Гулистони Душанбе" дар ноҳияи Шоҳмансур марҳилаи дуюми корхонаи истеҳсоли қолинҳои ҶДММ "Қолинҳои Душанбе" дар ноҳияи Фирдавсӣ корхонаи нассоҷии ҶДММ "Аранс" , дар ноҳияи Сино корхонаи истеҳсолии равғани ҶДММ "Файзи Баракат" коргоҳи истеҳсолӣ таҷҳизоти барқии "Умед" ва корхонаи истеҳсоли макарон ҶДММ "Шаҳри зебои мо" – ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бунёду ба истифода додани корхонаҳои нави саноати барои таъсиси ҷойҳои нави кори, таъмини аҳолӣ бо шуғли доимӣ, беҳдошти сатҳи зиндагии мардум, тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ва рушди соҳаи саноат заминаи мусоид фароҳам меорад.

Адабиёт


1. Рӯзномаи "Мароми пойтахт" 25.12.2023, с.1; маҷалаи "Бонувони Тоҷикистон" моҳи майи соли 2023, с. 19–20.

2. "Минбари Халқ" 28.12.2023. №51, с. 5.

3. Рӯзномаи "Маърифати сайёҳӣ ва соҳибкорӣ" 2023.02.25.

4. Рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" 02.11.2023. № 44 с.2


## ҶАНБАҲОИ ОМОРИИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛИИ ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Исмоилзода Ф.М.-дотсент, ҳамкори ДБССТ**


Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардида буд. Зеро, ки Пешвои муаззами миллати мо хуб дарк мекунанд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зиёда аз 73%-и аҳолӣ дар деҳотҳо истиқомат мекунанд. Дар ин раванд муоммоҳои баланд бардоштани некуавҳолии мардуми кишвар бевосита ба аҳолии деҳотнишин таълуқ дорад. Муссалам аст, ки ин масъала танҳо ва танҳо бо рушди устувори иқтисодиёти деҳот ҳалли худро меёбад.

Сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз категорияи муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ ба шумор меравад. Намояндагони соҳаҳои гуногуни илмӣ амсоли иқтисодчиён, философҳо, ҷомеашиносон,

[60] Рӯзномаи "Минбари Халқ", 28.02.2023. №51, с.5

[61] Рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" 02.12.2023, №44 (9837), с.2.

табибон мекӯшиданд, ки ҷабҳаҳои гуногуни онро шарҳ диҳанд. Дар осори иқтисодӣ якчанд услубҳоро барои баррасии сатҳи зиндагии аҳолӣ аз нуқтаи назари истеҳсолот, истеъмолот ва арзиши зиндагӣ фарқ мекунанд, лекин таҳқиқи омории ин масъала дар сатҳи зарурӣ амалӣ нашудааст.

Сатҳи зиндагӣ дар маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида мешавад – мутаносибан дар маънои маҳдуд ҳамчун «арзёбии арзиши даромад, хароҷот, истеъмол, пасандозҳо, амонатҳо» ва дар маънои васеъ ҳамчун «дараҷаи қонеъ намудани талаботи моддӣ ва маънавӣ» [2, с.20]. Муҳаққиқон сатҳи зиндагиро дар маънои маҳдуд бо соҳаҳои истеъмолӣ алоқаманд намуда, онро ба воситаи нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодии некӯаҳволии умумӣ, ки ба он даромад, истеъмол, шароити манзил, хизматрасониҳои маориф, ҳифзи саломатӣ ва ғайра дохил мешаванд, муайян мекунанд. Дар маънои васеъ, сатҳи зиндагӣ ҳамчунин бо шароити зиндагии аҳолӣ, аз он ҷумла муҳити экологии манзил, таъминоти иҷтимоӣ, фароғати рӯҳӣ, фазои сиёсӣ ва ғайра алоқаманд аст.

Фаҳмиши васеъ ва маҳдуди сатҳи зиндагиро метавон бо услубҳои методологии объективӣ ва субъективӣ алоқаманд намуд. Методологияи объективӣ (идеалӣ) аз он бармеояд, ки андозагирии сатҳи зиндагӣ бояд тавсифи объективиро дошта бошад ва аз андешаи субъективии шахсии мусоҳибашуда, ки сатҳи зиндагиро арзёбӣ мекунад, вобаста набошад. Ҳангоми арзёбии сатҳи зиндагӣ бояд мустақилияти баҳодиҳиро дар бораи он ки кадоме аз маҳсулот, шароит ва имкониятҳо зиндагиро беҳтар месозанд, дар бар гирад. Чунин мустақилиятро ба даст овардан мумкин аст, масалан, дар рафти бақайдгирии оморӣ танҳо сабт намудани нишондиҳандаҳои оморӣ дар асоси ҷанбаҳои сатҳи зиндагӣ. [16, с.19]

Усули объективии оморӣ дар арзёбии сатҳи зиндагӣ аксар вақт аз ҷониби ҷомеашиносон танқид мегардад, зеро нишондиҳандаҳои омории таҳлилшуда барои минтақа ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба ҳисоби миёна пешниҳод мегарданд ва хусусиятҳои хосси масъаларо фарогир намебошанд. Бештар тавсия дода мешавад, ки арзёбии сатҳи зиндагӣ дар асоси усули субъективӣ сурат гирад, зеро он фикру ақидаҳои шахсӣ ба мо имкон медиҳанд дар бораи қаноатмандии ҷанбаҳои гуногуни зиндагӣ ва дар маҷмӯъ ҳаёт, сатҳи суботи иҷтимоӣ сухан ронем. [6, с.33-42].

Усули субъективӣ дар арзёбии сатҳи зиндагӣ барои муайян кардани дараҷаи қаноатмандии инсон бо ҳаёти шахсӣ ё ҷанбаҳои гуногуни он самтнок гардидааст. Ин қаноатмандӣ мантиқан бо он ки чӣ гуна одамон ба шароитҳои муайяни зиндагӣ мутобиқ карда шудаанд: аз рӯйи эҳсосоти онҳо, бо дараҷаи талабот (норозигӣ) ва сатҳи қаноатмандии ин талабҳо (норозигиҳо).

Дар мавриди истифодаи усули субъективӣ суханро дар бораи андозагирии бевоситаи сатҳи зиндагӣ меронем ва ҳангоми усули объективӣ чунин имконият аксар вақт рад карда мешавад, зеро алоқамандии нишондиҳандаҳои оморӣ (даромад, истеъмолот, пасандозҳо ва ғайра) бо сатҳи зиндагӣ хусусияти миёнаравиро мегиранд ва далелҳои расмӣ барои муайян намудани аломатҳои сатҳи зиндагӣ бо нишондиҳандаҳои омории додашуда пайдо мегардад.

Барои шарҳ додани сатҳи зиндагӣ дар маънои васеъ нишондиҳандаҳои объективии оморӣ кофӣ нестанд: баҳисобгирии чунин тавсифот ба монанди манзили зист, зиндагии бароҳат, ки ба шароитҳои зиндагӣ вобаста аст, арзёбии субъективии эҳтиёҷоти одамонро талаб мекунад. Бинобар ин, воситаи асосии арзёбии сатҳи зиндагӣ, ки дар асоси усули субъективии таҳқиқот муайян карда мешавад, таҳқиқотҳои ҷомеашиносӣ мебошанд, ки дар худ қарорҳои баҳодиҳиро барои муайян кардани муносибати мусоҳибон ба ҳаёт дар маҷмӯъ ё самтҳои алоҳидаи он аз рӯйи ҷадвалҳои баҳодиҳӣ (ранговым шкалам) («ғам» – «хушбахтӣ», «бад» – «хуб» ва дигарҳо) сурат мегирад, дониста мешаванд. Дар ин замина муаллиф бо мақсади омӯзиши нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии хоҷагиҳои хонавода аз усули субъективии интихоб истифода намуд ва самараи хуберо ба бор овард.

Истифодаи ҳама гуна нишондиҳандаҳои ҷамъбастии синтезшуда, ҳамеша иштибоҳҳоро дар муайянсозии ҳақиқии сатҳи зиндагии воқеӣ ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, баҳодиҳии дараҷаи қонеъгардонии талаботи одамон бо неъматҳои моддӣ ва хизматҳои

гуногун дар муқоиса бо меъёри оқилонаи истеъмоли онҳо ва дар ин асос коркарди нишондиҳандаҳои ҷамбастии сатҳи зиндагӣ аҳамияти калон дорад.

Сарчашмаи маълумотҳо барои ҳалли масъаллаи мазкур, инҳо баромад мекунанд:

- баҳисобгирии ҷорӣ, ҳисоботҳои корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, ки ба аҳолӣ хизмат мекунанд;
- маълумоти оморӣ оид ба меҳнат, шуғли аҳолӣ, бо кортаъминкунӣ ва пардохти музди меҳнат, буҷаи хоҷагии хонаводаҳо, барӯйхатгирии аҳолӣ, навъҳои гуногуни таҳқиқотҳои иҷтимоӣ ва дигар таҳқиқотҳои иҷтимоии шароити зиндагонӣ ва фаъолияти одамон.

Мавқеи махсусро дар таҳлили сатҳи зиндагии аҳолӣ омори буҷаи хоҷагиҳои хонагӣ ташкил мекунад, ки ҳамарӯза ба қайд гирифта мешавад. Таҳқиқоти мазкурро Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баҳодиҳии сатҳ ва динамикаи таъминоти моддии хоҷагиҳо бо даромадҳои мухталиф мегузаронад.

Ин барнома қариб 3 ҳазор нишондиҳандаро фаро мегирад, ки тавсифкунандаи нишондиҳандаҳои зерин мебошанд:

- таркиби хоҷагиҳои хонагӣ аз рӯйи ҷинс, синну сол, намуди машғулият;
- сарчашмаҳои даромади аҳолӣ;
- хароҷотҳо аз рӯйи намуди харҷ;
- харид ва истеъмоли маҳсулоти озуқа (ғизоӣ);
- хароҷотҳо ба намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ;
- нишондиҳандаи шароити зист, хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва ғайраҳо.

Маълумотҳо дар минтақаҳои ҷудошуда аз рӯйи гурӯҳҳои алоҳидаи хоҷагиҳои таҳқиқшуда, аз рӯйи маҷмӯи даромади миёнаи сарикасӣ, аз рӯйи андозаи хоҷагӣ, мавҷудияти фарзандон ва ғайраҳо коркард мегардад. Ин маълумотҳо имконият медиҳанд, ки даромади аҳолӣ, таркиби даромади пулӣ ва хароҷоти онҳо, истеъмоли маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматҳо, нишондиҳандаи тафовутии даромад ва хароҷот, чандирии истеъмол ва ғайраро муайян созем.

Дар баробари ин як қатор мушкилиҳо дар алоқамандӣ ба мукаммалгардонии буҷавии таҳқиқот мавҷуд аст. Пеш аз ҳама сухан дар бораи беҳтаргардии интихоби хоҷагиҳо меравад, ки аз онҳо ваколати мушаххасии маълумотҳо, вобастагӣ дорад. Интихоб бояд даромади хоҷагиҳоро, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам даромадҳо, ки хоҷагии донишҷӯён, маъюбон, хоҷагии хонагӣ бо сардори оилаи бекор гирифтаанд, муаррифӣ намояд.

Ҳамчунин зарур аст, ки дар ин гуна хоҷагиҳо аз ҳамаи соҳаҳои фаъолият, аз он ҷумла савдо, фарҳанг, санъат, илм, сатҳҳои гуногуни идоракунии давлатӣ, мудофиа ва ғайра намояндагон мавҷуд бошанд.

Омӯзиши сатҳи зиндагӣ бо се роҳ сурат мегирад:

- мутобиқ ба шумораи умумии аҳолӣ;
- нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ – гурӯҳҳои демографии аҳолӣ;
- нисбати хоҷагиҳои хонагӣ аз рӯйи фарқияти дараҷаи даромаднокӣ. [17, с.346].

Ҳангоми омӯзиши сатҳи зиндагии аҳолӣ ба сифати объекти таҳқиқот хоҷагии хонагӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ – демографӣ ва тамоми аҳолӣ баромад мекунад, ки интихоби ин гурӯҳҳо аз мақсади таҳқиқот вобаста аст.

Омӯзиши сатҳи зиндагии аҳолӣ аз се унсур иборат аст, ки он сифати аҳолиро низ муайян мекунад: саломатӣ, маълумотнокӣ ва касбият.

Нишондиҳандаҳое, ки барои тавсифи сатҳи зиндагӣ истифода мешаванд, метавон ба се гурӯҳ тақсим намуд: [18, с.130].

Якум – нишондиҳандаҳои арзишии синтетикӣ (ММД, фонди истеъмол, ҷамъи даромадҳои аҳолӣ ва ғайраҳо);

Дуюм – нишондиҳандаҳои молӣ (воқеӣ), ки дараҷаи муайяни истеъмоли неъматҳои моддиро (истеъмоли маҳсулоти озуқа, шумораи мусофирони кашонидашуда ва ғайраҳо) чен мекунад.

Сеюм – нишондиҳандаҳое, ки таносуб ва сохтори тақсимоти некӯаҳволӣ (тақсимоти аҳолӣ аз рӯйи гурӯҳи даромаднокӣ, нишондиҳандаи ҷамъкардашудаи тафовути даромад, тафовути истеъмол ва ғайраҳо) –ро нишон медиҳанд.

То солҳои 1980-ум дар бештари давлатҳо, аз он ҷумла дар ИҶШС, ки Тоҷикистон узви таркибии он буд, ба сифати нишондиҳандаи арзёбикунандаи сатҳи зиндагӣ тақсимоти сарикасии даромади миллӣ, ки хусусияти миқдорӣ дорад, баромад мекард. Аммо ба ақидаи мо арзёбии сатҳи зиндагӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар заминаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ тавсифи пурраи ҳолати зисти аҳолиро таҷассум намекунад. Сатҳи зиндагӣ дар худ дараҷаи рушд ва қонеъгардонии талаботҳои зисти аҳолиро дар ҷамъият нишон медиҳад.

Дар асоси муқаррароти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки Асамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 (модаи 25) қабул кардааст, «Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад дорои чунин сатҳи зиндагие бошад, ки дар он дастрасӣ ба хӯрок, либос, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва хизматрасониҳои зарурии иҷтимоӣ, ки барои ҳифзи саломатӣ ва некӯаҳволии худ ва оилаи ӯ зарур аст, таъмин бошад. Ҳамчунин ҳуқуқ ба амният, дар сурати бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бесарубон ва дигар талафоти зиндагӣ, ки бо сабаби ҳолатҳои берунӣ ба вуқӯъ меоянд, барои инсонҳо таъмин карда шавад». [8].

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи сатҳи зиндагӣ танҳо бо ёрии низоми нишондиҳандаҳои оморӣ имконпазир мегардад.

Дар солҳои охир аз ҷониби иқтисодчиён якчанд низоми нишондиҳандаҳои оморӣ пешниҳод шудааст, ки аз ҷиҳати сохтор ва қабули нишондиҳандаҳо фарқ мекунанд.

Рӯйхати нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ ва таснифоти онҳо дар кори олимони рус хуб таҷассум ёфтааст. Пешниҳоди олими рус В. Криченко дар кори худ «Социальные проблемы в перспективном планировании» соли 1982, ки дар замони худ муваффақ гаштааст, мисол шуда метавонад. В. Криченко нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ ва таснифоти онҳоро чунин баррасӣ намудааст:

1. тавсифи иҷтимоӣ–демографӣ, синфӣ ва иҷтимоию–иқтисодии таркиби аҳолӣ;
2. рушди муносибатҳои моликиятдорӣ;
3. хусусият, ҳолат ва шароити меҳнат дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ;
4. таъмини захиравии барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум;
5. даромади аҳолӣ;
6. истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хизматҳо;
7. инфрасохтори иҷтимоӣ–маишӣ;
7.1. таҳсилот;
7.2. маданият ва санъат;
7.3. хизматрасонии тиббӣ;
7.4. фароғат;
7.5. тарбияи бадан ва варзиш;
7.6. манзил;
7.7. хизматрасонии коммуналӣ;
7.8. хизматрасонии маишӣ;
7.9. хизматрасонии нақлиёт ва алоқа;
7.10. савдо ва хӯроки умумӣ.
8. буҷаи вақт;
9. ҳифзи муҳити атроф.

Тавре мушоҳида мегардад, дар сарлавҳаҳои аввали рӯйхати номбаршуда, бештарашон хусусияти иҷтимоӣ доранд ва дар сатрҳои поёнӣ унсурҳое пешниҳод гаштаанд, ки фаҳмиши сатҳи зиндагиро васеъ намуда, ба тасвири сифати зиндагӣ (сатрҳои 8 ва 9) такя мекунанд.

Дар ин радиф дар асари Н.И. Бузляков «Методы планирования повышения уровня жизни» се гурӯҳи нишондиҳандаҳо тақсим шудаанд: [7, с.13-22].

1) нишондиҳандаҳое, ки ба даромади миллӣ, фонди истеъмолии даромади миллӣ, фонди умумии истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хизматҳо, даромади ҳақиқии аҳолӣ ва як қатор нишондиҳандаҳои дигар тааллуқ дорад;

2) нишондиҳандаи истеъмоли намуди муайяни неъматҳои моддӣ ва хизматҳои аҳолӣ, ки унсурҳои асосии даромадҳои воқеии аҳолӣ мебошанд;

3) нишондиҳандаи таъминоти аҳолӣ бо муассисаҳои кӯдакона, телевизионшунавоӣ, хизматрасонии тиббӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигарҳо.

Бо сабаби мавҷуд набудани нишондиҳандаҳои ҷамъбастии тавсифкунандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ, барои таҳлили он як қатор нишондиҳандаҳои оморӣ ҳисоб карда мешавад, ки тарафҳои гуногуни ин мафҳумро инъикос кунад ва аз қисмати асосии гурӯҳбандикардашудаи навбатӣ истифода бояд кард: [11, с.393].

- нишондиҳандаи даромадҳои аҳолӣ;
- нишондиҳандаи хароҷоти аҳолӣ, истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасониҳо;
- пасандоз;
- нишондиҳандаи ғункунии амвол ва таъминоти аҳолӣ бо манзил;
- нишондиҳандаи тафовути даромади аҳолӣ, дараҷа ва меъёри қашоқӣ;
- тавсифи иҷтимоӣ–демографӣ;
- баҳои ҷамъбастии сатҳи зиндагии аҳолӣ.

Н.Н. Абакумова ва Р.Я. Подовалова барои омӯзиши сатҳи зиндагии аҳолӣ, низоми нишондиҳандаҳои зеринро пешниҳод мекунанд, ки дар ҷадвали 1.1 оварда шудааст. [1, с.19].

**Ҷадвали 1.1**

**Низоми нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ, ки аз ҷониби Н.Н. Абакумова ва Р.Я. Подовалова пешниҳод гаштааст**

| № | Ҳаҷми (мутлақ) | Қиёсӣ (миёна) |
|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми даромади миллӣ | Вазни қиёсии фонди истеъмол ба даромади миллӣ |
| 2 | Даромади номиналии аҳолӣ | Даромади ҳақиқӣ ба ҳар нафар аҳолӣ |
| 3 | Фонди музди меҳнат | Ҳадди ақал ва музди миёнаи меҳнат |
| 4 | Даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ | Даромади миёна аз фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳар нафар аҳолӣ |
| 5 | Ҳаҷми фонди нафақа | Андозаи миёна ва ҳадди ақали нафақа |
| 6 | Ҳаҷми гардиши маҳсулот | Гардиши маҳсулот ба ҳар нафар аҳолӣ |
| 7 | Ҳаҷми хизматҳои иҷрошуда | Ҳаҷми хизматҳо ба ҳар нафар аҳолӣ |
| 8 | Ҳаҷми фонди манзил | Таъминоти манзил ба як шахс (ҳуҷра, хона) |
| 9 | Шумораи аҳолии шуғлварзанда дар соҳаҳои иқтисодиёт | Ҳиссаи бекорон дар шумораи аҳолии фаъоли иқтисодӣ |
| 10 | Маблағи амонатҳои аҳолӣ дар бонки амонатгузорӣ | Андозаи миёнаи амонатҳо |
| 11 | Афзоиши табиии аҳолӣ | Давомнокии умр |

**Адабиёт**


1. Абакумова Н.Н., Подовалов Р.Я. Политика доходов и заработной платы. Учебное пособие. М:. Инфра – М, 1999. – Стр. 19.

2. Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. - Душанбе: «Нашриёти ДМТ», 2021.С-20. ISBN 978-99975-13-87-8 БИ №8173

3. Аҳмадов Ф.М. Ашуров Ф.М. Исозода А.З Омӯзиши омории омилҳои ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсиррасонанда / Ф.М. Аҳмадов, Ф.М Ашуров, А.З Исозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.– №3 (42). – 2022. С-90. УДК 338.2(575.3) ISSN 2308-054X

4. Аҳмадов Ф.М. Таҳлили омории нишондиҳандаҳои асосии сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Ф.М. Аҳмадов, Н.Шоасалов // Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ).– №3 (32). – 2022. С-163. УДК: 311.332.1

5. Аҳмадов Ф.М., Одинаев М.А. Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи омории сатҳи зиндагии аҳолӣ / Ф.М. Аҳмадов, М.А Одинаев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. №10-1.С-23.

6. Беляева Л.А. Уровень и качество жизни. Проблемы измерения и интерпретации // Социологические исследования. – 2009. – №1. – С. 33 – 42.

7. Бузляков Н.И. Методы планирования повышения уровня жизни. М: Экономика, 1969. - 208с.– Стр. 13 –

## ТАКМИЛИ АРЗЁБӢ ВА ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ ИНДЕКСИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИ "САБЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Солиев Н.Н., Солиев Б.Н.**

Дар илми муосири иқтисодӣ самти нав бо номи иқтисоди сабз ташаккул ёфта, босуботона рушд меёбад. Ҳамзамон низоми иқтисодии кишвар баҳри амалӣ намудани иқтисоди сабз нигаронида шудааст.

Аз нигоҳи илмӣ, иқтисоди сабз мафҳумест, ки дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ бо маъноҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Аз ҷумла М. С. Егорова мафҳуми иқтисоди сабзро ба таври зерин баррасӣ кардааст: "Иқтисоди сабз – самтест дар илми иқтисодӣ, дар чаҳорчубаи он ҳисобида мешавад, ки иқтисодиёт қисмати вобастаи муҳити табиат буда, дар ҳудуди он ӯ вуҷуд дорад ва қисми он мебошад; барои нигоҳ доштани беҳбудии ҷомеа аз ҳисоби босамар истифода намудани захираҳои табиӣ, инчунин бозгашти истифодаи маҳсулоти хотимавӣ ба сикли истеҳсолӣ нигаронида шудааст." [1] Коршиносони Созмони Милали Мутаҳид оид ба ҳифзи муҳити зист (ЮНЕП) иқтисоди "сабз" – ро ҳамчун фаъолияти хоҷагӣ, ки "некӯаҳволии одамонро баланд мебардорад ва адолати иҷтимоиро таъмин менамояд ва аз ҳама муҳим хавфҳоро барои муҳити атроф ва харобшавии он паст менамояд" [2] . Иқтисоди сабз диққати асосиро барои қонеъкунонии талаботи инсон бо назардошти ҳамҷояамалнамоӣ бо муҳити зист ва дар афзалият бошад баланд бардоштани некӯаҳволии наслҳои оянда равона менамояд. Бо ибораи дигар, иқтисоди сабз – низоми намудҳои фаъолияти иқтисодиест, ки бо истеҳсолот, тақсимот, мубодилот ва истеъмолоти молҳо ва хизматҳо алоқаманд буда, ба баландбардории некӯаҳволии одамон дар муҳлатҳои дурудароз мебошад. Насли оянда дар ин маврид ба таъсири хавфҳои экологӣ ё норасоии экологӣ гирифтор намегардад.

Ҳамин тавр, иқтисоди сабз зарурияти камкунии таъсири манфии фаъолияти иқтисодии инсонро ба муҳити зисти он талаб намуда, таъмини рушди устуворро бо хавфҳои ҳади ақал барои муҳити атроф тақозо менамояд.

Айни замон дар ҷаҳон раванди иқтисоди "сабз" – ро ҳамчун низоми томи муносибатҳо тавсиф намуда, ба принсипҳои зерин тақсим менамоянд:

- адолат (баробарӣ дар дастрасӣ ба табиат);
- эҳтиром (ба шукуфоӣ ва некӯаҳволӣ);
- принсипи эҳтиёткорӣ (баҳисобгирии сарбориҳои ҳудудӣ ба саёра);
- иштирок (иштироки васеъ ҳангоми қабул кардани қарорҳо);
- идоракунӣ (ҳисоботдиҳӣ);
- устуворӣ (ноил гардидан ба устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ);
- самаранокӣ (истеҳсоли устувор ва истеъмоли босубот);
- робитаи байни наслҳо (сармоягузорӣ барои оянда) [4].

Бояд таъкид намуд, илми омор системаи тарз ва усулҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти рақамиро оид ба нишондиҳандаҳои индекси инкишофи иқтисоди сабз таҳия менамояд, ки тавассути онҳо ҳолат ва рушди устувори иқтисоди сабз арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамзамон соҳаи фаъолияти амалии мақомоти омори давлатӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба ҷамъоварӣ ва ҷамъбасти маълумотҳои рақамӣ оид ба нишондиҳандаҳои индекси инкишофи иқтисоди сабз нигаронида шудааст. Маълумотҳои оморӣ арзёбии миқдории мураттаби ҳамаи ҷанбаҳои асосии фаъолияти рушди устувори иқтисодиёти сабзро дар маҷмӯъ таъмин менамояд.

Омор ҳамчун соҳаи фаъолияти илмӣ роҳандозӣ намуда, бояд қайд кард, ки вай тарафҳои миқдори маҷмӯи зуҳурот ва равандҳое, ки дар соҳаи иқтисоди сабз ба вуқӯъ

меоянд, мавриди омӯзиш қарор медиҳад.Тибқи Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2037 зуҳурот ва равандҳои иқтисоди сабз ба се самти имконияти ташаккул [4] ҷудо карда мешавад, ки инҳоянд:

- самти иқтисодӣ, ки дар он бо мақсади пешбурди иқтисодиёти босамар ва камкарбон, аввалан истифодабарӣ аз чораҳои маъмурии маҳдудкунии ҳаҷми ихроҷҳо ба амосфера ва дуюм аз воситаҳои иқтисодӣ, ки асоси онҳоро андозбандии “сабз”, пардохтҳои экологӣ ва субсидияҳои “сабз” ташкил медиҳанд; сеюм чораҳои ихтиёриро дар бар мегирад, ки ташкли махзани маълумоти дахлдор ва низоми идоракунии ба шарикии давлату бахши хусусӣ тақозо мекунадю. Мақсади асосии самти иқтисодӣ баланд бардоштани сифати рушди иқтисодӣ (на нишондиҳандаҳои миқдории ММД), рушди технологияҳо (аз ҷумла “сабз”) ва навовариҳо, рушди иқтисодии аз ҷиҳати экологӣ устувор, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши сармоягузории “сабз” мебошад;
- самти иҷтимоии иқтисоди “сабз” аз ҳисоби мусоидат ба сармоягузории “сабз” ба технологияҳо,сайёҳии экологӣ, маориф ва илм, афзоиши даромад ва шуғли аҳолӣ, кам кардани ихроҷи гази карбон ва ифлосшавии муҳити зистро таъмин менамояд ва ба баланд бардоштани самарабахшии энергия ва захираҳо ташаккул хоҳад ёфт. Сати иҷтимоӣ ба баланд бардоштани некуаҳволӣ, таъмини дастрасии тамоми қишри ҷомеа ба маҳсулоти асосӣ ва неъматҳо (молҳои ғизоӣ ва ғайриозуқа) ва хизматрасониҳо (нақлиётӣ, сохтмонӣ, хоҷагию манзилӣ), ки ба дарозумрӣ таъсир мерасонад, равона шудааст;
- самти экологии иқтисоди “сабз” тақозо менамояд, ки манбаъҳои маъданӣ (зеризаминӣ) – и энергияи тамомшаванда самаранок истифода шавад, чунончӣ истифодабарии бошиддати онҳо аз як тараф ба иқлим таъсири манфӣ расонад, аз тарафи дигар боиси маҳдудияти захираҳои табиӣ барои наслҳои оянда мегардад. Аз ин рӯ, асоси ин самти иқтисоди “сабз” ё ба таври дигар иқтисоди пасткарбониро он принсипҳои таъмини боэътимоди энергия ташкил медиҳанд, ки ба сарфаи энергия, самаранокии он ва гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия такя мекунанд. Самти экологӣ дорои хусусиятҳои нигоҳ доштани сармояи табиӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои эологӣ, кам кардани ихроҷи гази карбон (СО2), таъмини самаранокии истифодаи нерӯи барқ ва баланд бардоштани маърифати экологӣ мебошад.

Дар Стратегияи рушди иқтсоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои2023 – 2037 қайд гардидааст, ки “Амалӣ намудани Стратегия ба таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва расидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ мусоидат менамояд” [4]. Маҳз раванди татбиқшавии иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии мутаносиби се ҷанбаҳои рушд – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро бояд таъмин намояд.

Бояд таъкид кард, ки ин се ҷанбаи мазкури иқтисоди “сабз” метавонанд дар ҷумҳурӣ, аввалан рушди устуворро таъмин намоянд, баъдан ба андозаи муайян барои барқарор кардан, нигоҳ доштан ва афзоиши сармояи табиии кишвар мусоидат кунанд ва ниҳоят ба рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва мутобиқшавии кишвар ба тағйирёбии иқлим таъсир расонанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар танзими иқтисоди “сабз” нақши омор назаррас буда, дар ҳамаи мавридҳо бо тамоюли афзоишии талабот ба иттилооти оморӣ алоқамандӣ дорад. Зеро ки иттилооти оморӣ барои баланд бардоштани иттилоотнокӣ ё қабули қарорҳо ҷиҳати идоракунии иқтисоди сабз зарур аст. Ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ ва таҳлили маълумотро доир ба иқтисоди сабз ба анҷом расонида, омор бевосита функсияи интиқолдиҳандаи асосии маълумотро иҷро менамояд.

Дар айни ҳол, масъалаи муҳими маълумоти оморӣ – ин таъмини сифати онҳо аст, ки принсипҳои дархостӣ, саривақтӣ, боэътимод, дастрасӣ ва тафсири маълумоти омориро дар бар мегирад. Сифати маълумоти оморӣ аз он ҳисоб дастрас карда мешавад, ки фаъолияти оморӣ ба методологияи илман асоснокшудаи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои оморӣ такя намояд. Хусусан дар шароити муосир асоси методологии фаъолияти оморӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои истифодабарии онҳо дар таҷрибаи байналмилалӣ мувофиқа кунонида шудааст.

Бояд қайд кард ки нақши омор дар танзими иқтисоди "сабз" танҳо бо ташаккули пойгоҳи (базаи) иттилоотӣ хотима намеёбад. Ифодаи миқдории ҳодиса ва зуҳурот, ки дар ҳамаи маврид ҳамчун нишондиҳандаи оморӣ ном бурда мешавад, қисмати дигари зоҳиршавии нақши омор дар танзими иқтисоди сабз мебошад. Бо мафҳуми том, нишондиҳандаи оморӣ, аз нигоҳи илми фалсафа – ин андоза, яъне ягонагии инъикоси миқдорӣ ва сифатии хосиятҳои ҳодисаҳои объективӣ ва равандҳо мебошад. Гарчанде, ки омор маҷмӯи ҳодисаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва умуман ҷамъиятиро меомӯзад, нишондиҳандаи оморӣ – ин тавсифи ҷамъбастии хосияти маҷмӯъ ва гуруҳи ҳодиса ва равандҳои иқтисодӣ мебошад.

Албата нишондиҳандаи оморӣ хосияти ҳодиса ва равандҳои омӯхташавандаро инъикос менамояд ва аз ин хотир олоти муҳими идроки онҳо мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳамагунна идрок ҳамеша маҳдуд буда, ба объекти омӯхташаванда номукаммал мебошад. Дар ин ҳол ҳеҷ як нишондиҳандаи оморӣ, ҳатто низоми мукаммали онҳо наметавонад ҳамаи хосиятҳои объект ва ҳатто қисми ин хосиятҳоро бо дақиқии мутлақ инъикос намоянд. Вобаста ба ин, метавон натиҷагирӣ кард, ки нишондиҳандаи оморӣ таҷассуми тақрибӣ, носаҳеҳ ва номукаммали хосиятҳои омӯхташавандаи объект, андозагирӣ, ҷамъоварӣ ва таҳвили иттилоот аст. Биноан бо мурури рушди ҳодиса ва равандҳои иқтисоди сабз нишондиҳандаҳои оморӣ доимо такмил дода мешавад. Айни замон барои арзёбии ҳодиса ва равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ рейтинг ва низоми мухталифи онҳо истифода карда мешавад, ки онҳоро мумкин аст ҳамчун нишондиҳандаи ҷамъбастӣ муаррифӣ намуд.

Таъкид бояд намуд, ки тавассути нишондиҳандаҳои оморӣ на танҳо ҷиҳатҳои миқдории ҳодиса ва равандҳои иқтисоди сабз арзёбӣ карда мешавад, инчунин онҳо як қатор функсияҳоро низ иҷро менамоянд. Функсияи асосии нишондиҳандаҳои оморӣ ва системаи онҳо идроки иттилоотӣ мебошад. Бе иттилооти оморӣ идроки қонуниятҳои ҳодисаҳои иқтисоди сабз, биниши онҳо, инчунин танзими онҳо дар сатҳи фирма, корхона, минтақа ва мамлакат ғайриимкон мебошад. Мавқеи асосиро дар функсияи идрокӣ – иттилоотии нишондиҳандаҳои оморӣ функсияи мониторинг, яъне мушоҳидаи доимоамалкунанда дар ҳолати тағйирнопазирии нишондиҳандаҳои ҳисобишаванда ишғол менамояд. Мисол, Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти рушди иқтисоди "сабз" бо мақсади амалӣ намудани назорати иҷрои вазифаҳои дар Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2037 пешбинишуда, дар доираи салҳияти худ, мониторинг ва арзёбии раванди амалишавии Стратегия ва ҳамоҳангсозии корҳоро вобаста ба он анҷом медиҳад.

Функсияи дигари нишондиҳандаҳои оморӣ – ин биниш дар оянда буда, мустақиман бо функсияи иттилоотӣ алоқамандии зич дорад. Албатта функсияи мазкур на ба ҳамаи нишондиҳандаҳои оморӣ, балки барои онҳое дахл дорад, ки ҳангоми моделсозии маҷмӯи ҳодиса ва равандҳои иқтисодӣ истифода бурда мешаванд.

Ниҳоят, муҳтавои функсияи баҳодиҳии (арзёбикунанда) нишондиҳандаҳои оморӣ дар он ифода мегардад, ки тавассути онҳо одамон, ҷомеа, давлат, фаъолияти корхона, ташкилот, коллективҳои меҳнатӣ ва эҷодӣ арзёбӣ карда мешаванд. Дар ин ҷода мутафаккири бузурги олмонӣ И. В. Гёте чунин қайд менамояд: «Пиндошта

мешавад, ки адад оламро идора менамояд. Аммо ман медонам, адад моро меомӯзонад донем, ки олам нағз идора карда мешавад» [4. С.78].

Бояд тазаккур дод, ки ҳодиса ва равандҳои иқтисоди сабз гуногуншакл ва мураккаб буда, онҳо доимо дар тағйирот ва дар ҳамалоқамандӣ рушд меёбанд. Зимнан ҳодисаи иқтисоди сабз аз нигоҳи илмӣ, ин мафҳумест, ки доир ба вуҷуд доштани зуҳурот дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа . Идроки ҳодисаҳои иқтисоди сабз, маҳз бо роҳи муқаррар кардани хосияти беруна ва аломатҳои онҳо, ҳамчунин ошкор кардани хосият ва аломатҳои мазкур дар назардошти зуҳурот ва равандҳои дигари иҷтимоӣ - экологӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳол метавон қайд кард, ки хосият ва аломатҳои омӯхташавандаи ҳодисаҳои иқтисодӣ аз якдигар ҷудо набуда, баръакс байни ҳамдигар алоқаманд мебошанд.

Ҳодисаи иҷтимоӣ зуҳуроти ҳамҷояамалкунии одамон дар фазои иҷтимоӣ аст ва ба таркиби онҳо на танҳо равандҳое, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, балки гуруҳ ва институтҳои иҷтимоӣ, муносибати байни гуруҳҳои иҷтимоӣ, ҳолат ва талаботи иҷтимоӣ, манфиатҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳамин тавр воқеияти муосир тағйироти қатъӣ дар муҳити зисттаъсири назаррасро ба рушди иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар мерасонд. Барои он ки сатҳи рушди иқтисоди сабз дар мамлакат муайян карда шавад, зарур ба миён меояд, ки шаклҳои ҷамъбастии арзёбӣ истифода карда шаванд. Бо ибораи дигар, барои инъикос ва омӯзиши ҳамаҷонибаи тарафҳои миқдорӣ ва сифатии ҳодиса ва равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии иқтисоди сабз, системаи нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ истифода бурда мешавад.

Хусусан дар таҷрибаи ҷаҳонӣ миқдори маҳдуди индексҳо ва рейтингҳои умумиқабулшуда, ки тавассути онҳо сатҳи экологии рушди иқтисодиёт арзёбӣ карда мешаванд, вуҷуд дошта мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Бо мафҳуми том, индекси иқтисоди сабз (Green Economy Index (GEI)) - ин нишондиҳандаҳоест, ки тавассути онҳо то чӣ андоза ҳадафгирии иқтисодиёти мамлакат ба рушди устувор ва таҳкимии экологиро арзёбӣ менамояд, муқаррар карда мешавад. Индекси иқтисоди сабз зернишондиҳандаҳои бисёреро, ки бо устувории экологӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд, дар бар мегирад, аз ҷумла:

1. Истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия. Тавассути ҷанбаи мазкур то кадом андоза мамлакат бо таври фаъол энергетикаи сабзро рушд дода, ҳамзамон истифода менамояд, арзёбӣ карда мешавад;
2. Самаранокии энергия. Бо ёрии ин зернишондиҳанда самаранок истифодабарии захираҳои энергия ва сатҳи партовҳои карбонӣ тавсиф карда мешавад;
3. Идоракунии партовҳо ва коркард. То кадом андоза сатҳи идораи партовҳо ва коркарди онҳо гузаронида шудааст, баҳо дода мешаванд.
4. Сатҳи ифлосшавии муҳити зист. Сифати ҳаво, об ва хок;
5. Гуногунии биологӣ ва захираҳои табиӣ. Муҳофизати экосистема ва ба тари ратсоналӣ истфодабарии захираҳои табиӣ;
6. Некӯаҳволии иҷтимоӣ ва баробарӣ. Таҳкимӣ аз нуқтаи назари дастрасии аҳолӣ ба захираҳои асосӣ ва хизматҳо, инчунин ёрии гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ.

Маҳз татбиқи индекси иқтисоди сабз (Green Economy Index (GEI)) дар фаъолияти амалӣ имконият медиҳад, ки мамлакат самти рушди устувори иқтисоди сабзро дар кишвари худ муайян намояд ва барои гузаронидани таҳлили муқоисавӣ бо дигар давлатҳои ҷаҳон мусоидат кунад.

Маврид ба зикр аст, ки яке аз намуди индексҳо, ки бо мафҳуми иқтисоди “сабз” алоқаманд мебошад, индекси глобалии иқтисоди сабз (Global Green Economu Index (GGEI)) мебошад. Тавассути индекси мазкур самаранокии иқтисоди сабз дар 160 мамлакати ҷаҳон аз рӯйи 18 индикатор андозагирӣ карда мешавад.

Индекси глобалии иқтисоди сабз (GGEI) асосан аз рӯйи чор қисмати калидӣ муайян карда мешавад, ки инҳоянд:

- тағйирёбии иқлим ва адолати иҷтимоӣ;
- декарбонизатсияи (нестшавии карбон) бахш;
- бозорҳо ва сармоягузорӣ дар ESG (Environmental, Social, and Corporate Governance – маҷмӯи тавсифи идораи ширкат, ки мутобиқи он ширкат идоракунии босуботи рушдро таъмин месозад);
- солимии муҳити зист.

Дар айни ҳол, барои арзёбии амалишавии ҳадафу вазифаҳои Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2037 нишондиҳандаҳои асосии сифатии зерин мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки номи "Индекси инкишофи иқтисоди сабз" (GEP Index) аз руйи пешниҳоди UNEP гирифтааст.

Индекси инкишофи иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути низоми нишондиҳандаҳои дар поён дарҷгардида арзёбӣ карда мешавад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Системаи нишондиҳандаҳои Индекси инкишофи иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳанда | Формулаи ҳисобкунӣ |
|---|---|
| Ҳиссаи содироти молҳои экологӣ ($М_{с.э}$) дар ҳаҷми умумии содирот (С) | $Ҳ_{с.э} = М_{с.э} / М_с$ |
| Ҳиссаи патентҳои дар самти технологияи экологӣ додашуда ($П_{т.э}$), дар миқдори умумии патентҳо (Пу) | $Ҳ_{п.т.э} = П_{т.э} / П_у$ |
| Ҳиссаи энергияи аз манбаъҳои барқароршаванда тавлидгардида ($Э_б$), дар ҳаҷми умумии истеҳсоли энергия (Э) | $Ҳ_{э.б} = Э_б / Э$ |
| Ҳиссаи истеҳсол ва таъмини нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршаванда ($Н_б$) дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) | $Ҳ_{н.б} = Н_б /$ ММД |
| Таносуби даромади 10 фоиз аҳолии даромадаш баландтарин ($Д_{10\%}$) ба даромади 40 фоиз ($Д_{40\%}$) аҳолии камдаромад | $Т = Д_{10\%} / Д_{40\%}$ |
| Дастрасии миёна ба се хизматрасонӣ: ба сарчашмаи оби тоза, ба неруи барқ ва ба иншооти санитарӣ – техникӣ (Х) нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ (А) | Д = Х / А |
| Консентратсияи зарраҳои ифлосшавии атмосфера ($А_и$) нисбат ба ҳар як метри мукааб ($М^3$) | $К = А_и / М^3$ |
| Истеъмоли ашёи хом ($И_{б.н}$) (тонна ба як нафар) (А) бо истифода аз маводи биотикӣ (иқлим, хок, релеф) ва абиотикӣ (табиати ғайризинда) | $И = И_{б.н} / А$ |
| Ҳиссаи минтақаҳои муҳофизатшавандаи хушкӣ ($М_х$) дар ҳаҷми умумии замин (З) ва минтақаҳои муҳофизатшавандаи баҳрӣ дар обҳои ҳудудӣ | $Ҳ_{м.х} = М_х / З$ |
| Шохиси нобаробарии гендерӣ (Шг) дар сатҳои солимии репродуктивӣ, тавонмандсозӣ ва бозори меҳнат | Шг |
| Ҳиссаи аҳолӣ, ки аз рӯйи пардохт ва ҷинс нафақаи пиронсолӣ ($А_{н.п}$ ) мегиранд. | $Ҳ_{н.п} = А_{н.п} / А$ |
| Фарогирӣ ба таҳсили шахсони синнашон аз 25 сола бо таснифоти зинаҳои таҳсил | $А_{25 \text{ сола}}$ |
| Дарозумрии миёнаи аҳолӣ | $Д_{м.а}$ |

***Сарчашма:** Дар асоси Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2037.Душанбе, 2022, с. 10 таҳия карда шудааст.

Дар системаи нишондиҳандаҳои индекси инкишофи иқтисоди “сабз” ҷанбаҳои калидии имконияти ташаккул аз рӯи самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Масъалаи муҳим ин такмил додани тарз ва усулҳои таҳлили нишондиҳандаҳои индекси инкишофи иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро, ки дар адабиётҳои муосири иқтисодию оморӣ барои андозагии миқдории нишондиҳандаҳои индекси инкишофи иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои гуногун истифода намудан мумкин аст. Бахусус яке аз усулҳои муосир, ки ҷиҳати андозагири сатҳи рушди устувори нишондиҳандаҳои индекси инкишофи иқтисоди “сабз”, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ татбиқ карда мешавад, ин усули бисёрченаи таҳлили муқоисавӣ буда, тавассути он баҳои рейтинги ҷамъбастии зуҳуроти таҳқиқшаванда муайян карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки ҳисоби усули бисёрченаи таҳлили муқоисавӣ панҷ марҳилаи бо ҳам алоқаманди зеринро дар бар мегирад:

- ✓ ҷамъоварии маълумотҳо оид ба нишондиҳандаҳои индекси инкишофи иқтисоди “сабз”;
- ✓ матрисаи маълумотҳои аввалия ташаккул дода мешавад;
- ✓ дар ҳар сатри матриса унсурҳои аз ҳади ақал калон (максималӣ) ва аз ҳади ақал хурд (минималӣ) муайян карда шуда, тамоилҳои онҳо ҳисоб карда мешаванд;
- ✓ дар асоси сарҳадҳои критикии муайяни қаторҳо барои ҳар унсури матриса коэффитсиенти стандартизатсиякунонида ($X_{ig}$) истифода шуда, тавассути формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$X_{ig} = \frac{Aiq - MINg}{MAXg - MINg},$$

$A_{ig}$ – i – унсури g – сутуни матриса;

$Max_g$ – унсури аз ҳади ақал калони (максималӣ) матриса;

$Min_g$ – унсури аз ҳади ақал хурди (минималӣ) матриса.

Дар ҳолате ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ қимати аз ҳади ақал калони (максималӣ) матриса беҳтар бошад, он гоҳ коэффитсиенти стандартизатсиякунонида ($X_{ig}$) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$X_{ig} = \frac{Aiq - MAXg}{MAXg - MINg}.$$

- ✓ сатҳи интегралии рушди устувори нишондиҳандаҳои индекси инкишофи иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як намуд ҳамчун суммаи коэффитсиентҳои стандартизатсиякунонида ($X_{ig}$) ҳосил карда мешаванд.

Дар марҳилаи охир баҳои интегралии ҳосилшудаи сатҳи рушди устувори иқтисоди сабз бо тартиби афзуншавӣ ранҷиронида шуда, графики тамоюли рушд барои давраҳои таҳқиқотӣ гирифташуда таҳия карда мешавад.

Ҳамин тавр дар хотима бояд қайд кард, ки барои муккамал гузаронидаи арзёбӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои индекси иқтисоди сабз зарурияти такмил ва вусъат бахшидани иттилоот дар бораи маълумотҳои миқдории оморӣ мебошад, ки бо усулҳои ҷамъоварӣ, коркард, паҳнкунӣ, шарҳҳо ва мулоҳизоти методолгӣ оид ба сифати маълумот таалуқ доранд, ба миён омадааст.

**Адабиёт**


1. Егорова М. С. Экономические механизмы и условия перехода к зеленой экономике // Фундаментальные исследования. – 2014. - № 6 – 6. – С. 1262 – 1266.
2. Зеленая экономика: справ. док. / ЮНЕП. – URL: http: // web. Unep.org/greenconomy/sites/ unep/ org/greenconomy/files/ru ge employment/. Pdf.
3. Социально – экономическая статистика: учебник / под ред. М.Р. Ефимовой. – М.: Высшее образование, 2009. – 590 с. – (Университеты России).
4. Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2037.Душанбе, 2022.


## ТАШАККУЛДИҲИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ СЕГМЕНТҲОИ БИЗНЕС ВА ВАЗИФАИ АМАЛИИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ НАЗОРАТИ ИДОРАКУНӢ

**Ғуломова З.З. – муаллими калони ДБССТ**

Маҳакҳои баҳодиҳӣ дар асоси мақсадҳои мушаххас, ки дар давраи банақшагирии стратегӣ коркард шудаанд, тартиб дода мешаванд. Ҳамаи маҳакҳое, ки дар маросимҳои назорати идоракунӣ истифода мешаванд, дар асоси мақсадҳое, ки дар асоси банақшагирии стратегӣ гузошта шудаанд, тартиб дода мешванд. Бояд ин мақсадҳо ченшаванда ва ба вақт нигвааронида шуда бошад, ки муқоиса намудани натиҷаи ба даст овардаи сегмент ё ки коргари ҷудогонаро бо тахминҳои пешакӣ ва нишондиҳандаҳо мумкин бошад. Барои ҳамагуна мақсад бояд параметрҳо ва индикаторҳои назоратшаванда ҳатман муқарррар карда шавад, вагарна ҳамаи ҷараёни идоракунӣ моҳияти худро гум мекунад. Бинобар ин, интихоби нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти сегмент дар низоми баҳисобгиии идоракунӣ пеш аз ҳама аз он ки сегмент аз рӯи аломати ташкилӣ чи гуна муайян карда шудааст (маркази хароҷот, фоида, даромад ва сармоягузорӣ) вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, интихоби ин ё он нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии фаъолияти сегментҳо яке аз вазифаҳои асосии роҳбарияти корхона ҳангоми бунёди низоми назорати идоракунӣ ба шумор меравад.

Дар адабиёт оид ба идоракунӣ ва менеҷмент нишондиҳандаҳои гуногун ва намудҳои он оварда шудаанд, ки барои истифодабарӣ дар назорати идоракунӣ мувофиқ мебошанд.

Дар вақти баҳодиҳии интегралии фаъолияти ҳамагуна корхона, аз он ҷумла фаъолияти сегментҳои бизнес нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва самарабахшӣ истифода карда мешаванд. Ин ду мафҳуми гуногунмаъно мебошанд. *Самарабахшии сегмент* дараҷаи расидан ба натиҷаҳои банақшагирифташударо муайян мекунад, яъне расидани сегмент ба мақсадҳои гузошташуда. *Самаранокӣ* – ин таносуби байни натиҷаи ба дастомада ва захираҳои масрафшуда мебошад, яъне иҷроиши ҳаҷми додашудаи кор ҳангоми истифодабарии минималии захираҳои истеҳсолӣ.

Ташаккулдиҳии нишондиҳандаҳои сегментҳои бизнес ва роҳбарони онҳо вазифаи амалии таъминоти иттилоотии назорати идоракунӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, интихоб ва гуногунии нишондиҳандаҳо бояд ба фаъолияти корхонаи мушахас мувофиқ шуда бошад.

Нишондиҳандаҳое, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти корхонаро баҳо медиҳанд дар умум дар самтҳои гуногуни мавзӯъҳои илми иқтисод коркард шудаанд. Дар доираи мавзӯи баррасишаванда на дарёфти маҳакҳои нав, балки ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сегмент дар низоми назорати идоракунӣ мушкилиро пеш меорад. Зери мафҳуми низоми нишондиҳандаҳои назори идоракунӣ як маҷмӯи батартибовардаи ниҳшондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманд ва мувофиқашудаи молиявӣ ва ғайримолиявие, ки тамоми паҳлӯҳои фаъолияти сегментҳои бизнес ва менеҷерони он, инчунин корхонаро дар умум ташкил мекунад, фаҳмида мешавад.

Ҳангоми интихоби маҳакҳои баҳодиҳии фаъолияти сегментҳои бизнес нишондиҳандаҳои арзишии самарабахшии фаъолияти онҳо, ки нишондиҳандаҳои ҳақиқии ба даст омадаро аз банақшагирифташуда, нишондиҳандаи дараҷаи таносуби хароҷоти истеҳсолӣ ва ҳаҷми истеҳсолот, дараҷаи безарарии истеҳсолот, таркиби хароҷот ва имконияти паст карнадни он, даромади маржиналӣ ва ғ. тавсиф менамояд, аҳамияти калон доранд. Методология ва техникаи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои фаъолияти сегметҳо аз рӯи ин маҳакҳо (омилҳо) таҳқиқ ва коркард карда шудаанд. Баҳодиҳии фаъолияти сегментҳои бизнес аз рӯи ин маҳакҳо ба истифодабарии усули ―хароҷот-даромадҳо‖ мусоидат намуда, имконияти назораткунӣ ва оптимазитсиякунонии (муносибгардонии) ин таносубро аз рӯи сегментҳое, ки марказҳои хароҷот ва даромад ба шумор мераванд, таъмин менамояд, ва дар ниҳояти кор самаранокии фаъолияти корхонаро дар умум баланд мебардорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ ба сифати маҳакҳои молиявии баҳодиҳии фаъолияти сегментҳои бизнес чор нишондиҳанда оварда мешавад: фоида, даромаднокии активҳо, фоидаи боқимонда ва арзиши иловашудаи иқтисодӣ.

Нишондиҳандаи безарарии фаъолияти сегмент фоида ба шумор меравад. Фоидаи сегмент фаркияти байни даромади гирифташуда ва хароҷотро дар ҷараёни фаъолият ифода менамояд. Он чунин муайян карда мешавад:

*Фоидаи сегмент = даромадҳои сенмент ва хароҷоти сенмент (1)*

Ин маҳакҳо барои баҳодиҳии сегментҳое, ки марказҳои фоида ва сармоягузорӣ ба шумор мераванд, муқаррар карда мешаванд. Пас аз муайян намудани қиммати нишондиҳандаи фоида имконият фароҳам меояд, ки андозаи фоидаи боқимонда ва даромаднокии активҳои сегменти бизнес муқаррар карда шавад.

Нишондиҳандаҳои фоиданокӣ и ѐ ки даромаднокӣ, натиҷаҳои таносуби фоидаи сегмент ва воситаҳои бадастории онро ифода мекунад, бештар самаранокии кори сегментро тавсиф менамояд. Нишондиҳандаи даромаднокии активҳо нисбат ба нишондиҳандаи мутлақи фоидаи сегмент он бартариро дорад, ки ба роҳбарияти корхона имконият медиҳад ―манфиатнокӣ‖ ин ѐ он зерсохторро баҳо диҳад. Формулаи ҳисобкунии даромаднокии активҳо чунин аст:

*Даромаднокии активҳо= фоидаи сегмент/ активҳои сегмент (2)*

Моҳияти иқтисодии аксарияти нишондиҳандаҳои мутлақ дар он ифода меѐбад, ки онҳо фоидаи гирифташавандаро аз ҳар як сомонӣ воситаи ба активҳои сегмент маблағгузорӣ шудааст, тавсиф менамоянд.

Боҳамалоқаманди байни нишондиҳандаҳои даромаднокии активҳо, гирдгардиши активҳои сегмент ва даромаднокии фурӯши маҳсулоти сегмент вуҷуд дорад. Он бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

*Даромаднокии активҳо= гардиши активҳои сегмент х даромаднокии фурӯши маҳсулоти сегмент (3)*

Дар ҳақиқат:

*Даромаднокии активҳо= (фоидаи сегмент / даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) х даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) / активҳои сегмент) (4)*

Формулаи (3) диққати менеҷеронро ба ду нишондиҳанда равона месозад: фоидае, ки ба як сомонӣ фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) ва гирдгардиши активҳои сегмент рост меояд.

Ҳамин тавр, фоидаи сегмент, ки аз ҳар як сомонӣ ба активҳои сегмент маблағгузорӣ шуда гирифта шудааст, аз суръати гирдгардиши воситаҳои сармоягузоришуда ва ҳиссаи фоида дар даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) вобастагӣ дорад.

Фоидаи боқимонда ба фоидаи софи сенмент алтернативӣ мебошад, вақте, ки арзиши сармояи барои гирифтани ин фоида равонакардашуда ба инобат гирифта мешавад. Фоидаи боқимонда ин фоидаест, ки сегмент аз меъѐри зарурии фоидаи минималии аз тарафи маъмурияти корхона муқаррар шуда, зиѐдтар даромад мегирад, ба шумор меравад. Нишондиҳандаи фоидаи боқимонда хавфе, ки бо маблағгузории воситаҳо алоқаманданд, тавсиф менамояд. Фоидаи боқимонда барои сегменти маркази фоида бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

*Фоидаи боқимонда = фоидаи сегмент – (активҳои сегмент х меъѐри фоидаи мақсаднок) (5)*

Ифодаи дар қавс овардашуда баҳои арзишии фоидаро медиҳад, ки барои сегмент мувофиқи меъѐри фоидаи барои он муқарраршуда, ҳадди ақал зарур мебошад. Ҳар он чизе, ки аз тарафи сегмент аз ин маблағ зиѐдтар даромад мегирад, ба корхона фоида меоварад.

Ба сифати маҳаки баҳодиҳии фаъолияти сегмент истифода намудани нишондиҳандаи фоидаи боқимонда, фаъолияти менеҷерро барои расидан ба мақсадҳои мувофиқашудаи корхона ва сегментҳои алоҳидаи он равона месозад.

Ҳамин тавр, низоми нишондиҳандаҳои молиявӣ ҳамчун воситаи назорати идоракунӣ имконият медиҳад, ки ҷораѐни таъминоти методии баҳодиҳӣ, назорат ва мониторинги иҷроиши мақсадҳои стратегии молиявӣ ва ҷории корхона таъмин карда шавад, зеро имконият медиҳад:

- нишондиҳандаҳои молиявии фаъолияти сегментҳои бизнесро дар намуди бузургии мушаххаси ченшаванда ифода мекунад, ки барои ба расмият даровардани ҷараѐнҳои идоракунии стратегӣ ва ҷорӣ имконият медиҳад;
- ҳамгироии уфуқии мақсадҳои молиявии зерсохторҳои гуногунро таъмин менамояд;

- мутобиқати нақшаҳои стратегӣ ва ҷорӣ, буҷетҳои сегментҳои бизнес ва корҳонаро дар умум амалӣ менамояд;

- назорат ва таҳлили майлкуниҳоро мегузаронад, баҳодиҳии дараҷаи иҷроиши мақсадҳои корхонаро ташаккул медиҳад.

Вобаста ба ин, низоми нишондиҳандаҳои молиявӣ воситаҳои назорати идоракунии стратегӣ ва ҷории назорати идоракуниро ифода карда, имконият медиҳад стратегияи корхона дар намуди бузургии молиявии ҳамгирои боҳамалоқаманд пешниҳод намуд, ки пурра ҳаракати корхонаро ба самти рушди устувор инъикос менамояд.

Вале расман ба кор бурдани усулҳои сифатӣ ва нишондиҳандаҳои арзишӣ (молиявӣ) ба гирифтани натиҷаҳои таҳлили нодуруст ва ба баҳои ҳақиқии номувофиқи фаъолияти сенмент бурда мерасонад. Ба ақидаи бисёре аз муҳақиқон, аксари намудҳои фаъолият ҳатто бо ифодаи пулӣ фоидаовар буда, дар ҳақиқат метавоанад зараровар ё баръакс бошанд [1, с. 200202].

Маҳакҳои молиявӣ танҳо як қисми ҳодисаро оид ба давраи гузашта тасвир мекунанд ва нишон намедиҳанд, ки кадом амалҳоро пагоҳ, фардо ва дар оянда кабул кардан зарур аст. Индикаторҳои ғайримолиявӣ бо зуддӣ баъзан тавассути занҷираи мураккаби алоқаи сабабӣнатиҷавӣ нишондиҳандаҳои молиявиро инъикос менамоянд. Чун қоида, ибтидои занҷираи алоқаи сабабӣ-натиҷавиро асосан нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ ташкил медиҳанд (сифати маҳсулот, ҳиссаи бозор, мотиватсияи кормандон, таъби харидорон ва ғ.).

Барои қонеъгардонии тлаботи менеҷмент дар шароити хавф ва номуайянӣ назорати идоракунӣ бояд иттилооти зиёд оид ба нақша, имкониятҳо дошта бошад, ба омилҳое, ки фоидаро дар давоми давраи дароз ташаккул медиҳанд, яъне ба нишондиҳандаҳои ғайримолиявии калидии бизнес-ҷараёнҳо, мувофиқакунии иттилооти дохилӣ ва берунӣ, ки ба менеҷмент барои идоракунии сегменти бизнес пешниҳод мешаванд, такя намояд.

Аз рӯи моҳият, гапҳои дар боло гуфташуда, маънои васеънамои ҳудуди модели истифобарандаи иттилоотӣ-таҳилии менеҷментро дорад: аз модели арзишӣ-молиявӣ ба бизнес-модел. Бизнем-модел ҳамаи нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявии муҳим, фаъолияти сегмент ва корхонаро дар умум фаро мегирад.

Барои ҳалли масъалаи бо нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ муккамал намудани бизесмодел нуқтаи назари Р. Каплан и Д. Нортон наздик мебошад – низоми нишондиҳандаҳои мувозинатшуда (The Balanced Scorecards - BSC).

Нуқтаи назари мазкур ба мувозинати нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ асос меёбад ва воситаи назорати идоракуниро ифода мекунад, ки имконият медиҳад, мувозинати оптималии миқдори зиёди нишондиҳандаҳои гуногун ба даст оварда шавад.

Мувофиқи ин равиш, низоми нишондиҳандаҳои мувозинатшуда диққати менеҷеронро ба чор ҷанбаи мувозинатшуда ва байни ҳам алоқаманди фаъолият равона месозад: *ҷанбаи молиявӣ* (нишон медиҳад, ки чи қадар ба саҳмдорон сармоягузорӣ намудан ба корхонаи мазкур мафиатовар аст); *ҷанбаи истеъмолӣ* (нишон медиҳад, бо чи тавр харидоронро метавон ҳавасманд намуд, ки онҳоро ҷалб намуд ва натиҷаи молиявии зарурироба даст овард); *ҷанбаи бизнес-ҷарёниҳои дохилӣ* (нишон медиҳад, ки кадом бизес-ҷараёниҳо нақши хеле асосиро ҳангоми амалинамоии бартариҳои рақобатии корхонаи мазкурро таъмин месозанд); *ҷанбаи рушд ва инкишоф* (нишон медиҳад, ки аз ҳисоби кадом донишҳо, малака ва маданияти корпоративӣ мақсади дохилифимавии бизнес-ҷараёнҳо ба даст меояд, инноватсия, рушди кормандон ва инфрасохторро нишон медиҳад).

Чунин нуқтаи назар ба ҳамгироии вазифаҳои старатегиро бо ҷорӣ мусоидат мекунад ва дар дохили ҳар як ҷанбаи фаъолият амалишавии занҷираи боҳамалоқаманди «мақсадҳо → вазифаҳо → нишондиҳандаҳо → амал»-ро таъмин месозад.

Дар баробари ин, нишондиҳандаҳое, ки самаранокии фаъолияти корхонаро тавсиф менамоянд, метавонанд дар муқоиса аз миқдори на чандон зиёди тарафҳои муҳими стратегӣ, ки дурнамои рушди онро муайян менамояд, васеъ бошанд.

**Адабиёт:**


1. Бобоев М.У., Баҳисобгирии идоравӣ: масъалаҳои амалӣ ва ҳалли онҳо. –Душанбе: «Ирфон», 2012.–196 саҳ.

2. Вахрушина М.А. Теория и практика бухгалтерского управленческого учета: диссертация ... доктора экономических наук- М., 2002. – 405 с
3. Воронова Е.Ю. Бухгалтерский управленческий учет: 3-е изд.,пер.и доп. Учебник для СПО М.: – Издательство Юрайт, 2019.- 428 с.
4. Врублѐвский Н. Д. Управленческий учет издержек производство и себестоимости продукции в отраслях экономики. Москва.: – Бухгалтерский учет. – 2004. – 376 с.
5. Друри К. Введение в управленческий и производственный учет:Учебн. пособие для вузов/Пер.с англ.под.Н.Д.Эриашвили;Предисловие проф.П.С.Безруких.-3-е изд.,перераб.и доп.-М.:Аудит, ЮНИТИ, 1998. - 783 с.
6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030года//Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Махлиси Оли Республики Таджикистан от 1декабря 2016 года, №636. - Душанбе,2016.-104 с.
7. Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ. Китоби дарсӣ. –Душанбе.: «Ирфон». – 2018. 327 саҳ.
8. Орзуев П.Ҷ., Шоймардонов С.Қ., Барфиев Қ.Х., Бобиев И.А. Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе.: ҶДММ «Балоғат». – 2019. 540 саҳ.
9. Ураков Д. У. Проблемы учѐта и контроля затрат в условиях интенсификации производство. Душанбе.: –1988, – 158 с.

## СТРОИТЕЛЬСТВО ГОСТИНИЧНЫХ КОМПЛЕКСОВ: КАК ПРАВИЛЬНО СПЛАНИРОВАТЬ И ОРГАНИЗОВАТЬ ПРОСТРАНСТВО

**Сохибов А.Н.- ассистент МУТПТ**

Гостиничные комплексы — это сложные сооружения, размещение которых в городской структуре требует учета множества факторов. Выбор участка для гостиницы зависит от ряда ключевых аспектов:

1. Градостроительные: площадь, геометрия участка, транспортная доступность и связь с центром города, вокзалами и аэропортами.
2. Архитектурно-ландшафтные: природные элементы на участке и в его окрестностях — озеленение, водоемы, рельеф.
3. Экологические: соблюдение санитарных норм, чистота воздуха, уровень шума, инсоляция.
4. Инженерно-экономические: наличие необходимых коммуникаций (вода, канализация, электричество, газ, связь, интернет).

Архитектурный проект гостиницы учитывает социальные, экономические, инженерные и санитарно-гигиенические требования. Важную роль в проектировании играет понимание нужд и предпочтений целевой аудитории, будь то бизнес-туристы, предпочитающие функциональные интерьеры, или гости высококлассных отелей, ценящие роскошь.

Рушди баҳисобгирии идоракунӣ бо мақсади таҳкими фаъолияти бизнес-равандҳо таҳияи коркардҳои методӣ, усулҳои таҳлилӣ, таъмини татбиқи самаранокии онҳо, қабули қарорҳои идоракунии манфиатнокро дар бар мегирад. Дар ширкатҳои фармасевтӣ, мисли дигар соҳаҳо, таъмини самаранокии бизнес-равандҳо омили асосии муваффақшавии корхона ба ҳадафҳои дар пешгузошташудааш мебошад. Самаранокӣ ҳамчун қобилияти бизнес-равандҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо тибқи стандартҳои муқарраршудаи сифат ва кам кардани хароҷот ҳангоми баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва даромаднокӣ муайян карда мешавад.

Самаранокии бизнес-равандҳои тиҷоратӣ ба таносуби натиҷаҳо (баҳисобгирии вақт, сифат, ҳаҷми фурӯш) бо захираҳои сарфшуда (воситаҳои пулӣ, захираҳои моддӣ, захираҳои кадрӣ, вақт) муайян карда мешавад. Дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ самаранокии ҳар як раванди тиҷорат бояд аз рӯи мувофиқат ба стратегияи тиҷоратӣ, ки барои ноил шудан ба ниёзҳои муштариён ва эҷоди арзишҳо нигаронида шудааст, арзёбӣ карда шавад. Чи тавре ки олимони ватанӣ Низомов С.Ф. ва Бобиев И.А. қайд менамоянд: «Бо мақсади ноил гаштан ба нишондиҳандаҳои муносиб аз натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ низоми мукаммал ва дурусти банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва назорат…» [6, С.75] талаб карда мешавад

Мақсади муайянкунии самаранокии бизнес-равандҳои тиҷоратӣ ноил шудан ба сатҳи максималии ҳосилнокӣ ва фоида нисбат ба хароҷоти ҳадди ақали ба ин равандҳо сарфшуда мебошад. Мушкилотҳое, ки дар баланд бардоштани самаранокӣ дучор мешаванд, иборатанд аз: кам кардани вақт барои анҷоми равандҳои тиҷоратӣ бидуни коҳиши сифат; баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ; кам кардани хароҷот барои воҳиди маҳсулот ё хизматрасонӣ; пешгирӣ кардани талафоти захираҳо аз сабаби бесамар истифода бурдани масолеҳ, хароҷот, захираҳои кадрӣ ва ғ.

Мо дар доираи таҳқиқоти гузаштаи худ [2, С.33] чунин бизнес-равандҳои асосиро барои ширкати фармасевтӣ муайян намудем: бизнес-раванди “Сармоягузорӣ”; бизнес-

раванди “Таъминот”; бизнес-раванди “Истеҳсолот”; бизнес-раванди “Фурӯш”; бизнес-раванди "Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ" ва раванди "Маъмурӣ ва хоҷагӣ".

Идоракунӣ ва назорати фаъолияти бизнес-равандҳои зикршуда омили асосии фаъолияткунии онҳо ҳисоб меёбад. Чун барои таъмини фаъолияти ин бизнес-равандҳо захираҳои муайян ҷудо карда мешавад, самаранокии истифодабарии ин захираҳо ва натиҷаи кори бизнес-равандҳо бояд ҳатман аз ҷониби роҳбарияти ташкилот баҳогузорӣ гардад. «Ба идоракунанда миқдори камтарини маълумот лозим мебошад ..., ки аз рӯйи он роҳбар дар оянда қарори манфиатноки идоракуниро қабул карда тавонад ва амалҳои муайянро ба ҷо орад» [1, С.69].

Яке аз роҳҳои баҳогузории натиҷаи фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати фармасевтӣ, ки он омили асосии назорати идоракунӣ низ ҳисоб меёбад, муайянкунии *нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (НАС)* мебошад. Бо сабабе ки бизнес-равандҳои зикршуда функсияҳои гуногунро иҷро мекунанд, муайян кардани нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти кори онҳо низ равишҳои методии махсусро талаб карда, интихоби нишондиҳандаҳои муносиби баҳои самаранокӣ барои роҳбарияти корхона кори муҳим мебошад.

Таҳқиқоти мо ошкор намуд, ки муайянкунии нишондиҳандаҳои асосии самаранокии (НАС) бизнес-равандҳои субъекти иқтисодӣ дар асари илмии аз ҷониби Медведева Е.А. [4, С.99] офаридашуда коркард гардидаст. Мо дар асоси нишондиҳандаҳои пешниҳодкардаи ин олим, ки ба соҳаи саноат тааллуқ дорад, дар таҳқиқоти худ самтҳои фаъолияти ширкатҳои фармасевтии тиҷоратӣ ва хусусиятҳои кори онҳо, вазъи бозори дохилии доруввориро омӯхта, барои ширкатҳои фармасевтӣ як қатор нишондиҳандаҳои асосии самаранокии кори бизнес-равандҳоро таҳия намудем, ки аз рӯйи онҳо имконияти арзёбии натиҷаи кори бизнес-равандҳо ва назорат муҳайё гашта, дар асоси он роҳбарияти корхона метавонад қарорҳои идоракунии босамар қабул намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки зимни муайянкунии нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ зарур аст, ки объекти баҳогузорӣ, субъекти баҳогузорӣ ва манбаҳои иттилоотӣ муайян карда шавад. Ба сифати объектҳои баҳогузории нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-равандҳо субъекти хоҷагидор, ки низоми баҳисобгирии идоракуниро аз рӯйи бизнес-равандҳои тиҷоратӣ таъсис додааст ва худи бизнес-равандҳои тиҷоратӣ ҳисоб меёбанд.

Манбаи иттилоотии баҳогузории нишондиҳандаҳои асосии самаранокии равандҳои бизнес инҳоянд: номгӯйи нишондиҳандаҳои самаранокӣ барои баҳогузории бизнес-равандҳо; ҳисоботи дохилии марказҳои масъулият ва маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (нишондиҳандаҳои молиявӣ, маълумот дар бораи гардишҳо ва бақияи ҳисобҳои муҳосибӣ, маълумот дар бораи воҳиди ченак, нишондиҳандаҳои воқеӣ оид ба истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ва даромадҳои гирифтаи бизнес-раванд); меъёрҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии идоракунӣ (таснифи бизнес-равандҳо, марказҳои масъулият ва марказҳои хароҷот, низоми баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ аз рӯйи равандҳо, нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва меъёрӣ, нақшаи ҳисобҳои кории баҳисобгирии идоракунии равандҳои фаъолияти субъекти хоҷагидор) ва ғ.

Субъектҳои арзёбии нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-равандҳо инҳоянд:

–ҳайати роҳбарикунандаи олӣ (аз ҷумла саҳмдорон, соҳибмулкон, роҳбарият, директори молиявӣ);

–мутахассисони асосӣ (сармуҳосиб, муҳандисон, сардори шуъбаи кадрҳо, сардори шуъбаи харид, сардори шуъбаи таъминоти моддию техникӣ, сардори шуъбаи маркетинг, сардори шуъбаи савдо, сардорони коргоҳҳо, мудирони анборҳо ва дигар роҳбарони зерсохторҳои воҳидӣ).

–иҷрокунандагон (кормандони баҳисобгирӣ, таҳлилгарон, иқтисоддонҳо, муҳосибон-таҳлилгарон, назоратчиён, аудиторҳо ва ғ.).

Чи тавре, ки муҳаққиқони ватанӣ қайд менамоянд, истифодабарандагони маълумоти баҳисобгирӣ ба иттилооти таҳлилӣ оид ба самаранокии кори бизнес-равандҳо, ки дар баъзе адабиёт онҳоро ҳамчун сегментҳо низ меноманд, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамоянд: «Таваҷҷӯҳи истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибӣ бештар ба иттилооти ҷузъигардонидашуда оид ба сегментҳо .... рӯз аз рӯз меафзояд» [5, С.83].

Тартиби ҳисоб кардан ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-равандҳо роҳу равишҳои махсусро талаб мекунад.

Арзёбии нишондиҳандаҳои асосии самаранокии (НАС) бизнес-равандҳо дар асоси таҳияи низоми муайяни баҳогузорӣ, ки имкон медиҳанд дараҷаи иҷрои нишондиҳандаи меъёрӣ ё нақшавии фаъолияти бизнес-раванд муайян карда шавад, амалӣ мегардад:

А – самаранокии баланд;

В – самаранокии хуб;

С – самаранокии миёна;

Д – самаранокии паст;

Е – натиҷаи ғайриқаноатбахш.

Низоми баҳогузорӣ барои ҳар як нишондиҳандаи асосии самаранокии (НАС) бизнес-равандҳо бо назардошти стандартҳои дар амалияи таҳлили иқтисодӣ тавсияшуда ба таври алоҳида муайян карда мешавад. Дар баробари ин, дар сурати мавҷуд набудани нишондодҳои стандартии тавсияшаванда субъекти хоҷагидор онҳоро мустақилона бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолию технологӣ ва вазифаҳое, ки роҳбарият ҷиҳати татбиқи самараноки бизнес-равандҳои алоҳида ба миён гузоштааст, муқаррар мекунад.

Акнун, нишондиҳандаҳои асосии самаранокиро (НАС) барои ҳар як бизнес-равандҳои ҷудокардашуда ва тартиби ҳисобкунии онҳоро дар ширкати фарматсевтӣ дар ҷадвалҳои 1-6 пешниҳод мекунем.

**Ҷадвали 1 - Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Таъминот» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Коэфитсифенти гирдгардиши мавод (Кгм) | Кгм =(Муми / Бмм), дар ин ҷо: Муми – маблағи умумии маводҳои дар истеҳсолот истифодашуда, сомонӣ; Бмм – бақияи миёнаи маводҳо барои давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Самаранокии истифодабарии захираҳоро тавсиф мекунад. |
| 2 | Фоизи истифоданашудаи маводҳо (Финм) | Финм = (Мини / Мх) ×100, ки дар инҷо: Мини – маводҳои истифоданашуда дар истеҳсолот, сомонӣ; Мх – маводҳои харидашуда, сомонӣ | То кадом андоза мақсаднок будани харидкунии захираҳои субъекти иқтисодиро нишон медиҳад |
| 3 | Фоизи иҷроиши нақшаи таъмини мавод (Финтм) | Финтм = Мҳмв / Ммн × 100, ки дар ин ҷо: Мҳмв – маблағи ҳақиқии маводҳои воридшуда, сомонӣ; Ммн – маблағи маводҳои банақшагирифташуда, сомонӣ | Қонеъгардонии талаботи истеҳсолотро нишон медиҳад |
| 4 | Вазни қиёсии дархостҳо барои харидкуниҳое, ки дар вақташ иҷро шудаанд (Вқхи) | Вқхи = (Шдих / Шудп)×100, ки дар инҷо: Шдих – шумораи дархостҳои иҷрошуда барои харидкунӣ, адад; Шудп – шумораи умумии дархостҳои пешниҳодшуда дар вақташ, адад | Самаранокии пардохти дархостҳои пешниҳодшуда барои харидкунии маводҳоро нишон медиҳад. |
| 5 | Коэфитсиенти навъноки захираҳои молию моддӣ (ЗММ) (Кнзмм) | Кнзмм = Гвзмм / Гзммххи<br>Гвзмм = Гуногунрангии воқеии ЗММ, адад, Гзммххи – гуногунрангии ЗММ, ки ба номгӯи ҳатмии харидкунӣ ва истеҳсол дохил мешаванд, адад | Хусусияти навъноки захираҳои молию истеҳсолии корхонаро нишон медиҳад |

*Манбаъ:* *муаллиф дар асоси омўзиши адабиёт тартиб додааст.*

Нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1 овардашуда моро водор менамояд, ки тавсифи ботафсили баъзе аз онҳоро пешкаш намоем.

Коэфитсиенти гирдгардиши мавод (Кгм) самаранокии истифодабарии захираҳо дар истеҳсолотро нишон медиҳад. Ҳар чи қадаре ки бузургии ҳосилшуда баланд бошад, ҳамон қадар натиҷаи истифодабарии маводҳо ва рушди истеҳсолот дар корхона хуб арзёбӣ мегардад.

Нишондиҳандаи фоизи истифоданашудаи маводҳо (Финм) то кадом андоза мақсаднок будани харидкунии захираҳои субъекти иқтисодиро нишон медиҳад. Дараҷаи пасттари нишондиҳанда ба манфиати кори корхона мебошад.

Фоизи иҷроиши нақшаи таъмини мавод (Финтм) қонеъгардонии талаботи истеҳсолот ба маводҳои зарурири нишон медиҳад. Нишодиҳандаи ҳарчи баланд аз таъминнокии корхона бо мавдҳои зарурӣ дарак медиҳад ва баръакс, нишондиҳандаи паст натиҷаи номатлуби фаъолияти бизнес-раванди таъминотро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2 - Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Истеҳсолот» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгўи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Иҷроиши нақшаи истеҳсол (Ини) | Ини = (Иҳм / Инм)× 100, ки дар ин ҷо: Иҳм – истеҳсоли ҳақиқии маҳсулот, сомонӣ; Инм – истеҳсоли нақшавии маҳсулот, сомонӣ | Нишондиҳанда иҷроиши нақшаи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо)-ро нишон медиҳад. |
| 2 | Коэфитсиенти самаранок истифодабарии масоҳатҳои истеҳсолӣ (Кими) | Кими = Мии / Муи, ки дар ин ҷо: Мии – масоҳати истеҳсолии босамарона истифодабурдашаванда (масоҳати бо таҷҳизоти истеҳсолӣ муҷаҳҳазбуда), м$^2$; Муи – масоҳати умумии саноатӣ-иистеҳсолии корхона, коргоҳ, м$^2$ | Ҳисобкунии нишондиҳанда имконият медиҳад, ки истифодабарии самараноки масоҳати истеҳсолӣ таъмин карда шавад |
| 3 | Ҳаҷми истеҳсол ба ҳар як корманд (дар коргоҳ) (Ҳик) | Ҳик = Ҳим / Шмк, ки дар ин ҷо: Ҳим – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, сомонӣ; Шмк – шумораи миёнаи коргарон, нафар | Истеҳсоли маҳсулот ба як нафар коргарро нишон медиҳад. Бо ибораи дигар хосилнокии меҳнат |
| 4 | Вақти даври истеҳсолӣ | Вақти умумии барои истеҳсоли маҳсулот сарфшуда (меъёр 8 соат) | Фосилаи вақтеро нишон медиҳад, ки аз лаҳзаи воридшавии масолеҳ то тайёршавии маҳсулотро дар бар мегирад |
| 5 | Гирдгардиши маҳсулоти тайёр (Гм) | Гм = Дф / Амм, ки дар ин ҷо: Дф – даромад аз фурўш дар давраи ҷорӣ, сомонӣ; Амм – бузургии миёнасолонаи арзиши маҳсулот, сомонӣ | Нишон медиҳад, ки то кадом андоза гирдгардиши маҳсулот ҳарчи тезтар дар давоми сол ба амал меояд |
| 6 | Гирдгардиши захираҳои истеҳсолӣ (Гзи) | Гзи = Дф / Ази, ки дар ин ҷо: Дф – даромад аз фурўш дар давраи хисоботӣ, сомонӣ; Ази – арзиши захираҳои истеҳсолӣ | Нишон медиҳад, ки то кадом андоза гирдгардиши захираҳои истеҳсолӣ ҳарчи тезтар дар давоми сол ба амал меояд |
| 7 | Риояи фоизи тамоюли хароҷоти ҳақиқии раванди истеҳсолот нисбат ба буҷет (Ртхҳи) | Ртхҳи = Тхҳи / Хиб ×100, ки дар ин ҷо: Тхҳи – тамоюли хароҷоти ҳақиқии истеҳсолот дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ; Хиб – маблағи хароҷоти истеҳсолот тибқи буҷети тасдиқшуда, сомонӣ | Нишондиҳанда майлкунии фоизии хароҷоти ҳақиқии истеҳсолотро нисбат ба хароҷоти буҷетӣ нишон медиҳад. |

*Манбаъ:* *муаллиф дар асоси омўзиши адабиёт тартиб додааст.*

Иҷроиши нақшаи арзиши аслии раванд (Инар) аз рўйи нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2 овардашуда нишондиҳандаи асосӣ буда, фоизи иҷроши нақшаи истеҳсолот (корҳо, хизматрасониҳо)-ро дар давраи ҳисоботӣ нишон медиҳад. Бузургии баландтарин аз натиҷаи хуби нақшаҳои истеҳсолӣ дарак медиҳад.

Дар ҷадвали 2 ду нишондиҳандаи ба ҳам хеле монанд оварда шудаанд: гирдгардиши маҳсулоти тайёр (Гм) ва гирдгардиши захираҳои истеҳсолӣ (Гзи), ки бузургии онҳо аз ҳолати истифодабарии

захираҳо дар истеҳсолот ва вазъи фурӯхташавии молҳо шаҳодат медиҳанд. Бузургии аз ҳама баланд барои ҳарду нишондиҳанда натиҷаи хубтаринро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3 - Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Фурӯш» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Коэфитсифенти гирдгардиши молҳо (Кгм) | Кгм =(Муф / Бмм), дар ин ҷо: Муф – маблағи умумии фурӯш, сомонӣ; Бмм – бақияи миёнаи молҳо барои давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Самаранокии гардиши савдои молҳоро тавсиф мекунад. |
| 2 | Давомнокии вақти нигоҳдории маҳсулот дар анбор (Внма) | Внма = Вбм + Вбҳ, ки дар ин ҷо: Вбтм – вақти лозимӣ барои тайёркунии силсилаи маҳсулот бо мақсади таҳвил ба харидорон, соат, Вбҳ – вақт барои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои мол барои боркунӣ ба харидорон, соат | Муҳлати миёнаи нигоҳдории захираи маҳсулоти тайёр дар анборро нишон медиҳад |
| 3 | Ҳиссаи хароҷот барои нигоҳдории захираҳои молию моддӣ (Хзмм) | Хзмм = Хнзмм / Хуми×100, ки дар ин ҷо: Хнзмм – хароҷоти нигоҳдории ЗММ, сомонӣ; Хуми – хароҷоти умумии истеҳсолот | Бузургии хароҷот барои нигоҳубини захираҳои молию моддиро нишон медиҳад |
| 4 | Вазни қиёсии қарзи дебиторӣ дар ҳаҷми маблағи фурӯш (Вқдф) | Вқдф = Қд / Дф ×100, ки дар ин ҷо: Қд – қарзи дебитории аз фурӯши маҳсулот пайдошуда, сомонӣ; Дф – маблағи даромад аз фурӯш дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | То кадом андоза даромад аз фурӯш ба таврси насия анҷом дода шудааст ва ҳолати пардохтпазирии харидорон чи гуна аст |
| 5 | Коэфитсиенти содиқ будан ё набудани харидорон (Ксх) | Ксх = Шмс / Шум, ки дар ин ҷо: Шмс – шумораи мизоҷони содиқ, нафар, Шум – шумораи умумии мизоҷон, нафар | Сатҳи харидорон ва мизоҷони содиқро ба корхона ва молҳои корхона нишон медиҳад |
| 6 | Ҳиссаи бозор (Ҳб) | Ҳб = Ҳф / Ҳфб ×100, ки дар ин ҷо: Ҳф – хаҷми фурӯши корхона, сомонӣ; Ҳфуб – ҳаҷми фурӯши умумӣ дар бозор, сомонӣ, | Саҳми ишғолнамудаи корхона дар бозори фурӯшро нишон медиҳад |
| 7 | Ҳиссаи даъвоҳо (Ҳд) | Ҳд = Шдш / Шш ×100, ки дар ин ҷо: Шдш – шумораи даъвоҳо ба тамоми шартномаҳо, адад; Шш – шумораи шартномаҳо, адад | Вазни қиёсии даъвоҳо ба шумораи умумии шартномаҳо бо мизоҷонро нишон медиҳад |
| 8 | Фоиданокии фурӯш (Фф) | Фф = Фу / Дф ×100, ки дар ин ҷо: Фу – фоидаи умумӣ аз фурӯш дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ; Дф – даромад аз фурӯш дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ин нишондиханда самаранокии фурӯшро дар давраи ҳисоботӣ ифода менамояд |
| 9 | Саҳми филлиал ё намояндагӣ дар фурӯши маҳсулот (Сфф) | Сфф = Дфф / Дфу ×100, ки дар ин ҷо: Дфф – маблағи даромад аз фурӯш дар филлиал, сомонӣ; Дфу – маблағи умумии фурӯш дар корхона, сомонӣ | Саҳми филлиалҳо ва намояндагиҳои ширкатро дар фурӯши умумии корхона нишон медиҳад |
| 10 | Таносуби хароҷот барои филлиал в маблағи даромад аз фурӯши филлиал (Тхф) | Тхф = Мхф / Мдфф, ки дар ин ҷо: Мхф – маблағи хароҷот барои нигоҳубини филлаил, сомонӣ; Мдфф – маблағи даромад аз фурӯши филлиал | Таносуби хароҷот барои нигоҳубини филлиал ва намояндагиҳо ва даромади гирифташаванда аз филлиал ва намояндагиҳоро нишон медиҳад |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Моҳияти нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 3 овардашударо омӯхта муайян менамоем, ки барои кадом нишондиҳандаҳо бузургии баланд ва барои кадом нишондиҳандаҳо бузургии пасттарин натиҷаи мусбат ҳисоб меёбад. Барои чунин нишондиҳандаҳо бузургии калонтар натиҷаи хуби бизнес-раванди фурӯшро нишон медиҳанд: коэфитсифенти гирдгардиши молҳо (Кгм); индекси содиқ будан ё набудани харидорон (Исх); ҳиссаи бозор (Ҳб); фоиданокии фурӯш (Фф); саҳми филлиалҳо ва намояндагиҳо дар фурӯши маҳсулот (Сфф).

Баръакси нишондиҳандаҳои зикршуда барои нишондиҳандаҳои зерин бузургии пасттар натиҷаи мусбат ҳисоб меёбад: таносуби хароҷот барои филлиал ва маблағи даромад аз фурӯши филлиал (Тхф); давомнокии вақти нигоҳдории маҳсулот дар анбор (Внма); ҳиссаи хароҷот барои нигоҳдории

захираҳои молию моддӣ (Хзмм); вазни қиёсии қарзи дебеторӣ дар ҳаҷми маблағи фурӯш (Вкдф); ҳиссаи даъвоҳо (Ҳд).

**Ҷадвали 4 - Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Маъмурият ва хоҷагӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиханда |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳосилнокии автоматикуно-нии равандҳо (Ҳар) | Ҳар = Шҳар / Шнар ×100, ки дар ин ҷо: Шҳар – Шумораи ҳақиқии амалиётҳои автоматии равандҳо ва истеҳсолот, адад; Шнар – Шумораи нақшавии амалиётҳои автоматии равандҳо ва истеҳсолот, адад; | Ин нишондиҳанда сатҳи автоматикунонидашудаи амалиётҳоро дар бизнес-равандҳо ва истеҳсолот нишон медиҳад |
| 2 | Ҳиссаи хароҷот барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти раванд (Ҳхбм) | Ҳхбм = Хбм / Ху, ки дар ин ҷо: Хбм – маблағи хароҷот барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, сомонӣ; Ху – маблағи хароҷоти умумии раванд дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ҳиссаи хароҷот барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти бизнес-равандро нишон медиҳад. |
| 3 | Риоякунии буҷети хароҷот барои раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ (Рбхрм) | Рбхрм = Тбхмх / Мухмх ×100, ки дар ин ҷо: Тбхмх – тамоюл дар буҷети хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ, сомонӣ; Мухмх – маблағи умумии хароҷот барои идоракунӣ ва хоҷагӣ, сомонӣ | Тамоюли нисбии маблағи хароҷоти хақиқии идоракунӣ ва хоҷагиро нисбат ба буҷет нишон медиҳад. |
| 4 | Самаранокии фаъолияти корхона (Сфк) | Сфк = Фта / Мсх ×100, ки дар ин ҷо: Фта – маблағи фоида то андозситонӣ, сомонӣ; Мсх – маблағи сармояи худӣ дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Самаранокии фаъолияти корхонаро барои давраи ҳисоботӣ дар маҷмуъ нишон медиҳад |
| 5 | Ҳиссаи хароҷот барои татбиқи автоматикуно-нии бизнес-равандҳо (Ҳхар) | Ҳхар = Хар / Ху, ки дар ин ҷо: Хбм – маблағи хароҷот барои автоматикунонии равандҳо, сомонӣ; Ху – маблағи хароҷоти умумии корхона дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ҳиссаи хароҷот барои татбиқи автоматикунонии амалиётҳо ва равандҳо дар хаҷми умумии хароҷотро нишон медиҳад |
| 6 | Ҳиссаи хароҷот барои идоракунии кадрҳо дар ҳаҷми умумии хароҷоти раванд (Ҳхик) | Ҳхик = Хик / Хур, ки дар ин ҷо: Хик – маблағи хароҷоти идоракунии кадрҳо, сомонӣ; Хур – маблағи хароҷоти умумии раванд дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ҳиссаи хароҷот барои идоракунии шуъбаи кадр дар хаҷми умумии хароҷоти равандро нишон медиҳад |
| 7 | Вазни қиёсии вакансияҳои холӣ (Ҳвх) | Ҳвх = Швх / Шуҷк × 100, ки дар ин ҷо: Швх – шумораи вакансияҳои холӣ, адад; Шуҷк – шумораи умумии ҷойҳои корӣ дар давраи ҳисоботӣ, адад | Ин нишондиҳанда самаранокии сиёсати кадрии роҳбариятро нишон медиҳад |
| 8 | Ошкоркунии қоидавайронку-ниҳои меҳнатӣ нисбат ба соли гузашта (Қмк) | Қмҳ – Қмг, ки дар ин ҷо: Қмҳ – шумораи қоидавайронкунӣ аз ҷониби коргарон дар соли ҳисоботӣ, адад; Қмг – шумораи қоидавайронкунӣ аз ҷониби коргарон дар соли гузашта, адад | Риоякунии интизоми меҳнатро нишон медиҳад |
| 9 | Коэфитсиенти гардиши кадрҳо (Кгк) | Кгк = Шко / Шмк, ки дар ин ҷо: Шко – шумораи коргарони аз кор озодшуда, нафар; Шмк – шумораи миёнасолонаи коргарон, нафар | Нишондиҳанда ҳиссаи коргарони азкорозодшударо дар шумораи умумии коргарон нишон медиҳад. Бузургии аз ҳад зиёд аз фаъолияти камсамари кадрии роҳбарият дарак медиҳад |
| 10 | Самаранокии кори кадрҳо (Скк) | Скк = Фс / Ммм×100, ки дар ин ҷо: Фс – фоидаи соф дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ; Ммм – маблағи музди меҳнати коргарон, сомонӣ | Самаранокии маблағи хароҷот барои музди меҳнати коргаронро нишон медиҳад |
| 11 | Ҳиссаи хароҷот барои бозомӯзии кормандон (Ҳхбк) | Ҳхбк = Хбк / Шмк × 100, ки дар ин ҷо: Хбк – маблағи хароҷот барои бозомӯзии кормандон, сомонӣ; Шмк | Ин нишондиҳанда хароҷоти миёна барои бозомӯзии |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | – шумораи миёнасолонаи кормандон, нафар | кормандон ба ҳар як нафарро тавсиф мекунад |
| 12 | Ҳиссаи хароҷот барои ҳифзи экологӣ (Ҳххэ) | Ҳххэ = Ххэ / Хук, ки дар ин ҷо: Ххэ – маблағи хароҷот барои ҳифзи муҳити зист (экология), сомонӣ; Хук – маблағи хароҷоти умумии корхона, сомонӣ | Нишондиҳанда саҳми хароҷот барои ҳифзи муҳити зистро нишон дода, имконият медиҳад ки он зери назорат гирифта шавад. |
| 13 | Ҳиссаи хароҷот барои бахши хоҷагӣ (Ҳхбх) | Ҳхбх = Мхбх / Мухрм, ки дар ин ҷо: Мхбх – маблағи хароҷот барои хоҷагӣ, сомонӣ; Мухрм – маблағи умуми хароҷот барои раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ | Ҳиссаи хароҷоти хочагидориро дар хуроҷоти умумии нигоҳубини раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ нишон медиҳад. |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Дар ҷадвали 4 нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Маъмурият ва хоҷагӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ коркард карда шуд, ки аз рӯйи онҳо натиҷаи фаъолияти раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар зерсохторҳои маъмурӣ ва хоҷагидорӣ арзёбӣ карда мешаванд. Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳангоми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои ҷадвал бузургиҳои ҳосилшуда бо бузургии давраҳои гузашта муқоиса карда шуда, сипас хулосаи зарурӣ бароварда мешавад. Мисли нишондиҳандаҳои дар ҷадвалҳои болотар коркардшуда барои баъзе аз нишондиҳандаҳо бузургии баландтарин ва барои баъзе аз дигар нишондиҳандаҳо бузургии пасттарин натиҷаи мусбати фаъолияти раванди маъмурӣ ва хоҷагидорӣ ҳисоб меёбанд.

**Ҷадвали 5 - Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Саҳми кормандони раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ» (Ҳкр) | ҲКр = Шкрит / Шукк ×100, ки дар ин ҷо: Шкрит – шумораи коргарони дар бизнес-раванди илмӣ-таҷрибавӣ фаъолияткунанда, нафар; Шукк – шумораи умумии коргарони корхона | Ҳиссаи кормандони раванди фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ дар шумораи умумии коргарони корхонаро нишон медиҳад |
| 2 | Коэфитсиенти азхудкунии маҳсулотҳои нав (Камн) | Камн = Ммн / Муми, ки дар ин ҷо: Ммн – миқдори маҳсулотҳои навихтироъшуда, адад; Муми – миқдори умумии маҳсулотҳои истеҳсолшуда | Самараи кори бизнес-раванди фаъолияти илмӣ-таҷриабавиро дар истеҳсоли маҳсулотҳои нави корхона нишон медиҳад |
| 3 | Коэфитсиенти рушди инноватсионӣ (Кри) | Кри = Мхи / Дф, ки дар ин ҷо: Мхи – маблағи хароҷот барои инноватсия, сомонӣ; Дф – маблағи даромад аз фурӯш дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ин нишондиҳанда дараҷаи маблағгузорӣ барои рушди иннватсиониро нишон медиҳад |
| 4 | Саҳми даромад аз маҳсулотҳои навихтироъшуда (Сдмн) | Сдмн = Дфмн / Дфу×100, ки дар ин ҷо: Дфмн – даромад аз фурӯши маҳсулотҳои навихтироъшуда, сомонӣ; Дфу – даромад аз фурӯши умумӣ дар корхона, сомонӣ | Саҳми даромадҳо аз маҳсулотҳои навихтироъшударо дар ҳаҷми умумии даромад аз фурӯши умумӣ муайян мекунад |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Нишондиҳандаҳое, ки дар ҷадвали 5 таҳия карда шудаанд, натиҷаи кори бизнес-раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавиро» васф менамоянд. Танҳо бузургии баландтарин аз рӯйи тамоми нишондиҳандаҳои муайяншуда натиҷаҳои хуби кори бизнес-равандро нишон медиҳанд.

Дар ҷадвали 6 нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Сармоягузорӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ пешниҳод карда мешавад.

**Ҷадвали 6 - Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Сармоягузорӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Вазни қиёсии корҳое, ки дар вақти таъиншуда иҷро карда шудаанд (Вқки) | Вқки = Кив / Киу ×100, ки дар ин ҷо: Кив – корҳои дар вақти таъиншуда иҷрошуда, сомонӣ; Киу – корҳои умумии иҷрошаванда дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Нишондиҳанда натиҷаи иҷроиши корҳои бауҳдагирифташудро нишон медиҳад |
| 2 | Риоякунии буҷети хароҷот барои сармоягузории асосӣ (Рбх) | Рбх = Хҳки / Хнки×100, ки дар ин ҷо: Хҳки – хароҷоти ҳақиқии корҳои иҷрошуда, сомонӣ; Хнки – маблағи нақшавии хароҷот барои корҳои иҷрошаванда дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ин нишондиҳанда риоягардии маблағи хароҷот барои сармоягузории асосӣ нисбат ба маблағҳои банақшагирифташуда барои ин корҳоро нишон медиҳад. |
| 3 | Риояи фоизи иҷроиши корҳо (Рфик) | Рфик = Кви / Аус ×100, ки дар ин ҷо: Кви – корҳои воқеан иҷрошуда дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ; Аус – арзиши умумии сармоягузорӣ, сомонӣ | Нишониҳанда фоизи корҳои иҷрошударо нисбат ба маблағи умумии банақшагирифташудаи сармоягузорӣ нишон дода, ҳудуди тамоюл барои он муайян карда мешавад. |
| 4 | Таносуби маблағи сармоягузорӣ бар маблағи даромад аз фурӯш (Тсф) | Тсф = Мс / Дф, ки дар ин ҷо: Мс – мабалғи сармоягузории амалишуда дар давоми сол, сомонӣ; Дф – маблағи даромад аз фурӯш дар давоми сол, сомонӣ | Ин нишондиҳанда таносуби хароҷот барои сармоягузориҳои асосӣ бар маблағи даромад аз фурӯшро нишон медиҳад |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Мо дар ҷадвалҳои 1 - 6 номгӯйи нишондиҳандаҳои зарурирo барои баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ муайян намудем. Аз рӯйи бузургиҳои ҳисобшудаи нишондиҳандаҳо дарҳол ва мустақиман хулосаи лозимиро баровардан ғайриимкон аст. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда, яъне баҳогузории амиқи фаъолияти бизнес-равандҳо дар натиҷаи таҳқиқи вазъи бозори фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи корхонаҳои фармасевтӣ мо барои бузургии нишондиҳандаҳо фосилаи муайянро (Ҷадвали 7) ошкор намудем, ки онҳо дараҷаи кори босамар ё бесамари бизнес-равандро нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 7.Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба арзёбии натиҷаи фаъолияти бизнес-равандҳо дар ҶДММ «ТБШ (Тиб барои шумо)» барои соли ҳисоботии 2022**

| № | Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Фосилаи баҳогузорӣ | Бузургии нишондиҳанда дар соли ҳисоботӣ | Баҳои НАС |
|---|---|---|---|---|---|
| **1. Бизнес-раванди «Таъминот»** | | | | | |
| 1 | Коэфитсиенти гирдгардиши мавод (Кгм) | Маро-тиба | А: > 10; Б: 8-10; С: 5-8; Д: 3-5; Е: <3 | 9 | В |
| 2 | Фоизи истифоданашудаи маводҳо (Финм) | % | А: < 5; Б: 5-10; С: 11-15; Д: 16-20; Е: >20 | 12 | С |
| 3 | Фоизи иҷроиши нақшаи таъмини мавод (Финтм) | % | А: 97-100; Б: 94-96; С: 92-93; Д: 90-93; Е: <90 | 95 | В |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Вазни қиёсии дархостҳо барои харидкуниҳое, ки дар вақташ иҷро шудаанд (Вқхи) | % | А: 97-100; Б: 94-96; С: 92-93; Д: 90-93; Е: <90 | 98 | А |
| 5 | Коэфитсиенти навънокии захираҳои молию моддӣ (Кнзмм) | К | А: 1,0; Б: 0,95-1,0; С: 0,90-0,95; Д: 0,85-0,90; Е: <0,85 | 0,86 | Д |
| **2. Бизнес раванди «Истеҳсолот»** | | | | | **В** |
| 6 | Иҷроиши нақшаи истеҳсол (Ини) | % | А: >130; Б: 110-130; С: 100-110; Д: 90-100; Е: <90 | 135 | А |
| 7 | Коэфитсиенти самаранок истифодабарии масоҳатҳои истеҳсолӣ (Кими) | **К** | А: 1,0; Б: 0,95-1,0; С: 0,90-0,95; Д: 0,80-0,90; Е: <0,80 | 0,96 | В |
| 8 | Ҳаҷми истеҳсол ба ҳар як корманд (дар коргоҳ) (Ҳик) | Ҳазор сомонӣ/ одам | А: 120,0; Б: 100-120; С: 90-100; Д: 80-90; Е: < 80 | 102 | В |
| 9 | Вақти даври истеҳсолӣ (меъёр 12 соат) | соат | А: <12,0; Б: 12-14; С: 14-16; Д: 18-20; Е: >20 | 12 | А |
| 10 | Гирдгардиши маҳсулоти тайёр (Гм) | Маро-тиба | А: >12; Б: 10-12; С: 8-10; Д: 5-8; Е: <5 | 8,1 | С |
| 11 | Гирдгардиши захираҳои истеҳсолӣ (Гзи) | Маро-тиба | А: >12; Б: 10-12; С: 8-10; Д: 5-8; Е: <5 | 9 | С |
| 12 | Риояи фоизи тамоюли хароҷоти ҳақиқии раванди истеҳсолот нисбат ба буҷет (Ртхҳи) | % | А: <2,0; Б: 2-4; С: 4-6; Д: 6-8; Е: >10 | 2,8 | В |
| **3. Бизнес-раванди «Фурӯш»** | | | | | **В** |
| 13 | Коэфитсифенти гирдгардиши молҳо (Кгм) | Мароти ба | А: >6; Б: 4-5; С: 3; Д: 2; Е: <2 | 4 | В |
| 14 | Давомнокии вақти нигоҳдории маҳсулот дар анбор (Внма) | соат | А: <48; Б: 48-72; С: 72-96; Д: 96-120; Е: >120 | 98 | Д |
| 15 | Ҳиссаи хароҷот барои нигоҳдории захираҳои молию моддӣ (Хзмм) | % | А: <5; Б: 5-6; С: 6-7; Д: 7-9; Е: >10 | 4 | А |
| 16 | Вазни қиёсии қарзи дебеторӣ дар ҳаҷми маблағи фурӯш (Вқдф) | % | А: <10; Б: 10-15; С: 15-20; Д: 20-23; Е: >30 | 18 | С |
| 17 | Коэфитсиенти содиқ будан ё набудани харидорон (Ксх) | К | А: >0,90; Б: 0,90-0,85; С: 0,85-0,80; Д: 0,80-0,75; Е: <0,75 | 0,86 | С |
| 18 | Ҳиссаи бозор (Ҳб) | % | А: >25; Б: 25-20; С: 20-15; Д: 15-10; Е: <10 | 15 | С |
| 19 | Ҳиссаи даъвоҳо ва бозпасгардониии молҳо (Ҳд) | % | А: <3; Б: 3-5; С: 5-7; Д: 7-8; Е: >8 | 2 | А |
| 20 | Фоиданокии фурӯш (Фф) | % | А: ≥20; Б: 12-20; С: 5-12; Д: 0-5; Е: < 0 | 18 | В |
| 21 | Саҳми филлиал ё намояндагӣ дар ҳаҷми фурӯши маҳсулот (Сфф) | % | А: ≥10; Б: 8-10; С: 5-8; Д: 3-5; Е: < 3 | 11 | А |
| 22 | Таносуби хароҷот барои филлиал ва маблағи даромад аз фурӯши филлиал (Тхф) | К | А: <0,05; Б: 0,05-0,07; С: 0,07-0,09; Д: 0,09-0,12; Е: >0,12 | 0,05 | В |
| **4.Бизнес-раванди «Маъмурият ва хоҷагӣ»** | | | | | |
| 23 | Ҳосилнокии автоматикунонии равандҳо (Ҳар) | % | А: ≥90; В: 85-90; С: 80-85; Д: 75-80; Е: < 75 | 80 | С |
| 24 | Ҳиссаи хароҷот барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти раванд (Ҳхбм) | % | А: <5; В: 5-7; С: 7-9; Д: 9-12; Е: >12 | 4 | А |
| 25 | Риоякунии буҷети хароҷот барои раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ (Рбхрм) | % | А: <1; В: 1-2; С: 2-3; Д: 3-5; Е: >5 | 1,4 | В |
| 26 | Самаранокии фаъолияти корхона (Сфк) | % | А: ≥30; В: 20-30; С: 10-20; Д: 3-10; Е: < 3 | 17 | С |
| 27 | Ҳиссаи хароҷот барои татбиқи автоматикунонии бизнес-равандҳо (Ҳхар) | % | А: ≥20; В: 15-20; С: 10-15; Д: 5-10; Е: < 5 | 5 | Е |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 28 | Ҳиссаи хароҷот барои идоракунии кадрҳо дар ҳаҷми умумии хароҷоти раванд (Ҳхик) | % | A: <5; B: 5-7; C: 7-9; Д: 9-12; E: >12 | 6 | B |
| 29 | Вазни қиёсии вакансияҳои холӣ (Ҳвх) | % | A: <3; B: 3-5; C: 5-7; Д: 7-9; E: >9 | 6 | C |
| 30 | Ошкоршавии қоидавайронкуниҳои меҳнатӣ нисбат ба соли гузашта | адад | A: <-(5); B: -(3-5); C: -0-3; Д: +(1-3); E: > (+30) | -3 | B |
| 31 | Коэфитсиенти гардиши кадрҳо (Кгк) | К | A: ≤0,05; B: 0,05-0,07; C: 0,07-0,10; Д: 0,10-0,15; E: >0,15 | 6 | B |
| 32 | Самаранокии кори кадрҳо (Скк) | % | A: ≥50; B: 40-50; C: 20-40; Д: 10-20; E: < 10 | 42 | B |
| 33 | Ҳиссаи хароҷот барои бозомузии кормандон (Ҳхбк) | % | A: ≥5; B: 4-5; C: 2-4; Д: 1-2; E: < 1 | 1,5 | Д |
| 34 | Ҳиссаи хароҷот барои ҳифзи экологӣ (Ҳхҳэ) | % | A: <1; B:1,5-2; C: 2-2,5; Д: 2,5-3; E: >3 | 1,5 | B |
| 35 | Ҳиссаи хароҷот барои бахши хоҷагӣ (Ҳхбх) | % | A: <2; B: 2-3; C: 3-4; Д: 4-6; E: >6 | 2,3 | B |
| **5.Бизнес-раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ»** | | | | | |
| **36** | Ҳиссаи кормандони раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ» (Ҳкр) | % | A: ≥ 20; B: 10-20; C: 5-10; Д: 0-5; E:=0 | 4 | C |
| **37** | Коэфитсиенти азхудкунии маҳсулотҳои нав (Камн) | К | A: ≥ 0,25; B: 0,20-0,25; C: 0,15-0,20; Д: 0,10-0,15; E: <0,10 | 0,15 | C |
| **38** | Коэфитсиенти рушди инноватсионӣ (Кри) | % | A: ≥ 20; B: 10-20; C: 5-10; Д: 0-5; E:=0 | 2 | Д |
| **39** | Ҳиссаи даромад аз маҳсулотҳои навихтироъшуда (Сдмн) | % | A: ≥ 20; B: 10-20; C: 5-10; Д: 0-5; E:=0 | 11 | B |
| **6.Бизнес-раванди «Сармоягузорӣ»** | | | | | |
| **40** | Вазни қиёсии корҳое, ки дар вақти таъиншуда иҷро карда шудаанд (Вқки) | % | A: = 100; B: 98-99; C: 96-99; Д: 90-94; E: < 90 | 98 | B |
| **41** | Риоякунии буҷети хароҷот барои сармоягузории асосӣ (Рбх) | % | A: ≤100; B: 100-101; C: 101-103; Д: 103-105; E: >105 | 100 | B |
| **42** | Риояи фоизи иҷроиши корҳо (Рфик), ҳудуди тамоюли муайяншуда аз нақша | % | A: ≤0; B: 0-4; C: 4-7; Д: 7-10; E: >10 | 3 | B |
| **43** | Таносуби маблағи сармоягузорӣ бар маблағи даромад аз фурӯш (Тсф) | % | A: ≥ 0,20; B: 0,10-0,20; C: 0,05-0,10; Д: 0-0,5; E:=0 | 0,12 | B |
| | **Ҳамагӣ** | | | | |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси маълумот аз ҶДММ «ТБШ» тартиб додааст.*

Барои муайян кардани натиҷаи ниҳоӣ, яъне самаранокии кори корхона дар маҷмуъ, дар соли ҳисоботӣ баҳои ҳуруфии ҳосилшудаи нишондиҳандаҳоро (А, В, С, Д, Е) (тибқи маълумотҳои ҷадвали 7) аз рӯйи ҳар як бизнес-раванд аввал муайян карда, сипас дар маҷмуъ барои корхона ҳисоб мекунем (Ҷадвали 8). Бо ин мақсад баҳои ҳуруфиро ба баҳои рақамӣ гардонида, натиҷаи миёнаи ҳосилшударо ҳамчун баҳои ҷамъбастӣ барои фаъолияти бизнес-раванд эътироф мекунем. Яъне: А=5; В=4; С=3; Д=2; Е=1. Масалан, натиҷаи миёнаро ин тавр ҳисоб мекунем: (5+4+3+2+1) ÷5= 3,33 (С)

Дар ҷадвали 8 баҳои нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-равандҳоро бо ифодаи ҳуруфӣ ва рақамӣ ҷамъбаст мекунем.

Маълумоти ҷадвали 8-ро таҳлил намуда ба хулосае меоем, ки дар маҷмуъ ҳамаи бизнес-равандҳо фаъолияти худро дар соли ҳисоботӣ бо «самаранокии хуб» (В) (тибқи низоми баҳогузорӣ, ки дар аввали мақолаи мазкур пешниҳод намудем) ҷамъбаст намудаанд, ба ғайр аз бизнес-раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ», ки натиҷаи он бо баҳои С (3,0), яъне самаранокии миёна ҷамъбаст гардидааст. Дар маҷмуъ натиҷаи бизнес-раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ» ба натиҷаи умумии ширкат таъсири ҷиддӣ нарасонидааст, лекин ин ҳолат набояд боиси нигаронии роҳбарияти корхона нагардад. Барои бартараф кардани каму костҳо дар фаъолияти бизнес-раванди мазкур роҳбариятро лозим аст чораҳои заруриро ҷустуҷӯ намоянд.

**Ҷадвали 8 – Арзёбии ҷамъбастии фаъолияти бизнес-равандхо дар ҶДММ «ТБШ», барои соли ҳисоботии 2022**

| Бизнес-равандҳо | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Барои бизнес-раванди «Таъминт» | | Барои бизнес-раванди «Истеҳсолот» | | Барои бизнес -раванди «Фурӯш» | | Барои бизнес -раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ» | | Барои бизнес -раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ» | | Барои бизнес -раванди «Сармоягузорӣ» | | Корхона дар маҷмуъ |
| Баҳо | | Баҳо | | Баҳо | | Баҳо | | Баҳо | | Баҳо | | |
| В | 4 | А | 5 | В | 4 | С | 3 | С | 3 | В | 4 | |
| С | 3 | В | 4 | Д | 2 | А | 5 | С | 3 | В | 4 | |
| В | 4 | В | 4 | А | 5 | В | 4 | Д | 2 | В | 4 | |
| А | 5 | А | 5 | С | 3 | С | 3 | В | 4 | В | 4 | |
| Д | 2 | С | 3 | С | 3 | Е | 1 | | | | | |
| | | С | 3 | С | 3 | В | 4 | | | | | |
| | | В | 4 | А | 5 | С | 3 | | | | | |
| | | | | В | 4 | В | 4 | | | | | |
| | | | | А | 5 | В | 4 | | | | | |
| | | | | В | 4 | В | 4 | | | | | |
| | | | | | | Д | 2 | | | | | |
| | | | | | | В | 4 | | | | | |
| | | | | | | В | 4 | | | | | |
| **В** | **3,6 (4)** | **В** | **4,0** | **В** | **3,8 (4)** | **В** | **3,75 (4)** | **С** | **3,0** | **В** | **4,0** | **3,69 (В)** |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 7 тартиб додааст.*

Хуллас, нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (НАС) ва баҳогузории фаъолияти бизнес равандҳо, ки методикаи онро мо дар ин маколаи илмӣ коркард намудем, усули асосии арзёбии фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ ҳисоб ёфта, барои назорати идоракунӣ ва қабули қарорҳои босамар заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Бо сабабе ки бизнес-равандҳои зикршуда функсияҳои гуногунро иҷро мекунанд, муайян кардани нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти онҳо низ равишҳои методии махсусро талаб карда, интихоби нишондиҳандаҳои муносиби баҳои самаранокӣ барои роҳбарияти корхона кори муҳим мебошад.

**Адабиёт**


1. Бобиев И.А. Холзода Д. Классификация сегментов деятельности по уровням управления и представление сегментной отчетности в промышленных предприятиях / И.А. Бобиев, Д. Холзода // Актуальные вопросы развития бухгалтерского учета, аудита, анализа, налогообложения, государственного финансового контроля: современные вызовы и вектор развития. Материалы I Международной научно-практической конференции. Душанбе (19-20 январи соли 2024), 2024. – С.65-71.
2. Болтуева Р.К. Рушди методикаи баҳисобгирии харочот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар асоси низоми ҳисобҳои ширкати фармасевтӣ / Р.К. Болтуева // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – №3 (53) 2024. – С.30-40. ISSN 2308-054X.
3. Болтуева Р.К. Баҳисобгирии идоракунӣ чун системаи иттилоотии дохилихоҷагӣ: масъалаҳои омӯзиши методологии он / И.А. Бобиев, Р.К.Болтуева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024.– №11. – С.80-87 (0,5 ҷ.ч.).
4. Медведева Е.А. Развитие управленческого учета по бизнес-процессам и стадиям жизненного цикла продукции / Е.А.Медведева // дисс. к.э.н. по. спец. 0800.12 – бухгалтерский учет, статистика. Ставрополь, 2022, – 256 с.
5. Низомов С.Ф., Бобиев И.А. Асосҳои консептуалии ташаккули ҳисоботи сегментӣ дар холдингҳои саноатӣ / С.Ф.Низомов, И.А. Бобиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. – №8. – С.83-91.
6. Низомов С.Ф., Бобиев И.А., Икромова М.Х. Буҷетсозӣ ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи сегментҳо дар ташкилотҳои сохтмонӣ / С.Ф.Низомов, И.А. Бобиев, М.Х.Икромова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. – №2. – С.75-87.


## МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ҲАМЧУН ОМИЛИ АМАЛИШАВИИ СИЁСАТИ АНДОЗ


**Мизробов С.С. н.и.и., дотсент, Ҷонмуҳамадзода С.С. магистранти ДБССТ**


Маъмурикунонии андоз яке аз омилҳои асосии амалишавии сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Сиёсати андози ба ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти

соҳибкорӣ, рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва фаъолияти навоварона бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андоз ва сабукиҳои андоз нигарондашуда, болоравии сифатӣ ва миқдории иқтисодиро таъмин мегардонад.

Дар баробари пешбинӣ гардидани сабукиҳо ва имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла паст гардидани меъёри андозҳои асосии фаъолият, аз қабили андози даромад ва андоз аз арзиши иловашуда дар Кодекси андози нав бо мақсади то маҳсулоти ниҳоӣ коркард гардидани консентрати металлҳо, аз ҷумла металлҳои сиёҳ, ранга, нодир, радиоактивӣ, ва бо ҳамин васила таъмин намудани рушди соҳаи саноати коркард ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои содироти молҳои мазкур рентаи содиротӣ пешбинӣ карда шудааст. Меъёри рентаи содиротӣ аз 1 январи соли 2023 ба андозаи 2 фоиз, аз 1 январи соли 2025 ба андозаи 4 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 ба андозаи 6 фоиз аз арзиши фурӯш пешбинӣ гардидааст[2].

Дар Кодекси андози нав ҷиҳати таъмини фаъолияти рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва коҳиш додани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ меъёри андозҳо бознигарӣ ва такмил дода шуд, аз ҷумла[2]:

- бо мақсади беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, ҳадди даромади аз андозбандӣ озоди шахсони воқеӣ барои ҳар моҳи тақвимӣ аз як нишондиҳанда то ба ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд карда шуда, меъёрҳои андози даромади шахсони воқеӣ - 8 ва 13 фоиз бо меъёри 12 фоиз иваз карда шуд;

- меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ ба андозаи 20 фоиз ё 3 фоиз кам нисбат ба меъёрҳои амалкунанда пешбинӣ шудааст;

- бо мақсади таъмини рушди иқтисодии кишвар меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои дигар намуди фаъолиятҳо, аз ҷумла савдо, хизматрасониҳои суғуртавӣ, ҳамлу нақл, тиббӣ ва ғайра ба андозаи 18 фоиз пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба меъёри амалкунанда (23 фоиз) 5 фоиз кам мебошад;

- бо мақсади бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ баробар намудани сатҳи андозбандӣ, дар лоиҳаи Кодекси андоз меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз (амалкунанда) ба 15 фоиз паст карда шуда, меъёри андози мазкур аз 1 январи соли 2024 ба андозаи 14 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 то ба 13 фоиз паст карда мешавад, ки камшавии меъёр нисбат ба Кодекси андози амалкунанда мутаносибан 3 фоиз, 4 фоиз ва 5 фоизро ташкил медиҳад.

- бо мақсади дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда аз фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо меъёри 5 фоиз пешбинӣ карда шуд, ки камшавии меъёр нисбат ба Кодекси андози амалкунанда 13 фоизро ташкил медиҳад.

Инчунин, ҷиҳати дастгирии субъектҳои сайёҳӣ меъёри андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ низ 7 фоиз (меъёри пасткардашуда) пешбинӣ гардид, ки нисбат ба меъёри амалкунанда 11 фоиз кам мебошад. Илова бар ин, ҷиҳати зиёд намудани ҷойҳои корӣ меъёри андози иҷтимоӣ барои корфармоён аз 25 фоиз ба 20 фоиз паст карда шудааст[4].

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав имтиёзҳои андозии амалкунанда нигоҳ дошта шуда, ҳамзамон, дар он як қатор имтиёзҳо ва сабукиҳои иловагӣ, инчунин, тағйироту навгониҳо пешбинӣ карда шудааст. Аз ҷумла андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз номгӯи андозҳо хориҷ гардида, андоз аз фоида бо андоз аз даромад ва андоз аз воситаҳои нақлиёт бо андозҳо аз молу мулк муттаҳид карда шуданд. Ҳамчунин, шумораи умумии андозҳо аз 10 намуд ба 7 намуд кам карда шудааст.

Меъёрҳои андози даромади шахсони воқеӣ аз меъёри 8 ва 13 фоиз бо меъёри 12 фоиз иваз карда шуда, тарҳи шахсӣ (маблағи аз андозбандӣ озод) ба ҷойи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҳаҷми ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ гардидааст, ки он ҳам ба манфиати андозсупоранда мебошад[5].

Меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (андоз аз фоида) барои ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва ширкатҳои мобилӣ ба андозаи 20 фоиз, яъне аз меъёри амалкунанда 3 фоиз камтар ва барои дигар намуди фаъолият меъёри 18 фоиз, яъне аз меъёри амалкунанда 5 фоиз камтар, пешбинӣ карда шудааст.

Меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз то ба 15 фоиз паст карда шуд. Дар баробари ин, аз 1-уми январи соли 2022 то 1-уми январи соли 2027 давра ба давра аз 15 то ба 13 фоиз паст намудани меъёри ин намуди андоз пешбинӣ гардидааст.

Меъёри андози иҷтимоӣ барои суғуртакунандагон (ба истисноӣ ташкилотҳои буҷетӣ) аз 25 фоиз ба 20 фоиз паст карда шудааст. Супорандагони андози низоми содакардашуда ҳуқуқ доранд ихтиёран барои бақайдгирӣ ҳамчун супорандаи ААИ мутобиқи талаботи низоми умумии андозбандӣ ба мақомоти андоз ариза пешниҳод намоянд.

Сиёсати андози ба ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва фаъолияти навоварона бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андоз ва сабукиҳои андоз нигарондашуда, болоравии сифатӣ ва миқдории иқтисодиро таъмин мегардонад.

Даромадҳои буҷетӣ раванди инъикоскунандаи муносибатҳои иқтисодии байни давлату корхонаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар ҷараёни фароҳамоварии фондҳои буҷети мамлакат мебошанд. Ин муносибатҳои иқтисодӣ пардохтҳои гуногунеро, ки корхонаҳо, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ ба буҷет интиқол медиҳанд, ифода менамоянд.

Ҷараёни ислоҳоти андоз имрӯз низ идома дорад. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он соли 1998 қабул шуда буд, мудом тағйироту иловаҳо ворид карда мешуд. Дар ҷараёни гузаронидани ислоҳоти андоз соли 2004 Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ин кодекс намудҳои нави андозҳо, ба монанди андоз аз коркарди маҳсулот, роялти барои об ҷорӣ гардид. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ки 17 сентябри соли 2012 таҳти №901 ба имзо расида, аз 1 январи соли 2013 дар амал ҷорӣ карда шуд, номгӯи андозҳо аз 21 намуд то 10 намуд кам карда шуд. Дар кодекси андози амалкунанда, ки соли 2022 қабул гардид миқдори андозҳо аз 10 ба 7 адад расонидашуда якчанд имтиёзҳои дигар пешбинӣ гардидааст[3,с.87].

Пешниҳодҳо оид ба роҳҳои такмилдиҳии системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вобастакунии онҳо ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун:

1. Ҳангоми дида баромадани меёрҳои андоз, ҷори намудани андозҳои нав ба дигар кишварҳо такя накарда, шароити иқтисодии худи кишварро ба назар гирифта пас аз он ҷори намудани онҳоро тавсия диҳанд.

2. Барои кам кардани хароҷотҳо ва самаранок гаштани сифати кор аз тамоми техникаву технологияи ҳозиразамон истифода бурда шавад.

4. Амали гардонидани назорат оиди ба таври нақшагии хазинадорӣ, иҷронамудани буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, яъне амали намудани назорати ҳаррӯза, оиди иҷроиши буҷети давлатӣ;

5. Ба зери назорати қатъӣ аз тарафи органҳои давлатии ҳокимият қарор гирифтан, оиди бо пурраги ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ (воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ) ва таъмини иҷроиши онҳо;

6. Инкишоф ва такмил додани фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳамаи бизнеси хурд ва миёна;

Натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлил нишон медиҳанд, ки роҳҳои такмили иҷроиши буҷети давлати воқеан тадбиқ гарданд, чунин тарз нафақат нақшаи даромади буҷетро иҷро мегардонад, балки барзиёд иҷро гардиданаш эҳтимоли калон дорад. Маблағҳои иловагӣ ба даромади буҷети давлатӣ ворид гардида, ки онҳо барои молиякунонии барномаи гуногуни иқтисодию иҷтимоии мамлакат сафарбар намудан имконият медиҳанд.

**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.09.2012 сол, таҳти №901 (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28.12.2013 сол, таҳти №1046; аз 18.03.2015 сол, таҳти №1188; аз 8.11.2016 сол, таҳти №301).

2. Кодекси андозиҶумҳурии Тоҷикистон Душанбе: «Ирфон» 2022с;
3. Гулов Ш.М. Назария ва таърихи андозбандӣ Душанбе: «Матбааи ДМТ» 2022с.
4. Сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.minfin.tj
5. Сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.andoz.tj

# АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ГОРНОДОБЫВАЮЩЕЙ ОТРАСЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**Шарифзода Ш.Р. – к.э.н., доцент, кафедра менеджмента и маркетинга МУТПТ**

Социально-экономическая система характеризуется неравновесностью и цикличностью, возникающими при влиянии внешней среды. Система и ее элементы подвергаются флуктуации (колебаниям, изменениям, возмущениям), которые в стабильных, закрытых системах гасятся самостоятельно. В открытой системе при влиянии внешнего воздействия внутренние колебания нарастают до такого уровня, при котором система не в состоянии их гасить.

Республика Таджикистан иметь в своём распоряжении богатыми и различные природные ресурсы, высоким производственным и минерально-сырьевым потенциалом, что формирует благоприятную условию для развития экономики. В Республике Таджикистан обнаружено, разведано и более подготовлено к промышленному освоению более 600 месторождений и 800 проявлений полезных ископаемых. Республика Таджикистан имеет месторождениями ртути, сурьмы, цинка, свинца, серебра и каменной соли, которые считаются одними из крупнейших на пространстве СНГ. Горнодобывающая деятельность осуществляется более чем по 70 видам ископаемых, включая серебро, золото, уголь, вольфрам, олово, свинец и другие полезные ископаемые [1].

Предметом управления социально-экономическим развитием (СЭР) являются отношения, которые возникают между субъектами с целью достижения социальных и экономических целей развития. Отношения реализуются в ходе разработки и внедрения различных программ развития и институтов. При этом наемные работники обеспечиваются достойной оплатой и условиями труда, участвуют в распределении чистой прибыли предприятия через систему институтов, кроме того стимулируется деятельность собственников по накоплению финансовых резервов в расширение и совершенствование производства[3].

Под отношениями в общем их виде понимаются определенные связи субъектов, отражающие сущность и характер их взаимодействия. Анализ научной литературы, подтвержденный результатами деятельности предприятий, позволяет выделять типы отношений, в которых находятся субъекты предприятия в процессе производственной деятельности: производственные, социально экономические, социально-трудовые, организационно-экономические.

Страна участвует инициативе по прозрачности в горнодобывающем секторе и подготовила уже четыре национальных отчета. Основная цель – обеспечить открытость и публичность данных по горнодобывающему сектору и привлечь иностранных инвесторов [7]. Однако поступления инвестиций в отрасль нестабильно. В связи с этим, как верно отмечает Каримова М.Т. «Перед страной стоит задача кардинально пересмотреть национальную инвестиционную стратегию с целью дать возможность развить соответствующую сеть государственных и смешанных институтов, предназначенных для реализации долгосрочных программ» [3]. Каримова М.Т. подчёркивала, что «Сегодняшнее состояние промышленности является следствием влияния как макроэкономических факторов внешней среды, так и положением на самих промышленных предприятиях: в частности слабой адаптацией в конкурентной среде, преобладанием в подотраслевой промышленной структуре регионов комплекса рыночных не привлекательных производств, с низким доступом к инвестиционным ресурсам и низкой инвестиционной привлекательностью целого ряда производств» [4].




*Рис.1. Методологическая развитие структуры исследования грнодобывающего предприятия [3]*

Производственно-экономические отношения эффективно реализуются в условиях и на принципах социального партнерства, позволяющих реализовать механизм гармонизации потребностей и интересов основных субъектов предприятия: работников и собственников, а также внешних контрагентов и государства, и являются основным условием использования человеческого капитала, при которой повышается использование потенциала производственных предприятий, и возможностей, заложенных в персонале. Являясь специфическим социально-экономическим институтом, производственно-экономические отношения выступает как звено, объединяющее всех субъектов предприятия в сфере производства, направляя и стимулируя деятельность отдельных групп людей[8].

Несомненно, что горнодобывающей сектор в настоящее время занимает важную роль в экономике страны. Доля объёма горнодобывающего сектора в общем объёме промышленного производства в стране в 2021г. составила 21,7%,  а в ВВП страны 8,5%. Динамика изменения доли горнодобывающего сектора в объёме промышленного производства и ВВП страны отражена на рис.1-2.




*Рис.2. Доля добывающей промышленности сектора в общем объёме промышленной продукции*

Горнодобывающая промышленность является показателем экономического потенциала и развития страны. Отрасль охватывает интересы многих участников производственного процесса: государства, добывающих компаний, гражданское общество, инвесторов, подрядчиков и поставщиков, сервисных компаний, местного населения и их организаций, джамоатов, затронутые разработками, профсоюзов, исследовательских организаций и потребителей[6].

В этих условиях важно эффективное и рациональное ведения горнодобывающего производства, с целью не нанесения вреда окружающей среде и здоровью населения.

Для устойчивого развития горнорудной промышленности и обеспечивающих ее отраслей материального производства – производство материалов и энергии, изготовление машин и оборудования для добычи и переработки минерального сырья, и т.п., необходима обоснованная государственная инвестиционная политика. Согласно [9], инвестиции представляют собой прежде всего денежные средства, вкладываемые в объекты предпринимательской и (или) иной деятельности в целях получения прибыли. Для реализации инвестиционной деятельности необходимо вложение инвестиций и осуществление практических действий в целях получения прибыли и (или) достижения иного полезного эффекта [10].

В современных условиях для формирования инвестиционной политики в горнорудной промышленности особо важная роль принадлежит государству, которая реализуется средствами или инструментами государственной инвестиционной политики [5].

Экономический рост будет в основном поддерживаться за счет внутренних источников и дополняться эффективным использованием внешних источников финансирования национальной экономики. Доля чистых косвенных налогов в структуре ВВП стабилизируется, что обеспечит бюджетную сбалансированность[11]. Расходы на образование и науку достигнут уровня 7%, а на здравоохранение и социальную защиту 10% ВВП.

Таким образом, современный уровень развития теории производственных преобразований, нашедший свое выражение в вопросах оптимизации функционирования и развития горного производства, и все возрастающая потребность в соответствии параметров социально-экономической системы целям субъектов требует развития теоретических положений и методов управления социально-экономическим развитием горнодобывающего предприятия.

**Литература:**

1. 4й национальный отчет о реализации инициативы прозрачности в добывающих отраслях в Республике Таджикистан за 2019-2021гг.. -Душанбе: ECOVIS.-184с.

2. Ганицкий, В. И. Организация и упр. горным производством / В. И. Ганицкий. - М.: Недра, 1991. - 363 с.

3. Каплан А.В. Управление социально-экономическим развитием горнодобывающего предприятия - М.: Экономика, 2015. - 270 с.

4. Коротеев Н. Д. Формирование устойчивой минерально-сырьевой базы территории // Уральская горная школа – регионам: материалы Межд. науч.-практич. конф. Екатеринбург: Изд-во УГГУ, 2017. С. 700–701.

5. Каримова М.Т., Шарифзода Ш. Роль промышленности в развитии национальной экономии (на примере горнодобывающего сектора)// Экономика Таджикистана. 2023, №3. С.-85-92.

6. Промышленность Республики Таджикистан. -Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан.-2023.-89с.
7. Промышленность Республики Таджикистан. Статистический сборник. -Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. -2023.- С.13-16.
8. Статистический ежегодник.-Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан.-2023.-420с.
9. Sharifzoda, Sh. R. Trends in the development of the mining industry of the Republic of Tajikistan / Sh. R. Sharifzoda // Herald of the Tajik State University of Commerce. – 2024. – No. 2(52). – EDN COSZXJ.
10. Шарифзода, Ш. Р. Особенности развития горнодобывающих предприятий в Республике Таджикистан / Ш. Р. Шарифзода // Таджикистан и современный мир. – 2024. – № 1(85). – С. 191-202. – EDN JMGTXH.
11. Шарифзода, Ш. Р. Экономическая роль и подходы к развитию горнодобывающего сектора Республики Таджикистан / Ш. Р. Шарифзода // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2023. – № 4-1(55). – С. 195-202. – EDN HWUZPU.

## ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ ИНТЕРНЕТ-МАРКЕТИНГ

**Раҳмонзода М.Н. - н.и.и., Мирзоев Т.М. - ассистенти ДБССТ**

Дар ҷаҳони муосир, маркетинги интернетӣ дар байни воситаҳои таблиғот ҷои худро мустаҳкам кардааст. Ин соҳаи маркетинг бо сабаби истифодаи васеи Интернет маъруфияти васеъ ва рушди босуръат пайдо кардааст. Мусаллам аст, ки маркетинги интернетӣ аз ҷиҳати дастрасӣ ба аҳолӣ аз усулҳои дигар бартарӣ дорад.

Интернет инчунин барои фурӯшандагон аз сабаби мавҷудияти як қатор воситаҳои ройгон барои пешбурди молҳо ё хидматҳо ҷолиб аст, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки буҷаи худро ба таври назаррас сарфа кунанд. Аз ҳамаи гуфтаҳои боло, мо метавонем хулоса барорем, ки аз ҷиҳати самаранокӣ, маркетинги интернетӣ аз дигар соҳаҳои маркетинг хеле бартарӣ дорад ва аз ҷиҳати аҳамият барои тиҷорат онҳо ба зудӣ ба он наздик намешаванд.

Мафҳум ва моҳияти маркетинги интернетӣ тамоми маҷмӯи фаъолиятҳои маркетингиро дар бар мегирад, ки тавассути шабакаи ҷаҳонии Интернет амалӣ карда мешаванд. Маркетинги интернетӣ дар бар мегирад:

- ✓ ҷойгиркунии таблиғ;
- ✓ таъсиси ҳисобҳои тиҷоратӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва таблиғи онҳо;
- ✓ таблиғи мол ё хизматрасонӣ дар ВАО;
- ✓ фурӯши мол ё хизматрасонӣ;
- ✓ ҷамъоварӣ ва таҳлили фикру мулоҳизаҳо.

Муҳимтарин фарқият байни маркетинги интернетӣ ва маркетинги анъанавӣ, ки ҳоло маркетинги офлайнӣ номида мешавад, имкониятҳои амалан номаҳдуди қаблӣ мебошад. Дар ҳоле ки абзорҳои маркетинги офлайнӣ пеш аз ҳама ба расонидани муштариён ба нуқтаи фурӯш равона шудаанд, воситаҳои маркетинги онлайн бисёр вазифаҳои бештарро иҷро мекунанд. Аз ҷумла:

- ✓ муштарии эҳтимолиро бо маҳсулот ё хидмат бо ҳама тафсилот муаррифӣ мекунад, яъне ба ӯ дар бораи ин мавзӯъ ҳарчи бештар маълумот медиҳад;
- ✓ ҷамъ овардани маълумот барои тамос бо муштариён бо мақсади баргардонидани онҳо ба харид тавассути Интернет;
- ✓ фурӯшро мустақиман онлайн анҷом медиҳад;
- ✓ гирифтани фикру мулоҳизаҳои пурра нисбат ба мол ва хизматрасонӣ ва сари вақт ба шикоятҳои муштариён посух додан;
- ✓ ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои интерактивии пешбурди фурӯш.

Ҳамин тариқ, маркетинги интернетӣ ба амалияи истифодаи усулҳои маркетинг, васеъ кардани имкониятҳои онҳо таъсири судманд мерасонад. Илова бар ин, истифодаи истинодҳои ҷуғрофӣ имкон медиҳад, ки ба шунавандагони мақсаднок дастрас шавад. Агар истиноди ҷуғрофӣ номувофиқ бошад, шумо метавонед онро сарфи назар карда, фарогирии худро даҳ маротиба зиёд кунед.

**Афзалиятҳо ва нуқсонҳо.** Истифодаи густурдаи маркетинги онлайнро бо рӯйхати пурраи бартариҳои он нисбат ба маркетинги классикӣ ба осонӣ шарҳ додан мумкин аст. Аз ҷумла:

- ✓ ***камхарҷ*** – арзиши ҳар як воситаи маркетинги онлайн нисбат ба ҳамон абзорҳои офлайн истифодашаванда хеле арзонтар аст;
- ✓ ***фарогирӣ*** – аудиторияи мақсаднок дар муддати кӯтоҳ;
- ✓ ***андозагирӣ*** – бар хилофи маркетинги анъанавӣ, захираҳои интернетӣ ба шумо имкон медиҳанд, ки параметрҳои асосии сармоягузориҳоро пайгирӣ кунед.

Бартарии бузурги маркетинги онлайн низ чандирии он аст, яъне қобилияти тағир додани стратегия ё интихоби воситаҳои дигар дар ҳама гуна марҳила. Ҳангоми маркетинги офлайнӣ, шумо аввал бояд буҷаи ҷудошударо пурра азхуд кунед, то рӯйдодҳои навро ба нақша гиред ё ба нақшаи мавҷудаислоҳот ворид кунед.

Сарфи назар аз бартарии баръало, камбудиҳои объективии ин самтро низ қайд кардан лозим аст, аз он ҷумла:

✓ азбаски маркетинги интернетӣ нисбат ба маркетинги классикӣ аз ҷиҳати техникӣ хеле мураккабтар аст, мутахассиси соҳибхтисосро лозим аст, ки ҳама намудҳои маркетинги интернетиро дарк кунад. Ин барои пешгирӣ кардани хатогиҳо, ки дар натиҷаи он самаранокии воситаҳои маркетинг кам мешавад ва буҷет беҳуда сарф мешавад, кӯмак мекунад;

✓ маркетинги интернетӣ таваҷҷӯҳи бештар ва омодагии шабонарӯзиро барои посух додан ба дархостҳои корбаронро талаб мекунад, зеро ин категорияҳои муштариён аз ҷиҳати вақт ва сифат хеле серталабанд. Агар, як маъракаи таблиғотии муқаррарӣ гузаронида шавад, пас аз анҷоми он шумо бояд ба ҳазорон саволҳо ҷавоб диҳед ва бо садҳо корбар тамос гиред.

**Намудҳои маркетинги интернетӣ**. Имрӯз бо сабаби кӯтоҳ мавҷудияти ин навъи маркетинг дар соҳаи истилоҳот, инчунин ба навъҳои мушаххас тақсим намудани маркетинги интернетӣ тавовути мутлақ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, рӯйхате, ки дар ин ҷо оварда шудааст, ба хусусиятҳои умумии баъзе категорияҳо асос ёфтааст ва метавонад аз як манбаъ ба дигараш фарқ кунад.

Маркетинги интернетӣ ба категорияҳои асосии зерин тақсим мешавад:

- ✓ оптимизатсия ва пешбурди системаи ҷустуҷӯӣ (SEO);
- ✓ таблиғ дар ВАО;
- ✓ рекламаи контекстӣ;
- ✓ мақсаднокӣ;
- ✓ таблиғ дар шабакаҳои иҷтимоӣ;
- ✓ маркетинги мустақим;
- ✓ маъракаҳои таблиғотӣ;
- ✓ маркетинги вирусӣ.

Ҳар як намудро алоҳида баррасӣ мекунем.

**Оптимизатсияи системаи ҷустуҷӯӣ ва таблиғ.** Ин намуди маркетинг ба таъмини манбаи шумо бо мавқеи баландтарин дар натиҷаҳои системаи ҷустуҷӯ нигаронида шудааст. Ин тавассути оптимизатсияи ба истилоҳ SEO матнҳои дар манбаъ ҷойгиршуда ба даст оварда мешавад, ки аз се қисм иборат аст:

✓ мундариҷаи беназир;

✓ илова кардани калимаҳои калидӣ, яъне дархостҳое, ки корбарони Интернет дар сатри ҷустуҷӯ мепурсанд;

✓ риояи параметрҳои махсус ҳангоми таҳияи матнҳо, ки таносуби онҳо аз ҷониби роботи ҷустуҷӯ оптималӣ эътироф карда мешавад ва ба ин васила дидани бештарро таъмин мекунад;

✓ оптимизатсияи техникии захираҳо (тамғагузорӣ) мувофиқи талаботи муҳаррикҳои ҷустуҷӯ.

**Таблиғ дар ВАО.** Ба онҳое, ки дар сайтҳои тарафи сеюм ҷойгир аст, дохил мешавад. Он метавонад баннер ва тизер, дар шакли хабардиҳанда ва ғайра бошад. Асосан барои огоҳ кардан ва ҷалби муштариён хидмат мекунад, аммо фурӯш метавонад тавассути истифодаи баннерҳои кликшаванда, ки корбарро мустақиман ба мағозаи онлайн мебарад, анҷом дода мешавад. Ин гаронарзиштарин намуди таблиғ аст.

**Рекламаи контекстӣ.** Навъи маъмултарин имрӯз. Он таблиғро дар заминаи дархостҳои корбарон муаррифӣ мекунад, яъне реклама ба онҳое, ки саволҳои дахлдор медиҳанд, нишон дода мешавад.

**Ҳадаф**. Ин намуди аз ҳама назоратшавандаи таблиғ аст. Дар асоси омӯзиши аудиторияи мақсаднок, таассуроти таблиғотиро метавон танзим кард, яъне вақти таассурот, миқдор, арзиши як клик, синну сол ва ҷинси муштариёни эҳтимолӣ ва ғайраро интихоб кунед. Ин навъи маркетинги интернетӣ бештар дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мешавад.

**Таблиғ дар шабакаҳои иҷтимоӣ.** Ин омехтаи маркетинги классикӣ аст, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст. Он як қатор асбобҳоро истифода мебарад, ки онҳоро ҳам якҷоя ва ҳам алоҳида истифода бурдан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки баъзе аз ин воситаҳо ройгонанд, аммо ин самаранокии онҳоро кам намекунад.

**Маркетинги мустақим.** Аналогӣ ба фурӯши мустақими классикӣ. Хониши онлайн дар бар мегирад:

- ✓ бюллетени почтаи электронӣ;
- ✓ навори RSS.

Мушкилии фурӯш тавассути қуттии почта дар он аст, ки муштариён аслан бо пешниҳодҳои ин гуна бандҳо ғарқ мешаванд, аз ин рӯ онҳо мукотибаи воридшударо бодиққат филтр мекунанд. Аз ин рӯ, бюллетенҳои почтаи электронӣ ҳоло ба санъат монанданд - фурӯшандагони почтаи электронӣ барои кушодани паёмҳои электронӣ ва афзоиш додани табдили онҳо ба масофаҳои гуногун мераванд.

RSS бюллетенест, ки дар шакли канали ахбор бо сарлавҳаҳои кликшаванда ва хулоса. Бароҳатӣ барои корбар дар он аст, ки ӯ метавонад ин маълумотро бидуни тарк кардани қуттии почтаи худ бинад.

**Маъракаҳои таблиғотӣ.** Роҳи муассир ва ройгони таблиғи ширкат, маҳсулот ё рӯйдодҳои худ. Дар маркетинги онлайн, ин дар шакли пресс-релизҳо, мақолаҳо ё эълонҳо дар сайтҳои тарафи сеюм, ки ҷойгиркунии ройгонро пешниҳод мекунанд, рух медиҳад.

**Маркетинги вирусӣ.** Асосан тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ кор мекунад. Идеяи он аст, ки бе таблиғи бевоситаи маҳсулот ҳарчи бештар одамонро дастрас кунед. Ин бо ёрии видеоҳо, бозиҳо, барномаҳо, ҳикояҳо ва ғайра анҷом дода мешавад, ки бори семантикии муфид доранд ва маҳсулот/хизматрасониро танҳо бавосита зикр мекунанд. Ҳамин тариқ, корбарон бидуни робитаи мундариҷаи вирусӣ бо таблиғ, онро бо омодагӣ паҳн мекунанд, онро дар саҳифаҳои худ ҷойгир мекунанд, ба дӯстон маслиҳат медиҳанд ва ғайра.

**Тафовут байни маркетинги интернет дар кишвар ва хориҷа.** Албатта, рушди интернет-маркетинг дар хориҷа нисбат ба кишвари мо хеле пештар оғоз ёфт. Мутаносибан, маркетинги дохилӣ ҳоло ҳам дар марҳилаи рушд қарор дорад, дар ҳоле ки аксари абзорҳое, ки дар хориҷи кишвар кайҳо боз маълуманд, дар ин ҷо акнун аз худ карда мешаванд.

Инчунин дар кишвари мо, омодагии кормандон барои тағир додани ҷадвали кории худ, таваҷҷӯҳ ба истеъмолкунандагони онлайн хеле паст аст. Бисёре аз ширкатҳо имрӯз омода нестанд, ки ба дархостҳои истеъмолкунандагон 24/7 посух диҳанд.

**Тамоюлҳои маркетинги интернет дар кишварҳои пешрафта.** Дар пасманзари сер шудани корбарон бо усулҳои стандартии маркетинги Интернет дар кишварҳои пешрафта, тамоюлҳои зерин маъруфият пайдо мекунанд.

**Табиӣ**. Азбаски ин дар ҳоли ҳозир дар саросари ҷаҳони ғарбӣ як тамоюл аст, ки тамоми бахшҳои ҳаёт, аз ғизо то либос ва одатҳоро фаро гирифтааст, ин тамоюл дар интернет инъикос ёфтааст. Истеъмолкунандагон аксҳои табиӣ, бесаҳна ё наворҳои коркарднашуда ва мақолаҳои бо забони содда навишташударо афзалтар медонанд.

**Видеоҳо**. Ба шарофати пешрафти бузург дар мавҷудият ва сифати камераҳои видеоӣ дар смартфонҳо, инчунин рушди босуръати замимаҳои таҳриркунии видео, ки барои корбар осон аст, одамон ба наворбардории зиёд шурӯъ карданд ва мувофиқан видеоҳои одамони дигарро тамошо мекунанд. Аз ин рӯ, видеоҳо дар маъруфияти аксҳо ва мақолаҳо наздиктар шуданд.

**Дастгоҳҳо ва барномаҳои мобилӣ.** Илова ба таҳияи видеоҳо, саноати дастгоҳҳои мобилӣ таблиғ ва таблиғро барои смартфонҳо ва гаҷетҳои дигар маъмул кардааст. Ҳоло ҳар як ширкат бояд манбаи интернети худро ба версияи мобилӣ мутобиқ кунад, то қисми зиёди аҳолии пардохтпазирро аз даст надиҳад.

**Паёмрасонон**. Даҳ сол пеш мессенҷерҳои фаврӣ чандон маъмул набуданд ва ҳеҷ як фурӯшанда онҳоро ба назар намегирифт. Аммо, ҳоло, ки мессенҷерҳо ба ҳаёти ҳаррӯза пурра ворид шудаанд, онҳо барои маркетинги интернетӣ хеле фаъолона истифода мешаванд. Нармафзорҳои мессенҷер низ хеле пеш рафта истодааст; имрӯз он ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо паёмҳои матнӣ, видео ва клипҳои аудиоӣ фиристонем, балки тавассути боти махсус бо корбар муоширати интерактивиро ташкил кунем.

**Муносибати доимӣ бо шунавандагон.** Фаровонии иттилоот дар Интернет метавонад боиси он гардад, ки муштариёни эҳтимолӣ ширкатҳои дигар ва маҳсулоти онҳоро фаромӯш кунанд. Барои дар мавқеъҳои аввал мондан, ташкилот бояд таваҷҷӯҳи шунавандагонро нигоҳ дорад ва бо ҳар роҳ ба онҳо хотиррасон кунад: озмунҳои гуногун гузаронад, пурсишҳо ташкил кунад, ба дархостҳои корбарон зуд ҷавоб диҳад ва ғайра.

**Тамоюлҳои маркетинги интернети кишвар.** Бозори дохилӣ дар муқоиса бо бозори хориҷӣ ҳанӯз он қадар рушд накардааст, аз ин рӯ байни самтҳои афзалиятноки маркетинги интернетӣ фарқият вуҷуд дорад. Дар мамлакати мо асбобҳои зерин бартарӣ доранд.

**Таблиғ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ.** Шабакаҳои Facebook, WhatsApp ва Instagram махсусан маъмуланд. Аз воситаи муошират ва дарёфти дӯстон, шабакаҳо ба платформаҳои васеи тиҷорӣ табдил ёфтаанд, ки имкониятҳои онҳо пайваста васеъ мешаванд. Имрӯз пайдо кардани ширкате душвор аст, ки якбора дар яке аз шабакаҳои иҷтимоӣ ё дар ҳамаи онҳо аккаунти шахсии худро надошта бошад. [5], [6], [7]

**Бо истифода аз тугмаи виртуалии "Харидорӣ".** Дар робита ба маълумот дар бораи афзоиши хаттии шумораи харидҳои онлайн, тугмаи ҳамон ном таҳия карда шуд, ки корбарро ҳангоми клик ба мағозаи онлайн бо имкони фавран фармоиш додан ва харид кардан равона мекунад.

**Иваз кардани мақолаҳои дароз бо мундариҷаи видео.** Албатта, аудиторияи интернети имрӯзаи кишвар камтар китобхон шудааст. Ва бо дарназардошти он, ки видео аз нигоҳи сифати дарки як мавзӯъ аз матни оддӣ хеле бартарӣ дорад, маълум аст, ки мундариҷаи видеоӣ минбаъд низ маълумоти матниро иваз мекунад.

**Рекламаи ватанӣ.** Ин усул, тибқи омор, табдили баландтарин аз ҳама воситаҳои маркетинги интернетӣ мебошад. Баррасиҳои маҳсулот/хизматрасоние, ки дар ҳисобҳои корбарони оддии шабака дар шакли тавсияҳо ҷойгир шудаанд, ба аудитория бештар содиқ буда, аз эътимоди бештар бархурдор мешаванд.

Дар айни замон, Шабакаи умумиҷаҳонӣ ба як қисми ҳаёти ҳаррӯза табдил мeёбад. Суръати ҷорӣ намудани навигариҳои техникӣ бо истифода аз интернет назар ба он ки 10-20 сол пеш руй дода буд, чандин баробар зиёд аст. Ҳамин тариқ, ҳама гуна корхона ё ташкилот, новобаста аз андоза ва сохтори он, бешубҳа аз он вобаста аст, ки маркетинги интернетӣ то чӣ андоза пурра ва самаранок истифода мешавад.

Арзиши фаъолиятҳои маркетинги интернетӣ дар муқоиса бо маркетинги офлайнӣ хеле пасттар аст ва самаранокии сарфи пул ва инчунин натиҷаҳоро ҳамеша пайгирӣ кардан мумкин аст, зеро ин система дар Интернет содда ва шаффоф аст.

**Адабиёт**

1. Ашуров М.Н. Роль информационных систем и технологий в развитии маркетинга/ М.Н.Ашуров, Д.Кахори// Финансово-экономический вестник. 2019. № 1 (17). С. 56-62

2. Бегмуродов С.Ш. Необходимость внедрения информационных технологий в развитие туризма/ С.Ш.Бегмуродов, М.Н.Ашуров// Вестник Техн. университета Таджикистана. 2022. № 1 (48). с. 201-207

3. Бозоров Ш.Ш. Инновационное предпринимательство /Ш.Бозоров, Б.Г.Сафаров, Б.Юнусов // Учебник для Вузов, Душанбе Бахманруд 2020, стр. 383
4. Бозоров Ш.Ш. Маркетинг/Ш.Ш.Бозоров// Учебник для Вузов, Душанбе Эр-Граф2016, стр. 424
5. Мухтасаров А.Ф. Классификация и продвижение различных типов информационного продукта методами интернет-маркетинга в малом и среднем бизнесе // Вестник МФЮА. 2017. №2. - с. 112-127.
6. Феднов И. Н. Применение инновационных методов маркетинга в крупном агробизнесе // Известия ТулГУ. Экономические и юридические науки. 2009. №2-1. - с. 192-198.

# МОҲИЯТ ВА ҲАДАФҲОИ ТАЪСИСИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ВА НАҚШИ НИЗОМИ ГУМРУКИИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ГУМРУКӢ ДАР ОН

**Орипов Амитабҳ Султонович – н.и.и., дотсент, ДБССТ**

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ин ҳаматарафа омӯхтани роҳҳои ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат ва рушди иқтисодӣ аз фаъолияти босамари минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва нақши низоми гумрукӣ дар он яке аз масъалаҳои ҳалталаб, ба ҳисоб меравад.

Минтақаи озоди иқтисодӣ – яке аз минтақаҳои алохидаи хоҷагидори, кушодани роҳои нав барои фаъолияти молиявии хоҷагии халқ, инчунин фазои муфид барои пешрафти иқтисодӣ, илми техники, экологива тарақиёти соҳаи иҷтимои бо як қатор ҳуқуқу ухдадориҳои иловаги, буҷави, системаи андоз ва органҳои идоракунандаи маҳалли вобаста мебошад.

Бинобарин ин, тартибот одатан он имтиёзҳо барои ба вуҷуд овардани амалиётҳоисавдои (то дарачаи барҳам додани боҷу хирочи гумруки), имтиёзҳои андоз, имтиёзҳои молияви, хизматрасонии камунали ва дигар имтиёзҳо аз тарафи роҳбарият барои сабук гардондани фаъолиятиин ё он ташкилот расонидамешавад. Аксарият минтақаи озоди иқтисодӣ начандон сарҳадҳои калон доранд ва ба категорияҳои «объектҳои накшави (соҳави)» дохил мешаванд ва инчунин дар байни онҳоминтақаҳои калон бо соҳаҳои гуногун мавчуд аст. Барои тарақиёти МОИ пеш аз ҳама он минтақаҳои интихобшуда бо фурудгоҳ, роҳи охан ё ин, кибандарҳои назди баҳри ҳамсарҳади дошта бошанд. Аксарвактмоҳият бароитаснифоти МОИ 4-меъёрҳои асосӣ истифода мешавад.

а) хислатнокии кору фаъолият ва функсияҳои муайян карда шуда;
б) зинаҳои хамгирои дар иқтисодӣёти милли ва байналхалқи;
в) нишонаҳои соҳавӣ;
г) хусусиятҳои молу мулки (давлати, шахси ва ё омехта).

Мафҳуми минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар адабиёт ба тарзи гуногун маънидод мешавад. Перомуни ин мафҳум ақидаҳои гуногун ҷой дошта, таърифи ягонаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ вуҷуд надорад. Гузашта аз ин вожаи «озод»-ро дар номгузории ин минтақаҳо аз воқеият дур шуморида, муҳаққиқони алоҳида номгузории дигарро пешниҳод мекунанд.

Дар воқеъ, ибораи «минтақаи озод» озодиро аз чӣ, ба кадом маъно ифода мекунад? Маълум аст, ки минтақа чун қисми алоҳидаи ҷудокардашудаи қаламрави давлат нисбат ба қаламрави боқимондаи он аз баъзе имтиёзҳо бархурдор мешавад, молҳои ба он воридшаванда аз боҷи гумрукӣ, андози воридотӣ, инчунин аз баъзе намудҳои назорати гумрукӣ озод карда мешаванд. Дар қаламрави боқимондаи мамлакат нисбат ба молҳои воридотӣ аз рӯйи қонунгузории амалкунанда низоми дигари гумрукию андозгузорӣ ҷорӣ мешавад. Аммо дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки қонунгузорӣ дар минтақаи озод сармоягузорон ва соҳибони молҳоро аз ҳамагуна ӯҳдадориҳо ва тартиботи иқтисодии вуҷуддошта озод намекунад.

Бинобар ин «озодӣ» дар минтақа на ба маънои мутлақ, балки ба маънои нисбӣ фаҳмида мешавад, яъне ба тариқи пешниҳоди имтиёзҳое, ки соҳибкориро ҳавасманд мегардонанд, ба мизоҷон сабукиҳо дода мешаванд. Ҳамин ҳолатро ба назар гирифта

баъзе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ингуна минтақаҳо минта-қаҳои озоди иқтисодӣ нею, балки бояд минтақаҳои махсуси иқтисодӣ номгузорӣ карда шаванд.

Аммо дар ҷаҳон минтақаҳои озоди иқтисодиро аз рӯйи таърифи дар Иловаи VIII Конвенсияи Киото (соли 1973) додашуда расман қабул ва эътироф намуда, васеъ истифода мекунанд. Тибқи Конвенсияи Киото минтақаи озод (минтақаи «порто-франко») қисми қаламрави кишварро мефаҳмонад, ки дар он молҳо чун воқеъ берун аз қаламрави гумрукии миллӣ ҳисобида шуда, назоратбарии маъмули гумрукӣ гузаронида намешавад. Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи содагардонӣ ва созгорсозии расмиёти гумрукӣ, ки 18 майи соли 1973 дар шаҳри Киотои Ҷопон қабул гардида, Конвенсияи Киото ном гирифгааст. Он созишномае мебошад, ки ба муносибатҳои вобаста ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ асосҳои ҳуқуқии байналмилалиро поягузорӣ намуда, ба бунёдшавии ин сохтори минтақавию байналхалқӣ такон додааст .

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2004) чунин таърифи ин минтақаҳо (моддаи 1) қабул шудааст: «Минтақаи озоди иқтисодӣ - қисми алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҳудуди он на фақат низоми махсуси гумрукию андозӣ, балки тартиби соддакардашудаи рафтуомади ғайрирезидентҳо ва меъёрҳои имтиёзноки истифодаи захираҳои табиӣ амал мекунад».

Дуруст аст, ки дар қонуни мазкур ба низоми махсуси гумрукию андозӣ ишора мешавад, зеро маҳз низоми, махсус, яъне низоме, ки дар он имтиёзҳои махсус пешбарӣ мешаванд, сармоягузорону соҳибкорони ватанию хориҷиро ба худ бештар ҷалб мекунад. Аммо тавсифи минтақаи озоди иқтисодиро танҳо бо низоми махсус ва меъёрҳои имтиёзноки истифодаи захираҳои танҳо табиӣ маҳдуд кардан нокифоя мешавад. Зеро ки дар минтақаи озод фаъолиятбарӣ истифодаи на танҳо захираҳои табиӣ, балки (тавре ки аз мазмуни қонун бармеояд) дигар захираҳоро низ пешбинӣ менамояд.

Аз ин лиҳоз таърифи мафҳуми МОИ дар ҶТ ба ақидаи мо бояд чунин ифода гардад: «Минтақаи озоди иқтисодӣ - қисми алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави кишвар мебошад, ки дар ҳудуди он давлат ба ҷараёни иқтисодӣ интихобан камтар дахолат менамояд, низоми махсуси гумрукию андозӣ, тартиби соддакардашудаи рафтуои ғайрирезидентҳо ва меъёрҳои имтиёзнок дар фаъолиятбарии хоҷагидорӣ ва истифодаи захираҳои табиию истеҳсолӣ амал мекунанд».

Дар дохили кишвар ҳар як минтақаи озоди иқтисодии мушаххас ҳадафҳои таъсисшавии худро доранд.

Ҳадафҳои таъсисдиҳии минтақаҳои озоди иқтисодиро дар маҷмуъ метавон ба гурӯҳҳои асосӣ ҷудо кард - иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ.

**Ҳадафҳои иқтисодӣ:**

❖ воридшавии бозорӣ миллӣ ба низоми хочагии ҷаҳонӣ ба хотири бархурдорӣ аз афзалиятҳои тақсимоти ҷаҳонии меҳнат;

❖Ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ барои рушди истеҳсолоти рақобатпазири замонавӣ;

❖Афзун гардондани воридшавии арзи хориҷӣ ба мамлакат ва буҷети давлатии он.

**Ҳадафҳои иҷтимоӣ:**

❖ таъмини шуғли аҳолӣ бо роҳи афзоиш додани ҷойҳои кории нав;

❖ паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум;

❖тақвият бахшидани суръати рушди иқтисодии минтақаҳои кафомонда;

❖тайёр намудани кадрҳои миллии коргарӣ, муҳандсӣ, хоҷагидории дорои тахассусҳои баланд;

❖пур кардани бозорӣ дохилӣ бо молҳои босифати ватанӣ.

**Ҳадафҳои илмию техникӣ:**

❖ ворид ва истифода намудани технологияи навтарини хориҷӣ;

❖дастрас намудани усулҳои пешқадами менеҷменти кадрӣ;

❖дастрасшавӣ ба комёбиҳои илмию техника ва таҷрибаи марказҳои муҳандисию техникӣ;

❖ноилшавӣ ба истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ ва инфраструктураи истеҳсолии кишвар.

Масалан, дар асоси мақсади гузошташуда дар МОИ «Суғд» чунин вазифаҳои мушаххаси таъсис ва фаъолиятбарии минтақаи озоди иқтисодӣ муқаррар гардидаанд:

- рушди иқтидори иқтисодии минтақа дар асоси ҳамгироии сармоягузориҳои хориҷӣ бо воситаҳои пулию моддии корхонаю ташкилотҳои ватанӣ, ки ба гуногунрангии шаклҳои моликият асос ёфтаанд;

- ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ, техника ва технологияҳои пешқадам, ҷорӣ намудани таҷрибаи хориҷии идоракунӣ ва усулҳои нави хоҷагидорӣ;

- ҷорӣ намудани навовариҳо ва ихтирооти илмию техникии ватанӣ ва хориҷӣ дар истеҳсолот бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар минтақаҳои дигари кишвар;

- таъмин намудани устувории рушди иҷтимоиию иқтисодии минтақа;

- паст намудани хароҷоти истеҳсолот, истифодаи пурраи захираҳои озоди меҳнатӣ, табиӣ ва дигар захираҳои маҳаллӣ барои истеҳсолӣ молу маҳсулот барои содирот ва бозорӣ дохилӣ;

- бунёд ва ободкунии худуди МОИ "Суғд", ҳифзи муҳити зист;

- дар қаламрави МОИ "Суғд" ташкил намудани инфрасохтори истеҳсолӣ дар сатҳи меъёрҳои байналмилалӣ (алоқа, нақлиёт, коммуникатсия ва ғайра);

- таъсис додани буҷети мустақили МОИ "Суғд ".

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун ҷузъи фазои иқтисодии миллӣ барои соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ маҷмӯи **имтиёзҳо** ва ҳавасмандгардониҳоро(имтиёзҳои реҷаи гумрукӣ, андозгузорӣ, иҷора, раводид, реҷаи меҳнатӣ ва ғайра) пешниҳод намуда, имконият фароҳам меоранд, ки истеҳсоли моли баландсифати рақщбатпазир барои бозорӣ ҷаҳонӣ ба роҳ, монда шуда, рушди самараноки иқтисодию иҷтпимоии худи минтақа дар асоси муносибатҳои бозорӣ таъмин карда шавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун қаламраве маънидод мешаванд, ки тавассути фишангҳои иқтисодию ташкилӣ ва ҷорӣ намудани реҷаи воридотии бе гумрук фаъолияти иқтисодии беруна фаъол гардонида шуда, сармояи хоричӣ ҷалб карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар марҳилаи таъсисёбӣ қарор доранд. Дар ин самт нахустин санади ҳуқуқӣ - Қонуни ҶТ «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», ки соли 2004 қабул шуда буд, асосҳои ташкилию ҳуқуқии минтақаҳои озоди иқтисодиро дар қаламрави кишвар муайян намуда, пешбинӣ менамояд, ки дар ин минтақаҳо низоми махсуси гумрукӣ, молиявию асъорӣ ва андозбандӣ, тартиби соддашудаи воридшавӣ, иқомат ва хориҷшавии резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, ки бо низомнома оид ба минтақаи озоди иқтисодӣ муайян шудаанд, инчунин дигар низомҳое, ки ба ҷалб намудани сармоя, ҳавасмандкуиии инкишофи соҳибкорӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои озоди иқтисодӣ нигаронида шудаанд, муқаррар карда мешаванд.

Албатта дар навбати хулосаҳо ва фикру андешаҳои шахси бояд қайд намоям, ки ҳоло дар Тоҷикистон давраи ташаккул ва инкишофи Минтақаҳои озоди иктисоди карор дорад, камбудиҳову норасогиҳоизиёдро дарбар мегирад.Он ҳама марзҳое, ки барои ташкил ва тараққиёти соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, минтақаҳои махсус интихоб карда шудааст, бисёр ҳам дар ҳолати ғайри стандартҳои ҷаҳони қарор дорад, бинобар ин фикр мекунам имтиёзҳову ҳавасмандиҳоро пеша намуда хусусан дар ҷалби сармояҳои хориҷӣ ҳар чи зиёдтар кушиш ба харҷ додан шарт ва зарур аст.

Маҷмуъи фикруандешаҳои иқтисодчиён оиди ташаккул ва роли МОИ дар иқтисодиёти ин ё он мамлакат метавон гуфт, ки МОИ як қисми марзи миллӣ буда кадоме, ки дар он ҷо реҷаҳои имтиёзнок, фарқият нисбати минтақаҳои дигар, ва барои дастовардҳои гуногун шарту шароити муфид мавҷуд аст.Хусусияти хоси МОИ дар онаст, ки имтиёзҳои гуногун барои савдои хориҷи, баъзе боҷҳои гумруки, ҳавасмандихо бо алоқамандии андоз, шартҳои махсуси амалиётҳои иқтисоди хориҷӣ, имтиёзҳои молиявӣ, ҳавасмандии фаъолияти махсус, ва ғайраҳои дигарро дорост.

Баъди таҳлили таҷрибаҳоимамлакатҳои ҷаҳон оиди ташкили МОИ ба хулоса омада гуфтан мумкин аст, ки мақсади асоси дар ҷалби сармояи хориҷӣ, хамроҳ намудани мамлакат дар тарақиётитақсимоти меҳнат,таъмини бозори дохила бо маҳсулоти баландсифат, дар навбати аввал маҳсулотҳои воридоти, воридгаштани мамлакат ба тақсимоти байналқии меҳнатдар фаъзои туризм, омӯзиш ва тайёр намудани кадрҳои ихтисосманд ва аз навсозии вазъи иқтисодӣравона шудааст.

Таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки барои ташкили МОИ марзҳои назди сарҳади ва инчунин инфрасохтори тараққикарда муҳим аст.Лекин ҳолатҳое бармеояд, ки баракси ин гуфтаҳост, гарчанде тараққиёти инфрасохтор надорад, аммо бо гузариши типпи нави хоҷагидорист, дорандаи захираи бои табии аст, ташкилкарда мешавад. Бинобар ин бояд қайд намуд, ки ҳама он маълумотҳо ва тадқиқотҳое, ки аз таҷрибаи чаҳонӣ дар боло тасмим гирифтем бояд истифода карда, бо як тарз ва усули фаъолияти натиҷаовар амал хоҳем кард.Чун Тоҷикистон яке аз мамлакатҳои бой аз ҷиҳати сарватҳои бои табиӣ, захираҳои калони обиву энергетикиро дар Осиёи миёна дорад,бояд бо ҷалби сармояҳои ватаниву хориҷӣ ва истифодаи самаранокии онҳо пешрафти иқтисодии мамлакатро барқарор хоҳад кард.

Дар Тоҷикистоннаинки захираҳо балки аз Мавқеъи ҷуғрофии мамлакат хоҳем истифода кард, чун Тоҷикистон аз давраҳои қадим гӯем ҳам хато нахоҳем кард роҳи «Абрешимро» дарбар мегирифт. Имруз бошад як камбудии мамлакатро дар он мебинам, ки Ҷумҳури аз роҳҳои баромад ба баҳрро надорад, бинобар ин мо метавонем истифода аз ташкил намудани минтақаҳои махсус бе ягон боҷҳои гумруки ё инки нишондиҳандаҳои пасттарини онро пеша намуда минтақаҳои транзити эълон карда бошем.Агар сари масълаҳоизахираҳои саноативу коркарди металҳои кӯҳи сухан гуем инҳама дар канор нахоҳад монд, чунки ҳамаи сохтмонҳои саноативу корхонаҳои бофандагӣ, ки аз давраи Шуравӣ боқӣ мондааст, камнестанд.

Бехтар гардидани фазои сармоявӣ метавонад дар ҳавасмандии ташкили МОИ мувофиқат намояд. МОИ бояд дар ҷалби сармояи хориҷа ба минтақаҳои қафомонда,роли муҳимро дошта бошад.

МОИ бояд, ки ҳамчун баъзаи тарақиёти технологияи навин ва ҳавасманд гардонии соҳаи нави тарақиёти истеҳсоли равона шуда бошад.

Тадқиқи ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон аз он гувоҳи медиҳад, ки сармоягузорони хориҷӣ оиди ба даст овардани ашёи хоми соҳаҳои гуногуни иқтисоди аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Бинобар ин дар навбати ҷалби сармояҳои хориҷи бояд ба он минтақаҳое, ки гарчанде инфрасохтори қафомонда дорад аммо дар навбати худ захираҳои бои табиӣ, ашёи хоми хоҷагии қишлоқродорад, бояд равона карда шавад.

**Адабиёт**


1. Барномаи рушди иқтисодии ҶТ дар давраи то соли 2015. Бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1-уми марти соли 2004 № 86 тасдиқ шудааст. Ҳукумати ҶТ, Душанбе, 2004;

2. Конвенсияи Киото «Дар бораи минтақаҳои озод». Замимаи F. 1. ба «Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи соддагардонӣ ва созгорсозии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото)» Дар шаҳри Киото 18.05.1973 баста шудааст;

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми марти соли 2008 № 103 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2008;

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-ми майи соли 2007 № 227 «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷи поён» ва «Суғд»». Ҳукумати ҶТ, Душанбе. 2008;
5. Қарори Ҳукумати ҶТ 30 декабри соли 2008 № 638 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-ми майи соли 2008 № 227 «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷи поён» ва «Суғд»». Ҳукумати ҶТ, Душанбе, 2008;
6. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2-ми феврали соли 2009 № 74 «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. 2009;
7. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 июни соли 2007 № 336 «Оид ба сарҳадҳои ҳудудии Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.2009;
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2009 № 337 «Оид ба сарҳадҳои ҳудудии Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. 2009;
10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 марти соли 2009 № 145 «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии маъмуриятҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Суғд»;
11.Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон-2005;с
12.Тафсири Кодекси гумрук-2020с;
13. Қонун дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
14.Низомномаҳои Минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

# НАҚШИ ИМТИЁЗҲО ВА САБУКИҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Орипов А.С.** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти гумрукии ДБССТ

Мувофиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати тасдиққунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол дар сурате пешниҳод карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати истеҳсолкардаи чунин мол тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои тарифӣ фароҳам оварад. Дар ин ҳолат ҳуҷҷати тасдиққунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол ҳамзамон бо пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ба мақомоти гумрук манзур мегардад. Дар айни замон, имтиёзҳои тарифӣ метавонанд бо шарти пешниҳоди сертификати кишвари истеҳсолкардаи мол тибқи намунаи муайяни пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шаванд.

Нақши имтиёзҳо ва сабукиҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар механизми мукамали ҳисобнамудан ва супоридани пардохтҳои гумрукӣ – оқибати нақши ҳақиқии муосир дар иқтисодиёт мегардад.

Имтиёзҳои (преференсияи) тарифи нисбати мол тавассути Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст. Имтиёзҳои тарифи танҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

❖ **Имтиёзҳои тариф -** ин маҷмӯи муқарраротест, ки қонунгузори дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ нисбати шахсони алоҳида бартариро муайян намудааст, ки онро ҳангоми интиқол додани молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ аз супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо инчунин аз назорати гумрукӣ ва аз барасмиятдарории гумрукии содагардонидашуда истифода бурда мешавад, имтиёзҳои тарифӣ номида мешавад.

Дар айни замон тахти мафҳуми имтиёзи тарифӣ чунин имтиёз фаҳмида мешавад, ки ҳангоми татбиқи сиёсати иқтисодӣ бо тартиби яктарафаи шартҳои муносибатҳои мутақобила ё нисбати моли аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда имтиёз дода мешавад, ки ҳангоми ворид ва ё содир намудани молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, имтиёзҳои тарифӣ ба чунин намуд дода мешавад:

- озод кардан аз пардохти боҷҳо гумрукӣ;
- баргардонидани боҷи қаблан пардохташуда;
- кам кардани мизони боҷҳои гумрукӣ;
- муқаррар намудани квотаҳои тарифи барои воридоту содироти имтиёзноки молҳо.

Шарт ва меъёрҳои бо тартиби имтиёзнок аз ҷониби шахсони воқеӣ тавассути сарҳади гумрукӣ итиқол додани молҳо, инчунин тартиби истифодаи мизони ягонаи боҷҳои гумрукӣ, андозҳо (бо тартиби содагардонидашуда), риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад.[i]

Дар қоидаҳои мазкур мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- **Тартиби имтиёзнок** – интиқол мол барои истифодаи шахсӣ таъйингардида тавассути сарҳади гумрукӣ дар доираи меъёрҳои вазнӣ (миқдорӣ) ва арзишӣ, ки Қоидаҳои мазкур муқаррар кардааст ва нисбати онҳо озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо муайян шуда, маҳдудиятҳои мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида истифода намешаванд;
- **Тартиби содагардонидашуда** – интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ дар доираи меъёрҳои вазнӣ (миқдорӣ) ва арзишӣ, ки Қоидаҳои мазкур муқаррар намудааст ва нисбати онҳо боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо тибқи мизони ягона пардохт карда шуда, мамнӯият ва маҳдудиятҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷуумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад;
- **Тартиби умумӣ** – интиқоли мол бо пардохти боҷҳои гумрукӣ, хироҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, бо истифодаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Воситаи нақлиёт** – автомобилҳои сабукрави дар гуруҳи молии 8703 Номгуи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ; бағоҷи ҳамроҳишаванда – молҳои тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолёбанда, ки хангоми убури сарҳад аз ҷониби шахси воқеӣ бевосита ба мақомоти гумрук пешниҳод кпрда мешаванд (аз ҷумла бағоҷи дастӣ); бағоҷи ҳамрохишаванда – молҳои тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби боркашон интиқолёбандаи дар асоси шартномаи боркашонӣ ё шартномаи супориш (тибқи ҳисобварақаи бағоҷи, борхат, борхати ҳамлу нақл (коносамент), ваколатнома) бо шахсони воқеӣ басташуда. соли тақвимӣ – давраи аз 01 январ то 31 декабри соли дахлдор.

Мафҳумҳои дигар дар Қоидаҳо бо маъноҳои муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

- Шахсони воқеӣ метавонанд молҳо ва воситаҳои нақлиётро, ки воридот ва содироти онҳоро қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода манъ накардааст, тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол диҳанд.
- Таъйиноти молҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолёбанда аз ҷониби мақоми гумрук дар асоси аризаи шахси воқеӣ оид ба моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, вобаста ба хусусият ва теъдоди мол, инчунин мунтазамии интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ муайян мешавад.
- Барасмиятдарории гумрукии молҳои тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ интиқолёбанда тибқи тартиби имтиёзнок (ба истиснои ҳолати интиқоли мол мувофиқи зербанди «а» банди 7 Қоидаи мазкур дар бағоҷи ҳамроҳишаванда) бо декларатсиякунонии хаттӣ дар асоси декларатсияи гумрукии ягонаи мусофирӣ ва дар ҳолатҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо истифода аз меъёри ягона дар асоси ордери кассавии гумрукӣ (минбаъд ОКГ) ба роҳ монда мешавад.
- Шахсони воқеӣ ҳангоми интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд аз истифодаи тартиби содагардонидашуда ва имтиёзноки интиқоли молҳо худдори намоянд. Дар ин ҳолат тартиби умумии

барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Тадқиқоти системаҳои имтиёзҳои тарифӣ ва пардохтҳои гумрукӣ имконият медиҳад қайд кунем, ки қариб ҳамаи ҳаракатҳои субектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо роҳи қабули чораҳои танзими тарифӣ ва ғайритарифии гумрукӣ, аз он ҷумла: робита бо супоридани ин ё он пардохтҳои гумрукӣ, риояи мамнӯният ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими давлатии тиҷорати хориҷӣ ба амал бароварда мешавад.

Ҳамин тариқ, пардохтҳои гумрукӣ бо худ воситаҳои пулиро, ки мақомоти гумрук аз шахсони иштирокчии дар раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёти аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонидашударо дар бар мегирад. Супоридани пардохтҳо яке аз шартҳои мӯҳими амалиёте, ки бо тиҷорати хориҷӣ робита дорад, ба ҳисоб меравад. Асосҳои ҳуқуқӣ оиди ҳисобкунӣ ва супоридани пардохтҳои гумрукӣ дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Инчунин, дар кори мазкур омилҳои зерини таъсиррасонанда ба ҳисобкунӣ ва супоридани пардохтҳои гумрукӣ: муайянкунии рамзи моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда мутобиқи НМ ФИХ, чораҳои ғайритарифии танзими ФИХ, шартҳои асосии таҳвили мол, муайянкунии арзиши гумрукии мол, муайянкунии кишвари истеҳсолкардаи мол маълум карда шудааст.

Аҳамияти махсусро барои ҳисобкунии пардохтҳои гумрукӣ - дуруст муайян кардани арзиши гумрукӣ ташкил медиҳад. Арзиши гумрукӣ базае баҳисоб меравад, ки ставкаҳои боҷҳои гумрукии муқаррарнамудаи тарифи гумрукӣ истифода бурда мешавад ва ба қатори чораҳои танзими давлатии характери фаъолияти тиҷорати хориҷидошта дохил мешавад. Тавассути пардохтҳои гумрукӣ функсияи фискалии боҷҳои гумрукӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти фискалии танзими тарифи гумрукӣ дар сатҳи хеле баланд қарор дорад, аз ин лиҳоз мӯҳим аст, ки ҳолатҳои ҳамаҷонибаи ворриднашудаи даромадҳои буҷетии гумрукиро истисно кард. Чунин вазъият метавонад ҳангоми супоридани пардохтҳои гумрукӣ дар мӯҳлатҳои номуайяншуда рӯх диҳанд.

Аз ҳама роҳи афзалиятноки зиёд кардани даромади буҷет ҳангоми ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дуруст муайян кардани андозаи базаи андозбандишаванда – арзиши гумрукии мол ба ҳисоб меравад. Вай ба қатори чораҳои танзими давлатии фаъолияти тиҷорати хориҷии хусусияти иқтисодидошта таълуқ дорад. Маҳз арзиши гумрукӣ ба андозаи пардохтҳои гумрукӣ, аз он ҷумла ба сатҳи нархи воридшаванда дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад, аз ин лиҳоз аз дуруст муайянкунии андозаҳои арзиши гумрукӣ ба воридшавии маблағи садфоизаи пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ ва фаъолиятнокии танзими гумрукӣ вобастагӣ дорад.

Фаъолияти босамари мақомотҳои гумрукӣ яке аз принсипҳои кории онҳо ба ҳисоб меравад. Механизми босамари фаъолияти танзими тарифӣ ва ғайритарифии гумрукӣ шарти ҷудонопазир барои ба амал баровардани сиёсати фаъолона ва мақсадноки гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла барои ҳалли мақсадҳои мақомоти гумрук оид ба таъмини бехатарии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии он ба ҳисоб меравад. Имтиёзҳои ҳангоми супоридани пардохтҳои гумрукиро метавон ба яке аз зерсистемаи ин механизм дохил намуд.

Дар назди мақомоти гумрук вазифаҳои бузург ва пурмасъулиятнок оид ба ташаккулдиҳии қисми даромади буҷети давлатӣ, ҳимояи истиқлолияти иқтисодии мамлакат, таъмини бехатарии иқтисодии он гузошта шудааст. Муайянкунӣ ва ба назар гирифтани омилҳои ба ҳисобкунии пардохтҳои гумрукӣ таъсиррасонанда дар ташкили муносибатҳои тиҷоратии байни давлатҳо роли мӯҳимро мебозад, инчунин асоси мустаҳкамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Адабиётҳо**

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020 сол., ш. Душанбе.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2020, №901ш. Душанбе.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарифи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон " аз 25 октябри соли 2003 №450.
